# АХТАРОНИ АДАБ

26

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ**
**50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН**
**АЗ СИЛСИЛАИ “АХТАРОНИ АДАБ”**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

*Саидмурод Фаттоев*
*Шамсиддин Орумбекзода*
*Фарҳод Раҳимӣ*
*Абдуҷаббор Раҳмонов*
*Меҳмон Бахтӣ*
*Гулназар*
*Акбар Турсун*
*Фарҳоди Карим*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

*Абдулҳамид Самад*
*Сайидалӣ Маъмур*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Худоӣ Шарифов*
*Мирзо Муллоаҳмадов*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Гурез Сафар*

## АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ

# Ғ А З А Л И Ё Т

Душанбе
«Адиб»
2014

ББК 84 Тоҷик 7-5
Х-19

Таҳияву тадвини матн аз
***Муҳаммадвафо Бақоев***

Муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз
***Алии Муҳаммадии Хуросонӣ***

Муҳаррир
***Сайидалӣ Маъмур***

Х-19 **Деҳлавӣ, Амир Хусрав. Ғазалиёт. –**
– Душанбе: «Адиб», 2014, 480 саҳ.

Дар ин китоб мунтахаби ғазалиёти суханвари тавонои форсигӯи Ҳиндустон Амир Хусрави Деҳлавӣ омода шудааст, ки матлаби хонандаи имрӯзро қонеъ карда метавонад. Маъниҳои пухта, андешаҳои созанда ва мусиқияти баланди ашъори ғинонии адиби нуктасанҷ моро аз ғазале ба ғазале ба сӯи маърифат ҳидоят менамоянд.

ISBN 978-99947-2-451-2

© Нашриёти «Адиб», 2014

# АНДАЛЕБИ ҲИНДУСТОН

Яминуддин Абулҳасан Амир Хусрав, ки имрӯз ҳамчун шоир, нависанда, адабиётшинос, мусиқидону мусиқишинос, оҳангсоз ва мутафаккири форсизабони хиттаи Ҳиндустон шинохта шудаву маъруфият дорад, соли 1253 дар шаҳри Патёлии соҳили дарёи Ганг ба ҷаҳони ҳастӣ чашм кушода, соли 1325 дар шаҳри Деҳлӣ оламро падруд гуфтааст. Гузаштагони вай аз Мовароуннаҳр будаанд. Падараш Сайфуддин Маҳмуд аз сарварони қабилаи Лочини шаҳри Кеш (Шаҳрсабзи имрӯза) ва соҳиби иззату эҳтиром буду дороии арзишманду боғоте бо ҳосили ҳамасолаи фаровон. Гӯё ташвише дар умри гузарон надошт, ҳатто ба қабилаҳо дигари атрофи Лочин дасти кумак дароз менамуд. Вай дар арафаи истилои муғул, ки аз овозаашу боди сардаш мардумон ба тарсу ҳарос ва бими алим афтода буданд, пеш аз вақт зодгоҳи азизашро тарк менамояд, ба Балх расида, муддате дар он ҷо ва баъдтар ба Ғурбанди Кобул рахти истиқомат мениҳад. Аммо дар ин диёр ҳам онҳо аз боди сарди ҳуҷуми муғул осуда набуданд. Ин бод ба тӯфони бало табдил ёфта, акнун аз Мовароуннаҳр ба ҷониби Хуросон сардтару сахттар мевазид. Ҳамин аст, ки Сайфуддин Маҳмуд бо ҳамроҳонаш сафарро идома медиҳад ва рӯ ба Ҳиндустон мениҳад. Ин марди инсондӯсту озодипараст баробари ба Ҳиндустон омадан ба сифати сипоҳӣ ба дарбори Султон Шамсуддин Илтитмиш (ҳукмронияш солҳои 1211-1236) шомил мегардад ва бо сипоҳиёни ин ҳоким бар зидди муғулҳо бармехезад. Мавсуф соли 1261 дар яке аз ин набардҳои зидди муғул кушта мешавад. Дар ин вақт Хусрави Деҳлавӣ тақрибан ҳафт-даҳ сол дошт. Парваришу таълиму тарбия ва сарпарастии минбаъди вай бар уҳдаи модараш Давлатноз ва бобои модариаш Имодулмулк, ки марде фарҳангӣ буда, беш аз 110 сол умр дидааст, қарор мегирад. Имодулмулк дар баробари доштани илму дониш дар хонаи худ соҳиби китобхонаи хубе буд. Акнун Хусрав на танҳо аз осори гузаштагон дар мактаб ошноӣ пайдо мекард, зиёда аз ин дар хонаи бобояш ба мутолиаи пайвастаи осори манзуму мансури пешиниёни форсизабонон ҷиддан ва ба камоли шавқ машғул мегардад. Ин сабаб ме-

шавад, ки вай дар андак муддат бо зеҳни гиро, ҳофизаи қавӣ, истифодаи фитрӣ, қобилияти камназири фарогирии илму дониши замон устодонро ба ҳайрат гузорад. Рағбати зиёд ва дилбастагӣ ба осори Низомии Ганҷавӣ, Фаррухӣ, Анварӣ, Саноӣ, Хоқонӣ, Абулфараҷи Рунӣ, Масъуди Саъди Салмон, Аттор ва дигарон ӯро во дошт, ки осори беҳтарини онҳоро сабти ҳофизаи худ намояд ва ҳамчунон хеле барвақт ҳунари худро дар ин ҷодаи душворписанд бисанҷад. Гӯянд, ки аз устодони нахустини Хусрави Деҳлавӣ хаттоти машҳур Саъдуддин Муҳаммад буд. Вай баробари омӯхтани санъати нозуки хаттотӣ назди ӯ машқи шеърхонӣ ва шеъргӯӣ мекарду ҳанӯз дар дувоздаҳсолагӣ офаридаҳои килки сеҳрангезаш, ки ба қавли худаш дар тӯли умр беш аз 150 000 байт гуфтааст, пухта шуда буданд.

Ин адиби навмашқи дар оянда овозадор дар муқаддимаи девони нахустини худ «Туҳфату-с-сиғар» воқеаеро рӯйи саҳифа рехтааст, ки далели қатъии дар овони кӯдакӣ ба сурудани шеър машғул будани ӯст. Устодаш Мавлоно Саъдуддин ба хонаи Хоҷа Асил ном яке аз бузургони шаҳр рафтуо дошту ба корҳои девонии вай кумак мерасонид. Навбате устод шогирдро ба хонаи Асил мебарад. Иттифоқан ба ин ҷо яке аз шоирону адиби забардасти замон Хоҷа Азизиддин ҳузур доштааст. Бо хоҳиши устод Хоҷа Азизиддин дар хондану сурудани шеър Хусравро имтиҳон менамояд. Хоҷа дар даст баёзе дошт. Онро ба ӯ дароз мекунад, то шеъри дилхоҳашро бо овози баланд қироъат намояд. Хусрав аз оғоз то анҷом шеърро беғалат ва бо овози ниҳоят марғуб мехонад. Онҳое, ки дар ин суҳбат ҳузур доштанд, ба ҳунари шогирди навқадам ба ҷодаи шеър баҳои арзишмандро қоил мешаванд. Хоҷа Азизиддин ҳамоно чаҳор калимаи зидмаъноӣ **мӯй, тухм, харбуза** ва **тир**ро пазируфта, ба Хусрави дувоздаҳсола мефармояд, то рубоие гӯяд. Вай баъди қадре андеша кардан ин рубоиро ба аҳли маҳфил пешкаш менамояд:

*Ҳар мӯй, ки дар ду зулфаки он санам аст,*
*Сад байзаи анбарин бар он мӯй зам аст.*
*Чун тир мадон рост дилашро, зеро*
*Чун харбуза дандон-ш даруни шикам аст.*

Адабиётшинос Абдулғанӣ Мирзоев менависад, ки «Дар ин ҳуҷҷат дар бораи аз замони кӯдакӣ ба сурудани ашъор машғул гардидани Хусрав як далели бисёр равшан мебошад ва маълум мегардад, ки Хусрав ҳанӯз хеле пеш аз синни 12-солагӣ ба сурудани ашъор машғул буда..., ба маҳорати баланди шоирӣ соҳиб гардида будааст». Ин андешаро муқаддимаи девони дигари шоир «Ғуррату-л-камол» тасдиқ мекунад. Вай менависад: «Дар он сиғарсин, ки дандон меафтод, сухан мегуфтам ва гавҳар аз даҳонам мерехт».

Хусрави Деҳлавӣ дар 19-20-солагиаш донишҳои расмии замонашро фаро гирифта, ба маъмурияти дарбор қадам мегузорад. Ӯ нахуст ба дарбори бародарзодаи султон Ғиёсуддин Балман (солҳои ҳукмрониаш 1265-1287) ҳокими Мултон – Кишлухон, ки марди адабдӯст буд, кашида мешавад. Баъди ду сол Хусрави Деҳлавӣ ба дарбори писари Ғиёсуддин Балман – Буғрохон ба Сомона меравад. Дар ин вақт ҳокими Бангола Малик Туғрал исён бардошта, худро мустақил эълон карданӣ мешавад. Султон Ғисёуддин бо писараш исёнро пахш менамоянд ва Бангола ба ихтиёри Буғрохон дода мешавад. Хусрав истиқомат дар Банголаро нахоста, ба Деҳлӣ меояд. Боз вай бо таклифи писари калони султон Ғиёсуддин, ҳокими Мултон, Муҳаммадсултон, ки шахси фозилу адабпарвар буд, ба дарбор даъват мешавад. Вай дар он ҷо бо шоири шинохтаи айём Ҳасани Деҳлавӣ панҷ сол хидмати дарборро кардааст. Баъди аз ҷониби муғулҳо кушта шудани Муҳаммадсултон Хусрави Деҳлавиро дар дарбори Муизуддин Кайқубод (солҳои ҳокимияташ 1287-1290) мебинем. Соли 1290 бар тахти салтанати Деҳлӣ Ҷамолуддини Фирӯзшоҳи Хиҷлӣ (солҳои ҳукмронияш 1290-1296), ки ба Хусрав эҳтироми зиёд дошт, менишинад ва шоирро аз надимони хоси худ сохта, ба ӯ лақаби «Амир»-ро арзонӣ медорад ва аз ҳамин замон сар карда Хусрави Деҳлавӣ бо лақаби «Амир» шуҳратёр мегардад. Нисбаи «Деҳлавӣ» ба он хотир аст, ки мавсуф бештари ҳаёти худро дар ин шаҳр сипарӣ намуда будааст. Муҳаққиқини афғонӣ, аз ҷумла Равон Фарҳодӣ дар мақолаи худ «Маънии ишқ дар шеъри Амир Хусрави Балхӣ», решаву пайванди вайро балхиюласл баршумурдаанд, ки ҳақиқат надорад ва ин чиз дар ҳеч як аз маъхазу сарчашмаҳои то қарни бист дида ҳам намешавад. Равон Фарҳодӣ низ барои таъйиди андешааш ҳеч маъхазе нишон надодааст.

Солҳои 1296-1316 Амир Хусравро дар хидмати султон Алоуддини Хиҷлӣ, ки Фирӯзшоҳро ба қатл расонда, ба тахти Деҳлӣ нишаста буд, мебинем. Вай дар тӯли 20 сол бо ин султон ҳамкорӣ карда, дар лашкаркашӣ ва набардҳои мухталифи вай ширкат дошт. Дигар ин ки ин давра давраи «сермаҳсултарин фаъолияти эҷодии шоир мебошад. Хусрави Деҳлавӣ илова бар як силсила шеърҳои лирикӣ ва асари насрии «Хазоину-л-футӯҳ», панҷ достони «Хамса» ва маснавии «Дувалронӣ ва Хизрхон» барин асарҳои маъруфи худро дар ҳамин давра таълиф намудааст», – навишта буд адабиётшиноси тоҷик Амрияздон Алимардонов.

Баъди даргузашти Алоуддини Хиҷлӣ Амир Хусрави Деҳлавӣ ба дарбори салотини баъдинаи Деҳлӣ Қутбиддин Муборакшоҳи Хиҷлӣ (солҳои ҳукмронӣ 1316-1320) ва Ғиёсуддин Туғлуқ (солҳои ҳукмронӣ 1320-1325) даъват мешавад. Эшон шоирро зиёд ҳурмат мекарданд. Дар ин муддат вай маснавиҳои «Нуҳ сипеҳр», «Туғлуқнома»-и худро ба онҳо мебахшад. Зиёда аз ин девонҳои «Бақияту-л-нақия», «Нияту-л-камол», асари насрии «Расоилу-л-эъҷоз» («Эъҷози Хусравӣ»)-ро эҷод менамояд.

Амир Хусрави Деҳлавӣ ба ғайр аз шоирию нависандагӣ аз аҳли санъати мусиқӣ буда, дар шеъри «Мунозираи Хусрав бо муғаннӣ»-и худ мегӯяд:

*Назмро кардам се дафтар в-ар ба таҳқиқ омадӣ,*
*Илми мусиқӣ се дафтар будӣ, ар бовар бувад.*

Вале рисолаҳои мусиқии ӯ, мутаассифона, то замони мо омада нарасидаанд. Оҳангҳои мусиқии «Созгорӣ», «Муҷир», «Ушшоқ», «Фарғона», «Сарпарда», «Тарона», «Хаёл», «Нигор», «Шоҳона» ва ғайраро ӯ эҷод намуда будааст. Адабиёшиноси Ҳинд Шиблии Нуъмонӣ навишта, ки «Завқи саршори ӯ, ки ба ин фанни зариф таваҷҷуҳ намуд, дар андак замоне онро ба пояе расонд, ки аз шашсад сол ба ин тараф ҳам касе дар Ҳинд ҳампояи ӯ пайдо нашудааст». Вай бо дастони ҳунарманди худ асбобҳои мусиқӣ низ месохт.

Амир Хусрави Деҳлавӣ соли 1325 бо Ғиёсуддин ба ҷониби Бангола сафар мекунад. Дар ин вақт яке аз наздиктарин ашхоси айёми ҷавониаш – пешвои онвақтаи ҷараёни тасаввуфии паҳнгардидаи Чиштия Низомуддин Авлиё дунёро

падруд мегӯяд. Дӯсти қадим ва қарин баробари шунидан ба Деҳлӣ бармегардад ва бақияи умрро дар танҳоию гӯшанишинӣ гузаронида, каме баъдтар 27 сентябри соли 1325 чашм аз олам мепӯшад. Пайвандону фарзандон ӯро дар поёни марқади Низомуддин Авлиё ба хок месупоранд, ки ҳоло зиёратгоҳи мардуми гуногуннажоду гуногунзабон ва ихлосмандони ҷаҳони илму адаби Машриқзамин гардидааст. Эҳтиромаш дар миёни мардуми Ҳиндустон хосаву сари марқадаш аз ҳамон замон то ба ҳол гулборон аст.

* * *

Амир Хусрави Деҳлавӣ аз худ мероси бойи бегазанд ба ёдгор гузоштааст, ки аз ғазал, рубоӣ, қитъа, маснавӣ, қасида, достон, осори мансур, мактубот ва ғайра иборат буда, фарогири муҳтавои тамоми паҳлуҳои зиндагиянд, ки дар маркази он ишқу ошиқӣ ва неку бадиҳои ҷаҳон меистад. Дар ростои муҳтавои осори худ шоир кӯшида, ки ҳамеша, бо ҳар сахтиҳое, ки набошад, некию некӯкорӣ бар бадӣ ғолиб ояд, умри кӯтоҳи афроди ҷамъият ошиқонаву шодмона ба сар шавад, новобаста ба ирқу нажод ва забону баён инсонҳо бо ҳам наздику дӯст бошанд, ки ин ҳама ба замону макони зиндагии гӯянда сахт алоқамандию печидагиҳое дорад. Амир Хусрави Деҳлавӣ дар дили Ҳиндустон ва бо мардуми он дӯш бар дӯш буд, ба дину ойину мазҳабҳои он диёр эҳтиёткорона муносибат менамуд.

Вобаста ба муҳити зист эҷодиёти адиб шаклу мавзӯъ ва муҳтавои гуногунро гирифтааст, ки инро мо дар ашъори форсигӯёни дигар камтар ба мушоҳида мегирем. Ва вақте мо асарҳои эҷодкардаи Амир Хусрав, аз панҷ девони ӯ «Туҳфату-с-сиғар» (беш аз 3000 байт), «Васату-л-ҳаёт» (дорои 8400 байт), «Ғуррату-л-камол» (камобеш 8800 байт), «Бақияту-л-нақия» (беш аз 8350 байт) ва «Ниҳояту-л-камол» (беш аз 4080 байт), «Хамса»-и шоир, ки аз маснавию достонҳои «Матлаъу-л-анвор», «Ширин ва Хусрав», «Маҷнун ва Лайлӣ», «Ойинаи Искандарӣ» ва «Ҳашт биҳишт» фароҳам омада, дар пайравии «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ суруда шудаанд, маснавии калонҳаҷми «Қирону-с-саъдайн» (беш аз 3940 байт), ки мавзӯи маҳаллӣ ва таърихии Ҳиндустонро ба мо ҳикоят мекунад, осори дигари ба ҳамин мавзӯъ бахшидаи мавсуф, маснавиҳои

«Мифтоҳу-л-футӯҳ» (750 байт), «Дувалронӣ ва Хизрхон» (9520 байт), «Нуҳ сипеҳр» (ё «Султонннома», 4500 байт), «Туғлуқнома» (3000 байт), осори мансури адиб, аз ҷумла «Эъҷози Хусравӣ» ва ғайраро якояк пеши назар меорем, бори дигар мушоҳидаҳои ишоранамудаамон таъйид мегардад.

Гузашта аз эҷоди осор ба забони форсии тоҷикӣ Амир Хусрави Деҳлавӣ аз аввалин суханварони сеҳрофарини Ҳиндустон аст, ки ба забони урду, ки дар он вақт забони «рехта» ном дошт, асос гузошт. То ӯ дар сарзамини Ҳинд бо забони санскрит менавиштанд, ки на ба ҳама дастрас буд. Ҷавоҳирлаъл Неҳру ба ин хидмати Амир Хусрав баҳои баланд дода, навишта буд: «Хусрав аз навиштан ба забони адабии санскрит, ки танҳо ба ақалияти мунтахаб фаҳмо буд, даст кашида, оқилона рафтор кард, ӯ ба мардуми деҳқон на фақат бо нияти омӯхтани забон, балки ба мақсади донистани зиндагӣ ва урфу одати вай рӯ овард. Ӯ фаслҳои гуногуни солро тараннум карда, барои ҳар фасл ба иқтизои сабки қадимаи классикии Ҳинд оҳангу каломи махсус дарёфт намуд. Ӯ дар бораи ҳаёт ва тазоҳуроти мухталифи он, айёми арӯсӣ, ҳаҷру фироқ, дар васфи борон, ки ба замини аз шуълаҳои сӯзони офтоб хушкида ҷон мебахшад, суруд офарид. Ҳоло ҳам ин сурудҳо вирди забони мардумонанд, онҳоро дар ҳар шаҳри Ҳиндустони шимолӣ ва марказӣ метавон шунид. Масалан, дар овони борон, вақте ки дар як деҳаи ҷавон писарон ва духтарон ҷамъ омада ба шохи дарахтони минго ва печул арғунчак баста шодмонӣ мекунанд, ин сурудҳоро месароянд».

Бояд гуфт, ки тамоми осори Амир Хусрави Деҳлавӣ дар баробари доро будани аҳаммияти баланди бадеӣ, ҷанбаи бузурги таърихӣ доранд, ки инро мо дар ҳар чӣ мустаҳкамтар гузоштани пояи адабиёти форситаборон дар Ҳинд, бо шарофати вай пайдо шудану ба ҳукми анъана даромадани адабиёти маҳаллӣ ба забони урду ва зиёда аз ин ҳама тараннуми дӯстии халқҳо, дар мислои мардумони Ҳиндустон ва Мовароуннаҳру Хуросон мебинем. Ӯ халқҳои гуногуннажоди Ҳинд ва мусалмонони суккони он ҷоро бо як чашм медид. Ин ҳама боиси он гардидаанд, ки имрӯз дар Ҳиндустон мақому мартабаи амир Хусрав беш аз пеш баланд аст, мардуми гуногунқавму гуногунтоифаи ин кишвари паҳновар дар симои ӯ фарзанди фарзонаи фарҳанги ғановатманди

худро мебинанд ва эҳтиромашро пос медоранд. Ин маънои онро надорад, ки решапайванди Шаҳрисабзиён ба адабиёти ҳамзабонони худ камтар хидмат карда бошад. Осори форсии тоҷикии ӯ гӯёи онанд, ки ҳам аз нигоҳи сохту муҳтаво ва ҳам аз нигоҳи вусъати назар адабиёти моро бо лаҳни зебою ширин ва офаридаҳои дилнишин доротару ғанитар гардонидааст. Беҳуда нест, ки ӯро чӣ дар Ҳиндустон ва чӣ берун аз хоки он бо муҳаббати саршор бо сифатҳои неки «Андалеби Ҳинд», «Булбули Ҳинд», «Тӯтии Ҳиндустон» ва «Саъдии Ҳиндустон» ёд мекунанд.

* * *

Ҳоло, ки ба хонандаи гиромӣ мунтахаби ғазалиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ пешкаш мегардад, метавон арза дошт, ки дар байни осори то ба мо расидаи шоир жанри ғазал мавқеи хоса дорад. Дар панҷ девони ӯ беш аз **ду ҳазор** ғазал гирд омадаанду зиёда аз 32650 байтро ташкил медиҳанд. Ашъори Хусрав маҳсули тамоми давраи эҷодиаш буда, мувофиқи гуфтаву навиштаҳои аҳли таҳқиқ, вай дар эҷоди ин навъи шеърӣ асосан равияи ғазалсароии Саъдии Шерозиро пеш гиифта будааст. Ва тавре ишора рафт, ба эътибори гуфтани ғазали ноб ӯро «Саъдии Ҳиндустон» хондаанд.

Дар ғазали Амир Хусрав мо пеш аз ҳама мавзӯи ҷовидонии адабиёти ҳамаи ҳамаи давру замонҳои олам –мавзӯи ишқ, ишқи инсонӣ ва дар ин замина хеле ва хеле нозукона ишқи ирфониро, ки ишқ бар Офаридгор аст, мебинем. Шоири ошиқ бо овози баланд мегӯяд:

*Шеъри Хусрав гар рақам бар турбати Маҷнун кунам,*
*Рӯҳи Маҷнун ояду омӯзад оятҳои ишқ.*

Вақте дар бораи мавзӯи ошиқонаи шоирон сухан меравад, он хоҳу нохоҳ ба ду давраи умрашон тақсим карда мешавад; ҷавонӣ ва пирӣ. Холиқ Мирзозода менависад, ки «Амир Хусрав ғазалҳои давраи ҷавониашро «ба васфи бутон» бахшидааст ва онҳо бо мазмуни ошиқона ҳатто «ғизолон»-зебосанамонро мафтун мекардаанд». Шоир мегӯяд:

*Ҷавонем то рағбатангез буд,*
*Ба васфи бутон хотирам тез буд.*
*Ғазалро чунон ҷилва кардам ба дом,*
*Ки бастам ғизолони саҳро ба дом.*

Аз ин рӯ, дар осори Амир Хусрав, бахусус ғазалиёти ӯ, ба ғайр аз ишқи бутону зебосанамон варзидан, лаззатҳои ошиқона, азобу роҳати ишқ, ранҷи ҳиҷон, кайфияти шаробу кабоб, сайри боғу бӯстон бо дилситон, бардоштани нозу истиғнои дилбарон ва ғ., ки дар онҳо рӯзгори гузарони ҷавонӣ тараннум шудаанд, чизи дигареро набояд ҷуст ва муҳол аст, ки дар дарунмояи онҳо чизи дигаре дарёбем. Ишқи Илоҳие, ки шоир дар мавҳуми ваҳдати вуҷуд баён кардааст, дар осори ҷавонии ӯ ҷустуҷӯ кардан ҳам барвақт аст. Ин ишқ, ки чун дарёи баҳорон пурғалаёну ҷӯшон аст, оҳиста-оҳиста бо кам шудани оби дарё ва паст шудани шӯри он ба худ меояд, сар ба соҳил намезанад, маҷрои якнавохти худро дармеёбад, равиши мусалсали зиндагиро барқарор менамояд, ошиқе пухтарасида ба худ нигоҳ мекунаду сарриштаи ин моҷароро дар ишқи Офаридгор меҷӯяд, яъне ишқ ӯро худшинос менамояд. Ва худшиносӣ ҳамоно ба Худошиносӣ мебарад, ки инро дар мунтахаби ғазалиёти Амир Хусрав метавон мушоҳида намуд.Ба ин маънӣ шоир мегӯяд:

*Ҷаҳону ҳар чӣ ки дар вай буда-ст, ночиз аст,*
*Ба ишқ кӯш, ки чизе шавӣ дар ин ночиз.*

Амир Хусрав ишқро ҷузъи одамият ва воҷиби сириშту сарнавишти инсон медонад. Дар ишқ комҷӯёнро мазаммату покдилонро меситояд ва ҷонбозонро пайгирӣ менамояд. Вай медонад, ки ишқи ҷонбозон ин манзиле бар ишқи ҳақиқӣ аст, ки дар ниҳояти роҳ ба ишқи сӯхтагон мерасад:

*Аҳли шаҳват, ки худорой бувад, сӯхтанӣ-ст,*
*Кирми шабтоб дигар бошаду парвона дигар.*
*Ба такаллуф нашавад ишқ, ки аз ҷону хирад*
*Беҳуши бода дигар бошаду девона дигар.*

Ва:

*Хусраво, бо ҷону дил ҳам қиссаи ҷонон магӯ,*
*3-он ки натвон гуфт бо номаҳрамон асрори ишқ.*

Иқтибоси сонӣ баёнгари он аст, ки ишқи ҷавонии шоир камол ёфта, худшинос гардида, рӯ ба абадият ва дар замири дил манзил дорад. Ана дар ҳамин маврид метавон зуҳури ишқи Илоҳиро дар ашъори ғиноии суханвар ҷуст, ки худ мегӯяд:

*Зи ишқ ар ошиқе мирад, гунаҳ бар ишқ нанҳад кас,*
*Ки баҳри ғарқа кардан айб натвон кард дарёро.*

Зиёда бар мавзӯи ишқ дар ғазалиёти Амир Хусрав метавон ба мавзӯъҳои умумии дар адабиёт роиҷ, монанди шикоят аз рӯзгору бевафоии аҳли дунё, бесуботӣ ва нопойдории ҷаҳон, маю майгусорӣ, андешаҳои бикри иҷтимоӣ-ахлоқӣ, тасвири табиат, маломати зуҳду зоҳид, мазаммати муҳтасибу сӯфӣ ва ғ. дучор омад, ки ойинаи рӯзгори замони эҷодкоранд.

Яке аз мавзӯъҳое, ки ғазали Амир Хусравро аз дигар шоирони форсигӯй имтиёзи хоса мебахшад, ин таваҷҷуҳи шоир ба мавзӯъҳои маҳаллии Ҳинд бо тамоми расму ойин ва қавоиду қонуни рӯзгори мардуми ин сарзамини пурафсона мебошад. Расму русуми ҳиндуён ва сарзамини афсонавии Ҳинд дар осори Амир Хусрав, аз ҷумла ғазалиёти ӯ, мавқеъи вижа дорад. Аз девони қадимтарин шоирони бузурги забони форсии точикӣ дар Ҳинд Масъуди Саъди Салмон то девони Амир Хусрав ва осори шоирони баъдии форсигӯйи Ҳинд, ки шуморашон сахт зиёд аст, наметавон қаламкашеро дарёфт, ки дар ин мавзӯъ ба пояи «Саъдии Ҳиндустон», яъне Хусрави Дехлавӣ расида таваниста бошад.

Таҷаллии диёнату масоили мазҳабии мардуми Ҳинд ва браҳманони эшон бештар аз соир русум ва суннатҳои онон дар ғазалиёти Амир Хусрав ба чашм мерасад. Ӯ дар ғазалиёти худ талмеҳан аз бут бо мулозимат бо ҳинду ва браҳман ёд мекунад:

*Бибурд ҳусни бутон динам, ай мусулмонон,*
*Чу ҳиндувон пас аз ин бутпарсат хоҳам шуд.*

Устод Абӯабдуллоҳи Рудакӣ ба ҳамин маънӣ хеле барвақттар аз Амир Хусрав гуфта буд:

*Дил хастаю бастаи мусалсалмӯест,*
*Хунгаштаю куштаи бути ҳиндуест.*

Дигар аз одоти мардуми Ҳинд, махсусан ҳиндувон, ки дар ғазалиёти шоир ба назар мерасад, ин худсӯзии онон аст ва ин расми қадимии эшон будааст, ки акнун дар навиштаҳо ёд мешавад. Ва гӯянд, ки ҳанӯз ҳам пирмардону пирзанонро дар қадом гӯшае аз Ҳиндустон бисӯзанд, то азоби пирӣ аз дӯшашон бардошта шавад. Ҳоло ин то чӣ андоза ба ҳақиқат наздик аст, чизе гуфта наметавонем. Аз ишораҳои Амир Хусрав бармеояд, ки ошиқу машуқи ҳақиқии ҳиндӣ, дар вақти яке аз дунё гузаштан дувумӣ худро бо ӯ якҷоя месӯхтааст:

*Мурдан аз дӯстии дӯст зи ҳинду омӯз,*
*Зинда дар оташи сӯзон шудан осон набувад.*

Ё:

*Даъвии ишқ кардаӣ Хусрав, бибоядат*
*Чун ҳиндувон дар оташи ғам зинда сӯхтан.*

Шуҳрати бутхонаи бузурги Суманот низ дар осори ғиноии Амир Хусрав таҷассум гардидааст. Суманот аз бутхонаҳои бузурги ҷанубии Ҳинд буд, ки дар замони футуҳоти Султон Маҳмуди Ғазнавӣ аз миён рафтааст. Дар осори таърихӣ омадааст, ки бути Суманотро бо аъмоли мақнотисӣ тавре сохта буданд, ки дар фазои парастишгоҳ ба таври муаллақ меистод, бе он ки аз поин ё болои он муттакое дошта ва ё аз боло ба чизе овехта шуда бошад. Амир Хусрав мегӯяд:

*Бутпарастон гар зи ту огаҳ шаванд,*
*Ёд н-оранд аз бутони Суманот.*

Ишорати дигари Амир Хусрав дар ғазал ба расми ранг кардани ҷабин назди ҳиндувон аст ва ин низ ойинест қадимӣ. Барои тайёр кардани он чӯби сандал ва заъфаронро бо хокистари ҷасади мурдагон ва саргини гови муқаддас махлут сохта аз он ранге бармедоштанд ва онро барои гузоштани нақш ба аъзои бадан истифода мекарданд. Бештар аз он браҳманони ҳинду истифода менамудаанд:

*Аз носияи мо нашавад хоки дараш дур,*
*Чун саҳнаи бут барҳаманонро зи ҷабинҳо.*

Ин ҳама гӯёи онанд, ки Амир Хусрав бо мардуми ҳинду аз ҳар паҳлу хеле наздик буда, таърихи ҳаёти иҷтимоии онҳо, дину ойин ва расму русумашонро нозукбинона ба мушоҳида гирифта будааст. Дигар ин ки худи ӯ зодаву парвардаи ҳамон обу хок буд, дар ҳамон ҷо ба камоли маънавӣ расид, тамоми осораш, аз ҷумла ғазалиёташ маҳсули ҳамон обу ҳавост, ки ҳамаи суккони Ҳиндустон аз он баҳра мебардоштанд.

Доир ба забону баёни суханвар дар ғазалиёт метавон гуфт, ки ӯ асосан пайрави асили сабки ироқӣ аст. Зиёда аз ин, тавре Абдулғанӣ Мирзоев дар асари худ «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик» ишора менамояд, «…дар осори Амир Хусрав унсурҳои аввалини сабки ҳиндӣ ҷой гирифтаанд». Асосгузори сабки ҳиндӣ дониста шудани ӯ аз ҳамин нуқтаи назар аст. Рисолаи адиб «Эъҷози Хусравӣ» мавқеи ӯро дар пайдоиши сабки ҳиндӣ ва дар эҷодиёти ӯ ҷой доштани ин сабк бештар муҷассам менамояд. Ҳамон навъе, ки ишқи ҷавонии Амир Хусрав бо гузашти вақт камол ёфтааст, ғазали ӯ низ ҳамоҳанги равиши зиндагии ӯ ба камол расида, бо тозаҷӯйию тозагӯйиҳояш дар чаҳорчӯби ибороти аз эроди мафоҳим ва маъонӣ дақиқ, истиороту киноёт, ташбеҳоти бикру бадеъ ва хаёлангез, муболиғаи иғроқомез дар сифати ашёву табиат ва ашхос, баёни зарифи ҳолот, таҷассуми таассуроту ҳаяҷони худ ягон-ягон тухми сабки ҳиндиро барои адабиёти баъдинаи ғановатманди форсии тоҷикӣ парваридаанд. Ва ин сабк, тавре медонем, дар эҷодиёти Абулқодири Бедил, ки вай ҳам парвардаи кишвари азими Ҳиндустон аст, ба авҷи камоли худ расид.

Амир Хусрав мегӯяд:

*Ман ошиқам, ай пандгӯ, набвад гувороям, ки ту*
*Аз офият шарбат диҳӣ ҷони балоошомро.*

Ҷойи дигар:

*Сухане чу гавҳари тар садафи лаби ту дорад,*
*Сухани садаф раҳо кун, гуҳаре намой моро.*

Ва ё:

*Сабрам аз дасти ғам гурехт, кунун*
*Он ҷаҳонгардро куҷо ёбанд?*

Доир ба забони ғазалиёти Амир Хусрав мухтасаран метавон арза дошт, ки вай дар эҷодиёташ асосан соддаву равон, латифу гуворо ва хушоҳанг лаҳни ширини дарии Мовароуннаҳриро нигоҳ доштааст. Қариб ҳамаи ғазалҳои шоир дорои мусиқияти баланд ва оҳанги мутантананд. Бесабаб нест, ки ғазалҳои ӯ ба «Шашмақом» дохил гардида, овозхонони зиёди кишвар онҳоро бо латофату ҳунари баланд месароянду то ба гӯши аҳли дил мерасонанд.

Матни ҳозир дар асоси «Мунтахобот» – и Хусрави Деҳлавӣ (Сталинобод, 1960), ки М. Бақоев таҳия намудааст ва «Ғазалиёт»-и ҳамин шоир (Душанбе, 1975), ки мураттибонаш устодони шодравон Муҳаммадвафо Бақоев ва Ҷобулқо Додалишоев мебошанд, таҳияву тадвин гардида, сеяки ғазалиёти Амир Хусрави Деҳлавиро дар бар дорад. Имконияти силсилаи китобҳои «Ахтарони адаб» дар баргузидани ашъори «Андалеби Ҳинд» ҳамин қадар буд. Минбаъд, пурра ба нашр расонида дастраси хонанда ва аҳли таҳқиқ гардонидани тамоми осори ғиноии мавсуф моро ҳар чи бештар бо ин шоири ғазалсаро ошно хоҳад кард ва дар боби омӯзишу пажӯҳиш саҳифаҳои тоза хоҳад кушод.

# ҒАЗАЛИЁТ

* * *

Дилам дар ошиқӣ овора шуд, оворатар бодо!
Танам аз бедилӣ бечора шуд, бечоратар бодо!
Ба торочи азизон зулфи ту айёрие дорад,
Ба хунрези ғарибон чашми ту айёратар бодо!
Рухат тоза-сту баҳри мурдани худ тозатар хоҳам,
Дилат хора-сту баҳри куштани ман хоратар бодо!
Гар, эй зоҳид, дуои хайр мегӯӣ, маро ин гӯй,
Ки он овораи кӯи бутон оворатар бодо!
Дили ман пора гашт аз ғам, на з-он гуна, ки беҳ гардад,
Агар ҷонон бад-ин шод аст, ё Раб, поратар бодо!
Ҳама гӯянд, к-аз хунхориаш халқе ба ҷон омад,
Ман ин гӯям, ки баҳри ҷони ман хунхоратар бодо!
Чу бо тардоманӣ хӯ кард Хусрав бо ду чашми тар,
Ба оби чашми покон доманаш ҳамвора тар бодо!

* * *

Абр мебораду ман мешавам аз ёр ҷудо,
Чун кунам дил ба чунин вақт зи дилдор ҷудо?!
Абру борону ману ёр ситода ба видоъ,
Ман ҷудо гирякунон, абр ҷудо, ёр ҷудо.
Сабза навхезу ҳаво хурраму бустон сарсабз,
Булбули рӯйсияҳ монда зи гулзор ҷудо.
Эй маро дар таҳи ҳар банд зи зулфат банде,
Чӣ кунӣ банда зи бандам ҳама якбор ҷудо?!
Дида аз баҳри ту хунбор шуд, эй мардуми чашм,
Мардумӣ кун, машав аз дидаи хунбор ҷудо.
Неъмати дида нахоҳам, ки бимонад пас аз ин,
Монда чун дида аз он неъмати дидор ҷудо.
Дида сад рахна шуд аз тири ту, хоке зи раҳат
Зуд баргиру ягон рахна биянбор ҷудо.
Медиҳам ҷон, марав аз ман в-агарат бовар нест,
Беш аз он хоҳӣ ту, бистону нигаҳ дор ҷудо.
Ҳусни ту дер намонад, чу зи Хусрав рафтӣ,
Гул басе дер напояд,чу шуд аз хор ҷудо.

* * *

Бишкуфт гулҳо дар чаман,эй гулситони ман, биё,
Сарв истода мунтазир, сарви равони ман. биё.
Аз гиряи ман ҳар тараф пурлолаву гул шуд замон,
Вақте ба гулгашт, эй санам, дар гулситони ман биё.
Ҳайф аст дидан бе рухат дар бӯстон, охир, гаҳе,
Эй гул, ниҳон аз боғбон дар бӯстони ман биё.
Ҳар турраи ту офате, ҳар наргиси ту фитнае,
Гарчи балои оламӣ, аз баҳри ҷони ман биё,
Талхӣ, ки гӯё нест он аз талхии ҳаҷрат фузун,
Бо ин ҳама талхии худ, шаккарфишони ман, биё.
Донӣ, ки ҳастам дар ҷаҳон ман Хусрави ширинзабон,
Гар н-ой аз баҳри дилам, баҳри забони ман биё.

* * *

Ҷоно, ба пурсиш ёд кун рӯзе мани гумбударо
В-охир ба раҳмат боз кун он чашми хоболударо.
Нохонда сӯят омадам, ногуфта рафтӣ аз барам,
Яъне, сиёсат ин бувад меҳмони нофармударо.
Рафтӣ ҳамоно, ваҳ, ки ман зинда бимондам дар ғамат,
Ё Раб, куҷо ёбам кунун он сабри вақте бударо?
Боз ою биншин соате, охир, чӣ кам хоҳад шудан,
Гар шод гардонӣ даме ёрони ғамфармударо?
Куштӣ марову нест ғам, илло ғами нодиданат,
Гар метавонӣ, бозбахш ин ҷони нобахшударо.
Дасте бисудам бар лабат, талхе нагуфтӣ, чист ин,
К-аз заҳр додӣ чошнӣ чандин наботи сударо…
Савдои Хусрав ҳар шабе поён надорад то саҳар,
Охир, гиреҳ барзан яке он ҷаъди нопаймударо!

* * *

Нозукие, ки дидаам он рухи ҳамчу лоларо,
Сӯзаму барнаёварам пеши вай оҳу ноларо.
То чу сагон фиғон кунанд аз рухаш аҳли нуҳ фалак,
Сохт маҳи чаҳордаҳ он бути ҳаждасоларо.

Ақл намонд дар саре, сабр намонд дар диле,
Бар гулу лола кас чунин каж нанихад гулоларо.
Сӯхтаи рухат агар сӯи чаман гузар кунад,
Дар дили худ гумон барад шуълаи гарми лоларо.
Бӯса худ ар намедиҳӣ, бар лаби худ ҳавола кун,
Ришвати туст, ҷони ман, аз паи ин ҳаволаро.
Ман ба назорае хушам, лек на ҳадди ман бувад,
Ҳавсалаи магас куҷо, к-ӯ бихурад наволаро?!
Ту зи пиёла май хурӣ, ман ҳама хун дами ба дам,
Ҳаққи лабаш ҳамедиҳӣ аз лаби худ пиёларо.
Дил, ки фусурдатар бувад ҳам ба гудозиш оварад
Нолаи Хусраваш, чунон к-оташи тез лоларо.

* * *

Ҳар кӣ зери пераҳан бинад маро,
Мурдае зери кафан бинад маро.
Хешро гар нагсалад, донам, вале-к
Ёр агар дар чашми ман бинад маро.
Орзу дорам қасос аз дасти дӯст,
То бар он сон марду зан бинад маро.
Бар сари роҳаш кушандам зор-зор,
Бу, ки он паймоншикан бинад маро.
Гар биёяд боз мурғи номабар,
Туъмаи зоғу заған бинад маро.
Бедиле, к-аш айб мекардам, куҷост?
То ба коми хештан бинад маро.
Нозанино, з-ин ҳавас мурдам, ки халқ
Бо ту рӯзе ҳамсухан бинад маро.
Бод ҳар рӯзе ба ҷавлонгоҳи ту
Хоки ҳасрат дар даҳан бинад маро.
Ҷӯи хун ронад ба ҷои ҷӯи шир,
Хусравам, гар Кӯҳкан бинад маро.

* * *

Вақте андар сари кӯе гузаре буд маро
В-андар он рӯй ниҳонӣ назаре буд маро.
Ҷон ба ҷоясту дилу зинда наям ман, зеро-к
Мояи умр ба ҷуз ҷон дигаре буд маро.
Маст гаштам, ки шабаш дидаму дар хоб ҳанӯз
Пагаҳи субҳ зи мастӣ асаре буд маро.
Ҳама касро хуру хобу мани бечора хароб,
Эй хуш он вақт, ки хобею х (в) аре буд маро.
Беҳ аз ин будам аз ин пеш, агар ҳеҷ набуд,
Боре аз ҷинси сабурӣ қадаре буд маро.
Бар ман аз дида бирезед гулобе, ки ба умр
Лаззат аз ишқ ҳамин дарди саре буд маро.
Ҳеҷ ёд оядат, эй фитна, ки вакте з-ин пеш
Ошиқи сӯхтаи дарбадаре буд маро?!
Хостам дӣ, ки намозе бикунам пеши хаёл,
Лекин олуда ба доман ҷигаре буд маро.
Наравам пеш, ки ёд ояду девона шавам,
Он ки гаҳ –гаҳ ба гулистон гузаре буд маро.
Посбон рӯз ҳам аз қиссаи Хусрав бишунуд,
Ки шаб аз хаҷри ту нохуш саҳаре буд маро.

* * *

Гарчи бирбуд ақлу дини маро,
Бад мегӯед нозанини маро.
Гӯшаш аз бори дур гарон гашта-ст,
Нашнавад нолаи ҳазини маро.
Чашми ман бар нигину накши даҳон-ш
Дода ангуштарин нигини маро.
Сӯхта бинамаш, агар асарест
Ҳар саҳар оҳи оташини маро.
Охир, эй боғбон, яке бинмой
Ба ман он сарви ростини маро.
Даст дар гул ҳамезанам, лекин
Хор мегирад остини маро.

Ишқ дар кори хубрӯён кард
Фисқу тақвову куфру дини маро.
Хусраво, бигзар аз сарам, ки зи ашк
Бими ғарқ аст ҳамнишини маро.

* * *

Расид боди сабо, тоза кард ҷони маро,
Нуҳуфта дод ба ман бӯи дилситони маро.
Бихуфт наргису фарёд кам кун, эй булбул,
Кунун, ки хоб рабуда-ст нотавони маро.
Сабо саводи чаманро чу нусха кард бар об,
Ба гул намуд, ки бингар хати равони маро.
Маро гузар ба гулистон басест, лек чӣ суд,
Ки сӯи ман гузаре нест гулситони маро!
Гумон ҳамеравадам, к-аз фироқ овезам,
Ғами нуҳуфта яқин мекунад гумони маро.
Нишон намонд зи нақшам, куҷост орази ӯ,
Ки даркашад қалам ин нақши бенишони маро?
Фиғони ман зи куҷо бишнавад ба гӯш он шӯх,
Ки худ намешунавад гӯши ман фиғони маро.
Парид ҷониби ӯ мурғи рӯҳу бо ман гуфт,
Ки ман шудам, ту нигаҳ дор ошёни маро.
Хуш он даме, ки дарояд сапедадам зи дарам,
Пур аз ситораву маҳ карда хонумони маро.
Ниҳода бар лаби ман лаб,намонд ҷои сухан,
Ки муҳр кард ба ангуштарин даҳони маро.
Рав, эй сабо, ту бигӯ сарви рафтаро, боз ой,
Ба навбаҳор бадал кун яке хазони маро.
Зи рафтани ту ба ҷон омадам, намедонам,
Ки рафтанат зи куҷо хост баҳри ҷони маро.
Дили шикастаи Хусрав ба ҷониби ту шитофт,
Ғариби туст, нигаҳ дор меҳмони маро!

* * *

Девона кард зулфи ту дар як назар маро,
Фарёд аз он ду силсилаи мушки тар маро.
Сангин дили ту сахттар аз санги мармар аст,
Кӯҳи ғам аст бар дил аз он санг мар маро.
Гуфтам лаби туро,ки ба кас ишва медиҳӣ,
Ӯ худ надод ишва касеро, магар маро.
Рӯят гулу лабат шакару в-ин аҷаб, ки нест
Ҷуз дарди дил ҳосил аз он гулшакар маро.
Чун ман туро даруни дили хеш доштам,
Охир, чӣ дашна доштаӣ дар ҷигар маро?!
Дӣ ғамзаи ту кард ишорат ба сӯи лаб,
То бӯсае диҳад зи шакар хубтар маро.
Бо Хусравата шумори висол аст ҳар шабе,
Охир, шабе туфайлии хусрав шумар маро!

* * *

Рахти сабурӣ тамом сӯхта шуд синаро,
Шуъла фурӯзон ҳанӯз оташи деринаро.
Ғам, ки маро дар дил аст, гар накунад боварам,
Пеши кӣ пора кунам, вой ман, ин синаро?!
Рух манамо бар мурод в-арна ба хуни манӣ,
Об ба серӣ мадеҳ ташнаи деринаро.
Тавба зи ман карда буд дил, чу ту соқӣ шудӣ,
Боз ҳамон ҳол шуд Аҳмади поринаро.
Ман чу зи сар хостам, чашми ту бекор чист?
Ханҷари нав деҳ ба даст турки куҳанкинаро.
Сӯфии мо шуд хароб дӯш ба як бонги чанг,
Тори бирешим кашид хирқаи пашминаро.
Бар сари Хусрав агар таъна занад ҳар касе,
Рӯи сиёҳи маросат ҷурм, на оинаро.

* * *

Боз дил гум гашт дар кӯшиш мани девонаро,
Ман куҷо кардам нигоҳ он шакли қаллошонаро?!
Гоҳ-гоҳ, эй бод, к-он ҷоҳо-т меафтад гузар,
З-ошноёни куҳан ёде деҳ он бегонаро.
Ҳар шаб аз ҳар сӯй дармеоядам дар дил хаёл,
Аз кадомин сӯ нигаҳ дорам ман ин вайронаро?
Умр бигзашту ҳадиси дарди мо охир нашуд,
Шаб ба охир шуд, кунун кӯтаҳ кунам афсонаро.
Шуъла, гӯ, дар ҷон бигиру сина, гӯ, з-оташ бисӯз,
Шамъ аз инҳо нест, к-ӯ раҳмат кунад парвонаро,
Ҷон зи наззора харобу нози ӯ з-андоза беш,
Мо ба бӯе масту соқӣ пур диҳад паймонаро.
Охир, эй дил, вақте андар кӯйҳо будат гузар,
Инчунин якборагӣ кардӣ фаромуш хонаро?!
Ҳоҷатам набвад, ки фармоӣ ба тарки ному нанг,
З-он ки расвоӣ наёмӯзад касе девонаро.
Хусраву сӯзи дилу аз завқи олам бехабар,
Мурғи оташхора лаззат кай шиносад донаро?!

* * *

Девона мекунӣ дилу ҷони хароброро,
Машкан ба ноз силсилаи мушки нобро.
Бе ҷурм агарчи рехтани хун бувад вубол,
Ту хуни ман бирез зи баҳри савоброро.
Бӯи висол дархури ин рӯзгор нест,
Зоеъ макун ба далқи гадоён гулоброро.
Эй ишқ, шуғли ту ба чу ман нокасе расид,
Охир касе намонд ҷаҳони хароброро.
Аз чошнии дарди ҷудоӣ чӣ огаҳанд
Як шаб касон, ки талх накарданд хоброро?!

Тӯфон нишон зи дидаву қаҳти вафо ба даҳр,
Тақвим ҳукм кай кунад ин фатҳи бобро?!
То гуфтамаш бикуш, зи мижа теғ ронда буд,
Мо бандаем ғамзаи ҳозирҷавобро.
Гар хотираш ба куштани бечорагон хуш аст,
Ё Раб, ки ёри новаки ӯ кун савобро.
Офат ҷамоли шоҳиду соқист, беҳуда
Бадном кардаанд ба мастӣ шаробро.
Хуноба мечаконадам аз дида сӯзи дил,
Хуш гиряест бар сари оташ кабобро!
Хусрав зи сӯз гиря надорад нигоҳ дошт,
Оре, сафоли гарм ба ҷӯш орад обро.

* * *

Шаб ба рӯз омад басе, к-аз дил ниҳодӣ ёдро,
Ҷон бурун омад зи тан, бӯе надодӣ бодро,
Сар ба девони сароят мезанам, то бингарӣ,
З-он ки топоки шикорӣ хуш кунад сайёдро.
Бозуи ҳаҷрат қавӣ дар куштани бечорагон,
Чун қасос афзун кунад, ғорат бувад ҷаллодро.
Ҷон ба фарёдам баромад, лек сад ҷон арзад, он-к
Бишнавию роҳ надҳӣ сӯи худ фарёдро.
Ин ҳама хуноба, к-ошомам ҳаме аз рӯзи бад,
Беҳтарин рӯзе халал андозад ин бунёдро.
То ба сӯи гуфти Ширин шуд диле, хорову кӯҳ
Кандан аз нохун чу гул чидан бувад Фарҳодро.
Чанд гӯям, чун сияҳрӯии ишқам аз қазост,
Об шустан кай тавонад доғи модарзодро?!
Нӯги мижгони ту дар дил монд Хусравро, чунон-к
Дар раги бемор ништар бишканад фассодро.

* * *

Ҷон зи хомӯшӣ баромад безабоне чандро,
Кун як имрӯзе навозиш нотавоне чандро.
Гар занӣ шамшер аз ғамза ту, эй султони ҳусн,
К-ин сиёсат сахттар пиру ҷавоне чандро.
Дӣ, ки берун омадӣ хай карда, ҳар қатра зи ту
Гашт тӯфони бало бехонумоне чандро.
Ман зи ту маҳруму халқе дар гумон,ин ҳам хуш аст,
Бод, ё Раб, рӯзи некӯ бадгумоне чандро.
Деги васли кас напухтӣ, в-арна ҳар дам васли ту
Оташе баркарда месӯзад ҷавоне чандро.
Чанд таъни оқилонам, як замон берун хиром,
Сӯхта чун ман бикун ин меҳрубоне чандро.
Як саг андар кӯи ту бе доғи оҳи ман намонд,
Ваҳ, ки, охир, чанд сӯзам безабоне чандро?!
Гар нагардад хок дар кӯят,чӣ кор ояд танам,
Баҳри ин парвардам, охир, устухоне чандро!
Сад чу Хусрав медиҳад ҷон пешат, охир, хандае,
З-он ки шуд ҳангоми рафтан нотавоне чандро!

* * *

Бурқаъ барафган як замон ҳусни балоангезро,
То килки сурат бишканад ин ақли рангомезро.
Шаб хуш нахуфтам ҳеҷ гаҳ, з-он баски баҳри ҷони ман
Шуд ошноӣ бо сабо он зулфи анбарбезро.
Донам қиёси бахти худ, кам ронам аз зулфат сухан,
Лекин таманно мебарам фитроки сайдомезро.
Бигзашт кор аз зистан, хез, эй табиби хиракуш,
Бемори мискинро бигӯ, то бишканад парҳезро.
Парри малоик ҳезум аст, он ҷо ки ишқат шуъла зад,
Шармат наёмад сӯхтан хошоки дудангезро?
Чун хок гаштам дар раҳат, гар истоде нестат,
Боре, чу бар мо бигзарӣ, оҳиста рон Шабдезро.

Шуд ишқ ҷонамро бало, не, ғамзаву чашми санам,
Қассоби мо номеҳрубон, чӣ ҷурм теғи тезро?!
Айёрии моро расан дур аст аз кунгур, вале
Ин ашки шабравро бигӯ в-ин нолаи шабхезро.
Ту к-аз закоти чашми худ бинӣ ба Хусрав як назар,
Инак, шафеъ овардаам ин дидаи хунрезро.

* * *

Ман ба ҳавас ҳамехурам новаки синадӯзро,
То накунӣ маломате ғамзаи кинатӯзро.
Дини ҳазор порсо дар сари гесуи ту шуд,
Чанд ба нокасон диҳӣ силсилаи рамузро?
Гӯям: «Васл», Гӯиям: «Рав, ки ҳанӯз чанд гаҳ»,
Вой, ки чун бурун барам аз дилат ин ҳанӯзро?
Қиссаи ишқ худ равад пеши фусурдагон, вале
Сангтарош кай хурад гавҳари шабфурӯзро?
Соқии ниммасти ман, ҷоми лаболаб ор, то
Нуқли муоширон кунам ин дили хомсӯзро!
Ҷони чу Хусравею бас захм ту деҳ, ки бар касе,
Боре агар ҳамезанӣ тири дарунадӯзро.

* * *

Ҷон бар лаб аст ошиқи бахтозмойро,
Дастур деҳ ба ханда лаби ҷонфизойро.
Гуфтӣ: «Ба меҳру маҳ нигару тарки ман бигир»,
Ин рӯ кӣ дод меҳру маҳи худнамойро?
Хуни маро бирезу зи хуноба вораҳон,
Хайрест ин, бикун зи барои Худойро.
Ҷоно, чунон хиром, ки гоҳи назора халқ
Аз фарқи хеш бознадонанд пойро.
З-он шӯх чун вафо талабам ман, ки бар дилаш
Саг ҳам зи нанг менигарад ин гадойро.

Ваҳ, куштӣ, эй сабо, чу бар он кӯй бигзарӣ,
Осеб бар чӣ мезанӣ он бӯсаҷойро?!
Мутриб, бизан раҳею мабин зуҳди ман, аз он-к
Бар субҳаи ман аст шараф чангу нойро.
Нозук магӯй соиди хубон, ки худ накард
Чандин ҳазор бозуи зӯрозмойро.
Эй дӯст, ишқ чун ҳама чашм асту гӯш нест,
Чӣ ҷои панд Хусрави шӯридаройро?

* * *.

Пардаи ошиқон дарад, парда кунад чу рӯйро,
Ҳар тарафе диле фитад, шона кунад чу мӯйро.
Дил, ки зи халқ мебарад, нест зи баҳри мардумӣ,
Туъма фарох мекунад баҳри сагони кӯйро.
Эй ки надорӣ огаҳӣ аз дили беқарори мо,
Чанд ба бод бардиҳӣ турраи мушкбӯйро?
Бар сари пой бурд ҷон нозу карашмаҳои ту,
Дод баҳонаҳо басе ҷони баҳонаҷӯйро.
Рӯй ба мо куну макун дидаи мову хоки дар,
Саҷда равост ҳар тараф қиблаи чорсӯйро.
Гарчи ғубори ошиқон менанишинад аз дарат,
Дур макун ба ин гунаҳ чашми ситонаҷӯйро.
Гарчи ки беш бинамат, тиратар аст рӯзи ман,
Миннати оина манеҳ бахти сиёҳрӯйро.
Қиссаи мо кунун магар оби ду дида гӯядат,
З-он ки бибаст ҳайратат ҳалқаи гуфтугӯйро.
Дорам умеди хандае, бу, ки бигунҷадам сухан,
Танг магир беш аз ин пистаи тангхӯйро.
Хусрав агар ғамат хурад, нола бас аст хидматат,
Воҷиби човушон бувад аз паи ҳою ҳӯйро.

* * *

Эй бод, бурқаъ барфикан он рӯи оташнокро
В-эй дида, гар сафро кунам, обе бизан ин хокро.
В-эй дӯст, к-аз теғи ситам резӣ ҳаме хун дам ба дам,
Ё ҷони ман бистон зи ғам, ё дил деҳ ин ғамнокро.
Резӣ ту хун бар остон, ман шӯям аз ашки равон,
К-олуда дидан чун тавон он остони покро?!
Он дам ки мепӯшӣ қабо, махром, аз баҳри Худо,
Пӯшида дор аз чашми мо он қомати чолокро.
З-он ғамза азми кин макун, туркона қасди дин макун,
Тороҷи ҷон талқин макун он ҳиндуи бебокро.
Сарҳои сарбозони дин бастӣ чу дар фитроки зин,
З-ин сон маяфган бар замин дунболаи фитрокро.
То шамъи ҳусн афрӯхтӣ, парвонаворам сӯхтӣ,
Пардадарӣ омӯхтӣ ин домани садчокро.
Ҳаргиз лабе надҳӣ ба ман в-ар бӯсае гӯӣ бизан,
Оям чу наздики даҳан, раҳ гум шавад идрокро.
Ҷонам чу рафт, аз тан бурун, васлам чӣ кор ояд кунун?
Ин заҳр бигзашт аз фусун, зоеъ макун тарёкро.
Гӯӣ баромад гоҳи хоб андар дили шаб офтоб,
Он дам, к-аз оҳи субҳтоб оташ занам афлокро.
Хусрав кадомин кас бувад, к-аш сӯзи ишқ аз пас бувад,
Як зарра оташ бас бувад сад хирмани хошокро!

* * *

Бас бувад ин ки сӯи худ роҳ диҳӣ насимро,
Чашмзади хасон макун орази ҳамчу симро.
Мову насими субҳдам, бӯи туву ҳалоки ҷон,
Нест умеди зистан сӯхтаи ҷаҳимро.
Ман ба ҳавои як сухан, ту ҳама талх бар забон,
Чанд намак тавон задан ин ҷигари дунимро?!
Ту чу биҳишт дар ниҳон, мову дилею шӯрише,
Дӯзахӣ аз куҷо хурад моидаи наимро?!

Ман на зи худ шудам чунин шуҳраи кӯйҳо, вале
Шуд рухи некувон бало ақлу дили салимро.
Шефтаи рухи бутон боз кай ояд аз сухан,
Маст ба гӯш кай кунад кунмакуни ҳакимро.
Ишқ чу мардро барад ришкашон ба майкада,
Мӯи сафед нангарад пири сияҳгилемро.
Чун ба хуми шароб-дар ғарқа бимонд чун мане,
Ҳам зи шароб ғусл деҳ дурдкаши қадимро.
Қиссаи Хусрав аз дарун гар зи ғазал бурун фитад,
Дашнаи синаҳо кунад замзамаи надимро.

* * *

Баҳри ту халқе мекашад ҳар сӯ мани бадномро,
Бас менаёбам, чун кунам, ваҳ, ин дили худкомро?!
Як шаб ба боме бинамат в-он гаҳ ба ёди пои ту
Рангин бисоте мекашам аз хуни чашм он бомро.
Хоҳам, ки хуни худ даме дар гардани ҷомат кунам,
Донӣ, чӣ давлат медиҳӣ ҳар соат аз лаб ҷомро?!
То чанд ҳар дам аз сабо дар ҷунбиш ояд зулфи ту,
Охир, даме ором деҳ дилҳои бееоромро.
Нагрифт дар ту сӯзи ман в-акнун ки хоҳам дод ҷон,
Дӯзах магар пухта кунад ин шуълаҳои хомро.
Гар оби чашме нестат, охир, к-ам аз наззорае,
Ин дам, ки оташ дарзадам бозори нангу номро.
Ман ошиқам, эй пандгӯ, набвад гуво донам, ки ту
Аз офият шарбат диҳӣ ҷони балоошомро.
З-ин сон, ки дил дар ошиқӣ бигсаст тақворо расан,
Натвон лагом аз шаръ зад ин тавсани бадромро.
Гар кушта шуд Хусрав зи ғам, туҳмат чӣ бар хубон ниҳам,
Чун чарх ханҷар медиҳам дар куштанам Баҳромро?!

* * *

Чу бикшоӣ лаби шаккаршиканро,
Лаболаб дар шакар гирӣ суханро.
Лабат, гӯӣ, далерӣ кун ба бӯсе,
Маро заҳра набошад, сад чу манро.
Ба дил оташ задию ин дамамро
Бихоҳӣ сӯхт ҷони мумтаҳанро.
Шудӣ дар бӯстон рӯзе ба гулгашт,
Намудӣ рӯй хубони чаманро.
Ду дида нест наргисро, ки бинад
Аз он гаҳ боз рӯи ёсуманро.
Диле аз санг набвад чун дили ту
Бути сангини яғмоифитанро.
Дили Хусрав шикастӣ, оҳ, агар ман
Кунам огоҳ шоҳи бутшиканро!

* * *

Бе рӯи ту хуш кардам ман талхии ҳиҷронро,
Бо шарбати дидорат бадхӯ накунам ҷонро.
Азбаски дили халқе гум шуд ба занахдонат,
Хун пур шавад, ар кованд он чоҳи занаҳдонро.
Дӣ шона задӣ гесӯ, афтод басе дилҳо,
Гирд ор даме, охир, дилҳои парешонро.
Дар ҷайби вуҷуди кас нагзоштаӣ нақде,
Як лутф бикун, з-ин пас макшой гиребонро.
Ту меравию дилҳо дунбол давон ҳар сӯ,
Чун халқ, ки бистонад наззораи султонро.
Бадбахт диле дорам, девонаи бутрӯён,
Ё Раб, ки мабод ин дил ҳиндуву мусулмонро!
Гӯянд, ки аз хубон бадном шудӣ, Хусрав,
Чун дил накунад фармон, хусрав чӣ кунад онро?

* * *

Гуфтӣ зи дил бурун кун ғамҳои бекаронро
Ту пеши чашм в-он гаҳ ҷои гила забонро.
Бигзашт аз ниҳоят бехобии ман, оре,
Душвор субҳ бошад шабҳои бекаронро.
То дил зи ман бибурдӣ, аз нола шаб нахуфтам,
Эй дузд, бишнав, охир, фарёди посбонро!
Расвои шаҳр гаштам, азбаски дидаи ман
Ҳар дам ҳаметаровад хунобаи ниҳонро.
Аз оҳи дарднокам сӯз аз ҷаҳон барояд,
Бе ту ҷаҳон чӣ бошад, оташ занам ҷаҳонро!
Он рӯи нозанинро як дам ба сӯи ман кун,
То бештар бибинам насрину арғавонро.
Шояд, агар бихандад бар рӯзгори Хусрав,
Он кас, ки дида бошад рухсораи ҷинонро.

* * *

Бирав, эй боду пеши дигарон деҳ ҷилва бустонро,
Маро бигзор, то мебинам он сарви хиромонро.
Гирифтори хаёлоти лабаш гаштам, яқин бошад,
Агар ҳар гаҳ магас дар хоб бинад шаккаристонро.
Сияҳ кардӣ сари лаб, чун нахоҳам номаи суннат,
Маро бигзор, то боре бибӯсам муҳри унвонро.
Бад-ин миқдор ранҷе ҳам бар он хотир намехоҳам,
Ки аз хунам парешонӣ бувад он нопушаймонро.
Мапурс аз ман, ки чун мебошад, охир, ҷони ғамнокат,
Ки ман дерест, к-аз ёдаш фаромуш кардаам ҷонро.
Занандам санг аз меҳрат, ту ҳам бифрист як санге,
Ки мирам ҳам дар он завқу ба ҷон бӯсе диҳам онро.
В-арат бадномияст аз ман, ба як ғамза бикуш зорам,
Чаро бар хеш мушкил мекунӣ ин кори осонро?!
Чу хоҳӣ куштанам, ҷон, зинҳор ин як сухан бишнав:
Як имрӯзе шафеи ман кун он лабҳои хандонро.
Парешонӣ, ки ман дорам зи зулфат, ҳам маро бодо,
Чӣ гуна гӯяд ин Хусрав, ки он зулфи парешонро?

* * *

Чу хоҳӣ бурд рӯзе оқибат ин ҷони мафтунро,
Гаҳ аз гоҳе ба ман бинмой боре сунъи бечунро.
Ту мекун, ҳар чӣ мехоҳӣ, наёрам дам задан, зеро
Ки гарчи хун кунад султон, нагирад аз пае хунро.
Нахоҳам дод дарбони туро бахри дарун заҳмат,
Басанда-ст ин, ки бинам гаҳ-гаҳ он девони берунро.
Дили ман номаи дард асту хун бар чеҳра унвонаш,
Ҳам аз ғаммозии унвон бурун бар ҳоли мазмунро.
Шаб омад рӯзи айшамрову ман бо сӯхта ҷоне
Ҳамеҷӯям чароғ афрӯхта он рӯзи маймунро.
На шабҳои мани бадрӯз аз ин сон аст бепоён,
Вале,ё Раб, мабодо рӯзи нек он зулфи шабгунро!
Ту он мурғӣ, ки озодию дар доме наяфтодӣ,
Сазад, гар шукр гӯӣ рӯзу шаб бахти ҳумоюнро.
Чу Лайлӣ бинаду Маҷнун шароб аз хуни худ нӯшад,
Беҳ аз санги ситамгорон набошад нуқл Маҷнунро.
Ҳама кас фитна шуд бар гуфтаи Хусрав, магар чашмат,
К-асар дар ҷодувон ҳаргиз набошад сеҳру афсунро.

* * *

Бим аст, ки савдоят девона кунад моро,
Дар шаҳр ба бадномӣ афсона кунад моро.
Баҳри ту зи ақлу дил бегона шудам, акнун
Тарсам, ки ғамат аз ҷон бегона кунад моро.
Дар ҳаҷр чунон гаштам ночиз, ки гар хоҳад
Зулфат ба сари як мӯ сад хона кунад моро.
З-ин гуна заиф ар ман дар зулфи ту овезам,
Машшота ба ҷои мӯ дар шона кунад моро.
З-он силсилаи гесӯ маншури наҷотам деҳ,
З-он пеш, ки занҷират девона кунад моро.
Ман майзадаи дӯшам, шояд ки хаёли ту
Имрӯз яке соқӣ мастона кунад моро.
Чун шамъи бутон гаштӣ, пеш ой, ки то Хусрав
Бар оташи рӯи ту парвона кунад моро.

* * *

Бигзашту назар накард моро,
Бигзошт зи сабр фард моро.
Мо бехабар аз назора будем,
Ҷон рафту хабар накард моро.
Гар дида ба хоки дар наярзад,
Аз дур бас аст гард моро.
Эй бехабарон, ки панд гӯед,
Баҳри дили ёвагард моро,
Донед, ки не ба ихтиёр аст
Чашми тару рӯи зард моро?!
Сад шарбати офият шуморо,
Як чошние зи дард моро.
Хокистаре аз вуҷуди мо монд,
Бас, к-оташи ишқ х(в)ард моро.
Бо ин ҳама, шояд, ар нагирад
Парвонаи шамъ мард моро.
Ҳарчанд бисӯхт Хусрав аз ишқ,
Аз шуъла мабод сард моро!

* * *

Рафт, он ки чашми роҳат хуш меғунуд моро,
Ишқ омаду баровард аз сина дуд моро.
Тороҷи хубрӯён дар ҷони ман даромад,
Он дил, ки буд вақте, гӯё набуд моро.
Бо санги хеш будам дар гӯшаи сабурӣ,
Боде зи рӯят омад в-андаррабуд моро.
Имрӯз, гӯ, бибинад сармасту бутпарастам,
Он к-ӯ ба некномӣ дӣ меситуд моро.
Ҳар рӯз дар шаби ғам хуш мекунад, сазоям
Он диданат, ки аввал хуш менамуд моро.
Аз хоки ҳастии мо гарди адам бароянд,
Эй кошкӣ, набудӣ нанги вуҷуд моро!

Мумкин нагашт моро тавба зи рӯи хубон,
Гетӣ ба меҳнату ғам чанд озмуд моро.
Теғи зудуда бояд зулматзудои ошиқ,
К-аз сайқали насиҳат натвон зудуд моро.
Хусрав чу нест з-онҳо, к-аз ту бурад ба куштан,
Ин пандҳои расмӣ додан чӣ суд моро?

* * *

Бишкофт ғам ин ҷони ҷигархораи моро,
Ё Раб, чӣ вубол омада сайёраи моро?
Рафтанд рафиқон, дили садпора бибурданд,
Карданд раҳо домани садпораи моро.
Гар ҳамраҳи эшон шавӣ, эй бод, дар он роҳ
Зинҳор, наҷӯӣ дили овораи моро.
Шабҳо ба дил аз сӯзи ҷигар мекашадам оҳ,
Оҳ, ар хабарастӣ бути айёраи моро.
Рӯзе накунад ёд, ки шабҳои ҷудоӣ
Чун мегузарад ошиқи бечораи моро?
Бӯи ҷигари сӯхта бигрифт ҳама кӯй,
Оташ бизан ин кулбаи хунхораи моро!
Диданд сиришкам ҳама ҳамсояву гуфтанд:
Ин сел, аҷаб, гар набарад хонаи моро.
Ҷуз хаставу афгор нахоҳад дили Хусрав,
Хӯест бад-он бахти ситамгораи моро.

* * *

Қадаре биханду аз рух камаре намой моро,
Сухане бигӯй в-аз лаб шакаре намой моро.
Сухане чу гавҳари тар садафи лаби ту дорад,
Сухани садаф раҳо кун, гуҳаре намой моро.
Ба назар надидаам ман асари даҳони тангат,
Агарат бувад даҳоне, асаре намой моро.
Манам андар ин таманно, ки бибинам аз ту бӯе,
Чу сабо хиромише кун, камаре намой моро.

Зи хаёли турраи ту чу шаб аст рӯзи умрам,
Ба карашма хандае зан, саҳаре намой моро.
Ба забони хеш гуфтӣ, ки гузар кунам ба кӯяш,
Магузар зи гуфтаи худ, гузаре намой моро.
Чу манат ҳазор ошиқ бувад, эй санам, валекин
Ба ҳама ҷаҳон чу Хусрав дигаре намой моро.

* * *

Ишқ аз паи ҷон гирифт моро,
Халқе ба забон гирифт моро.
Хурсанд ба офият набудем,
Инак, ҳақи он гирифт моро.
Эй дида, чӣ резӣ аз дарун об,
К-аш шуъла ба ҷон гирифт моро.
Эй хоб, бирав, ки боз имшаб
Савдои фалон гирифт моро.
Гӯянд, ки марг турфа хобест,
Он хоби гарон гирифт моро.
Тарсам, ки бурун барад зи олам
Ин ғам, ки карон гирифт моро.
Хандид бар аҳли дард Хусрав,
Дарди дилашон гирифт моро.

* * *

Чӣ иқбол аст ин, ё Раб, чӣ давлат дод рӯ моро,
Ки дар кӯи фаромӯшон гузар шуд ёри зеборо?
Камарбанди ман омад назди ман хандазанон имшаб,
Таваққуф кун, ки як дам бингарам Парвину Ҷавзоро.
Биҳамдиллаҳ, ки бедории шабҳоям нашуд зоеъ,
Бидидам хуфта дар оғӯши хеш ин сарви раъноро.
Ба ташвиши дуҳул ранҷа мадор, эй навбати имшаб,
Ки хуфтан дар бари ёр аст бедорони танҳоро.
Куҷоҳо будӣ, эй гулбарги хандон, рост гӯ бо ман,
Ки чун ҳаб додаӣ имрӯз гулбӯёни раъноро?

Расидӣ ҳамчу шохи гул, кадомин бод овардат,
Ки ҳаргиз менапурсидӣ ба як шохи гуле моро.
Чӣ гӯӣ Хусраво, чандин ҳадиси васли нобуда,
Хаёл аст, ин ки раҳ додӣ ба сӯи хеш савдоро.

* * *

Хати ту бехта бар лола мушки сороро,
Шикаста равнақи хуршеди оламороро.
Агар зи рӯи ту шамъи ҳидояте набувад,
Зи тирагӣ кӣ бурун оварад насороро?!
Ба ситти ҳусн гирифт он бути самарқандӣ
Чу кишвари дили мо хиттаи Бухороро.
Бар рӯзи куштан аз он ғамза муҳлате ҷустам,
Вале надид зи қотил касе мудороро.
Биёр, соқӣ, аз он оби оташин, ки фалак
Ба бод дод чу Ҷамшед хоки Дороро.
Зи шавқи шаккари Ширину мотами Фарҳод
Зи дида меравад инак сиришк хророро.
Ду бӯса аз лаби ӯ, Хусраво, Худоро кун,
Бувад, ки бишнавад он сангдил худороро.

* * *

Ё Раб, кӣ дод ойина он худпарастро,
К-ӯ дид ҳусни хешу зи мо бурд ҳастро?
Девонаи бутон накунад рӯ ба қибла, з он-к
Таъзими Каъба куфр бувад бутпарастро.
Ҷонҳо ба рафтан аст чу дилҳо ба зулфи ту,
Чандин гиреҳ чӣ мезанӣ он зулфи пастро?
Хун мехӯрад ба дидаву дар дил равад, балост
Ҳар лаҳзае, ки май диҳад он турки мастро.
Махром з-ин сифат, ки ба шаҳр аз хиромишат
Барҷо намонд як қадам аҳли нишастро.
Чандин чӣ ғамза мезанӣ аз баҳри куштанам,
Сайди ту зинда нест, макун ранҷа шастро.

Хусрав чу ҷон набохт ба ишқи ту, мард нест,
З-ин рӯ ба хуни дида ҳино баст дастро.

* * *

Дилбаро, умрест, то ман дӯст медорам туро,
Дар ғамат месӯзаму гуфтан намеёрам туро.
Вой бар ман, к-аз ғамат мемираму ҷон медиҳам
В-огаҳӣ нест аз дили бемори афгорам туро.
Эй ба ту равшан ду чашмам, гар дарорӣ сар ба ман,
Аз азизӣ ҳамчу нури дида медорам туро.
Дорӣ андар сар, ки бигзорӣ марову ман бар он-к
Дар ҷамеъи умри худ аз даст нагзорам туро.
Хорию озор бар ман гар ба теғ ояд зи ту,
Хорам андар дида, гар бо гул биёзорам туро.
Як замон аз пой наншастам зи ҷустуҷӯи ту,
Ё кунам сарро фидоят, ё ба даст орам туро.
Шарт нест, эй дӯст,бар Хусрав туро чандин ҷафо,
Шарм дор, охир, ки ман ёри вафодорам туро!

* * *

Ман зи баҳраш дӯст дорам ҷони ишқандешро,
Ройгони доғи ӯ кардам дили дарвешро.
Ишқ беш аз бешу ман бисёр аз кам камтарам,
Ман кам аз кам чун кашам ин ранҷи беш аз бешро?
Не, ғалат кардам, агар хубон ба хешат раҳ диҳанд,
Раҳ мадеҳ, эй дӯст, сӯи хештан дарвешро.
Вақтро хуш дор бар рӯи бутон, чун рафтанист,
Ёд кун, охир, фаромушгаштагони хешро.
Ақл агар гӯяд, ки ишқ аз сар бинеҳ, аз хештан
Дур кун бо сар ба ҳам ақли хаёландешро.
Ҷон фидои дӯст кун, кам з-он зани ҳинду наӣ,
К-аз вафои шавҳараш зинда бисӯзад хешро.
Дард кунҷи роҳат аст, ар мурда ёбӣ табъро,
Доғ айни марҳам аст, ар пухта бинӣ решро.

Ман дилу дида нахоҳам доштан боре, дареғ,
Тир то боқист ин туркони кофаркешро.
Хусраво, гар ангубин мехоҳӣ аз шаккарлабон,
Аввал андар коми ширин кун забони нешро.

* * *

Соқиё, пеш ор ҷоми босафои хешро,
Рӯи мо бину ба мо деҳ рӯнамои хешро.
Кабкрафторо,яке бихрому по бар лола сой,
Бе ҳино кун лаъл пои лоласои хешро.
Дӣ шудӣ дар боғу гул аз баҳри гардафшонданат
Кард сад паркола домони қабои хешро.
Ҳар тараф баҳри муборакбоди наврӯзи баҳор
Мефиристад гул ба каф карда тилои хешро.
Кабки кухсорӣ зи ишқи лола бар ҳар теғи кӯҳ
Гом чандон зад, ки пурхун кард пои хешро.
Як дам имрӯз аз чаман моро ба маҷлис бор деҳ,
То ситонем аз ту ҷоми босафои хешро.

* * *

Баски андар дил фурӯ бурдам ҳавои хешро,
Шуъла афзунтар баромад сӯзи доғи пешро.
Душмане дорам, ки ҷон қурбонии ӯ мекунам,
З-он ки тире дархур аст ин кофари бадкешро.
Ишқ гунҷад дар дили тангу нагунҷад дар ҷаҳон
В-ин сухан дар дил нагунҷад ақли дурандешро.
Чошнии дарди ишқ он кас, ки нашносад ҳақаш
Бар дили маҷрӯҳи худ марҳам шиносад нешро.
Ашки тӯфонрез баҳри ҷустани васлам чӣ суд,
Шуст натвон чун зи бахти бад мар ин дарвешро.
Хусраво, дида фурӯ банду мабин рӯи рақиб,
З-он ки марҳам хуш набошад дидаҳои решро.

* * *

Овардаам шафеъ дили зори хешро,
Панде бидеҳ ду наргиси хунхори хешро.
Эй дӯсте, ки ҳаст хароши дилам зи ту,
Марҳам наменихӣ дили афгори хешро.
Донам, ки нозукию гаронбор мешавӣ,
Ҷонам, кӣ бар ту мефиганад бори хешро?!
Аз рашки чашми хеш набинам рухи ту ман,
Ту ҳам мабин дар оина рухсори хешро.
Озод бандае, ки туро диду зуд мурд
В-озод кард ҷони гирифтори хешро.
Бинмой қадди хеш, ки аз баҳри диданат
Сар барканем бахти нигунсори хешро.
Сарҳо басе задӣ, сари ман ҳам зан аз карам,
Аз сар ривоҷ деҳ равиши кори хешро.
Дашном аз забони туам мекунад ҳавас,
Таъзим кун бад ин қадаре ёри хешро.
Чун Хусрав аз ду дида хурад хун, сазад, агар
Созад намак ду чашми ҷигархори хешро.

* * *

Баҳор парда барандохт рӯи некӯро,
Намуна гашт ҷаҳон бӯстони минуро.
Яке дар абри баҳорӣ нигар зи риштаи субҳ,
Чӣ гуна мегусилад донаҳои лӯлӯро.
Сафар чӣ гуна тавон кард дар чунин вақте,
Зи даст чун битавон дод рӯи некӯро?
Ба боғ ғарқаи хун аст лола, донӣ, чист?
Зи теғи кӯҳ бурида-ст рӯзгор ӯро.
Ба вақти субҳдам овоз медиҳад булбул,
Даруни боғ тараннум забони хушгӯро.
Биё, ки то ба чаман дарравему биншинем,
Ба бӯи гул ба каф орем ҷоми гулбӯро.

Чу даст тар шавад аз бода, он гаҳе чӣ кунам,
Қафо занем мар ин олами ҷафоҷӯро.
Ҷаҳон чу беҳ нашавад, Хусраво, зи гиряву дард,
Фурӯ бибар ту ба тӯфон ҷаҳони бадхӯро.

* * *

Басе шаб бо маҳе будам, куҷо шуд он ҳама шабҳо?
Кунун ҳам ҳаст шаб, лекин сиёҳ аз дуди "ёрабҳо".
Хуш он шабҳо, ки пешаш будаме гаҳ масту гаҳ сархуш,
Ҷаҳонам мешавад торик, чун ёд орам он шабҳо.
Чӣ бошад, гар шабе пурсад, ки дар шабҳои танҳоӣ,
Ғарибе зери девораш чӣ гуна мекашад табҳо?
Биё, эй ҷони ҳар қолаб, ки то зинда шавад аз сар
Ба кӯят ошиқон, к-аз ҷон тиҳӣ карданд қолабҳо.
Агарчи дил бидуздидию ҷон, инак, бигӯ ҳолам,
Чӣ некӯ омад он ханда аз ин дида бар он лабҳо.
Ҳамегӯям ҳадиси абруву мижгони ӯ ҳар дам,
Чу тифлон сураи "нун в-ал-қалам"-хонон ба мактабҳо.
Маранҷ аз баҳри ҷоне, Хусраво, гар мекушад ёрат,
Ки бошад хубрӯёнро басе з-ин гуна мазҳабҳо.

* * *

Ману печоки зулфи он буту бедории шабҳо,
Куҷо хуспад касе, к-аш мехалад дар сина ақрабҳо?
Ҳама шаб дар таби ғам мазиям бо зулфу холи ӯ,
Чӣ савдоҳост ин, ё Раб, ки бо худ мезиям шабҳо?!
Дуои дӯстӣ аз хун нависанд аҳли ишқу ман
Ба хуни дида дашноме, ки бишнидам аз он лабҳо.
Ба хуни дил вузӯ созам, кунам саҷда ба сӯи ӯ,
Бувад ушшоқро, оре, басе з-ин гуна мазҳабҳо.
Гаҳе ғам мехӯрам, гаҳ хун, ҳамесӯзам ба сад зорӣ,
Чу парҳезе надорам, ҷон нахоҳам бурд аз ин табҳо.
Ба нола он навои сӯз берун мекашад Хусрав,
Ки ҷонҳо пойкӯбон меҷаҳад берун зи қолабҳо.

* * *

Зиҳӣ васфи рухат вирди забонҳо,
Лабат гоҳи сухан иксири ҷонҳо.
Чу механдад лаби шаккарфишонат,
Зи ҳайрат боз мемонад даҳонҳо.
Зи чашмат, к-ӯ ба дил рахти бало рехт,
Маро дар сина мерӯяд синонҳо.
Фалакро бин, ки мазлуме чу ман сӯхт,
Чаро оташ наборад з-осмонҳо?
Маро бо шакли расвоӣ хуш афтад,
Бихандед, эй рафиқон, бар каронҳо.
Шабе кардам ба бустон нола аз дард,
Раҳо карданд мурғон ошёнҳо.
“Аз ин раҳ рафт Хусрав” – халқ гӯяд,
Чу бинад ҷо ба ҷо ҳар ҷо нишонҳо.

* * *

Эй зулфи чалипои ту ғоратгари динҳо
В-эй карда гумони даҳанат рафъи яқинҳо.
Кофар накунад бар дили ман, ончи ту кардӣ,
Яъне ки дар ислом раво бошад аз инҳо?!
З-ин сон ки бикуштӣ ба шакарханда ҷаҳоне,
Хоҳам, ки ба дандон кашам аз лаъли ту кинҳо.
Аз носияи мо нашавад хоки дараш дур,
Чун сандали бут барҳаманонро зи ҷабинҳо.
Ман худ шудам аз кеш, вале гар санам ин аст,
Бисёр шавад дар сару кораш дилу динҳо.
Дар каъбаи мақсуд расидан кӣ тавонад,
Дар бодияи ҳаҷри ту аз фитна каминҳо.
Нолам ба сари кӯи ту ҳар субҳ ба уммед,
Чун мутриби дарҳои карам поси нишинҳо.
Гар меҳргиё боядат, эй дӯст, талаб кун
Ҳар ҷо, ки чакад оби ду чашмам ба заминҳо.
Душвор равад зикри ту, к-андар дили Хусрав
Монда-ст чу нақше, ки бимонад ба нигинҳо.

* * *

Дар хами гесӯи кофаркеш дорӣ торҳо,
Баҳри раҳ гумкардани покон-ст ин зуннорҳо.
Парда бардор аз рухе, к-он мояи девонагист,
К-аз димоғи оқилон берун барад пиндорҳо.
Фитнаи ҷавр асту офат корзори ҳусни ту,
Ҳуснро, оре, бувад з-ин гуна дастафзорҳо.
Оштӣ деҳ бо лабам лабро, ки озорам ба ғоз,
К-аш басе ин оштӣ хуш бошад ин озорҳо.
Хор-хоре бар дил асту ғунчаҳои хун бар он,
Чун кунам, худ чун ҷуз ин гул нашкуфад з-ин хорҳо?
Ошиқӣ гову алаф дил нест, бал нуқли сагон-ст,
Чун дили говон, ки бифрӯшанд дар бозорҳо.
Гуфтамаш: "Ҷон меканам, хун мехӯрам баҳри ту", гуфт:
"– Хусраво, муштоқро ҷуз ин набошад корҳо".

* * *

Чу дар чаман равӣ, аз ханда лаб мабанд он ҷо,
Ки то дигар накунад ғунча заҳраханд он ҷо.
Рухи ту дидаму гуфтӣ, сипанд сӯз маро,
Чу ҷон ба ҷост, чӣ сӯзад касе сипанд он ҷо?!
Касон ба кӯи ту пандам диҳанду дар ҷое,
Ки дида рӯи ту бинад, чӣ ҷои панд он ҷо?!
Ба хонаи ту ҳама рӯз бомдод бувад,
Ки офтоб наёрад шудан баланд он ҷо.
Ба шона сусттаре боф ҷаъди чун занҷир,
Магир сахт, ки девонаест чанд он ҷо.
Куҷо равам, ки зи рӯи ту ҳар куҷо, ки равам
Расад зи ҷаъди дарозат хами каманд он ҷо.
Зи зулфаш омадӣ, эй бод, ҳоли дилҳо чист?
Чӣ гунаанд асирони дардманд он ҷо?
Бар остони ту ҳар кас ба раҳмате махсус,
Магар, ки Хусрави бечора мустаманд он ҷо.

* * *

Бишкуфт гул дар бӯстон, он ғунчаи хандон куҷо?
Шуд вақти айши дӯстон, он лолаи бустон куҷо?
Ҳар бор, к-ӯ дар ханда шуд, чун ман ҳазораш банда шуд,
Сад мурда з-он лаб зинда шуд, дарди маро дармон куҷо?
Гӯянд, тарки ғам бигӯ, тадбиру сомоне биҷӯ,
Дармондаро тадбир ку, девонаро сомон куҷо?
Аз бахту рӯзӣ бо тараб Хизр об хӯрда, шуста лаб,
Пӯён Сикандар дар талаб, то чашмаи ҳайвон куҷо?
Мегуфт бо ман ҳар замон, к-аз ҷон ҳамеёбӣ амон,
Ман мебарам фармон ба ҷон, он ёри бефармон куҷо?
Гуфтам: “Туӣ ин дар танам, ё ҳаст ҷони равшанам?”
Гуфтӣ, ки “оре, ин манам”, гар ин туӣ, пас, ҷон куҷо?
Гуфтӣ, сабурӣ пеш кун, мискинӣ аз ҳад беш кун,
З-инам аз они хеш кун, ман кардам ин, ваҳ, он куҷо?
Пайдо гарат баъд аз маҳе дар кӯи мо набвад раҳе,
Аз нӯги мижгон гаҳ-гаҳе он пурсиши пинҳон куҷо?
З-ин пеш бо ту ҳар замон мебудаме аз ҳамдамон,
Хусрав на ҳаст охир ҳамон, он аҳду он паймон куҷо?

* * *

Аз ҷони ман ором рафт, ороми ҷони ман куҷо?
Ҳаҷрам нишони фитна шуд, фитнанишони ман куҷо?
Омад баҳори мушкдам, савсан дамиду лола ҳам,
Сабза ба саҳро зад алам, сарви равони ман куҷо?
Аз гиря мондам по ба гил в-аз дӯстон гаштам хиҷил,
Ҷон аз ҷаҳон бигсаст дил, ҷону ҷаҳони ман куҷо?
Дар кори ғам шуд суриям, бепарда шуд мастуриям,
Талх аст ишқ аз дуриям, шаккарфишони ман куҷо?
Шахсам заифу дида тар з-ин ресмону з-он гуҳар,
Ин худ муҳайё шуд, магар лоғармиёни ман куҷо?
Ҳар дам ҷигар дар сӯзу тоб, аз дида резад хуни ноб,
Инак маю инак кабоб, он меҳмони ман куҷо?

Дил рафт дар меҳмони ӯ, гуфт: “Они ӯям, они ӯ”,
Гар ҳаст ин дил з-они ӯ, охир, аз они ман куҷо?
Ман ҷаври он номеҳрубон дорам ба хомӯшӣ ниҳон,
Ӯ ҳам наёрад бар забон, к-он безабони ман куҷо?
Ҷон аст он ёри накӯ, рафта дили Хусрав бар ӯ,
Гар дил бирафта-ст, он магӯ, ин гӯ, ки ҷони ман куҷо?

* * *

Қандест оташинрӯ, шамъест ангубинлаб,
Моҳи сипеҳркисват, меҳри ҳилолғабғаб.
Қатрони мушку холаш аз мушку гул мусалсал,
Кофури обу хокаш аз ширу май мураккаб.
Турки ҷаҳонфурӯзаш ганҷе зи Нимрӯзаш,
Мӯи тилисмсӯзаш мори мусалсал аз шаб.
Гар осмонии, ваҳ, дар бурҷи маҳ набудӣ,
Саъди замин гирифтӣ аз вай вуболи кавкаб.
Хусрав, зи шавқи лаълаш то чанд сӯзӣ, охир,
Боре даме бурун ой аз сӯзиши таби шаб!

* * *

Мерезад аз тарӣ зи ту, эй ҷонфизой об,
Мо ташнаем, ташнаи худро намой об.
Хоки дари ту бар сару чашми пуроби мост,
Пайваста гарчи хок шавад зери пой об.
Оби ҳаётию нашавӣ ошнои ман,
То чашмҳои ман нашавад ошнои об.
Чун дар канори об хиромӣ хаёли ту,
Гӯӣ, ки ҳаст мардумаки чашмҳои об,
Эй чашмаи зулол, марав, к-аз барои ту
Мурдам, чунон ки мардуми обӣ барои об.
Меноламу барои ту мерезам оби чашм,
Ин нолаи ман аст, бигӯ, ё садои об?

Оби равон куҷо расад андар сиришки ман,
Хоҳӣ, бипурс з-оби равон моҷарои об.
З-ин пештар ба дидаи ман ҷои об буд,
Акнун бибин, ки ҳаст ҳама хун ба ҷои об.
Аз оби чашми банда бигардад, агарчи ҳаст
Сангин дили ту сахттар аз осиёи об.
Бигдохтам чу обу бисудӣ маро ба дил,
Кас дил чунин ба санг насояд ба ҷои об.
Акнун, ки оби чашм бало гашт мар маро,
Чашми маро кӣ бозхарад аз балои об?!
Хусрав аз ин сипас нагузорад инони ту,
Гӯ, барқбор оташу гӯ, абрзой об.

* * *

Эй зи ту хуршеди чарх дар маррази таффу тоб,
Аз мани торикрӯз талъати равшан матоб.
Чашмаи хуршедро об набошад дигар,
Чун ту зи таффи ҳаво хай кунӣ, эй офтоб.
Зулфи ту каж, печ-печ дар сари мӯи кажат,
Каж бинишинад, валек рост бигӯяд ҷавоб.
Бастаи зулфи ту гашт, рӯи дили ман сиёҳ,
Гӯри ман обод кард, хонаи чашмам хароб.
Чанд ба ваҳму хаёл аз лаби ту чошнӣ,
Ком чӣ ширин кунад хурдани ҳалво ба хоб?
Ман зи хаёли лабат нестам огаҳ зи хеш,
Мастии нақдам нигар, нася чӣ бинӣ шароб?!
Бар ману расвоиям гар ту кунӣ хандае,
Бас бувадам аз лабат, то бувад ин фатҳи боб.
Ҷон ба фидои рухе, к-аш чу назора кунӣ,
Сабр нагирад қарор, умр наҷӯяд шитоб.
Даст нашӯяд зи ту Хусрав, агарчи зи ишқ
Аз паи по шустанат хуни дили ман шуд об.

* * *

Эй туро дар дидаи ман ҷои хоб,
Дидаи бехобам аз ту ҷои об.
Шаб, ки хобам нест, баҳри диданат
Чанд созам хешро амдан ба хоб?!
Чашмам, эй ҷон, бо хаёли рӯи ту
Нимае абр асту ниме офтоб.
З-он лаби майгун, ки ҳуш аз ман бибурд,
Хун ҳамегирям чу бар оташ кабоб.
Бо лабат дорам саволе, чун кунам,
Танг меояд даҳонат дар ҷавоб.
Маст гаштам, баски хӯрдам хуни дил,
Чун нагардам маст бо чандин шароб?!
Гул шуд аз акси рухат дар чашми ман,
З-оташи дил мекашам з-он гул гулоб.
Ҳаст хуршеди қиёмат рӯи ту,
Хатти мушкин дафтари явмулҳисоб.
З-он қиёмат оламе дар ҷаннат аст,
Банда, Хусрав, то қиёмат дар азоб.

* * *

Эй тамомӣ хоби ман бурда ба чашми нимхоб
В-эй саросар тоби ман дода ба зулфи нимтоб.
Тоби зулфат бар сари олудаи хуни ман аст,
Гар нахоҳӣ рехт хунам, зулфро чандин матоб.
Зулфи мушкинат каманд афганд бар оҳуи Чин,
Нофаро хун баста шуд дар ноф аз он мушкин таноб.
Гул чунон беоб шуд дар даври рухсорат, ки гар
Хирмане аз гул бисӯзӣ, қатрае надҳад гулоб.
Гар ниқобе бар рухи рахшон кашӣ аз нозукӣ,
Рӯи ту пайдо бувад, пинҳон шавад дар вай ниқоб.
Хатти нав норуста мебинмоянд андар зери пӯст,
Чун хаёли сабзаи навруста андар зери об.

Маст гаштам з-он шароболудаи лабҳои танг,
Маст чун гаштам ман охир, гар тунук буд он шароб?
Боз мегирӣ ҷавобам дар саволи бӯсае,
Ё гирифта мешавад дар лаб зи ширинӣ ҷавоб.
Рӯзи ман солест бе ту з-он ки баҳри диданат
Умр аз рафтан ба ҷо монда-ст бо чандин шитоб.
Хоҳам аз зулфи ту тоб орам, ки банди ҷон кунам,
Зулф дар бозӣ дарорӣ, чун тавон овард тоб?!
Гарму сардӣ дид ин дил, к-аз хату рухсори ту
Нимае дар сояанду нимае дар офтоб.
Чашми ту дар айни мастӣ теғи мижгон баргирифт,
Хост бар Хусрав занад, к-аш ногаҳон бигрифт хоб.

* * *

Боз бурқаъ бар рухи чун моҳ барбастӣ ниқоб,
Гӯиё дар зери абре рафт ногаҳ офтоб.
Ҳамчу лола доғ дорам бар дил аз ҳиҷрони ту,
Шуд ҷигар бар оташи ишқат маро, эй ҷон, кабоб.
Ҳасратам з-ин қисса меояд, ки ман лаб бастаам,
Бемуҳобо, аз чӣ мебӯсад кафи поят рикоб?
Турки ман, то баҳри рафтан бастаӣ, охир, миён,
Дар канорам сели дида хун ҳамеронад чу об.
Як ханданг аз таркашат баркаш зи баҳри ҷони ман,
Новак аз мижгон чӣ ҳоҷат баҳри қатлам беҳисоб?!
Ҳамчу ғунча таҳ ба таҳ хун шуд дили ман, эй табиб,
Шарбате фармо аз он лаб, гар ҳамеҷӯӣ савоб.
Эй ҷудо афтода аз мо, мо ба ту пайвастаем,
То ба ту пайваста Хусрав, карда аз ғайр иҷтиноб.

* * *

Зиҳӣ, намуда аз он зулфу холу оразй хуб
Яке саводу дувум нуқтаву савум мактуб.
Саводу нуқтаву мактуби ӯст бар дили ман
Яке балову дувум фитнаву савум ошӯб.

Балову фитнаву ошӯби ӯ бувад моро
Яке муроду дувум мӯнису савум матлуб.
Муроду мӯнису матлуб ҳар се аз ман шуд
Яке ҷудову дувум ғолибу савум мағлуб.
Ҷудову ғолибу мағлуб ҳар се боз омад,
Яке ғулому дувум давлату савум маркуб.
Ғулому давлату маркуб бо се чиз хуш аст:
Яке ҳузуру дувум шодию савум маҳбуб.
Ҳузуру шодию маҳбуби ман бувад, Хусрав,
Яке шаробу дувум соқию савум рухи хуб.

* * *

Хонаам вайрон шуд аз савдои хубон оқибат,
Гашт дил мадҳушу ҷон шайдои хубон оқибат.
Ҳаст сар ба дӯши ман борею боре мекашам,
То магар андозамаш дар пои хубон оқибат.
Рӯи он дорам, ки хунамро бирезанд аҳли ҳусн,
Шуд мувофиқ рои ман бо рои хубон оқибат.
Гарчи бемеҳранд маҳрӯён ба ушшоқ, эй рақиб,
Ҷони ошиқ мешавад маънои хубон оқибат.
Сабру ҳушам аз саводи зулфи ҷонон гашт гум,
Шуд ҳамин суди ман аз савдои хубон оқибат.
Борҳо гуфтам, ки надҳам дил ба хубон, лек дил
Гашт аз ҷон бандаву мавлои хубон оқибат.
Бар дили маҷрӯҳи Хусрав дилбаронро нест раҳм,
Ҷон ба зорӣ дод аз савдои хубон оқибат.

* * *

Сифатест оби ҳайвон зи даҳони нӯшхандат,
Асарест ҷони ширин зи лабони ҳамчу қандат.
Ба кадом сарв бинам, ки зи ту сабур бошам,
Ки дароз монд дар дил ҳаваси қади баландат.
Ба хазони ҳаҷр мурдам, чӣ камат шавад, ки моро
Ба ғалат гуле шукуфтӣ зи даҳони нӯшхандат?!

Манаму ҳазор печиш зи хаёли зулф дар дил,
Ба куҷо равам, ки ҷонам раҳад аз ҳамин камандат?!
Ба раҳат фитода мурдам, равише намо ба ҷавлон,
Ки чу мард нест боре ба таҳи суми самандат.
Зи ту дур чанд сӯзам ба миёни оташи ғам?
Ҳама ғайратам зи уду ҳама рашкам аз сипандат.
Бизан, эй рафиқ, оташ, ки асар намонадам, то
Ту раҳӣ зи нолиши ман, мани сӯхта зи бандат.
Мапаз ин хаёл, Хусрав, ки ба ишқ дарнамонӣ,
Бувад ар-ш з-аҳли шаҳре шабу рӯз ришхандат.

* * *

Тамошогоҳи ҷонҳо шуд хаёлат,
Таманногоҳи дилҳо зулфу холат.
Биғалтам бехабар чун қуръаи фол,
Чу бинам талъати фархундафолат.
Мадор ин чашми ман чун далви пуроб,
Ки бошад офтоби ман вуболат.
Ишорат кардӣ аз абрӯ ба хунам,
Маро боре муборак шуд ҷамолат.
На ҷон аз лаб дарун омад, на берун,
Бало шуд ишқи побӯси хаёлат.
Чӣ хуш май мехурӣ аз хуни нобам,
Агар нанге наёрад з-ин сафолат.
Чу ҳолам шуд парешон бе ту, охир,
Бигӯ Хусрав, ки охир чист ҳолат?

* * *

Манаму хаёлбозӣ шабу рӯз бо ҷамолат,
Чӣ шавад, гарам бипурсӣ нафасе, ки “чист ҳолат?”
Хати ҷумла хубрӯён, ки барои мулки дилҳо
Зи қазост ҳуҷҷати ту, рақамест аз ҷамолат.
Сари ман ба гоҳи ҷавлон зи дарат мабод як сӯ,
Ки хуш он баландбахтон, ки шуданд поймолат.

Ба кадом накди даҳрат битавон харид ҳоло,
Ки ба нархи нимкунҷид ду ҷаҳон харид холат.
Кунӣ арчи зарра-зарра тани ман, раво надорам
Чу ту офтобвашро, ки бувад гаҳе заволат.
Бикашам зи чашм дида, зи барои он ки ҷонон,
Чӣ кунад чунин кулӯхе ба гузаргаҳи хаёлат.
Зи фироқ сӯхт Хусрав, накунад зи бахт хоҳиш,
Ки ғараз бувад, на ёрӣ, ки занам дам аз висолат.

* * *

Чун дар сухан дарояд лаъли шакармақолат,
Оби хаёт резад аз чашмаи зулолат.
Донӣ, ки чист маҳро андар миён сиёҳӣ,
Як нусхатест музлам аз дафтари камолат.
Бечора ман бимондам маҳрум аз ончунон рӯ,
То чашми кист, ё Раб, пайваста дар ҷамолат.
Аз шом то саҳаргаҳ чун шамъ мебисӯзам,
Мурдам, агар наёбам парвонаи висолат.
Азбаски дар фироқам бисёр кард пурсиш,
Якборагӣ бимондам шармандаи хаёлат.
Наздик шуд ҳалокам, пурсидане накардӣ,
К-эй дурмонда, аз ман, дар ҳаҷр чист ҳолат?
Кофардило, агарчи васлам ҳаром кардӣ,
Бодо чу шири модар хунҳои ман ҳалолат!
Чун мекушӣ-м, боре аз рӯи худ маяфган,
Бигзор то барояд ҷонам ба пеши холат.
Сад сол қиссаи худ гӯям, ки кам наёяд,
Валлоҳ, агар набошад андешаи малолат.
Гуфтӣ, ки ошиқӣ ту, мебоядам ҷавобе,
Азбаски мондаам ман ҳайрони ин саволат.
Натвон, ки кард як дам, эй маҳ, фаромуш аз дил,
Бо ин ки худ набинад Хусрав ҳазор солат.

* * *

Рӯзе аз дасти ҷафо, охир, инон бистонамат,
Доди худ донам, аз ин пас бар чӣ сон бистонамат?!
Рӯди ашкам гар гиребон гирадам аз дасти ту,
Доманат гирам гаҳе в-инсофи ҷон бистонамат.
Умр дар кори ту шуд, з-ин пас ману лаъли лабат,
Ё бимирам, ё ҳаёти ҷовидон бистонамат.
Рӯй бар хоки дарат молам в-агар фармон диҳӣ,
Хоки он дар ҳам ба нархи заъфарон бистонамат.
Бар намак мехоҳам ангуште занам, лабро мадӯз,
Ҳам ба шарти чошнӣ бӯе зи ҷон бистонамат.
В-ар наяфтад ҷон қабулат, зар надорам, чун кунам,
Ранги рӯи худ магар з-он остон бистонамат?
Юсуфи аҳдӣ, агар Хусрав бувад қиматгарат
В-ар диҳам мулки ду олам, ройгон бистонамат.

* * *

Гирам, ки нест пурсиши дармондагон фанат,
Кам з-он ки боре огаҳие бошад аз манат.
Хуршедвор як назаре кун, ки барзанад
Саргашта сад ҳазору чу зарроти равзанат.
Туркиву баҳри разм зиреҳ нест ҳоҷатат,
Мебошад оби дидаи ушшоқ ҷавшанат.
Ту дониву касон, биҳилат бод хуни ман,
Боре зи бори ман бувад озод гарданат.
Афтодагон, ки бар сари кӯят шуданд хок,
Доманкашон марав, ки бигиранд доманат,
Ту офтоби ҳуснию ман дар шаби фироқ,
Аз тирагии рӯзи бади ман чӣ равшанат?!
Пайкон даруни дил, макун, эй пандгӯ, забон
Не хори пост, ин ки барояд ба сӯзанат!
Мурдам дар ин ҳавас, ки чу ҷон дар барат кашам,
К-аз ҷон-ст зинда ҳар тану ҷони ман аз танат.
Баҳри худой чеҳра зи номаҳрамон бипӯш,
Хусрав бас аст булбули нолон ба гулшанат.

* * *

Бад-он баҳона, ки хунест бас фаровонат,
Ҷафо бикун,ки бар он карда нест товонат.
Маҳе, ки чок ба домони ҷонам афганда-ст
Ҳамон маҳест, ки толеъ шуд аз гиребонат.
Касе, ки ҷон ба сари як назора хоҳад дод,
Раҳо-ш кун, ки нигаҳ мекунад фаровонат.
Ба назди туст дилам, божгуна кун, ки дар ӯ
Кунӣ назора, ки чанд аст доғи пинҳонат.
Нигар, ки аз занахат чанд дил ба чоҳ афтод,
Ки то лаб аст пур аз ҷон чаҳи занахдонат.
Дарун-т дар ҷигари сӯхта кашам, ҳарчанд
Ки сар ба сар зи намак сохта-ст Яздонат.
Ба ним ханда чу сад ҷон диҳӣ ту Хусравро,
Ба ним ҷон чӣ тавон дод музди дандонат?!

* * *

Вақте ғуборе з-остон бифрист сӯи чокарат,
То кай тиҳичашмӣ кунад бо дидаам хоки дарат?
Дасте бидеҳ, эй ошно, дармондагонро,чунки шуд
Ғарқа ба ҳар як қатра хай сад дил зи рухсори тарат.
Дарёфтам дилдуздият аз ғамзаи ғаммози ту,
Он пардаи мо боз шуд, чун гашт пайдо гавҳарат.
Эй абр, гаҳ-гоҳе бигӯ он чашмаи хуршедро,
Дар қаъри дарё хок шуд аз ташнагӣ нилуфарат.
Гарчи зи раҳмат ояте шабҳо азобе бар дилам,
Азбаски ин нопок дил хонам ҳама шаб аз барат.
Охир кам аз наззорае аз дур дар нахли ту, гар
Дасти умедам кӯтаҳ аст аз шохи сабзи навбарат.
Дар банди парвоз аст ҷон, бигзор серат бингарам,
З-ин сон, ки дидам ҳоли худ, шояд набинам дигарат.
Мекун ҷафо, то пеши ту мерезам аз дида гуҳар,
Зеро, ки ту зеборухӣ, беҳ з-ин набошад зеварат.
Гӯӣ ба ханда, Хусраво, з-они туам, гарчи найӣ,
Таскини ҷони хешро ночор дорам боварат.

* * *

Шабу рӯз мебинолам зи ҷафои чашми мастат,
Чӣ кунам, ки менагирад ба дили ҷафопарастат.
Ба хами каманди зулфат ҳама олам андар омад,
Ба чӣ сон раҳам зи бандат, ба куҷо равам зи дастат?
Дили ман ба хок ҷӯиву наёбиаш аз ин пас,
Ки бимонд пой дар гил зи ғубори зулфи пастат.
Ҳама вақт шасти зулфат мани хастаро хуш ояд,
Ту чӣ мекашӣ, нагӯӣ, ки чунин хуш аст шастат.
Чу кушоиву бибандӣ ба хумори хоб наргис,
Шиканад ҳазор тавба зи яке кушоду бастат.
Набувад ҳамеша хубӣ зи барои чашми бадро,
Ту закоти ҳусн боре бидеҳ ин замон, ки ҳастат.
Зи дилам ба боғи ҳуснат ҳама боди тунд ҷунбад,
Туӣ арчи шохи нозук, натавон бад-ин шикастат.
Набувад фусурдагонро сари дӯстгонии мо,
Ки зи хуни дида бошад маи ошиқони мастат.
Нафасе нишину дил деҳ, ки дилам бибурдӣ аз ҷон,
Ба кушоди чашм тире, ки зи нӯки ғамза ҷастат.

* * *

Эй сар кашида аз ман, ман сар кашам ба пешат,
Гар аз тариқи хешӣ бинам аз они хешат.
Моему ғунчаи дил мавқуфи банди ишқат,
Ку бод, то бигӯяд аҳволи ман ба пешат?
Натвон ба шарҳ додан бо сад ҷаридаи гул
Ҳусне зи васфи рӯят, васфе зи шарҳ бешат.
То дида аз лаби ту дилро гулангубине,
Занбӯри ҷони ман шуд мижгони ҳамчу нешат.
Чун бинамат баногаҳ, хоҳам, ки ҷой созам
Дар синаи фигорат, андар даруни решат.
Лутфе ба банда-Хусрав аз тири ғамзаи ту,
Омоҷ кард сина, берун нашуд зи пешат.

* * *

Эй хонда бутони Чин шоҳат,
Аз Занг шикастагон сипоҳат.
Дудест бар оташат ҷаҳонсӯз
Он сабза, к-аз об шуд сиёҳат.
Шуд дар занахат ҳазор ҷон ғарқ,
Аз хай пури об гашт чоҳат.
Ҳар лаҳза ҷароҳат аст дар ҷон,
Бинам чу зи дур гоҳ-гоҳат.
Дуздам назар аз ду дидаи хеш,
Дуздида чу бингарам ба моҳат.
Шуд гиряам арчи пойгират,
Бурдан натавон чунин зи роҳат.
Гар хун резӣ зи сад чу Хусрав,
Рухсора бас аст узрхоҳат.

* * *

Онки зулфу орази ӯ ғайрати рӯзу шаб аст,
Ҷони ман аз меҳру моҳи рӯ-ш ҳар дам дар таб аст.
Рашки унноб аст ё худ пистаи хандони ӯ,
Себи симин аст худ ё он турунҷи ғабғаб аст?
Боз абри чашми ман бисёр борон шуд магар,
Моҳи хирмансӯзи ман имшаб ба қалби ақраб аст.
Баски фарёдам шаби ҳиҷрон ба гардун меравад.
Қудсиёнро аз тазаллум кор “ё Раб – ё Раб” аст.
Мешуморам ҳар шабе ахтар аз оби чашму субҳ
Нест равшан, к-ахтари бахтам кадомин кавкаб аст.
Соқиё, бар лаб расон ҷомеву он гаҳ деҳ ба мо,
З-он ки моро чун қадаҳ аз ташнагӣ ҷон бар лаб аст.
Тарки ҳар мазҳаб гирифтам, з-он ки назди пири дайр
Зикри мазҳаб лоуболӣ з-ихтилофи мазҳаб аст.
Мову Маҷнун дар азал нӯшидаем аз як шароб,
Дар миёни мо аз он рӯ иттиҳоди машраб аст.
Лофи доноӣ мазан Хусрав, магар девонаӣ,
Дар дабистоне, ки пири ақл тифли мактаб аст!

* * *

Гул зи рухсораи ту беоб аст,
Маҳ зи наззораи ту бетоб аст.
Мижжаҳои кажи диловезат
Кажжаҳои дукони қассоб аст.
Бо хаёли ту мардуми чашмам
Гоҳ ҳамхона, гоҳ ҳамхоб аст.
Имшабе, к-омадӣ ба хонаи ман,
Шамъро мекушам, ки маҳтоб аст.
Гар гузорӣ, бибӯсам абрӯи ту,
Баҳри таъзимро, ки меҳроб аст.
Ин дили хаста ғарқи хун аз ту,
Ҳамчу хаста миёни уннob аст.
Ғарқа шуд з-ошноият Хусрав,
З-он к-аш аз дида то ба лаб об аст.

* * *

Биё, ки бе ту дили хаста ғарқи хуноб аст,
Маро на тоқату сабру на заҳраи хоб аст.
Шаби уммеди маро рӯзи рӯшноӣ нест,
Ҷуз аз рухи ту, ки дар тирашаб чу маҳтоб аст.
Яке бибин, ки дили ман чӣ гуна месӯзад,
Даруни зулфи ту, гӯӣ, ки кирми шабтоб аст.
Ду чашми ту, ки ҳаме каъбатайни ғалтон аст,
Муқомир аст, вале мӯътакиф ба меҳроб аст.
Зи ҷаври чашми ту тан дардиҳам ба беморӣ,
Чу накди офият андар замона ноёб аст.
Рухи чу оби ҳаёти ту оби банда бирехт,
Ҳанӯз дӯстии банда ҳам бар он об аст.
Гар оби дида канам, таънаҳои сахт мазан,
Ки ҳамчу хишт задан дар миёнаи об аст.
Ҳикояти ману ту пӯст боз кард зи ман,
Накӯ шунав масали гӯсфанду қассоб аст.
Ту қалб мезанию бад нагӯядат Хусрав,
Чу нест он зи ту, ин аз сипеҳри қаллоб аст.

* * *

Биё, к-аз рафтанат ҷонам хароб аст,
Дил аз шӯри намакдонат кабоб аст.
Диранги омадан, эй умр, кам кун,
Ки умр аз баҳри рафтан дар шитоб аст.
Ман оям ҳар шабе сӯи ту, лекин
Ҳама шаб хонаи ту моҳтоб аст.
Сияҳ шуд рӯи мо аз ту, ки рӯям
Заволи рӯзи моро офтоб аст.
Надорад чашмаи хуршед обе,
К-аз он чашма ту бурдӣ ҳар чӣ об аст.
Набошад ҳеҷ мӯи нофа аз мушк,
Вале мӯи ту яксар мушки ноб аст.
Чу бар ширинлабат аз рух чакад хай,
Тамоми оби он шарбат гулоб аст.
Маро гар як саволе аз лаби туст,
Зи чашмат даҳ ҷавоби носавоб аст.
Сухангӯе чу Хусрав пеши чашмат,
Забуни ғамзаи ҳозирҷавоб аст.

* * *

Ободтар он сина, ки аз ишқ хароб аст,
Озодии он дил, ки дар он зулфи батоб аст.
Ку ғамзадае, то кунад аз нолаи ман рақс,
К-ин нолаи ман замзамаи чангу рубоб аст.
Ҷустам ба савол оби ҳаёте зи лаби дӯст,
Ӯ баршиканон гашт зи ман, к-ин чӣ ҷавоб аст?
Эй он ки ба фирдавс набинӣ ба латофат,
Ман донаму ман, к-аз ту бар ин дил чӣ азоб аст.
Дар пеши дили хеш ҳар афсона, ки гуфтам,
Гуфтӣ, ки фусуне зи паи бастани хоб аст.
Гар лаъли ту эҳё кунадам, дер шуд ин дайр,
З-омадшуди султони хаёли ту хароб аст.

Даҳбора макун аз паи нуқле ғами худро,
К-охир дили мискини ман аст, ин на кабоб аст.
Хусрав, ки ғариқ аст ба таслим, ки моро
Киштӣ наву мақсуд бар он ҷониби об аст.

* * *

Хунхора чашми ту, ки раҳи марду зан зада-ст,
Ҳар шаб ба хобгоҳи мани мумтаҳан зада-ст.
Ман хоки раҳ бӯсаму аз худ ба ғайратам,
Оҳ аз сабо, ки бӯса туро бар даҳан зада-ст!
Дил доманат гирифту раҳо чун кунад касе
Пире, ки бӯи Юсуфаш аз пераҳан зада-ст?!
Гаҳ-гаҳ биёмадӣ суи мо корвони сабр,
Лекин балои ғамзаи ту роҳи ман зада-ст.
Эй порсо, чӣ сар заниям ту, ки майфурӯш
Сад кӯза бар сари мани тавбашикан зада-ст.
Дӣ гуфтӣ, оҳ мезанӣ, аз мо-т шарм нест,
Оташ зада-ст дар ману з-он як сухан зада-ст.
Рӯзам чу бе вай аст, шабаш хоб дидаам,
К-он ҷони пок такя ба паҳлӯи ман зада-ст.
Бар кӯҳ бод нолаи Хусрав, на бар дилат,
К-ин тешаест сахт, ки он Кӯҳкан зада-ст.

* * *

Ҷоно, карашмаи ту раҳи ақлу дин зада-ст,
Фарёд аз он карашма, ки роҳам чунин зада-ст!
Фитна ба гӯшаҳои ду чашмат ниҳон шуда-ст,
Офат ба кунҷҳои даҳонат камин зада-ст.
Морест гирди ақраб, з-ин ҳалқа ҷустаӣ
Он ҷаъди халқа-халқа, ки дар зери зин зада-ст.
То бод бурд буи ту дар боғ пеши сарв,
Аз дасти бод лола кулаҳ бар замин зада-ст.
Аз баҳри он ки лофи ҷамоли ту мезанад,
Сад бор бод бар даҳани ёсамин зада-ст.

Гуфтам ба дил, ки бар ту кай зад новаки ҷафо,
Сӯи ту кард ишорати пинҳон, ки ин зада-ст.
Чашми ту рой зад, ки кушад бандаро ба зулм,
Инсоф медиҳам, ки чӣ рои матин зада-ст.
Хусрав,ту кистӣ, ки дарой дар ин шумор,
К-ин ишқ теғ бар сари мардони дин зада-ст?!

* * *

Боз боди сабо бичунбида-ст,
Тибби мушки Хито бичунбида-ст.
Бӯи хун омад аз сабо ногаҳ,
Ошиқеро ҳаво бичунбида-ст.
Мову девонагӣ дигар, к-он зулф
Боз бар ҷони мо бичунбида-ст.
Ёди Хусрав ҳамекунад, ё Раб,
К-ин сухан аз куҷо бичунбида-ст?

* * *

Нигоре чун ту зебо кас надидаст,
Чунон рӯе дигар ҷо кас надидаст.
Ниҳон медорӣ аз ман хештанро,
Чунин ҷавр ошкоро кас надидаст.
Биё имрӯз, то серат бибинам,
Магӯ фардо, ки фардо кас надидаст.
Тамошо мекунам дар боғи рӯят,
К-аз ин хуштар тамошо кас надидаст.
Зи оби дида саҳро гашт дарё,
Бибин, к-ин обу саҳро кас надидаст.
Маро гӯӣ, ки дил бар ҷои худ дор,
Дили ушшоқ бар ҷо кас надидаст.
Зи Хусрав дил, ки дуздидӣ, бидеҳ боз,
Магӯ дидаст кас, ё кас надидаст!

* * *

Ишқи ту балои ҷонписанд аст,
Як ханда аз он даҳон писанд аст.
Як гардиши чашми ту ба мастӣ
Фитна ба ҳамон ҷаҳонписанд аст.
Беҳуда ба сайд мезанӣ тир,
Он чошнии камон писанд аст.
Гар ман дили гумшуда наёбам,
Бар ҳамчу туе гумон писанд аст.
Гуфтӣ, ки дуои сабр мехон,
Номи ту бар ин забон писанд аст.
Эй чархи бало, чӣ мефиристӣ,
Моро ғами он ҷаҳон писанд аст.
Гар давлати васл нест моро,
Бадномии мардумон писанд аст.
Андар таби ғам тапид Хусрав,
Он наргиси нотавон писанд аст.

* * *

Зи ман нозукмиёне дур мондаст,
Диле рафтасту ҷоне дур мондаст.
Пур аз хун аст ҷӯи дидаи ман,
Ки аз сарви равоне дур мондаст.
Ғаму дарду ғарибӣ аз касе пурс,
Ки ӯ аз хонумоне дур мондаст.
Ҳалоки ҷони мо он пир донад,
Ки рӯзе аз ҷавоне дур мондаст.
Харошида бувад овози мурғе,
Ки ӯ аз бӯстоне дур мондаст.
Бичӯед аз забони банда он ҷо,
Диле аз безабоне дур мондаст.
Шабе ёдаш диҳӣ аз Хусрав, эй бод,
К-аз ин дар посбоне дур мондаст.

* * *

Чашмам, ки ба рӯи ту фитодаст,
Бар офати худ назар ниҳодаст.
Роҳест барои бурдани ҷон,
Абрӯи каҷат миён кушодаст.
Хатти ту дарунаи маро сӯхт,
Шак нест, к-аз офтоб зодаст.
Зулфат сару по шикаста з-он аст,
К-аз сарви баланд уфтодаст.
Инсофи мани шикаста бистон
З-он турра, ки доди зулм додаст.
Гуфтӣ зи лабам бинӯш бода,
Хун менӯшам, чӣ ҷои бодаст?!
Хусрав зи ту беқарору бо туст,
Дилро чӣ кунам, ки худ мурод аст.

* * *

Манам имрӯзу сад тимор бар даст,
На дил бар дасту на дилдор бар даст.
Ба осонӣ дилам аз бар бирафта-ст,
Ҳамеояд кунун душвор бар даст.
Нигоро, дасти озорам кушодӣ,
Чӣ меояд аз ин озор бар даст?
Туӣ аз рӯз то шаб дар тамошо,
Чаман дар оина, гулзор бар даст.
Манам аз ҷустуҷӯи чун ту боғе
Гул андар дида монда, хор бар даст.
Мадеҳ аз даст Хусравро, ки дорад
Зи ту муште ғаму тимор бар даст.
Ҳама шаб гирди кӯят баҳри марҳам
Ҳамегардад дили афгор бар даст.

* * *

Маро вақте диле озод будаст,
Дарунам беғаму ҷон шод будаст.
Намак зад шӯхе андар ҷону нав кард
Ҷароҳатҳо, ки дар бунёд будаст.
Чӣ хуш будаст ақли маслиҳатҷӯй,
Ки чандин з-ин бало озод будаст.
Нигоро, ҳеҷ гоҳе ёд дорӣ,
К-аз ин бечорагонат ёд будаст?
Шаб омад бод, бурд аз ҷои хешам,
Ки бӯи зулфи ту бо бод будаст.
Ба фарёдам бихондӣ диву мурдам,
Ки ҷонам ҳамраҳи фарёд будаст.
Ҷафокаш, Хусраво, к-аз дӯст пайваст,
Насиби ошиқон бедод будаст.

* * *

Эй хуш он вақте ки моро дили беғам будаст,
Хотир аз васвасаи ишқ фароҳам будаст.
Лаззати айшу тараб ҷумла бирафт аз комам,
Хӯришам, гӯй, ки пайваста ҳамин ғам будаст.
Дил надорам, ғами ҷонон зи чӣ битвонам хӯрд,
Пеш аз ин гарчи ғаме буд, диле ҳам будаст.
Дӯш ман будаму танҳоӣ дар маҷлиси дард,
Нуқл ёди туву май ашки дамодам будаст.
Кас чӣ донад, ки чӣ рафт аз ғами ту бар ман дӯш,
Аз шаби тира хабар пурс, ки маҳрам будаст.
Сабрро додаам овоз, чу тоқат бирасид,
Дам назад, гӯӣ, аз он ҷониби олам будаст.
Дидаам хуб басе, лек чу ту кам дидам,
Ишқ будаст маро лек чунин кам будаст.
Исми ҷониву яке рӯз дамам медодӣ,
Зиндагонем, ки буда-ст, ҳамон дам будаст,
Як шабе шарбати лаб бахш, ки мискин Хусрав
Сад шаб аз васвасаи ҳаҷри ту дарҳам будаст.

* * *

Наргиси масти ту хоболуд аст,
Лаби лаъли ту шароболуд аст.
Кай шавад боз худ аз нолаи ман
Чашми масти ту, ки хоболуд аст?
Аз тарӣ хост чакидан чу гулоб
Лаби ту, к-аз маи ноб олуда-ст.
Сухани талхи ту з-он ширин аст,
К-аз шакар роҳи ҷавоб олуда-ст.
Банда, Хусрав, чӣ гунаҳ кард имрӯз,
Ки ҳадисат ба итоб олуда-ст.
Лаби ту дар дили ман биншаста-ст,
Намакеро ба кабоб олуда-ст.

* * *

Баҳор ғолия дар домани сабо суда-ст,
Ба бӯстон-т гулу лола тӯда бар тӯда-ст.
Зи шарми бахшиши абр офтоб рух бинҳуфт,
Чунон ки пеши касе беш рӯй нанмуда-ст.
Миёни ғунчаву гул ҳеҷ кам намегунҷад,
Магар сабо, ки басе дар миёнашон буда-ст.
Биёр бода ба паймона, з-он ки дар ҳама умр
Касе, ки бода нахӯрда-ст, бод паймуда-ст.
Бирез хуни сурохӣ, ки ин ҷаҳон сад хун
Бирехтаст, ки дасташ гаҳе наёлуда-ст.
Дар ин замона, ки даври замон-ш пур зи ғам аст,
Шароб хур, ғамӣ гетӣ махур, ки беҳуда-ст!

* * *

Гар боғ пуршукуфаву гулзор хуррам аст,
Моро чӣ суд, чун дили мо бастаи ғам аст!
Чун боди субҳ гирди ғамободи коинот
Бисёр гаштаем, диле шодмон кам аст.
Ҷуз сели ғам наборад аз ин сақфи нилгун,
Мискин касе, ки сокини ин сабзторам аст.

Ҷуз хуни дил мудом набошад шароби ӯ,
Ҳар ҷо яке фақир дар атрофи олам аст.
Аҳли тамиз хору ҳақиранд назди халқ,
Ҷоҳил ба назди хеш бағоят муаззам аст.
Чашми тараб, чӣ гуна тавон доштан зи чарх,
К-он хирагард низ зи асҳоби мотам аст.
З-абнои рӯзгор вафое надид кас,
Раҳмат бар он касе, ки бад-эшон на ҳамдам аст.
Хусрав бирав ба кунҷи қаноат қарор гир,
Май нӯшу сар матоб зи ёре, ки маҳрам аст.
Ҳаққо, ки як пиёлаи дурдеву пои хум
Хуштар басе зи ҷому саропардаи Ҷам аст.

* * *

Аз ман он комёбро чӣ ғам аст,
З-ин шаб он моҳтобро чӣ ғам аст?!
Зарраҳо гар шаванд зеру забар,
Чашмаи офтобро чӣ ғам аст?!
Гар бисӯзад ҳазор парвона,
Машъали хонатобро чӣ ғам аст?!
Гар маро нест хобе андар чашм,
Чашми он нимхобро чӣ ғам аст?!
Хирмани хас, ки гашт хокистар,
Оташи пуразобро чӣ ғам аст?!
В-ар кунам ман саволи куштани хеш,
Турки ҳозирҷавобро чӣ ғам аст?!
Хусрав ар ҷон диҳад, ту дер бизӣ,
Моҳӣ ар мирад, обро чӣ ғам аст?!

* * *

Гирифта дар бар андоми ту сим аст,
Бародархондаи зулфат насим аст.
Аз он зулфи сияҳ бармашкан онро,
Баногӯши туро дурри ятим аст.

Ба раъної чунин маҳром ғофил,
Ки аз чашми бад андар роҳ бим аст.
Дили ман дар ғамат ниме намонда-ст
В-аз ин як ғам дили сад кас дуним аст.
Зи ёди хандаи мардумфиребат
Маро ду дида пурдурри ятим аст.
Ба аҳди фитнаву ошӯби зулфат
Касе к-ӯ хуш зияд, ринди ҳаким аст.
Китоби сабр хонда банда Хусрав,
Ки ҳар шаб маҷлиси ғамро надим аст.

* * *

Моро чӣ ғам имрӯз, ки маъшуқа ба ком аст,
Олам ба муроди дилу иқбол ғулом аст.
Сайде, ки дили халқи ҷаҳон буд ба домаш,
Алминнатулиллоҳ, ки имрӯз ба дом аст.
Чашми ту агар хуни дилам рехт, аҷаб нест,
Ӯро чӣ тавон гуфт, ки ӯ масти мудом аст.
Аз тоқи ду абрӯи ту, эй каъбаи ислом,
Халқе ба гумонанд, ки то қибла кадом аст.
Хусрав, ки саломат накунад, айб магираш,
Ошиқ, ки туро дид, чӣ парвои салом аст!

* * *

Ҳусн, ки андеша ба кораш гум аст,
Кай ба ҳади маърифати мардум аст.
Парда барафган, ки гаҳи ва-з-зуҳост,
З-он ки раҳе дар туву дар худ гум аст.
Борагӣ оҳистатар, эй шаҳсавор,
З-он ки сафи мӯр ба зери сум аст.
Ин тани чӯбӣ, ки ба сад пора бод,
Пухтани савдои туро ҳезум аст.
Хоб ба афсун магар орем, аз он-к
Хобгаҳи ғамзада пуркаждум аст.

Бахти бадам беҳ нашавад з-оби чашм,
З-он ки саодат на дар ин анҷум аст.
Ман ба сафо кай расам аз дурди хум,
Фитнаи соқӣ-м чу дум дар дум аст.
Эй, ки ниҳӣ мурғи ҳарам номи ман,
Ҳасрати ман бар магасони хум аст.
Хусрав аз ишқ зияд, не ба табъ,
Унсури ушшоқ магар бехум аст?

* * *

Ишрату роҳат наҷӯям, кори ман хун хӯрдан аст,
Ман хушам бо дард, марҳам ҷони ман озурдан аст.
Ҷони ман аз мояи ғамҳои ту парварда шуд,
Халқ ғам донанд, назди банда ҷонпарвардан аст.
Куштани ман бо рақиб андозу худ ранҷа машав,
З-он ки хуни чун мане не лоиқи он гардан аст.
Ёр маҳмил ронду саргардон дилам ҳамроҳи ӯ,
Дер кардам ман, ки ҷон дар рахт берун бурдан аст.
Чоки доман муждаи бадномиям дод, эй сиришк,
Ёрияш кун, к-ӯ маро дар банди расво кардан аст.
Эй маломатгӯи ман, ҷое ки тобад офтоб,
Зарраи саргаштаро чӣ ҷои гард овардан аст?!
Пандгӯё, гуфтугӯ кам кун, ки пайконхӯрдаро
Дар кашидан беш аз он ранҷ аст, к-андар хӯрдан аст!
Бас кун, эй мутриб, ки шаҳр аз шуълаҳои ман бисӯхт,
Равғани хеш оташеро рез, к-андар мурдан аст.
Қиссаи ишқ арчи бар ҷон мезанад, маҳрам чу нест,
Хусраво, тан зан, ки не ҷои сухан густурдан аст.

* * *

Ҳанӯз он рухи чун маҳ пеши чашми ман аст,
Шиканҷи ҷонам аз он зулф дарҳаму шикан аст.
Чӣ суд пухтани савдо, чу шамъи ҷонам сӯхт,
Зи оташе, ки маро дар даруна шуълазан аст.

Шабам, ки то ба қиёмат умеди субҳаш нест,
На ин шаб аст, ки рӯзи сиёҳи бахти ман аст.
Ба таъну сарзаниш, эй пандгӯ, чӣ тарсонӣ
Сари маро, ки қадамгоҳи санги марду зан аст.
Ҳазор номаи ислом пора кард хатиб,
Ки боз номаи куфри ҳазор барҳаман аст.
Магӯ, ки бар лаби ту лаб ниҳодаам дар хоб,
Маро, ки ҷон ба лаб омад, чӣ ҷои ин сухан аст.
На он чунон-ст, ки ҷоят нигаҳ тавонад дошт
Латофате, ки ба болои сарву норван аст.
Чӣ хониям суи гулзор турки Хусравгир,
Куҷо асири рухатро сари гулу чаман аст?!

* * *

Зи баски гӯши ҷаҳоне пур аз фиғони ман аст,
Ба шаҳр бар сари ҳар кӯй достони ман аст.
Ба бедилӣ агарам ҷон равад, аҷаб набвад,
Чу дил намедиҳадам, он ки дилситони ман аст.
Дуои умр кунандам, вале қабул мабод,
Маро чу зинда намехоҳад, он ки ҷони ман аст.
Чу шамъ сӯхтам аз ном гуфтанат ҳама шаб,
Маро забонаи оташ ҳамин забони ман аст.
Миёни ҷону танам дурӣ уфтад, тарсам
Зи дурие, ки миёни туву миёни ман аст.
Ту дар даруни ман, эй ҷони хаста, танг маой,
Ки як-ду рӯз дар ин хона меҳмони ман аст.
Мабин гадоии ман бар дарат, ки аз ҳиммат
Тавонгарам, ки ғамат ганҷи шойгони ман аст.
Ту з-они ман нашавӣ, нест бахти онам, лек
Ҳамин бас аст, ки гӯӣ, ки Хусрав они ман аст.

* * *

Дарди сари дӯстон з-оҳу фиғони ман аст,
Коҳиши ҷони табиб дарди ниҳони ман аст.
Чанд тавон дид, вой, бар дили мискин ҷафо,
Гир, ки бегона шуд, охир аз они ман аст.
Аз дами сарди фироқ барги ҳаётам намонд,
Офати ин баргрез з-оҳу фиғони ман аст.
Гиря, ки аз сӯзи дил гарм бурун медиҳам,
Қатраи об аст, лек шуълаи ҷони ман аст.
Дил, ки зи ман гашт гум, бар ту гумон мебарам,
Ҳаст туро худ яқин он чӣ гумони ман аст.
Шӯӣ ҳам аз хуни ман хоки сари кӯи хеш,
То биравад ҳар куҷо ному нишони ман аст.
Бехабаре пандгӯ беҳуда ҷон меканад,
Аз паи мурдан ба ишқ гар нигарони ман аст.
Меравад он шӯху ман гарчи кунам нола беш,
Бознаёяд, аз он-к умри равони ман аст.
Дӯш ба Хусрав зи лутф гуфт: “Ғуломи манӣ”,
Мартабаи ин хитоб нархи гарони ман аст.

* * *

Аз он гаҳе, ки дили ман ба сӯи ёри ман аст,
Раҳе дароз, ки шабҳои интизори ман аст.
Магар ту худ кунӣ ин лутф в-арна медонам,
Ки он ҷамол на дархурди рӯзгори ман аст.
Маро ба мастӣ маъзур дор, эй ҳушёр,
Ки ин зимом на дар дасти ихтиёри ман аст.
Чу лола ҷом пур аз хун, чу гул гиребон чок,
Зиҳӣ, шукуфа, ки имсол навбаҳори ман аст.
Ҳазор бор ҳамегуфтам, эй дили бадхӯй,
Ки ишқбозӣ бо некувон на кори ман аст.
Нишони хоки ситам гаштааст дар раҳи ишқ,
Ҳар он ғубор, ки дар домани нигори ман аст.
Ба теғ бар дили Хусрав ҳақи ҷафо нагзорд,
Худо-ш хайр диҳад, он ки ҳақгузори ман аст!

* * *

Куштаи теғи ҷафоят дили дарвеши ман аст,
Хастаи тири балоят ҷигари реши ман аст.
Некхоҳе, ки кунад манъ зи ишқи ту маро,
Мункаре в-он ба ҳақиқат, ки бадандеши ман аст.
Ҳар гурӯҳе бигузиданд ба олам дине,
Ошиқӣ дини ману бехабарӣ кеши ман аст.
Сабр кам дораму шавқи рухи ӯ аз ҳад беш,
Ғайр аз ин нест дигар, ҳар чӣ каму беши ман аст.
Гуфтам: "Аз нӯши лабат ком кӣ ёбад?" Гуфто:
"Он ки маҷрӯҳтар аз ғамзаи чун неши ман аст".
Гар дил аз мо бибуриду ба ту пайваст, чӣ бок,
Ошно бо туву бегона зи ман хеши ман аст.
Ҷон аз ин бодия, Хусрав, натавон бурд ба ҷаҳд,
Воҳ аз ин водии хунхора, ки дар пеши ман аст!

* * *

Тани покат, ки зери пераҳан аст,
Ваҳдаҳи лошарик лаҳ, чӣ тан аст?
Ҳаст пероҳанат чу қатраи об,
Ки тунук гашта бар гулу саман аст.
Бо худам каш даруни пероҳан,
Ки ту ҷониву ҷони ман бадан аст.
То зиям, дар ғами ту ҷома дарам
В-аз паси марг навбати кафан аст.
Дил басе бурдаӣ, накӯ бишинос,
Он кӣ хастатар аст, аз они ман аст.
Андар ою миёни ҷон бинишин,
Ки ту ҷониву ҷон туро бадан аст.
Гуфтаӣ: "Тарки ту нахоҳам гуфт",
Тарки ман, гӯ чӣ ҷои ин сухан аст?
Дили Хусрав хуш аст бо тангӣ,
Ки маро ёдгор аз он даҳан аст.

* * *

Ману шаб, зиндагонии ман ин аст,
Дилу ғам, шодмонии ман ин аст.
Ҳама шаб хуни дил нӯшам ба ёдаш,
Шароби арғувонии ман ин аст.
Ҳаменолам шаби бедории ҳаҷр,
Суруди меҳмонии ман ин аст.
Ману кунҷи ғаму шабҳои торик,
Тарабҷои ниҳонии ман ин аст.
Бибандад чашми ман бар ман хаёлаш,
Ки шабҳо ёри ҷонии ман ин аст.
Зи ишқаш гоҳ мирам, гаҳ зиям боз,
Тариқи зиндагонии ман ин аст.
Набояд, к-ояд аз тангии ман танг,
Бар ин дил бадгумонии ман ин аст.
Раҳо кун, то бимирам зери поят,
Ки умри ҷовидонии ман ин аст.
Бас аст ин қисмати Хусрав, ки гӯӣ
Ғуломи ройгонии ман ин аст.

* * *

Он кӣ бурда-ст дилам – зулфи парешон ин аст
В-он ки кушта-ст маро – наргиси ғалтон ин аст.
Омад он сарви хиромону ба ҷонам бинишаст,
Ваҳ, ки бо ҷон равад, ар сарви хиромон ин аст!
З-ошноӣ хатарам бошаду мегуфт ҳаким:
“Донам, он зудкушу дерпушаймон ин аст”.
Гар ғаме гирадат аз куштани ман, айб магир,
Чӣ кунам, хосияти хуни мусулмон ин аст!
Ман ҳамегӯям сӯзи дилу ту механдӣ,
Он ки “бар сӯхта, гӯянд, намакдон”, ин аст.
Ҳама шаб ҷони ман асту ғами хубон то рӯз,
Оқибат дар ғами хубон равад, ар ҷон ин аст.
Теғи ишқ аст, мубоҳот набошад, Хусрав,
Сар ба таслим фуруд ор, ки фармон ин аст.

* * *

Зулфи сияҳи ту мушки Чин аст,
Болои ту сарви ростин аст.
Лаъли ту нигини хотами ҳусн
В-он хатти ту нақши он нигин аст.
Гар мум бувад миёни хотам,
Дар хотами лаъл ангубин аст.
Моҳ аст рухат, дар он сухан нест,
Қанд аст лабат, сухан дар ин аст.
Ҳар лаҳза ба куштанам кашад теғ
Чашми ту, ки шӯху нозанин аст.
Гуфтам, ки туро камин ғуломам,
Гар ҳаст гуноҳи ман, ҳамин аст.
Моро зи лаби ту нест қисме,
Тадбир чӣ суд, қисмат ин аст.
Ту ғамза чӣ мезанӣ ба Хусрав,
К-ин тири сипеҳр дар камин аст.

* * *

Гар туро нозу бадхуӣ ин аст,
Вой бар дил, агарчи сангин аст.
Айшам ар бад равад, балое нест,
Ту накӯ меравӣ, бало ин аст.
Меравию намеравӣ аз дил,
Ин чӣ шакли хушу чӣ оин аст?
Гар дили ман кабоб шуд, ту биханд,
К-он намак шӯр нест, ширин аст.
Мебимирам, гар оби чашме нест,
Хандае кун, ки вақти ёсин аст.
Ҳар шаб аз оби чашму бедорӣ
Чашми ман ошнои Парвин аст.
Аз хаёлат ба саҷдаҷои дилам
Аввали шаб намози пешин аст.
Накунӣ гар нигоҳ, маъзурӣ.
К-ат чу Хусрав ҳазор мискин аст.

* * *

Рӯзгорест, ки дар хотирам ошӯби фалон аст,
Рӯзгорам чу сари зулфи парешон-ш аз он аст.
Дар ҳама шаҳр чу афсона бигуфтанд зану мард,
Қиссаи мост, бар онем, ки аз халқ ниҳон аст.
Ҳамчунин дар ақиби рӯи накӯ меравадам дил,
Гар ҳамехоҳаду гар не, чӣ кунад, мӯи касон аст.
Гунаҳ аз ҷониби мо мекунаду мешиканад аҳд,
Ҳар чӣ фармояд, агарчи на чунон аст, чунон аст.
Ҳоким аст, ар бикушад в-ар бизанад ё бинавозад,
Чӣ кунам бар сари мамлуки худаш ҳукмравон аст.
Мо ҳамонем, ки будему зиёдат ба иродат,
Ёр, мушкил ҳама он аст, ки бо мо на ҳамон аст.
Меравад ғофилу в-он гаҳ накунад низ нигоҳе,
З-он ки Хусрав зи паяш наъразанон, ҷомадарон аст.

* * *

Эй, ки рӯи ту ҳаёти ҷон аст,
Дида ҷоят шуду ҷои он аст.
Моҳро аз рухи чун хуршедат
Дар шаби чордаҳум нуқсон аст.
Сухан андар лаби ту дил бибарад,
Дил чӣ бошад, ки сухан дар ҷон аст.
Бе лабат ҳар лаби лаъле, ки газам,
Сангреза ба таҳи дандон аст.
Нотавонам, ки ғамат бар ман кард,
Ҳар чӣ аз ҷавру ҷафо битвон аст.
Силк дар киштӣ маро з-оби ду чашм
Тори ҳар ришта, ки дар домон аст.
Ба гаҳи гиря саводи чашмам
Тира, гӯӣ, ки шаби борон аст.
Гуфтиям: “Ғам бихуру осон гир”,
Ин ба гуфтан, санамо, осон аст.
Ҳазар аз шуълаи оҳи Хусрав,
Ки дилаш сӯхтаи ҳиҷрон аст.

* * *

Рӯи ту ба пеши назар осоиши ҷон аст,
Озодагии ҷони ман ар ҳаст, ҳамон аст.
Дар шаҳр чу ту фитнаву мардумкушу бедод,
Ман зистани халқ надонам, ки чӣ сон аст?
Бас дилшудае, к-ат назаре дидаву мурда-ст,
Ҷонаш ба адам рафтаву сӯят нигарон аст.
Турке, ки ду абрӯ-ш нишастаст ба дилҳо,
Қурбон-ш ҳазор аст, агарч-аш ду камон аст.
Кай бар ту чу хуршед расам ман, ки ба хорӣ
Бар хоки дари ту сари ман низ гарон аст.
Ишқ аст зи Бобул, хирад афсун-ш чӣ донад,
Ҳарчанд ки бунёди хирад аз Ҳамадон аст.
Гар хуни ҷигар гиря кунад ошиқи шаҳват,
Зан дон-ш, ки ҳайзаш зи раҳи дида равон аст.
Хусрав зи раҳи дида чу майхораву бадхӯст,
Бо худ ба ҳадисаш ҳама шаб дар ҳазиён аст.

* * *

Хабаре деҳ ба ман, эй бод, ки ҷонон чун аст?
Он гули тозаву он ғунчаи хандон чун аст?
Бо кӣ май мехӯрад он золиму дар хӯрдани май
Он рухи пурхаю он мӯи парешон чун аст?
Чашми бад хуш, ки ҳушёр набошад, маст аст,
Лаби майгун-ш, ки девона кунад, он чун аст?
Руху зулфашро медонам, боре, ки хушанд,
Дили девонаи ман паҳлуи эшон чун аст?
Рӯзҳо шуд, ки дилам рафту дар он зулф бимонд,
Ё Раб, он Юсуфи гумгашта ба зиндон чун аст?
Гул ба раъноию ноз аст ба маҷлис, боре,
Ҳоли он булбули бечора ба бустон чун аст?
Ҳам ба ҷону сари ҷонон, ки камобеш магӯй,
Гӯ ҳамин як сухани рост, ки ҷонон чун аст?

Хушксол аст дар ин аҳд вафоро, эй ашк,
З-он ҳаволӣ, ки ту меоию борон чун аст?
Паст шуд Хусрави мискин ба лагадкӯби фироқ,
Мӯр дар хок фурӯ рафт, Сулаймон чун аст?

* * *

Сабо к-ӯ ба бӯи ту ҷонпарвар аст,
Дили халқро сӯи ту раҳбар аст.
Ба дунболаи зулф магзор кор
Дилеро, к-аз он зулф дарҳамтар аст.
Бурун бар аз ин чашми пурхуни ман,
Ки аз хун чаро остонат тар аст.
Сар андозиям беҳ, ки ронӣ зи дар,
Ки сар бе дари дӯст дарди сар аст.
Дареғ аст хоки дарат бар сарам,
Ки ин сар на лоиқ бад-он афсар аст.
Зиҳӣ таъни ҷовид хуршедро,
Ки гӯянд маъшуқи нилуфар аст.
Магас қанду парвона оташ гузид,
Ҳавас дигару ошиқӣ дигар аст.
Бимирам дар ин сӯз ман оқибат,
Ки ҳезум пас аз шуъла хокистар аст.
Куҷо ёбам, он хона вайрон шуда,
Ки ҳар шаб ба ҷони хароб андар аст!
Чӣ донад малик хуфта дар хоби ноз,
Ки нолон гадоеш пеши дар аст.
Зи дурбории дида, Хусрав, маранҷ,
Ки худ ошиқонро ҳамин зевар аст.

* * *

Боз он ҳариф бар сари савдои дигар аст,
Ҳар соате ба хуни манаш рои дигар аст.
Дил бурду рух ба парда ниҳон мекунад зи ман,
Ин ваҷҳ худ ба парда тақозои дигар аст.

Розӣ намешавад ба дилу дида ҳаҷри ӯ,
Ин дузд дар тафаҳҳуси колои дигар аст.
Пандам мадеҳ, ки нашнавам, эй некхоҳ, аз он-к
Ман бо туам, вале дили ман ҷои дигар аст.
Хородил аст ёру диле, к-андӯҳаш кашад,
Онро ту дил магӯй, ки хорои дигар аст.
Девона гашт халқ, ки аз сеҳри чашми ӯ
Ҳар дам ба шаҳр фитнаву ғавғои дигар аст.
Аз баҳри он ки даст намояд ба ҷодувон,
Ҳар соидешро яди байзои дигар аст,
Беҳ, гар ба бӯсае бихарад зардрӯиям,
К-ин заъфарон на дархури ҳалвои дигар аст.
Хусрав ба як назораи рӯяш зи даст рафт
В-ин дидаро ҳанӯз таманнои дигар аст.

* * *

Ёри моро азми рои дигар аст,
Баски дар гӯшам садои дигар аст,
Булбули бустон зи овози хушаш
Боз дар банди ҷафои дигар аст.
Дар назар меоядам гулҳо басе,
Чун кунам, он рӯй ҷои дигар аст.
Гар яке чашмам ба рӯяш равшан аст,
Хоки пояш тӯтиёи дигар аст.
Соқиё, май деҳ, ки бар ёди лабат
Бо май имрӯзам сафои дигар аст.
Бо рақибон сохтан бечорагист,
Меҳнати ҳиҷрон балои дигар аст.
Дӯстдоронат басе ҳастанд, лек
Хусрави мискин гадои дигар аст.

* * *

Хаёли рӯи ту чун дурри ноб дар назар аст,
Зи ашки дам ба дамам сад ҳубоб дар назар аст.

Чу масти рӯи ту ман, рӯи маҳвашон чӣ кунам!
Ба зарра кай нигарам, к-офтоб дар назар аст.
Агар дилат ба лаби баҳр мекашад, эй сарв,
Нишин ба гӯшаи чашмам, ки об дар назар аст.
Хаёли зулфи ту дар дидаам шабе гардид,
Аз он хаёл маро ашки ноб дар назар аст.
Шабе ба хоб назарбозие ба ӯ кардам,
Маро ҳамеша аз он лаҳза хоб дар назар аст.
Ба нури рӯи ту дар зулф метавон рафтан,
Шаб асту шаъшааи моҳтоб дар назар аст.
Зи ишқи чашми ту Хусрав чу сархушу маст аст,
Ба ёди лаъли ту ӯро шароб дар назар аст.

* * *

Рухи ту нури дидаи қамар аст,
Лаби ту сурхрӯии шакар аст.
Бо ту, эй яксар омада ба дилам,
Кӣ кунад сар яке, ки ӯ дусар аст?!
Кори дигар макун магар шӯхӣ,
З-он ки, эй шӯх, кори ту дигар аст.
Бандаро дар ғами ту нест хабар,
Ҳама ёрони бандаро хабар аст.
Гар зи пои худам диҳӣ хоке,
Хоки пои ту сурмаи басар аст.
Зор-зор аз ғами ту мемирам,
Чун на зӯр аст мар маро, на зар аст.
Ҳаст заргунае агар бар рӯй,
Он ҳам инак ба хидмати ту тар аст.
Назаре кун, к-аз он ду чашми сиёҳ,
Дида дар интизори як назар аст.
Банда-Хусрав дар орзуи лабат,
Намаки пур ба реш дар ҷигар аст.

* * *

Боз рӯи ту хайолудаву ҷаъди ту тар аст,
Зулфи мушкини туро боди сабо ҷилвагар аст.
Гул дамад аз чамани рӯи ту дар хандидан,
Магар андар сари зулфи ту насими саҳар аст?
То ба зеру забари рӯ гулу сунбул дорӣ,
Сунбулу гул шуда аз рӯи ту зеру забар аст.
Ҳар кӣ дид он хати ту, ғолия донад аз мушк,
Холи мушкини ту худ ғолиябоне дигар аст.
Накушояд магар он лаҳза, ки бар бикшоӣ,
Кори шаккар гиреҳ андар гиреҳ аз найшакар аст.
Васли ту ҳеҷ фаромӯш зи дил менашавад,
Гӯиё лутфи маликзодаи хуршедфар аст.
Банда, Хусрав манам ин гаҳ гули бустони сухан,
Ки зи боғи карамат шохи умедам ба бар аст.

* * *

Шаби фироқ сиёҳу маро сиёҳтар аст,
Ки шом то саҳарам зулфи ёр дар назар аст.
Чӣ гуна тира набошад шабам, ки шамъи мурод
Намефурӯзад аз ин оташе, ки дар ҷигар аст.
Магӯ, ки чанд шавӣ бехабар зи мастии ишқ,
Касе, ки мастияш аз ишқ нест, бехабар аст.
Ҳар он бало, ки расад, аз бадон расад ҳамаро,
Зи некӯвон-ст маро ҳар бало, ки гирди сар аст.
Нафиру нолаи халқ аз ҷафои хор бувад
В-агар зи булбул пурсӣ, ҷафои гул батар аст.
Ба ташнагони биёбони ишқ шуд маълум,
Ки сояшини саломат на марди ин сафар аст.
Ба пойбӯсӣ ҳавас бурданам фузулӣ буд,
Ҳамин бас аст, ки болинам остони дар аст.
Бигӯ, ки гар бикушад ишқи мо-ш, айб магир,
Чӣ ҷои айб, ки худ ишқро ҳамин ҳунар аст.
Ту маст будию Хусрав хароби ту саҳаре,
Гузашт умру ҳанӯзам ҳавои он саҳар аст.

* * *

Шаб гузаштасту аввали саҳар аст,
Бонги булбул ба май навидгар аст.
Вақти ӯ хуш, ки дар чунин вақте
Бода дар дасту нозанин ба бар аст.
Киштии бода неҳ ба каф боре,
Умр аз ин сон равад, ки баргузар аст.
Чанд гӯӣ, ки масту бехабарӣ,
Ҳар кӣ ӯ маст нест, бехабар аст.
Сурфаи хушк зоҳидонро бод,
Ҳар чӣ морост, дар шароби тар аст.
Соқиё, ғӯта деҳ маро дар май,
Ки зи ошом шуълаи ҷигар аст.
Гарчи бадмастияст айби ҳариф,
Кандани риши муҳтасиб ҳунар аст.
Гар ба майхона муфлисони шароб
Подшоҳанд, банда хоки дар аст.
Хусраво, чанд аз гунаҳ тарсӣ?
Рав, ки афви Худой муътабар аст!

* * *

Маро доғи ту бар ҷон ёдгор аст,
Фидояш бод ҷон, чун доғи ёр аст.
Агар ҷон меравад, гӯ, рав, ғаме нест,
Ту боқӣ мон, ки моро бо ту кор аст.
Ба саффи ошиқон мирам, ки гӯянд
Саге ҳамхобаи ёрони ғор аст.
Шудам бехуд, карашма камтарак кун,
Ки ман навбода, вай масти шикор аст.
Зи шавқи май, ки аз май пир гаштам,
Чӣ огаҳ порсо, к-ӯ ширхор аст.
Ғуломи он танам, к-аз нозанинӣ
Назар ҳам бар чунон андоми ёр аст.

Маро зиндон-ст хона бе ту, ҳарчанд
Дару бом аз хаёлам пурнигор аст.
Ду чашмамро зи кӯят ротиби хок
Зиёдат кун, ки музди интизор аст.
Ба кӯят зардрӯ шуд Хусрав, оре,
Ҳавои некувон носозгор аст.

* * *

Зулфи ту ҳанӯз тобдор аст,
Чашмат ба карашмаи хумор аст.
Гуфтӣ, ки вафо наояд аз ман,
Савганд махур, ки устувор аст.
Хун шуд дили ман, бигӯй, эй бод,
К-он ҷони азиз дар чӣ кор аст?
Гашташ ба кадом бӯстон аст,
Сарваш ба кадом ҷӯйбор аст?
Ман гиряи хеш дӯст дорам,
К-аз дарди касест ёдгор аст.
Мову ғами ишқу беқарорӣ,
То умри азиз барқарор аст.
Эй шоҳсавор, оҳувонро
Тири ту накӯтарин шикор аст.
Ошиқ, ки ғами ту хӯрд в-он гоҳ
Шодӣ талабад, ҳаромхор аст.
Бо ту ба масал ҳалоки Хусрав:
Девонаву мавсими баҳор аст.

* * *

Бар он лабе, ки шакар бо ҳаловаташ шӯр аст,
Ҳазор мулки Сулаймон баҳои як мӯр аст.
Яқин, ки сурати ҷонҳо тамом битвон дид,
Аз он сафо, ки дар он синаи чу булӯр аст.
Ба кӯи ту на аҷаб, гӯри ошиқон аҷаб аст,
Ки ҳам худ аз гили ушшоқ хишти он гӯр аст.

Дукони зуҳд бибастанд ошиқон имрӯз,
Ки аз сиворият офоқ дар шару шӯр аст.
Ҳазор ҷилваи мақсуд мекунад гардун,
Вале чӣ суд, ки чашми умеди мо мӯр аст.
Фарози кунгураи васл кай тавон рафтан,
Ки ришта кӯтаҳу бозуи бахт бозӯр аст.
Рабуда чашми ту ҳам дину ҳам дили Хусрав,
Магар, ки одати он турк ғорату ғур аст?

* * *

Бо ғамат шодии ҷаҳон ҳавас аст,
Шодии ман ҳамин ғами ту бас аст.
Аз даҳони ту чун нафас бизанам,
Мар маро бими тангии нафас аст.
Нимхоли лаби туам бикушад,
Чӣ, магар худ ҳама пари магас аст?
Аз сари хашм агар бихоӣ лаб,
Бар лабат бӯса доданам ҳавас аст.
Гар касе бар дари ту ҷӯяд бор,
Чанд гӯӣ, ки бори ӯ чӣ кас аст?
Ҳама шаб гирди кӯи ту гардам,
Ҳар кӣ бинад, гумон барад асас аст.
Банда Хусрав, ба нола дар ғами ишқ,
Корвони ғами туро ҷарас аст.

* * *

Зулфи шасташ, ки бар ҳар мӯ дили дигар бастаст,
Бар дили ман ҳама дарҳои хирад дарбастаст.
Мижаҳо охта чашмаш, ба чӣ сон зинда раҳам
Ман аз он турк, ки сад дашнаву ханҷар бастаст?
Аблаҳӣ бошад бими сару лофи ёрӣ
Бо саворе, ки ба фитрок басе сар бастаст.
Зеб агар он-ст, ки бар қомати ӯ дидам боғ,
Туҳмате беҳуда бар сарву санавбар бастаст.

Рӯзе он наргиси пурхоб чу бар ман бикшод.
Мардумӣ нест, ки бар ғамзадагон дар бастаст.
Марди ҳоҷӣ ба биёбону хабар кай дорад
Каъба з-он нома, ки бар пои кабӯтар бастаст.
Ҷони Хусрав битапад ҳар шабу берун наравад,
З-он ки ҳар мӯи вай ин мурғи маро пар бастаст.

* * *

Он чӣ бар ҷони ман зи ғам рафтаст,
Ҳама аз дасти он санам рафтаст.
Менависад зи хуни ман таъвиз,
Чӣ тавон кард, чун қалам рафта-ст?!
Пой дар раҳ ниҳоду меҳр гузошт.
З-он ки дар роҳ меҳр кам рафтаст.
Ба ситам меравад зи ман, ё Раб,
Бар касе ҳаргиз ин ситам рафтаст?
Хонаи чашми ман хароб шудаст,
Ки ба бунёди хона нам рафтаст.
Хусраво, бо шаби фироқ бисоз,
К-офтоби ту дар адам рафтаст.

* * *

Нигори ман, ки зи ҷунбидани сабо хуфтаст,
Бигӯй, баҳри дилам, к-эй сабо, куҷо хуфтаст?
Дар ин ғамам, ки мабодо гиреҳ ба тор бувад,
Бар он ҳарир, ки он ёри бевафо хуфтаст.
Биё, бигӯй, ки боз аз чӣ зиндаиву ҳанӯз
Магар, ки фитнаи он чашми пурбало хуфтаст.
Махсусп эмин, к-аз гӯри ошиқон овоз
Ҳамерасад, ки мапиндор хуни мо хуфтаст.
Касе, ки даъвии бедории хирад кардаст,
Ба як назораи ту дидаам ба ҷо хуфтаст.
Ба хонумон ҳама кас хоби зиндагӣ дорад,
Ҷуз он ки ӯ зи ҳамоғӯши худ ҷудо хуфтаст.

Ҳисоби васл мадон, Хусраво, агар Ширин
Ба хоб дар бари Фарҳоди мубтало хуфтаст.

* * *

Дарёб, ки ҷон хароб гаштаст,
Дил з-оташи ғам кабоб гаштаст.
Хуни ҷигар об шуд зи ишқат,
Заҳра на, ки гӯям об гаштаст
Пеши кӣ кушоям ин, ки зулфат
Дар гардани ман таноб гаштаст.
Як раҳ ба мани хароб кун гашт,
Дил бин, ки чӣ сон хароб гаштаст!
Донам, ки зи меҳри оrази туст
Ашкам, ки чу лаъли ноб гаштаст.
Зулфи ту сияҳ чарост, моно
Бисёр дар офтоб гаштаст.
Дар куштани Хусрав орзуят,
Биштоб, ки бас шитоб гаштаст.

* * *

Бори ишқат бар дилам боре хуш аст,
Кори ман ишқ аст в-ин коре хуш аст.
Ҷон диҳам дар по-ш, арчи бевафост,
Дил бад-ӯ бахшам, ки дилдоре хуш аст.
Булбули шӯридаро аз ишқи гул
Дар чаман бо суҳбати хоре хуш аст.
Ростиро сарв, дар нашъунамост,
Аз қади ёрам намудоре хуш аст!
Ҳеҷ беморе набошад хуш, вале
Чашми ҷодуи ту беморе хуш аст.
Тири чашми ӯ ҷаҳон дар хун гирифт,
Лек аз дасти камондоре хуш аст.

* * *

Ёр агар баргашт, дар тимор будан ҳам хуш аст
В-ар шикебоӣ бувад, бе ёр будан ҳам хуш аст.
Иззате гар нест моро назди ҷонон, айб нест,
Ошиқонро пеши хубон хор будан ҳам хуш аст.
Ҷангҳои ӯ хуш аст, ар оштиро ҷо бувад
В-аз итобу хашм дар озор будан ҳам хуш аст.
Гарчи хуфтан хуш бувад бо дӯст дар шабҳои тор,
Лек дар шабҳои ғам бедор будан ҳам хуш аст.
Андак-андак, гаҳ-гаҳе бо ёр будан хуш бувад
В-ар муяссар гардадам, бисёр будан ҳам хуш аст.
Чун мусулмон будаме натвонам аз дасти бутон,
Пеши бут барбастаи зуннор будан ҳам хуш аст.
Гарчи аз ман шермардӣ н-ояд андар кӯи ишқ,
Чун сагонам шуҳраи бозор будан ҳам хуш аст.
Бохабар будан хуш аст андар мақоми зоҳидон,
Бохабар дар хонаи хаммор будан ҳам хуш аст.
Хусраво, гар дарнамеғунҷӣ ба хилватгоҳи дӯст,
Ҳамнишин бо ошиқони зор будан ҳам хуш аст.

* * *

Ошиқонро дарди бемарҳам хуш аст,
Бедилонро дидаи пурнам хуш аст.
Гар сухан дар гӯши ҷонон мерасад,
Гуфтугӯи ҳар кӣ дар олам хуш аст.
Гар бутон аз дарди ушшоқ огаҳанд,
Ҳар куҷо дардест, бе марҳам хуш аст.
Ҳар касе, к-ӯ ғам хурад, нохуш бувад,
Ман ғами хубон хурам, к-ин ғам хуш аст.
Ҷони ман, озори дил чандон маҷӯй,
Худ дар ин айём дилҳо кам хуш аст.
Зулфро, баҳри Худо, шона макун,
Ҳамчунон ошуфтаву дарҳам хуш аст.
Диданат нағз аст, гар худ соатест,
Зиндагонӣ, гар ҳама як дам, хуш аст,

Васли ту хуш буд вақте в-ин замон
Нохушиҳои фироқат ҳам хуш аст.
Хусраво, бо бедилӣ хӯ кун, ки дил
Ҳам дар он гесӯи хам дар хам хуш аст.

* * *

Гарчи сарви боғро боло хуш аст,
Бо қади зебои ту моро хуш аст.
Заҳри ишқат коми айшам талх кард,
Ҳаст талх ин чошнӣ, аммо хуш аст.
Гар ғамат ғайре хурад, нохуш шавам,
Хӯрдани ғамҳо маро танҳо хуш аст.
Чун ту н-ой, чист ин ҷаври рақиб?
Хор, медонӣ, ки бо хурмо хуш аст.
Бе ту ман боре наям хуш ҳеҷ вақт,
Вақти ту хуш, гар туро бе мо хуш аст.
Шуъла дар дил, нор дар ҷон кай зияд,
Нотавоне, к-аш ба таб ҳалво хуш аст.
Ҷони сангин меканам то зиндаам,
Мурдани Фарҳод бар хоро хуш аст.
Гуфт: “ Фардо зулфи мушкинам бигир”,
Имшабам бар бӯи он фардо хуш аст.
Гуфтиям нохуш чарой Хусраво,
Чун бувад, чун шакли он боло хуш аст!

* * *

Дил зи инъомат, маҳо, бо илтифоте қонеъ аст,
Дида дар моҳе агар бинат рухат, хуштолеъ аст.
Гар бирафт аз шавқи рӯят дил зи дастам, бок нест,
Дил бирафту ҷон бирафту ақлу дин хуш қонеъ аст.
Нуқтаи холаш ба рух маншури ҳусн асту нишон-ст,
Мулки лутфи дилбариро рӯи хубаш ҷомеъ аст.
Ҷаннату дӯзах биҳишту мурдагӣ айни ҳаёт,
Бе ту ҷаннат дӯзах асту зиндагонӣ зоеъ аст.

Чун бунафша хам гирифта қоматам дар ҳаҷри ту,
Ҳамчу наргис чашми ман боз асту ашкаш домеъ аст.
Кокули мушкин парешон бар рухи чун маҳ фиган,
То бипиндоранд, к-абре бар рухи маҳ воқеъ аст.
Ҳамчу абри беҳаё саргаштаву баргашта бод
Ҳар кӣ Хусравро зи моҳи рӯи хубат монеъ аст.

* * *

Лаъли лабат ба чошнӣ аз ангубин беҳ аст,
Ранги рухат ба нозукӣ аз ёсамин беҳ аст.
Ваҳ, фарқ дар миёни туву офтоб чист?
Дид осмон ба сӯи туву гуфт: “Ин беҳ аст!”
Дар боғ сарви рост басе дидаам, вале
Чизе, ки сарврост, ҳамин ростин беҳ аст.
Бе чашми хеш равшании хона боядам,
Оташ дар ӯ занед, ки рӯяш чунин беҳ аст.
Моем сарзада қаламе, к-аз паи хаташ
Нома сиёҳу пераҳане коғазин беҳ аст.
Аз оби теғ шуста шавад ҳар гунаҳ, ки ҳаст,
Бар ҷурми ишқ ғамзаи он нозанин беҳ аст.
Эй шӯх, то ту дар дили ман ҷой кардаӣ,
Ин аст дӯзахе, ки зи хулди барин беҳ аст.
Як талхӣ орзуст мани талхайшро,
Олудаи лабат, ки зи сад ангубин беҳ аст.
Гуфтӣ, танат нигину дилат хун-ст, Хусраво,
Моро ҳамин нигина бар ангуштарин беҳ аст.

* * *

Ба худ мабин, ки чу рӯи ман офтобе ҳаст,
Ба ман нигар, ки чу ман дар ҷаҳон харобе ҳаст.
Зи равшании рухат гар ба сад ниқоб равад,
Касе надонад, ки бар рӯи ту ниқобе ҳаст.
Дилам зи новаки чашмат ҳазор равзан шуд,
Зи сурати ту ба ҳар равзан офтобе ҳаст.

Шаби ман аз чӣ сабаб тиратар бувад ҳар рӯз,
Чу аз рухи ту ба ҳар хона моҳтобе ҳаст.
Маҳат ба ақрабу инак раҳе ба азми сафар,
Вале хушам, ки дар он ақраб инқилобе ҳаст
Парер бар сари бомаш бидидаму гуфтам:
“Ҳанӯз бар сари деворам офтобе ҳаст”.
Лаби ту дарди сар омад, бипурс ҳам з-он лаб,
Ки пурнамактар аз ин ҳеҷ ҷо кабобе ҳаст?
Аз ин ҳавас, ки нишоне биёбад аз даҳанат,
Вуҷудро ба адам ҳар замон шитобе ҳаст.
Бар оби дидаи Хусрав ҳама ҷаҳон бигрист,
Таборакаллоҳ, дар дидаи ту обе ҳаст.

* * *

Дар сарам то зи сари зулфи ту савдое ҳаст,
Дили шайдои маро бо ту таманное ҳаст.
Дар раҳи ишқ манеҳ, зоҳиди бечора, қадам,
Гар зи бегонаву хешат ғаму парвое ҳаст.
Дил, ки аз ғамза рабудӣ, ба сари зулф супор,
Гарчи дузд аст сияҳкор, дилосое ҳаст.
Боғбон то гули садбарги рухи хуби ту дид,
Дар чаман беш нагӯяд гули раъное ҳаст.
Ҳиндуи холи муборак ба рухат муқбил шуд,
Гашт фирӯз, ки дар силки ту лолое ҳаст.
Ҳар шабе дар ғами ҳаҷрат шаби ялдост маро,
Гар ба соле ба ҷаҳон як шаби ялдое ҳаст.
Чӯби хушк аст ба пеши қади ту сарви сиҳӣ,
Гарчи ӯро ба чаман қомату болое ҳаст.
Мурдам аз ҳасрати дидору нагуфтӣ ҳаргиз,
Ки маро сӯхтаи ғамзада, расвое ҳаст.
Даъвии ҳастиву номус макун, Хусрав ҳеҷ,
То туро сели назар бар рухи зебое ҳаст.

* * *

Моҳ тобон асту ҳамчун рӯи ту тобанда нест,
Абр борон асту ҳамчун чашми ман боранда нест.
Пеши рафторат наёяд гоми кабкам дар назар,
К-ӯ раванда ҳаст, лекин ҳамчу ту оянда нест.
Хуб бисёр аст, дил бурдан наёрад ҳамчу ту,
Шӯху раънову ҷафопеша, вале бозанда нест.
Чун малоле нест чашматро зи куштан гоҳи ноз,
Ҳар кӣ дар аҳдат ба марги хеш мирад, зинда нест.
Дил киро сӯзад дар ин раҳ бар мани дилсӯхта?!
Ҷуз дили ман чун касе паҳлӯи ман сӯзанда нест.
Дар вафои дӯст бояд бохт боре ҷони хеш,
Чунки ҷони бевафо бар ҳеҷ кас поянда нест.
Чанд дида бар замин сояд зи ишқи пои ту
Чашми Хусрав, гар ба хоке аз дарат шарманда нест.

* * *

Ҳар мижа аз ғамзаи хунрези ту новакзанест,
К-андаруни ҳар ҷигар з-он захми новак равзанест.
Чашмат офат, ғамза фитна, хат қиёмат, рух балост,
Ошноӣ бо чунин хасмон на ҳадди чун манест.
Ҷон, ки зорам мекушад аз ёди чун ту дӯсте,
Ҷони ман, аз ту чӣ пинҳон, ошкоро душманест.
Чашмам ар бе ту ҷаҳон бинад, бигираш айб, аз он-к
Хираву бедидаву олудаи тардоманест.
Соқиё, гар май хурам бе ту, нагӯӣ, к-он май аст,
Мурданамро шарбатеву оташамро равғанест.
Андар он маҷлис, ки худро зинда сӯзонд аҳли ишқ,
Эй басо марди худо, к-ӯ камтар аз ҳиндузанест.
Андалебонро ғизои рӯҳ бошад бӯи гул,
Мурғи дашт аст, он кӣ ошиқ бар ҷаву бар арзанест.
Ҳар шабе, Хусрав, кӣ кӯбад сина дар кӯят ба дард?
Зери девори ту султон посбон, чӯбакзанест.

* * *

Бедор шав дило, ки ҷаҳон ҷои хоб нест,
Эмин дар ин хароба нишастан савоб нест.
Аз хуфтагони хок чӣ пурсӣ, ки ҳол чист,
З-он хоби хуш, ки ҳеҷ касеро ҷавоб нест.
Чандин ҳазор маҳ, ки фурӯ рафт дар замин,
Торикияш ҳамон, ки дар ӯ моҳтоб нест.
Чун ҳеҷ дӯст нест вафодортар зи хок,
Маъмурае хуҷаста чу гӯри хароб нест.
Чун мастро хабар набувад аз ҷафои даҳр,
Бар ҳушёр беҳ зи шаробу кабоб нест.
Тиби ҳаёт хостан аз осмон хатост,
К-аз шишаи далел умеди савоб нест.
Соқӣ, зи ҷоми ишқ ба Хусрав расон наме,
Зеро, ки масткортар аз вай шароб нест.

* * *

Маро дар сар ҳавои нозанинест,
К-аз ӯ тороҷ шуд ҳар ҷо, ки динест.
Нахоҳад рафт меҳраш аз дили ман,
Агарчи бо манаш ҳар лаҳза кинест.
Парешонҳолат аст аз ёди зулфаш,
Ба гетӣ ҳар куҷо хилватнишинест.
Ҳуҷуми ҷони муштоқон бар он лаб
Чу ғавғои магас бар ангубинест.
Танам чу хоки раҳ шуд, ранҷа кун пой,
Туро ҳам зери пой, охир, заминест.
Баҳори ман туӣ, з-онам чӣ суд аст,
Ки дар олам гуле ё ёсуминест.
Дил аз пешат саломат чун тавон бурд,
Ки дар ҳар гӯшаи чашмат каминест?
Маҷӯ, охир, ту ҳушёрӣ зи Хусрав,
Ки ишқу ақлро дерина кинест.

* * *

Рӯи некӯи ту зи маҳ кам нест,
Некӯӣ ҷуз туро мусаллам нест.
Даҳанат заррае кам аз зарра-ст,
Рух зи хуршед заррае кам нест.
Подшоҳиву мулки хубиро
Чун даҳони ту ҳеҷ хотам нест.
Нисбате нест бо даҳони ту, лек
Дар маёни ту нисбате ҳам нест.
Чашми ман ҷони хушки ман тар кард,
Гарчи як қатра ҳам дар ӯ нам нест.
Гар ҷаҳони ғам аст бар дили ман,
Чун ту андар дили манӣ, ғам нест.
Пора кун ҷони Хусрав аз ғами хеш,
К-ин ҷароҳат сазои марҳам нест.

* * *

Чӣ доғҳост, ки бар синаи фигорам нест,
Чӣ дардҳост, ки бар ҷони беқарорам нест!
Дилам зи кӯшиш хун гашту коми дил нарасид,
Чӣ суд дорад кӯшиш, чу бахт ёрам нест.
Ба хоки кӯй бисозам, чу хоси дӯст наям,
Бар остона бимирам, чу беш борам нест.
Хушам ба давлати хорию мулки танҳоӣ,
Ки илтифоти касеро ба рӯзгорам нест.
Нафас ба охирам омад, аз он даҳон сухане,
Ки баҳри кӯи адам ҳеҷ ёдгорам нест.
Маломаташ расад аз хунам, ин ҳамекушадам
В-агарна бим зи шамшери обдорам нест.
Зи баски дар дили Хусрав саворияш биншаст,
Ба умр як нафасе низ беғуборам нест.

* * *

Ба рози ишқ дили хеш низ маҳрам нест,
Ки мезанад дами бегонагиву ҳамдам нест.
Ба зулфи ту ҳама дамҳои сардрост гузар
В-агарна ҳолаш аз ин гуна низ дарҳам нест.
Ту рух намудиву ушшоқро вуҷуд намонд,
Ки пеши чашмаи хуршед зӯри шабнам нест.
Ҳазор сол туро бинаму нагардам сер,
Вале дареғ, ки бунёди умр муҳкам нест.
Яке зи теғ, дигар гӯяд аз синон, тарсам,
Магӯй ҳеҷ, к-аз инҳо ғаму аз он ҳам нест.
Ба ҷони Хусрав агар з-он-к сад ҳазор ғам аст,
Даруни ҷон ту наӣ, ин-ст ғам, дигар ғам нест.

* * *

Диле, к-озод бошад, они ман нест,
Касе, к-ӯ шод бошад, ҷони ман нест.
Гадоён ҷон диҳандаш, лек ин саҳл
Хироҷи давлати султони ман нест.
Хуш он шӯхе, ки дӣ тирам зад, он гоҳ
Кашиду гуфт, к-ин пайкони ман нест.
Зи ғам ҳам пеши ғам нолам, ки шабҳо
Ҷуз ӯ кас мӯниси пинҳони ман нест.
Бикуш ҳар сон, ки хоҳӣ чун манеро,
Ки они туст Хусрав, они ман нест!

* * *

Диле, к-аш сабр бошад, они ман нест,
Касе,к-ӯ дил диҳад, ҷонони ман нест.
Кабобам шуд ҷигар, хуноб з-он аст,
Гунаҳ бар дидаи гирёни ман нест.
Ҳама мазмуни дил шаҳре фурӯ хонд,
Ки муҳри сабр бар унвони ман нест.
Ту месӯз, эй дилу нагрий ту, эй чашм,
Ки шуъла дархури тӯфони ман нест.

Насиҳат аз хирад ҷустам, хирад гуфт,
Ки бар девонагон фармони ман нест.
Чу тирам зад, кашид олудаи хун,
Ба ханда гуфт, к-ин пайкони ман нест.
Чу дилҳо сӯхт бар Хусрав, чӣ некӯст,
Ки гӯши ёр бар афғони ман нест!

* * *

Дили моро зи дасти ғам амон нест,
Нишони шодмонӣ дар ҷаҳон нест.
Ҷаҳон пурошнову ман ба ғам ғарқ,
Магар дарёи меҳнатро карон нест?!
Агар кас як замон дар умр хуш буд,
Вале андар ҳама умр он замон нест.
Фалакро даъвии меҳр аст, лекин
Гувоҳӣ медиҳад дил, к-он чунон нест.
Ба як ҷон хостам як ҷоми шодӣ,
Зи даври чарх гуфтӣ: “Ройгон нест”.
Ду шаш нақши касон з-ин нард моро,
Ду як бар каъбатайни устухон нест.
Надонам коҳиши ҷони ман аз чист,
Сухан ҳам173 ончунонам норавон нест.
Балои ақл ишқам буду акнун
Бало ин шуд, ки аз ишқам амон нест.
Гар афтад ошиқӣ бо бахт, нек аст
В-агар н-афтад, хусумат дар миён нест.
Ҳадиси хушдилӣ в-он гаҳ ба олам
Забон гирд ор, Хусрав, ҷои он нест!

* * *

Боз маст омаданаш нозкунон аз ҷоест
В-он шакарханда дар он кунҷи даҳон аз ҷоест.
Дил сабук мешавадам, дӯш магар ғоиб буд,
Ин замон дар сараш ин хоби гарон аз ҷоест.

Боз девона дилам силсилаи сабри касест,
Оби чашмам ба чапу рост давон аз ҷоест.
Ман зи ту сабр надорам, ту накӯ медонӣ,
Ин ҳама нози ту, эй ҷони ҷаҳон, аз ҷоест.
Чанд хунобаи ман биниву нодон гардӣ,
Ашки ман, охир, аз ин гуна равон аз ҷоест.
Дар раҳат, ҳеҷ гуле нашкуфад, эй бод, аз он-к
Бо ту имрӯз насим аст, ки он аз ҷоест.
Худ гирифтам, ки бипӯшад ғами худро Хусрав,
Номат, охир, шабу рӯзаш ба забон аз ҷоест.

* * *

Ба болини ғарибонат гузар нест,
Зи ҳоли дардмандонат хабар нест.
Зи ту парвои ҳастӣ нест моро,
Туро парвои мо гар ҳасту гар нест.
Туӣ манзури ман дар ҳарду олам,
Маро бар дунйиву уқбӣ назар нест.
Якояк талхии ҳиҷрон чашидам,
Зи ҳиҷрон ҳеҷ шарбат талхтар нест.
Асири ҳаҷру навмед аз висолам,
Шабам торику уммеди саҳар нест.
Ҳамехоҳам, ки рӯят боз бинам,
Чуз инам дар ҷаҳон кори дигар нест.
Диле холӣ намебинам зи дардат,
Кадомин дил, ки хунаш дар ҷигар нест?
Дар ин майдон сарфарозӣ касерост,
Ки ӯро бими ҷону хавфи сар нест.
Руху зулфи ту ғоиб шуд зи чашмам,
Мани шӯридадилро хобу х(в) ар нест!
Макун бечора Хусравро зи дар дур,
Ки ӯро худ чуз ин дар ҳеҷ дар нест.

* * *

Шаб нест, к-аз ту бар сари ҳар кӯ нафир нест
В-андешаи ту дар дили барнову пир нест.
Сад сар фидои пои ту бод, арчи дар ҳарам
Ту меравию хуни касат дастгир нест.
Бераҳмвор чанд занӣ ғамза бар дилам,
Ваҳ, к-ин дил аст охиру омоҷи тир нест!
Аттор, гӯ, бибанд дуконро, ки ман зи дӯст
Бӯе шунидаам, ки ба мушку абир нест.
Эй, он ки кӯшиш аз паи сомони ман кунӣ,
Бигзор, к-ин хароба иморатпазир нест.
Зулфи бутон ба гардани шерон ниҳад каманд,
Озод он диле, ки бад-ин банд асир нест.
Дар фитнаву бало чӣ кунад, гар науфтад
Хусрав, к-аш аз назораи хубон гузир нест.

* * *

Чобуктар аз ту дар ҳама гетӣ савор нест,
Зеботар аз ту дар ҳама олам нигор нест.
Сабрам ба қадри донаи хашхош ҳам намонд,
З-онам ба дида хобу ба шабҳо қарор нест.
Онро, ки сад ҳазор дили орамида буд,
Дар навбати ғами ту як аз сад ҳазор нест.
Додӣ навиди васл, таваққуф раво мадор,
Донӣ, ки эътимод дар ин рӯзгор нест?!
Аз ваъда баргузар, ки шикебоӣ ҳам намонд
В-аз ишва баршикан, ки гаҳи интизор нест!
Онҳо, ки кард бар дили Хусрав фироқи ту,
Аз ғам бипурс, гар зи манат устувор нест!

* * *

Аз ту дар хотир маро озор нест,
Бе ту дар мулки ҷаҳонам кор нест.
Гар ба ҷои ман туро дилдор ҳаст,
Ҷуз ту дар олам маро дилдор нест.

Гар нахоҳӣ суҳбати ағёр, ҳаст
В-ар ба ҷон ҷӯӣ мисоли ёр, нест.
Фитнаангезе, балоҷӯе дигар
Дар ҷаҳон чун он бути айёр нест.
Дар саробустони фирдавси барин
Мисли рӯят як гули бехор нест.
Дар ҳама бозори саррофони ишқ
Ҳамчу рӯи зарди ман динор нест.
Чун лабаш аз Миср шаккар барнахост,
Чун ду зулфаш мушк дар Тотор нест.
Чашми ӯро гуфтам: “Эй хунхори маст,
Дар ҷаҳон масте чу ту хунхор нест!”
Гуфт: “Турки маст чун лашкар кашид,
Ҷуз балоангезӣ ӯро кор нест”.
Чанд бори ҳаҷр бар ҷонам ниҳӣ,
Бар дарат чун ошиқонро бор нест?!
Эй дили бечора якчанде бисоз,
Тоқатам ҳар бор буд, ин бор нест!
Ғам бар аҳволи ҷаҳон то кай хурӣ,
Хусраво, гар мар туро ғамхор нест.

* * *

Эй, ки бе хоки дарат дар дидаи ман нур нест,
Гар масал ҷон меравад, тарки туам мақдур нест.
Рӯзе андар кӯи худ бинӣ қиёмат хоста,
З-он ки оҳи дардмандон кам зи нафхи сур нест.
Рух чӣ пӯшӣ, чун ҳадиси ҳусни ту пинҳон намонд,
Гул ба сад парда дарун аз бӯи худ мастур нест.
Гар гуноҳам ҳаст дар рӯят назар, маъзур дор,
З-он гунаҳ гар ҷон равад, ин низ чандон дур нест.
Санги дарбон арчи музди ҷон-ст, низ аз дар марон,
К-аз паи мурдан расид ин ҷо, вале муздур нест.
Пурсиши ман омадӣ в-аз диданат ҷон меравад,
Куштанат, эй ҷони ман, пурсидани ранҷур нест.

Дар шаби торики ҳиҷронам ба сар шуд рӯзгор,
Чун тавон кардан, чу шамъи бахти моро нур нест?
Дил зи султони хаёл иқтои ғам шуд, чун кунам,
Шаҳнаи ҷонро зи султони хирад маншур нест.
Гиря гар лашкар кашад, нола раҳад, гиря чӣ суд,
Чун ҳазор уммед бар як коми дил Мансур нест.
Эй, хаёли ёр, сурат меканӣ дар дил, вале
Сабри Хусравро рақам дар дафтари Шопур нест.

* * *

Тири кадомин болост, к-он ба камони ту нест,
Дасти кадомин дил аст, к-он ба инони ту нест?
Ваҷҳи ҳама некувон аз дили мо роҷеъ аст,
З-он ки ба хатҳояшон ҳеҷ нишони ту нест.
Ишқам агар мекушад, ту макуш, эй пандгӯ,
Ҷони ман аст, охир ин, вой, ки ҷони ту нест!
Бедилиям гуфт, аз он сад дилаш афзун зи каф,
Ҳар чӣ кашам сӯи хеш, гӯяд аз они ту нест.
Номи вафо бурдаӣ, к-ӯ чу раҳӣ сад бимир,
Арзи матое макун, к-он ба дукони ту нест.
Ғамза задастӣ чунон-к менакунам ҷон бурун,
Тӯшаи ақл аст ин, захми инони ту нест.
Боз мадор, ар кунам рахнаи дил пур зи хок,
Дурдкаши ин дил аст, ғолиядони ту нест.
Кӯр шуд ин дил, фитод дар чаҳи торики ғам,
Бод аз ин кӯртар,гар нигарони ту нест.
Теғ зану вораҳон Хусрави дармондаро,
Суди вай аст ину з-он ҳеҷ зиёни ту нест.

* * *

Нест диле, к-андар ӯ доғи ҷафои ту нест,
Кист, ки андар сараш боди ҳавои ту нест?!
Дил, ки зи ҷон хоста-ст баҳри ту мардонавор,
Бо ҳама мардонагӣ марди ҷафои ту нест.

Хашм кунӣ бе гунаҳ, баршиканӣ бе сабаб,
Ин ҳама бахти ман аст в-арна хатои ту нест.
Бар дари ту ҳар касе хос шуд, илло, ки ман,
Ҳеҷкасонро магар раҳ ба сарои ту нест?
Гуфтӣ, агар мехарӣ накди ҳаётам баҳост,
Гар ҳама то маҳшар аст, ними баҳои ту нест.
Сабр бар уммеди васл дар дили ман шиста буд,
Ҳаҷр дарун рафту гуфт: “Хез, ки ҷои ту нест!”
Хусрав агар сӯхта-ст, не зи паи дигарон,
Сӯхтатар бод аз ин, гар зи барои ту нест!

* * *

Биё, ки беш маро тоқати ҷудоӣ нест,
Раҳо макун, ки диламро зи ғам раҳоӣ нест.
Дилам бибурдию гар сар ҷудо кунӣ зи танам,
Ба ҷони ту, ки танамро зи сар ҷудоӣ нест.
Бирез ҷуръа, ки ҳангомаи ғамат гарм аст,
Бигир бода, ки ҳангоми порсоӣ нест.
Агар рабудаи зулфи ту шуд дилам, чӣ аҷаб,
Чу кори зулфи ту, илло, ки дилрабоӣ нест.
Бар оби дида равонии ту ҳамехоҳам,
Агарчи оби маро бар дарат равоӣ нест.
Маро бипурсӣ, к-охир туро ғами ман нест,
Агар биёӣ ҳасту в-агар наёӣ, нест.
Ба банда Хусрав бӯсе бидеҳ, макун ҳикмат,
Ки банда низ ҳаким аст, агар Саноӣ нест.

* * *

Банди ҷонам зи ҳама силсилаи мӯи касест,
Захми тирам зи камонгӯшаи абрӯи касест.
Шаби ғам чун гузаронам мани танҳомонда,
Эй хуш он кас, ки шабаш такя ба паҳлӯи касест.
Гиря имрӯз намеистадам, к-андар хоб
Дидаам шаб, ки рухам гӯӣ, ки бар рӯи касест.

Аз куҷо омадӣ, эй бод, ки девона шудам,
Бӯи гул нест, ки меоядам, ин бӯи касест.
Панди худ беҳуда зоеъ макун, эй соҳиби панд.
К-аз туам нест хабар, з-он ки дилам сӯи касест.
Дил зи ман дур нарафтаст, накӯ медонам,
Боз ҷӯед ҳамин ҷой, ки дар мӯи касест.
Бу, ки з-он гумшудаи хеш нишоне ёбам,
Рӯзу шаб гаштам ҳар ҷо, ки сари кӯи касест.
Аз дилу дидаву ҷон, ҳар чӣ диҳам, розӣ нест,
Ё раб, ин турки ҷафопеша чӣ бадхӯи касест?!
Гар ту мункир шавӣ, эй дӯст, бидонад ҳама кас,
К-ин балои дилам аз наргиси ҷодуи касест.
Сари абрӯи ту гардам, гиреҳаш боз кушой,
Ки камонат на ба андозаи бозуи касест.
Ҳама баҳри дигарон аст закоти ҳуснат,
Охир, ин Хусрави бечора дуогӯи касест.

* * *

Ман кистам, ки кини ғамат бо чу ман касест,
Тӯфони оташе чӣ ба дунболаи хасест?!
Худро бибин дар ойина в-инсофи мо бидеҳ,
К-аз чун туе ҷудо шудан андозаи касест.
Гар з-он, ки боди ҳаҷр маро бурд ҳамчу хас,
З-ин сон ба хоки кӯи ту хошоку хас басест.
Эй бод, чун расад ҳамаро з-ӯ закоти ҳусн,
Ёдаш диҳӣ, ки аз ҳама вомонда вопасест.
Он ҷо, ки дӯст ҷилваи товус мекунад,
Ҳар пашша пеши дидаи ушшоқ каргасест.
Чун гӯямаш, бар ӯй, ки аз нисбат аст дур,
Хатти узори ӯ чу гилеме бар атласест.
Бе сарв худ чӣ ҷои гулистон-ст, Хусраво,
Боғи баҳор бе рухи маъшуқа маҷлисест.

* * *

Буте, к-аз ваям рӯ ба девонагист,
Агар ҷон тавон буд, фарзонагист.
Задам дӣ ба занҷири гесӯ-ш даст,
Маро гуфт: “Боз ин чӣ девонагист?”
Дилам бурду бӯса ба парвона дод,
Ситуд ҷон, ки ин ҳаққи парвонагист.
Дарунам пур аз ёр гашту ҳанӯз
Аз он сӯ, ки ёр аст, бегонагист.
Нигоро, хаёли туро муддатест,
Ки бо мардуми дида ҳамхонагист
Маро куштӣ, охир, туро кас нагуфт,
Ки бечора куштан на мардонагист.
Шуд аз ишқи холи ту Хусрав ҳалок,
Чу мурғе, ки маргаш зи бедонагист.

* * *

Эй дил, ғамин мабош, ки ҷонон расиданист,
Дар коми ташна чашмаи ҳайвон расиданист.
Эй дардманди ҳаҷр, майяндоз дил зи дард,
К-инак табиб омаду дармон расиданист.
Эй гулситони умр, зи сар барг тоза кун,
К-он мурғи ошно ба гулистон расиданист.
Эй оби дида, рехтанӣ гирд кун гуҳар,
К-он подшаҳ дар ин деҳи вайрон расиданист.
Парвонавор пеш равам баҳри сӯхтан,
К-он шамъи дида дар шаби ҳиҷрон расиданист.
Дар раҳ бисоти лаъл зи хуни ҷигар кашем,
К-он нозанин чу сарви хиромон расиданист.
Ҷоне, ки аз фироқ раҳо кард хонаро,
Бозоваред, к-орзуи ҷон расиданст.
Бо хеш мезадам, ки фироқ ар ҳамин бувад,
Тири бало ба сина фаровон расиданист.
Овард бахт мужда ба Хусрав, ки ғам махур,
К-ин чошнӣ-т дар буни дандон расиданист.

* * *

Ҳар кӣ рӯи ту дид, ҷон донист,
Лаби ширин-тро ҳамон донист.
Занахат чаҳ намуду дил ба хаёл,
Бӯсае зад магар, дахон донист.
Ҳусни ту оламе бихоҳад сӯхт,
Ҳам дар оғоз метавон донист.
Нарх кардӣ карашмаро ҷоне,
Банда бихриду ройгон донист.
Ғамзаи ту забон кашид ба ман,
Ки маро нек бе забон донист.
Дил зи ҳаҷри ту баски танг омад,
Маргро умри ҷовидон донист.
Дӣ ба кӯят тани низори маро
Зоғ бирбуду устухон донист.
Кард бар ман дилат зи нодонӣ,
Ҳар чӣ аз ҷаври бекарон донист.
Пеш аз ин ғам набуд Хусравро,
Ғам, ки донист, ин замон донист.

* * *

Май нӯш, ки даври шодмонист,
Хуш бош, ки гоҳи комронист.
Сар бар макун аз шароб, к-айём
Аз теғи аҷал ба сарфишонист.
Мағрур нашав ба бонги нойе,
К-овози дирои корвонист.
Ҳар дам, ки ба хушдилӣ ба\ояд,
Сармояи ҳосили ҷавонист.
Соқӣ, дили мурда зинда гардон
З-он май, ки чу оби зиндагонист.
Ишқ омаду ақл рахт барбаст,
Ин ҳам зи камоли кордонист.

Бехобию ошиқист корам,
Саг баҳри вафову посбонист.
Хусрав, ба ғазоф чанд лофӣ,
Бонги дуҳул аз тиҳимиёнист.

* * *

Чун гузар бар хок дорӣ, дар сарат ин бод чист?
Чун зи гил бунёд дорӣ, дил дар ин бунёд чист?
Кор чун тақдир дорад, з-ахтараш ранҷиш чарост?
Чун кунад султон сиёсат, нола аз ҷаллод чист?
Ёсаминҳо чун ҳама рухсору зулфи некӯвон-ст,
Номи он насрин чаро шуд, васфи он шамшод чист?
Давлату меҳнат чу ҳар ду бар касе поянда нест,
З-ин дилат ғамгин чаро шуд, з-он дарунат шод чист?
Офати мардум бало шуд, аз ҷафокорон чӣ ранҷ,
Мурғро дона бало шуд, таъна бар сайёд чист?
Хуни халқе резиву ногаҳ, гарат резанд хун
Чун ситам худ мекунӣ, аз дигарон фарёд чист?
Чанд тан парвардан, эй аз олами дил бехабар,
Чун дилат вайрон, ваҳ, к-ин обу гил обод чист?!
Ёр кай донад, ки Хусрав мехурад ғам чун Шакар,
Бар дили Ширин чӣ равшан, к-андуҳи Фарҳод чист?!

* * *

Гар бигӯям, ки даруни дили ман пинҳон чист,
Худ бигӯиву бидонӣ, ки ғами ҳиҷрон чист.
Хастагони ту, ки дур аз ту, на наздики туанд,
Ту чӣ донӣ, ки ҳама шаб ба дили эшон чист!
Куштанам хоҳӣ, инак сару инак ханҷар,
Мекушӣ, ё бизиям чанд гаҳе, фармон чист?
Дарди ту оташу об аз дилу чашмам бикушод,
Ба ҷуз аз сӯхтану ғарқа шудан дармон чист?
Ишқ донад, ки заминро зи чӣ шӯяд ашкам,
Нӯҳ донад, ки ҷаҳонро сабаби тӯфон чист.

Дорам уммед, ки чун бахт дарорам ба барат,
То зи ту бахти мани бесару бесомон чист?
Ошкоро бикушам, з-он ки бимурдам ба хаёл,
К-он шакарханда ба зери лаби ту пинҳон чист?
В-ар нахоҳӣ ба шакар кушт мани мискинро,
Лаби ширинщиканатро ба шакар дандон чист?
Зулфро пурс, агарат нест яқин, к-аз зулфат
Ҳоли Хусрав ба шаби тираи бепоён чист?

* * *

Ҳар кӣ дар пеши чашми равшани мост,
Гӯӣ, он офати дилу тани мост.
Чашми ман гарм мешавад, моно-к
Аз ҳамон офтоби равшани мост.
Лолаҳо медамад зи хуни ду чашм,
Гирди ман ин баҳору гулшани мост.
Ғамза зан, ҷони ман, агар мирам,
Ғам махур, хуни мо ба гардани мост.
Мо чу ҳиндуи Суманот зи ишқ
Бутпарастему дил бараҳмани мост.
Баски з-иқболи қурб маҳрумем,
Чанги идбори мо ба домани мост.
Гуфтам: «Аз меҳр сӯхт Хусрав», гуфт:
«Чанд аз ин зарраҳо ба гардани мост?»

* * *

Туро ба дину диёнат дарун биёяд рост,
Ки корҳост чу дину диёнат ояд рост.
Намояд ар ками хешат фузун, машав хуш аз он-к
Яке ба дидаи аҳвал ду менамояд рост.
Ту дида рост кун, аз каҷравӣ маранҷ, ки тир
На ҷумла рост равад, гарчи кас кушояд рост.
Рафиқи рост гузин, к-одамӣ, миёни касон
Агарчи рост дарояд, бад-он, ки бояд рост.

Ҳаким паҳлуи бадхӯ чунон шуд аз раҳ дур,
Ки дар миёни мухолиф касе сар ояд рост.
Ту ҳам хато кунӣ, ар бошадат дар асл хато,
Ки аз машимаи каж одамӣ наёяд рост.
Марав ба водии саргум, ки оқибат раҳи дур
Расад ба ҷое, Хусрав агар гирояд рост.

* * *

Мӯйро нест ин миён, ки турост,
Пистаро нест ин даҳон, ки туруст.
Қоматат рост, сарвро монад,
Сарв бошад чунин равон, ки туроcт.
Ҷон бибуридиву хуш ҳанӯз наӣ,
Даст бар дил неҳ ин замон, ки туроcт!
То чиҳо бар ту кардаме ман, агар
Ҳусн будӣ маро чунон, ки туроcт.
Ба рухи зарди ман ба ханда бигӯ
Хандаангез заъфарон, ки туроcт.
Гӯиё бештар барои зар аст,
Ин сухан бар сари забон, ки туроcт.
Аз зари рух чу кор барнояд,
Ҳар заре, к-он мароcт, дон, ки туроcт.
Кушта гаштам зи абруи ту, макаш
Бар дили Хусрав ин камон, ки туроcт.

* * *

Сад бало афтоду сад фитна бихост,
Ошиқи бечораро ибрат куҷост?
Дӣ дили девонаи ман гум шудаст,
Бар дараш он хун, ки бинӣ ошност.
Зулфи пасташ корфармои аҷал,
Чашми масташ чошнигири балост.
Кофаро, меҳроби абрӯ каж макун,
К-аз барои чашм халқе дар дуост.

Нархи ҷонҳо сахт арзон шуд, бале,
Аҳди тусту рӯзи бозори ҷафост.
Ончунон боде, ки хубон доштанд,
Пеши ту аз ҳеҷ гарде барнахост.
Ғорати дард аст аз ташвиши ту
Ҳар куҷо гӯшанишину порсост.
Ҳар замон гӯӣ, ки ҳоли дил бигӯй,
Ин касеро пурс, к-ӯро дил ба ҷост.
Гуфт: «Андар синаи танги ту чист?»
– Доғҳои дӯстони бевафост!
Бедилонро таъни расвоӣ мазан,
Ҳеч кас донӣ, ки худро бад нахост?
Хусраво, машғули ёрон шав ба рӯз,
К-аз барои ғам ҳама шаб пеши мост.

* * *

Сабо гарде аз он зулфи дуто хост,
Ба ҳар сӯ бӯй аз мушки Хито хост.
Гиребон медарам ҳар субҳ чун гул,
Ҳама расвоии ман аз сабо хост.
Матои ақлу ҷону дил ҳама сӯхт,
Ман ин оташ, надонам, аз куҷо хост.
Ту тори зулф бастӣ банд дар банд,
Зи ҳар банде маро дарди ҷудо хост.
Умедам буд, к-аз ҳуснаш барам ҷон,
Валекин аз хати мушкин бало хост.
Кунун мову лаби лаълу хати сабз,
Ки тақворо рақам аз кори мо хост.
Тамошоро, биё з-ин сӯй боре,
Кунун, к-аз гиряи Хусрав гиё хост.

* * *

Бозаш ҳаваси шикор бархост
В-аз дилшудагон қарор бархост,

Ӯ маркаби ноз ронд, дар халқ
Ҳар сӯй фиғони зор бархост.
Ошиқ на яке, ҳазор ҷон дод,
Нола на яке, ҳазор бархост.
Хуби дигараш ба дидан ояд,
Шод омаду шармсор бархост.
Аз ранҷи манаш чӣ шуд зиёдат
В-аз куштани ман чӣ кор бархост?
Эй ақл, ба рӯзи мо, ки натвон
З-ин майкада ҳушёр бархост.
Бо дард хушам, ки номи марҳам
Аз Хусрави дилфигор бархост.

* * *

Соқиё, бола деҳ имрӯз, ки ҷонон ин ҷост,
Сари гулзор надорем, ки бустон ин ҷост.
Агарам нуқлу шаробе набувад, камтар гир,
Гиряи талху шакархандаи пинҳон ин ҷост.
Нола чандин макун,эй фохта, имшаб дар боғ,
Бо гуле соз, ки он сарви хиромон ин ҷост.
Ҳам зи дар боз рав, эй боду насими гулро
Боз барбоз, ки он ғунчаи хандон ин ҷост.
Ёр дар синаву ман дар сакароти аҷалам,
Даст бар синаи ман сою бибин, ҷон ин ҷост.
Хоҳӣ, эй ҷон, бираву хоҳ ҳамебош, ки ман
Мурданӣ нестам имрӯз, ки ҷонон ин ҷост.
Эй магас, чанд ба гирди лаби он маст парӣ?
Кунҷҳои даҳанаш бин, шакаристон ин ҷост.
Ханда зоеъ макун, эй кони намак, дар ҳар ҷой,
Пораҳои ҷигари сӯхта пинҳон ин ҷост.
Солҳо он дили гумгашта, ки ҷустӣ, Хусрав,
Ҳам ҳамин ҷо-ш талаб, зулфи парешон ин ҷост.

* * *

Ҳар кас он ҷо, ки маю шоҳиду гулшан он ҷост,
Ман ҳамон ҷо, ки дили гумшудаи ман он ҷост.
Ҳар шаб, эй ғам, чӣ расӣ дар талаби дил ин ҷо,
Охир, он сӯхтаи сӯхтахирман он ҷост.
Гум шуда ҷон ба шаби тираву чашмам ба раҳ аст,
Ҳам бар он бом, ки худ он маҳи равшан он ҷост.
Гуфтӣ, эй дӯст, ки бигрезу бибар ҷон з-ин кӯй,
Чун гурезам, ки гаравгон дили душман он ҷост.
Сари меҳроб надорам, ману кӯят пас аз ин,
Ки буту буткадаи габру бараҳман ин ҷост.
Шаб нагунҷидам дар ҷома, ки гуфт аз ту сабо,
Ки манам ҷони ғарибеву маро тан он ҷост.
Монд дар нола ҳам андар ғами ту Хусрав, аз он-к
Булбул ин ҷост, валекин гулу савсан он ҷост.

* * *

Эй насими субҳидам, ёрам куҷост?
Ғам зи ҳад бигзашт, ғамхорам куҷост?
Хоб дар чашмам намеояд ба шаб,
Он чароғи чашми бедорам куҷост?
Дӯст гуфт: «Ошуфта гарду зор бош»,
Дӯстон, ошуфтаву зорам куҷост?
Нестам осуда аз кораш даме,
Ё Раб, он осуда аз корам куҷост?
То ба гӯши ӯ расонам ҳоли хеш,
Нолаҳои Хусрави зорам куҷост?

* * *

Эй бод, аз он баҳор хабар деҳ, ки то куҷост?
В-эй дида, з-он нигор хабар деҳ, ки то куҷост?
Гар ҳеҷ дар раҳе гузаронаш бидидаӣ,
Як раҳ аз он савор хабар деҳ, ки то куҷост?
Ман ҳамчу гул бисӯхтам аз офтоби ғам,
Он сарви соядор, хабар деҳ, ки то куҷост?

Ман з-оби дида шарбати ғам нӯш мекунам,
Он лаъли хушгувор, хабар деҳ, ки то куҷост?
Хунам зи ғам чу нофа бимурд андаруни пӯст,
Он зулфи мушкбор, хабар деҳ, ки то куҷост?
Ҷонам чу сурма суда шуд аз санги орзу,
Он чашми пурхумор, хабар деҳ, ки то куҷост?
Дил чун чароғ кушта шуд аз боди сарди хеш,
Он шамъи рӯзгор, хабар деҳ, ки то куҷост?
Эй пайки тезрав, бирав он моҳро бибин,
Боз ой, зинҳор хабар деҳ, ки то куҷост?
Эй мурғ, нома бар пари ту гар набиштаанд,
Барпар в-аз он диёр хабар деҳ, ки то куҷост?
Хусрав гар ин ҳадис зи ёре шунидаӣ,
К-аз ман бирафт ёр, хабар деҳ, ки то куҷост!

* * *

Умр ба поён расид дар ҳаваси рӯи дӯст,
Барги сабурӣ кирост бе рухи некӯи дӯст?
Гар ҳама олам шавад мункири ман, гӯ шавад,
Дур нахоҳем шуд мо зи сари кӯи дӯст.
Қиблаи исломиён каъба бувад дар ҷаҳон,
Қиблаи ушшоқ нест ҷуз хами абрӯи дӯст.
Эй нафаси субҳдам, гар ниҳӣ он ҷо қадам,
Хастадиламро биҷӯ дар шикани мӯи дӯст.
Ҷон бифишонам зи шавқ дар раҳи боди сабо,
Гар бифишонад ба мо субҳдаме бӯи дӯст.
Рӯзи қиёмат, ки халқ рӯй ба ҳар сӯ кунанд,
Хусрави мискин ба ҷон майл кунад сӯи дӯст.

* * *

Ҳар сӯ, ки бо ҳазор карашма хироми туст,
Сад дил фитода беш ба ҳар нимгоми туст.
Ваҳ, к-он туӣ, ё маҳи гардун ва ё хаёл,
Моҳе, ки гоҳ-гоҳ ба болои боми туст?!

Ҷонам фидои зулфи ту, он дам, ки пурсамат,
К-ин чист: «Мӯи бофта?» Гӯӣ, ки доми туст.
Худро зи ту салом кунам, з-он ҳамезиям,
Мирам аз ин, гумон набарам, к-ин саломи туст.
Мастӣ, гарам тамом бисӯзад аҷаб мадор,
З-он сон, ки дил ба пухтани савдои хоми туст.
Хунам нигин-нигин, ки фурӯ мечакад зи чашм,
Бар ҳар нигин зи килки вафо нақши номи туст.
Ҷоне, ки ҳаст дар кафи андешаҳо гарав,
Бар рух зи хун қабола навиштам, ки номи туст.
Хусрав, ки ҳиндувона сухан кач-кач оварад,
Як ханда кун, вазифаи ӯ, чун ғуломи туст.

* * *

Эй ғамзазан, ки тири ҷафо дар камони туст,
Оҳистатар, ки дасти дилам дар инони туст!
Бинмой рух, ки шод бароят зи диданат
Рӯзе ду-се, ки ғамзадаи меҳмони туст.
Ҷонҳо ба бод дод, ки доим шикаста бод,
Он гесӯе, ки бар сари сарви равони туст.
Доғест аз шарораи оҳи касе магар,
Холи сияҳ, ки бар рухи чун арғувони туст?
Гар ҳар замон ба хонаи дигар шавӣ ба ноз,
Мезебадат, ки худ ҳама олам аз они туст.
З-он мезиям, ки бар даҳан ангуштарин ниҳам
Шабҳо, аз ин хаёл пазам, к-он даҳони туст.
Гуфтам бикуш, ки боз раҳам, новаки мижа
Бинмуду гуфт: «Ин ҳама аз баҳри ҷони туст».
Фарёди Хусрав ар шунавӣ шаб ба кӯи хеш,
Ранҷа машав, ки фохтаи бӯстони туст.

* * *

Эй орзуи дида, дилам дар ҳавои туст,
Ҷонам асири силсилаи мушксои туст.

Ҳастанд дар дуои раҳӣ ҷумла мардумон,
Баҳри наҷоти ишқ раҳӣ дар дуои туст.
Гаҳ ишва, гаҳ карашма, гаҳе хашму гоҳ ноз,
Мискин касе, ки шефтаву муталои туст.
То чанд теғ баркашиву сар талаб кунӣ?
Инак, саре, ки металабӣ, зери пои туст!
Мо ҷон фидои ханҷари таслим кардаем,
Хоҳӣ бибахшу хоҳ бикуш, рой рои туст.
Гуфтӣ, ки абр гашт фалонӣ зи оби чашм,
Ин абр муддатест, ки андар ҳавои туст.
Дил рафта сина низ тиҳӣ шуд зи ҷон ҳанӯз,
Эй сабр, бозгард, ки ин ҷо на ҷои туст.
Эй хатти сабз, бар лаби ҷонон Хизир туӣ,
Моро бикуш, ки оби ҳаёт ошнои туст.
Эй қурси офтоб, ки дурӣ зи дасти мо,
Охир лабе бибахш, ки Хусрав гадои туст!

* * *

Хуррам он чашме, ки ҳар рӯзаш назар бар рӯи туст,
Шодии он дил, ки ҳар дам дар димоғаш бӯи туст.
Ман зи танҳоӣ ба хун ғарқу ту паҳлуи касон,
Хуни ман дар гардани он кас, ки дар паҳлуи туст!
Куштиям з-он зулфу рух, к-ороиши онро мудом
Шона бар пушти туву ойина бар зонуи туст.
Бар рухат дунболаи зулфи ту поёни шаб аст
В-офтоби субҳдам андар сафедӣ рӯи туст.
Нофа худро гарчи з-оҳу мекашад, бо ин ҳама
Пӯстинпӯшӣ зи занҷири хами гесӯи туст.
Бар шакар хонанд афсун баҳри дилҷӯӣ, вале-к
Шаккаре, к-ӯ худ фусун хонад, лаби дилҷӯи туст.
Мӯи абрӯро гиреҳ натвон задан, лекин зи кибр
Сад гиреҳ беш аст бар ҳар мӯ, ки дар абрӯи туст.
Ҳеҷ шаб аз мӯи ту торе намеёрам шикаст,
Ин дарозии шаби ман бе гусасти мӯи туст.

Ҳиндувонро зинда сӯзанд, инчунин мурда масӯз
Банда Хусравро, ки турк аст охиру ҳиндуи туст.

* * *

Он турки нозанин, ки ҷаҳоне шикори ӯст,
Ҷонҳо асири силсилаи мушкбори ӯст.
Андеша нест гар талаби ҷон кунад зи ман,
Андешаи ман аз дили ноустувори ӯст.
Бодо бақои зулфу руху қомату лабаш
Як ҷони ман, ки сӯхтаи ҳар чаҳори ӯст.
Он нохудойтарс ҳама рӯз масти ноз
Девонае чу ман ҳама щаб дар хумори ӯст.
Гар дил барад, зи даст, бибар гӯ, ки ҳаққи ӯст
В-аз ҷон кунад шикор, бикун гӯ, ки кори ӯст.
Дил шуд зи дасту сӯзи дилам монд, ҳам хушам,
К-ин доғ дар дарунаи ман ёдгори ӯст.
Хунам, ки об мекунӣ, эй дида, ранҷ нест,
Лекин маё зи дида, ки он ҷо гузори ӯст.
Моро аз орзуи лабат ҷон ба лаб расид,
Эй бахт, он ки ҳамчу туе дар канори ӯст.
Хусрав, сарат хаёли парастиш амон диҳад,
Зинҳораш устувор надорӣ, ки ёри ӯст.

* * *

Он ки дилам шефтаи рӯи ӯст,
Шефтатар мекунадам, он чӣ рӯс-т.
Беҳ, ки рух аз халқ бипӯшад, аз он-к
Дидаи бад офати рӯи накӯст.
Дӯш бигуфтам, ки даҳонет ҳаст,
Гуфт, ки бисёр дар ин гуфтугӯст.
Гар гилаи ман накунад бо рақиб,
Таънаи душман накашам пеши дӯст.
Ҳастии ман рафту хаёлаш бимонд,
Ин, ки ту бинӣ, на манам балки ӯст.

Ошиқам, ар гиря кунам, айб нест,
Об, ки бар рӯи ман аст, оби ҷӯст.
Баски дили гумшуда ҷӯям ба хок,
Қомати ман бин,ки чӣ гуна дутӯст.
Тарки ҷаҳон хоҳам бо васли ёр,
Кори ҷаҳон, бин, ки чиҳо-м орзуст?
Хусрав аз ин гуна, ки дар худ гум аст,
Офияташ дар талаби ҷустуҷӯст.

* * *

Бандаро бо ту дӯстдорӣ хӯст,
Гарчи ту бандаро надорӣ дӯст.
Он чӣ чашмест, к-аз карашмаи ноз,
Дидаро ҳар назар, ки ҳаст, дар ӯст.
Гирди абрӯи туст ҷои намоз,
Боз дар чашми банда оби вузӯст.
Бо ман ар зулфи ту бад аст, чӣ бок,
Ҳар чӣ бад нест рӯи ту, некӯст.
Фитнаи чашми ту намехуспад,
З-он к-аш аз ғамза хор дар паҳлӯст.
Чун ту бар лаб намедиҳӣ лабро,
Шакар андар лаби ту тӯбартӯст.
Васфи зулфи ту кард Хусрав, аз он-ст,
Ки зи зулфаш ҳама ҷаҳон хушбӯст.

* * *

Мардум аз кӯи ту ҷуз бедил нарафт,
Ҳар кӣ дар майхона шуд, оқил нарафт.
Умр бар сар шуд ба расвоии ишқ
В-ин ҳавас з-ин ҷони беҳосил нарафт.
Баркашидам танг танро сӯи сабр,
Лоша лоғар буд, то манзил нарафт.
Корвон бигзашту маҳмил рафт дур
В-аз дили ман бори он маҳмил нарафт.

Мову ғарқи баҳри ҳиҷрон, чун кунем,
Киштии дарвеш дар соҳил нарафт!
Бо касе вақте висоле доштам,
Солҳо бигзашту он аз дил нарафт.
Шукр кун, Хусрав, балои ишқро
З-он ки ин файзест, к-аз қобил нарафт.

* * *

Рафт ёру орзуи ӯ зи ҷони ман нарафт,
Ишқи ӯ аз пеши чашми хунфишони ман нарафт.
Кас ба ҳиҷронаш чу ҷони мустаманди ман насӯхт,
Кас ба дунболаш ба ҷуз ашки равони ман нарафт.
Андар он соат, ки аз пеши мани шӯридабахт
Рафт он бадхӯ, чаро он лаҳза ҷони ман нарафт?!
Он замон, к-он қомати чун тираш аз ман мегузашт,
Ваҳ, ки пайконаш чаро дар устухони ман нарафт?!
Ман бар он будам, ки пояш гираму мирам равон,
Чун кунам, чун гоҳи рафтан дар миёни ман нарафт.
Дил зи ман duздиду сар то пои ӯ дидам, набуд,
Зери мӯяш буд, он ҷоҳо гумони ман нарафт.
Баски мурғи номабарро з-оҳи Хусрав пар бисӯхт,
Номаи дардам бад-он номеҳрубони ман нарафт.

* * *

Ҳар кӣ нигаҳ дар ту кард, беш ба бустон нарафт,
Орзуи рӯи ту аз гулу райҳон нарафт.
То ту намудӣ ҷамол, нақши ҳама некувон
Рафт берун аз дилам, нақши ту аз ҷон нарафт.
Хасм басе таъна зад, дӯст басе панд дод,
Чашми дилам дар ту буд, гӯш бар эшон нарафт.
Сели маломат расид в-ин ғами ҷонон бибурд,
Субҳи қиёмат дамид в-ин шаби ҳиҷрон нарафт.
Ваҳ, ки чу наргис чаро кӯр набошад мудом
Дида, ки болои он сарви хиромон нарафт?

Мастиву бадномиям айб магиред, аз он-к
Ошиқи девонаро кор ба сомон нарафт.
Гар ҳама ҷоми балост, нӯш куну шукр гӯй,
Эй, ки зи комат гаҳе талхии хубон нарафт.
Ишқ ба мо нокасон раҳм наёрад, аз он-к
Кун-макуни подшаҳ бар деҳи вайрон нарафт.
Гом зада бар ҳарир кай сипарад ин раҳ он-к
Дида қадам сохта, бар сари пайкон нарафт.
Ёр, ки бикшуд шаст бар дили маҷрӯҳи ман,
Тир бурун рафт, лек чошнӣ аз ҷон нарафт.
Рафтани Хусрав хатост бар сари кӯи бутон,
Мӯрча баҳри ҳаёт дар раҳи султон нарафт.

* * *

Рафтӣ аз пеши ману нақши ту аз пеш нарафт,
Кист, к-ӯ дид, ба рафтори ту в-аз хеш нарафт?
Тири мижгони туро хастани дилҳо кеш аст,
Оламе кушта шуду тири ту аз кеш нарафт.
Мани расвошударо худ кушу мафган ба рақиб,
Ки бад-ин рӯз касе пеши бадандеш нарафт.
Дил ба марҳам чӣ гузорем, ки бар ёди лабат
Ҳеҷ вақте дили моро намак аз реш нарафт.
Ҳеҷ гоҳе ба суи банда наёӣ, оре
Ҳеҷ коре ба муроди дили дарвеш нарафт.
Хусраво, тан зану биншин паси кори худ, аз он-к
Ҷигарат хун шуду корат пас аз ин пеш нарафт.

* * *

Ишқ бо ҷони ман аз сина бурун хоҳад рафт,
То надонӣ, ки ба таъвизу фусун хоҳад рафт.
Дил гирифтору ҷигар хаставу тан зор ҳанӯз,
Нимҷоне, ки ба ҷо буд, кунун хоҳад рафт.
Чанд пӯям ба дарат, ваҳ, ки мани дилшударо
Ҷон дар омадшуди кӯи ту бурун хоҳад рафт!

Бо туам дида барафганд чу ту баргаштӣ,
То миёни ману ӯ боз чӣ хун хоҳад рафт.
Чанд хуноба хурам, ҳеҷ гаҳе аз дили ман
Ё раб, он силсилаи ғолиягун хоҳад рафт?!
Чанд гӯӣ, ки фаромӯш кун ӯро, Хусрав,
Охир, он рӯи накӯ аз дил чун хоҳад рафт?!

* * *

То надонӣ зи дилат ёр бурун хоҳад рафт,
Гарчи бар тан ситами ҳаҷр фузун хоҳад рафт.
Турки ман тохтан овард бар ин ҷони хароб,
Ҷон, ки з-ин пеш нарафта-ст, кунун хоҳад рафт.
Мардумӣ кард, ки мехост бипурсам номаш,
З-он ки медонам дар дида дарун хоҳад рафт.
Масту девонаваш аз хона бурун меой,
Боз то дар сари бозор чӣ хун хоҳад рафт!
Сер мебинаму ман мурдани худ мехоҳам,
Ваҳ, ки аз пеши дилам шакли ту чун хоҳад рафт?!
Мекунам шукри ғамат, к-ӯст маро ҳамраҳу бас,
Ҷон дар он рӯз, ки аз сина бурун хоҳад рафт.
Хусраво, чанд ғазал хонӣ, то ғам биравад?
Ин на девест, ки аз сеҳру фусун хоҳад рафт.

* * *

Баргрез омаду барги гулу гулзор бирафт,
Сурхрӯии рухи лолаву гулнор бирафт.
Сарв бишкасту суман зард шуду лола бихуфт,
Гӯ, бирав аз бари ман ин ҳама, чун ёр бирафт.
Муфради боди хазон дӯш ғуборолуда
Омаду гуфт, ки сарви ту зи гулзор бирафт.
Хостам то биравам дар талаби рафтаи хеш,
Ёд омад рухи ӯ, пои ман аз кор бирафт.
Дардавид ашк чу бозомадани хеш надид,
Дил биёндохт ҳам андар раҳи хунбор бирафт.

Хуни дил гарчи ки бисёр бирафт, андак монд,
Сабр ҳарчанд, ки буд андаку бисёр бирафт.
Бод хоре зи раҳи гулрухи ман меовард,
Ҷонам овехт дар он хору гирифтор бирафт.
Гила кард он буту Ширин зи бари Хусрав ҷаст,
Хала кард он гули насрин, зи бари хор бирафт.
Ҳар чӣ аз ақл фузун шуд ҳама умрам ҷав-ҷав
Андар ин ғорати ғам ҷумла ба якбор бирафт.

* * *

Ҷафо, к-аз вай бар ин ҷони забун рафт,
Нагӯям, гарчи аз гуфтан фузун рафт.
Ҳам аввал рӯз, к-омад пеши чашмам,
Зи роҳи дида дар ҷонам дарун рафт.
На ман мурда, на зинда, з-он ки ҳар бор,
Ки ӯ омад ба дил, ҷонам бурун рафт.
Хаташ оғоз шуд, бечора ҷонам
Нарафт аз пеш, ин хоҳад кунун рафт.
Дилаш мегуфт аз ӯ шаб саргузаште,
Ҳама шаб то ба рӯз аз дида хун рафт.
Ҳамин донам хабаргоҳи саҳаргоҳ,
Зи беҳушӣ намедонам, ки чун рафт?
Нашуд аз ҷодуӣ ҳам з-они Хусрав,
Ҳама умраш ба таъвизу фусун рафт.

* * *

Боз шаб омаду хоб аз сари ман берун рафт,
То шабам чун гузарад, рӯз надонам чун рафт.
Мӯнисам нест ба ҷуз гӯшаи ғам бе ту, аз он-к
Ҳар кӣ омад зи паи дидани ман, маҳзун рафт.
Сар ба болин наниҳодам ба фироқи ту шабе,
Ки на то рӯз ба болин зи ду чашмам хун рафт.
Ин нисорест, ки ҷуз хок қабулаш накунад,
Бар дарат ҳар чӣ аз ин дида дури макнун рафт.

Ду худованд ба як хона мувофиқ набувад,
Ту дарун омадиям дар дилу ҷон берун рафт.
Ман на танҳояму дар аҳли ту бедил монда,
Ки дили шаҳре аз он наргиси пурафсун рафт.
Марги Фарҳод на он буд, ҳалоки Ширин,
Ки бар эшон зи ҷудоӣ ғаму дард афзун рафт.
Куштан ин буд, ки Ширин суи Фарҳод гузашт,
Мурдан он буд, ки Лайлӣ ба сари Маҷнун рафт.
Ҳамаро доғ кунад "ё Раб"-у дар ту марасод,
"Ё Раб"-и Хусрав, к-аз дасти ту бар гардун рафт.

* * *

Афсӯс аз ин умр, ки бар боди ҳаво рафт,
Коре ба ҷаҳон не ба муроди дили мо рафт.
Хуршеди ман аз авҷи ҷавонӣ чу баромад,
Бас зарраи саргашта, ки бар боди ҳаво рафт.
Гуфтам зи дари хеш марон, гуфт, ки бигзор
З-ин кӯча чӣ донам, ки чу ту чанд гадо рафт?
Касро чӣ ғам, ар рафт дили сӯхтаи ман,
Буда-ст аз они ман, агар рафт, маро рафт.
Он сабр, ки мегуфт манам кӯҳи гаронсанг,
Боде бивазид аз ту, надонам, ки куҷо рафт?
Гуфтам, ки зиям бе ту зи дурӣ, макуш акнун,
Гар аз мани дарвеш ҳадисе ба хато рафт.
Ранҷа нашавам гар, ба худо, сар буриям, з-он к
Бисёр чунинҳо ба сари аҳли вафо рафт.
Ту дер бизӣ, к-аз гили ёрон-т нишонест
Ҳар зарра, ки аз кӯи ту бар боди ҳаво рафт.
Моро чӣ ҳади сабр ба ҳаҷри ту, ки Хусрав
Омад ба дарат боз ба сар, гарчи ба по рафт.

* * *

Ханда ҳаргиз даҳане ҳамчу даҳони ту наёфт,
Сухан ар об нашуд, таъми забони ту наёфт.

Дид борикии олам ҳама мӯй андар мӯй,
Дид, лекин сари мӯе чу миёни ту наёфт.
Бо чунин ҳусну латофат, ки туӣ, дидаи даҳр
Сӯи кӣ дид, ки ӯро нигарони ту наёфт?
Писта, к-ӯ тангдаҳон буд, даҳонбаста бимонд,
Хешро дид, ки ҳамтунги даҳони ту наёфт.
Бар гаҳи субҳ чу гул хандазанон мерафтӣ,
Бод, ҳарчанд, ки биштофт, нишони ту наёфт.
Гул ба гулзор – гар аз тобиши хуршед бисӯхт,
З-он ки ӯ сояе аз сарви равони ту наёфт.
Пои Хусрав фалак аз хори ҷафо бознадошт,
То сараш рехта дар пои инони ту наёфт.

* * *

Лашкар кашид ишқу дилам тарки ҷон гирифт,
Сабри гурезпой сар андар ҷаҳон гирифт.
Гуфтӣ, ки тарки ман куну озод шав зи ғам,
Осон ба тарки ҳамчу туе чун тавон гирифт?
Эй ошно, ки гирякунон панд медиҳӣ,
Об аз бурун марез, ки оташ ба ҷон гирифт.
Наззора ҳам накард гаҳи сӯхтан маро,
Он кас ки оташам заду аз ман карон гирифт.
Дар тавқи бандагеш равад ҷон ба офият,
Он фохта, ки хизмати сарви равон гирифт.
Акнун ки тозиёнаи ҳиҷрон кашид дил,
Ҷони рамидаро кӣ тавонад инон гирифт?
Хусрав, к-аз ӯст ташнаи шамшери обдор,
З-онаш чӣ ғам, ки душманаш андар забон гирифт.

* * *

Кори болои ту бас боло гирифт,
Дар ҳама дилҳо хаёлат ҷо гирифт.
Ҳар гирифтори ту дид, аз бими ҷон
Ҳам туро баҳри шафоат по гирифт.

То намедонам балои ҷон туро,
Дида дунболи мани шайдо гирифт.
Мегирифтам лаззате аз ишқи хеш,
К-омади ту дар дили ман, ҷо гирифт.
Бо чунин дил гар гирифторем ҳаст,
Ҳақ ба дастат, гар дилат аз мо гирифт.
Чанд сӯзам, ваҳ, ки рӯи дил сияҳ,
К-аз вай андар ҷонам ин савдо гирифт.
Бедилонро таъна зад Хусрав, бисӯхт,
То кадомин оҳи дил ӯро гирифт.

* * *

Ҳар қадам, к-андар раҳ он сарви хиромон баргирифт,
Дида хоки роҳи он домон ба домон баргирифт.
Сар ба сад хорӣ ниҳодам борҳо дар пои ӯ,
Кофарам, гар ҳеҷ вақт он номусулмон баргирифт.
Дил ба пинҳонӣ зи мо бирбуду пайдо ҳам накард,
Ҷон ба душворӣ ба мо барбасту осон баргирифт.
Дил, ки андар зулфи ӯ гум гашт, натвон ёфтан,
Чашм, к-он бар рӯи ӯ афтод, натвон баргирифт.
Боди наврӯзӣ, ки сад нақш оварад бар рӯи об,
Дид лаълашро, қадам аз оби ҳайвон баргирифт.
Хӯи ӯ хост, аз паи мо бевафоӣ пеша кард,
Ё ҷаҳон расми вафодорӣ зи даврон баргирифт?!
Ҳар дурафшонӣ, ки Хусрав кард аз нӯги қалам,
Чашми хунафшони ӯ аз нӯги мижгон баргирифт.

* * *

Шаҳсаворам омаду аз сина ҷонро баргирифт,
Давлати боде, ки он сарви равонро баргирифт.
Ёру ҷон ҳар ду дар ин тан буду ҷон омад дарун,
Ёрро гуфт: “Ин чи бошад бо ту?”, ҷонро баргирифт.
Дӣ, ки кард абрӯ баланд он ёр, халқеро бикушт,
Гӯиё турке ба хунрезӣ камонро баргирифт.

Сурхгул, к-аз оби чашми ман ба кӯи ӯ дамид,
Гиряи хун кард бар вай, ҳар кӣ онро баргирифт.
Гуфтамаш гӯям ғами худ, чун бидидам, дам намонд,
З-он ки ҳайрат аз лаби Хусрав забонро баргирифт.

* * *

Зулфат зи зулм гарчи ҷаҳоне фурӯ гирифт,
Натвон ҳама ҷаҳон ба яке тори мӯ гирифт.
Дар моҳтоб дӯш хиромон ҳамешудӣ,
Моҳат бидиду чодари шаб пеши рӯ гирифт.
Ман чун зиям, ки рӯи дигар хуш намекунад,
Ин чашми рӯсиёҳ, ки ба рӯи ту хӯ гирифт.
Бӯсидам он лабу зи шакар мекунам сухан,
Яъне нахоҳад он намакам дар гулӯ гирифт.
Соқӣ, биёр май, ки чунон сӯхт дил зи ишқ,
К-аз сӯзи ин кабоб ҳама хона бӯ гирифт.
Вақте забони таън кушодам ба бедиле,
Донам дили хароби маро ҳаққи он гирифт.
Эй пардапӯши қиссаи ман, бигзар аз сарам,
К-ин саргузашти ман ҳама бозору кӯ гирифт.
Бас порсо, ки аз ҳаваси шоҳидони маст
Дар майкада даромаду бар сар сабӯ гирифт.
Ҷон бурда буд Хусрави мискин зи некувон,
Ишқи ту ногаҳон-ш даромад, фурӯ гирифт.

* * *

Дилам з-ӯ шаб ҳадиси ноз мегуфт,
Ҳамегуфт ин ҳадису боз мегуфт.
Намеомад маро хобу ғами дӯст
Зи ҳиҷрон саргузаште боз мегуфт.
Хаёли ғамза аз пайкони дилдӯз
Паёми турки тирандоз мегуфт.
Ниҳон мемурдаму мезистам боз,
Ки ҷон бо ман сухан з-он ноз мегуфт.

Маро мекушт ёди он, ки рӯзе
Ба ғамза бо ман он бут роз мегуфт.
Хуш он мурғе, ки меомад аз он боғ,
Кабӯтарро саломи боз мегуфт.
Дили ман маст буду қиссаи дӯст
Гаҳе з-анҷому гаҳ з-оғоз мегуфт.
Зи зулфаш ақл менолид бо чашм,
Ҷафои дузд бо ғаммоз мегуфт.
Чу чанги намзада дар гиря Хусрав
Суруди ошиқон бо соз мегуфт.

* * *

Чу чашми масти ту дар хобгоҳи ноз бихуфт,
Бар остон-ш маро сахт ҳиласоз бихуфт.
Зи нозбозии чашмат умедвор шудам,
Вале дареғ, ки чашмат ба хоби ноз бихуфт.
Дар ин ҳавас кӣ бибинад ба хоб чашми туро,
Бихуфт наргису бедор гашту боз бихуфт.
Ба боғ бо ту ҳамекард сарв пой дароз,
Ба як тапонча, ки бодаш бизад, дароз бихуфт.
Тасаввури ту ба хубӣ нагунҷадам ба хаёл,
Ҳақиқат аст, ки дар пардаи маҷоз бихуфт.
Рух он гаҳем намудӣ, ки ман зи даст шудам,
Чӣ суд ҷилваи Маҳмуд, чун Аёз бихуфт!?
Зи хоки пой намондаст чашми Хусрав боз,
Ба хоки по-т, ки ин чашмҳои боз бихуфт.

* * *

Рухи ту риштаи зулф аз барои он овехт,
Ки офтоб бад-он ришта метавон овехт.
Чӣ кард пеши рухат гул, ки гулфурӯш ӯро
Ба дасти хеш гулӯ баста, ресмон овехт.
Дилам чу шишаи қандил з-оташи рухи хеш
Бисӯхтиву ба меҳроби абрӯвон овехт.

Равон шудиву маро з-он миёни ҳамчун мӯй
Ба ошкор бибастию дар ниҳон овехт.
Бимонд то ба қиёмат ба мӯй овезон
Касе, ки як сари мӯе дар он миён овехт.
Инон кушода ба дунболаи ту оби ду чашм,
Давиду мардумаки дида дар миён овехт.
Дилам зи дида бурун шуд, бимонд дар мижгон,
Гурез кард зи борон, ба новадон овехт.
Зи чашму абруи ӯ гӯшагир шав, Хусрав,
Зи турки маст ҳазар беҳ чу дар камон овехт.

* * *

Сапедадам, ки замона зи рух ниқоб андохт,
Ба зулфи тираи шаб нури субҳ тоб андохт.
Калиди зар шуду бикшод офтоби фалак,
Ба дидаҳо, ки шаби тира қуфли хоб андохт.
Саҳар ҷавоҳири анҷум ягон-ягон дуздид,
Чу субҳ парда даридаш, бар офтоб андохт.
Чӣ гуна субҳ бихандад, ки шаб ба рӯи сиёҳ
Сапеда карду зи дебо ба рӯ ниқоб андохт.
Бидид аз дили деви сиёҳи шаб равшан
Камони чарх ҳар он тир, к-аз шиҳоб андохт.
Ба кунҷи равзану дар гашт моҳтоб ниҳон,
Чу меҳр ханҷари кин сӯи моҳтоб андохт.
Ба охир омаду шабро ба вақти субҳ нафас,
Ки теғ хӯрду зи хуршед хуни ноб андохт.
Бирафт шаб зи паи зинда доштан, худро
Ба партави назари шайхи комёб андохт.
Фалакҷанобо, бипзир банда – Хусравро,
Чу хешро ба ҷаноби фалакҷаноб андохт.

* * *

Дардо, ки бо ман он бути номеҳрубон насохт,
Дарде ниҳод бар дилу дармони он насохт.

Борони меҳри ӯ набиборид бар сарам,
То чашми ман зи ҳар мижае новадон насохт.
Аз чашми васл дудаи уммед барнахост,
То дуди оҳи ман ба фалак соябон насохт.
Аз мо магард, эй ғам, агар ғамгусор гашт,
Бо мо бисоз,эй дил, агар дилситон насохт.
Бемор монд ҷони ман андар лабу лабаш
Ҷондоруе зи баҳри мани нотавон насохт.
Мӯе ситам накард кам он мӯмиёни ман,
То мар маро наҳиф чу мӯи миён насохт.
Султонӣ аз каманди фироқаш амон наёфт,
То дил нишонагоҳи хаданги камон насохт.

* * *

Сари он қомати чун сарви равон хоҳам гашт,
Хоки он силсилаи мушкфишон хоҳам гашт.
Вақти туст акнун, эй дидаву вақти по нест,
Ки ман имшаб ба сари кӯи фалон хоҳам гашт.
Дарди дилҳост дар ин хона, маро бӯй омад,
Саги кӯям, ҳама шаб наъразанон хоҳам гашт.
Сӯхтам, чанд кашам оҳи ниҳонӣ охир?
Ваҳ, ки девона шуда гирди ҷаҳон хоҳам гашт.
Бандаи ишқаму онон, ки дар ин ғам мурданд,
То зиям, гирди сари турбаташон хоҳам гашт.
Охир ин умри гиромист, ки бармегузарад,
Ваъда то кай, на дигарбора ҷавон хоҳам гашт.
Ман бад– ин дида гаҳе сер туро хоҳам дид,
То кай охир ба дарат дидаканон хоҳам гашт?
Аҳди Хусрав агар ин аст, ки пешат мирад,
Ҷон чӣ бошад, ки зи баҳрат ман аз он хоҳам гашт.

* * *

Маҳе гузашт, ки он маҳ ба сӯи мо нагузашт,
Шабе нарафт, ки бар ҷони мо бало нагузашт.

Маро зи орази ӯ дер шуд, гуле нашукуфт,
Чу гулбуне, ки бар ӯ ҳеҷ гаҳ сабо нагузашт.
Гузашт дар дили ман сад ҳазор тири ҷафо,
Ки ҳеҷ дар дили он ёри бевафо нагузашт.
Масеҳи ман чу маро дам надод, ҷон додам,
Валек умр, надонам, гузашт ё нагузашт.
Бирехт чашми маро обу он бути бадхӯй,
Чӣ оби рехтагӣ, к-он ба рӯи мо нагузашт.
Кабӯтаре набарад сӯи дӯст номаи ман,
К-аз оташи дили ман мурғ дар ҳаво нагузашт.
Чӣ суд мулки Сулаймон-т, Хусраво, ба сухан,
Чу ҳудҳуди ту гаҳе ҷониби Сабо нагузашт.

* * *

Чун ба гетӣ ҳар чӣ меояд, равон хоҳад гузашт,
Хуррам он кас, к-ӯ накӯном аз ҷаҳон хоҳад гузашт.
Новаки гардун, ки ояд бар ҳама наззора кун,
К-аз каён бигзашту то низ аз каён хоҳад гузашт.
Ҷуз зи як кас нагзарад як тиру бин дар кини чарх,
Чун яке тир аст, лек аз ҳамгинон хоҳад гузашт.
Чун гурезам аз сафои осмон, чун оқибат
Сел, к-аз бом ояд, андар новдон хоҳад гузашт.
Ғофилон гӯянд умри мост чун кӯҳи гарон,
Вой бар кӯҳе, ки чун боди равон хоҳад гузашт.
Он кӣ мегӯяд, ки хоҳад дид поёни ҷаҳон,
Ҳам бихоҳӣ дид, к-ӯ то бар чӣ сон хоҳад гузашт?
Гар ҷавон, гар пир, чун мо бигзарем аз ин ҷаҳон,
Баски бар болои мо пиру ҷавон хоҳад гузашт.
Корвони дӯстон бисёр бигзашту ҳанӯз
Бин, к-аз ин раҳ чанд аз ин сон корвон хоҳад гузашт.
Ҳар кӣ хаст, охир на дар зери заминаш хуфтанист,
Худ гирифтам, дар баландӣ з-осмон хоҳад гузашт.
Ҳар хазоневу баҳоре, к-оядат хуш бош аз он-к
Чанд-чанд аз нав баҳору меҳргон хоҳад гузашт.

Хусраво, бистон матое дар дукони рӯзгор,
К-ин баҳои умр то кай ройгон хоҳад гузашт?

* * *

Дидамаш имрӯзу шаб дар дил кунун хоҳад гузашт,
Боз то шаб бар мани бечора чун хоҳад гузашт.
Гуфтиям ҷон дар миён кун, з-ӯ бибур дил, чун бурам,
К-ӯ миёни ҷон шабе сад раҳ фузун хоҳад гузашт.
Имшаб, эй ҷони куҳан, берун гузар бегонавор,
К-ошнои дигарам дар дил дарун хоҳад гузашт.
Он уқубатҳо, ки дар рӯзи қиёмат гуфтаанд,
Андар ин шабҳои ғам бар ман кунун хоҳад гузашт.
Ҷоми худ боре ба як ҷуръа нагун кун бар сарам,
Кош рӯзе чун ҳама умрам нагун ҳоҳад гузашт..
Ҷавр мекун, то ба сад ҷон мекашам, к-аз осмон
Ҳар кӣ ояд бар сари хокам, забун хоҳад гузашт.
Рози хунолуди худ, эй дил, мадеҳ бар ман бурун,
К-ин варақ хом асту ҳарф аз вай бурун хоҳад гузашт.
Дида дилро дар бало афганду хоҳӣ дид фош,
Дар миёни дидаву дил мавҷи хун хоҳад гузашт.
Хусраво, гар ошиқӣ, месӯзу лаб макшой аз он-к
Дуди ин равзан зи чархи обгун хоҳад гашт.

* * *

Шӯхи ман дӣ ба раҳе масту хиромон бигузашт,
Ҳоли чандин дили осуда зи сомон бигузашт.
Халқ дарёфт ба бӯяш, ки ҳаму мегузарад,
Кард ғаммозии худ, гарчи ки пинҳон бигузашт.
Шаб зи хунобаи дил хоки дараш мешустам,
К-омад андар бари ман нолаву гирён бигузашт.
Дӣ ҳамегуфт, ки ҷома мадар аз дидани ман,
Гиря афтод ба домону гиребон бигузашт.
Зистан хостаме аз паи рӯяш з-ин пеш
Бар дари ту, ки кунун кори ман аз он бигузашт.

Оҳанин ҷони маро ғамзаи ту кард шикор,
Гарчи пайкони ту фарсуду зи сандон бигузашт.
Чанд гӯӣ, ки кунун бо ту сухан хоҳам гуфт,
Чӣ кунӣ марҳами дарде, ки зи дармон бигузашт!
Хусрав аз гуфта пушаймон-ст, ки ҳоли худ гуфт,
Гар ғаме дар дили ӯ буд, парешон бигузашт.

* * *

Дилам бурду бӯи вафое надошт,
Дилашро ғами ошноӣ надошт.
Таҳаммул басе карда гул дар баҳор,
Вале пеши рӯяш бақое надошт.
Раҳи ҷон ба ҷонон супурду дареғ,
Ки дархурди ҳиммат салое надошт.
Сабурӣ бурун шуд зарурӣ зи ман,
Ки дар синаи танг ҷое надошт.
Кунун шишаро бар табиб оварам,
Ки зоҳид қабули дуое надошт.
Фалак ошиқиро чу бар ман гумошт,
Чуз ин дар хазина балое надошт.
Чӣ бинам ба беҳуда дар боғи даҳр,
Ки ҳаргиз насими вафое надошт.
Фароҳам нашуд реши ишқи куҳан,
Ки пайкони хубон хатое надошт.
Ба занҷири ӯ, Хусраво, дил мабанд,
Ки султон назар бар гадое надошт.

* * *

Бо ғамаш хуш будаам, шаб гарчи дар зорӣ гузашт,
Ёд мекардам аз он шабҳо, ки дар ёрӣ гузашт.
Моҷарои дӯш мепурсӣ, ки шаб чун буд ҳол,
Эй, сарат гардам, чӣ мепурсӣ, ба душворӣ гузашт.
Хоб ҳам н-ояд гаҳе, то дидаме вақте магар
Он шаби фаррух, ки бо ёрам ба бедорӣ гузашт.

Бар дараш судам ҳама шаб дидаву чашми маро
Иззате буд, арчи бар хоки дараш хорӣ гузашт.
Мардумон гӯянд чунӣ дар хаёли зулфи ӯ,
Чун бувад мурғе, ки умраш дар гирифторӣ гузашт?!
Нӯш бодо бар ману ту шарбати айш, арчи рӯз
Бар ту дар май хӯрдану бар ман ба хунхорӣ гузашт.
Гарчи дар ҳаҷри туам ҷуз хӯрдани ғам кор нест,
Ҳам фусуси ман зи умре, к-он ба бекорӣ гузашт.
Зоеъ он вақте, ки бар зиндадилон бе май гузашт,
Нохуш он рӯзе, ки бар мастон ба ҳушёрӣ гузашт.
Дил гарон шуд арчи аз бори ғамат, Хусрав, аз он-к
Шахси чун мӯяш зи олам бо сабукборӣ гузашт.

* * *

Куҷост дил, ки ғаматро ниҳон тавонад дошт,
Ба сабр кӯшаду худро бар он тавонад дошт.
Ба коми душманам аз ҳаҷри дӯст, ёре ку,
Ки дил ба сӯи мани нотавон тавонад дошт?
Кашида чашми ту теғу маро шафеъе на,
Ки дасти маслиҳате дар миён тавонад дошт.
Бибурд дузд ғами дил, ки ёри хоболуд
Чӣ гуна поси дили дӯстон тавонад дошт?
Бисӯзаму надиҳам дам, ки нест ҳамдарде,
Ки рози сӯхтаеро ниҳон тавонад дошт.
Хароби чашми худам в-ин на он маест, ки ҳеҷ
Шаробхори маро меҳмон тавонад дошт.
Ҳамекушанд, ки номаш мабар, чу дар дилам ӯст,
Раҳӣ чӣ гуна забон дар даҳон тавонад дошт?
Намонд аз маҳу хуршед, нозанини маро
Ҳаёт бод, ки ӯ ҷояшон тавонад дошт.
Матои умр, ки барбод меравад аз даст,
Магар ки лангари ратли гарон тавонад дошт.
Инояте бикун, эй дӯст, банда Хусравро,
Сари ниёз бар он остон тавонад дошт.

* * *

Нигори ман имшаб сари ноз дошт,
Бар афтодагон хӯи дамсоз дошт.
Ба як ҷоми бода ба саҳро фиганд,
Дилам ҳар чӣ дар пардаи роз дошт.
Ба сӯяш намедидам аз бими ҷон,
Ки ду чашми ӯ мастӣ оғоз дошт.
Раҳи ман зад ин зормонда сиришк,
Ки чашми маро аз назар боздошт.
Ҳама шаб чу парвона месӯхтам,
Ки шамъи ман аз дигарон гоз дошт.
Ба узр аз дилам банда маъзур дор,
Ки чашми бағоят дағобоз дошт.
Дили ман, ки тире дар ӯ монда буд,
Ба нола хароше дар овоз дошт.
Кунун ёд н-орад зи Хусрав гаҳе,
Ки мурғе дар ин боғ парвоз дошт.

* * *

Турки мастам, ки қасди имон дошт,
Чашми ӯ майли ғорати ҷон дошт.
Хуни ман чун шароб менӯшид
В-аз дилам ҳам кабоби бирён дошт.
Дида дармефишонд дар доман,
Гӯиё остини марҷон дошт.
Дари боғи биҳишт бикшуданд,
Бод, гӯӣ, калиди Ризвон дошт.
Ғунча дидам, ки аз насими сабо
Ҳамчу ман даст дар гиребон дошт.
Рӯзам аз парда бар мало афтод,
Чанд шояд ба сабр пинҳон дошт?
Хусраво, тарки ҷон бибояд гуфт,
Ки ба як дил ду дӯст натвон дошт.

* * *

Дӯш лаъли ту маро то ба саҳар меҳмон дошт,
Мурдаи ҳаҷр ба бӯи ту ҳама шаб ҷон дошт.
Рӯи ту дидаму шуд дард фаромӯш маро,
Сина аз новаки чашмат ба ҷигар пайкон дошт.
Дили ман гарчи ба бедод шуд аз зулфи ту танг,
Мулки ӯ шуд, ки зи султони рухат фармон дошт.
Боз бо зулфи ту бадхӯ шудам, инак, пас аз ин
Дили девона ба занҷири бало натвон дошт.
Эй, ки мегӯӣ, ки дар пеши санам саҷда чӣ суд?
Ин бад-он гӯй, ки он дам хабар аз имон дошт.
Сӯзиши синаи ман диду канорам бигирифт,
Ки ҳанӯз ин тани бадрӯз сари ҳиҷрон дошт.
Ҷон, ки аз зулфи ту бигрехт, шабаш хуш бодо,
Ҷои он ёр нигаҳ дошт, ки ҷои он дошт.
Назаре кардаму дуздида маро ҷон бахшид,
К-аз рақибони хунук дузди маро пинҳон дошт.
Хусрав имшаб шарафи бандагии ҷонон ёфт,
Магас имрӯз сари моидаи султон дошт.

* * *

Тақдир, ки якчанд маро аз ту ҷудо дошт,
Аз ҷон гила дорам, ки маро зинда чаро дошт?
Андӯҳи ҷудоӣ зи касе пурс, ки якчанд
Даври фалак аз суҳбати ёрон-ш ҷудо дошт.
Девори туро ман халали хор нахоҳам,
Ҳаҷрат ба дилам гарчи ки садрахна раво дошт.
Доғи ҷигар ин аст, ки аз гиря бишустам,
Он доғ, ки домон-ш зи хуни дили мо дошт.
Сӯфӣ, ки хиромидани ту дид ба сад сидқ,
Бидрид мусаллову кулаҳ дар таҳи по дошт.
Хусрав ба вафои ту диҳад ҷон, ки дар офоқ
Гӯянд ҳама, к-он саги девона вафо дошт.

* * *

Боди Наврӯз чу дунболаи ҷони мо дошт,
Дили моро асари бӯи касе шайдо дошт.
Аз куҷо гашт падид ин ҳама хубон, ё раб,
Осмон, ин чи бало буд, ки баҳри мо дошт?
Наравам боғ,к-аз ин дида, ки ӯро дидам,
Чун тавонам ба гулу лолаи нозебо дошт?
Ишқ биншаст ба ҷон, хонаи дил кард хароб,
Ки мани сӯхтаро бар сари ин савдо дошт.
Халқ гӯянд, ки гар ҷон-т ба кор аст, бибин,
Чӣ кунам, чун натавонам дили худ бар ҷо дошт.
Дӣ, ки Хусрав ба рухаш кард назар серу бирафт,
Зулфи ӯ дод дилам в-арна кӣ ин ёро дошт?

* * *

Ёри мо дил зи дӯстон бардошт,
Меҳри дерина аз миён бардошт.
Ман нахоҳам кашид ҳар чӣ кунад,
Ки дил аз вай наметавон бардошт.
Дӣ ба тундӣ баланд кард абрӯ
В-аз паи куштанам камон бардошт.
Хостам ҷон ба узр пеш барам,
Ҳаҷр худ рафт, пеш аз он бардошт.
Дар дили ӯ накард кор, арчи
Санг аз афғони ман фиғон бардошт.
Ҷаҳл кардам, ки нолае накунам,
Дарди дил муҳр аз забон бардошт.
Чашми ӯ ҳеҷ кам нахоҳад шуд,
Дил бибояд маро зи ҷон бардошт.
Рафтам имрӯз, то нахоҳад кушт,
Сар нахоҳам зи остон бардошт.
Тарки савдои хом кун Хусрав,
Ки вафо рахт аз ин дукон бардошт.

* * *

Имшаб шаби мо нур зи маҳтоби дигар дошт
В-аз гиряи шодӣ мижаам оби дигар дошт.
Дил ҳеҷ ба ширинии ҷон майл намекард,
Мискин магас олоиши ҷуллоби дигар дошт.
Ҳангоми саҳар халқ ба меҳробу дили ман
З-абрӯи буте рӯй ба меҳроби дигар дошт.
Курбон шудаму чун нашавам, вой ки он чашм
Бар ҷони ман аз ҳар мижа қассоби дигар дошт.
Ноланд ба маҳтоб сагон в-ин саги шабгард,
Фарёд, ки фарёд зи маҳтоби дигар дошт.
Гаштам ба назар масту бихуфтам таҳи пояш,
Ҷон аз сақароти аҷалам хоби дигар дошт.
Дил муждаи завқи абадӣ дод ба ҷо, з-он-к
Ҳар ғамзаи ӯ новаки пуртоби дигар дошт.
Зад сад гиреҳи сахт ба дилбастагии ман
Зулфаш, ки ба ҳар мӯ шикану тоби дигар дошт.
Не дошт хабар аз худу на аз маю маҷлис
Хусрав, ки харобӣ зи маи ноби дигар дошт.

* * *

Оби ҳаёти ман, ки нам аз ман дареғ дошт,
Хоки раҳаш шудам, қадам аз ман дареғ дошт.
Ман ҳар шабе нишаста зи ҳаҷраш ба рӯи ғам,
Ӯ пурсише ба рӯзи ғам аз ман дареғ дошт.
Гаҳ-гаҳ ба рӯи ӯ шудаме зинда пеш аз ин,
Ӯ низ боди субҳдам аз ман дареғ дошт.
Сад дӯст беш кушт, на ман низ дӯстам,
Охир чӣ шуд, ки ин карам аз ман дареғ дошт.
Бар дигарон навишт басе номаи вафо,
Дар ҳошия салом ҳам аз ман дареғ дошт.
Ман дар сари қалам задам оташ зи дуди оҳ,
Ӯ дуда аз сари қалам аз ман дареғ дошт.
Қоғаз магар намонд, ки он нохудойтарс
Аз нӯги хома як рақам аз ман дареғ дошт.

Карданд агар вафо каму гар беш дӯстон,
Ӯ, ҳар чӣ ҳаст, бешу кам аз ман дареғ дошт.
Хусрав чӣ гуна банд канад сабрро, ки ёр
Мӯе зи зулфи хам ба хам аз ман дареғ дошт.

* * *

Маро карашмаи он турки гулъузор бикушт,
Маро шиканҷаи он ҷаъди ҳамчу мор бикушт.
Савора мешуду як шаклу сад ҳазор назар,
Ҳам аввалин назарам шакли он нигор бикушт.
Магар ки боди сабо бурд рахши гулгунаш,
Ки ҷони сӯхтагонро чароғвор бикушт.
Талаб кӣ мекунад имрӯз хуни ман, ки маро
Камони ишқ зи пайкони обдор бикушт.
Ба ошкору ниҳон чун аз они хешам хонд,
Ниҳониям бари худ хонду ошкор бикушт.
Ҳазор бор аз он турки хиракуш фарёд,
Ки ҳамчу ман на яке балки сад ҳазор бикушт.
Чу моҳие, ки дарафтад ба дом, Хусравро
Ба қайди зулф дарафганду зор-зор бикушт.

* * *

Эй қиблаи соҳибназарон рӯи чу моҳат,
Сарфитнаи хубони ҷаҳон чашми сиёҳат.
Ту подшаҳи кишвари ҳуснию малоҳат,
Хубони ҷаҳонанд ҳама хайлу сипоҳат.
Ҳар гаҳ ки зи бозор равӣ ҷониби хона,
Чун ашк равон гардаму гирам сари роҳат.
Наздики туам чун нагузоранд рақибон,
Дуздида биёям, кунам аз дур нигоҳат.
Хусрав чӣ кунӣ нола, дамодам чӣ кашӣ оҳ?
Он сарви равонро чӣ ғам аз нолаву оҳат!

* * *

Чун ғами ҳиҷрони ӯ надошт ниҳоят,
Оқибат андӯҳи ишқ кард сироят.
Вақт наёмад, буто, ки аз сари инсоф
Сӯи заифон назар кунӣ бағоят.
Ғояти онҳо, ки аз ҷафои ту дидам,
Нури яқин дошт дар дилам ба сироят.
Гар танам аз дасти ғам зи пой дарояд,
Сар накашам то манам зи қайди вафоят.
Гар ту ба теғам занӣ, халос набошад,
Захми ту хуштар, ки аз рақиб ҳимоят.
Шарҳи ғами ишқ беш аз ин чӣ гӯям,
Шавқи ману ҷаври ӯ расид бағоят.
Эй бути номеҳрубони шӯхи ситамгар,
Аз ту кунам ё зи рӯзгор шикоят?
Он чӣ ман аз рӯзгори сифла кашидам,
Пеши ту гӯям зи рӯзгор ҳикоят.

* * *

Девона шудам дар орзуят,
Эй чашми ҳама ҷаҳон ба сӯят.
Донӣ ту, ки бад шуда-ст ҳолам
В-он бад ҳама аз рухи накӯят.
Дӣ рӯи ту дидаму намурдам,
Шарманда бимондаам зи рӯят.
Моему таҳайюру хамӯшӣ
В-офоқ ҳама ба гуфтугӯят.
Бӯи хушам ояд аз ту дар ҷайб,
Гул дориву ё ҳамин-ст бӯят?
Пурсӣ, ки чӣ гунаӣ зи ман дур,
Дур аз ту, чӣ пурсиям, чу мӯят.
Гуфтӣ, ту ки обхӯрдам овард,
Имрӯз ба дидаи чу ҷӯят.

Хоки тани ман сиришта чун аст?
Дархур нашуда аз ин сабӯят.
Хусрав ба каманди ту асир аст,
Бечора куҷо равад зи кӯят?

* * *

Асаре намонд боқӣ зи ман андар орзӯят,
Чӣ кунам, ки сер дидан натавон рухи накӯят.
Ҳама рӯз гирди кӯят, ҳама шаб бар остонат,
Ғаразе ҷуз ин надорам, ки назар кунам ба рӯят.
Пас аз ин ба дида хоҳам ба тавофи кӯят омад.
Ки бисуд то ба зону қадамам ба ҷустуҷӯят.
Ба вафо, ки дарпазирӣ, ман аз паи вафоят,
Дили хунгирифта кардам хуриши сагони кӯят.
Хираду замиру хушу дилу ҷону чашми ман шуд
Зи ҳама хаёл холӣ, магар аз хаёли рӯят.
Ман агар наметавонам ҳақи хидматат зиёда,
Кам аз он, ки ҷони ширин бидиҳам дар орзуят.
Зи насими ҷонфизоят дили мурда зинда гардад,
Зи кадом боғӣ, эй гул, ки чунин хуш аст бӯят?
Ба тани чу тори мӯям биниҳӣ ту як ҷаҳон ғам,
Надиҳам ба ҳеҷ ҳоле ду ҷаҳон ба тори мӯят.
Пас аз ин чӣ ҷои он аст, ки ҳадиси хеш гӯям,
Ки фасона гашт Хусрав ба ҷаҳон зи гуфтугӯят.

* * *

Эй турки камонабрӯ ман бандаи абрӯят,
Мулки ҳама Ҳинду Чин надҳам ба яке мӯят.
Вақте ба туфайли гӯй бинвоз сарам охир,
То чанд хӯрам ҳасрат, бошад, ки расам сӯят?
Гуфтӣ, ки бад ин сӯҳо ғамнок чӣ мегардӣ,
Овехта дил дорам дар панҷаи гесӯят.
Масҷид чӣ равам чандин, охир чӣ намоз аст ин,
Рӯям ба сӯи қибла, дил ҷониби абрӯят.

Шабҳо ҳама кас хуфта ҷуз ман, ки зи бедорӣ,
Афсонаи дил гӯям дар пеши саги кӯят.
Гаҳ номи гуле гирам, гаҳ ёди гулистоне,
З-ин гуна дарандозам ҳар ҷо сухани рӯят.
Бӯи гул аз ин пешам дар боғ намудӣ раҳ,
Боде бивазид аз ту, гумраҳ шудам аз бӯят.
Ҷон дар талаби ҳамраҳ, то боз раҳад з-ин ғам,
Фарёд, ки боде ҳам н-ояд гаҳе аз кӯят.
Пеши ту, бигӯ, эй бут, сӯзанд чу ҳиндуям,
Бар оина рез он гаҳ хокистари ҳиндуят.
Сар дар хами чавгонат, розист бад ин Хусрав,
Он бахт киро, к-орад сар дар хами бозӯят.

* * *

Чӣ вазн моҳи саморо баробари рӯят,
Ки офтоби фалак нест ҳамтарозуят.
Баробарӣ накунад бо ту офтоб, агар
Ҳазор бор баробар кунанд бо рӯят.
Ду зулфи ту зи паси гӯшҳо-т, донӣ чист?
Ду зоғ, лек аз он бо камони абрӯят.
Зи ташнагони лабат шарбате дареғ мадор,
Кунун ки оби латофат равон-ст дар ҷӯят.
Шабам чӣ гуна набошад дароз дар ҳаҷрат,
Ки ҳеҷ менатавонам гусастан аз мӯят.
Шаби фироқ дароз асту ман намедонам,
Ки мубталои шабам, ё аз они гесӯят.
Бурун ҷаҳ аз кафи ғам, Хусраво, чу тир аз шаст,
Камони ишқ макаш, нест он ба бозуят!

* * *

Биё, эй дидаи шаҳре ба сӯят,
Ҷаҳоне гумшуда дар ҷустуҷӯят.
Балову фитна корафзои чашмат,
Ҷафову кина дастафзори хӯят.

Кӣ бошад ойина, оҳу ҳазор оҳ,
Ки дар оғӯш гирад нақши рӯят?!
Мабодо бигсалад як мӯят, арчи
Ҷаҳон овехт дар як тори мӯят.
Кунам аз оби дида лаб намозӣ,
Ки пои ҳар саге бӯсам ба кӯят.
Бидеҳ дил, гар тавонӣ, бедилеро,
Ки хоҳад дод ҷон дар орзӯят.
Наям ошиқ, чу ман аз бими мурдан,
Набинам сер дар рӯи накӯят.
Чу занбӯри сияҳ гирди сари гул
Бигардам бар сарат, бехуд зи бӯят.
Зи ҳайрат боз Хусрав монда беҳуш,
Хамӯшии вай андар гуфтугӯят.

* * *

Зулфи ту ба ҳар оби мусаффо натавон шуст,
Илло, ки ба хунобаи дилҳо натавон шуст.
Ҳар шаб ману аз гиря сари кӯи ту шустан,
Бадбахтии ин дида, ки он по натавон шуст.
Дарё зи паи бахти бад аз дида чӣ резам,
Чун бахти бади хеш ба дарё натавон шуст.
Ишқ аз дили мо кам натавон кард, ки зотест
Чун мояи оташ, ки зи хоро натавон шуст.
Аз дурдии хум шӯй мусаллои ман имшаб,
К-аз оби дигар латтаи моро натавон шуст.
Нӯшем маю бар сари худ ҷуръа фишонем,
Ҳар ҷой, ки ҷуръа чакад, он ҷо натавон шуст.
Эй дӯст, ба Хусрав бирасон шарбати дурде,
К-аз Замзаму Каъба дами сагро натавон шуст.

* * *

Ба дидаву дили ман дӯст хона металабад,
Чаро дар оташу об ошёна металабад?!

Забон бисӯхт зи оҳу зи баҳри шарҳи фироқ
Лабам зи ҷони пуроташ забона металабад.
Дилам ба рӯи бутон майл мекунад в-он гоҳ
Мизоҷи офият андар замона металабад
Танам, ки ғарқаи хун шуд зи ошноии чашм,
Фитода дар дили дарё карона металабад.
Хаёли дӯст дар ин хона то бар оташ рафт,
Кунун зи оби ду чашмам тарона металабад.
Зи зулфи чобуку қадди чу сарв з-он дар дил
Вилояте зи сари тозиёна металабад.
Саводи дида сипар сохтам, ки ғамзаи ӯ
Зи баҳри тир балоро нишона металабад.
Миёни нозуки ӯро ба бар бигирам танг,
Ки аз барои гусистан баҳона металабад.
Шуда-ст Хусрави бехеш дар миёнаш гум,
Тани чу мӯй миёни ду шона металабад.

* * *

Он дил ба чӣ кор ояд, к-ӯ хонаи ту набвад,
В-он мӯй чӣ дил бандад, к-ӯ шонаи ту набвад?
Он к-ӯ сари ту дорад, пас аз сари худ тарсад,
Девонаи худ бошад, девонаи ту набвад.
Хоби аҷалам гирад аз ғояти бехобӣ,
Гар мӯниси ман ҳар шаб афсонаи ту набвад.
Маҳрумтарин мурғам, холи лаби худ бинмо,
Ҳасрат нахурам боре, гар донаи ту набвад.
Аз шуъла чӣ тарсонӣ, эй шамъ, маро он к-ӯ
Дӯзах накунад луқма, парвонаи ту набвад.
Девони бақо надҳад даҳрӯза бароти ҷон,
Гар Хусрави мискинро парвонаи ту набвад.

* * *

Ҳар кӣ чу ту ба некӯӣ офати ақлу ҷон бувад,
Хуни ҳазор бегунаҳ резаду ҷои он бувад.

Монд забону дил бишуд дар ғами ту маро вуҷуд,
Ошиқи хаста то бувад, бедилу безабон бувад.
Ту ба камину он ки ман кушта ба кӯи ту шавам,
Ман ба дуои он, ки то умри ту ҷовидон бувад.
Ту ба итоб ҳозирӣ, чун ба манат назар фитад,
Ман ба қасос розиям, гар зи туам амон бувад.
Дар сару кори ошиқӣ ҳар кӣ набохт хонумон,
Ошиқи дӯст нест ӯ, ошиқи хонумон бувад.
Ман ба итоби чашми ту бад накунам, ки дар ҷаҳон
Тундиву хашму бадхуӣ одати нотавон бувад.
Давлат агар намекунад сӯи мани гадо назар,
Ту гузаре кун ин тараф, давлати ман ҳамон бувад.
Чун ту ба боғ бигзарӣ, гул нарасад ба бӯи ту,
Лек расад ба қоматат сарв, агар равон бувад.
Зулф гузашт бар лабат, тунд шудӣ ба рӯи ман,
Бӯса дигар касе диҳад, сӯи манат гумон бувад.
Хусрави хастаро чу ҷон дар сари кори ишқ шуд,
Бӯса музояқат макун, то-ш ба ҷои ҷон бувад.

* * *

Ороми ҷонам меравад, дилро сабурӣ чун бувад?
Он кас шиносад ҳоли ман, к-ӯ ҳам чу ман дар хун бувад.
Барбаст чун ҷавзо камар, омад ба ҷавзо з-он қамар,
Яъне ки ин азми сафар бар толеи маймун бувад.
Гӯянд ҳоли худ бихон пешаш, магар тобад инон,
Ин бо касе гуфтан тавон, к-ӯ аз дилам берун бувад.
Ин дур, ки аз чашм афганам, бигсаст ҷайби доманам,
Чун ресмоне шуд танам, к-андар дури макнун бувад.
З-он лаб, ки пинҳонам ғазал, чун мор дар ҷонам хазад,
Море гиребонам газад, кай дархури афсун бувад?
Лайливу мӯи ӯ ба рӯ он кас бидидаш мӯ ба мӯ,
Донад, ки занҷир аз чӣ рӯ бар гардани Маҷнун бувад.
Ҷаъду хаташ ҷӯям ҳаме, з-ин тори мӯи чун ҳаме,
Худ ошиқонро дар даме савдои гуногун бувад.

Ранҷам мабодо бар тане, чун ман мабодо душмане,
Ман донаму ҳамчун мане, к-андӯҳи ҳичрон чун бувад.
Ваҳ, к-он париваш ногаҳон з-ин дидаи тар шуд ниҳон,
Аз Хусрав омӯзад фиғон, Фарҳод агар акнун бувад.

* * *

Симинтану хородилӣ, гар гуфтанам ёро бувад,
Гар бут наӣ, кай дар башар тан симу дил хоро бувад?
Анбар чӣ сон нисбат кунам бо зулфи ту, к-аз зулфи ту
Бӯи дил ояд в-ин куҷо дар анбари соро бувад?
Нозу карашма офат аст аз баҳри дилҳо дар бутон
В-арна ба зебоӣ чӣ кам нақше, ки бар дебо бувад?
Гуфтам, ки гар ҳамтои худ хоҳӣ, маҳу хуршед бин,
Гуфто,ки бинам оина, гар ин ҳавас бо мо бувад.
Хуфтан на танҳо дар лаҳад роҳат бувад, фарёд аз он
Хобе, ки дур аз дӯстон муштоқро танҳо бувад.
Хусрав гар аз ишқат бувад ранҷе, маранҷ аз некувон,
Бошад гунаҳ чашми маро, на рӯи зеборо бувад.

* * *

То сарам бошад, таманнои туам дар сар бувад,
Подшо бошам, гарам хоки дарат афсар бувад.
Рӯзгор аз зулфи ту бодо парешон рӯзу шаб,
То дили бадрӯзи ман ҳар дам парешонтар бувад.
Ман хурам хунобаи ҳиҷрону безорам аз он-к
Моҷаро бо нозукон хунобаи дигар бувад.
Ман ба гармои қиёмат хун хурам бар ёди дӯст,
Ҷӯи шир онро намо, к-ӯ ташнаи Кавсар бувад.
Ишқро парвона бояд, то ки сӯзад пеши шамъ,
Худ магас бисёр ёбӣ, ҳар куҷо шаккар бувад.
Хубрӯ он беҳ, ки бошад обу оташ дар ҷафо,
То вуҷуди ишқбозон хоку хокистар бувад.
Ёр ҷоеву мани бечора, ҷое беқарор,
Ваҳ, чӣ хуш бошад, ки бар бозуи Хусрав сар бувад.

* * *

Ҳар киро ёре чу ту саркаш бувад,
Кай зи бими теғ сар дар каш бувад!?
Маҷлисе, к-он ҷо бувад шамъе чу ту,
Мурғи ҷон парвонаи оташ бувад.
Чанд гаҳ бигзор, то мебинамат,
З-он ки ҷонам воми ту, маҳваш бувад.
Рӯзу шаб мемирам андар ёди ту,
Марг ҳам бар ёди рӯят х(в) аш бувад.
Гар ба як бӯса лабат битвон газид,
Он яке бӯса ба ҷои шаш бувад.
То сазо бинад дили беоқибат,
Хубрӯ он беҳ, ки гарданкаш бувад.
Хусраво, гар ошиқӣ, аз ғам манол,
Ишқбозонро диле ғамкаш бувад.

* * *

Гул ба тамошои суман меравад,
Бод ба гулгашти чаман меравад.
Оина гашта-ст зи акси суман
Об, ки дар зери суман меравад.
Дӯш шунидам, ки ба ҳар маҷлисе
Аз даҳани ғунча сухан меравад.
Вақти баҳор омаду ҳангоми гул,
Оҳ, ки ёр аз бари ман меравад!
Роҳати рӯҳ аст рухаш, чун кунам,
Рӯҳи дилу роҳати тан меравад?
Аҳди шикаст омаду айёми сабр,
К-он санами аҳдшикан меравад.
Хусрави дилсӯхтаро дар ғамаш
Умр дар андӯҳи меҳан меравад.

* * *

Гул расиду ҳар касе сӯи гулистон меравад,
Дар чаманҳо ҳар тараф сарви хиромон меравад.
Шуд ҷаҳон зинда ба бӯи гул, вале ман чун зиям,
К-аз гулам бӯи касе меояду ҷон меравад.
Ошиқон гирёну маст, он маҳ, ки нӯшаш бод май,
Май ба каф сӯи чаман дар айни борон меравад.
Кӯрии он дидаи маҳрум боз он нозанин,
Бар бисоти наргиси тар масту ғалтон меравад.
Гар чаман хоҳӣ шудан, ваҳ инак-инак кӯи ӯ,
Халқи овора куҷо дар боғу бустон меравад?!
Вақти ӯ хуш, к-аш гули васле шукуфт аз рӯи дӯст,
Сӯи мо боре ҳамеша хори ҳиҷрон меравад.
Эй, ки сомон ҷӯӣ аз ман, кай бувад собитқадам
Масти бечора, ки пои ӯ парешон меравад?
Он, ки дар пояш назад хоре, куҷо донад, ки чист
Дарди ӯ, к-аш дар таҳи ҳар мӯй пайкон меравад?!
Хусраво, гар ҷон ба осонӣ диҳад, душвор нест,
Ҳаст душвор он ки ӯ аз дил на осон меравад.

* * *

Боз он балои ошиқон инак ба саҳро меравад,
Девона боз ояд ҳаме, он к-ӯ тамошо меравад.
Кушта касонро сӯ ба сӯ хасмони хун дар ҷустуҷӯ,
Ман дар ниҳон ларзон бар ӯ, ӯ ошкоро меравад.
Ӯ дар раҳу бар ман ситам, эй ман ҳалоки он қадам
В-ар худ нахоҳад гашт ҳам ҳеҷаш магӯ то меравад.
Аз мо замоне ёд кун, вайрондиле обод кун,
Имрӯз боре шод кун ҷоне, ки фардо меравад.
Гар ман бирезам дар кафам, эй боди хушбӯи чаман,
Он ҷо фишонӣ хоки ман, к-он сарви боло меравад.
Дилро ба ҳила ҳар замон дил медиҳам то метавон,
Чун боз аз дастам инон бистад, ҳамин ҷо меравад.
Наззорагиро аз бурун саҳл аст дасти пур зи хун,
Эй Юсуф, ин ҷо бин, ки чун хуни Зулайхо меравад!

Эй посбони он саро, ту низ бедорӣ чу мо,
Лекин чӣ огоҳӣ туро з-он шаб, ки бар мо меравад?!
Гарчи шудам шайдо аз ӯ, ҳам нест коми мо аз ӯ,
Беҳуда Хусравро аз ӯ умре ба савдо меравад!

* * *

Ё Раб, ин андешаи хубон зи ҷонам хун равад,
Чун кунам, аз сина ин оҳу фиғонам чун равад?
Нақши хубонро гирифтам, худ бурун ронам зи чашм,
Он, ки андар сина дорам доғи онам чун равад?
В-аз ғамам халқе, ки он афтода дар раҳ хок шуд,
Ман дар ин ғам, к-он қадам бар устухонам чун равад?
Ҳон-ҳон, эй кабки кухсорӣ, ки менозӣ ба гом,
Ку, яке бинмо, ки он сарви равонам чун равад?
Куштанам бар дигарон мебандад он номеҳрубон,
Эй мусулмонон, ба дигар кас гумонам чун равад?
Мардумон гӯянд аз ӯ даъвии хуни худ бихоҳ,
Ҳошалиллаҳ, ин ҳикоят бар забонам чун равад?
Дӣ ҷафокору ситамгар хондамаш, ваҳ, ин сухан,
Аз дили он кофари номеҳрубонам чун равад?
Гарчи аз Хусрав равад ҷону ҷаҳону ҳар чӣ ҳаст,
Орзуи рӯи он ҷону ҷаҳонам чун равад?

* * *

Аз дили ғамгин ҳавои бӯстонам чун равад,
В-аз сарам савдои он сарви равонам чун равад?
То тавоноем буд, бори ғамаш бурдам ба ҷон,
Худ кунун ишқаш зи ҷони нотавонам чун равад?
Аз дилам пеши ҷафояш гар равад, набвад аҷаб,
Лаззати дашноми ӯ ҳаргиз зи ҷонам чун равад?
Ғамзаи қассоби ӯ гар резадам хун, шокирам,
Ҷои шукр аст, ин шикоят бар забонам чун равад?
Баъди мурдан гар шавам хоку танам гардад ғубор,
Доғи меҳри ӯ зи мағзи устухонам чун равад?

Гар зи по афтам дар он кӯю равад теғам ба сар,
З-ин қадар аз дил ғами он дилситонам чун равад?
Қадди ёрам аз назар гаҳ-гаҳ равад, Хусрав, вале
Нақши рӯи ӯ зи чашми хунфишонам чун равад?!

* * *

Гар сари зулфи ту аз бод парешон нашавад,
Халқи бечора чунин бедилу беҷон нашавад,
Дур аз он рӯй маро ҷон ба лаб омад, ё Раб,
Ки гирифтор ба дил ҳеҷ мусулмон нашавад.
Эй мусулмонон, он рӯй бибинед, охир,
Чӣ кунад ин дили мискин, ки парешон нашавад?
Ман миёни дили девонаи худ медонам,
Ишқбоз асту ҳама умр ба сомон нашавад.
Ё Раб, аз ранҷи дили мо-ш нагирӣ, ҳарчанд
Ки ҷафоҳо кунаду ҳеҷ пушаймон нашавад.
Мардумон дар ману беҳушии ман ҳайронанд,
Ман дар он кас, ки туро бинаду ҳайрон нашавад.
Ҳам ба ҳаққи намаки худ, ки нигаҳ дор дилам,
Гарчи кас бар ҷигари сӯхта меҳмон нашавад.
Андар ин қаҳти вафо гар ҳама тӯфон борам,
Ҳаргиз ин нарх дар айёми ту арзон нашавад.
Лаззати ишқ надонанд асирони мурод,
Ки магас ҷӯяд ҳалво, ба намакдон нашавад.
Хусрав оҳуи рамида-ст зи хубон, ки бирав,
Гар дили шер ниҳӣ пеш, парешон нашавад.

* * *

Дил рафту орзуи ту аз дил намешавад,
Ҷон пора гашту дарди ту зоил намешавад.
Маҳ мешавад муқобили хуршед ҳар маҳе,
Як рӯз бо рухи ту муқобил намешавад.
Шуд ашки ман ҳамоили гардан зи дасти ту,
Дастам ба гардани ту ҳамоил намешавад.

Рӯям зар асту бар дари ту хок мекунам,
Васли ту кимёст, ки ҳосил намешавад.
Биншастаам зи ғам, ки ба ишқи ту хостан,
Бо он ки ҷон ҳамешавадам, дил намешавад.
Дар манзили ғам омаду аз раҳзанони ҳаҷр
Як корвони сабр ба манзил намешавад.
Хусрав даруфтод ба ғарқоби орзу,
Чун киштии мурод ба соҳил намешавад.

* * *

Зулф гирд овар, ки бозам дил парешон мешавад,
Рӯй пинҳон кун, ки бозам дида ҳайрон мешавад.
Ақлу ҳушу дил хаёлат бурду ҷонам мунтазир,
То ҳанӯз аз наргиси мастат чӣ фармон мешавад?
То каям сӯзӣ, ки ҳар субҳе дуои сабр хон,
Ин касеро гӯ, ки ӯро шаб ба поён мешавад.
Он чӣ ман хӯрдам ғамат, боре пушаймон нестам,
Гар дили ту лутф нокарда пушаймон мешавад.
Ошиқонро сад бало беш аст гоҳи диданат,
Ҷуз яке роҳат, ки боре мурдан осон мешавад.
Аз ҳалокам дӯстон ғамноку ман хуш мешавам,
К-он чӣ боре коми ҷонони ман аст, он мешавад.
Эй дили хаста, мадеҳ ёдам зи мижгонаш, аз он-к
Мӯй бар андоми ман ҳар бор пайкон мешавад.
Чун ба поён ояд ин қисса, ки мегуфтам ба дард,
Як ҳадису сад табам хотирпарешон мешавад.
Эй, ки пандам медиҳӣ, назди ту осон аст, лек
Он касе донад, ки ӯро хона вайрон мешавад.
Он кӣ гуфтандат, ки аз хубон-т рӯзе бад расад,
Инак-инак ҷони Хусрав гуфти эшон мешавад.

* * *

Чу боди субҳ бар он сарви хушхиром шавад,
Салом гӯяму ҷон ҳамраҳи салом шавад.

Ғуломи ӯяму ҳар кас, ки бинад он сурат,
Зарурат аст, ки ҳамчун манаш ғулом шавад.
Иноятe, ки раҳӣ нимкушти ғамзаи туст,
Ба як ишорати абрӯи ту тамом шавад.
Ҷафо кунӣ тую ман пеши халқ шукр кунам,
Маро ҷамоли ту бояд, ки некном шавад.
Лабу даҳону рухат ҳар яке балои диланд,
Яке дилам чӣ кунад, ҷониби кадом шавад?
Ба ханда сӯзӣ дилу оҳи кор пухта кунам,
Дигар раҳ аз хунукиҳои бахт хом шавад.
Миёни ғамзадагонам бихон, ки пеши малик
Фақир низ биғунҷад, чу бори ом шавад.
Бибурд хоб зи ҳамсоя нолаи Хусрав,
Мабод мурғи чаман пойбанди дом шавад.

* * *

Чун зи насими субҳдам зулфи ту дар ҳаво шавад,
Санг бувад, на одамӣ, ҳар кӣ на мубтало шавад,
Ҳар саҳаре, ки турки ман сар зи хумор баркунад,
Баски намози мардумон ҳар тарафе қазо шавад.
Ҳусни ту ҳам ба кӯдакӣ офати шаҳр гашт агар
З-ин чӣ, ки ҳаст заррае баргузарад бало шавад.
Ин ҳама нусха, к-оина мебибарад зи рӯи ту,
Гар на ба меҳру маҳ расад, пас, ту бигӯ, куҷо шавад?
Боди хазон, ки бишканад шохи ҷавонии чаман,
Бар сари зулф ар шабе баргузарад, сабо шавад.
Сабзаи хат ниҳон макун, то бикунам назорае
Пеш, ки дар миёни гул сабзаи ту гиё шавад.
Бар сари кӯят аз тараб, гӯ, чӣ ғалат вафо шавад,
Ваъдаи васли ту шабе гар ба ғалат вафо шавад.
Таъна зананд ҳар касе, шод бизиву ғам махур,
Хусрави хаста мезанад, гар зи ғамаш раҳо шавад.

* * *

Мехоҳад он сарви равон, к-имрӯз дар саҳро шавад,
То чанд пероҳан чу гул ҳар ҷо буте якто шавад?
Сад чашми покон дар раҳаш в-ин дидаи олудаам,
Он бахт ку, к-он шӯхро ин дида зери по шавад?
Гуфтам: фалон девона шуд, гуфто: – чӣ ғам дорад маро,
Ошиқ чаро мешуд кунун, чун шуд, раҳо кун, то шавад.
Бадхӯи ман, ту он наӣ, к-осон зи дил берун шавӣ,
Умрам дар ин андуҳ равад, ҷонам дар ин савдо шавад.
Тақво фурӯ шуд, порсо, то ту наёӣ дар назар,
Он дам, ки ту пайдо шавӣ, бозори ӯ пайдо шавад.
Чӣ ҷои он к-ам оқилон гӯянд бо худ вораҳаш,
Дил, к-он ба ишқ аз ҷой шуд, аз ақл чун бар ҷо шавад?
Сармасту ғалтон, май ба каф дар пеши масҷид кун гузар,
Сӯфӣ, ки лофи зуҳд зад, бигзор, то расво шавад.
Мангар, ки Хусрав пеши ту беҳудагӯӣ мекунад,
Булбул чу бинад рӯи гул девонаву шайдо шавад.

* * *

Дурӯғу росте, к-он ғамзаи ғаммоз пайвандад,
Дарад сад пардаи ошиқ зи лаб в-он боз пайвандад.
Балоро нав кунад расму тариқи фитна нав созад,
Чу ӯ аввал карашма бо тариқи ноз пайвандад.
Ба сина норасида бигзарад в-андар ҷигар шинад,
Хаданге бо камон, к-он турки тирандоз пайвандад.
Ба хуни гарми дил пайваст бо ӯ гар бари дилро,
Чу хун гарм аст, ҳар сад бори дигар боз пайвандад.
Маро чӣ ҳадди васлат ин қадар бас қурби ӯ бошад,
Сухан бо якдигар, к-овоз бо овоз пайвандад.
Чӣ бошад ҳоли ман ҷое, ки ҳар шаб баҳри тороҷам
Хаёлаш сохта бо ин дили носоз пайвандад.
Ҳамегӯянд ҷон хоҳӣ, маҷӯ пайванд аз Хусрав,
Зи баҳри зистан гунҷишк бо шаҳбоз пайвандад?

* * *

Ба чашмам то хаёли лаъли он қассоб мегардад,
Дамодам дурри ашки ман ба хунин об мегардад.
Дамодам саҷда меорам мани бедил, чу ҳар соат
Хаёли тоқи абрӯи туам меҳроб мегардад.
Ҳамегардад хаёли абруят дар хонаи чашмам
Мисоли моҳие, к-андар миёни об мегардад.
Сари зулфаш сарам барбод хоҳад дод, медонам,
Ки расво мешавад дузде, ки дар маҳтоб мегардад.
Ту султонвор биншину матарс аз Хусраве чун ман,
Ки ӯ аз гиря бар дарёи нопоёб мегардад.

* * *

Ҳанӯзат ноз гирди чашми хоболуд мегардад,
Ҳанӯз аз ту шикеби ошиқон нобуд мегардад.
Ба сад ҷон бандаам он ғамзаро, бо он ки медонам,
Ки маргам гирди он пайкони заҳролуд мегардад.
Чӣ пурсӣ ҳоли шабҳои касе, к-аш чун ту ғамхоре,
Ҳама шаб аз даруни ҷони ғамфарсуд мегардад.
Ҷигар месӯзадам, ҷоно, машав, нохуш зи бӯи ман,
Агар дар гирди домони ту бӯи уд мегардад.
Ту маъзурӣ, агар дар рӯи Хусрав чашм накшоӣ,
Чунин к-аз оҳи ӯ ҳар дам ҷаҳон пурдуд мегардад.

* * *

Чашми гардандаи ту бо ҳама кас мегардад,
Чун расад давр ба ман, худ ба ҳавас мегардад.
Зулфи кажбофи ту бо банда ба сад булъаҷабӣ
Пеш меояд ҳар лаҳзаву пас мегардад.
Аз паи он ки нагирад дили шабгарди маро,
Фитна андар шаби зулфаш чу асас мегардад.
Дами накд аз лаби ту бод ба даст аст маро,
Ки нафас мезанаду ҳам ба нафас мегардад.
Ҷон, ки пероҳани холи сияҳат мебинад,
Анкабутест, ки дар гирди магас мегардад.

Шом то субҳ хаёли ту нагардад дар чашм,
Кас нагӯяд, ки дар ин хона чӣ кас мегардад.
Хусраво, чун ту гулеро чӣ кунад, он ки ба рағм
Ҳама чун бод ба дунболаи хас мегардад.

* * *

Дида чун бо ту ҳамназар гардад,
Новаки фитнаро сипар гардад.
Ҳар кӣ аз дарди ишқ бохабар аст,
Чун туро дид, бехабар гардад.
Зулф рӯзе, ки бар рухат гузарад,
Сияҳ аз чошт бештар гардад.
То хаёлат даруни хона бувад,
Сабри мискин буруни дар гардад.
Кимиёест оташи ишқат,
Ки аз он рӯи банда зар гардад.
Қиссаи ман дароз шуд ба ғамат
В-ар бигӯям, дарозтар гардад.
Мехурам ғам ба ёдат, аммо заҳр,
Ки ба ёди шакар, шакар гардад.
Ман зи баргаштани ту мемирам,
З-он намирам, ки бахт баргардад.
Хусрав аз коҳиши ту шуд наи хушк,
Бӯсае деҳ, ки найшакар гардад.

* * *

Ҳама мастии халқ аз соғару паймона мехезад,
Маро девонагӣ з-он наргиси мастона мехезад.
Хушам бо оҳи гарм имшаб, мадеҳ ташвишам, эй гиря,
Ки хуш месӯзадам ин оташе, к-аз хона мехезад.
Ҳама шаб бо хаёл афсонаҳои дарди худ гӯям,
Маро аз ҷумла бехобӣ аз он афсона мехезад.
Хаёлаш дар дилам мегашт, пурсидам: – Чӣ меҷӯӣ?
Гиёҳи дӯстӣ, – гуфто, – аз ин вайрона мехезад.

Ман аз худ сӯхтам, на аз ту, эй шамъи накӯрӯён,
Ҳалоки ҷони парвона ҳам аз парвона мехезад
Лабат гар мехӯрад хунам, гунаҳкорам ба як бӯса,
Чӣ кардам, к-он хатат аз гирди лаб хасмона мехезад?
Мапӯш он холро, баҳри худо, аз дидаи мардум,
Ки мискин мурғи ғофилро бало аз дона мехезад.
Чӣ ёрӣ бошад ин охир, ки н-орӣ раҳм бар Хусрав,
Чунин к-аз дарди ӯ афғон зи сад бегона мехезад.

* * *

Чун гоҳи хиромидан ёрам зи замин хезад,
Бас фитна, ки ёронро андар дилу дин хезад.
Сарви қади навхезаш биншаст маро дар дил,
Ҳар дил, ки ба ҷон шинад, сарве, ки чунин хезад.
Шабҳо, ки кунам нола бар ёди қадаш аз ман,
Қомат зи муаззин дон, чун поси пасин хезад.
Бас,к-аз ҳасади чашмаш бемор шуда наргис,
Аз шоҳ асо созад, он гаҳ зи замин хезад.
Гӯӣ, ки сабо гулро бардошт зи ҷои худ,
Чун дар таки асп он шӯх аз хонаи зин хезад.
Тарсон гузарам сӯят, к-аз гӯшаи чашми ту
Бо тиру камон ногаҳ турке зи камин хезад.
Ман сӯхтаи ишқам, ту дам ба дамам, эй дил,
К-ин сӯхтаро охир оташ ҳам аз ин хезад.
Гар теғ кашад бар ман, ман сар накашам аз вай,
К-аз ман ҳама меҳр ояд в-аз вай ҳама кин хезад.
Гар лаъли лабаш ёбад з-он гуна газад Хусрав,
К-аз гоз бар он хотам сад нақши нигин хезад.

* * *

Сапедадам, ки ҷаҳоне зи хоб бархезад,
Ниқоби шаб зи рухи офтоб бархезад.
Зи боди субҳ, ки бар авҷи осмон гузарад,
Зи рӯи шоҳиди Машриқ ниқоб бархезад.

Равад ба роҳи “Раҳо” рубоби мутриби субҳ,
Ҳарифи хуфта зи бонги рубоб бархезад.
Хуш он касе, ки нишинад ба бода вақти саҳар,
Намози хуфтан масту хароб бархезад.
Ба рӯи дарё гунбадкунон равад зи сафо,
Касе, ки аз сари май чун ҳубоб бархезад.
Куҷост соқии бедорбахти хоболуд,
Ки баҳри додани ҷоми шароб бархезад?!
Куҷост Хусрави шабзиндадошта, ки ба субҳ
Ба даст карда диле чун кабоб бархезад?!
Ғуломи наргиси мастам, ки бомдоди пагоҳ
Қадаҳ ба даст гирифта зи хоб бархезад.
Ба офтоб бигӯед барнаёяд, то
Зи хоби хуш малики комёб бархезад.

* * *

Нигоро, аз мани мискин чӣ хезад,
Ки ҳиҷронат ба ман чандин ситезад?!
Ҳамехезад зи зулфат нолаи дил,
Чу овозе, ки аз занҷир хезад.
Мапӯшон рӯйро, бигзор, к-аз шарм
Шавад гул обу дар пешат бирезад.
Манам хоку ту чандинам чӣ безӣ?
Касе худ хокро чандин чӣ безад?
Чу ҷо дар синаи Хусрав гирифтӣ,
Дарун о в-арна ҷон берун гурезад.

* * *

Ҳавое мерасад, к-аз сар гиребон чок хоҳам зад,
Кулоҳи офият бо сар баҳам бар хок хоҳам зад.
Бад-он гулрух чу роҳам нест, сӯи боғ хоҳам шуд,
Ба ёдат пеши ҳар сарве гиребон чок хоҳам зад.
Ба шабҳои ғамам бе ту чӣ ҷои ақлу ҷону дил,
Даро, эй шамъи ҷон, к-оташ дар он хошок хоҳам зад.

Маро ин бас, ки бар хокам савора бигзарӣ рӯзе,
Гузашта-ст он ки ман даст андар он фитрок хоҳам зад.
Ба талхии фироқ, эй пандгӯ, бигзор, ҷон бидҳам,
Ба рифқат, он ки ман ин заҳрро тарёк хоҳам зад.
Ба ҷони ту, ки чун топок бошад дар дилам, охир,
Дами меҳру вафоят ҳам дар он топок хоҳам зад.
Ҳамегуфт: – Аз ту шӯям даст, аз ин ғам гар раҳам рӯзе,
Басо гиря ба пеши ин дили ғамнок хоҳам зад.
Зи хунам гарчи нопок аст, оям сӯи дар, к-имшаб
Ман обе бар дараш з-ин дидаи намнок хоҳам зад.
Аз ин пас Хусраву девонагӣ, зеро намонд он дил,
Ки лофи сабр пеши он бути чолок хоҳам зад.

* * *

Ҷоно, агарам дарди ту девона насозад,
Халқе ҳама аз ҳоли ман афсона насозад.
Аз хуни мани хаста нишон дарҳамии зулф,
К-он мӯи парешони туро шона насозад.
Чизест дар ин дил, ки чунин мешавам, ар не
Оқил ба ситам худро девона насозад.
Хуни манӣ, эй дил, зи ҷигар ҳам ту маям деҳ,
К-ин сӯхтаро шарбати бегона насозад.
Бода ба сафол ор, ки мо дурдкашонем,
Кас аз паи мо соғару паймона насозад.
Хоки раҳи ушшоқ наярзад сарам, оре,
Давлат ба сари ҳеҷ касон хона насозад.
Чун ошиқи содиқ шудӣ, эмин манишин, з-он-к
Шамшери бало бо сари мардона насозад.
Он кас, ки бувад сӯхтагӣ чашми чароғам,
Ҷуз сурма зи хокистари парвона насозад.
Савдои бутон аз дили Хусрав шуданӣ нест,
К-ин мурғ ватан, ҷуз ки ба вайрона насозад.

* * *

Чашмат дили ман ба ғамза дӯзад
В-он кас на, ки кини ман битӯзад.
Аз дасти ғамат дилам чунон сӯхт,
К-ангушт бар ӯ ниҳӣ, бисӯзад,
Ман сӯхтаи дилам, чӣ тадбир?
Оташ, ки зи хона барфурӯзад?
Азбаски бирехт дида борон,
Ин хонаи чашми ман фурӯзад.
Сарриштаи роз берун афтод,
Кас нест даҳони ман бидӯзад.

* * *

Бе ёди ту ғам ҷаҳон насӯзад,
Бе оҳи ман осмон насӯзад.
Пеши рухи оташини ту шамъ
Сӯзад, вале чунон насӯзад.
Гар шамъ нахонамат, машав гарм,
З-оташ гуфтан забон насӯзад.
Бе ранги рухат зи оташи гул
Сармояи бӯстон насӯзад.
Ёди ту чу дар дилам дарояд,
Ҷуз мағз дар устухон насӯзад.
Сӯзи дили хеш агар бигӯям,
Дил нест, ки дарзамон насӯзад.
Оташ ба чунон диле дарафтад,
К-андар ғами дилситон насӯзад.
Аз ғамза насӯз оламеро,
То банда дар он миён насӯзад.
З-ин гуна, ки сӯхт Хусрав аз оҳ,
Набвад аҷаб, ар ҷаҳон насӯзад.

* * *

Замоне нест, к-аз дасти ту ҷони ман намесӯзад,
Кадомин синаро, к-он ғамзаи пурфан намесӯзад?
Зи ҳаҷрам бар ҷигар доғе, зи оҳам ҳар нафас дуде,
Ман аз ғам сӯхтам, охир, дилат бар ман намесӯзад.
Магӯ чандин, к-аз ин сӯзоки беҳуда бикаш доман,
Ки дил месӯзадам ҷони касе, доман намесӯзад.
Бар ин сон, к-аз таби ҳиҷрон танам дар зери пероҳан
Ҳамесӯзад, аҷаб дорам, ки пероҳан намесӯзад.
Ҳама шаб зор месӯзам ба торикиву танҳоӣ,
Ки бо ман ҳеҷ дилсӯзе дар ин маскан намесӯзад.
Чароғи ман намесӯзад шаб аз дамҳои сарди ман,
Чароғи хонаи ҳамсоям равшан намесӯзад.
Ту чун дар боғ меоӣ, ҳам аз лутфи рухи худ дон,
Ки пешат з-оташи лола, гулу савсан намесӯзад.
Ғами Хусрав ҳамедонию нодон мекунӣ худро,
Маро ин сӯхт в-ар не таънаи душман намесӯзад!

* * *

Ғам кушт маро в-он бути Навшод наёмад,
Гунҷишк бимурд аз хафа, сайёд наёмад.
Ошиқ шудам, ин буд гунаҳ, вой, ки ҳаҷраш
Ҷон бурду аз ин як гунаҳ озод наёмад.
Бар гиряи ошиқ бизадам ханда, намурдам,
То пеши ду чашми мани ношод наёмад.
Чӣ суд аз ин мурдани беҳуда, чу Ширин
Рӯзе ба сари турбати Фарҳод наёмад!
Гуфтӣ, ки шабе бо ту расам, рӯзи бадам бин,
К-он гуфта туро рӯзи дигар ёд наёмад.
Бо хок насозад, чӣ кунад ин тани хокӣ,
Имрӯз, ки аз ҷониби ту бод наёмад.
Тороҷи хаёлат шудаму бадрақаи сабр
Он ҷо, ки маро дӯш раҳ афтод, наёмад.

Фарёдкунон дӣ зи сари кӯи ту рафтам,
Ҷуз гиря касе дар паи фарёд наёмад.
Хусрав, ба ситам ҷон деҳу инсоф бидеҳ, з-он-к
Дар мазҳаби хубон равиши дод наёмад.

* * *

Гули нав расиду бӯе зи баҳори ман наёмад,
Чӣ кунам насими гулро, ки зи ёри ман наёмад.
Дили ман чаро чу ғунча нашавад ҳазор пора,
Ки садо расиду бӯе зи нигори ман наёмад.
Агар, эй ҳариф, дорӣ назаре ба рӯи ёре,
Ту баҳори хеш хуш кун, ки баҳори ман наёмад.
Ҳама умр ташна будам ба умеди оби ҳайвон,
Ба ҷуз оби шӯри дида ба канори ман наёмад.
Шабу рӯз ҷадвали хун ба ду рух чӣ суд дорад,
Чу ситораи саодат ба шумори ман наёмад.
Зи шароби ишқу мастӣ чӣ шиносаду харобӣ
Ба сари касе, ки дар вай зи хумори ман наёмад.
Манаму харобаи ғам, зи хушӣ хабар надорам,
Чу аз он диёр мурғе ба диёри ман наёмад.
Мани хунгирифта кардам назареву кушта гаштам,
Ту бидон, ки ӯ ба амдан ба шикори ман наёмад.

* * *

Сабо омад, маро дил боз н-омад,
Ғариби ман ба манзил боз н-омад.
Ба дарё ғарқа шуд рахти сабурӣ,
Ки киштӣ сӯи соҳил боз н-омад.
Дили мо рафт бо маҳмилнишине,
Равад ҷон ҳам, ки маҳмил боз н-омад.
Гирифтор аст дил, эй пандгӯ, бас,
К-аз ин афсонаҳо дил боз н-омад.
Ба ишқам маст бизгоред, зеро
Кас аз майхона оқил боз н-омад.

Халоси ғайр кун, эй зулфи Лайлӣ,
Ки Маҷнун аз салосил боз н-омад.
Насиҳат зиндагонро кард бояд,
К-аз афсун мурғи бисмил боз н-омад.
Ба водии ғамаш гум гашт Хусрав,
Ки кас з-он роҳи мушкил боз н-омад.

* * *

Кӣ меояд чунин, ё Раб, магар маҳ бар замин омад?
Чӣ гард аст ин, ки мехезад, ки бо ҷон ҳамнишин омад?
Кӣ меронад ҷанибатро, ки майдон анбарогин шуд,
Кадомин бод меҷунбад, ки бӯи ёсамин омад?
Чунон наққоши Чин ҳайрон бимонд аз печиши зулфаш,
Ки торикӣ ба пеши дидан наққоши Чин омад.
Сабуриро дилам дар хок меҷӯяд, намеёбад,
Ғубори кист ин, ё Раб, ки дар ҷони ҳазин омад?
На чандин оби чашм охир бар он оина зангорӣ,
Баро, эй сабзаи рангин, ки борон бар замин омад,
Бутеву офати тақвову дин, охир намедонӣ.
Ки дар шаҳри мусулмонон набояд инчунин омад?!
Хаёлаш боз гирдогирди дил мегардадам имшаб,
Ало, эй дӯстон, ёрӣ, ки душман дар камин омад!
Зи баҳри чокдомоне чӣ ҷои таън бар Хусрав,
Ки ӯро теғ дар дасту сар андар остин омад.

* * *

Он сарви хироманда, ки ҷустам, ба бар омад
В-он бахт, ки пеш омада буд, пештар омад.
Шодӣ ҳама ғам буд зи барн-омадани кор,
Он ғам ҳама шодӣ шуду он кор баромад.
Бар лолаи гулбарг димоғам расад имрӯз,
К-аз зулфи туам бӯи насими саҳар омад.
Ширинии лаълат наравад аз буни дандон,
К-аз лаъли туам дар буни дандон шакар омад.

Дар дидаи ман мардумаки дида нагунҷид,
Акнун, ки маро рӯи ту дар чашм даромад.
Дар пои ту Хусрав чӣ кунад, гар надиҳад ҷон,
К-аз омаданат умри гиромӣ ба сар омад?!

* * *

Ҳар сар, ки ба савдои ту аз пой даромад,
Аз хоки кафи пои туаш тоҷи сар омад.
Даст аз ҳама хубони ҷаҳон шуст ба покӣ
Чашмам, ки хаёли туаш аз дида баромад.
Ҳамчун нафаси боди сабо ғолиябӯ шуд
Ҳар дам, ки ба савдои ту аз сина баромад.
Селоби сиришк аз ғами ҳиҷрони туам дӯш
То дӯш буд, имрӯз ба болои сар омад.
Гуфтам, ки ғами ишқи ту берун равад аз дил,
Дардо, ки нарафт аз ғаму бори дигар омад.
Ё Раб, чӣ тавон кард, ки майхорию риндӣ
Пеши ҳама айб асту маро ин ҳунар омад!
Гар одати бахти ману хӯи ту чунин аст,
Мушкил бувад аз кулбаи эҳзон бадар омад.
Санг асту сабӯ ишқи туву қалби заифам,
Бишкаст чу зулфи ту, ки бар якдигар омад.
Хусрав зи дами боди саҳар металабад ҷон,
К-аз бӯи ту ҷон дар дами боди саҳар омад.

* * *

Ҳар гоҳ мурғе аз сари шохе наво занад,
Ояд ба дил касеву раҳи ҷони мо занад.
Фарёд аз он диле, ки ба фарёд ҳар шабе
Нолиш ба дард аз он сари зулфи дуто занад.
Бе нағмаи тараб, кӣ занад арғунуни марг,
Мурғе, ки дар шиканҷаи доме наво занад.
Эй фохта, зи нола зан оташ ба бӯстон,
К-аз гул умед нест, ки бӯи вафо занад.

Ӯ дар хирому дида ба роҳаш чӣ кам шавад,
Гар аз туфайли санги раҳат пеши мо занад?
Бехост оҳе аз дили ман мезанад ба тарс,
К-ин тири ногирифта надонам куҷо занад?
Эй пандгӯй, шефтаро чун намонд санг,
Халқе раҳо кунаш, ки кулӯхи ҷафо занад.
Хусрав зи рашки ғайр ба ҷон мерасад, бале,
Хезад қиёмате, чу гадо бар гадо занад.

* * *

Ҳар кӣ даме ба ёди он дилбари маҳлиқо занад,
Шоҳ пиёда бар дараш ояду марҳабо занад.
Дар ҳама умр як нафас рӯй натобам аз дараш,
Гар ду ҳазор муддаӣ таънаам аз қафо занад.
Бар гули тоза рангу бӯ, баргу наво агар набуд,
Лофи муҳаббат аз чӣ рӯ булбули хушнаво занад?
Ҳамнафасе зи кӯи ӯ ғайри сабо надидаам,
Ку нафасе ба пешам аз раҳгузари сафо занад?
Нолаи зор шуд равон ҷониби дӯст, эй сабо,
Зуд расон, ки ҳалқае бар дари ошно занад.
Сели сиришку хуни дил чанд бувад раво, бигӯ,
То ки зи рӯи мардумӣ дида ба рӯи мо занад.

* * *

Шаб, к-он маҳи ман бар дилам аз ғусса пайкон бишканад,
Аз чашми тӯфонбори ман аз гиря тӯфон бишканад.
Ҳар лаҳза сад ғам ҳосилам, дар хоку дар хун манзилам,
Он равзане, к-андар дилам, аз ғамза пайкон бишканад.
Гар ошиқонро аз ситам бишкаст, ӯро нест ғам,
Уммедворам, к-он санам моро бад-ин сон бишканад.
Бо он ки з-ӯ дилхастаам, худро бар ӯ барбастаам,
Чун аҳди ӯ бишкастаам, хоҳам, ки пайкон бишканад.
З-он сангҷони мумтаҳан мискин дили бесанги ман,
Он шӯх аз санги меҳан ҷуз ҷавҳари ҷон бишканад.

Хусрав ба ҷустуҷӯи ӯ ояд ҳамеша сӯи ӯ,
Пояш агар дар кӯи ӯ дасти рақибон бишканад.

* * *

Дили ман хун шуду ҷонон надонад
В-агар гӯянд, қадри он надонад.
Мусулмонон, киро гӯям ғами хеш,
Ки кас кори маро сомон надонад?
Масеҳо мурда донад зинда кардан,
Вале дарди маро дармон надонад.
Чӣ суд ин ранҷ дидан чун манеро,
Чу андӯҳи ман он нодон надонад.
Дили девонае худком дорам,
Ки фармони маро фармон надонад.
Касе, к-ошуфтаи рӯй аст, зинҳор,
Ки кори ошиқӣ осон надонад.
Мусулмон нест андар мазҳаби мо,
Ки куфри ошиқон имон надонад.
Набошад ишқбозонро сари ақл,
Ки ӯ дар ошиқӣ чандон надонад.
Яке сарви равон ҳамсояи мост,
Ки рафтан ҷуз миёни ҷон надонад.
Гаҳе бошад, ки дар мастӣ лабашро
Бибӯсам, к-ин хабар дандон надонад.
Нигорино, дили сангин-т ҳаргиз
Ҳақи озурдани ҳиҷрон надонад.
Ту чашму ғамзаро куштан маёмӯз,
Ки кас ин шева беҳ з-эшон надонад.
Хаёлат бин ба чашмам, то бидонӣ,
Ки гул рустан ба шӯристон надонад.
Надонад рафт Хусрав ҷуз ба кӯят,
Ки булбул ҷуз раҳи бустон надонад.

* * *

Бути маҳмилнишини ман магар ҳолам намедонад,
Ки мебандад бар ин дил бору маҳмил тунд меронад.
Ҷамоза дар раҳу овехта дил чун ҷарас бо ӯ,
Нафиру нолаи вай ҳам ба овози ҷарас монад.
Саге дундоли он маҳмил, туфайли ӯ давон ман ҳам,
Манаш лаббайк мегӯям, гар ӯ сагро ҳамехонад.
Шутурбоно, фуруд овар замоне маҳмилаш, в-ар не
Зи оби чашми ман, тарсам, шутур дар гил фурӯ монад.
Куҷо дар дил бимонад ҷон, агар ҷонон бурун ояд,
Касе, к-ӯ ҳам ба як дидан зимом аз даст бистонад.
Чу ман мурдам дар ин водӣ, рав, эй селоби чашми ман,
Заминро гард биншонӣ, шутур ҷое, ки хобонад.
Дами сарди маро, эй бод, лутфе кун, мабар ҳар сӯ,
Бад-он сӯ бар, магар гарде аз он рухсор биншонад.
Дар ин вайрона хоҳам дод ҷон, гар бар сарам н-ояд,
Бигӯ, эй сорбон, боре сари ноқа бигардонад.
Хурӯши уштури ӯ ҳаст аз бори гарон, Хусрав,
Ки резад корвони дил, гар ӯ маҳмил биҷунбонад.

* * *

Маҳаш гӯям, валекин маҳ сухан гуфтан намедонад,
Гулаш хонам, валекин гул гуҳар суфтан намедонад.
Зи шаббедории ман то саҳар чашмаш куҷо донад,
Ки ӯ шаб то саҳар коре ба ҷуз хуфтан намедонад.
Киро гӯям, ки ҳоли ман касе он ҷо намегӯяд.
Сабо, донам, ки мегӯяд, вале гуфтан намедонад.
Ба по-ш афтод зулфу ёфт дасте бар лабаш, лекин
Замин руфтаст пайваста, шакар руфтан намедонад.
Ҳама ошуфтагӣ хоҳад сари зулфи парешонаш,
Зи Хусрав, гӯ, биёмӯзад, гар ошуфтан намедонад.

* * *

Чӣ пӯшӣ парда бар рӯе, ки он пинҳон намемонад
В-агар дар парда медорӣ танеро, ҷон намемонад.
Магӯ, эй дида, к-андар рӯи ман ҳайрон чӣ мондастӣ,
Кадомин дида, к-андар рӯи ту ҳайрон намемонад?!
Ба ёди рӯи ту чандон ки сӯи моҳ мебинам,
Ҳамемонад ба ту чизе, вале чандон намемонад.
Зи чашми кофарат, к-аз ғамза лашкар мекашад ҳар сӯ,
Ба ҳафт иқлими тан як манзил ободон намемонад.
Мани дарвеш расвои ҷаҳон гаштам зи ишқи ту,
Чӣ шубҳа, ишқу дарвешӣ басе пинҳон намемонад!
Най бо банда чун аввал, бад-он хуш мекунам дилро,
Ки пайваста мизоҷи одамӣ яксон намемонад.
Карам кун дар ҳақи Хусрав, ки ҷовидон намемонӣ,
Чу медонӣ, ки кас дар даҳр ҷовидон намемонад.

* * *

Чу зулфат фитна шуд бар ҷон, дилам обод кай монад?
Ғами ҳиҷрон зи ҳад берун, дарунам шод кай монад?
Макун айб, ар бинолад ҷон, чу накди тан ҳама бурдӣ,
Касе, к-аш хона ғорат гашт, бефарёд кай монад?
Маломат беҳуда-ст афтодагонро бар сари кӯят,
Касе, к-он рух бибинад, аз бало озод кай монад?
Диле дорӣ, ки ҳаргиз н-озмуда дар ҷаҳон дарде,
Ман арчи дарди худ гӯям бар он дил ёд кай монад?
Харобиҳост дар ҷони ман аз дасти хаёли ту,
Чу султон теғи хун бардошт, шаҳр обод кай монад?
Дар он дам, к-аз карашма ноз дар сар мекунад Ширин,
Сабурӣ дар дили шӯридаи Фарҳод кай монад?
Ба расвоию қаллошӣ чӣ ҷои таъна бар Хусрав,
Чу ишқ афтод дар сар, ақлро бунёд кай монад?

* * *

Ғамзаи шӯхат, ки қасди ҷони мардум мекунад,
Ҳар куҷо ҷодугаре, он ҷо тааллум мекунад.
Мардуми чашмам барои саҷда поятро чу ёфт,
Хоки поят дар дили дарё таяммум мекунад.
Кӯҳ ҷавратро наёрад тоқату ман мекашам,
З-он ки мардум мекашад ҷавре, ки мардум мекунад.
Кошкӣ, сад чашм будӣ аз паи гиря маро,
Чун лабат дар гиряи зорам табассум мекунад.
Ҳеҷ фарёди дилам хоҳӣ расидан, эй санам,
Дар сари зулфи ту чун Маҷнун тазаллум мекунад.
Ишқ бо тақво насозад, баъд аз ин мову шароб,
Эй хуш он каф, к-ошноӣ бо лаби хум мекунад.
Банда Хусрав ошиқиро дасту пое мезанад,
Лек чун рӯи ту бинад дасту по гум мекунад.

* * *

Чашми ту маст аст ё дар хоб бозӣ мекунад?
Булаҷаб масте, ки дар меҳроб бозӣ мекунад.
Гар даровезад дили нодони ман дар мӯи ту,
Ҳамчу мӯи худ машав, дар тоб бозӣ мекунад.
Мардуми чашмам, ки мегардад ба гирди рӯи ту,
Тифлро монад, ки дар маҳтоб бозӣ мекунад.
Чашми ман дур аз ту гар ғарқа ба хун гардад, сазост,
З-ошно бегонаву дар об бозӣ мекунад.
Имшаб андар хоб дидам бо ту бозӣ кардаам,
Ваҳ, ту бозӣ кардаӣ, ё хоб бозӣ мекунад?!
Бо занахдонат, ки Хусрав ишқ мебозад, буто,
Гӯсфанде в-он ки бо қассоб бозӣ мекунад.

* * *

Дил, ки бо хубони бадхӯ ошноӣ мекунад,
Шишае бо хорае зӯрозмоӣ мекунад.
Зоҳиде, к-ӯ хӯ ба масҷид карду хубонро надид,
Ҳаст ноболиғ, зарурат порсоӣ мекунад.

Масти он завқам, ки шаб дар кӯи хешам диду гуфт:
Кист ин? Гуфтанд: – Дарвеше гадоӣ мекунад.
Чун тамаъ доранд муштоқон вафо аз некувон,
Ҳусн ҳам бо некувон чун бевафоӣ мекунад?
Шуълаи машриқ, ки чарх афрӯхт медонӣ, ки чист,
Бар дили ҳамсуҳбатон доғи ҷудоӣ мекунад.
Гар на Хусрав аз ҳаёти хештан сер омада-ст,
Аз чӣ бо хубони бадхӯ ошноӣ мекунад?

* * *

Ҷонам фидои қомате, к-офоқро ҳайрон кунад,
Аз ноз чун гардад равон, рӯ дар миёни ҷон кунад.
Гар ҷавру гар раҳмат кунад, ман розиям аз ҷону дил,
Бигзор худ коми маро, то ҳар чӣ хоҳад он кунад.
Ҷоно, бар оби чашми ман ханда ба раъноӣ мазан,
Ҳар қатра, к-аз чашмам чакад, сад хонаро вайрон кунад.
Ман бар дараш ҷон меканам дар орзуи як назар,
Бо он, ки душвор оядаш, кори маро осон кунад.
Эй он ки пандам медиҳӣ, к-аз дил бурун кун розро,
Аз дида фармонат кашам, гар дил маро фармон кунад.
Беҳуда чандине, буто, хун дар мусулмонӣ макун,
Ислом кай донад касе, к-ӯ ғорати имон кунад!
Гар Хусраво, хун резадат, пурсиш макун, гардан бинеҳ,
К-аз маслиҳат набвад бурун ҳар хун, ки он султон кунад.

* * *

Лаби лаъли ту ҷуз, ки ҷон набарад,
Ошкоро барад, ниҳон набарад.
Ҷон бад-ин сон, ки мебарад лаби ту,
Ҳеҷ кас аз лаби ту ҷон набарад.
Наравад, маҳ бар авҷ дар шаби тор,
То ба зулфи ту нардбон набарад.
Пеш аз ин бар дилам яқине буд,
Ки дилам ҳеҷ дилситон набарад.

Бар ду чашмам равон шавад киштӣ,
Бар тариқе, ки кас гумон набарад.
Чашми пурхун кашам ба пеши ту, лек
Кас ҷигар пеши меҳмон набарад.
Бурд аз заъф ҳар тараф бодам,
Ҳаргизам бар ту ногаҳон набарад.
Хусрав афтод бар дари ту чу хок,
Бодро гӯ, к-аз остон набарад.

* * *

Шабҳо асири дардаму хобам намебарад
В-ин оби дида сӯзишу тобам намебарад.
Ҷаври замона буд зи ман ҳар чӣ буд, вой,
К-ин дарди ошиқию шитобам намебарад!
Умрам ба будпарастию мастӣ гузашту ҳеҷ
Хотир ба сӯи зуҳду савобам намебарад.
Гарчи хуш аст шарбати сӯфӣ, вале чӣ суд,
К-аз сина ташнагии шаробам намебарад.
Аз масҷид арчи мешунавам ғулғули дуо,
Аз гӯш бонги чангу рубобам намебарад.
В-он ёри нозанин, ки дил аз дасти ман бибурд,
Механдаду намак зи кабобам намебарад.
Ман гиряро ба ҳила нигаҳдошт мекунам
В-арна кадом рӯз, ки обам намебарад.
Имшаб дарозии шаби золим маро бикушт,
К-андӯҳи ғам зи ҷони харобам намебарад.
Эй дил, зи қиссаи ману аз саргузашти хеш
Афсонае бигӯй, ки хобам намебарад.
Чун гул дарид синаи Хусрав насими дӯст,
Бӯи биҳишт ҳеҷ азобам намебарад.

* * *

Ишқат хабар зи олами беҳушӣ оварад,
Аҳли салоҳро ба қадаҳнӯшӣ оварад.

Рухсори ту, ки тавбаи сад порсо шикаст,
Наздик шуд, ки рӯ ба сияпӯшӣ оварад.
Шавқи ту шаҳнаест, ки султони ақлро
Мӯи ҷабин гирифта ба човушӣ оварад.
Мурдан ба теғи ту чу ба кӯшиш муяссар аст,
Мурда-ст он ки майл ба камкӯшӣ оварад.
Гуфтам, ки з-он лаб аз паи девона шарбате
Гуфт: "Он муфарраҳест, ки беҳушӣ оварад".
Ман нотавон зи ёди касе гаштам, эй табиб
Он доруям бидеҳ, ки фаромӯшӣ оварад.
Хусрав, агар фусуни парӣ нест дар сарат,
Чашм аз парӣ бидӯз, ки мадҳушӣ оварад.

* * *

Ман намехоҳам, ки чашми ғайр он рӯ бингарад,
Чашми бад ҳайф аст, к-андар рӯи некӯ бингарад.
Ҳоҷати тиру камон набвад, фитад нур аз ҳаво,
Дар паридан гар суи он чашму абрӯ бингарад.
Ғайратам ояд, ки боди субҳ дар кӯяд вазад,
Ё шаб андар равзан ояд моҳу он рӯ бингарад.
Бод дар чашмаш зи тири ғамза мили оташин,
Ҳар кӣ дар мӯят ба нуқсон як сари мӯ бингарад.
Ҳирзи бозу кард Хусрав номи маймуни туро,
Шавқ чун ғолиб шавад, дар ҳирзи бозу бингарад.

* * *

Гар кунӣ ёрию гар озор бар ман бигзарад,
Ҳар чӣ мехоҳӣ бикун, эй ёр, бар ман бигзарад.
Гуфтам ар ман бигзарам з-ин сӯ бувад бар ту ситам,
Ин ситам, эй кошкӣ, ҳар бор бар ман бигзарад.
Субҳдам масти шароби шавқ берун уфтам,
Баски шаб дар нолаҳои зор бар ман бигзарад.
Зуд хокам кун, аё гардун, магар бахтам бувад,
К-он хиромон сарви хушрафтор бар ман бигзарад.

Эй хуш он девонагию мастию расвоиям,
К-аз паи наззора он айёр бар ман бигзарад.
Ҳар саҳаргоҳе фиристам ҷон ба истиқболи ӯ,
То магар бӯе аз он гулзор бар ман бигзарад.
Рафт умру гуфтугӯи ишқат аз Хусрав нарафт,
Умри боқӣ ҳам дар ин гуфтор бар ман бигзарад.

* * *

Ҳар шаб аз синаи ман тири бало мегузарад,
Кас чӣ донад, ки дар ин сина чиҳо мегузарад?!
Дил агар санг бувад, тоқати оташ набувад,
Он чӣ аз ғамзаи ӯ бар дили мо мегузарад.
Гар ҷафо мекунад он шӯх, бар ӯ манъе нест,
Гӯ бикун, лек зи андоза чаро мегузарад?
Ошиқонро ҳама умр аз паи наззораи ӯ,
Шаб ба зориву саҳаргаҳ ба дуо мегузарад.
Ё Раб, он боди саҳар аз чӣ чунин хушбӯяст,
Магар андар сари он зулфи дуто мегузарад?
Ту чӣ мурғӣ, к-асарат нест, ки аз сӯзи дилам
Сӯхт ҳар мурғ, ки бар рӯи ҳаво мегузарад.
Хусраво, бигзар аз андешаи хубон, к-имрӯз
Мавсими фитнаву айёми бало мегузарад.

* * *

Ошиқ аз сина ҷон бурун гирад,
То ғаматро ба ҷон дарун гирад.
Рӯи ӯ, гар шавад гирифта, бибин,
Гар надидӣ, ки моҳ чун гирад.
Дигарон аз фусун парӣ гиранд,
Ӯ зи чашми парӣ фусун гирад.
Чун дарояд рухаш ба ҷилвагарӣ,
Рӯи ӯ моҳро забун гирад.
Санамо, ғам ҳарифу мӯнис не,
Чун тавонад, ки дил сукун гирад.

Бе ту ин чашми хунгирифтаи ман,
Охир, эй дида, чанд хун гирад?!

* * *

Диламро гоҳи он омад, ки ком аз айш баргирад,
Зи дасти соқии даврон чу гардун ҷоми зар гирад.
Назар ба дунйию уқбӣ чӣ бошад гар наандешӣ,
Зи соҳибҳиммат он беҳтар, к-аз инҳо дида баргирад.
Маломат мекунад моро хирад дар ишқ варзидан,
Вале ошиқ куҷо қавли хирадро мӯътабар гирад?
Ба айёрӣ касе орад шабе маъшуқи худ дар бар,
Ки ҷон бар каф ниҳад то рӯзу тарки хобу х(в) ар гирад.
Зи рози хилвати мо шамъ чун равшан кунад рамзе,
Бигӯ, парвона, то ходим забони шамъ баргирад.
Агар лашкар кашад султон ба вайронӣ, чӣ ғам бошад
Гадоеро, ки сад кишвар ба як оҳи саҳар гирад.
Гар аз дасти ғамат Хусрав шавад фонӣ, надорад ғам,
Ба поят гар диҳад ҷонро, ҳаёти нав зи сар гирад.

* * *

Замона чун ту дилҷӯе надорад,
Фалак мисли ту маҳрӯе надорад.
Баномэзад, насиме, к-он ту дорӣ,
Гули сурӣ аз он бӯе надорад.
Чу бадхӯӣ кунад чашми ту бо ман,
Дилам гӯяд, ки бадхӯӣ надорад.
Тани ман мӯй шуд баҳри миёнаш,
Чу баҳра з-он миён мӯе надорад.
Сари ман баски бар зонуст аз ту,
Сари ман ҳеҷ зонуе надорад.
Сухан бишнав магар аз банда, Хусрав,
Ҷаҳон чун ӯ сухангӯе надорад.

* * *

Гар ҳусни ту офоқи пуровоза надорад,
Сарҳои сарон бар дари дарвоза надорад.
Бе миннати пироя чунонӣ ту ба хубӣ,
К-ат ҳеҷ ғами ғолияву ғоза надорад.
Бар боди ҳаво шуд вараќи сабри ман, оре,
Дил дафтари куҳна-ст, ки шероза надорад.
Аз оҳи ҷигартоб сияҳрӯй бимонам,
Гар гиряи ман рӯи маро тоза надорад.
Гуфтӣ, ки чӣ гуна-ст ғамам дар дили Хусрав,
Ҷоно, чӣ тавон гуфт, ки андоза надорад.

* * *

Рӯе, ки турост, маҳ надорад
В-ин қоида подшаҳ надорад.
Ҳусни ту ҷаҳон гирифта танҳо,
Хуршеди фалак сипаҳ надорад.
Эй бод, бигӯ ба зулфи ҷонон,
То рӯзи маро сияҳ надорад.
Он кас, ки ба хотираш ту бошӣ,
Ӯ хотири кас нигаҳ надорад.
Сӯфӣ чу ба майкада гузар кард,
Дигар сари хонақаҳ надорад.
Ҳар кас, ки на ростӣ гузинад,
Дар кӯи мурод раҳ надорад.
Гар ишқи бутон гунаҳ шуморанд,
Хусрав ба ҷуз ин гунаҳ надорад.

* * *

Девона дилам зулфи парешони кӣ дорад?
Ҷонам шикани турраи печони кӣ дорад?
Шабҳост, ки рафта-ст зи ман хоб, надонам,
К-он хоби маро ғамзаи фаттони кӣ дорад?

Дар хонаи ҷон ояду берун наравад ҳеҷ,
З-ин турк бипурсед, ки фармони кӣ дорад?
Холест ба кунҷи лаби хунхораи ӯ, вой!
К-он доғ барои дили бирёни кӣ дорад?
Халқе ба сари кӯи вай аз шавқ бимурданд,
Он масти шабона хабар аз ҷони кӣ дорад?
Ҳар субҳ барад ҳуши мани сӯхта, ё Раб,
К-ин бод гузар бар сари бустони кӣ дорад?
Як шаҳр пур аз фитнаву ту бехабар, оре,
Кофарсифатонро ғами имони кӣ дорад?
Бечора дилам в-он ҷигари сӯхта аз туст,
Назди кӣ барад, пеши намакдони кӣ дорад?
Он сар, ки лагадкӯби ту шуд, гар ту нагӯӣ,
Хусрав чӣ кунад, дар раҳи ҷавлони кӣ дорад?

* * *

Пои ноз арчи гаҳе ҷониби мо нагзорад,
Ҳам тавон зистан, ар ҷой ба ҷо нагзорад.
Ин ки ҳар бор гузорад қадаму зор кушад,
Ҳам ба як бор ҳамон теғ чаро нагзорад?
Ҳеҷ ранҷеш мабод, арчи дар ин беморӣ,
Ҳеҷ рӯзе қадаме бар сари мо нагзорад.
Худ рав, эй ашку бигӯ дарди дили мо-ш, аз он-к
Он чӣ андар дили мо ҳаст, сабо нагзорад.
Дӣ ба дашном, ки зикрам ба забонаш мерафт,
Шукри он лутф раҳӣ ҷуз ба дуо нагзорад.
Ҷон туро саҷда кунад, эй бути кофирдилу бас
Ҳар намозе, ки дигар ҳаст, раво нагзорад.
Тоқи абрӯи баланди ту қавимеҳробест,
Ки дар ӯ чашми ту ҷуз хоби қазо нагзорад.
Ғамзае гӯй, гарат куштани халқе ҳавас аст,
Ки касе беҳтар аз ӯ ҳаққи бало нагзорад.
Сибқи бедодӣ, ки пеши ту гирифта-ст фалак,
Бар рухи Хусрав як ҳарфи хато нагзорад.

* * *

Аз ҳоли мо-т ҳеҷ ҳикоят намерасад,
Дар кори мо-т беш иноят намерасад,
Маъзурӣ, ар маро нахурӣ ғам, ки гургро
Дар ҳаққи гӯсфанд риоят намерасад.
Гӯянд бигсалад, чӣ бағоят расид ишқ,
Ҷонам гусасту ишқ бағоят намерасад.
Гумраҳ чунон шуда-ст дилам бо даҳони ту,
К-аш аз китоби сабр ҳидоят намерасад.
Бигзашт дӯш зулфу рухат пеши чашми ман,
Моҳе гузашту шаб ба ниҳоят намерасад.
Аз хун навишта қиссаи ҷаврат расули ашк,
Ҳар рӯз дар кадом вилоят намерасад.
Эй ақл, бигзар аз сари Хусрав, ки мар туро
Дар кори аҳли ишқ кифоят намерасад.

* * *

Дар раҳ бимонд ин чашми тар, к-он шӯхмеҳмон кай расад?
Лабташнаро хун шуд ҷигар, то оби ҳайвон кай расад,
Шабҳо чу ман хору забун бошам зи ҳиҷрон бе сукун,
Ғалтон миёни хоку хун, то шаб ба поён кай расад?
Шаб мӯнисам заҳр асту маҳ, эй рӯи шабҳои сияҳ,
Рӯзам ду дида сӯи раҳ монда, ки ҷонон кай расад,
Чанд, эй сабо, ба рӯи ман, гӯй гули хушбӯи ман,
Ин гӯ, ки дар паҳлӯи ман сарви хиромон кай расад?
З-андӯҳу ғам бечора ман монда асиру мумтаҳан,
З-ин даст теғу з-он кафан, то аз ту фармон кай расад?
Ҳон, эй хаёли фитнаҷӯ, ҷонам баромад з-орзу,
Кофардило, охир бигӯ, к-он номусулмон кай расад?
Ҷоно, ғами худ бешу кам хоҳам кунам сӯят рақам,
Қисса нағунҷад дар қалам, нома ба унвон кай расад?
Беҷон чу ҷаъдам аз ҷафо, лоғар чу мӯям аз ано,
Дарҳам чу зулфам аз сабо, к-он мӯпарешон кай расад?

Бурдӣ дили ҳилатгарам, то бахшӣ аз лаб шаккарам,
Ин рафт боре аз барам, то худ ҳанӯз он кай расад?
Сар бар сари шамшер шуд, ҷону дил аз ин сер шуд,
Рафтанд ёрон, дер шуд, Хусрав бар эшон кай расад?

* * *

Аз даҳонат сухан ба ком расад
В-аз лабони ту май ба ҷом расад,
Аз паи бастани ман аз зулфат
Ҳар шабе сад ҳазор дом расад.
Зулфат аз ҷоштгаҳ бипаймоям,
То ба поён намози шом расад.
Ба саломет ҷон ба бод диҳам,
Он замон, к-аз туам салом расад.
Ту кунӣ ҷавру низ нолаи ман
Ҳам бад-ин ҷони нотамом расад.
Хомкорӣ макун, мабод он рӯз,
К-оташи ман ба хуни хом расад.
Васл агар даст дод ҳам дар пай,
Ҳаҷр ногаҳ ба интиқом расад.
Кушад аз ҳаҷр ғусса гар рӯзе,
Банда Хусрав бад-он мақом расад.

* * *

Нола барояд ҳар тараф, к-он бут хиромон даррасад,
Фарёди булбул хуш бувад, чун гул ба бустон даррасад.
Ман худ нахоҳам бурд ҷон аз шаҳнаи ҳиҷрон, вале,
Эй умр, чандоне бипо, к-он сустпаймон даррасад.
Омад хаёлаш ними шаб, ҷон додаму гаштам хиҷил,
Заҳмат бувад дарвешро бегаҳ, ки меҳмон даррасад.
Шаб дар миёни куштагон нашнид чун нолиданам,
Гуфто, ки мискин як-ду шаб ин ҳам бад-эшон даррасад.
Эй дил, ки бадхӯ мекунӣ бо дидани рӯяш маро,
Маълум гардад, бош, то шабҳои ҳиҷрон даррасад.

Имрӯз мирам пеши ту, то шармсори ман шавӣ,
Бар ту чӣ миннат, ҷони ман, рӯзе ки фармон даррасад.
Озурдатар з-он аст дил пешат, ки буд аввал бале,
Вайрона вайронтар шавад ҷойе, ки султон даррасад.
Бар панҷ рӯзи некӯӣ чандин манозу бад макун,
То чашмро бархам занӣ, бинӣ, ки поён даррасад.
Гар, Хусраво, месӯзадат, аз хомияш ранҷа машав,
Бисёр бояд, то ҳанӯз он ёри нодон даррасад.

* * *

Дардо, ки дигар моро он ёр намепурсад,
Аҳволи дили пурхун дилдор намепурсад.
Мепурсаму меҷӯям дар ҳар нафасе сад раҳ,
Ӯ худ ба ҳама умре як бор намепурсад.
Пор аз сари ёриҳо бо мо сухане мегуфт,
Имсол ба дашноме чун пор намепурсад.
Бемори шаби ҳаҷрам в-он моҳ табиби ман,
Дардо, ки табиби ман бемор намепурсад.
Гар ёр намепурсад, кам сӯз ту, эй Хусрав,
Шоҳ асту гадоёнро аз ор намепурсад.

* * *

Ғами ман шодии касро напурсад,
Намадгар нархи атласро напурсад.
Чӣ месӯзӣ, мапурс аз ман, ки оташ,
Ба вақти сӯхтан хасро напурсад.
Рақибат гуфт: «Кай оям бари ту?»,
Бало дар омадан касро напурсад.
Ба сад ҷон пеши ӯ мирам, агар ӯ
Фаромӯшони вопасро напурсад.
Мапурс аз аблаҳон, Хусрав, ғами ишқ,
Ки булбул номи каргасро напурсад.

* * *

Гар гашти он сарви равон рӯзе суи гулшан фитад,
Ҳам гул ба ғунча дарравад, ҳам сарв бар савсан фитад.
Хоки раҳаш бар сар кунам, мақсудам он, к-он хок агар
Афтад зи сар, боре, ҳама бар дидаи равшан фитад.
Теғи ту баҳри ошиқон, тири ту бахри мухлисон,
Мискин касе, к-аш дӯстӣ бо ҳамчу ту душман фитад.
Миннат надидам, гар занат теғи рақибат гарданам,
Он сар ки набвад бар дарат, он беҳ, ки аз гардан фитад.
Рӯзе зи бахти ман нигар. гар васл гирад осмон,
Номат, ки бо номам ба ҳам, дар коми марду зан фитад.
Чун хок гардам дар раҳе, васлат ҳамин бас бошадам,
Гоҳе гар аз ту сояе болои хоки ман фитад.
Бошад ҳавас не ошиқӣ, ё аз барои шуҳрате
Раънои ошиқпешаро чокар ба пероҳан фитад.
Н-ояд фароҳам чоки дил, гар аз раги ҷон дӯзияш,
Аз ришта натвон дӯхтан чоке, ки бар доман фитад.
Хусрав туфайли ошиқон месӯзад аз савдои ту,
Сӯзад туфайли дона хас, оташ чу дар хирман фитад.

* * *

Чу турки масти ман ҳар лаҳзае сӯи дигар ғалтад,
Шавад наззорагӣ девонаву з-ӯ масттар ғалтад.
Ба чавгонбозӣ он соат, ки тавсанро диҳад ҷавлон,
Ба майдон дар хами чавгон-ш аз ҳар сӯй сар ғалтад.
На гардолуда рӯйи он савори ман ҳамехоҳад,
Ки афтад дар замин хуршеду андар хоки дар ғалтад.
Шабаш хуш бод, рӯз аз дидаи бехоби пурхунам,
Чу ӯ бар фарши айши хеш масту бехабар ғалтад.
Нағалтад кас чу ман дар шеваҳои ошиқӣ дар хун,
Магар Маҷнун дигар зинда шавад з-инсон, ки дарғалтад.
Басе ғалтид Хусрав баҳри хобу н-омадаш акнун,
Ту бинмо чашми ғалтонаш, ки дар хоби дигар ғалтад.

* * *

Онро, ки сару коре бо чун ту нигор афтад,
Сар пеши ту дарбозад, гар кор ба кор афтад.
Афтад, чу ту бархезӣ, дар пойи ту сад ошиқ,
З-ин ҷумла чӣ бархезад бо он ки ҳазор афтад.
Бишкаста дили моро бо зулфи ту афтад хуш,
Бас турфа бувад санге, к-ӯ бар сари мор афтад.
Ҷон чок шавад аз ғам, к-аз зулфи ту вомонад,
Гул хушк шавад бар ҷо, гар боди баҳор афтад.
Сад гиря кунад мардум то ту ба канор ойӣ,
Сад мавҷ занад дарё то дур ба канор ояд.
Аз новаки миҷгонат афғон накунам ҳаргиз,
Гаҳ-гаҳ гузари булбул ҳам бар сари хор афтад.
Алқисса, баровардӣ гарде зи дили Хусрав,
Ҳам дида намехоҳад, к-аш бо ту ғубор афтад.

* * *

Агар чашми ту рӯзе бар маҳ афтад,
Маҳ ар хуршед бошад, дар таҳ афтад.
В-агар шакли занахдонат бибинад,
Равонӣ оби ҳайвон дар чаҳ афтад.
Чу дар хандидан ояд боғи рӯят,
Гул андар дидани меҳру маҳ афтад.
Кунад пайванди меҳр аз субҳи рӯят,
Чу рӯзи умр гулро кӯтаҳ афтад.
Нахоҳам бад аз ин маҳро бибинам,
Гузар гар бар манат баъд аз маҳ афтад.
Ба рӯят хоҳам алҳамде бихонам,
Ғалат, тарсам, ки дар бисмиллаҳ афтад.
Чу хоҳад оразат ушшоқро арз,
Назар бар ман пас аз чандин гаҳ афтад.
Диламро дар сари зулфат раҳ афтад,
Ғарибонро ба Ҳиндустон раҳ афтад.
Фиғон, эй ҷон, ки дар Хусрав фироқат
Чунон афтад, ки оташ дар каҳ афтад.

* * *

Гар ӯ бе ёди мо дар май наяфтад,
Фаромӯшеш пай дар пай наяфтад.
Насиҳат мекунам дилро, ки боз ой,
Валекин дил аз ин сирр пай наяфтад.
Бирезам хуни худ бар остонат,
Агарчи аз ту он ҷо х(в) ай наяфтад.
Гаҳе бар ман наяфтад чашми мастат,
Нагӯӣ бо манат, то кай наяфтад.
Даромад ишқ, тақво хона бигзошт,
Ки зуҳду тавбаро аз пай наяфтад.
Чӣ пурсӣ аз тану ҷоне пур аз дард,
Ҳамон беҳ, к-оташан дар най наяфтад.
Агар афтод з-ӯ Хусрав ба сад ранҷ,
Худоё, ранҷи ман бар вай наяфтад.

* * *

Маҳе чун ӯ ба дасти ман наяфтад,
В-агар афтад, чунин равшан наяфтад.
Намедонам чӣ сар дорад, ки теғаш
Маро худ ҳаргиз аз гардан наяфтад.
Зи бахти худ парешонам, ки як шаб
Сари зулфаш ба дасти ман наяфтад.
Набинад кас дигар гулро шукуфта,
Агар бӯи ту дар гулшан наяфтад.
Ту новак мезанӣ аз ғамзаву ман
Бар ӯ ларзон, ки бар душман наяфтад.
Марав доманкашон, то гарди ғайре
Зи хоки раҳ бар он доман наяфтад.
Чу Хусрав аз туам, эй чашми равшан,
Назар бар ҳеҷ симинтан наяфтад.

* * *

Сарве чу ту дар Халлуху Навшод набошад
В-ин нозукӣ андар гулу шамшод набошад.
Чун ту хушӣ, эй дӯст,ба вайронии дилҳо,
Ободтар он сина, ки обод набошад.
Ғамҳо кашаму нола ба кӯят нарасонам,
К-осудадилонро сари фарёд набошад.
Гуфтӣ, ки сарат хок кунам бар сари ин кӯ,
Эй хок бар он сар, ки бад-он шод набошад!
Он рӯз мабодо, ки кунам аз ту фаромӯш,
Ҳарчанд, ки рӯзе зи манат ёд набошад.
Маъзур ҳамедорамат, ар ҷавр кунӣ, з-он-к
Дар мазҳаби хубон равиши дод набошад.
Магрез зи дармондагии ҷони асирон,
Он ҷо, ки ту бошӣ, диле озод набошад.
Таъна мазан, эй дӯст, ки ман тавба шикастам,
Сад тавба кунад ошиқу бунёд набошад.
Ҷон низ фиристам ҳам аз он сӯй, ки дил рафт,
Дар бурдан агар коҳилӣ аз бод набошад.
Ҳарчанд, ки Хусрав ба сухан мебарадат дил,
Чун наргиси ҷодуи ту устод набошад.

* * *

Дили ошиқ чаро шайдо набошад,
Ба ишқ андар ҷаҳон расво набошад?
Нагӯӣ то ба кай, эй шӯхи дилбар,
Туро парвои ҳоли мо набошад.
Ба бустони латофат сарв бошад,
Валекин чун қадат раъно набошад.
Кадомин дида дар вай нест ҳайрон,
Магар чашме, ки ӯ бино набошад?
Зи шавқаш дар ҷаҳон якто шудам ман,
Вале ёди манаш якто набошад.

На дил бошад, ки бошад ғофил аз ёр,
На сар бошад, ки пурсавдо набошад.
Ба навъе дил зи Хусрав бо ту бастем,
Ки бо ғайри туам парво набошад.

* * *

Гар маҳ чу ту бо ҷамол бошад,
Хуршед кам аз ҳилол бошад.
Бар рӯи замин назири рӯят
Дар оина ҳам хаёл бошад.
Моро, ки ба диданат ҳалокем,
Нодидани ту чӣ ҳол бошад?!
Дар аҳли ту, он гаҳе сабурӣ,
Эй шӯх, киро маҷол бошад?
Мехоҳам сер бинам он рух,
Гар дастуре зи хол бошад.
Мекун ситаму ҷафо, ки хубӣ,
Гар адл кунӣ, вубол бошад.
Бинмой ба гоҳи куштанам рӯй,
То хуни манат ҳалол бошад.
Кӯтаҳумр аст ошиқ, арчи
Рӯзеш ҳазор сол бошад.
То кай сухани вафо, раҳо кун,
Хубиву вафо муҳол бошад.
Бӯсе талабам, вале раҳиро
Андозаи ин савол бошад?
Бишнав зи карам ҳадиси Хусрав,
Ҳарчанд туро малол бошад.

* * *

Сухан дар парда мегӯӣ, забондонӣ ҳамин бошад,
Дилам аз ғамза меҷӯӣ, фусунхонӣ ҳамин бошад.
Агар фармон диҳӣ бар ман, тариқи бандагӣ дорам,
Чу медонӣ тариқи банда, фармоне ҳамин бошад.

Маро куштӣ ба теғи ғам, намегӯям пушаймон шав,
Саре з-афсус дарҷунбон, пушаймонӣ ҳамин бошад.
Сулаймондавлатӣ, аз рух чаро хат мекашӣ бар ман,
Ба мӯрон медиҳӣ хотам, сулаймонӣ ҳамин бошад.
Зи ҳар мӯ бастаӣ зуннору мегӯӣ мусулмонам,
Бигӯед, эй мусулмонон, мусулмонӣ ҳамин бошад?!
Дари хубон задӣ Хусрав, ҳамедонам сазо дидӣ,
Сазои ончунон коре, намедонӣ ҳамин бошад.

* * *

Туро аз ваҷҳи дил бурдан варои ҳусн он бошад,
Ки дигар хубрӯёнро надонам ончунон бошад.
Лабонат ончунон бӯсам, ки ҷонам бар лабам ояд,
Канорат он замон гирам, ки умрам дар миён бошад.
Ту худ кай бар сарам ойию ин давлат диҳад дастам,
Нисори хоки поятро камина туҳфа ҷон бошад.
Бияфшон ҷуръае соқӣ, ки ойӣ бар сарам рӯзе,
Ки хишти қолабам хоки сари кӯи муғон бошад.
Хаёли қадду рӯяшро даруни дида ҷо кардам,
Ки ҷои сарву гул он беҳ, ки дар оби равон бошад.
Зи ҳоли зори беморону зулфи шоми шабгираш
Касе донад, ки чун Хусрав заифу нотавон бошад.

* * *

Касеро, к-инчунин зулфу баногӯш ончунон бошад,
Агар дар дидаву дил ҷой созад, ҷои он бошад.
Балое гашт ҳуснат бар замину ҳамчу ту моҳе,
Агар бар осмон бошад, балои осмон бошад.
Маро ҷун ҳар даме солест андар ҳасрати рӯят,
Дар ин ҳасрат агар садсола гардам, як замон бошад.
Басе хоҳам миёнатро бигирам, ваҳ, ҳаметарсам,
Ки танг ойӣ зи ман бе он, ки чизе дар миён бошад.
Чу аз ғам пора шуд ҷонам, раҳо кун аз лаби лаълат,
Ба дандон барканам чизе, ки он пайванди ҷон бошад.

Ба бӯсе мефурӯшам ҷон, бад-он шарте, ки андар вай,
Агарчи меҳри худ бинӣ, туро ҷон ройгон бошад.
Ҷудо ҳар банде аз тан бастаи ҳар банди мӯят шуд,
Набандам дил ба ҷое, гар аз ин бандам амон бошад.
Дили худро ба зулфи чун худе дарбанд, то донӣ,
Ки ҳоли чун мане андар дили шаб бо чӣ сон бошад?
Дарунам з-оташи андеша банд аз банд месӯзад,
Афоуллоҳ, гӯ, касро, ки таб дар устухон бошад.

* * *

Маро то ошноӣ бо бутони дилрабо бошад,
Муҳол аст ин ки ҷонам бо сабурӣ ошно бошад.
Напиндорӣ зи баҳраш ранҷҳо дида-ст ин дида,
Ҳақаш бигзорам, ар як шаб туро дар зери по бошад.
Сабо, гӯ, бӯям орад, то зияд бечора мискине,
Ки ӯро зиндагӣ з-ин гуна бар боду ҳаво бошад.
Зи ҳаҷраш баски дар худ гум шудам, огоҳиям бошад,
Ки ҳар шаб ман куҷову ӯ куҷову дил куҷо бошад.
Гирифтории ман дар гесӯи ҷонон касе донад,
Ки дар доми балое ҳамчу Хусрав мубтало бошад.

* * *

Муборак бомдоде, к-он ҷамол андар назар бошад,
Хуҷаста толее, к-он моҳро бар мо гузар бошад.
Гарат бинад касе, к-аз зиндагии дил хабар дорад,
Аҷаб набвад, агар то зинда бошад, бехабар бошад.
Назар аз дур дар ҷонон бад-он монад, ки кофарро
Биҳишт аз дур бинмоянд, к-он сӯзи дигар бошад.
Надонам чун шавад ҳолам, ки мемирам зи нодидан
В-агар вақтеш бинам, он худ аз мурдан батар бошад.
Макун айб аз паи тардоманӣ шоҳидпарастиро,
Ки аз хуноба сар то пои ӯ ҳамвора тар бошад.
Маро гуфтӣ, ба дасти худ уқубатҳо кунам бо ту,
Ба куштан розиям, гар хунбаҳоям ин қадар бошад.

На ман онам, ки баргирам сар аз хоки дарат ҳаргиз,
Магар ваҡте ки зери хок хиштам зери сар бошад.
Магӯ, эй пандгӯ, андӯҳи беҳуда махур чандин,
Чӣ хор аз по кашӣ онро, ки пайкон дар ҷигар бошад.

* * *

Бе наргиси ту хоб надонам, ки чӣ бошад?
Зулфат кашаму тоб надонам, ки чӣ бошад?
Он шаб, ки буто, чашми ту дар хоб бибинем,
Дар дидаи худ хоб надонам, ки чӣ бошад?
То тоқи ду абрӯи ту меҳроби бутон шуд,
Бут гӯяму меҳроб надонам, ки чӣ бошад?
Чун чоҳи занахдони ту аз дур бибинам.
Ташна шаваму об надонам, ки чӣ бошад?
Гӯянд, ки дарёб дар ин воқеа худро,
Мегиряму дарёб, надонам, ки чӣ бошад?
Боғест аҷаб васли ту, мепурс зи Хусрав,
Ман, банда дар он боб, надонам, ки чӣ бошад?

* * *

Буте гавҳардамам дашномҳои шакарин бахшад,
Беҳ аз дашном набвад, гар наботу ангубин бахшад.
Ба ғайре гар ҷафо гӯяд, биранҷам, к-он-ст ҳаққи ман,
Батар ранҷам, агар ҷои ҷафоям офарин бахшад.
Хуш он дуздида хандидан бар ин девонаи мискин,
Ки мӯреро ҳама мулки Сулаймон з-он нигин бахшад,
Қадаш хун мехӯрад дар дил, ман аз вай дар ҷигар хӯрдан,
Ниҳоле, к-ин хуриш ёбад, зарурат бар ҳамин бахшад.
Чу санги нозанинон гул бувад бар рӯи муштоқон,
Ман аз дида бирезам ҳар гуле, к-он нозанин бахшад.
Чӣ бошад гар чу ман меҳри мусулмонӣ бувад дар вай,
Худо он номусулмонро магар имону дин бахшад!?
Аҷаб бахшандае шуд чашми Хусрав бар сари кӯяш,
Ки хоки дар кунад дарюзаву дурри самин бахшад.

* * *

Боз боди субҳ бӯи ошноӣ медиҳад,
Оби чашми мустамандонро равоӣ медиҳад.
Бин, ки чанд аҳли дил аз хилват бурун хоҳад фитод,
Бодро, к-он зулф шуғли атрсоӣ медиҳад.
Эй рухат ошӯбу чашмат фитнаву зулфат бало!
Дил, нигар, к-ӯ бо киёнам ошноӣ медиҳад!
Ҳам ба ҳаққи дӯстӣ, к-ат дӯст медорам ба ҷон,
Хӯи ту гарчи нишони бевафоӣ медиҳад.
Ваҳ, ки боре рӯи зеборо раҳо кун, бингарам,
То ҳанӯзам дида лахте рӯшноӣ медиҳад.
Омадам бар остони давлатат уммедвор,
Кист, к-ӯ дарвеши мискинро гадоӣ медиҳад.
Гуфтӣ аз дасти фироқи ман нахоҳӣ бурд ҷон,
Ту чӣ гӯӣ худ, ки моро дил гувоӣ медиҳад.
Худ макун бегонагӣ, боре чу мебинӣ, ки чарх
Ошноёнро зи якдигар ҷудоӣ медиҳад.
Хуни Хусрав ройгон музди рақибат бар ман аст,
Гар ба як шамшер аз дастат раҳоӣ медиҳад.

* * *

Нозукрухи ҷонони ман бӯи гули хандон диҳад,
Хушвақт боди субҳдам, к-ӯ бӯи он бустон диҳад.
Дӣ банда з-он сарви равон чун ишва бистуд, дод ҷон,
Ночор пеши некувон ҳар к-ин ситонад, он диҳад.
Дарде, ки аз ҷонон бувад, роҳатфазои ҷон бувад,
Як дарди дигар он бувад, к-ӯваъдаи дармон диҳад.
Як лаҳзае мақсуди ман бишнав, зиёну суди ман,
То ашки хунолуди ман шарҳи ғами ҳиҷрон диҳад.
Хусрав шабеву ёр не пайдо, гараш надҳӣ ба ман
К-аш з-он ки бирбояд шабе, бӯсе ду-се пинҳон диҳад.

* * *

Дил дар ҳавоят, эй бути айёр, ҷон диҳад,
Дар орзуи васли ту ночор ҷон диҳад.
Аз рашки зулфи ғолиясои ту ҳар замон
Гар ҷон бувад, ба нофаи Тотор ҷон диҳад.
Ман ҷон ба ғамзаи ту диҳам, ҳамчунон, ки кас
Ҳар лаҳза пеши он қаду рафтор ҷон диҳад.
Эй нохудойтарс, бар он хаста раҳм кун,
К-андар ҳавои рӯи ту айёр ҷон диҳад.
Доманкашон шабе ба сари кӯи ман барой,
То дил ба зери пои ту исор ҷон диҳад.
Султонията ба ғайри иваз доди дил наёфт,
Гӯё иваз фирист, дигар бор ҷон диҳад.

* * *

Суман пеши рухаш зебо магӯед,
Хадиси лола худ он ҷо магӯед.
Ҳамин гӯед, к-он якто чӣ некӯст,
Даруyтар чист, з-он якто магӯед!
Ман аз ғам гар бимирам, ҳамгинонро
Бигӯед ин хабар, ӯро магӯед.
Паёме бишнавед аз ман, валекин
Набошад ёр, то танҳо магӯед.
Ман аз теғи карашма кушта гаштам,
Кушанда ҳозир аст, аммо магӯед.
Даҳан наздики рухсораш маёред,
Сухан дар гӯши он барно магӯед.
Бигӯедаш ғаму ранҷи дили ман,
Валекин аз забони мо магӯед.
Чӣ бошад абр пеши чашми Хусрав,
Ба бозӣ қатраро дарё магӯед.

* * *

Эй ҳамнафасон, ки пеши ёред,
Ин шукр чаро намегузоред?
Моро макушед чун ғарибон,
Гирам, ки шумо аз он диёред,
Ҷон хоҳам дод зери пояш,
Имрӯз маро ба ман гузоред.
Гар мекушадам, фидои ӯям,
Зинҳор бар рӯи ӯ маёред.
Бар дӯст баред ҷону аҳлам,
Коло ҳама хасмро супоред.
Эй дидаву дил, агар бигирйед
Шояд, ки шумо гуноҳкоред.
Эй меҳнату ғам, саги шумоям,
К-аз ёр маро ба ёдгоред.
Эй тоифае, ки дардатон нест,
Ҳайҳот, ки дар кадом коред?!
Гар дар дилатон ғаме нагунҷад,
Бар синаи Хусраваш гуморед.

* * *

Бӯе зи сари зулфи нигорин ба ман оред,
Як тор аз он турраи мушкин ба ман оред.
Аз чашму дилам симу гуҳар тухфа баредаш
В-аз зулфу рухаш сунбулу насрин ба ман оред.
Махмураму ҷонам ба суи ман нигарон аст,
Он бода, ки дардод, нахустин ба ман оред.
Хоҳед, ки аз хок бароям паси сад сол,
Аз майкада бӯи маи рангин ба ман оред.
Ҳар гаҳ, ки ғаме гашт падид аз дилу гуфтам
Ғамро нахурад ҷуз дили ғамгин, ба ман оред,
Охир, ба чӣ сон аст зи ҳиҷрони ту Хусрав,
Рӯзе ба хабари ошиқи мискин ба ман оред!

* * *

Ҳеҷ кас аз боғи даҳр бӯи вафое надид,
Дар ҳама бустони хок меҳргиёе надид.
Ҳамсафаронро хирад бехт ба ғалбери сидқ,
Дар дили вайронашон ганҷи вафое надид.
Мард зи иқди касон дурри муроде наёфт,
Аҳл зи нақди хасон коҳрабое надид.
Расми қаландар хуш аст бесару по зистан,
Кори ҷаҳонро касе чун сару пое надид.
Тирагии ҳоли хеш пеши кӣ равшан кунам,
Чун дилам аз дӯстон ҳеҷ сафое надид?
Беғамӣ аз коми дил ҳеҷ насибам надод,
Шабпарак аз офтоб ҳеҷ зиёе надид.
Аз чӣ адаб мекунад чарх маро, чун зи ман
Давр гуноҳе нагуфт, даҳр хатое надид?
Хост шикоят кунад дил ба хасисони даҳр,
Ҳиммати моро дар он ақл ризое надид.
Сурати мақсуди хеш дида бидидӣ, вале-к
Оинаи бахтро, оҳ, ки ҷое надид!
Синаи Хусрав зи ғам ғунчасифат хун гирифт,
К-аз чамани рӯзгор баргу навое надид.

* * *

Боз бо хеш гаҳе ҳамсуханаш хоҳам дид,
Ё нигоҳе ба суи хештанаш хоҳам дид.
З-они ман буд гаҳе, ваҳ, ки бар он гуна, ки буд,
Ҳам бад-ин чашм дигар бор манаш хоҳам дид.
Гӯшаи чашм чу дидам, дилам он ҷо монда-ст,
Ҷон ҳам ҷост, ба кунҷи даҳанаш хоҳам дид.
Он нигорам, ки дар он дам, ки бихоҳад куштан,
Ман ниҳонӣ ба рухи чун суманаш хоҳам дид
Гар кушад, боре аз ин ҷавр кашидан бираҳам,
Сӯхтам чанд, чунин ҳашмкунаш хоҳам дид?!
Беш аз ин сабр надорам, ба раҳаш биншинам,
Вақти охир, гар омадшуданаш хоҳам дид.

Ӯ агар ояду гар не, чу маро нест қарор
Ман ҳамин шиста ба раҳ омаданаш хоҳам дид.
Мардумон рӯ-ш бибинанду маро тоқат нест,
Ман ҳамон зулфи шиканбаршиканаш хоҳам дид.
Гиряам диду касе гуфт, ки месӯхт дилаш,
Гар чунон аст, валекин суханаш хоҳам дид.
Ё Раб, ин Хусрав аз ин ҷавр гаҳе хоҳад раст,
Чанд расвошудаи марду занаш хоҳам дид?!

* * *

Бод омаду бӯе зи нигорам нарасонид,
Пинҳон сухане аз лаби ёрам нарасонид.
Фарёди мани хаста расонид ба ҳар гӯш,
Фарёд, ки дар гӯши нигорам нарасонид.
Муҳточи малик хок шудам бар дари даҳлез,
Давлат ба саропардаи борам нарасонид.
Афсус, ки бигзашт ба афсус ҳама умр,
Бахт орзуи дил ба канорам нарасонид.
Айёми ҷавонӣ ба сари зулфи бутон шуд,
Иқбол ба сарриштаи корам нарасонид.
Чун булбули дай бо нафаси сард бимурдам,
К-айём ба гулҳои баҳорам нарасонид.
Чӣ суд аз ин лофи айёрӣ, ки сиёсат
Сар бар шарафи кунгурадорам нарасонид.
Гуфтам, ки хурам тиреву эмин шавам, он низ
Он кофари девона саворам нарасонид.
Сад шарбати хун дод ба Хусрав зи хуми шавқ,
Як ҷуръаи худ бахти хуморам нарасонид.

* * *

Рӯзҳо шуд, ки зи ту бӯи вафое нарасид
В-аз сари кӯи туам боди сабое нарасид.
Чок шуд пераҳани умр ба сад навмедӣ,
Дасти уммед ба домони қабое нарасид.

Дар биёбони талаб бахт парешон кардам,
Кард пой обила умреву ба ҷое нарасид.
Чашми густох ба наззораи рӯи ту бимонд,
Лаби маҳрум ба бӯсидани пое нарасид.
Андар он рӯз, ки болои туам бар ҷон зад,
Ваҳ, ки бар синаи ман тири балое нарасид!
Тани бемори маро хоки дарат хуш бодо,
Ки ба парҳез бимурду ба давое нарасид.
Ҳама олам зи ҷамоли ту насибе бигирифт,
Чӣ тавон кард, агар бахши гадое нарасид.
Мо кӣ бошем, ки нохонда ба кӯят биравем,
Магасонро гаҳе аз коса салое нарасид.
Тоза бодо-т гулистони ҷавонӣ ҳар рӯз,
Гарчи бо Хусрав аз он барги гиёе нарасид!

* * *

Дӯш ногаҳ ба мани дилшуда он маҳ бирасид,
Дил ба мақсуди худ ал-миннатуллилаҳ бирасид.
Боз мегуфтам афсонаи ҳиҷрон бо хеш,
То бад-он лаҳза, ки болои сарам маҳ бирасид.
Аз паи кӯрии он кас, ки наёрам дидан,
Муждаи нури басар бар ман аз он гаҳ бирасид.
Омад он равшании чашм ба истиқболаш,
Мардуми дида равон то ба сари раҳ бирасид.
Омад он содазанак, бар мани беҳуш зад об,
Бар мани ташна нигаҳ кун, ки чӣ сон ҷаҳ бирасид.
Дил ситод аз мани бемору ба пурсиш н-омад,
Чун хабар ёфт, ки ҷон медиҳам, он гаҳ бирасид.
Мекашидам сари зулфаш зи қафо ҷониби рӯ,
То шаби тор ба наздики саҳаргаҳ бирасид.
Хусраво, гар расад аблаҳ ба биҳиште, чӣ аҷаб,
Аҷаб ин бин, ки биҳиштӣ ба ту, аблаҳ, бирасид!

* * *

Чаман зи сабза хате бар рухи ҷамил кашид,
Ба боғ сарви равон қомати тавил кашид.
Ба рангу бӯй биёрост гулситон худро,
Ба гӯшаҳои гулистон бунафша нил кашид.
Бутони озарӣ аз буткада бурун ҷастанд,
Ки лолазор ба дашт оташи Халил кашид.
Баҳор дар раҳи ояндагони боғ нигар,
Ки фарши дидаи наргис ба ҳила мил кашид.
Ниҳод наргиси бечора чун ба болиш сар,
Ҳубоб аз оби равон шишаи далил кашид.
Давид хай зи баногӯши пилмасти саҳоб,
Шаб аз ҳилоли кажак бар сарои пил кашид.
Сурудгӯён булбул ба ҷоми лола шитофт,
Гаҳе хафиф гирифту гаҳе сақил кашид.
Биҳишт чун чаману хуш касе, ки бо хубон,
Дар ин биҳишт шаробе чу Салсабил кашид.
Ба май сабил кунам хуни худ, ки хубонро
Ба сӯи хеш тавонам бар ин сабил кашид.
Бурун хиром кунун, Хусраво, агар хоҳӣ
Қадаҳ ба рӯи гулу сурати ҷамил кашид.

* * *

Мӯй аз зулфи бутон натвон кашид,
Ҳар чӣ дил з-он зулфи мушкафшон кашид.
Будаам якчанд бедармондагӣ,
Ишқи ёр ин дарди бедармон кашид.
Ҷон чӣ бошад, то кашам дар пеши ӯ
Тир агар бар ҷон кашад, натвон кашид.
Меравам дар хуни дил домонкашон,
То ғамаш дар хуни ман домон кашид.
Хонда рӯзе, ки оби чашми ман
Нолаҳои дардро унвон кашид.
Ранҷу андуҳ хост, к-аз савдои ӯ
Хусрави бесабру бесомон кашид.

* * *

Як дил ба сари кӯи ту обод наёбанд,
Як ҷон зи ғами зулфи ту озод наёбанд.
Азбаски гирифтори ғамат шуд ҳама дилҳо
Офоқ бигарданд, вале шод наёбанд.
Рӯзе, ки равӣ масту хиромон суи бозор
Дар шаҳр яке савмиа обод наёбанд.
Мекуш, ки ба таслим ниҳодам сари худ, лек
Дар куштани хубон зи касе дод наёбанд.
Гуфтӣ: «Хабарат гаҳ-гаҳе аз бод бипурсам»,
Аз хок талаб кун, хабар аз бод наёбанд.
Ҷон мекану аз баҳри вафо дам мазан, эй дил,
К-ин музд зи хубони паризод наёбанд.
Нохӯрда хароше зи сари тешаи ҳиҷрон
Санге ба сари турбати Фарҳод наёбанд.
Бо бахт чӣ кардам зи паи васл, ки ҳаргиз
Мудбарсифатон ганҷ ба бунёд наёбанд.
Хусрав зи барои дили гумгашта чӣ нолӣ,
Донӣ, ки диле рафта ба фарёд наёбанд?

* * *

Эй зулфи ту доми дили донову хирадманд,
Душвор ҷаҳад дил, ки дарафтод дар он банд.
Андар дили ман буд ниҳоле зи сабурӣ,
Боде бивазид аз туву аз бех барафканд.
Будем хирадманд, ки зад ишқи ту бар мо,
Девонагӣ оварду намондем хирадманд.
Ширин-ст дурӯғи ту ҳам, арчи зи паи доғ
Ҳалво натавон хӯрд, бад-ин сон ки ту, савганд!
Эй бод, биҷунбон сари он зулфу бибахшой
Бар ҳоли парешони парешоншудае чанд.
Дар орзуи як сухани талх бимурдем,
Рӯзе нашуд аз давлати он лаъл шакарханд.

Асҳоби ҳавас чошнии ишқ чӣ донанд?
Лаззат надиҳад ташнаи майро шакару қанд.
Бигзор, ки берун равад аз рахнаи дил роз,
К-ин парда намондаст кунун қобили пайванд.
Ҳаргиз наравад нақши рухат аз дили Хусрав,
З-он гуна, ки аз рони сагон доғи Худованд.

* * *

Дилбарон меҳр намоянду вафо низ кунанд,
Дил бад-он меҳр набандӣ, ки ҷафо низ кунанд.
Чанд гӯянд, ки гаҳ-гаҳ ба дилаш мегузарӣ,
Ин ҳадисест, ки баҳри дили мо низ кунанд.
Оламеро макуш аз ғамза, ки туркон ба хаданг
Гарчи бикшанд басе сайд, раҳо низ кунанд.
Ошиқон гарчи туро баҳри ҷафо бад гӯянд,
Аз паи чашми бади халқ дуо низ кунанд.
Ҳаҷр мапсанд, чу донӣ, ки вакилони сипеҳр
Дӯстонро ба ҳам оранду ҷудо низ кунанд.
Мунъимон гарчи биронанд гадоро аз дар,
Ки гаҳе ҳоҷати дарвеш раво низ кунанд.
Сӯи Хусрав нигаҳе кун ба туфайли дигарон,
К-аҳли давлат нигаҳе сӯи гадо низ кунанд.

* * *

Оқил надиҳад ошиқи дилсӯхтаро панд,
Султон наниҳад бандаи меҳнатзадаро банд.
Эй ёри азиз, андуҳи дурӣ ту чӣ донӣ,
Ман донаму Яъқуби фироқи рухи фарзанд.
Айбам макун, эй хоҷа, ки дар олами маънӣ
Ҷаҳл аст хирадмандиву девона хирадманд!
То ҷон бувад аз меҳри рухаш барнаканам дил,
Гар мир ниҳад бандаму гар пир диҳад панд.
Он фитна кадом аст, ки бунёди ҷаҳоне
Чун парда зи рухсор барафганд, барафганд.

Бар ман мафишон дасти таунат, ки ба шамшер
Аз лаъли ту дил барнаканам чун магас аз қанд.
Дар дидаи ман ҳасрати рухсори ту то кай,
Дар синаи ман оташи ҳиҷрони ту то чанд?
Ночор чу шуд бандаи фармони ту Хусрав,
Чун гардани тоат наниҳад пеши худованд?

* * *

Ман бандаи он рӯй, ки дидан нагузоранд,
Девонаи зулфе, ки кашидан нагузоранд.
Аз ташнагиям шуълазанон синаву аз дур
Шарбат бинамоянду чашидан нагузоранд.
Чун зистанӣ нестам, ар ҳастаму гар на,
Эй дӯст, чӣ вақт аст, ки дидан нагузоранд?
Сад дидаву дил мунтазири тири ту, ҳайҳот,
К-аш бо мани маҳрум расидан нагузоранд!
Гуфтам сухане бишнаваму ҷон диҳам, акнун
Маҳрум бимирам, чу шунидан нагузорад.
Сад чок шуда синаву сад пора шуда дил,
Ин бехабарон ҷома даридан нагузоранд.
Сад хори ҷафо хӯрд зи ҳиҷрони ту Хусрав,
Оҳ, ар гуле аз рӯи ту чидан нагузоранд.

* * *

Гарчи хубон зи маҳ фузун бошанд,
Пеши он моҳи ман забун бошанд.
Мардумоне, ки рӯи ту диданд,
То бибошанд, бесукун бошанд,
Гуфтамаш: «Бандаем», гуфт: «Хамӯш,
Ту чӣ донӣ, ки банда чун бошанд?!»
Ёр меҳмони туст, эй дида,
Мардумонро бигӯ, бурун бошанд.

Ту бурун рав зи сина, эй ҷон, то
Ёру ёрони ӯ дарун бошанд.
Эй дили хунгирифта, ишқ мабоз,
Ки бутон ташнагони хун бошанд.
Офиятро ба хок меҷӯянд,
Дардмандон, ки сарнагун бошанд.
Ақл дарди сар асту з-ин маънӣ
Орифон ошиқи ҷунун бошанд.
Ишқбозӣ зи Хусрав омӯзанд,
Лайлию Маҷнун, ар кунун бошанд.

* * *

Дил шуд зи дасту бар мижа аз хун нишон бимонд,
Ҷон рафту ёри гумшуда дар ҷои ҷон бимонд.
Аз нохун арчи сина канам, кай равад бурун
Ёре, ки дар дарунаи ҷонам ниҳон бимонд?
Дунболи ёри рафта равон кардам оби чашм,
Он рафта боз н-омаду чашмам равон бимонд.
Мехост дӯш узри ҷафоҳои ӯ хаёл,
Сад тири оҳи нимкушам дар камон бимонд.
Марҳам накард реши маро панди дӯстон
В-андар дилам ҷароҳати гуфторашон бимонд.
Эй дида,моҷарои дили хуншуда кунун
Бо дӯстон ту гӯй, ки моро забон бимонд.
Якчанд ҳар кӣ ҳаст бувад масту бутпараст,
Дасти салоҳ дар таҳи ратли гарон бимонд.
Гуфтам кунам ба тавба сабукдастие, вале-к
Умре гузашту в-ин дили ман ҳам бар он бимонд.
Моро видоъ кард дилу ақлу ҳар чӣ буд,
Илло сари ниёз, ки бар остон бимонд.
Хусрав зи оҳи гарм бар оташ ниҳод наъл,
Бар ҳар замин, ки аз суми аспаш нишон бимонд.

* * *

Дил рафт ба сӯеву ҳамон сӯй, ки шуд, монд,
Ҷон кард бар ӯ ҳамлаву ӯ низ бурун ронд.
Аз кӯи ту бод омаду бар оташи дил сӯхт
Ҳар номаи сабре, ки аз ин пеш дилам хонд.
Андар дилам ин буд, ки бигзашт ҳама умр
В-ин дида нисоре ба таҳи пои ту нафшонд.
Об аз ҷигарам хӯрду барам низ ҷигар дод
Болот-ниҳоле, ки дар обу гили мо шонд.
Пурсанд азизону нахоҳам бари худ, з-он-к
Кас бар ҷигари сӯхта меҳмон натавон хонд.
Шаб ёр ба дил даршуду ҷон хидмати ӯ кард,
Бастанд дари дил, хираду ҳуш бурун монд.
Кардем биҳил наргиси бозандаи ӯро,
Хусрав ҳама ҳастӣ, ки ба як дови лабаш хонд.

* * *

Рафтиям аз чашму дар дил ҳасрати рӯят бимонд,
Баршикастию ба чашмам нақши гесӯят бимонд.
Саргузаште бишнав аз ман, доштам рӯзе диле,
Солҳо шуд дар фаромӯшхонаи мӯят бимонд.
Дӣ хиромон мегузаштӣ, халқи бедилмондаро
Гиряҳо пешат равон шуд, чашмҳо сӯят бимонд.
З-он шабе, к-ин сӯ гузаштӣ гесӯи мушкинкашон,
То кунун мастам, ки ту бигзаштию бӯят бимонд.
Мурдани ман бин, ки ман чун бозгаштам аз дарат,
Колбуд боз омаду ҷон бар сари кӯят бимонд,
Гарданат озод буду хуни ман дар гарданат,
Чун ба куштан хӯ гирифтиву ҳамон хӯят бимонд.
Рафт ҷони булҳавас то бӯсад абрӯи туро,
Ҳам дар он бӯсидани меҳроби абрӯят бимонд.
Бу, ки боз ояд дилу ҷони гирифторам зи ту
В-аз бадат гуфтан забон дар коми бадгӯят бимонд.
Ин ба гуфтан рост меояд, ки Хусрав хуш бизӣ,
Чун зияд бечорае, к-аз дидани рӯят бимонд?

* * *

Рӯзе магар ин бастадари мо бикушоянд
В-аз лутф мани гумшударо роҳ намоянд?
Гар халқи ҷаҳон холи мани хаста бидонанд,
Аз айни таҳайюр сари ангушт бихоянд.
Умрест, ки аз ҷаври фалак бо ғаму дардам,
З-ин беш магар дард ба дардам бифизоянд?
Зинҳор, ки дил дар фалаки даҳр набандӣ,
К-эшон зи ҷаҳон яксара бемеҳру вафоянд.
То кай дари бахти мани бечора бибанданд,
Вақт аст, ки аз рӯи тараҳҳум бикушоянд.
Султонӣ ба тарки ғами ҷонон натавон гуфт,
Ин мушкили ҳиҷрони туро боз кушоянд.

* * *

Шакар пеши лабат ширин нагӯянд,
Рухатро аз гулу насрин нагӯянд.
Зи дида мекунам шукри ҷафоят,
Агарчи зулмро таҳсин нагӯяд.
Ман аз ғам кушта гаштам, вой, сад вой!
Гарат ҳоли мани мискин нагӯянд.
Дилам гум гашт, ёбам гар нишонам,
Дар он гесӯи чин дар чин, нагӯянд.
Дило, гар ҷон ситад, хоҳиш макун, з-он-к
Ба ночизе сухан чандин нагӯянд.
Бар ӯ ман ошиқам в-ар пурсад он шӯх,
Ҳама чизаш бигӯянд, ин нагӯянд.
Хаёлаш лутфҳо карда-ст, зинҳор,
Ки бо он кофари бедин нагӯянд.
Кунад халқе дуои сабри ошиқ,
Валекин ошиқон омин нагӯянд.
Касон, к-ин қиссаи Хусрав шуниданд,
Ҳадиси Хусраву Ширин нагӯянд.

* * *

Шуд аз ишқат дилам хуну ҷигар афгору ҷон барбод,
Куҷо, ё Раб, маро ин чашми хунин бар рухат афтод?
Маро гар буд рӯзе тоқату сабре, бишуд аз дил,
Агар медоштам доноиву ақле, бирафт аз ёд.
Маҷӯ ғайри харобӣ з-ин дили вайронаам дигар,
Ки он маъмура, к-аш вақте ту медидӣ, намонд обод!
Ғамат хоҳад диҳад барбод ҷонамро ба расвоӣ,
Бихоҳам дод ҷон барбод аз ин ғам, ҳар чӣ бодо, бод!
Маро то кай ғами ҳаҷри ту помоли ҷафо дорад?
Бирас фарёди мазлуме, ки аз дасти ғамат фарёд!
Шаб асту базми ишрат боз шуд, беваҳм бо маҳрам
Ба маҷлис бода гардон гашту дар соқӣ шароб афтод,
Чу шаб султон бедор аст, Хусрав, доди худ бистон,
Ки фардо рӯз хоҳад шуд, касе додат нахоҳад дод.

* * *

Куҷо будӣ биё, эй сарви озод,
Ки рӯят дидаму иқбол рӯ дод.
Ба ҳар ҷониб ҳамегуфтам зи мастӣ
Кунун, к-он чашми мастат бар ман афтод.
Лабат ҳамшира шуд бо ҷони ширин,
Бад-он гуна ки ишқу фитна ҳамзод.
Магардон рӯзи ман, гарчи ки донӣ,
Ки буда-ст ин хароба вақте обод.
Насиҳатгӯ, ту дарди ман чӣ донӣ?
Ки ман побастаам, ту мурғи озод.
Ту нозук чун зи афғонам наранҷӣ,
Ки аз фарёд кӯҳ ояд ба фарёд.
Ба дил чанде чу хокистар шуд ин дил,
Ки гармохӯрдагонро хуш бувад бод.
Чу бо ҷон хост рафтан, боре, з-ин тан
Раҳо кун, то бимирам ҳам дар ин ёд.
Ба кӯяш хок шуд бечора Хусрав,
Фидои хоки пои он санам бод!!

* * *

Дилдор маро баҳра ба ҷуз ғам нафиристод,
Бар дарди дили сӯхта марҳам нафиристод.
Чандин шаби ғам рафт, ки меҳмони ҷамолаш
Нуре ба суи зовияи ғам нафиристод.
Умрам ба сар оварду ба уммеди висолаш
Шарбат, ки гаҳи марг бувад, ҳам нафиристод.
Моему зи сарҷӯши ҷигар ҷоми лаболаб,
К-аз коси вафо ҷоми дамодам нафиристод.
Дӣ нармтаре гуфт сухан тири итобаш
Аз сина гузашт, арчи ки муҳкам нафиристод.
Лаълаш, ки ато кард ба шоҳон дурру ёқут,
Дарюзаи дарвеш мусаллам нафиристод.
Як ханда накард аз паи ҷондоруи бемор,
Гирянда касе низ ба мотам нафиристод.
Шодам ба ҷигар хӯрдани пинҳон-ш, ки боре
Ин моя зи иқболи худам кам нафиристод.

* * *

Надонам то туро дар дил чӣ афтод,
Ки доди суҳбати дерина барбод.
Бимурдам,эй зи рӯят чашми бад дур,
Куҷо ин дидаи бад бар ту афтод?!
Тағофул карданат бе фитнае нест,
Фиреби мурғ бошад хоби сайёд.
Маро гирди сари он чашми бемор
Бигардон, лек қурбон кун, на озод!
Чу ёди ошиқон дар дил ғам орад,
Намедорам раво, к-аз ман кунӣ ёд,
Чу завқи ишқбозӣ мешиносам.
Ман аз ту ҷавр хоҳам, дигарон дод.
Мусулмонон ба султон боз гӯянд,
Ки раҳ меафтад андар шаҳри обод.

Ту аз ман кай бурӣ, к-аз меҳрубонӣ,
Баномэзад, диле дорӣ чу фӯлод.
Агар ман шод хоҳам бе ту дилро,
Мабодо ҳеҷ гаҳ, ё раб, дилам шод!
Дило, вақти ҷафо фарёд кам кун,
Ки ҳангоми вафо худ нест фарёд.
Макун, Хусрав, ҳадиси ишқи Ширин,
Агар бо худ надорӣ санги Фарҳод.

* * *

Диламро дар занахдонаш раҳ афтод,
Қадам аз раҳ бурун зад, дар чаҳ афтод.
Чу дар маҳтоб мерафтӣ хиромон,
Зи рӯят тоб бар рӯи маҳ афтод.
Нахӯрдам мева аз шохи баландат,
Дареғо, дасти умрам кӯтаҳ афтод.
Ба ҷуз хошоки меҳнат барнаёяд,
Сиришки чашми ман ҳар ҷо гаҳ афтод.
Дилам садпора шуд дур аз даҳонат,
Чу ғунча хун дар ӯ таҳ бар таҳ афтод.
Зи ҳар нодон мапурсед оташи ишқ,
Ки ин шуъла ба ҷони огаҳ афтод.

* * *

Зулфайни ту саргашта чу боди саҳарам кард,
Хоки сари кӯят чу сабо дарбадарам кард.
Ман худ зи ту девонаи мутлақ шуда будам,
Занҷири сари зулфи ту девонатарам кард.
Гуфтам: «Ба ман афган назаре»! Чашм бибастӣ,
То чашми хушат бастаи он як назарам кард.
Андар ҷигарам дошт хаёли туву ашкам
Сар то қадам олудаи хуни ҷигарам кард.

Бифрӯхт маро бар кафи андеша хаёлат,
Ман ин қадар арзам, ки хаёли ту карам кард.
Осуда диле доштаму бехабар аз ишқ,
Ногоҳ даромад ғами ту, бохабарам кард.
Хусрав талаби васли ту мекард, ки ҳаҷрат
З-ин ҷой ҳаволат ба сарои дигарам кард.

* * *

Ҳосил агар аз зулфи ту як тор тавон кард,
Сад зоҳиди дин баста ба зуннор тавон кард.
Девор шавад зинда, вале халқ бимиранд,
Гар нақши ҷамоли ту ба девор тавон кард.
Он тез нигаҳ кардани ту ҷониби ушшоқ,
Нешест, к-аз он сад ҷигар афгор тавон кард.
Дардо, зи ту, к-аз рашк ба ту ҳам натавон гуфт,
Ҷуз хеш киро маҳрами асрор тавон кард?
Дорӣ чу ҳавас бар дилу дил пеши дари ту,
Дилҳо битавон бурдану анбор тавон кард.
Ишқи чу туе гарчи ки сӯзанда балоест,
Корест, ки ҷон дар сари ин кор тавон кард.
Он дам, ки бигирйем зи ҳиҷрони ту бо хеш,
Мотамзадае чанд ба худ ёр тавон кард.
Бар Хусрави бечора неҳ андӯҳи ғами хеш,
Бар мӯрча, гар кӯҳи гарон бор тавон кард.

* * *

Давлат на ба зӯр асту ба зорӣ, чӣ тавон кард,
Бо банда надорӣ сари ёрӣ, чӣ тавон кард?
Ман бар сари онам, ки кунам ҷон ба фидоят,
Оре, сари васлам чу надорӣ, чӣ тавон кард?
Сабр аст давои дили бечораи маҳзун,
Эй дил, чу ту бесабру қарорӣ, чӣ тавон кард?

Эй мардумаки дида, агар теғи фироқаш
Хуни ҷигарат рехт ба зорӣ, чӣ тавон кард?
Бе ёди ту як лаҳза нафас меназанам ман,
Эй дӯст, гарам ёд наёрӣ, чӣ тавон кард?
Гар бандаи бечора навозанд, тавонанд
В-ар низ биронанд ба хорӣ, чӣ тавон кард?
Ҷон дар сару кори ту кунад Хусрави бедил,
Лекин ту ба он сар чу надорӣ, чӣ тавон кард?

* * *

То ғамзаи хунрези ту қасди дили мо кард,
Бечора диламро ҳадафи тири бало кард.
Дар хоб набинад рухи ором дигар бор,
Ҳар дил, ки тамаъ дар талаби васли шумо кард.
Чун нест диламро зи ғамат рӯи раҳоӣ,
Дил маслиҳати хеш ба рӯи ту раҳо кард.
Чандин чӣ кунӣ ҷавру ҷафо бар мани мискин,
Бо ёри вафодор касе ҷавру ҷафо кард?
Ҳаргиз ба ҷаҳон нек мабиноду набинад,
Он кас, ки маро аз ту ба ноком ҷудо кард.
Дирӯз чу ман шукри висоли ту нагуфтам,
Имрӯз маро сӯзи фироқи ту сазо кард.
Бо ҷону дили Хусрави бечораи мискин
Ҳиҷрони шумо боз чӣ гӯям, ки чиҳо кард!

* * *

То рухи ту зулфи туро пеш кард,
Зулфи ту маҳро ба паси хеш кард.
Моҳи камобеша, ки рӯят бидид,
Бешу камӣ кард, вале беш кард.
Чашми ту дӣ мулки ҷаҳон баргирифт,
Маст шуд он ғамзаву фарвеш кард.

Дӯш даҳонат намаке мефишонд,
Катра чакиду ҷигарам реш кард.
Кард дилам пораву донӣ, кӣ кард?
Тири ту, эй кофари бадкеш, кард.
Чашми ту дар хоб шуд, онро бигӯй,
Дар натавон бар саги худ пеш кард.
Хомаи Хусрав натавонад набишт,
Он чи ғамат бар мани дарвеш кард.

* * *

Ишқ омаду дил зи дасти мо бурд,
Тадбир зи ақли мубтало бурд.
Айшу тарабу қарору тамкин,
Як-як зи дилам ҷудо-ҷудо бурд.
Ёр омаду бар ду дида биншаст,
Шоҳ омаду хонаи гадо бурд.
Моро, ки зи ғам хаёл гаштем,
Боди сари зулфи ӯ зи ҷо бурд.
Ҳар дил, ки ба синаи касе дид,
Ё дар кафи ғам супурд, ё бурд.
Селоби ғамаш даромад аз шаҳр,
Бозори ҳазор порсо бурд.
Дилро мебурд сели дида,
То даст дар ӯ задам, маро бурд.
Шаб сурати ӯ ба хоб дидам,
Ашкам бидавиду хобро бурд.
Ин дидаи ман,ки кӯр бодо,
Пеши ҳама обрӯи мо бурд!
Аз даст бирафт ҷони Хусрав,
Ғам, ҳеҷ надонамаш, куҷо бурд?!

* * *

З-ин пештар чунин дилат аз сангу рӯ набуд
В-озори дӯстон бад-ин гуна хӯ набуд.
Пайваста одати ту чунин буд дар бадӣ,
Ё худ ҳамеша одати хубон накӯ набуд.
Он кист, к-ӯ бидид дар он рӯй як назар
В-он гоҳ, то бизист дар он орзӯ набуд.
Лоғар тани маро зи ғами зулф ворахон,
Ангор, к-ат ба зулф яке тори мӯ набуд.
Дилро фасонаи ту зи раҳ бурд в-арна ҳеҷ
Девонаи маро сари ин гуфтугӯ набуд.
Охир бар оби чашми манат низ дил бисӯхт,
Гирам, ки худ маро ба дарат обрӯ набуд.
Эй дил, сипос дор, ки гар ёр ҷавр кард,
Аз бахти номусоиди ман буд, аз ӯ набуд.
Мушкам зи зулфи ғайр чӣ овардӣ, эй сабо,
Дар кӯи он нигор чаро хоки кӯ набуд?
Хусрав, ба дард хӯ куну бо бедилӣ бисоз,
Гар гӯямат, ки дил ба куҷо рафт, гӯ «набуд».

* * *

То ҷаҳон буд, аз ҷаҳон ҳаргиз диле хуррам набуд,
Хуррамӣ худ ҳеҷ гаҳ, гӯӣ, ки дар олам набуд.
Ғам бурун з-андоза шуд морову дил бар ҷо намонд,
Эй хуш, он вақте, ки дил бар ҷой буду ғам набуд!
Гарчи кори ошиқон пайваста сомоне надошт,
Инчунин якборагӣ ҳам абтару дарҳам набуд.
Ғам ҳама вақту тараб як дам бувад, боре маро
Дар тамоми умр, меандешам, он як дам набуд.
Бо дили маҷрӯҳ рафтам дӣ ба дуккони табиб,
Ҳуққаро чун боз кард, аз бахши ман марҳам набуд.
Гуфтам ин ғамҳои дил берун диҳам, то ворахам,
Дар ҳама олам биҷустам, ҳеҷ ҷо маҳрам набуд.

Коми дил чандон набуда-ст арзи мо шуд, гӯ, бишав,
Дил, ки буда-ст, он куҷо кардем, ё он ҳам набуд?
Одамӣ хушдил набошад, гарчи дар ҷаннат бувад,
Одамӣ худ кай тавонад буд, чун Одам набуд…?
Даҳр бо мардум насозад, з-он харонро дод ганҷ,
В-арна ин мурдор дар вайронаи ӯ кам набуд.
Гар тавонӣ, Хусравро, дилро иморат кун, аз он-к
Дар ҷаҳон касро бинои обу гил маҳкам набуд.

* * *

Дӣ маст будаам, ки зи хешам хабар набуд,
Ман будаму ду маҳраму ёре дигар набуд.
Мерафт он савору дар ӯ буд чашми ман,
Мешуд зи сина ҷону дар онам назар набуд.
Сӯзи дилам бидид, зи чашмаш наме нарехт,
Он ёри хонасӯхтаро ин қадар набуд.
Девона кард ошиқию бедилӣ маро,
Ё Раб, дилам кӣ бурд, куҷо шуд, магар набуд!
Хуш будаам, ки бо ту нигоҳе надоштам,
Боре зи оби дидаам он дарди сар набуд.
Дӯш омадию маъзарате гар накардамат,
Маъзур дор, аз он к-зи хешам хабар набуд.
Бар ман зи рӯзгор басе фитнаҳо расид,
Ишқат бало шуд, арна ба ҷонам хатар набуд.
Пайваста рӯзи ғамзадагон тира буд, лек
Аз рӯзгори тираи ман тиратар набуд.
Хусрав, зи баҳри айши гузашта чӣ ғам хурӣ,
Чун рафт, гӯ набуд, агар буду гар набуд.

* * *

Маро бо ту, ки шаббедорие буд,
Зи ту нозеву аз ман зорие буд.
Набуд ҷои далерӣ дар ғами ишқ,
Ки бахти хуфтаро бедорие буд.

Сабурӣ гарчи бас девонагӣ кард,
Шабаш бо ошноён ёрие буд.
Ба шуғли диданат хуш буд ҷонам,
Агарчи халқро бекорие буд.
Назарбозӣ маро дӣ дошт, бо он-к
Дили дармондаро душворие буд.
Ҷамолат оштӣ дод, он ки якчанд
Миёни ҷону тан безорие буд.
Ҷуз аз хуни дилам шарбат намехӯрд,
Ки чашматро аҷаб беморие буд.
Фаровон гармпурсӣ кард он ҳам,
Зи оби дида ҳам дилдорие буд.
Ғанимат дошт Хусрав иззати хеш,
К-аш аз таъни рақибон хорие буд.

* * *

На пеш аз ин мижа з-ин гуна хунфишонам буд,
Назораи ту бало шуд, ки ҳар замонам буд.
Ба ҷони ту, ки фурӯ мондаӣ шабе аз дил,
Даме чӣ бошад, агар аз ту дил каронам буд.
Забон ҳадиси ту мегуфт дӯшу дил месӯхт,
Расид кор ба ҷону сухан ҳамонам буд.
Хаёли вай расанам баста дар гӯлӯ мегашт,
Ҳанӯз дил ба суи зулфи ту кашонам буд.
Бикуш марову зи сар зинда кун ба хеш, охир,
Ба ҷони колбуде чанд зинда донам буд.
Дар он ҷаҳон ману ишқат гузоштам ба дарат
Тани хароб, ки ҳамроҳи ин ҷаҳонам буд.
Ҷудо шудӣ зи фироқи ту банд-бандам, лек
Зи ҷуръаҳои ту пайванди устухонам буд.
Ба бандагии ғамат ҷон фурӯхтам, нахаред,
Ки доғҳои куҳан гирд-гирди ҷонам буд.
Ба ноз гӯӣ, Хусрав, сабур бош ба ишқ,
Чаро набошам, ҷоно, агар тавонам буд?!

* * *

Бирафт он дил, ки бо сабр ошно буд,
Чӣ мегӯям, маро худ дил куҷо буд?
Ҳама шаб гиряам хуфтан надода-ст,
Ки бӯи гулрухи ман бо сабо буд.
Аз он бар гул занад фарёд булбул,
Ки ӯ соли тамом аз гул ҷудо буд.
Манол,эй булбул, аз бадбахтии гул,
Ки то буда-ст хубе, бевафо буд.
Зи мо ёдаш диҳӣ гаҳ-гоҳ, эй бод,
Гузашт он вақт, к-ӯро ёди мо буд.
Ғанимат дон висол, эй ҳамнишинам,
Хуш он вақте ки ин давлат маро буд.
Ту, эй зоҳид, ки андар кӯи ӯӣ,
Магар кӯрӣ, ки то кай порсо буд?
Зи дар берун марон бегонаворам,
Ки ин бегона вақте ошно буд.
Ғамат бас буд, бад гуфтан чӣ ҳоҷат,
Туро гар куштани Хусрав ризо буд.

* * *

Вақте он буда-ст, к-он бадаҳд моро ёр буд
В-ин матои дардро дар кӯи ӯ бозор буд.
Бӯстонҳо, к-андар ӯ будем хуш бо дӯстон,
Он ҳама гулҳо, ту пиндорӣ, саросар хор буд.
Борҳо бинам ба худ, он ашҳо ёд оварам,
К-ин ҳамон мурғест, ё айб, к-андар он гулзор буд.
Дӯш берун рехтам хунобаи дил пеши чашм,
Ақлро маҳрам накардам, андар он айёр буд.
Дида фардо бар ман ар хасмӣ кунад барҳақ бувад,
З-он ки мискин баҳри ман бисёр шаб бедор буд.
То надонӣ, соқиё, к-аз май чунин бехуд шудам,
Доруи мастии ман он шаклу он рафтор буд.

Ман, ки гуфтам чошнӣ кун, не гумоне буд бад,
Лек мақсудам давои синаи афгор буд.
Гар дилам душман гирифтӣ, инчунинаш ҳам масӯз,
К-охир ар имрӯз душман гашт, вақте ёр буд.
Бими теғам нест, лекин ин сари камбахтро
Дӯст медорам, ки зери пои ту бисёр буд.
Шаб ҳамегаштам, асас нагрифт дар кӯят маро,
Дард кардаш дил, ки бас нолидани ман зор буд.
Хусраво, дил бад макун аз номуродиҳои даҳр,
К-осмонро кин ҳама бо мардуми ҳушёр буд.

* * *

Ё Раб, ки дӯш ғоиби ман хонаи кӣ буд?
Ташвиши он чароғ зи парвонаи кӣ буд?
Ман маст будаам ба хароботи ошиқон,
Он нозанин ба маҷлиси мастонаи кӣ буд?
Боре, набуд дар дилам имшаб нишони сабо,
То он раванда боз ба вайронаи кӣ буд?
Аз гиряи шабона сарам дард мекунад,
Ё Раб, ки он шароб зи хумхонаи кӣ буд?
Метофт дӯш ҷаъди ду занҷир, ваҳ ки боз
Он офат аз паи дили девонаи кӣ буд?
Фармон надода рӯи ту чандин, ки осмон
Иқтои офтоб зи кошонаи кӣ буд?
Дасти муборақи ту, ки дӣ ранҷа шуд ба теғ,
Он давлат аз паи сари мардонаи кӣ буд?
Монд аз балои холи ту Хусрав ба доми зулф,
Он мурғро нигар, ҳаваси донаи кӣ буд?

* * *

Ё Раб, чӣ буд имшабу меҳмони ман кӣ буд,
Таскини ҷони бесару сомони ман кӣ буд?
Бедор гашт бахтаму албатта, рост шуд,
Он ҷумла хобҳои парешони ман кӣ буд?

Шабҳо зи ҳаҷр зистам аз ҷони дигарон,
Имшаб, ки мурда зинда шудам, ҷони ман кӣ буд?
Ҳайрони оҳу нолаи ман буд, то ба субҳ,
Боре нигаҳ кунед, ки ҳайрони ман кӣ буд?
Нагзошт оби дида, ки некӯ бибинамаш,
Ё Раб, ки пеши дидаи гирёни ман кӣ буд?
Беҳушиям боло шуд, агарна чу хоб кард,
Гар бӯса додамеш, нигаҳбони ман кӣ буд?
Жӯлида хоста-ст, тафаҳҳус кун, эй рақиб,
К-он дам, ки хуфт, паҳлӯи ҷонони ман кӣ буд?
Ман будаам ҳарифи шаробаш тамоми рӯз,
Шаб посбони давлати султони ман кӣ буд?
Бадноми рӯзгор шудӣ, Хусраво, зи ишқ,
Расвои шаҳру кӯй чунон з-они ман кӣ буд?

* * *

Эй, ки чун ҷон рафтаӣ аз дасти мо, боз ой зуд,
К-аз фироқат сӯхтам бар оташи дил ҳамчу уд.
Пеши рӯи худ маро биншон бар оташ чун сипанд,
То бисӯзам хештанро кӯрии чашми ҳасуд.
Эй, ки бурдӣ обрӯи ман, зи оҳи дил битарс,
Чун маро дар ҷон задӣ оташ, машав ғофил зи дуд.
Сурати ҷон беҳиҷоб он рӯз дидам зарравор,
К-офтоби рӯи ӯ аз равзани дил раҳ намуд.
Қиссаи мо бо ту аз Лайлию Маҷнун даргузашт,
Хусраву Ширин чӣ бошад, Вомиқу Азро кӣ буд?
Ошиқию риндию девонагӣ дар шахси мо
Киссаву афсона набвад, ростӣ, бояд шунуд.
Ишқ аз он болотар аст, оре, ки Хусравро ба зӯр
Гоҳи пирӣ сар барад дар пеши хубон дар суҷуд.

* * *

Як ханда бизан з-он лаби лаъли шакаролуд,
Бар ошиқи расво, ки рух аз хуни тар олуд.
Як шаб зи барои дили ман маҳрами ман бош,
Бишнав зи дилам чанд ҳадиси ҷигаролуд.
Моно, ки напурсӣ ту зи чашмам, ки чӣ кардӣ,
Дар кӯи ту, к-аз хун ҳама девору дар олуд.
Ҷонҳо, ки гирифтори лабат гашт, чӣ ронӣ!
Парвоз маҷӯй аз магасони шакаролуд.
Ошиқ, ки намирад зи рухи зард, чӣ хезад,
Ишқест дурӯғин, ки мисеро ба зар олуд.
Шодем ҳаром, ар ба ғами рӯзи фироқат
Ин чашму лабам ҳеҷ гаҳ аз хобу х(в) ар олуд.
Осуда ба хоки дарат инак сари Хусрав,
З-он сандали роҳат, ки бар ин дарди сар олуд.

* * *

Гулу шукуфа ҳама ҳасту ёр нест, чӣ суд?
Бути шакарлаби ман дар канор нест, чӣ суд?
Баҳор омаду ҳар гул, ки бояд он ҳама ҳаст,
Гуле, ки ман талабам дар баҳор нест, чӣ суд?
Ба интизори ту он рӯи дӯстон диданд,
Ду дидаро чу сари интизор нест, чӣ суд?
Зи баҳри хӯрдани ғам гар ҳазор дил дорам,
Аз он ҳазор якеро қарор нест, чӣ суд?
Агар ҳазор вафо буд пеш аз ин,на яке,
Дар ин замона яке аз ҳазор нест, чӣ суд?
Зи дӯст муждаи мақсуд мерасад, декин
Зи бахти хештанам устувор нест, чӣ суд?
Агарчи бодаи уммед мекашад Хусрав,
Зи даври чарх сараш бехумор нест, чӣ суд?

* * *

Чӣ хуш субҳе дамид имшаб маро аз рӯи ёри худ,
Гулистони ҳаётам тоза гашт аз навбаҳори худ.
Биҳамдиллаҳ, ки кишти бахт бар доду нашуд зоеъ,
Ҳар он-ч аз дида борон рехтам бар рӯзгори худ.
Магӯ ҳиҷрон, қиёмат буд, к-он бигзашту ман бар худ
Дари фирдавс дидам боз аз рӯи нигори худ.
Шумори ғам намедонам, ки пеши дӯстон гӯям,
Ки ман чизе намегӯям зи дарди бешумори худ.
Дилу ҷон, к-аз паи ман ранҷҳо диданд дар ҳиҷрон,
Намудам ҳар дуро он рӯю кардам шармсори худ.
Маро осуда боре дида, гарчи ранҷа шуд пояш,
Ки молидам ҳама шаб дидаро бар пои ёри худ.
Чу ман бедавлате в-он гаҳ назар дар чун ту дилдоре,
Чӣ бахт аст ину чӣ иқбол, ҳайронам ба кори худ.
Ду бӯсам лутф фармудӣ, шудам ҳам дар яке беҳуш,
Раҳо кун, то зи сар гирам, ки гум кардам шумори худ.
Ман инак рафтам, он по бар сари ман ранҷа кун гаҳ-гаҳ,
Ки дар кӯи ту хоке мегузорам ёдгори худ.
Чӣ хоб аст ин, ки мегӯӣ ба пеши мардумон Хусрав,
Туро, ку хоб, то бинӣ аз инҳо дар канори худ.

* * *

Дилам бурун шуд аз ғамат, ғамат зи дил бурун нашуд,
Забун шудам, кӣ буд, к-ӯ зи дасти ғам забун нашуд?!
Зи ҷаври ту буте дигар даруни сина хостам,
Чу хона буд аз они ту, касе дигар дарун нашуд.
Ба ҷилвагоҳи некӯвон, ки ҳаст ҷилваи бало,
Касе даруни парда шуд, ки аз боло бурун нашуд.
Зи оби чашми ошиқон кучо ду дида тар кунад,
Зи шӯхии шакарлабон дили касе, ки хун нашуд.
Чӣ нолаҳо, ки кард дил, ки ёр аз они худ шавад,
Рухи накӯ аз они худ, чӣ ҳилатест, чун нашуд.

Чу мурданӣ шудам зи ғам, чӣ ҷӯям аз касе дуо,
Ки аз дуои мардумон ҳаёти кас фузун нашуд.
Надонам ин ки чун зиям, ҳаёти дил чӣ сон бувад
Зи ҷодуе, ки Хусрав, аз дилат ба сад фусун нашуд.

* * *

Кор зи даст шуд маро, даст ба ёр дарнашуд,
Лоба намудамаш басе, ҳеҷ ба кор дарнашуд,
Оҳ, ки сабр чун кунад ин дили беқарори ман,
К-аз паи тангӣ андар ӯ сабру қарор дарнашуд.
Дил чу ба ҳадя додамаш, к-ин рухи зард бингарам,
Сиккаи қалб доштам, зар ба иёр дарнашуд.
Ҷон бисупурдамаш, ки то куштаи худ шуморадам,
Гарчи ки кушта шуд раҳӣ, ҳам ба шумор дарнашуд.
Эй, ки даҳони танги ту то нафасам насим зад,
Дар сари ғунча баъд аз он боди баҳор дарнашуд.
Дӣ ба карашма мешудӣ сӯи чаман ба сони гул,
Шӯхии гул, ки аз ҳаё боз ба хор дарнашуд.
Гашт ғубори хинги ту сурмаи чашм, ҳеҷ гаҳ
Сурма бар он намат дар ин дидаи тор дарнашуд.
Ман ба ғубор хостам дарраваму бибинамат,
Лек зи бас заифиям тан ба ғубор дарнашуд.
Ҷони манию боз, к-ӯ нозкунон бар ӯ шудӣ,
Беш даруни тан маро ҷони фигор дарнашуд.
Бар дили ман фарас марон, з-он ки ба хонаи гадо
Шоҳ агарчи шуд бурун, лек савор дарнашуд.
Нолаи Хусрав аз ғамат рафта ба гӯши осмон,
Хеҷ гаҳе ба гӯшат ин нолаи зор дарнашуд.

* * *

Боз моро дил ба дасти ошиқӣ бечора шуд,
Боз ақл аз хонумони хештан овора шуд.
Ин дили бечора, к-аш пайвандҳо кардам ба сабр,
Он ҳама пайвандҳояш бори дигар пора шуд.

Пора-пора гашт сар то по дили пуроташам
В-аз барои сӯзиши ман бин чӣ оташпора шуд?
Чашмро гуфтам, ки дар хубон мабин, нашнид ҳеҷ,
То гирифтори яке мардумкушӣ хунхора шуд.
Моҳи ман, бе ту чу шаб торик шуд, чашми раҳӣ
В-андар ин шаб қатраҳои чашми ман сайёра шуд.
Дӣ раҳӣ дид он парирову зи сар девона гашт
В-аз сари девонагӣ дар пеши он айёра шуд.
Дид чун девонагии ман бизад бар сина даст,
Сахтии дил бин, ки бистад сангу дар наззора шуд.
То ба кӯҳу дашт нафтад ҳамчу Фарҳод аз ғамат,
Чораи Хусрав бикун, к-аз дасти чу бечора шуд.

* * *

Чанд зи дур бинамат, ваҳ, ки дилам кабоб шуд!
Чанд зи ғусса хун хурам, вой, ки хунам об шуд!
Шӯриши бахти ҳасти худ ханда намезанӣ дигар,
Чанд ҳанӯзат ин намак чун ҷигарам кабоб шуд?
Дӣ, ки кулаҳ ниҳода каж масту хароб мешудӣ,
Дар назари кӣ омадӣ, хонаи ман хароб шуд?
Рахти вуҷуди ман ҳама ғорати фитна гашт, то
Ҳиндуи турраи туам раҳзани хӯрду хоб шуд.
Гар ғами хеш гӯямат, хашм кунӣ, чӣ ҳила, чун
Қиссаи ман зи рӯзи бад дархури ин ҷавоб шуд.
Хусрави хаста дарди худ гуфт шабе ба маҷлисе,
Дидаи равшанон ҳама ғарқа ба хуни ноб шуд.

* * *

Аз ёди ту дил ҷудо нахоҳад шуд
В-аз банди ту ҷон раҳо нахоҳад шуд.
Дилро ба ту додам, он чӣ донӣ кун,
Чун медонам маро нахоҳад шуд.

Пайванд дил аз ту нагсилам ҳаргиз,
Гар ҷомаи ҷон қабо нахоҳад шуд,
Тири мижа мезанӣ, ки кас пешат
Чун ман ҳадафи бало нахоҳад шуд.
Ё Раб, ба куҷо гурезам аз тират,
Ҳар ҷо, ки равам, хато нахоҳад шуд.
Мегӯ сухане, матарс аз ғамза,
Маст асту бар ин гуво нахоҳад шуд.
В-ар бӯса диҳӣ, шумори он гум кун,
Ман мешумарам, даѓо нахоҳад шуд.
Дарде дорам ба сина аз ишқат,
К-он дард гаҳе даво нахоҳад шуд.
Гуфтӣ, ки ғуломи ман нашуд Хусрав,
Ҳам хоҳад шуд, чаро нахоҳад шуд.

* * *

Марав з-ин сон, ки ҳар сӯ ҷомаи ҷон чок хоҳад шуд,
Ҷаҳоне дар сари ин ғамзаи бебок хоҳад шуд.
Худоро, з-ӯ напурсию маро сӯзӣ ба ҷои ӯ,
Ки кушта оламе з-он наргиси бебок хоҳад шуд.
Ту мезан ғамза то ман мехурам хуш-хуш синони ту,
Чӣ ғам дорад туро, гар синаи ман чок хоҳад шуд.
Зиҳӣ, шодӣ, ки ӯ ояд бибинад ҳоли ман, лекин
Ман ин шодӣ намехоҳам, ки ӯ ғамнок хоҳад шуд.
Бисӯзам хештан аз ҷаври бахти бад, вале тарсам,
Ки оташ сӯхта аз нанги ин хошок хоҳад шуд.
Мабин з-ин сӯ, ки ҷонам аз хаёли муҳраи чашмат
Чу гунҷишки гуруснакарда дар топок хоҳад шуд.
Хаёли хатти ту ҳамроҳи ҷонам бошад он рӯзе,
Ки номи ман зи лавҳи зиндагонӣ хок хоҳад шуд.
Аз он лаб талх мегӯӣ, матарс аз хандаи Хусрав,
Ки ҳар захре, ки меояд, бар он тарёк хоҳад шуд.

* * *

Ман аз ҷавру ҷафои дилбарон девона хоҳам шуд
Зи хешу ошно аз дасти дил бегона хоҳам шуд.
Зи бас, к-афсонаи худ бо дару девор мегӯям,
Ба расвоӣ миёни мардумон афсона хоҳам шуд.
Чу дидам холу хатти он парирӯро, ба дил гуфтам
Гирифтор ар шавам дар доми ӯ, з-ин дона хоҳам шуд.
Моломатгӯ, ба расвоӣ матарсон ҳушёронро,
Ки ман бе пову сар дар кӯи ӯ мастона хоҳам шуд.
Ба дил гуфтам: «Чароӣ бевафо»? Гуфто: «Бирав Хусрав,
Гузар аз ман, ки ман дар хидмати ҷонона хоҳам шуд».

* * *

Чӣ пиндорӣ, ки ман аз ошиқӣ бегона хоҳам шуд,
Ба расвоӣ агарчи дар ҷаҳон афсона хоҳам шуд.
Зи бас зебост лофи ишқбозӣ худпарастонро,
Чу бо ишқ ошно гаштам, зи худ бегона хоҳам шуд,
Гаҳе пеши рақибони ситамгар гиря хоҳам кард,
Гаҳе дар роҳи мурғони хабаркаш дона хоҳам шуд,
Ало, эй боди шабгирӣ, ба гулбарги баногӯшаш,
Маҷунбон зулфи занҷирӣ, ки ман девона хоҳам шуд.
Расид он одамикуш бозу омад дар назар, донам
Ба пойи дигарон имрӯз ман дар хона хоҳам шуд.
Нигоро, маст бигзаштӣ ба кӯи зоҳидон рӯзе,
Бурун шуд сӯфӣ аз масҷид, ки дар майхона хоҳам шуд.
Бидидам зуҳдро боре, надидам лаззате чандон,
Кунун хуш-хуш ба саффи ошиқон мастона хоҳам шуд.
Магар лаъли лабат бӯсам, чу май дар сина ҷо созам,
Магар ҷаъди тарат гирам, чу мӯ дар шона хоҳам шуд.
Чу оташ мезанӣ дар ман, сипанди рӯи ту гардам,
Чу шамъи ҷон шудӣ, гирди сарат парвона хоҳам шуд.
Хаёл аз чашми ман мегашт чун медид сӯи дил,
Ки дилгир аст он хона, дар он вайрона хоҳам шуд.
Кафан дар остину теғ дар даст аст Хусравро,
Гар акнун бар сари кӯяш равам, мардона хоҳам шуд.

* * *

Зи ораз турра боло кун, ки кори халқ дарҳам шуд,
Алам баркаш, ки бар хубон-т султонӣ мусаллам шуд.
Фикандӣ бурқаъ аз рӯю зи Яъқубон бишуд дида,
Гузаштӣ бар сари бозору ҳусни Юсуфон кам шуд.
Дилам мехостӣ пора, афокаллоҳ чунон дидӣ,
Маро мехостӣ расво, биҳамдуллаҳ, ки он ҳам шуд.
Кӣ донад, хоки ман дур аз сари кӯят куҷо афтад,
Хуш он сарҳо, ки дар роҳи ту хоки наъли адҳам шуд.
Туро додам дилу тан холрову ҷон ду чашматро
Ману ишқат кунун, к-аз сӯи хешон сина беғам шуд.
Гиребон гирӣ, эй зоҳид, чӣ фармоӣ рақибонро,
К-аз ӯ дар аҳди ҳуснаш домани суҳбат фароҳам шуд.
Бурун афтод чун номаҳрамон аз пардаи дил ҷон,
Аз он гаҳ, к-андар ин парда хаёли дӯст маҳрам шуд.
Инонаш гиру магзор, эй рақиб, аз хона берунаш,
Ки аз дамҳои сарди ошиқон дар тобу дарҳам шуд.
Забон гар тешаи Фарҳод гардад пандгӯёнро,
Чӣ ғам, чун дар дили Хусрав бинои дӯст муҳкам шуд!

* * *

Сухан мегуфтам аз лабҳо-ш, дар комам забон гум шуд,
Гирифтам ногаҳон номаш, ҳадисам дар даҳон гум шуд.
Дили гумгаштаро дар ҳар хами зулфаш ҳамеҷустам,
Ки ногаҳ чашми бадхӯяш суи ҷон рафту ҷон гум шуд.
Ниҳоданд аҳли тоат дасту пои зуҳдро, лекин
Чу диданд он карашма, дасту пои ҳамгинон гум шуд.
Чӣ ҷои таъна, гар дар хона н-орам ёд дар кӯе,
Ки дар ҳар зарраи кӯяш ҳазорон хонумон гум шуд.
Ман андар ишқ хоҳам мурд, кай ҷон мебарад ҳар кас
Аз он водӣ, ки дар вай сад ҳазорон корвон гум шуд.
Дари мақсуд бар ушшоқи мискин боз кай гардад?
Чу дар хоки дари хубон калиди бахташон гум шуд.

Қадам то кай дареғ, охир, кунун аз ҳоли мискинон,
Ки ошиқ хок гашту ҷонаш андар хокдон гум шуд.
Маро гӯянд бадгӯён ҷаҳон хур, ғам махур чандин,
Чу Хусрав гум шуд андар худ, ҳисоби он ҷаҳон гум шуд.

* * *

Он дӯст, ки буд, бар карон шуд
В-он сабр, ки доштам, ниҳон шуд.
Мо худ баҳузур мурда будем,
Хоса, ки фироқ дар миён шуд.
Афсӯс, ки шодие надидем
В-ин умри азиз ройгон шуд.
Аз дӯст наёфтем коме,
Душман ба дурӯғ бадгумон шуд.
Гуфтам, ки асир гардӣ, эй дил,
Дидӣ, ки ба оқибат ҳамон шуд.
Дил бар дигаре ниҳам, валекин
Ошиқ ба ситам наметавон шуд.
Дӣ дилбари ман савора мерафт,
Ашкам бидавиду ҳаминон шуд.
Мутриб ғазале зи шавқ бархонд,
Хуноба зи чашми ман равон шуд.
Аз гиряи ман рақиби бадхӯй,
Бо он ҳама хашм меҳрубон шуд.
Азбаски илоҷи дарди ман кард,
Бечора табиб нотавон шуд.
Хусрав, яке ҷон-ст, чанд тарсӣ,
Гирам ҳама халқ якзабон шуд.

* * *

Бар н-омад оҳе аз дилам, зулфат парешон аз чӣ шуд?
Пешат накардам гиряе, лабҳот хандон аз чӣ шуд.
Тире задию нангарӣ, гирам, ки ман надҳам бурун,
Ҳам худ бигӯ, к-охир маро сад рахна дар ҷон аз чӣ шуд?

Бе ман набудӣ як замон, акнун наёӣ сӯи ман,
К-он ошно буд ончунон, бегона з-ин сон аз чӣ шуд?
Равшан шуд андар шаҳру кӯ ин сӯзиши пинҳони ман
Дур аст боре шамъи дил, парвона бирён аз чӣ шуд?
Хобам, на, аз муҳри лабат бинам парешон хобҳо,
Боде зи ту н-омад барам, хобам парешон аз чӣ шуд?
Аз доғи Хусрав дар ҷигар халқе куҷо дорад хабар,
Ошиқ шиносад, к-ин чунин бемору ҳайрон аз чӣ шуд?

* * *

Сол нав асту ишқ нав, ишрати ёри ман чӣ шуд?
Бин, ки зи зорию фиғон шахси низори ман чӣ шуд?
Гар фалаки ситезагар, меҳрнамои кинагар,
Баст ба кини ман камар, мехрнигори ман чӣ шуд?
Гар тани ман зи хашми ту хастаи тири ғамза шуд,
Бод фидо-ш, гӯ барад, ҷони нигори ман чӣ шуд?
Оҳи ман ар зи бехудӣ менарасад ба гӯши ӯ,
То хабараш кунад зи ман нолаи зори ман чӣ шуд?
Ғам рухи чун зари маро суд бар остони ӯ
Гир, ки хок шуд зарам, санги иёри ман чӣ шуд?
Хусраваму чу тӯтиён дар ҳаваси шакарлабон,
То шакаре ба ман диҳад, хандаи ёри ман чӣ шуд?

* * *

Шабе, эй бод, сӯи он рухи гулгун нахоҳӣ шуд,
Ба кӯи он фиребангези пурафсун нахоҳӣ шуд.
Маро боре баромад ҷон зи бедорию танҳоӣ,
Бад-он бадгӯ, ки хоҳӣ шуд, ҳам акнун нахоҳӣ шуд,
Расид он нозанин инак, ало, эй сабри тарсондил,
Ситоде кардаӣ некӯ, агар берун нахоҳӣ шуд,
Ман имшаб фурсате дорам, ки сераш бингарам, лекин
Ҳам андар дидани аввал, дило, гар хун нахоҳӣ шуд.

Балои ҷон-ст он занҷири ҷаъд, эй ошиқи мискин,
Чӣ мебинӣ дар ӯ, яъне ки ту Маҷнун нахоҳӣ шуд.
Нигоро, з-оби чашми ман, дилат гашта-сту медонам,
Гар аз бахти бади ман боз дигаргун нахоҳӣ шуд.
Ҳам аз унвони хунолуда берун бар ҳадиси ман,
Агар дар номаи ман бар сари мазмун нахоҳӣ шуд.
Дилу дин беҳуда бар бӯи зулфат мекунам зоеъ,
Аз они хеш Хусравро ту кофар чун нахоҳӣ шуд?

* * *

Бар оби рухат як гули сероб наёяд,
Он-ч аз лабат ояд, зи маи ноб наёяд.
Донам, ки лабат банданавоз аст, валекин
Он беҳ, ки магас бар сари ҷуллоб наёяд.
Маъзурӣ, агар нест дилатро асари меҳр,
К-ин муъҷизи Исост, ки қассоб наёяд.
Ноомаданатро гила аз бахт кунам, з-он-к
Дар кулбаи дарвеш чу маҳтоб наёяд.
Шабҳо мани девонаву ёре ду-се ҳамдам,
Ман ноламу ёрони маро хоб наёяд.
Аз дил накушояд гираҳи гиряам, оре,
Мотам чу бувад сахт, ба чашм об наёяд.
Мо баҳри салоҳе рухи соқӣ нагузорам,
К-онро, ки буте ҳаст, ба меҳроб наёяд.
Чун айш бувад, он ки гаҳе бар дили Хусрав,
Аз дасти ту тире ду-се партоб наёяд.

* * *

Як рӯз ба умре зи манат ёд наёяд,
Як шаб раҳӣ аз кӯи ғамат шод наёяд.
Аз бӯи туам сӯхта шуд, ваҳ, дилам, охир,
Камтар шавад ин шуъла, агар бод наёяд.

Ё Раб, ки маи хушдилият бод гуворо,
Ҳарчанд ки аз мо-т гаҳе ёд наёяд.
Фардо-ш махонед ба болини манаш, з-он-к
Ширин ба сари турбати Фарҳод наёяд.
Ҷонам, ки ба вайронаи ғам монд, махонед,
К-ин мурғи хароб аст, дар обод наёяд,
Душвор набошад в-агарам бандагии дил,
Осон касе аз ҷони худ озод наёяд.
Наврӯз дарояд зи барои ҳама мурғон,
Булбул зи паи рафтани сайёд наёяд.
Девона бигардам ман аз ин кӯй бад-он кӯй,
Девонаваш он турки паризод наёяд.
Хусрав бикунад нолаи Фарҳод, шабе нест,
К-аз нолаи ӯ кӯҳ ба фарёд наёяд.

* * *

Танҳо ғами дил гуфтан бо ёр чӣ хуб ояд,
Сар дар қадамаш бурдан ҳар бор чӣ хуб ояд,
Ҷонон чу диҳад фармон дар куштани муштоқон,
Пеши назараш рафтан бар дор чӣ хуб ояд.
Месӯзаму мегардам гирди сари шамъи худ,
Раққосии парвона бар нор чӣ хуб ояд.
Ҳам бори ҷафо бурдам, ҳам ҷоми вафо хӯрдам,
Ин кор, ки ман кардам, аз ёр чӣ хуб ояд.
Он рӯз, ки ҷон бидҳам дар ҳасрати побӯсаш,
Бар хоки ман он бутро рафтор чӣ хуб ояд.
Рӯзе, ки пас аз умре шаб рӯз кунад бо ман,
Шаб то ба саҳар пешаш гуфтор чӣ хуб ояд.
Ман худ бикушам худро аз дасти ғамаш, лекин
Ё Раб, ки ҳам аз дасташ ин кор чӣ хуб ояд.
Чун пеши бутон зоҳид тасбеҳгусил гардад,
Аз риштаи тасбеҳаш зуннор чӣ хуб ояд.
Чун дӯст кунад бар ҷон даъвии худовандӣ,
Дар бандагӣ аз Хусрав иқрор чӣ хуб ояд.

* * *

Маро ҳар шаб зи дида хуни дил ғалтон фуруд ояд,
Чӣ пиндорӣ, шароби ошиқӣ осон фуруд ояд?
Дилу ақл он гаҳе ишқ, ин куҷо бошад раво охир,
Ки мурғи Каъба дар бутхонаи вайрон фуруд ояд.
Саҳаргаҳ хушк дидӣ з-оҳи ман, эй мурғи бустонҳо,
Шабонгаҳ бош, то аз чашми ман бар он фуруд ояд.
Инонгирӣ накард он бевафо як раҳ маро рӯзе,
Ки дар вайронаи бечорагон меҳмон фуруд ояд.
Гаҳе ҷавлони ӯ дар ҷон, гаҳе майдони ӯ дар дил,
Ғуломи он саворам ман, ки андар ҷон фуруд ояд.
Намеёбам чу хори по-ш боре бошамаш дар раҳ,
Магар дар фарқи ман гарде аз он ҷавлон фуруд ояд.
Намак борад ба ҳар сӯ, к-он ҷигаргӯша равад в-он гаҳ
Ҳама бар ҷони сӯзону дили бирён фуруд ояд.
Бад-ин сон, к-аз баландӣ гуфти Хусрав рафт бар гардун,
Чӣ бошад як сухан, гар дар дили ҷонон фуруд ояд!

* * *

Шаҳнаи ғам дуаспа меояд,
Сабр наздики ман намеояд.
Рӯзгорам ба чашм меояд
В-осмонам чу сурма месояд.
Рафт рӯзе, ки бо ту хуш будам,
Ҳаргиз он рӯзи рафта мен-ояд.
Лаб чӣ хоӣ барои куштани ман,
Худ фалак пушти даст мехояд.
З-он лаб осоише бидеҳ дилро,
Гар чунин баста ҳеҷ накшояд.
Хусравот чун ба ишқ шуд банда,
Хонияш гар ғуломи худ, шояд.

* * *

Сабо мечунбаду он масти моро хоб меояд,
Ки аз дамҳои сарди ман ҷаҳон бетоб меояд.
Аз он маҳтоби ҷонафрӯз, к-он шаб буд меҳмонам,
Ҷаҳон тира-ст бар ман, чун шаби маҳтоб меояд.
Ман ин ҷо зор месӯзам ба торикиву танҳоӣ,
Ваҳ, эй ҳамсояи ғофил, туро чун хоб меояд?
Ғами Лайлӣ ҷуз аз ҷон даст шустан менафармояд,
На беҳуда-ст, к-андар чашми Маҷнун хоб меояд.
Гиребонам магир, эй муҳтасиб, чун майпарастам ман,
К-аз ин домони тар бӯи шароби ноб меояд.
Набинӣ доман, эй зоҳид, нагӯӣ, талхам, эй воиз,
Ки он дурдикаши дерина дар меҳроб меояд.
Хиромидан нигаҳ кун он биҳиштеро, ки пиндорӣ
Зи ҷӯи ангубин солест, к-аз ҷуллоб меояд.
Фурӯ пӯшид ҷонҳоро, ки он бемеҳр мебинад,
Нигаҳ доред дилҳоро, ки он қуллоб меояд.
Ҳама ноз асту шӯхию карашма Хусраво, дил неҳ,
Ки баҳри куштанат бо ин ҳама асбоб меояд.

* * *

Маро боз он тариқи соқии худ ёд меояд,
Ғами дерина бозам бар дили ношод меояд.
Аз ин сӯ мерасад ҳаҷраш кашида теғ бар куштан
В-аз он сӯ бахтам аз баҳри муборакбод меояд.
Бисӯз, эй ошиқи хаста, ки он бемеҳр мебинад,
Бинол, эй булбули мискин, ки он сайёд меояд.
Фурӯ хӯрдан намеёрам фиғони зори худ пешаш,
Ки саг чун duздро дарёфт, дар фарёд меояд.
Бирав, эй хоб, ёри ман наӣ, зеро ки боз имшаб
Сари зулфи парешони касеам ёд меояд.
Зи бӯяш мекушад бодам, равоқам кӯр кун боре,
Ман он равзан намехоҳам, к-аз он сӯ бод меояд.

Фаромӯшам намегардад сари зулфи чу шамшодаш,
Ки бӯи ғоиби хешам аз он шамшод меояд.
Харобам карда буду рафта фарёд, эй мусулмонон,
Ки боз он ёри бадхӯям бар он бунёд меояд.
Чунонат дӯст медорам, ки ғайрат мебарад ҷонам,
Зи ту бар дигаре гар худ ҳама бедод меояд.
Бар ин сон к-андар озод аст сарв аз бандагӣ-т охир,
Чаро ин бар забони савсани озод меояд?
Ҷигарсӯз аст, машнав, ҷони ман, афсонаи Хусрав,
К-аз ӯ бӯи дили шӯридаи Фарҳод меояд.

* * *

Дили маро чу зи рӯи ту ёд меояд,
Ҳазор шодии дар дил зиёд меояд.
Ту ёди хеш фаромӯш кардаӣ аз ҳусн,
Куҷо-т аз мани саргашта ёд меояд.
Ғами ту дар дилам оташ ниҳод в-аз лаълат
Сад оташи дигар андар ниҳод меояд.
Биханд ғунчасифат аз сари кушод даме,
Ки ғунчаҳои чаманро кушод меояд.
Саводи Чин шуда зулфайни ту, ки ҳар саҳарам
Насим мушкфишон з-ин савод меояд.
Зи рашки наргиси чашмат, ки шуд чароғи чаман,
Ба чашми наргис ҳар рӯз бомдод меояд.
Муроди синаи Хусрав туию рӯи туро
Ҳар он сифтат, ки кунам, бар мурод меояд.

* * *

Дил боз ба ҷӯш омад, ҷонони кӣ меояд?
Бемор ба ҳуш омад, дармони кӣ меояд?
Эй турк, бигӯ, охир, баҳри дили мискине,
К-аз сӯи ту бар ҷонам пайкони кӣ меояд?

Дар ҷони касон ҳар сӯ, сад қалби равон аз пас,
Бо ҷӯши ҷаҳон лашкар султони кӣ меояд?
Эй дил, ту намегуфтӣ, к-инак зи паи мурдан
Асбоб муҳайё кун, он ҷони кӣ меояд?
Худ номаи хеш овард в-аз баҳри қасоси ман
Сар хоки раҳи қосид, фармони кӣ меояд?
Сели мижаро рахна анбошта шуд, ё Раб,
К-ин гард ба чашми ман тозони кӣ меояд?
Хусрав ба раҳаш боре бирён шуду қурбон шуд,
То боз бибин, к-он маҳ меҳмони кӣ меояд?

* * *

Гарчи дар куштани ушшоқ забун меояд,
Боре, он шакл бибинед, ки чун меояд.
Эй сабо, хоки раҳаш ору биандоз ба чашм,
Ки балоҳо ҳама з-ин рахна бурун меояд.
Гар кунам гиря зи дилмондагӣ, аз ту, эй дӯст,
К-ин шикоят ҳама аз бахти нагун меояд.
Дили сайёд куҷо сӯзад, агар нола кунад
Мурғи бечора, ки дар дом забун меояд.
Омадӣ бозу ба наззора бурун омад дил,
Лаҳзае бош, ки ҷон низ бурун меояд.
Хушам аз гиряи худ, гарчӣ ҳама хуни дил аст,
З-он, ки бӯи ту зи ҳар қатраи хун меояд.
То шабам чун гузарад, вой, ки бозам дар дил,
Ёди он силсилаи ғолиягун моеяд.
Ҳазар аз фитнаи чашмаш, ки зи шӯхӣ худро,
Маст месозаду бо сеҳру фусун меояд.
Хусравро, чун сухан аввал нашунидӣ, ночор
Бикаш аз дӯст балое, ки кунун меояд.

* * *

Надонам, то чӣ бод аст ин, ки аз гулзор меояд,
К-аз ӯ бӯи хуши гесӯи он дилдор меояд.
Биё, соқию пеш аз мурданам май деҳ, ки ҷон аз тан
Ба истиқбол хоҳад шуд, ки бӯи ёр меояд.
Магар бедор шуд бахтам, ки он рӯзе, ки дар хобам
Набуд уммед, пеши дидаи бедор меояд.
Зи бода хунбаҳои хеш менӯшам, ки боз аз вай,
Маро дар сина ғамҳои куҳан дар кор меояд.
Бало гар ба сарам ояд, биё ман з-он наметарсам,
Бало ин аст, к-ӯ андар дилам бисёр меояд.
Чу ту бо дигаронӣ мурдан осон шуд маро, зеро
Ба ҷони дигаронам зистан душвор меояд.
Ба ёди пой аз мижгон ҳамерӯбад раҳат Хусрав,
Надорад огаҳӣ аз дида, худ бар хор меояд.

* * *

Зи ман дар ҳаҷри ӯ ҳар шаб фиғону зор меояд,
Хуш он чашме, ки ҳар рӯзе бар он рухсор меояд.
Агар аз дидани рӯяш бимирам, нест душворе,
Вале рӯяш нахоҳам дид, аз он душвор меояд.
Ба бозӣ сӯи ман омад, зи шӯхӣ дил зи ман бистад,
Бад-ӯ гуфтам: «Чӣ хоҳӣ кард»? Гуфто: «Кор меояд».
Чу рафтам бар дараш бисёр, дарбон гуфт, к-ин мискин
Гирифтор аст, донам, к-ин тараф бисёр меояд.
Саҳаргоҳон шунид афғони ман ҳамсоя гуфт: «Он сӯ
Кӣ хоҳад буд, ё Раб, к-ин фиғону зор меояд?»
Кучоӣ, эй ки таъни бедилон кардӣ, кунун дилро
Нигаҳ дор, ар тавонӣ, к-он ки он айёр меояд.
Рақибо, як иноят кун, хиромидан мадеҳ ӯро,
Ки бар ман ҳар чӣ меояд, аз он рафтор меояд.
Сафои соидаш дидӣ, кафи дасташ нигар, гӯӣ,
Ки гул чида-ст, бар каф карда аз гулзор меояд.

Туро мегуфт дӣ ҳар кас, чу рафтам аз дарат бе худ,
Ки ин сӯфӣ магар аз хонаи хаммор меояд.
Нишастӣ дар дилу гӯӣ, ки дил бори гарон кардӣ
Намедонӣ, ки охир бар дили ман бор меояд.
Макун бозӣ, ки ту дар банди безорӣ шудӣ, Хусрав,
Касе осон зи ҷони хештан безор меояд?!

* * *

Зимистон меравад, айёми гулҳо пеш меояд,
Зи боди субҳ моро бӯи он бадкеш меояд.
Сабо меҷунбаду бозам парешон мекунад аз сар
Диле бадбахт, агар вақте ба ҳоли хеш меояд.
Расид айёми гул в-он шӯх хоҳад рафт дар бустон,
Аз он рӯзе, ки метарсидам, инак пеш меояд.
Сари девонагиро мужда деҳ, эй санги бадномӣ,
Ки боз он фитна баҳри ақли дурандеш меояд.
Чӣ ғам медорадат, бихром хуш-хуш, ҷони ман, чандон
Раҳо кун, то намак бар синаҳои реш меояд.
Ба ҷон зан тир, не бар дида, то ин як дами боқӣ
Кунам наззорае, к-он аз кадомин кеш меояд.
Аз ин хирман намонда коҳбарге, магрӣ, эй дида,
Ки беш аст оташам, ҳарчанд борон беш меояд.
Макун нозе, ки мехонад зи баҳри тирборонат
Дар он ҳазрат куҷо ёди дили дарвеш меояд?
Наёрам бурд номи лаб, ба дуздӣ ғамза зан гаҳ-гаҳ,
Ки Хусрав не зи баҳри нӯш, баҳри неш меояд.

* * *

Рӯзе агар он моҳ ба меҳмони ман ояд,
Даврони фалак дар таҳи фармони ман меояд.
Девона диле доштам, овора шуд аз ман,
Кай боз дар ин синаи вайрони ман ояд.
Хар субҳдам аз гиря шавад хуни дилам об,
К-аз бод насими гули хандони ман ояд.

Ман донаму ман чошнии дарди ту, ҷоно,
Ҳошо,ки табиб аз паи дармони ман ояд.
Ҷонам ту ситон в-арна зи ман боз ситонанд,
Рӯзе, ки аҷал дар талаби ҷони ман ояд.
Дар кӯи ту н-оям, ки парешон шавадам дил
Гар чашми ту бар ҳоли парешони ман ояд.
Донӣ, ки чиҳо мегузарад бар дили Хусрав,
Дар гӯши ту гар нолаи пинҳони ман ояд.

* * *

Муддате шуд, ки ёр мен-ояд
В-он бути гулузор мен-ояд.
Ҷони худро шикори ӯ кардам,
Рағбаташ бар шикор мен-ояд.
Бешуморанд баски ёронаш,
Банда худ дар шумор мен-ояд.
То баровард гард аз дилҳо,
З-ӯ диле беғубор мен-ояд.
Рӯзгоре, ки пешам омад, з-ӯ
Беш он рӯзгор мен-ояд.
Орзуям канори ӯст, чӣ суд,
Дигаре дар канор мен-ояд.
Дили ман, к-аз қарори хеш бирафт,
Дер шуд, барқарор мен-ояд.
Нест он шаб, ки бар дил аз мижгон-ш,
Сафи кин бар қатор мен-ояд.
Нест рӯзе, ки баҳри ғорати ман
З-оби чашмам савор мен-ояд.
Макун, эй дӯст, зикри сабр ба ишқ,
Ки маро устувор мен-ояд.
Хусраво, гирди ишқ мегардӣ,
Магарат ҷон ба кор мен-ояд?!

* * *

Аз шефтагон чун ман сарбоз бурун н-ояд,
Аз симбарон чун ту танноз бурун н-ояд.
Як бор туро дидам ҷони шуда боз омад,
Аз дида машав як сӯ, то боз бурун н-ояд.
Ту ҳоли дилам пурсӣ ман дар рухи ту ҳайрон
Хоҳам, ки сухан гӯям овоз бурун н-ояд.
Гуфтӣ ки шудӣ расво, саҳл аст ба як бӯса
Барбанд даҳонамро, то роз бурун н-ояд.
Худ кист, намедонӣ, он шӯх, ки пайваста
Дар сина дарун бошад, аз ноз бурун н-ояд.
Девонаи хубонро айёр нагирад кас
То дар қадами аввал ҷонбоз бурун н-ояд.
Азбаски фаровон зад дастони ғамаш Хусрав,
Нола ҳам аз ӯ з-ин пас нособ бурун н-ояд.

* * *

Саҳаргоҳон, ки бод аз сӯи гул анбарфишон ояд,
Чу гул ҷома дарам, к-онам зи гул бӯи нишон ояд.
Нигоро, дида дар раҳ мондаам в-ин орзу дар дил,
Ки, ё Раб, нозанин ёре чу ту бар ман чӣ сон ояд?
Ҳазар кун аз дами сарди гирифторон, мабод он дам,
К-аз ин сон тундбоде бар чунон сарви равон ояд.
Ғамат ҳар шаб расад дар куштанам в-он гаҳ амон ёбам,
Ки аз баҳри шафоатро хаёлат дар миён ояд.
Бад-ин сон чун зияд ошиқ, ки аз баҳри хароши он
Забон ханҷар шавад дар дил, чу номат бар забон ояд.
Макуш чандин мусулмонро, ки ҷоне монда дар қолаб,
На он мурғест ҷон, к-ӯ боз сӯи ошён ояд.
Ба расми бандагӣ бипзир Хусравро, чӣ кам гардад,
Ба силки бандагонат гар ғуломе ройгон ояд?

* * *

Шамъи ман агар як шаб аз хона бурун ояд,
Аз ҳар тарафе сад ҷон парвона бурун ояд.
Сад ҷома қабо гардад аз ҳар тарафе, чун ӯ
Каж карда кулоҳ аз сар, мастона бурун ояд.
Ман бехабару тифлон санге ба каф аз ҳар сӯ
Шиста ба камин, то кай девона бурун ояд.
Фарёд, ки аз ёре умре ба ҷафо бошам,
Чун гоҳи вафо бошад, бегона бурун ояд.
Ҳар рӯз барӣ ҷӯям аз бахт, муҳол аст ин
Хӯша зи паи шаш моҳ аз дона бурун ояд.
Гар ваҷҳи қарори ман ҳаст аз рухи ту мурдан,
Ваҳ, к-аз хати ту ногаҳ парвона бурун ояд.
Дар куштани худ ёрам, ман аз ту чӣ ғам дорам,
Гар ҷон зи паи Хусрав хасмона бурун ояд.

* * *

Ба гулгашти чаман чун гулситони ман бурун ояд,
Ба ҳамроҳии ӯ ашки равони ман бурун ояд.
Фиғони ман бурун ояд, чу гирам номи ӯ, тарсам,
Ки ногаҳ ҷони ман ҳам бо фиғони ман бурун ояд.
Чу дар маҳшар ба ҳам оранд хоки ҳар кас аз ҳар ҷо,
Маро бас, к-аз сари кӯяш нишони ман бурун ояд.
Фусуни хоббандии ман аст ин то саҳар, гӯӣ,
Ҳадиси ӯ, ки шабҳо аз забони ман бурун ояд.
Маро гӯянд дар дил кист, он к-ат мекушад чандин,
Хаёлат ошкоро аз ниҳони ман бурун ояд.
Чунонам сӯхт ҳиҷронат, ки чун гул дур фурӯ резам,
Ҳанӯз он дуди дард аз устухони ман бурун ояд.
Бурун о аз дилам, ҷоно ва ё наздики хешам хон,
Ки наздик аст аз дурӣ, ки ҷони ман бурун ояд.
Зи баҳри фол агар Хусрав китоби ишқ бикшояд,
Зи аввалсафҳаи ғам достони ман бурун ояд.

* * *

Бе рӯи дилафрӯзат умрам ба чӣ кор ояд,
Бе лаъли ҷаҳонсӯзат ҷон дар чӣ шумор ояд?
Шуд киштии сабри ман дар баҳри ҳавоят ғарқ,
Ҳайҳот, ки он киштӣ рӯзе ба канор ояд.
Ҳам бӯи баҳор ояд аз чини сари зулфат,
Дар боғ саҳаргоҳон чун боди баҳор ояд.
Он даҳза, ки ту бурқаъ аз чеҳра барандозӣ,
Дар дидаи муштоқон гул рост чу хор ояд.
Рӯзе, ки набошам ман, аз хоки мани ғамгин
Бошад варақаш хунин ҳар гул, ки ба бор ояд.
Бар ҷону дили Хусрав ҳар лаҳза манеҳ боре,
К-ин ошиқи мискин ҳам рӯзест ба кор ояд.

* * *

Ба чӣ кор оядам он дил, ки на дар кори ту ояд,
Гул дар он дида ҳазорон, ки на бар хори ту ояд.
Он чӣ ман дидам аз он ғамзаи бе меҳри ту, ё Раб,
Пеши он наргиси хунрези ҷигархори ту ояд.
Нест афсус, агар чарх бисӯзад ҳама дилҳо,
Бо таби сӯхтан аст он чи на дар кори ту ояд.
Нест ғам, гар ба шиканҷе равадам ҷон ба хиромат,
К-ин маломат ба сари турраи таррори ту ояд.
Кушт беморӣи шабҳо-м, сазо ин бувад онро,
Ки ба сони мани бадрӯз гирифтори ту ояд.
Гиряҳо дар таҳи девори ту резам, ки гар афтад,
Бар ман афтад, ки на ғайре таҳи девори ту ояд.
Миннати сангзанон бар сару бар дидаи ошиқ,
Бо чунон кавкаба гар бар сари бозори ту ояд.
Ҷон, ки бигрехт зи талхии фироқи ту,маронаш,
Ки ба дарюзаи лабҳои шакарбори ту ояд.
Ҷонхарош аст суханҳои харошандаи Хусрав,
Мо нахоҳем, ки ин мурғ ба гулзори ту ояд.

* * *

Сари зулфи ту ёриро нашояд,
Ки душман дӯстдориро нашояд.
Агар зулфи ту орад тоби бозӣ,
Вале боди баҳориро нашояд.
Ба ҷон кандан раҳо кун нимкушта,
Ки ин тан захмгориро нашояд.
Харобам кард чашмат, рост гуфтанд,
Ки турки маст зориро нашояд.
Дило, худро ба чашми ӯ мадеҳ, з-он-к
Мақоми устувориро нашояд.
Ҳарифаш будаам, шаб, магрий, эй чашм,
Ки ин шарбат хумориро нашояд.
Марон аз дарга(ҳ), Хусрав бандаи туст,
Азизаш кун, ки хориро нашояд.

* * *

Дилат ҳар лаҳза мегардад, куҷо рӯи вафо рӯяд,
Ғалат худ мекунам, дар санги ғалтон кай гиё рӯяд?
Зи бас дилҳо, ки дар кӯяш фурӯ шуд, ҳар замон он ҷо
Ҳама борони хун борад, ҳама мардумгиё рӯяд.
Дилат санг асту ман аз ту забони гандумин хоҳам,
Чӣ гуна хӯшаи гандум зи рӯи осиё рӯяд?
Баногӯши бунафша саркаш аст аз нолиши сабза,
Ки то он сабза дар зери баногӯшаш чаро рӯяд?
Басе дидам, ки гулҳои музайян рӯяд аз бустон,
Надонам бӯстоне, к-андар он мушки Хито рӯяд.
Хате бошад ба хун з-иқрори дил аз бандагии ӯ
Ҳар он сабза, ки бар хоки дарат аз хуни мо рӯяд.
Бувад аз ғуссаҳои дил ба ҳам пайваста тӯ бар тӯ
Гуле, к-аз оби чашми мо ба кӯят ҷо ба ҷо рӯяд.
Дили Хусрав, ки аз боди ҳаводис донаи ғам шуд,
Намедонам, ки дар кишти вафодорӣ куҷо рӯяд.

* * *

Эй ба тапидан аз ту дил ҳуш, ки мебарӣ, мабар
В-эй ба харобӣ аз ту ҷон, бода, ки мех(в)арӣ, мах(в)ар.
Хурдани ғам зи дил бувад, чанд ба халқ ғам диҳӣ?
Гар ғараз ин-ст аз касон, дил, ки ҳамебарӣ, мабар.
Кабки равонию раҳат ҳаст даруни синаҳо,
Донаи дил бихур, вале дур, ки мепарӣ, мапар.
Шоҳи бутонию бутон бандаи ту зи банда кам,
Ғошия не ба фарқашон, банда, ки мехарӣ, махар,
Хусрави хастаро зи ту пардаи дил дарида шуд,
Ёр аз они дигарон, парда, ки медарӣ, мадар.

* * *

Гар ту кулоҳ кач ниҳӣ, ҳуш зи мо шавад магар?
В-ар шиканӣ ба бар қабо, курта қабо шавад магар?
Хуфта беҳ аст наргисат в-ар бикушоиаш даме
Шаҳр тамом кӯ ба кӯ пур зи бало шавад магар?
Масту хароб шав равон, пой ба ҳар тараф фикан,
Дида, ки хок шуд ба раҳ, дар таҳи по шавад магар?
Бандаи чашми ту шудам, он ду аз они ман нашуд,
Хидмати лаъли ту кунам, ин ду маро шавад магар?
Мардуми дидамондаро бар дари хештан бибин,
Дар дили ҳамчу санги ту майлу вафо шавад магар?
Дил, ки хароб доштам, дар бари ман раҳо нашуд,
Хоҳам аз ин харобтар, аз ту раҳо шавад магар?
Аз сари зулфаш,эй сабо, сӯи ман ор гаҳ-гаҳе,
Дил, ки зи ҷои худ бишуд, то ки ба ҷо шавад магар?
Хусрави хастаро агар дил надиҳад хаёли ту,
Ҷону танам зи якдигар ҳарду ҷудо шавад магар?

* * *

Зулфат аз бод дигар бошаду аз шона дигар,
Ҳаст як фитна, лабат, наргиси мастона дигар.
Дар ғамат ҷон зи танам рафту хаёли ту бимонд,
Оқибат хеш дигар бошаду бегона дигар.
Дили маҷмӯҳ дигар, ҳоли парешон дигар аст,
Шаҳри ободи дигар бошаду вайрона дигар.
Аҳли сурат, ки худорой бувад, сӯхтанист,
Кирми шабтоб дигар бошаду парвона дигар.
Эй дил, афсона бигуфтию бибурдӣ хобам,
Баҳри хоби аҷалам, гӯй як афсона дигар.
Оқибат гашт дурӯғ он чӣ гумон мебурданд,
Ки чу Хусрав набувад оқилу фарзона дигар.

* * *

Эй туро дар зери ҳар лаб шаккарафшоне дигар,
Ҷуз лабат моро ҷигар надҳад намакдоне дигар.
Ман ғами дил гӯяму ту ҳамчунон машғули ноз,
Ту ба шаҳре дигару ман дар биёбоне дигар.
Ман ба худ ҳайрону ту гӯӣ, ки паймон тоза кун,
Боре аввал умру он гаҳ аҳду паймоне дигар.
Ваҳ, ки чанд, эй ҷони меҳнаткаш, маро сӯзӣ ҳанӯз,
Хона холӣ кун, ки омад боз меҳмоне дигар.
Ман дар ин савдо зи ҷони хештан сер омадам,
Он ки з-ӯ серӣ наёрад ҳаст он ҷоне дигар.
З-он лаби чун оби ҳайвон кушта шуд шаҳре тамом,
Эй Хизир, бинмой агар ҳаст оби ҳайвоне дигар.
Ҳар чӣ мумкин буд, кардам, чораи дармони хеш,
Баъд аз ин ҷуз ҷон супурдан нест дармоне дигар.
Бар дили ман ғорати кофар маёред, эй бутон,
З-он ки буд он кофаристонро мусулмоне дигар.
Бо чунин хуноба даст аз чашмҳо, Хусрав, бишӯй,
З-он ки ин хона наёрад тоби бороне дигар.

* * *

Манам ба хона тан ин ҷову ҷон ба ҷои дигар,
Ба дил туию сухан бар забон ба ҷои дигар.
Ба бӯстон равам аз ғам, вале чӣ суд, ки ҳаст
Дилам ба ҷои дигар, бӯстон ба ҷои дигар.
Куҷо ба кӯи ту монад насими боғи биҳишт,
Замин-ст ҷои дигар, осмон ба ҷои дигар.
Чу ҷон диҳам, наравад дил ба кӯят, арчи баранд
Сагони кӯи ту ҳар устухон ба ҷои дигар.
Нишон зи сӯи ту пурсанду ман зи бас ғайрат
Ту ҷои дигару ҷӯям нишон ба ҷои дигар.
Магӯ, ки ёр дигар кун, кунам, агар бинам
Латофате, ки ту дорӣ, ҳамон ба ҷои дигар.
Бигӯ, чӣ гуна тавон гуфт зинда Хусравро,
Ки ӯ ба ҷои дигар монду ҷон ба ҷои дигар?

* * *

Ҷавлони тавсанаш бин, ҳар ҷо ғубори дигар,
Фитроки ӯ нигаҳ кун, ҳар сӯ шикори дигар.
Дилҳо асир гирад, ҷонҳо шикор созад,
Ҳаргиз надидаам ман з-ин сон савори дигар.
Бахшам ба зулфаш имон ҳам н-ояд устувораш
В-он чашми кофараш, бин, ноустувори дигар.
Ҳаст арчи кори Исо ҷоне ба мурда додан,
Лекин лабу даҳонаш доранд кори дигар.
Аз гози ӯ бар ин лаб як ёдгор дорам
В-аз доғи ҳаҷр дар дил сад ёдгори дигар.
Ҳар ду лаби ту, ҷоно,аз як майанд, лекин
Ҳар наргиси ту дорад хобу хумори дигар.
То бодрост гаҳ-гаҳ бар турраи ту бозӣ,
Аз ҳар шиканҷи мӯят дорам ғубори дигар.
Гуфтӣ, ки ёри дигар биншаст дар дили ту,
Ту ҷой мегузорӣ аз баҳри ёри дигар?

Як бор дил ба ман деҳ, савганд мехӯрам ман,
Бинам агар ба хубон дар умр бори дигар.
Ё Раб, чӣ сурат аст он, к-аш гар нигаҳ кунад гул,
Бар хеш боз н-ояд то навбаҳори дигар,
Аз дасти хубрӯён девона гашт Хусрав,
Танҳо на ӯ, ки чун ӯ чандин ҳазори дигар!

* * *

Моҳ надидӣ ар, дило, ёри чу моҳи ман нигар,
Дар рухи ӯ назора кун, сунъи илоҳи ман нигар.
Гуфтамаш аз лабат чашон, гуфт: «Бирав в-аз ин ҳавас
Ҳаҷда ҳазор ҳамчу худ бар сари роҳи ман нигар».
Дафъ кунам зи гиря ман шуъла даме зи тӯтиё,
Сӯхта ҷону дил басе з-оташу оҳи ман, нигар.
Чанд хурад саманди ту лола зи хуни ошиқон,
Гӯ, ки гаҳе ба шукри он рӯи чу коҳи ман нигар.
Куштаниям бад-ин гунаҳ, к-ат назаре ҳамекунам,
Бӯса чу маст хоҳамаш, узри гуноҳи ман нигар.
Сина зи захми нохунам чоҳ шуда-сту пур зи хун,
Раг чу намуд аз дарун, риштаи чоҳи ман нигар.
Сӯфии хилвати дилам, домане аз ду дида хун,
Пораи миқнаи санам, тарки кулоҳи ман нигар.
Хусрави ошиқон манам, дарди дилам, ки дар ҳаво
Гирд шуда-ст бар сарам, чатри сиёҳи ман, нигар.

* * *

Дар сина дорам кӯҳи ғам, дорад агар ёр ин қадар,
Шояд, ки напсандад дилаш бар ҷони ман бор ин қадар.
Бечорае аз даст шуд, охир чӣ ғам гардад зи ту?
Гар боз гӯӣ, эй сабо, дар ҳазрати ёр ин қадар.
Гар баҳри чун ту каъбае умре ба дида раҳ равам,
Ҳам саҳл бошад, ҷони ман, ин муздро кор ин қадар.

Аз дида зери пои ту чандон фишонам лаълу дур,
Рӯзе нагуфтӣ, к-эй фалон, ҳаст аз ту бисёр ин қадар.
Гарчи дилам хун шуд зи ту, не аз ту меранҷад дилам,
Буда-ст моро диданӣ аз чашми хунбор ин қадар.
Бо он ки зорам мекушӣ, душвор мен-ояд туро,
Он к-ат маломат мерасад аз мо-т душвор ин қадар.
Дарюза дорам хандае аз нуқлдони пурнамак,
Марҳам бикун, баҳри худо, бар ҷони афгор ин қадар.
Нола, ки Хусрав мекунад дар орзуи рӯи ту,
Кам нолад андар фасли гул булбул ба гулзор ин қадар.

* * *

Эй боди субҳдам, хабари ошно биёр,
Бӯи нуҳуфта з-он санами дилрабо биёр.
Моно, ки ёбам аз дили гумгашта огаҳӣ,
Як тори мӯ аз он сари зулфи дуто биёр.
Таъвизи умр боядам андар шаби фироқ,
Як нома з-он мусофири фаррухлиқо биёр.
Гуфтӣ, салом орам аз ӯ, чашм бар раҳат,
Ё худ маё, то нашавам кушта, ё биёр.
То кай зи панди беҳуда гӯшам гарон бувад,
Охир аз ӯй ҳам сухане, эй сабо, биёр!
З-он бӯстон, ки мева ба ағёр медиҳад.
Барге ба сӯи фохтаи бенаво биёр.
Дар ғайратам, к-аз ӯст ханданге ба ҳар диле,
Як раҳ аз он яке зи паи ҷони мо биёр.
Ҷони маро харид хаёлаш ба бандагӣ,
Ин банда з-они ӯст, аз он бут ризо биёр.
Аз ҷуръагоҳи ӯ қадаре обрӯ бихоҳ,
Бар дардҳои куҳнаи Хусрав даво биёр.

* * *

Ё Раб, он рӯй аст ё гулбарги хандон дар назар?
Ё Раб, он болост ё сарви хиромон дар назар?
Эй хуш он соат, ки бинам он руху гирам лабаш,
Бодаи хуш бар кафу гулнори хандон дар назар.
То ту, эй сарви хиромон, дар чаман бигзаштаӣ,
Менаёяд беш булбулро гулистон дар назар.
Дар ту мебинам зи дуди дил зи ҳасрат беқарор,
Ташнаро кай суд дорад оби ҳайвон дар назар?
Як замон аз дил фурӯ н-ойӣ ҳама шаб то ба рӯз,
Гарчи бошад то ба рӯзам моҳи тобон дар назар.
Дар назарҳо сурати ҷон гар наёяд, гӯ, маё,
Дар ту бинам, к-оядам чизе беҳ аз ҷон дар назар.
Халқ гул бинанду ман рӯи ту, зеро хуштар аст
Як назар дар дӯст аз садсола бустон дар назар.
Дурри дандони ту з-он бинам, ки дил мехоҳадам
В-арна дарё н-оядам аз базли султон дар назар.

* * *

Савори чобуки ман, пеши чашми ман магузар,
Маро бикуштӣ, аз ин сӯз баҳри ман магузар.
Бибин, ки чашми касе чун бувад, зи баҳри худо,
Бад-он сифат, ки туӣ пеши марду зан, магузар.
Баҳона металабанд аҳли дил, ки ҷон бидиҳанд,
Бипӯш рӯй в-агарна дар анҷуман магузар.
Сарам ба хоки раҳи туст, баршикаста марав,
Намоз мекунам, охир, зи пеши ман магузар.
Ба дидаву дилу ҷон бигзарӣ, ки ҷони туам,
Равост з-он ҳама бигзар, аз ин саман магузар.
Ғуборҳост зи ҷаъди ту дар дилам бисёр,
Кашон ба рӯи замин ҷаъди чун суман магузар.
Дило, ки зулф гузар бар лабат агар натавон,
Вале-к то битавонӣ аз он даҳан магузар.

* * *

Бо ту дар сина нафасро чӣ гузар?
Дар дилам ғайри ту касро чӣ гузар?
Боғ нашкуфту наёмад мавсим,
Дар дили хаста ҳавасро чӣ гузар?
Ман асирам, зи гулам бода мадеҳ,
Дар чаман мурғи қафасро чӣ гузар?
Халқ гӯянд нафас зан дар васл,
Дар тани мурда нафасро чӣ гузар?
Андар он дил, ки туӣ ғам чӣ кунад,
Хонаи шоҳ асасро чӣ гузар?
Васлҷӯро набувад лаззати ишқ,
Дар намаксор магасро чӣ гузар?
Мекунад ханда, ки дар ёди туам,
Дар дилат Хусрави хасро чӣ гузар?

* * *

Менаёбад чашми ман бар остони ӯ гузар,
Давлати дасте, ки дорад дар миёни ӯ гузар.
Бод ҳар дам тозатар наврӯзи умраш, гарчи ҳаст
Булбули маҳрумро дар бӯстони ӯ гузар.
Новаки меҳраш гузашту ин қадар рӯзӣ накард,
Ин қадар андар дили номеҳрубони ӯ гузар.
Ӯ ба дашному маро баҳри забон-ш афсун, аз он-к
Ҳайф бошад чун манеро бар забони ӯ гузар.
Саргузаште боз гӯӣ аз дили ман зинҳор,
Эй сабо, гар афтадат рӯзе ба хони ӯ гузар.
Чун расад ҷони шаҳидон бар фалак, ҷони маро,
Куштаи ӯям, мабод аз остони ӯ гузар.
Ишқ бас нохуш балое, лекин ар пурсӣ зи ман,
Хоки ӯ хуш, к-ин бало дорад зи ҷони ӯ гузар.
Ҷони ман, аз сабр мепурсӣ, дили моро бипурс,
З-он ки ин маънӣ надорад дар гумони ӯ гузар.
Ҳар шабе, к-андар дили Хусрав гузаштӣ, шаб нахуфт,
Кард, гӯӣ, новаке дар устухони ӯ гузар.

* * *

Қамар бурид зи ман меҳру ман хароби Қамар,
Шабам дароз чу гесӯи нимтоби Қамар.
Харобаҳо ҳама чун аз қамар бувад равшан,
Чарост тира дили ман, чу шуд хароби Қамар?
Тамоми шаб қамари осмон намехуспад,
Ки чашми ин Қамари ман бибаст хоби қамар.
Зи нур бошад ҳар қатра чашмаи хуршед,
Чу хай чакад зи рухи ҳамчу офтоби Қамар.
Куҷо расад маҳи гардун бад-ин Қамар боре,
Ки нест чашмаи хуршед ҳам бар оби Қамар.
Кунун дамидани субҳ аз рухи камар бошад,
Чу офтоб ниҳон шуд зи моҳтоби Қамар.
Гар ояду биравад зудтар, на ҷои гила-ст,
Аз он ки нест ниҳон, Хусраво, шитоби Қамар.

* * *

Партави хуршед, бин, тобанда аз рӯи қамар,
Шод бош, эй равшании рӯи некӯи қамар.
Рост чун моҳи навам коҳидаву зору низор,
К-аз паси моҳе бувад як рӯз паҳлӯи қамар.
Ҳар шабе то субҳ бедорам ба бозии хаёл,
Сар ба рӯи хок мондам, чашм бар рӯи қамар.
Эй дил, ар хоҳӣ, ки ҳалвое хӯрӣ аз иди васл,
Ман ҳалолат менамоям он гаҳ абрӯи қамар.
Моҳи ман чоҳи занахдони ту шуд аз хай пуроб,
Пок кун, к-аз вай дар об афгандаӣ, гӯӣ, қамар.
Некувон хоки туанд, эй моҳ, дар ту кай расанд?
Кай расад хоке, ки андозад касе сӯи қамар.
Гашт пинҳон мекунию манъи Хусрав беҳуда-ст,
З-он ки шабгардӣ нахоҳад рафтан аз хӯи қамар.

* * *

Дар ишқ боз худро бадном кардам аз сар,
Ё Раб, фурӯ мабодо ин май, ки х(в) ардам аз сар.
Сар баҳри хок гаштан пеши дараш ниҳодам,
Чӣ ҷои он ки ёрон рӯбанд гардам аз сар.
Муҳра зи тан ҷудо шуд, дар тан зи ҳаҷри ҷонон
Ишқу бало, аз ин пас боз зинда кардам аз сар.
Ҷоно, баҳори ҳуснат оғози сабза дорад,
Шуд вақти он ки акнун девона гардам аз сар.
Мутриб ба нӯги ғамза бикшой синаи ман,
Бихрош реши куҳна, к-ин тоза дардам аз сар.
Рафт он кӣ буд, Хусрав, некӯ зи шоҳиду май,
Эй дил, гувоҳ бошӣ, к-иқрор кардам аз сар.

* * *

Ҳар шаб манам зи ҳаҷр парешону дида тар,
Дил аз барам рамидаву ман з-ӯ рамидатар.
Афғон зи ту, ки ҳаст ба гӯшат фиғони ман,
Ҳарчанд беш мешунавӣ, ношунидатар.
Ширин ғамест ишқ, валекин зиёни ҷон-ст,
Эй дил, бигӯямат, ки махур, лек дида тар.
Халқе ба роҳ мунтазират ҷон супурдаанд,
Эй турки ниммаст, инонро кашидатар!
Ту фитнаи замона шудӣ, в-арна рӯзгор
Буда-ст пеш аз ин қадаре орамидатар.
Эй дӯст, пардапӯшии Маҷнун зи ақл нест,
К-ӯрост домане зи гиребон даридатар.
Хусрав, замони рафтану бар дӯш бори ишқ,
Роҳи дароз меравӣ, охир чаридатар!

* * *

Эй аз ту хубон хӯрда хун, ту аз ҳама хунхоратар,
Айёраву кофардилӣ, чашмат зи ту айёратар.
Дар куштани бечорагон ошуфтаву бар ман задӣ,
Донам, надидӣ дар ҷаҳон касро зи ман бечоратар.
Ҳар рӯзат оям, бингарам, пас боз гардам бехабар,
Садпора гашта ҷомаам в-аз ҷома ҷонам поратар.
Сад пай зи ҷаври худ маро рухсори тар дидӣ ба хун,
Лаб тар накардӣ ҳеҷ гаҳ, к-аз чист он рухсора тар.
Ман ошиқам бар рӯи ту, нодон чӣ созӣ хешро,
Донӣ, ки набвад бесабаб чашми касе ҳамворатар?
Аз ёвагардиҳои дил дар ҷустуҷӯи некувон,
Ман аз ҷаҳон овораам, сабрам зи ман оворатар.
Бигзор дилро, Хусраво, чун панди ту менашнавад,
Хомӯш кун, зеро наӣ ӯро аз ӯ ғамхоратар.

* * *

Эй рухат, аз маҳ ҷаҳоноройтар,
Эй лабат, аз май нишотафзойтар.
Тар кунам ҷон дар раҳат чун раҳраве,
К-об мерезад аз он болои тар.
Монда гаштӣ арчи аз хун рехтан,
Хай бирез аз орази зебои тар.
Хуни худ ҷӯям ҳаме, то дар ту дид,
Аз кӣ? З-ин чашми ҷигарполой тар?
Мардуми чашмам наёсояд зи хоб,
З-он ки ҳасташ рӯз то шаб ҷой тар.
Дар ғамат об аз сари Хусрав гузашт,
Гарчӣ-ш аз дарё нагаштӣ пой тар.

* * *

Аз чашми ту кӣ ҳаст зи ту ҷоншикортар?
Дил нест дар ҷаҳон зи дили ман фигортар.
Мегӯӣ талх аз он лаби ширин, ки заҳри туст
З-оби ҳаёт бар дилу ҷон созвортар.
Халқ аз ту бо камоли вафо дар шикоятанд,
Ман, ҳар чӣ беш мекушиям, шармсортар.
Пеши ту ҷон шикофаму бовар наёядат,
Мардум надидаам зи ту ноустувортар.
Дар ишқ бадгувор бувад таъни душманон,
Ҳаққо, ки панди дӯст аз онногувортар.
Гуфтам, ки ҳушёр шав, эй дил, ба кори ишқ
Ақлам ба гӯш гуфт: «Зи ман ҳушёртар».
Пурсӣ, ки чун нахуст дилат беқарор нест,
Гар боварам кунӣ-– қадаре беқарортар.
Рух ҳар чӣ беш бар дари ту мезанам ба санг,
Бахтам нигар, ки ҳаст зарам беиёртар.
Ҳам худ бурун баро, ки Хусрав бигӯядат,
К-охир зи чист дидаи ман сӯгвортар.

* * *

Рухи гул хуш асту аз вай рухат, эй нигор, хуштар,
Чӣ бувад гуле, ки рӯят зи дусад баҳор хуштар.
Чӣ равам ба боғу бустон, чу гуле ба ту намонад,
Зи гуле, ки бе ту бинам, ба ду дида хор хуштар.
Зи яке сухан, ки гӯӣ, бизияд дубора мурда,
Ки зи оби зиндагонӣ ду лабат ду бор хуштар.
Чӣ хуш аст як карашма зи барои мурдани ман,
Ки агар зиям ба дидан, яке аз ҳазор хуштар.
Манаму шабеву бо дил ҳама шаб ҳикояти ӯ,
Ки ғами дароз гуфтан ба шабони тор хуштар.
Чу равам ба хок, ҷонам кунад ин сухан ба ҳасрат,
Ки бар инчунин замине рухи он савор хуштар.

Чу ғуломи туст Хусрав, зияду мурад ба фарёд,
Ту аз ин ду, гӯй, пешат, ки кадом кор хуштар?

* * *

На наргис аст зи чашми хуши ту арбадаҷӯтар,
На сунбул аст зи зулфи каҷи ту ғолиябӯтар.
Агарчи сӯхтам аз ҳаҷру хомваъдаи васлат,
Хушам, ки дӯзахи накд аз биҳишти нася накӯтар.
Ман аз қазост, ки мирам ба банди силсиламӯён,
Биё, ки нест кас аз ту ба даҳр силсиламӯтар.
Шаробам ар надиҳӣ, теғ рон ба халқ, ки боре
Ба давлати ту кунам з-он дигар шароб гулӯ тар.
Мабин, ки мояи девонагист ишқи ту, оре,
Ки ақл аввалаш аз вай ниҳодаанд фурӯтар.
Гарат бигӯяд з-они манӣ, маранҷ зи Хусрав,
Ки нест аз ӯ касе андар замона беҳудагӯтар.

* * *

Сар ба кӯи ишқ ғалтонида гир,
Чашмро бар хоб хобонида гир.
Зулфи печонат чу гирам беҳуда,
Туҳмате бар хеш печонида гир.
Чашми ту хун менағалтонад дарун,
Гавҳаре аз дида ғалтонида гир.
Чун намегардад дилат чун осиё,
Мо чӣ гардонем, гардонида гир!
Чанд туркона ба хун иғро кунӣ?!
Хонаи занбӯр шӯронида гир.
Пас кунад то кай забон кардан чу шамъ,
Оташ андар сина гиронида гир.
Гарчи Хусравро бимиронӣ зи ғам,
Ном чун боқист, миронида гир.

* * *

Ризои ман талаб имшаб, тариқи ноз магир,
Мабанд чашми иноят, назар фароз магир.
Зи дил газида шудам, зулфро бад-ӯ магузор,
Манам ғариби ту, сагро расан дароз магир.
Агар бигирам зулфат, ба сӯи хеш макаш,
Зи дасти ман барадат шаб, тариқи боз магир.
Ба дуздӣ лаб чу бигирам ба зери дандонаш,
Наволае ба даҳан омада-ст, боз магир.
Танам зи ҳаҷр дуто шуд, ҳанӯз захм мазан
Маро, ки чанги шикаста-м, барои соз магир.
Чу ман бисӯхтам аз ғам, махой чандин лаб,
Чу шамъ пеши ту бошад, шакар ба гоз магир
Бибурдаӣ дили Хусрав, магӯй, кай бурдам,
Инони ноз бикаш, роҳи эҳтироз магир.

* * *

Гар зи ман ҷон биравад, боди ҳавое кам гир
В-ар ҷаҳон ҳам набувад, куҳнасарое кам гир.
Ин дили сӯхта бо гӯшаи меҳнат хӯ кард,
Гар ба боғе наравад, барги гиёе кам гир.
Зар хасонрост, маро гавҳари дарвешӣ бас,
Ҷавҳариро зи дукон коҳрабое кам гир.
Зуҳди ман хидмати риндони харобот бас аст,
Гар намозе накунам, расму риёе кам гир.
Гар дили мурдаи ман зиндагии тавба наёфт,
Дурди хун оби ҳаёт аст, сафое кам гир.
Зоҳид ар сӯи ман аз нанг бибинад, эй маст,
Мо ба дашноми ту шодем, дуое кам гир.
Халқ, аз мушку ман аз хоки дари дӯст хушам,
Ин савоб аст маро, бӯи Хитое кам гир.
Гар зи ушшоқи ту ман кушта шавам умри ту бод,
Дар сафи каҷкулаҳон жандақабое кам гир.

Ғам махур, гар шавад овора зи кӯят чу мане,
Аз гулистони Ирам баргу навое кам гир.
Ман кӣ бошам, ки касе аз чу мане ёд кунад,
Аз қадамгоҳи сарон бе сарупое кам гир.
Сад чу Хусрав ба дарат ҳаст яке, гӯ, кам бош,
Дар тарабхонаи Ҷамшед гадое кам гир.

* * *

Эй дил, аз ин харобаи ваҳшат корона гир,
Рав, бар фарози кунгури арш ошёна гир.
Ҳастӣ ба фақр ёру баҳона макун, ки нест,
Ёбӣ магар халос зи даҳр, ин баҳона гир.
Санги гарони худ ба тарозуи ҳиммат ор,
Ҳар ду ҷаҳон ба вазни ду хашхошдона гир.
Аз кеши пок саҳми саодат ситону бас,
Ин ҷониби ду қавси дугонӣ нишона гир.
Гетӣ фасона гиру хаёле, ки андар ӯст,
Он ҷо, ки ростист, дурӯғу фасона гир.
Рахши замона назди ту хоҳӣ қарори умр
Гар қувватет ҳаст, инони замона гир.
Дар ишқ хуни дил хуру аз шавқ нола кун,
Он бодаро ба замзамаи ин тарона гир.
Хусрав, зи номи нангу ҷаҳон беҳ, ки вораҳӣ,
Нодоштгарду маст шаву шохшона гир.

* * *

Эй лаъли лабат чу бар шакар шир,
Шаккар зи лаби ту чошнигир.
Аз зулф буриданат дили ман
Девона шуду бурид занҷир.
Зулфаш бигирифту кард дарҳам
Фарёди маро зи боди шабгир.
Мегирию мезанӣ ба тирам,
Ман кушта шудам аз ин задугир.

Модар чу туе назоду бар ту
Чун дид фурӯ наёварад шир?
Тақсир макун ба васл ҳарчанд
Тақсир ҳамекунӣ зи тақсир.
Дар банди ту баста монд Хусрав,
Бечора куҷо равад зи тақдир?

* * *

Эй бар дилам аз фироқ сад бор,
Ногашта ба васл шод як бор.
Дар боргаҳи висоли хешам
Аз лутф намедиҳӣ даме бор.
Шаб тираву бору хар шуда ланг,
Тарсам нарасад ба манзил ин бор.
Булбул ба ҳавои бӯстон сӯхт
В-ин хор намедиҳад гуле бор.
Борони саодати илоҳӣ
Аз баҳри ато ба хусрават бор.
Уммед ба кас надорам илло
Бар раҳмату лутфи Эзади бор.
Хусрав, ки зи фурқати ту сӯзад,
Рӯзе назаре ба сӯи ӯ дор.

* * *

Чунон рӯе зи чашмам дур медор,
Чунинам хаставу ранҷур медор.
Ҳамекун боди раъноӣ зи ёдат,
Чароғи ошиқон бенур медор
Бурун шуд пои мастурон ба доман
Ту дилҳо мебару мастур медор.
Диламро сӯхтӣ аз дурии хеш,
Маро месӯзу худро дур медор/
Касе, к-аҳволи ман бинад, диҳад панд,
Ки бар худ ақлро дастур медор.

Ман аз ҷон бишнавам панди ту, эй дӯст,
Валекин ошиқам, маъзур медор.
Нигоро, чун ғуломи туст Хусрав,
Ба чашми раҳматаш манзур медор.

* * *

Нигоро, чашми раҳмат сӯи ман дор,
Иноят бар тани чун мӯи ман дор.
Дуто шуд бозуям зери сар охир,
Даме сар дар хами бозуи ман дор.
Ҷафо кам кун, вале гар хоҳадат дил,
Намегӯям, ки шарм аз рӯи ман дор.
Ҳанӯзам чанд хоҳӣ, сӯхт, эй ҳаҷр, бикӯш,
Бикуш, ё дӯстро паҳлӯи ман дор.
Дилам, к-аз дасти ҳиҷрон хун шуд, эй ашк,
Бибар, дар пеши он бадхӯи ман дор.
Мадеҳ, эй порсо, беҳуда пандам,
Диле, гар метавонӣ, сӯи ман дор,
Макун, эй дӯст Хусравро фаромӯш,
Забон гаҳ-гаҳ ба гуфтугӯи ман дор.

* * *

Эй зи чун ту бут шуда сад порсо зуннордор,
Офтобӣ, рӯи мо дар қиблаи дидор дор.
Чун ғаму андӯҳи холатро фаровон пешво,
Дар болову фитна чашматро ҳазорон кордор.
Рашкам ояд, з-он чӣ ғамҳоят дигар ёрон хуранд,
Он ҳама якҷо куну пеши мани ғамхор дор.
Новаке зан бар дилам, к-аз заҳмати худ вораҳам,
Хешро баҳри дилам як дам дар ин пайкор дор.
Дарди дил чун аз ту ёдам медиҳад, марҳам макун,
Бар дигар дилҳо даровезу дилам афгор дор.

Ман на он ёрам, ки дорам пеши ту худро азиз,
Розиям, хоҳӣ азизам дору хоҳӣ хор дор.
Аз чу ту ҳиндуи кофаркеш гулчеҳра-ст ранг,
Гул ба Ҳиндустон бувад, чун барҳаман зуннордор.
Ранг меорад кафи поят зи хуни чашми ман,
Як даме поро бар ин ду дидаи хунбор дор.
Чанд гӯӣ, нест беҳушии муштоқон зи ман,
Метавонӣ, Хусрави бечораро ҳушёр дор.

* * *

Эй чароғи ҷонам аз шамъи ҷамолат нурдор,
Боракалаҳ, чашми бад з-он рӯи зебо дур дор.
Чун диламро бутпарастӣ нав шуд андар аҳди ту,
Боре он бутхонаи деринаро маъмур дор.
Ман на онам, к-аз дарат сар бар кунам то зиндаам,
Гар аҷал аз кӯи ту дурам кунад, маъзур дор.
То бидонӣ ҳоли хуношомии шабҳои ман,
Ҷуръае з-ин бода пеши наргиси махмур дор.
Ман ба ҷон дармондаву ту тарки бадномӣ кунӣ,
Метавонӣ, ҳоли расвое чу ман мастур дор.
Хусрави бечора мурду накши Ширини ту нест,
Сурати Фарҳод каш, дар дафтари Шопур дор.

* * *

Биё, ҷоно, ризои ман нигаҳ дор,
Даме ҳаққи вафои ман нигаҳ дор.
Макун бар дигарон қисмат ҳама лаб,
Аз он чизе барои ман нигаҳ дор.
Бидеҳ бӯи хаёлатро амонат,
Ки ин баҳри гадои ман нигаҳ дор.
Ризоят бурдани дил буд, донам,
Ту ҳам лахте ризои ман нигаҳ дор.

Лабат ногуфта бӯсидам, хато рафт,
Макуш в-он як хатои ман нигаҳ дор.
Ҳар обе, к-он фурӯ мерезӣ, эй чашм,
Зи баҳри ошнои ман нигаҳ дор.
Маро ишқат бало шуд, дигаронро
Худоё, аз балои ман нигаҳ дор.
Сабурӣ бо ғамаш мегуфт дар дил,
Ки ман рафтам, ту ҷои ман нигаҳ дор.
Марав тарсон ба кӯи дӯст, Хусрав,
Таваккул кун, худои ман нигаҳ дор.

* * *

Сапедадам, ки гуҳар борад абр дар гулзор,
Шавад ба ҷилва гул андар нигорхонаи ёр.
Аҷаб набошад, агар аз насими рӯҳафзой
Дами ҳаёт занад нақши хома бар девор.
Чӣ ишқҳои куҳанро, ки нав кунад аз сар,
Чу андалеб барорад зи шавқ нолаи зор.
Гуҳарфурӯш шавад рӯи некувон зи арақ,
Гаҳе, ки гарм шавад офтобро бозор.
Хуш он карашмаву нозе, ки мекунад наргис,
Чу чашми соқии раъно миёни хобу хумор.
Миёни лолаву гул, бин, сабо зи нағмаи мурғ,
Ки рақс мекунад аз бехудӣ бар оташ хор.
Шуда-ст саҳни гулистон зи арғувону суман
Чу остони шаҳ аз рӯи хусравони диёр.

* * *

Яке имрӯз сари зулфи парешон бигузор,
Шона то кай бувад, ангушт ба дандон бигузор.
Гар сарам нест ба сомон зи ғамат, ҳеҷ магӯй,
Мар маро ҳам ба мани бесару сомон бигузор,

Нек донанд лабу чашми ту мардум куштан,
Ту машав ранҷаву ин кор бад-эшон бигузор.
Гӯиям ҷони ғамини ту гирифтори ман аст,
Ду ҷаҳон гашт гирифтори ту, як ҷон бигузор.
Гар зи дармондагии ишқ туро дарде ҳаст,
Ҳам бод-он дард қаноат куну фармон бигузор.
Хусраво, ё ба гиребони вафо сар дар кун,
Ё зи каф домани андешаи хубон бигузор.

* * *

Мусулмонон, диле дорам гирифтор
В-аз ин дил ҷони афгорам гирифтор.
Чу худ кардам назар дар рӯи ҷонон,
Бад-ин меҳнат сазоворам гирифтор.
Назар дар некувон чандон ниҳодам,
Ки шуд ногаҳ дили зорам гирифтор.
Маро гӯянд: «Чандон гиряат чист?»
Гирифторам, гирифторам, гирифтор.
Каманди гесӯ афкандасту карда
Яке хунрези айёрам гирифтор.
Даромад ногаҳон тороҷ он шӯх,
Дилу ҷон шуд ба як борам гирифтор.
Гусастанро надорам тоқат, арчи
Зи мӯи ӯ ба як торам гирифтор.
Шабамро ҳол кай донад, чу ҳаргиз
Ба рӯзи ман нашуд ёрам гирифтор.
Бирав аз дидаи Хусрав, мабодо
Ба оби чашми бедорам гирифтор.

* * *

Хуш бувад соғари пурбода дар айёми баҳор,
Хоса дар сояи гулҳои тарандоми баҳор.
Ошиқи зори баҳор аст ниҳонӣ савсан,
Лекин аз шарм наёрад ба забон номи баҳор.
Бар чаман буд басе воми баҳор аз зару сим,
Ғунча бикшода гиреҳ, то бидиҳад воми баҳор.
Баъд аз ин бинӣ дар сояи ҳар сарви баланд,
Маҷлисе карда ҷавонони майошоми баҳор.
Ҳушёр ӯст ба назди ҳама аҳли маънӣ,
Ки ба мастӣ гузаронад саҳару шоми баҳор.
Ба ғанимат шумар, эй дӯст, агар ёфтаӣ
Рӯи зебову маи равшану айёми баҳор.
Аз паи хӯрадани май ин суханони Хусрав
Бод меорад аз он рӯи ту пайғоми бахор.

* * *

Ё Раб, ин моем аз он ҷону ҷаҳон афтода дур,
Соявор аз офтобе ногаҳон афтода дур.
Чун кунам, ёрон, ки ман бемораму маркаб заиф,
Ҷон ба лаб наздику роҳе дар миён афтода дур.
Бенаво чун булбулам, бебарг чун шохи разон,
К-аз ҷамоли гул бувад дар меҳргон афтода дур.
Ончунон к-андохт чашми бад маро дур аз рухат,
Бод чашми бад зи рӯят ончунон афтода дур!
Дур аз кӯи ту саргардон ҳама шаб то ба рӯз,
Дар фиғон, гӯӣ, сагеам з-остон афтода дур.
Дар хаёли абруят танҳову бе кас солҳост
Шиста дар хокам, чу тире аз камон афтода дур.
Ёд кун аз чун мане,эй дӯст, гар бо чун туе
Ончунон наздик буд ин дам чунон афтода дур.
Гуфтаӣ: «Ту кистӣ монда дар ин кӯ инчунин?»
– Бедиле, саргаштае, аз хонумон афтода дур.
Дӣ хаёлат гуфт: «Хусрав, ҳоли танҳоӣ-т чист?»
Чист? Ҳамчун ҳоли танҳое зи ҷон афтода дур.

* * *

Эй шамъи рухи ту матлаи нур,
З-ин ҳусну ҷамол чашми бад дур!
Бо партави орази ту хуршед
Чун шамъ дар офтоб бе нур.
Рухсори ту дар ҷаҳонфурӯзӣ
Монандаи офтоб машҳур.
Аз рӯи ту шом субҳ гардад
В-аз зулфи ту субҳ шоми дайҷур.
Ангехта шомро зи хуршед,
Омехта мушро зи кофур.
Аз дасти ғами ту дар замона
Як хонаи дил намонд маъмур
Бар дори ғамат ҳилол бошад,
З-ӯ васли ту гашта ҳамчу Мансур.
Хотир наравад ба гулситоне
Онро, ки ҷамоли туст манзур.
Хусрав, ки ҳамеша бар дари туст,
Аз даргаҳи худ макун варо дур.

* * *

Гар ҳунар дорӣ, маранҷ, ар кам нишинӣ бар сутур,
Зери Исо хар, нигар, зери харон як рони тур.
В-аз ҳарунӣ ном Рахшу дорадат ҳар ҷо чӣ суд,
Дар араб вайро кумайт аст исму дар тотор бӯр.
Неку бад дар одамӣ танҳо намемонад, чунон-к
Нофа дар ҷайби мулуку бода дар ҷоми булӯр.
Нафсро чун ром ҷӯӣ, сокинӣ беҳтар зи ҷаҳд,
Пилро чун маст хоҳӣ, чора некӯтар зи зӯр.
Чанд баҳри кунҷиде, к-аш хӯрда натвонӣ зи ҳирс,
По ниҳӣ, к-ойӣ тиҳӣ так дар раҳи пилон чу мӯр.
Аҳмаке бошад, ки ганҷе дораду харҷеш нест,
Бар сутур анбори гавҳар кай бувад суди сутур?

Музд бошад арзи бахшиш пеши дукқони бахил,
Хайр бошад чоҳ кандан бар лаби дарёи шӯр.
Дар иёри симу зар то кай парастӣ сангро?!
Бош, то сими ту гардад гӯру гардад санги гӯр!
Турк дар дунболаи гӯру зи гӯраш ёд не,
Гӯр дунболаш равон,з-он гуна, к-ӯ дунболи гӯр.
Сунъи яздон шуд чунон, аз дидаи айбаш мабин,
Ҳусн дар Зангу Ҳабаш чун ақл дар Мултону Ғӯр.
Барнагардад бандхоҳаш, зарра-зарра кун чу рег,
Равған андар рег резӣ, бештар гардад сабур.
Хомтар гардад зи панди маънавӣ донои хом,
Кӯртар гардад зи мори исавӣ Даҷҷоли кӯр.
Гар ба панд аз фисқ боз ойӣ чу Хусрав, эй ҳаким,
В-аз ҷунуб сар шустанат бояд, чӣ дарёву чӣ хур!

* * *

Масти ман, чун ҷуръа нӯшӣ, бодае бар ман бирез,
Дурди ҷоми худ бар ин расвои марду зан бирез.
Чашми ту маст аст, гар кам истад нокарда хун,
Хуни ман дар пеши он қаттоли мардафган бирез.
Душмани ҷони ман аст он ғамза, то хуш гардад ӯ
Он чӣ дарди ман шунидӣ, пеши он душман бирез.
Дил шуд аз тири ғамат равзан чу хоҳад рафт ҷон,
Шарбате аз ҷоми худ боре бар он равзан бирез.
Хилъате рангест воҷиб, гар кашам бар сар сабӯ,
Нимаи дигар бар ин дастору пероҳан бирез.
Маст мерафтам сабӯ бар сар, фитодам в-он шикаст,
Торакам бишкан бад-ону хуни ман бар ман бирез.
Тирагии айши муштоқон туро чун равшан аст,
Бар дили торики Хусрав бодаи равшан бирез.

* * *

Афтодагони роҳи туем аз сари ниёз,
Дасте бигиру дар қадамат сар зи мо бибоз.
Шамъи ҷаҳонфурӯз туӣ дар ҷаҳон, вале
Моем аз барои ту дар сӯзу дар гудоз.
Аз мо чӣ эҳтироз намудӣ, ки дар ҷаҳон
Ҳаргиз накард шамъ зи парвона эҳтироз.
Гар ту намоз ҷониби меҳроб мекунӣ,
Мо мекунем дар хами абрӯи ту намоз.
Бибрид зулфу кард ба Хусрав ишорате,
Яъне ки умри туст, намехоҳамаш дароз.

* * *

Эй сарамро ба хоки по-т ниёз,
Ошиқиро зи сар кунам оғоз.
Ҷон зи нозат намешикебаду нест
Чорае чун баромадаст ниёз.
Гуфт: «Аз ман ниҳон макун розат,
Кай шунидӣ, ки ман нагуфтам роз!
Ёдам ояд зи зулфи ӯ,эй дил,
Бозгӯӣ, ба мо шаб аст дароз.
Гӯша мегирам аз камони ту, лек
Мезанад ғамзаи ту тирам боз.
Як дам, эй бахт, боз равшан кун
Чашми Маҳмудро ба пои Аёз.
Хусрав овози хуб дорад дӯст,
Кист, к-ӯ нест ошиқи овоз?

* * *

Сӯям он наргиси бехоб набинад ҳаргиз,
Бахтам он турраи қуллоб набинад ҳаргиз.
Ҳар дамаш саҷда кунанд анҷуму меҳру маҳу чарх,
Юсуф ин мартаба дар хоб набинад ҳаргиз.
Бе муҳобо кушаду шарм надорад, оре,
Рӯи қурбонии қассоб набинад ҳаргиз.
Тамаъи меҳру вафо ҳиммати кӯтаҳназарон-ст,
Марди ишқ ин ҳама асбоб набинад ҳаргиз.
Ҳар шикоре, ки фитад пеши ту, эй тирандоз,
Серӣ аз новаки пуртоб набинад ҳаргиз.
Эй муаззин, макаш овоз, ки ҳаст ин дили ман
Бутпарасте, ки ба меҳроб набинад ҳаргиз.
Хусрав он шаб, ки ба кӯи ту равад, аз ғайрат
Сояи хеш ба маҳтоб набинад ҳаргиз.

* * *

Зи ман дил чун рабудӣ,рафт ҷон низ,
Ки дар дил дошт шавқат ину он низ.
Зи ёқути лабат моро таомест
К-аз ӯ зинда-ст ҷону ҳам равон низ.
Рақибатро мадеҳ дашном аз он лаб,
Ки дилро сахт меояд, равон низ.
Сари побӯси ту танҳо на дилрост,
Ки муштоқ аст ҷони нотавон низ.
Диле дорам, ки шуд побанди зулфат,
Намеёбам аз ӯ ному нишон низ.
Таолуллаҳ, чӣ танг аст он даҳонат,
Ки фикр онҷо намеғунҷад, гумон низ.
Ғамат Хусрав чӣ гӯяд ошкоро,
Ки натвон гуфт рози ту ниҳон низ.

* * *

Хаёли дӯст ба чашми ман андар омад боз,
Ҳавои ишқ дигарбора дар сар омад боз.
Кашида ғамзаи ӯ лашкару вилояти сабр
Хароб кард, ки ғавғои кофар омад боз.
Сабуксавори ман аз кӯи фитна сар бар кард,
Фиғон ба шаҳри таъаллум ба довар омад боз.
Кабӯтаре будам аз чанги боз раста, дареғ,
Ки чанги боз ба пои кабӯтар омад боз.
Ҷуз оби дида нашӯяд ғубори сина кунун,
Ки хайли ғамза ба саҳрои дил даромад боз.
Бисӯз, Хусрав, агар бахт соят накунад,
Ки офтоби ҳаводис баробар омад боз.

* * *

Бар ҷони мани шикастадил боз
Кардӣ ту шароб хӯрдан оғоз.
Ҷоно, махур ин қадаҳ, ки мастӣ,
Бар лаб бизану ба ман деҳ он боз.
Шуд навбати шарбати пасинам,
Ҷуръа ба пиёлаи ман андоз.
Моро ғами ту зи халқ бибрид,
Дар суҳбати дӯстони дамсоз.
Пурсӣ, ки: «Чӣ гунаӣ?» Чӣ гӯям,
К-аз мурда бурун наёяд овоз.
Гӯянд маро бирав аз ин кӯй,
Дил гум кардам, куҷо равам боз?
Хуш нест суруди Хусрав, оре,
Мутриб маст асту чанг носоз.

* * *

Кушодӣ чашми хоболудро боз,
Дари фитна ба олам кардаӣ боз.
Ба даври моҳи рӯят зулфи шабрав
Парешонкорӣ акнун кард оғоз.
Хати сабзат агар на Хизри вақт аст,
Чаро шуд бар лаби ҷонбахш дамсоз?
Ба бустон гар равӣ, дар саҷда ояд
Ба пеши қоматат сарви сарафроз.
Рабудӣ дил зи ман в-он гаҳ супурдӣ
Ба дасти турраи дилсӯзи ғаммоз.
Чӣ ҷои ҷон, ки бар дил мезанад тир,
Чу гардат турки чашмат новакандоз.
Агар надҳӣ ба умре коми Хусрав,
Раво бошад, ба ғайри ӯ мапардоз.

* * *

Куҷо бувад мани мадҳушро ҳузури намоз,
Ки кунҷи Каъба зи дайри муғон надонам боз.
Маро махон ба намоз, эй имому ваъз магӯй,
Ки аз ниёз намебошадам ҳузури намоз.
Чу сӯфӣ аз маи софӣ намекунад парҳез,
Мабош мункири дурдкашони шоҳидбоз,
Ба сони мутриби муфлис навои сӯхтагон
Чу булбули саҳарӣ мекунад самоъ оғоз.
Агарчи уди туам, ҳар нафас бихоҳӣ сӯхт,
Маро зи соз чӣ меафганӣ ба сӯзу ба соз?
Бад-он тамаъ, ки кунад мурғи васли хубон сайд,
Ду дидаам шуда аз шом то саҳаргаҳ боз.
Хаёли зулфи дарози ту гар нагирад даст,
Ки бар сар орад аз ин зулматам шабони дароз?
Ту дар тааннуму нозӣ, зи мо кай андешӣ,

Ки нози мо ба ниёз асту нозиши ту ба ноз.
Агар зи хатти ту чун мӯи сар бигардонам,
Бибанду чун сари зулфам ба офтоб андоз.
Умеди бандаи мискин ба ҳеҷ восиқ нест,
Магар ба лутфи худовандгори банданавоз.
Гузашт шеър зи Шиърову сӯзиш аз гардун,
Чаро ки аз паи овоза меравад овоз.
Хирад маҷӯй зи Хусрав, ки аҳли маъниро
Назар ба ишқи ҳақиқат бувад, на ақли маҷоз!

* * *

Дар фироқаш рӯди хун аз дида меборам ҳанӯз
В-он зи дилгармӣ нагӯяд тарки озорам ҳанӯз,
Солҳо то гулбуни мақсудро мепарварам,
З-оби чашмам барнамеояд гул аз хорам ҳанӯз.
Гарчи бар боди ҳавас шуд хирмани уммеди ман,
Тухми меҳраш дар миёни ҷон ҳамекорам ҳанӯз.
Гарчи пурдоғ аст ҷони ман зи ҳаҷри он нигор
Доғи меҳраш бар ҷабини дӯстӣ дорам ҳанӯз.
Дилбар аз кӯи муҳаббат по агар берун ниҳод,
Ман ба дасти ноумедӣ сар намехорам ҳанӯз.
Зориву афғони ман бе ӯ гузашт аз нуҳ фалак,
В-он нигор огаҳ нагашт аз нолаи зорам ҳанӯз.
Гарчи ҷони Хусрав аз меҳри рухаш аз даст рафт,
Тухми ишқаш дар замини дил ҳамекорам ҳанӯз.

* * *

Тан пир гашту орзуи дил ҷавон ҳанӯз,
Дил хун шуду ҳадиси бутон бар забон ҳанӯз.
Умрам ба охир омаду рӯзам ба шаб расид,
Мастию бутпарастии ман ҳамчунон ҳанӯз.

Оҳанг карда сӯи бурун ҷони гумраҳам,
Кофирдилони ҳусни дарунсӯи ҷон ҳанӯз.
Сад ғам расиду марг ҳанӯзам намерасад,
Сад дод рафту муҳри дилам роягон ҳанӯз.
Олам тамом пур зи шаҳидони хуфта гашт,
Турки маро хаданги бало дар камон ҳанӯз.
Бедор монд шаб ҳама халқ аз нафири ман
В-он чашми ниммаст ба хоби гарон ҳанӯз.
Ҳар дам карашмаҳои вай афзуд он гаҳе,
Хусрав зи банди ӯ ба умеди амон ҳанӯз.

* * *

Дил зи тан бурдию дар ҷонӣ ҳанӯз,
Дардҳо дорию дармонӣ ҳанӯз.
Ошкоро синаам бишкофтӣ,
Ҳамчунон дар сина пинҳонӣ ҳанӯз.
Мулки дил кардӣ хароб аз теғи кин
В-андар ин вайрона султонӣ ҳанӯз.
Ҳар ду олам қимати худ гуфтаӣ,
Нархе боло кун, ки арзонӣ ҳанӯз.
Чун касе, ё Раб, нагирад доманат,
Гарчи дар хун не пушаймонӣ ҳанӯз.
Ҷавр кардӣ солҳо чун кофарон,
Баҳри раҳмат номусулмонӣ ҳанӯз.
Мо зи гиря чун намак бигдохтем,
Ту ба ханда шаккаристонӣ ҳанӯз.
Ҷон зи банди колбуд озод гашт,
Дил ба гесӯи ту зиндонӣ ҳанӯз.
Пирию шоҳидпарастӣ нохуш аст,
Хусраво, то кай парешонӣ ҳанӯз.

* * *

Шаби зулфи ту шуд нишонаи рӯз,
Дур кун он шаб аз каронаи рӯз!
Турфа холест дар миёни рухат,
Шаб кӣ дида-ст дар миёнаи рӯз?
Рӯзу шаб з-они туст, з-он хату хол
Доми шаб кардаию донаи рӯз.
Рӯи ту мекунад ҷаҳон равшан,
Чӣ ниҳӣ бар ҷаҳон баҳонаи рӯз?
Бандаи туст офтоб, ки ҳаст
Чашмравшан ба чашми хонаи рӯз.
Зери пои ту резам, ар ёбам
Гавҳари машриқ аз хизонаи рӯз.
Бор деҳ, то ба давлатат бизанам
Навбати мулки панҷгонаи рӯз.
Банда шуд ҳамчу Хусрават хуршед,
Гарчи ҳаст ӯ шаҳи ягонаи рӯз.

* * *

Рӯят аз хай ҳама пурдурри хушоб аст имрӯз,
Офтоби ту зи сайёра ба тоб аст имрӯз.
Ҳар хаёле, ки зи хуршед дар об афтодаст,
Пеши рухсори ту ларзанда зи хоб аст имрӯз.
Чашми бемори ту парҳез, ки мекард зи май,
Мефитад ҳар тарафе, масту хароб аст имрӯз.
Донам он чашми ту фитна-сту зи мастӣ хуфта-ст,
Хуфтаро, ҳеҷ надонам, ки чӣ хоб аст имрӯз?!
Дӯш гуфтӣ, ки диҳам бӯсаву кас мегӯӣ
Ки дилам реш шавад, ин чӣ ҷавоб аст имрӯз?
Хандаат дида даҳонбоз бимонда-ст садаф,
Аз даҳонат, ки пур аз дурри хушоб аст имрӯз.

* * *

Эй зи ту корсозии ҳама кас,
Ҳамаро ҳам ту корсозию бас.
Ҳаст ирфони ту ба ақл чунон-к
Кӯҳ санҷад касе ба парри магас?
Аз ман идроки ту бад-он монад,
К-аблаҳе карда бодро ба қафас.
Дар сифоти камоли ҳастии ту
Ақл маст асту нотиқа аҳрас.
Мардум аз ту бузургмаънӣ шуд,
Не ба сират ба сони филу фарас.
Ки ба ёдат нафас зананд ба сидқ,
Осмон барпарад зи боди нафас.
Зери пои гилемпӯшонат
Поймол аст мафраши атлас.
Кай расам дар ту ман, ки дар пешат
Садди оҳан шуд аз ҳавову ҳавас.
Сӯхта бод Хусрав аз шавқат,
Рост чун дев аз шиҳоби қабас.

* * *

Бо пистаи майгуни ту шаккар чӣ кунад кас?
Бо хандаи маймуни ту гавҳар чӣ кунад кас?
Бо рӯи худ оина баробар манеҳ, эй ҷон,
Хуршед ба оина баробар чӣ кунад кас?
Чун рӯи туам нест, ҷахонро чӣ кунам ман,
Бе дидани рӯят ба ҷаҳон-дар чӣ кунад кас?
В-ар зулфи ту сад ҷавр кунад бар дили ошиқ,
Эй турк, бар он ҳиндуи кофар чӣ кунад кас?
Бо чашми ҷафокори ту гӯям, ки вафо кун,
Гӯяд: – Ман аз инҳо накунам, гар чӣ кунад кас?
Ҷое, ки ҳадиси лаби ширини ту гӯянд,
Беҳуда ҳадис аз лаби гавҳар чӣ кунад кас?

Бисёр бикӯшам,ки расам ман ба ту, лекин
Бо бахти баду гардиши ахтар чӣ кунад кас?
Гуфтӣ, ки фалон чаҳд накард аз паи васлам
Хун кард дили сӯхта, дигар чӣ кунад кас?
Хусрав, ки фидо кард дилу ҷон зи паи ту
В-ар не дилу ҷон ҳарду фидо бар чӣ кунад кас?

* * *

Кори дилам аз даст шуд, эй дилрабо, фарёд рас!
Шабҳо фироқам мекушад, охир биё, фарёд рас!
То чанд бар ман дам ба дам аз ҳаҷри ошиқкуш ситам,
Баҳри манат гар нест ғам, баҳри Худо фарёд рас!
Зулмест шаб то субҳдам бар мо, ки натвон гуфт, ваҳ
Бигзашт чун аз авҷи маҳ фарёди мо, фарёд рас!
То аз ту дилбар мондаам, бе хобу бе хур мондаам,
Чун дар ғамат дармондаам, дармондаро фарёд рас!
Шуд ҷоми айшам бесафо, ҷон шуд лагаткӯби ҷафо,
Бигзашт чун умр аз вафо, эй бевафо, фарёд рас!
Он ҳарду чашми дилситон аз оламе бирбуд ҷон,
Як ҷони Хусравро аз он, ҳарду бало, фарёд рас!

* * *

Биё, ки базми тарабро чаман ниҳод асос,
Биё, ки боди сабо гашт исавианфос.
Бинӯш бодаи гулгун ба тарфи боғ, ки ман
Зи по фитодаам аз дасти меҳнати ифлос.
Чӣ ҳикмат аст надонам, ки соқии гардун
Мудом хуни ҷигар медиҳад маро аз кос.
Касе зи чеҳраи мақсуди худ наёфт нишон,
Аз он замон, ки ниҳоданд сарнагун ин кос.
Ба роҳи Каъба, ки аз ҳар тараф камингоҳест,
Агар зи хеш гузаштӣ, қадам манеҳ ба ҳарос.

Касе ба далқи муроққаъ куҷо шавад дарвеш,
Чу сина соф набошад, чӣ суд тарки либос?
Дарун чу пок шавад аз кудурати ағёр,
Ту хоҳ ҷомаи атлас бипӯш, хоҳ палос.
Ҳадиси дӯзаху ҷаннат дигар магӯ, Хусрав,
Висоли ёр талаб кун, гузар аз ин васвос.

* * *

Харобии ман аз он наргиси хуморӣ пурс,
Ҳалоки ҷонам аз он лолаи баҳорӣ пурс.
Зи захми ғамза чӣ пурсӣ, ки дар дилат чанд аст,
Зи ҳад фузун, вале захмҳои корӣ пурс.
Ғуломи чашми туам, гарчи новаки ту хуш аст,
Вале-к лаззати он аз дили шикорӣ пурс.
Дилам, ки зулф фаромӯш мекунад худро,
Мапурс ҳеҷ в-агар пурсияш, зи хорӣ пурс.
Куҷост давлати онам, ки бар дарат бошам,
Нишони ман бар сари кӯи хоксорӣ пурс.
Рав, эй сабову зи баҳри мусофирони фироқ
Аз он ду лаб сухане чанд ёдгорӣ пурс.
Суруди завқ фаровон шунидаӣ, акнун
Биё, зи Хусрав завқи фиғону зорӣ пурс.

* * *

Субҳи давлат медамад аз рӯи он хуршедваш,
Дар чунин фаррухсабӯҳӣ, соқиё, як ҷом каш.
Чун ман аз бозуи ҳиммат рӯзро бар шаб барам,
Дарнаёрам сар ба тоҷи Руму иқлими Ҳабаш.
Май, ки бар мо заҳр шуд, ҳам ту кунӣ оби ҳаёт,
То нагирӣ айби мо аввал, бигӯ, ё худ бичаш.
Бар лабат гозе задам, бурдӣ дилу ҷони хирад,
Мӯҳра барчин, чунки нақши каъбатайн омад ду шаш.
Беҳтарин рӯзи маро рӯзи бадӣ омад, аз он-к
Ҳаст Хусрав шишаву он сангдил девонаваш.

* * *

Хуш рафиқе, он ки ин рӯ дар назар меоядаш,
Лек ҳайронам, ки дил бар ҷой чун меноядаш?
Зулф бар болину ӯ дар хоби хуш, ваҳ, к-эй рақиб,
Бо чунон ташвишдилҳо хоб чун меоядаш?
Сӯфии мо даъвии парҳезгорӣ мекунад,
Бош, то соқии мастон рӯи худ бикшоядаш.
Соқиё, чун давр гардонӣ зи хуни ман бишӯй
Он лаби соғар, ки лабҳои ту меолоядаш.
Ишқро асбоби хуни ман ҳама ҳосил шуда-ст,
Як карашма аз сари абрӯи ту мебоядаш.
Боғ рав, ҷоно, ки наргис дар ҳавои рӯи туст,
Рӯи гул мебинад, аммо дил намеосоядаш.
Ошиқи мискину кунҷеву хаёлеву ғаме,
Чун кунад бечора, чун дил бо касе накшоядаш.
Нест ошиқро давое беҳтар аз сабру шикеб,
Гар бувад доно, чунин донам, ҳамин фармоядаш.
Хусраво, дил бад макун,гар ёр бадхӯест, аз он-к
Ҳар чӣ бо он рӯи зебо мекунад, мешоядаш.

* * *

Дил, ки бурд аз мо, агарчи мубтало медорадаш,
Гар хуш аст ӯро бад-он, бигзор, то медорадаш.
Аз кӣ пурсам то куҷо медорад он дармондаро,
Эй сабо, аз ман бипурсӣ, ҳар куҷо медорадаш.
Панд гӯяд ақл, лекин кай кунад фармони ақл,
Он кӣ бе фармони ӯ дил дар боло медорадаш.
Эй мусулмонон, зи оҳи ошиқон ёдаш диҳед,
К-он рақиби номусулмон бар хато медорадаш.
Ғамза ҷондорест он султони хубонро ақиқ,
К-аз паи ҷон бурдани муште гадо медорадаш.
Чанд монад ҷони мискине, ки ҳар шаб то саҳар
Ҳамчу беморон бо афсуну дуо медорадаш.

Сарвро набвад қабо, сарв аст болояш, вале-к
Бе балое нест он к-андар қабо медорадаш.
Аз аҷал нолад ҳама кас, к-ӯ кунад ҷонро ҷудо,
Ман зи бахти хештан, к-аз ман ҷудо медорадаш.
Чанд гаҳ дигар нахоҳад кард ҳам бо ӯ вафо,
Он ҳама хубӣ, ки бо мо бевафо медорадаш.
Гар саломат нест, боре кам зи дашноме, к-аз ӯ
Гӯши Хусравро, ки дар роҳи сабо медорадаш.

* * *

Зулфат, ки бод аз ҳар тараф гаҳ-гаҳ парешон дорадаш,
Ҳар мӯ, ки бирбояд аз ӯ, занҷири сад ҷон дорадаш.
Ҷавре, ки ҳар дам мекунад, гар мардумӣ бошад дар ӯ,
Охир зи чандин кардаҳо вақте пушаймон дорадаш.
Хоке, ки аз кӯят барам, дар дида пинҳонаш кунам,
Муфлис, ки ёбад гавҳаре, ночор пинҳон дорадаш.
Гуфтори ту, к-ояд бурун аз ҷону дар ҷон ларравад,
Мардумкуш аст арчи лабат, дар оби ҳайвон дорадаш.
Дур аз ман он к-ӯ дур шуд, аз чун туе наздики ман,
Талх аст айшаш, гар фалак дар шаккаристон дорадаш.
Парвонае, к-аш ногаҳон шамъе ба меҳмон даррасад,
Худро магар бирён кунад, дигар чӣ меҳмон дорадаш?
Бечора Хусравро кунун сомон намебошад, магар
Ҳуше, ки мардумро бувад, гӯ, то ба сомон дорадаш.

* * *

Мо ба ҷон дармондаву дил сӯи мо мехонадаш,
Ваҳ, ки ин бар худ набахшуда, куҷо мехонадаш?!
То ҳавас буд зистан, дилро ҳамегуфтам махон-ш,
Чун зи ҷон бархостам, бигзор то мехонадаш.
Чун ситода баҳри рафтан дину дил бегона хоҳ,
Пои он сарву бигӯ, он гаҳ ки мо мехонадаш.

Хез, эй абрӯ, бибар з-ин дида обеву бишӯй
Пои он сарву бугӯ, он гаҳ ки мо мехонадаш.
Мардумонро з-ӯ балои дил, маро ташвиши ҷон,
Ман қиёмат хонаму халқе бало мехонадаш.
Чашми ӯ дар ҷодуӣ, то халқ девона шавад,
Халқи девонашуда ҳар дам дуо мехонадаш.
Хонамаш дар ҷону гӯяд, хонаи ман нест ин,
Бо чунин бегонагӣ дил ошно мехонадаш.
Мову мурдан бар дараш, муштоқро бо он чӣ кор,
К-ӯ ҳамеронад зи пеши хеш ё мехонадаш.
Рост мегӯянд, ошиқ кӯр бошад, з-он ки ҳаст
Хоки пояш чашми Хусрав тӯтиё мехонадаш.

* * *

Зи ғам он дил, ки нигаҳ дорандаш,
Зери он зулфи сияҳ дорандаш.
Фитна бе зулфи ту натвонад буд,
Гар ба занҷир нигаҳ дорандаш.
Ба рухи хуби ту монад чизе,
Маҳ агар зери кулаҳ дорандаш.
Дарзамон сар биниҳад бар поят,
Пой-т, ар бар сари маҳ дорандаш.
Чашми Хусрав ба гаҳи омаданат
Мунтазир бар сари раҳ дорандаш.

* * *

Дили ман бурд, натвон ёфт бозаш,
Ки дасте нест бар зулфи дарозаш.
Шудам дар кандани ҷон нимкушта,
Зи чашми ниммасту нимбозаш.
Ба ман бахшид аҷалҳои худ, эй халқ,
Ки мирам ҳар замон дар пеши нозаш.

Чаро Маҳмуд аз ғайрат намирад,
Ки мирад дигарӣ пеши Аёзаш.
Ба кори дӯст, ҷон ҳам нест маҳрам,
Ки бо бегона натвон гуфт розаш.
Раҳо кун, то кафи поят бибӯсам,
Пас он гаҳ шӯям аз ашки ниёзаш.
Шабе хоҳам ба болинат шавам шамъ,
Ту дар хоби хушу ман дар гудозаш.
Дилам афтод дар чавгони зулфаш,
Ба бозӣ гӯи девона масозаш.
Ҷафоҳо мекунӣ бар ман, макун шарм,
Ки шуд шарманда Хусрав з-он навозаш.

* * *

Рафт дил, нест равшанам ҳолаш,
Бирав, эй ҷон, ту ҳам ба дунболаш.
Ман бад-ин сон, ки ҳоли худ дидам,
Набарам ҷон зи чашми қаттолаш.
Чӣ хабар шаҳсавори раъноро,
Ки сафи мӯр гашт помолаш.
На, ки аз шамъ сӯхт парвона,
К-оташи дил фитод дар болаш.
Дил шиносад, ки чист қимати ишқ,
Нест ақли ҳаким даллолаш.
Ҳар кӣ бар ҳоли ошиқон хандад,
Гиряе воҷиб аст бар ҳолаш.
Мани мискин на марди дарди туам,
Кӯҳи Албурзу пашша ҳаммолаш.
Дар чаҳ ондам фитод дил, к-омад
Сураи «Юсуф» аз рухат фолаш.
Чӣ дароз аст, бин, ғами Хусрав,
Ки равад бе ту ҳар шабе солаш.

* * *

Фариштa менависад гуноҳи дам ба дамаш,
Ки аз таҳайюри он рӯ намеравад қаламаш.
На ҳадди дидани халқ аст рӯи ту магар он-к
Қазо ба қадри ду Юсуф кунад ҷамоли камаш.
Агар ба боғ равам, дил бигирадам дар дам,
Ки хӯ гирифта дили ман ба гӯшаҳои ғамаш.
Самоъу нолаи ман не зи хуни дил ҷӯянд,
Ки арғунуни ҷигархорияст зеру бамаш.
Кашам зи дасти ту бар чӯб ҷомаи пурхун,
Ки ҳар кӣ шоҳи бутон шуд, чунон бувад аламаш.
Куҷо зи чошнии дарди дил хабар дорад
Касе, ки нест халос аз вазифаи ситамаш.
Чӣ ҷои бонги муаззин бад-ин дили бадрӯз,
Ки рӯзгор ба сар шуд ба тоати санамаш.
Ҷафои дӯст ба миқдори дӯстист азиз,
Асири ишқ шиносад ҳаловати аламаш.
Ба як дам аст, к-аз ӯ ҷони Хусрави мискин
Бимирад, ар набувад ёди дӯст дам ба дамаш.

* * *

Он кӣ аз ҷон дӯсттар медорамаш,
Гар маро бигзошт, ман нагзорамаш.
Дил бад-ӯ додам, зи ман ранҷиду рафт,
Медиҳам ҷон, то магар боз орамаш.
Он ки дар хуни дили ман хаста аст,
Ман ду чашми хеш мепиндорамаш.
Қолаби бе рӯҳ дорам, мебарам,
То ба хоки кӯи ӯ биспорамаш.
Медиҳам ҷон рӯзу шаб дар кӯи дӯст,
Гавҳаре з-ин беш агар даркорамаш.
Рӯй дар пои ту мемолам, маранҷ,
Гар ба рӯи сахти худ меорамаш.

Гарчи рӯяш дод барбодам чу зулф,
Ҳамчунон ҷониб нигаҳ медорамаш.
Гарчи ҳаст ӯ ёри ман, ман ёри ӯ,
Ман куҷо ёрам, ки гӯям ёрамаш?!
Ҳеҷ раҳме нест бар бемори хеш,
Он табиберо, ки ман беморамаш.
Бо дили худ гуфтам ӯро чистӣ,
Гуфт Хусрав: «Ӯ гулу ман хорамаш».

* * *

Ситамгаре, ки дилам шод нест ҷуз ба ғамаш,
Ба хома рост наёяд шикояти ситамаш.
Ҳазор новаки ғамза зада-ст бар дили ман,
Ки ҳеҷ оҳ зи ман барнаёмад аз аламаш.
Агар зи дасти аҷал чанд гаҳ амон ёбам,
Ба хоки по-ш, ки сар барнадорам аз қадамаш.
Ҳазор нома навиштам ба хуни дида, вале
Ба ин диёр наёмад кабӯтари ҳарамаш.
Касе, ки дидани рухсори ӯ ҳавас дорад,
Дигар халос наёбад зи зулфи хамбахамаш.
Мубошире, ки ба кунҷи фироқ май нӯшад,
Сафоли бода намояд ба чашм Ҷоми Ҷамаш.
Агар ба зуҳд шавӣ шуҳраи ҷаҳон, Хусрав,
Чӣ суд, то накунӣ эътимод бар карамаш.

* * *

Гар, эй насим, туро раҳ диҳанд дар ҳарамаш,
Бибӯсӣ аз мани хокӣ нишонаи қадамаш.
Бихон ба ҳазрати ӯ зинҳор аз сари сӯз
Таҳийяте, ки навиштам ҳама ба хун рақамаш.
Зи баъди арзи таҳийят, агар ба мо бирасад,
Ғариб то нашуморӣ зи ғояти карамаш.

Миёни дилбару дил ҳоҷати рисолат нест,
Вале-к ҳам бинавиштем моҷарои ғамаш.
Ба ташнагони биёбони баҳр боз расон,
Ки оби Хизр наёбӣ зи рашҳаи қаламаш.
Тирози зар набувад зеби ҷомаи ушшоқ,
Бар остин бувад аз доғи ошиқӣ аламаш.
Зи хуни дидаи Хусрав аҷаб мадор, ки халқ
Ба ҷои нуқл ҷигар медиҳанд дам ба дамаш.

* * *

Дил бурду заҳра нест, ки он бозхоҳамаш,
Ё худ зи сабри рафта нишон бозхоҳамаш.
З-ин ҷо, ки носабурии девонагон бувад,
Пайдо-ш дил диҳам, ба ниҳон бозхоҳамаш.
Не, худ чӣ дил, ки ҷони киромӣ ситад зи ман,
Ҳаргиз дилам нахост, ки ҷон бозхоҳамаш.
Бошад шабе, ки то ба саҳар роз гӯямаш
В-он рози гуфта субҳдамон бозхоҳамаш.
Бӯсе ба вом бурд хаёлаш зи ман ба хоб,
Боре дигар чу нест, ҳамон бозхоҳамаш.
Донам яқин, ки боз наёбам аз ӯ, вале-к
Таскини хешро ба гумон бозхоҳамаш.
Дӣ боз кард лаб, ки забоне диҳад маро,
Имрӯз узри лаб ба забон бозхоҳамаш.
Бас узрҳо, ки гуфт ба Хусрав ба гоҳи васл,
Ин узр низ, агар битавон, бозхоҳамаш.

* * *

Мастӣ гирифт шева он чашми пурхумораш,
Шуд хатми ҷонфазое бар лаъли обдораш.
То боғ ҳусн гирад, нусхат қазо ниҳода,
Сарве зи қомати ӯ бар тарфи ҷӯйбораш.

Афзуд меҳраш он дам дилро, ки бе ҳиҷобе,
Бинмуд рӯи тобон хуршеди соядораш.
Овозаи бути ҳусн биншаст бетаваққуф,
Ногоҳ чун баромад аз Руму Зангбораш.
Аз шаб асар намонад, аз Шом чун биёяд?
Аз шаш ҷиҳоти гетӣ, аз мо ба панҷу чораш.
Бикшо зи қулф ёқут, он дурҷи зар ба ханда,
К-орам равон зи дида гавҳар басе нисораш.
Хунрез тири ғамза-ш з-он рӯй шуд, ки дорад
Дар Нимрӯз маскан чашми сиёҳкораш.
Зулмаш гузашт аз ҳад, з-он қисса ғусса кардам,
То доди ман ситонад сонии шаҳриёраш.
То қофияст боқӣ ронад калом Хусрав,
Лекин тариқи аҳсан ин ҷост ихтиёраш.

* * *

Боғ бишкуфту сурию суманаш,
Тоза гашт арғувону настаранаш.
Сифати боғ мекунад булбул,
Шох дар шох меравад суханаш.
Юсуфи гул расиду шуд равшан
Чашми наргис зи бӯи пераҳанаш.
То куҷо бошад он суманбари ман,
К-обу оташ шавад гул аз суманаш.
Меҳри ӯ зарра-зарра кард маро,
Гарчи як зарра нест меҳри манаш.
Гар ба ҳалқам расан кунад зулфаш,
Нагсалам ҳам зи зулфи чун расанаш.
Дида дар пеши ӯ кашад Хусрав,
Ки бибинад ба чашми хештанаш.

* * *

Қабову пераҳани ӯ, ки мерасад ба танаш,
Ман аз қабо-ш ба рашкам, қабо зи пераҳанаш.
Карашма мекунаду мардумон ҳамемиранд,
Чӣ ғам зи мурдани чандин ҳазор ҳамчу манаш.
Аҷаб, агар натавон нақши хотираш дарёфт,
Зи нозукӣ битавон дид рӯҳ дар баданаш.
Туфайли он ки касонро ба зулф дарбандӣ,
Биёр як расану дар гулӯи ман фиканаш.
Ба кӯи ӯ, ки шавам хок, нест ғам магар он-к
Зи бод гарди ғамолуди ман расад ба танаш.
Шаҳиди ишқ, ки шуд ёр дар зиёрати ӯ,
Муборак омаду фархунда хилъати кафанаш.
Висол бо вай аз ин беш нест ошиқро,
Ки кушта гашту даромад ба зулфи пуршиканаш.
Забон, ки хост зи ту, Хусраво, накардӣ фаҳм,
Киноятест, ки баргир теғу сар фиканаш.

* * *

Номи сарчашмаи ҳайвон чӣ барӣ бо даҳанаш,
Сухани қанд, магӯ бо лаби шакаршиканаш!
Гар занад бо даҳанаш писта зи бемағзӣ лоф,
Ҳар кӣ бинад, шиканад бо лабу дандон даҳанаш.
Эй сабо, гӯй зи ман ғунчаи тардоманро,
Чист он ғунча, ки пинҳон шуда дар пераҳанаш?
Дӯш ҷустам зи даҳонаш хабари оби ҳаёт,
Гуфт: «Бояд талабид аз лаби ширини манаш».
Гар шавад дар ғами ту чеҳраи ошиқ коҳе,
Боз гулгун кунад аз хуни дили хештанаш.
Зулфи қаҷтабъи ту ҳиндуи балоангез аст,
Чашми сармасти ту туркест, ки яғмост фанаш.
Рӯзу шаб васфи рухи хуби ту гӯяд Хусрав,
То чӣ тӯтист,ки аз оина бошад суханаш?

* * *

Хоҳам, ки сер бинам рӯи чу ёсаминаш,
Лек офатест чашамаш, метарсам аз каминаш.
Бисёр зуҳду тавба ботил шуд аз фиребаш,
Фитнаст он, ки гаҳ-гаҳ бинанд шармгинаш.
Тоқат надорад он рух аз нозукӣ нафасро,
Эй бод, тунд магзар бар барги ёсаминаш.
Дил рафту рӯзҳо шуд, к-аз вай хабар наёмад,
Эй дурмонда, чунӣ дар зулфи анбаринаш?
Эй ҷомадор, аз ин сон чусташ мабанд якто,
К-аз бахя нақш гирад андоми нозанинаш.
Боре ба теғ рондан он соидаш бибинам,
Хез, эй рақиби бадхӯ, бармол остинаш.
Гӯянд шодмон зӣ хасме чу ғамзаи ӯ,
Ман пуштие, кӣ дорам, к-эман зиям зи кинаш?
Ман худ зи баҳри хубӣ бар рӯи ту нагӯям,
Лекин ту панд бишнав, бадхӯ макун чунинаш.
Хусрав ба як назора дилро ба бод додӣ,
Гар ҷон ба корат ояд, боре дигар мабинаш.

* * *

Лаб нигар в-он даҳони хандонаш
В-он хами турраи парешонаш.
Рӯи чун бомдоди тобистон,
Зулфи ҳамчун шаби зимистонаш.
Тири болои ӯ бихост маро,
Аз кушоди раҳи гиребонаш.
Доман аз мо ҳамекашад имрӯз,
Чанги мо рӯзи ҳашру домонаш.
Кӯфта монд шахси чун зари ман
Аз дили сахти ҳамчу сандонаш.
Чун фурӯ бурд дар дилам дандон,
Ҷон фиристам ба музди дандонаш.

Дили ман гашт хуну хуни дилам
Об шуд дар чаҳи занахдонаш.
Хусраво, пурсише бикун, ки ба дил
Хор дорам зи нӯги мижгонаш.

* * *

Ӯ мераваду ошиқи мискин нигаронаш,
Чун мурда, ки дар сина бувад ҳасрати ҷонаш.
Бемеҳр саворе, ки инон боз напечад
В-овехта чандин дили халқе ба инонаш.
Ё хун-ш ҳамеораду ё толиби хун аст,
Эй халқ, магӯед ба ҷӯянда нишонаш.
Ёдаш диҳӣ, эй бод, магар ёди гадое
Аз давлати дашном барояд зи забонаш.
Ё даст, ки дар хоби шабаш дидаам, аммо
Аз бехабарӣ ҳеҷ надонам, ки чӣ сонаш?
Бисёр бикӯшам, ки бипӯшам ғами худ, лек
Оташ чу бигирад, натавон дошт ниҳонаш.
Аз нолаам ар халқ нахуспад аҷабе нест,
Аз бахти худам дар аҷабу хоби гаронаш.
Хусрав, нигаронӣ-ш ҳама бар дили худ гир,
Кӯрии дилеро, ки набошад нигаронаш.

* * *

Касе, ки ҳаст назар бар ҷамоли маймунаш,
Зиҳӣ нишоти дилу толеи хумоюнаш.
Дар оби Хизр, ки маҳлули ӯст мояи лутф,
Ки дар латофати маҳлул рехт бечунаш.
Ҳавас баранд, ки хуршеду моҳ хок шаванд
Дар он замин, ки занад гом шӯхи гулгунаш.
Ба як ҳадис кунад талхии ғамам ҳама маҳв
Чу заҳри ноб, ки ҷоду кунад ба афсунаш.

Ғуломи он нафасам, к-омадам ба хонаи ӯ,
Ба хашм гуфт, ки аз дар кунед берунаш.
Хушам зи гиряи чашмам, агарчи ғам зояд
Ба чошнии муфарраҳ зи дурри макнунаш.
Шуд аз ту хуни дили Хусрав обу шодам аз он-к
Намоз аз паи ношустани ту шуд хунаш.

* * *

Зулфи ту – ҳар мӯю боде дар сараш,
Лаъли ту – ҳар ганҷу хубе бар дараш.
Ҳаст рӯят шуълаи оташ, вале
Шустаанд аз ҳафт оби Кавсараш.
Ман нагардам гирди он чашма, аз он-к
Мор печида-ст бар нилуфараш.
Хонае, к-он ҷо туӣ, парда мабанд,
К-офтоб андар наёяд аз дараш.
Чашми ман дар сабзаи хатти ту ёфт
Чашмае, к-аз Хизр ҷуст Искандараш.
З-об мирад оташу равшантар аст,
Оташин рӯе, ки хай дорад бараш.
Он зиреҳ, к-аз зулф дарбар кардаӣ,
Оҳи Хусрав бас бувад пайконгараш.

* * *

Эй зада новакам ба ҷон як, ду, се, чору панҷу шаш,
Кушта чу банда ҳар замон як, ду, се, чору панҷу шаш.
Гуфт ба ваъда гаҳ-гаҳе як шаб аз они ту шавам,
Рӯз гузашт дар миён як, ду, се, чору панҷу шаш.
Пеши дари ту ҳар нафас аз ҳаваси даҳони ту
Бӯса занам бар остон як, ду, се, чору панҷу шаш.
Манъи ду чашм кун, ки шуд аз дили пухта ҳар даме
Ротиби он ду нотавон як, ду, се, чору панҷу шаш.

Гоҳи назора, чунки ту ҷилва кунӣ ҷамолро,
Кушта шаванд ошиқон як, ду, се, чору панҷу шаш.
Кушт сабо зи ғайратам, к-ояд агар зи кӯи ту,
Ҳамраҳи бӯи туст ҷон як, ду, се, чору панҷу шаш.
Оҳу фиғон зи мардумон, баски ҳамекунад даме
Хусрави хастадил фиғон як, ду, се, чору панҷу шаш.

* * *

Карашмаҳои сари зулф дар баногӯшаш,
Ҳадиси дарди маро раҳ надод дар гӯшаш.
Ба ношинохтагон бинаду назар набувад,
Ба сад шинохт дар ин мустаманди мадҳушаш.
Чунон шудам, ки бибинад марову нашиносад,
Магар шабе ба ғалат даркашам ба оғӯшаш.
Дилам зи пухтани савдои хом сӯхта шуд,
Ки ҳеҷ пухта нашуд кори ман ба сад ҷӯшаш.
Зи ишқи дидани рӯят бимурду сер нашуд,
Ки гоҳи дидани рӯят зи дил бишуд ҳушаш.
Шуд оташам ба ҷаҳон равшану чаро нашавад,
Ки мекунам ба тани ҳамчу коҳ хаспӯшам.
Биё, ки сар ба фидоят ниҳодаам, в-арна
Чунин азиз наёрам ниҳода бар дӯшам,
Магӯ, ки ғамзаи ман хуни кас намерезад,
Ту ёд деҳ, ки агар мешавад фаромӯшаш.
Бихӯрд талхии ҳаҷри ту чун шакар Хусрав,
Ҳаловатест дар ин бода то абад нӯшаш!

* * *

Дили ман хун шуду дур аз височаш
Ки монд овехта з-абрӯи тоқаш.
Аҷаб сайёрае дорад дили ман,
Ки месӯзад ҷаҳоне з-эҳтироқаш.

Ҳазорам дида бояд гоҳи ҷавлон-ш,
Ки созам фарш дар роҳи буроқаш.
Газида шуд дилам аз ҷон, ки ҷонам
Саги девона шуд дар иштиёқаш.
Куҷо бо чун ту симинсоқ монад
Дарахти гул, ки пурхор аст соқаш.
Ҷафоҳои туро гардон кунад чарх,
Наранҷӣ ҷони Хусрав з-ин нифоқаш.

* * *

Ҳар бомдод то ба шабам бар сари раҳаш,
Вақте магар, ки бингарам аз дур ногаҳаш.
З-он гаҳ-гаҳе ки пур зи хаи гул кунад занах,
Оташ сазад гулоб чу симин бувад чаҳаш.
Обе кунанд ҳар касе андар раҳе сабил,
Ман хуни худ сабил кунам бар сари раҳаш.
Гӯям, бибахш ҷони ман, ӯ гӯядам, ки не,
Ҷонбахши ман бас аст ҳамон гуфтани «наяш».
Чун гул зи рашк ҷома даронам, ки то чарост
Дар гирди кӯй гаштани боди саҳаргаҳаш.
Мушкил, ки хешро натавонанд бозёфт,
Онон, ки гум шуданд дар он рӯи чун маҳаш.
Фарёди ман зи нолаи Хусрав, ки ҳар шабе
Хуфтан наметавон зи нафири илаллаҳаш.

* * *

Дидам чу офтобе дар сояи кулоҳаш,
Соя гирифта маҳро з-он турраи сиёҳаш.
Ӯ чашм дошт бар ман, ман зулфи ӯ гирифтам,
Бошад, ки зинда монам з-он ғамза дар паноҳаш.
Дил рафту дар занахдон –ш овоз додам ӯро,
Гуфт: «Инакам муаллақ дар нимароҳи чоҳаш».

Зулфаш чу гашт бар рӯ, пешаш намоз бурдам,
Чун соя гашта дидам наздики чоштгоҳаш.
Бинвишт оразаш хат аз баҳри арзи хубӣ,
Инак, ба гарди ораз саф мекашад сипоҳаш.
Ман чашм менаёрам, к-аз вай нигоҳ дорам,
Ё Раб, магар ту дорӣ аз чашми ман нигоҳаш.
Кард он гунаҳ, ки Хусрав бахшида хост бӯсе,
Бахшиданист, ҷоно, гар ҳаст ин гуноҳаш.

* * *

Моему шабеву ёр дар пеш,
Ҷоми маи хушгувор дар пеш.
Вақти чаману шукуфта боғе,
Бе заҳмати хор-хор дар пеш.
Гул омадаву хазон гузашта,
Дай рафтаву навбаҳор дар пеш.
Дастам ба лабу назар ба рӯяш,
Май бар кафу лолазор дар пеш.
Рафт он, ки чу ғунча буд якчанд,
Дарбаставу пардадор дар пеш.
Имрӯз чу шохи гул ба сад лутф
Омад зи барои ёр дар пеш.
Эй даври фалак, агар туро ҳаст
Вақте беҳ аз ин, биёр дар пеш.
Миннат Ҳақро, ки ҳаст бо дӯст
З-ин гуна ҳазор кор дар пеш.
Хусрав, маи ноб каш, к-аз ин пас
Н-орад фалакат хумор дар пеш.

* * *

Гаҳ-гаҳ назаре боз мадор аз мани дарвеш,
Чун мунъими бахшанда ба дарюзаи дарвеш.
Моро дили садпораву лаълат намаколуд,
Зинҳор, ки то рӯзи аҷал беҳ шавад ин реш.
Ҳусни ту фузун боду ҷафои ту фузунтар,
То дарди дили хастаи мо беҳ нашавад беш.
Ҷоно, бикуш акнун ту бад-он гуна, ки донӣ,
К-он сабр намонда-ст, ки мекардам аз ин пеш.
Хуш бош, ки он ғамзаи хунрези ту моро
Чандон нагузорад, ки кушоӣ ту сари хеш.
Эмин зи ҷафои ту наям бо ҳама пурсиш,
Қассоб на аз меҳр кунад тарбияти меш.
Соқӣ, манигар ту ба қадаҳ бар кафи ман неҳ,
То ғарқа шавад ин хиради маслиҳатандеш.
Имони ман андар шикани зулфу бутон рафт,
Кофир кунадам дил, ки агар гардам аз ин кеш.
Эй он ки занӣ таънаи Хусрав зи паи ишқ,
Ту фориғӣ аз дард, ки ман хӯрдаам ин пеш.

* * *

Турки ман сар макаш зи пардаи хеш,
Даркаш, охир, инони зардаи хеш.
Дармаяндоз нотавониро
Бо фироқи ҳазор мурдаи хеш.
Назаре кардаму чунон гаштам,
Ки пушаймон шудам зи кардаи хеш.
Мутриб аз нолаам чунон шуд маст,
Ки фаромӯш кард пардаи хеш.
Соқиё, хуни ман бихур ба тамом,
Май бидеҳ лек нимх(в)ардаи хеш.
Ба ғуломӣ наярзадат Хусрав,
Ту фузун кун баҳои бардаи хеш.

* * *

Чандин шабам гузашт ба кунҷи хароби хеш,
Нуре надодиям шабе аз моҳтоби хеш.
Рӯе чунон мапӯш зи ушшоқ, к-аҳли дил
Аз ташнагон дареғ надоранд оби хеш.
Дӣ сер дидам он лабу гаштам хароб, аз он-к
Нашнохт ҷони ташна қиёси шароби хеш.
Ӯ ҳол пурсад аз ману гиря диҳад ҷавоб,
Фарёди ман зи гиряи ҳозирҷавоби хеш.
Маъмураи мурод чӣ гӯям, ки ҷони ман
Хӯ карда бо харобаи айши хароби хеш.
Аз ишқ сӯхтам, чӣ кунам чун зи рӯзи бад
Субҳи дурӯғ медамадам з-офтоби хеш.
Бинам шабаш ба хобу зи мастию бехудӣ
Гӯям ба дард бо дару девор хоби хеш.
Гар на кабоб кардани дилҳо шудаш ҳалол,
Он мастро биҳил накунам ман кабоби хеш.
Гар назди дӯст куштани ошиқ савоб шуд,
Хусрав на дӯстест, ки ҷӯяд савоби хеш.

* * *

Аз хаданги ғамзаи дилдӯзи хеш
Пора созам сина баҳри сӯзи хеш.
То шаби ҳиҷрони нохуш даррасид,
Баъд аз он ҳаргиз надидам рӯзи хеш.
З-ошноён бар сари болини ман
Нест ғайр аз шамъ кас дилсӯзи хеш.
Дар хазони ҳаҷраш аз дасти рақиб
Аз висолат кай расад наврӯзи хеш.
Аз рухат бар осмон маҳ шуд хиҷил,
Дар чаман ҳам бӯстонафрӯзи хеш.
Вораҳам аз меҳнати ҳиҷрон тамом,
Гар биёбам толеъи фирӯзи хеш.
Хусраво, дар кунҷи танҳоӣ магӯй
Рози дил бо ҷони ғамандӯзи хеш.

* * *

Пеши чашми худ магӯ, гар бо ту гӯям сӯзи хеш,
З-он ки медонӣ мизоҷи ғамзаи кинтӯзи хеш.
Ғамзаро бар қалби шоҳон зан, ки не мардонагист
Бар гадоён озмудан ханҷари фирӯзи хеш.
Ман чу гардам кушта гаҳ-гоҳе бигардонӣ ба зулф,
Ҷони ман гирди сари он новаки дилдӯзи хеш.
Ҳамраҳи ҷон кардам аз ҷавлон-т гарде, то кунам
Тӯшаи фардои ҳашр ин неъмати имрӯзи хеш.
Хок шуд ҷонҳо ба раҳ, мапсанд, аз баҳри худо,
Ин ғубори ғам бар он рӯи ҷаҳонафрӯзи хеш.
Ҳар шабе пеши чароғе сӯзи худ гӯям, аз он-к
Сӯхта бо сӯхта берун фишонад сӯзи хеш.
Дар дилам боз омад ӯ, ёрӣ кун, эй хуни ҷигар,
То бигирям зор ман бар рӯзгору рӯзи хеш.
Банда, Хусрав, бар рух аз хун ҳарфи бесабрӣ навишт,
То кунад таълими расвоӣ ба сабромӯзи хеш.

* * *

Маро корест мушкил бо дили хеш,
Ки гуфтан менаёрам мушкили хеш.
Хаёлат донаду ҷони ману ғам,
Ки ҳар шаб дар чӣ корам бод или хеш.
Зи вопасмондагон ёде кун, охир,
Чӣ ронӣ тунд, ҷонон, маҳмили хеш.
Маро дар аввалин манзил раҳ уфтод
Туро хуш бод роҳи манзили хеш.
На ман з-он гуна дар дарё фитодам,
Ки боз оям дигар дар соҳили хеш.
К-ам аз ҷавлоне, охир, дар раҳи ту
Чу Хусрав хок кард обу гили хеш!

* * *

Гар на ман девона гаштам з-ин дили бадноми хеш,
Баҳри чӣ гӯям сабову мурғро пайғоми хеш.
Чун дарояд шом, оташ дар дилам гирад зи ҳаҷр,
Хуш чароғе мефурӯзам ҳар шаб андар шоми хеш.
Рафт хобам ногаҳон, чанд аз хаёли мӯи ту
Силсила бандам ба пои ҷони беороми хеш.
Нест чун бахти висолам, баҳри сабр аз хуни дил
Ҳардаме якҷо нависам номи ту бо номи хеш.
Сад самуми фитна з-оҳи халқ сӯят мевазад,
Рӯй пинҳон кун, бибахшо дар рухи гулфоми хеш.
Кист Хусрав, то лаби худ ранҷа дорӣ дар ҷафо-ш,
Инчунин ҳам ҷо ба ҷо зоеъ макун дашноми хеш.

* * *

Солҳо хун хурдаам аз бахти бесомони хеш,
То замоне дидаам дар ёри нофармони хеш.
Аз хаёли ӯ чӣ нолам, рафт чун корам зи даст,
Ман ба хуни хеш парвардам балои ҷони хеш.
Баски худро гум кунам шабҳо ба гирди кӯи ту,
Раҳ наёбам боз сӯи хонаи вайрони хеш.
Зери дандонам, ҳамон дардам, ки хезад, бас бувад
Бе ту чун ангушти ҳасрат хоям аз дандони хеш.
Гар кушандам баҳри ӯю пеши вай оташ зананд,
То ҳамесӯзам, ҳамебинам рухи ҷонони хеш.
Шаҳсавори ошиқонро дар раҳат сар хок шуд,
Ту куҷо дорӣ сари девонаи якрони хеш?!
Мекашам хоки дарат дар чашму шуста мешавад,
Чанд хуноба хурам з-ин дидаи гирёни хеш?
Аз ҷафои туст хун андар дили Хусрав мудом,
Аз вафо набвад, ки бошам дар паи сомони хеш.

* * *

Танҳо ману дилеву ғаме баҳри ҷони хеш,
Машғул бо хаёли касе дар ниҳони хеш.
Н-овард бод бӯе аз он боғу мурғи ҷон
Наздик шуд, ки барпарад аз ошёни хеш.
Хуш вақти мо, чу аз паи мурдан ба чашми ҷон
Бинем хоки кӯи ту дар устухони хеш.
Бигзор, к-аз забони кафи по-т обила кунам,
К-аз зикри ту чу обила кардам забони хеш.
Дар худ гумон барам, ки ту з-они маниву боз
Кам кардам аз чунин ғалате дар гумони хеш,
Бахти бад ар зи кӯи ту моро бурун фиганд,
Кам гир хок аз шарафи остони хеш.
Рафт аз дари ту Хусраву инак ба ёдгор
Аз хуни дил гузошт ба ҳар ҷо нишони хеш.

* * *

Ҳар кас нишаста шод ба кому ҳавои хеш,
Бечора ман асири дили мубталои хеш.
Ҳам ҷон даруни ин дилу ҳам дӯст, ваҳ, ки ман
Хунобаҳо хурам зи дили бевафои хеш.
Фардост ар ба банда ҷудоӣ, дило, биё,
К-имрӯз навҳае бикунам аз барои хеш.
То ман аз они дил шудаму дил аз они дӯст,
Ин ҷони ман киёи ману ман киёи хеш.
Ҷоно, расам ба кӯи ту, ман он кабӯтарам,
К-ояд ба меҳмонии шоҳин ба пои хеш.
Боранда бар ту новаки оҳу манат зиреҳ
Борам зи оби дида заводи дуои хеш.
Хусрав зи хеш баҳри ту бегона шуд, чунон-к
Гӯё, ки ҳеҷ гоҳ набуд ошнои хеш.

* * *

Халқ ба ҳар кору ман бар сари савдои хеш,
Дар ҳавасе ҳар касе, ман ба таманнои хеш.
Гӯяд ҳамсоям, дар шабат ин нола чист?
Мӯяи худ мекунам бар тани танҳои хеш.
Сина ба топоку ман бингарам аз бими ҷон,
Чанд уқубат кунам бар дили шайдои хеш.
Ман чу намебинамат, лутф гаҳе кун ба ман,
Бин на яке ҷои худ, балки ҳама ҷои хеш.
Ҳусн фурӯзӣ ба дил, ноз фурӯшӣ ба ҷон,
Саҳл чунин ҳам макун қиммати колои хеш.
Дар дили тангам ҳаме ҷуз ту нагунҷад касе,
Курта аз ин беҳ махоҳ чуст ба болои хеш.
По чу ба кӯят ниҳам, ғайрати кӯи туро
Сурмаи дида кунам хоки кафи пои хеш.
Ман чу зи андӯҳи ишқ ҷон набарам, лек ту
Холи маломат манеҳ бар рухи зебои хеш.
Дар ҳақи Хусрав фитад, ҳайф, ки зоеъ кунӣ
Раҳмати имрӯзи худ аз паи фардои хеш.

* * *

Эй ҷафо омӯхта аз ғамзаи бадхӯи хеш,
Некуӣ н-омӯзӣ, охир, аз рухи некӯи хеш.
Меравӣ дар роҳи бедоду ҷафо аз хӯи бад,
Бад набошад, гар даме боз истӣ аз хӯи хеш.
Чун танам аз нотавонӣ мӯй шуд бе ҳеҷ фарқ,
Фарқ кун, гар метавонӣ аз танам то мӯи хеш.
Чун ба паҳлӯи худам дар ранҷу бас тарсам, ки пеш
Хештанро ҳам бибинам баъд аз ин паҳлӯи хеш.
Рӯи ман аз ашку рӯят аз сафо оина шуд,
Рӯи худ дар рӯи ман бин, рӯи ман дар рӯи хеш.
Якдам, эй ойинаи ҷон, рӯ намо, то ҷо кунам
Бар кафи дасти худат ё бар сари зонуи хеш.

Чашм бошад зери абрӯ в-ар ту бошӣ чашми ман
Аз азизӣ шонамат болотар аз абрӯи хеш.
Аз низорӣ ончунон гаштам, ки гар мебингарам,
Метавонам дидан аз як сӯй дигар сӯи хеш.
Як шабе дуздида мехоҳам, ки оям сӯи ту,
Гар шафеъи авф бошӣ бар сагони кӯи хеш.
Гар хаёли қоматат андар сари сарв уфтад,
Сарнагун ҳамчун хаёли худ фитад дар ҷӯи хеш.
Гӯши ҳинду пора бошад в-ар манам ҳиндуи ту,
Пора кун гӯшу макун пора дили ҳиндуи хеш.
Ҳар замон гӯӣ, ки Хусрав ҷодуӣ чун мекунӣ,
Ин мапурс аз ман, бипурс аз ғамзаи ҷодуи хеш.

* * *

Шуд он ки пои маро бӯса мезанад авбош,
Биёр бода, ки гаштам қаландару қаллош.
Маро зи миқнаи зоҳид кунед хирқаи зуҳд,
К-аз ин либос фурӯ пӯшам он ибодати фош.
Манам зи ишқи ту хашхоши зарра-зарра, вале
Ба матта чанд тавон сар бурид аз хашхош.
Шудем мо ҳама бепӯст, баски чеҳраи мо
Бар остонаи симинбарон гирифт харош.
Ба базми он ки дуое кунанд аҳли сафо,
Зиҳӣ, саодат, агар таънаам зананд авбош.
Агар зи ҳома кач афтод нақши мо, чӣ кунем,
Чӣ гуна айб тавонем кард бар наққош?
Набуд бар дари масҷид чу, Хусраво, борам,
Гарав ба хонаи хаммор кардам ин тани лош.

* * *

Гар маро бо бахт коре нест, гӯ, ҳаргиз мабош!
В-ар ба сомон рӯзгоре нест, гӯ, ҳаргиз мабош!
Сар ба хишти меҳнатам хуш гуфт, гар тоҷи саре
Баҳри чун ман хоксоре нест, гӯ, ҳаргиз мабош!

Ман харобу масту ёрон ҷумла гирд орад маро,
Гар ба маҷлис ҳушёре нест, гӯ, ҳаргиз мабош!
Ишқбозӣ бо хаёли ёр ҳам шабҳо хуш аст,
Гар аз ӯ бӯсу каноре нест, гӯ, ҳаргиз мабош!
Сархушам аз дурди дард, ар софии айшу тараб
Баҳри чун ман дурдхоре нест, гӯ, ҳаргиз мабош!
Маҷлиси айш асту ҷуз Хусрав ҳама мастанд, агар
Нокасеву нобакоре нест, гӯ, ҳаргиз мабош!

* * *

Абре хуш асту вақти хуш асту ҳавои хуш,
Соқии маст дода ба мастон салои хуш.
Овони хуш расиду ҳарифони айшро
Гашт ошнои ҷону зиҳӣ, ошнои хуш.
Имрӯз порсоии зоҳид зи безарист,
Ку зар, ки бехабар шавад он порсои хуш?
Гарчи дуои тавба хуш аст, эй фаришта, ҳон,
То сӯи осмон набарӣ ин дуои хуш.
Мастони ишқро дилу ҷон вақфи шоҳид аст,
Ҳуҷҷат зи хатти соқиву мутриб гувои хуш.
Бе рӯи хуб хуш набувад дил ба ҳеҷ ҷой,
Гул гарчи хубрӯ буваду боғ ҷои хуш.
Ишқи бутон агарчи балоест ҷонгудоз,
Хусрав ба ҷону дида харид ин балои хуш.

* * *

Шуд дили ман хун зи доғи ҳаҷри ӯ, ё Раб, каяш
Бинаму аз дидаву дил оварам нуқлу маяш?
Дӣ ба раҳ буд ӯ равону ман фитодам бар замин,
Мешуд ӯ чун офтобу ман чу соя аз паяш.
Шарҳи равзанҳо, ки аз тири ту дорад синаам,
То бигӯяд пеши ту, бинвоз як дам чун наяш.
То зи тоби оразаш халқе бисӯзад ҳар замон,
Мезанад бар оташи рухсори ӯ оби хаяш.

Он ки бар хоки дарат лоф аз гадоӣ мезанад,
Кай ба пеши чашм ояд шоҳии Руму Раяш.
Роҳи ишқ ин аст, агар бисёр Хусравро ҳанӯз
Раҳ бибояд кард то водӣ дар ин манзил тауш.

* * *

Мушки тар бар маҳ парокандию шаб мехонияш,
Барги гулро пуршакар кардию лаб мехонияш.
Офтоби нимрӯзию ба хидмат карданат
Мерасад хуршед, агар дар ними шаб мехонияш.
Ҳаст бар хуршед пешат номи хуршедӣ хато,
Ту бад-ин ном аз паи ҳусни адаб мехонияш.
Нусхае, к-аз хатти туст андар дили сӯзони ман,
Сеҳри оташбанд ё таъвизи таб мехонияш?
Лаб рутаб созиву он гаҳ хаста аз дандон кунӣ,
Хаста аз дандони ман кун, гар рутаб мехонияш.
Моҳи ман, зулфи занабвашро чӣ мегирӣ ба даст,
Моҳ кай гирад занаброо, чун занаб мехонияш?
Нолаи ушшоқро шӯру шағаб гуфтӣ зи чист,
Нафхи сур аст ин, ки ту шӯру шағаб мехонияш.
Бо рақибат нест кору хонияш медонам ин,
То маро сӯзӣ зи ҳасрат, бесабаб мехонияш.
Саҷда кардан пеши тоқи абруят аз дӯстӣ,
Фарз шуд бар Хусрав, ар ту мустаҳаб мехонияш.

* * *

Агарчи пурсиши ман нест рояш,
Раҳо кун, то бимирам зери пояш.
Заминро баҳра з-он пову сарам дур
Ба ғайрат ҳар дам аз хоки сарояш.
Сари ман дар каманду шаҳ ба ҷавлон,
Чӣ ғам медоранд аз муште гадояш?
Чу аз мо рафт, ҷон, эй ёри бемеҳр,
Бидор, ар метавонӣ дошт ҷояш.

Туро хунрези ошиқ нест ҳоҷат,
Ки ҳиҷрон нек медонад сазояш.
Шароби шавқ, к-аз ҷаннат дилам хӯрд,
Гуворо бод он нуқли балояш.
Ту куш ёро, ки хоҳад мурд бе ту,
Ки Хусрав кард худро озмояш.

* * *

Он сухан гуфтани ту ҳаст ҳанӯзам дар гӯш
В-он шакархандаи ширини ту аз чашмаи нӯш.
Гиря меоядам аз дур ба овози баланд,
Ки аз он гиря намеоядам овоз ба гӯш.
Сарвқад аз чамани сабз ба берун чӣ равӣ,
Сар бурун нозада аз лолаи тар марзангӯш.
Дӯш дар хоб бидидам рухи чун хуршедат,
Ними шаб рӯз шуд аз шуълаи оҳам шаби дӯш.
Эй ба хашм аз бари ман рафтаву танҳо хуфта,
Чашмро гӯй, ки чандин тарафи хоб бипӯш.
Хусраво, гарм бурун меравадат хоб аз чашм,
Деги дил шуд магар аз пухтани савдо хомӯш?

* * *

Шод бош, эй шаби фархундаи дӯш,
Ки фалон буд маро дар оғӯш.
На ҳаме сер шуд аз рӯяш чашм,
На ҳаме пур шудӣ аз қавлаш гӯш.
Моҷарои дили хунгаштаи ман
Дида мерехт бурун, ман хомӯш.
Маст будам хабар аз хеш надошт,
Бодаро гарчи намекардам нӯш.
Ӯ ҳамегуфт сухан, ман ҳайрон,
Ӯ ҳамехӯрд маю ман беҳуш.

Эй ки он рӯи надидӣ, зинҳор,
Гар муқобил шавияш, дида мапӯш.
Ҳаст бозори ту дар дилҳо гарм,
Ҳусн чандон ки тавонӣ, бифурӯш.
Нолаи Хусрав бишнав, ки хуш аст
Бар дари шоҳ фиғони човуш.

* * *

Масту лояъқил гузаштам аз дари майхона дӯш,
Солике дидам нишаста пеши пири майфурӯш.
Гашта аз дунёву мофиҳо ба куллӣ ихтиёр,
Аз паи як ҷуръа май бар бод дода ақлу ҳуш.
Мутрибон афтода бехуд ҳар яке бар як тараф,
Аз нафир осуда чангу аз фиғон барбат хамӯш.
Шамъи маҷлис истода зарду ларзону низор,
Оташе бар сар давида, омада хуш-хуш ба ҷӯш.
Хостам то бигзарам з-он дар, ки ногаҳ аз дарун
Чашми солик бар ман афтоду даромад дар хурӯш,
Гуфт: «Эй ғофил, куҷоӣ? Чанд гардӣ ҳар тараф,
Бигзар аз хешу даро в-аз шурби мо як ҷуръа нӯш!
Ту ҳам аз дурдикашон шав дар хароботи муғон,
То биёбӣ ҳар чӣ хоҳӣ, ин насиҳат дор гӯш».
Нест дархурди ту Хусрав, ин ҳикоятҳо, бирав,
Оташе чандон надорӣ, беҳуда чандин маҷӯш.

* * *

Дуздона даромад аз дарам дӯш,
Афканда каманди зулф бар дӯш.
Бархостаму фитодам аз пой,
Чун ӯ бинишаст, рафтам аз ҳуш.
Гаштам ба назораи ҷамолаш,
Ҳайрону харобу масту беҳуш.

Он наргиси ниммасти ҷоду-ш –
Оҳубарае ба хоби харгӯш.
Ҳар кас, ки бибинадат ба як рӯз,
Мулки ду ҷаҳон кунад фаромӯш.
Бе рӯи ту нӯш мешавад неш
В-аз дасти ту неш мешавад нӯш.
Як ҳалқа ба гӯши Хусрав андоз,
К-ӯ бандаи туст, ҳалқадаргӯш.

* * *

Таолиллаҳ, чӣ давлат доштам дӯш,
Ки буд он бахти бедорам дар оғӯш.
Чу дар гирди сари худ гаштанам дод,
Зи шодӣ пои худ кардам фаромӯш.
Дар он чашме, ки на хуфта, на бедор
На беҳуш будам аз будан на боҳуш.
Хуш он соат, ки гоҳи гуфтани роз
Даҳонам буд наздики баногӯш.
Чӣ савдо мепазӣ, эй ҷони ширин,
Магас хуфта, чӣ бинад шарбати нӯш.
Ду-се бор, эй хаёли ёр, бо ман
Бигӯ хобе, ки дидастам шаби дӯш.
Фиғони Хусрав аст аз сӯзиши дил,
Бинолад дег, чун з-оташ кунад ҷӯш.

* * *

Эй лаби чун шакарат чашмаи нӯш,
Эй рухи чун қамарат ғорати хуш.
Вараќи гул бидарида-ст сабо,
То бидид он хати чун марзангӯш.
Ҳар дам аз рӯи хайолудаи ту
Лоларо хуни дил ояд дар ҷӯш.

Дили ушшоқ чунон мебибарӣ,
Ки хабар менашавад гӯш ба гӯш.
Кай бувад он ки нишинам бо ту
Бода дар дасту гул андар оғӯш.
Ман қадаҳ дер надорам бар даст,
То ту мастона нагӯӣ, ки бинӯш.
Лаб ниҳам бар лаби лаълат в-он гаҳ
Май лаболаб кунаму нӯшонӯш.
Хусраво, тавба чу не дар ҳади туст,
Боре андар тарабу мастӣ кӯш.

* * *

Дили ман дастбозӣ мекунад ҳар лаҳза бо мӯяш,
Маозаллаҳ, ки гар ногаҳ бибинад чашми бадхӯяш.
Гаҳе, к-аз дар бурун ояд ба айёрию раъноӣ,
Зиҳӣ, тороҷи ҷону дил ба ҳар сӯ, к-уфтад ҳӯяш.
Гирифта оташ андар ҷону месӯзад ҳама ҳастӣ,
Ман аз худ бехабар машғул дар наззораи рӯяш.
Ба нармӣ шона кун мӯяш, ту, эй машшота, к-аз дардаш
Раги ҷон бигсалад моро, мабодо бигсалад мӯяш.
Гузашта-ст он, ки мастам кардӣ аз бӯяш сабо, акнун
Харобам ҳам ба бӯи худ, ки аз ман мезанад бӯяш.
Чӣ айш аст ин, ки ман ин ҷову ҷони ман бари раъно,
Давон саргашта, ҳамчун гирдбоде бар сари кӯяш.
Дили гумкарда меҷустам миёни хоки кӯи ӯ,
Ба ханда гуфт: – «Эй Хусрав, нахоҳӣ ёфт, меҷӯяш!»

* * *

Назар зи дида бидуздам, ки нангарам рӯяш,
Ки дида низ нахоҳам, ки бингарад сӯяш.
Маро ба дида дарун хоб аз куҷо ояд?
Ки шаб намонда ба олам зи партави рӯяш.
Вале, зи рӯяш агар дар ҷаҳон намонд шабе,
Ҳазор шаб натавон сохта зи як мӯяш.

Зи фарқ то ба қадам гашт моҳи навпаҳлу
Бад-он умед, ки паҳлу ниҳад ба паҳлӯяш.
Зи гиря ойина гашта-ст рӯи зонуи ман,
Ки ойина зи чӣ шуд ҳамнишини зонуяш.
Ба мардумӣ агар оям ба кӯи ӯ рӯзе,
Сагам кунад ба фусунҳои чашми ҷодуяш.
Бад-ин сифат, ки кунад, коми айшро ширин,
Шароби талх намонад ба талхии хӯяш.
Хуш он касе, ки кунад ҷуръае зи ҷоми лабаш,
Ки маст гашт чу Хусрав ҷаҳоне аз бӯяш.

* * *

Он чашми сухангӯй нигар в-он лаби хомӯш
В-он талхии гуфтору шакархандаи чун нӯш.
Расво шудам аз ҳолати худ, з-он ки ҳама ҷост
Рухсора ба гуфтору мани дилшуда хомӯш.
Пӯшида намонд оташи ман дар тани чун коҳ,
Он шуъла баромад, ки нуҳуфтем ба хаспӯш.
Ман донаму ҷоне, ки ба тан кош, набудӣ,
То ҳаҷр чӣ сон кард, сазои дили ман дӯш.
Ту хоҳ, дило, хуш шаву хоҳӣ, бирав, эй ҷон,
К-он шӯх нахоҳад шудан аз сина фаромӯш.
Эй доми малакзулф, ту дилҳо чӣ кунӣ сайд,
Юсуф, ки азиз аст, ба қалбе ду-се мафрӯш.
Умрам шуда, рӯзе ба рухат сер надидам,
Зеро, ки ту меоиву ман меравам аз ҳуш,
Анбӯҳи гадоёни ҷамол аст ба кӯят,
Мапсанд, ки маҳрум шавам кушта дар он ҷӯш.
Оташ бувадам бе ту ба огандани дӯзах,
Гар лола кашам дар бару гар сарв дар оғӯш.
Гар лутфу карам нест кам аз зарбати теғе,
Боре бираҳад ин сари тангомада аз дӯш.
Аз раҳ задани Хусрав агар мункирӣ, эй шӯх,
Он дузди сияҳро чӣ нишонӣ ба баногӯш?!

* * *

То шуд зи матлаи ғайб хуршеди ҳусн толеъ,
Ушшоқи бенаворо масъуд гашт толеъ.
Мо аз ҷаҳон малулем, аз хешу ғайр фориғ,
Гашта ба нимҷуръа дар кунҷи дайр қонеъ.
Соқӣ, биёр ҷоме, к-аз худ раҳам замоне,
Магзор, то гузорам бе бода умр зоеъ.
Ҷуз ҷоми ту нанӯшанд ушшоқ дар харобот,
Ҷуз номи ту нагӯянд зуҳҳод дар савомеъ
Чун қилу қоли ҳар кас бо маст дарнагирад,
Дар ҳаққи мо набошад панди фақеҳ нофеъ.
Ҳоли даруни пурхун аз халқ чун бипӯшам,
Чун карда пеши мардум ашкам баёни воқеъ.
Бигзар, зи хеш, Хусрав, гар васли ёр ҷӯӣ,
З-он рӯ, ки нест ҷуз ту дар роҳи васл монеъ.

* * *

Чу меҳр мекунад аз машриқи пиёла тулӯъ,
Шавад мунаввар аз анвори ӯ ҷаҳон маҷмӯъ.
Ҷаҳони пир чу равшан шуд аз фурӯғи қадаҳ,
Чӣ бок, агар накунад офтоби чарх тулӯъ!
Ҷамоате, ки ба тақвову шаръ мекӯшанд,
Чаро ба бодапарастӣ намекунанд шурӯъ?!
Фақеҳи шаръ, ки моро ба май кунад такфир,
Ба умри хеш накардаст саҷдае ба хузӯъ.
Магӯй панд ба Хусрав, аз ӯ гузар воиз,
Ки панди халқ бувад назди маст номасмӯъ.

* * *

Шоҳи ҳуснӣ в-аз матои некувон дорӣ фароғ,
Меназебад бад кунӣ дар пеши мискинон димоғ.
Доғи ҳиҷронам на бас, ҳолам ба рух ҳам менамой,
Чанд сӯзам, ваҳ, ки доғе менихӣ болои доғ.
Беҳтарин ҳоҷот он, к-ойӣ шабе пешам чу шамъ,
Менихам аз сӯзи дил ҳар шаб ба ҳар масҷид чароғ.
Оби чашмам гуфт ҳолу бар дарат з-ин пас барор,
Ҳам ту медонӣ, ки навбад бар расулон ҷуз булоғ.
Ғунчаи дил пора кардам, чунки бар бод омадам,
З-он ки будам бо гули хандони ту як дам ба боғ.
Ҳаст нолон сӯхтаҷонам мудом, эй кабки ноз,
Гар зи мурдор устухоне бишнавӣ бонги калоғ.
Ақлу дин, алҳамдулиллаҳ, рафт, з-ин пас мову ишқ,
Ёфт чун Хусрав зи суҳбатҳои бедардон фароғ.

* * *

Гул зи бими бод зери парда медорад чароғ,
Оре-оре, бодро тоқат намеорад чароғ.
Ҳар шабе Парвин, ки акси хеш дар об афканад,
Осмон, гӯӣ, миёни об мекорад чароғ.
Барг мерезад зи гул, донам, хазон хоҳад расид,
Меҳмон ояд ба хона, чунки гул борад чароғ.
Чун дарафтад барқ дар абри сияҳ, наззора кун,
Абрро шаб донаду онро чӣ пиндорад чароғ?
Абрҳо тира-ст, нагзорам маи равшан зи каф,
Кас ба торикӣ равон аз даст нагзорад чароғ.
Бе чароғи май ҷаҳон бар дидаи Хусрав шаб аст,
Соқии хуршедрӯе ку, ки биспорад чароғ?

* * *

Расид дӯш нидое аз ин баландравоқ,
Ки эй муқими завоёи шаҳрбанди фироқ!
Дар ин ҳазиз чаро гаштаӣ чунин маҳбус,
Гузар чу тоири қудсӣ зи авҷи ин нуҳтоқ.
Мунофиқанду риёӣ ҷамеъи аҳли башар,
Биё, ба суҳбати ёрони бериёву нифоқ.
Туро ба рӯзи азал бо ҳабиб аҳде буд,
Чӣ омадат, ки фаромӯш кардаӣ мисоқ?
Марав ба қавли мухолиф ба ҳарза роҳи Ҳиҷоз
В-агарна роҳ наёбӣ ба пардаи Ушшоқ.
Касе, ки маскани аслӣ-ш олами улвист,
Чӣ мекунад ба Хуросон, чӣ меравад ба Ироқ?!
Зи хеш бигзару бозой сӯи мо, Хусрав,
Ки нест хуштар аз ин ҷой дар ҳама офоқ.

* * *

Эй зи савдои ту дар дил равнақи бозори ишқ,
Марҳами ҷонхост аз ёди лабат озори ишқ.
Дӣ, ки мерафтӣ ба пеши ошиқон ғамзазанон,
Дигарон бисмил шуданду ман шудам мурдори ишқ.
Ман бад-он назрам, ки гар мирам ба сӯям бингарӣ,
Бин, ки чун ман чанд кас мурда-ст дар бозори ишқ.
Теғи худ бигзор, то номи ту бигзорам, аз он-к
Воми маъшуқ аст сар бар гардани айёри ишқ.
Ошиқ ар бар зистан мирад, рухаш бинмой сер,
То бимирад з-он муфарраҳ ҷонканон бемори ишқ.
Аз дуоят ман чу, эй зоҳид, нагаштам некбат,
Ту биё, боре чу ман бадбахт шав дар кори ишқ.
Он ки бедорӣ-ш баҳри хоби хуш бо шоҳид аст,
Шоҳидаш дон, он ки ҳақ аст инчунин бедори ишқ.
Хусраво, бо ҷону дил ҳам қиссаи ҷонон магӯй,
З-он ки натвон гуфт бо номаҳрамон асрори ишқ.

* * *

Дӣ маст мерафтӣ, бутo, рӯ карда аз мо як тараф,
Шабдезро мутлақ инон печида, аммо як тараф.
То бар рухи зебои ту афтода зоҳидро назар,
Тасбеҳи зуҳдаш як тараф монда, мусалло як тараф.
Тире, ки дӣ зад бар дилам, пайдост то ғоят ба ман,
Пайкону килкаш як тараф, сар як тараф, по як тараф.
Султони хубон мерасад, ҳар сӯ гурӯҳи ошиқон,
Човуши шаҳ ку, то кунад муште гадоро як тараф.
Нӯшин шароби лаъли ӯ, шуд маҷлиси мо бехабар.
Соқӣ, сурохӣ як тараф, мастони расво як тараф.
Ҷон Хусрави дилхастаро хун рехтан фармудааст,
Халқе ба миннат як тараф, он шӯх танҳо як тараф.

* * *

Дӣ мегузашту сӯи ӯ дилҳо кашон аз ҳар тараф,
Сад ошиқи гумкардадил сӯяш давон аз ҳар тараф.
Гулгуни нозаш зери зин, ғамзабалое дар камин,
Мемурд аз он пайкони кин пиру ҷавон аз ҳар тараф.
Жӯлидазулфи фитнахӯ, махмурчашми кинаҷӯ,
Мӯҳо парешон кардаву хунҳо чакон аз ҳар тараф.
Ҷонҳову дилҳо чун хасе, дар роҳи обаш ҳар касе,
Мерафт ҷону дил басе гесӯкашон аз ҳар тараф.
Дилҳои пурхуну ҷигар гирди камаргаҳ сар ба сар,
Чун лаълу ёқуту гуҳар гирди миён аз ҳар тараф.
Занҷири дилҳо сӯи ӯ, даллоли сарҳо хӯи ӯ,
Дар чорсӯи рӯи ӯ бозори ҷон аз ҳар тараф.
Каъба, ки ёраш меравад, лаббайки ҳоҷӣ бишнавад,
Гарчи ба побӯсаш равад сад корвон аз ҳар тараф.
Дар кунҷи ғам бечора ман бар ёди сарви хештан,
З-онам чӣ, к-ояд дар чаман сарви равон аз ҳар тараф?!
Чун бе ту дил носоядам, гар теғ бар сар оядам,
Чӣ бок аз он, гар оядам захми зиён аз ҳар тараф!

Як рӯз мирад чокарат пеши дарат, дур аз барат,
Фарёд хезад бар дарат: «Мискин фалон», – аз ҳар тараф.
З-ин пас, ки аз хӯи бадат оҳанги берун бошадат,
Тарсам, ки чун Хусрав садат гирад инон аз ҳар тараф.

* * *

Бӯстон ҷилва даргирифт инак,
Гул зи рух парда баргирифт инак.
Оташе лола барфурӯхт зи бод,
Домани кӯҳ даргирифт инак.
Булбул омад, нишаст бар сари гул,
Бенаво буд, зар гирифт инак.
Ғунча дар пеши фохта зи усул
Сабақе тоза баргирифт инак.
Вараqи ғунчаро, ки нам зада буд,
Варақаш якдигар гирифт инак.
Обро, гарчи чашмаҳо пок аст,
Бӯстонро ба бар гирифт инак.
Бед дар ларза гашту теғ кашид,
Обро раҳгузар гирифт инак.
Хор чун тез кард пайконро,
Гул ба сар з-ӯ сипар гирифт инак.
Шохи гулгун, ки боргири гул аст,
Ногаҳ аз бод баргирифт инак.
Мурғ мегуфт: – Гул нахоҳад рафт,
Лола, гӯӣ, камар гирифт инак.
Абр дар гиря шуд зи нолаи хеш,
Пардае танг дар гирифт инак.
Кард бар вай саҳоб рехтанӣ,
Боғро дурру зар гирифт инак.
Тӯтӣ оғози шеъри Хусрав кард,
Рӯи гул дар шакар гирифт инак.

* * *

Ду чашмат офати дилҳост ҳар як,
Ду зулфат укди мушкилҳост ҳар як.
Шиканҳое, ки дар зулфи каҷи туст,
Фаромушхонаи дилҳост ҳар як.
Нишеманҳо, ки бар хоки дари туст,
Зи баҳри дида манзилҳост ҳар як.
Кунанд ар ошиқонат хок бар сар,
Сазад, чун пой дар гилҳост ҳар як.
Мадеҳ панд аҳли дилро, зоҳид, аз он-к
Чу Хусрав масти ботилҳост ҳар як.

* * *

Турки сафедрӯю сияҳчашму лоларанг,
Мислат назод модари айём шӯху шанг.
Зулфи ту бар рухи ту ҳар он кас, ки дид, гуфт:
Бигрифт мулки Чину Ҳабаш подшоҳи Занг.
Бо тири чашми ҷодуву абрӯи чун камон
Дорӣ қаде кашидатар аз қомати хаданг.
Оҳусифат шикори дили ошиқон кунад,
Он шергир оҳуи чашми ту чун паланг.
Дар санг сим бошад в-ин турфатар, ки ту
Дорӣ даруни синаи симин диле чу санг.
Оби ҳаётам аз лабу дандон равон шавад,
Гар бӯсае ба банда диҳӣ з-он даҳони танг.
Бар назми Хусрав аз сари мастӣ сухан магир,
К-ӯ ҳаст дар ҳавои ту фориғ зи ному нанг.

* * *

Меравад ёру маро тимор мемонад ба дил,
Войи мискине, к-аш он рафтор мемонад ба дил.
Зистан душвор мебинам, к-аз он ғамза маро
Андак-андак ҳар замон озор мемонад ба дил.
Ваҳ, ки ҷонам бар лаб омад, чанд бехобӣ кашам,
К-андакаш мебинаму бисёр мемонад ба дил.
Панд мегӯӣ, вале маъзур дор, эй дӯст, з-он-к
Дил парешон дораму душвор мемонад ба дил.
Гар шавад ҷону дилам зеру забар, барҳақ бувад,
З-он ки зулфат ҳам бад-ин ханҷор мемонад ба дил.
Гар нахоҳӣ куштанам ғамзазанон, з-ин сӯ маё,
К-он мижа ҳар шаб маро чун хор мемонад ба дил.
Ин ҳам аз бахт аст, к-ат дар дил наёмад гуфти ман
В-арна аз Хусрав ҳамин гуфтор мемонад ба дил.

* * *

Мани мискин чӣ кунам, пеши кӣ гӯям ғами дил,
Ки зи ишқи ту ба ҷуз ғусса надорам ҳосил.
Эй сабо, ҳоли дили ман бари дидор бигӯ.
Ки ҷаҳоне зи ғами ишқи ту шуд лояъқил.
Ғофил аз ёди ту як лаҳза наям, то донӣ,
Зинҳор аз мани дилхаста нобошӣ ғофил.
Тамаъи дона кунад мурғ, ки дар дом афтад
В-арна дар доми ғаму ғусса наяфтад оқил.
Халқро майл ба ҳурони биҳиштӣ бошад,
Чӣ кунам нест маро ҷуз ба ту хотир моил.
Ба висоли ту бас уммеди вафо буд маро,
Оҳ, к-андеша ғалат буду тасаввур ботил.
Ба қиёмат барад аз ишқи ту ҳасрат Хусрав,
Ки ба ташрифи висоли ту нагардад восил.

* * *

Эй фарқ то ба пой ҳама орзӯи дил,
Оби ҳаёт ронда хаёлат ба ҷӯи дил.
Дил бастамат ба зулф, надонистам ин қадар,
К-аз вай чунин дароз шавад гуфтугӯи дил.
Умре ба гирди кӯи ту гаштам чу бедилон,
Не дил ба дастам омаду не орзӯи дил.
В-ар хуни дил хурам, накунам ҷуз дуои ту,
Зеро ки ман ба сӯи туам, не ба сӯи дил.
Чандин ки дил ҷафои туро шукр мекунад,
Шарманда ҳам намешавӣ, охир, зи рӯи дил.
Як мӯй аз сари ту мабодо, ки бигсалад,
Овехтӣ агарчи ба ҳар тори мӯи дил.
Хусрав ҳадиси дарди ту бовар куҷо кунад,
Зеро ки нест дар тани афсурда бӯи дил.

* * *

Мусулмонон бирафт аз дасти ман дил,
Чу дидам ончунон шаклу шамоил.
Ҷаҳонеро чу худ мебинам имрӯз,
Бар он шакду шамоил гашта моил.
Зиҳӣ сонеъ, худо, к-аз лутф бингошт
Бар ин сон сурате аз обу аз гил.
Набошад чун ҷамолат маҷлисафрӯз,
Агар хуршед биншинад ба маҳфил.
Дилам манзил ба зулфат кард, гӯӣ,
Нахоҳад рафт аз ин фархунда манзил.
Танам, к-аз хок гардад нақши меҳрат,
Зи наъши ҷон нахоҳад гашт зоил.
Маломат мекунад асҳоби моро,
Зи дарди мо магар ҳастанд ғофил?
Надорам тоқати дарди фироқат,
Фироқи дӯстон корест мушкил.
Дар ин раҳ, Хусраво, девона мебош,
Намебояд шунидан панди оқил.

* * *

Маро баҳрат хусуматҳост бо дил,
Кунун ё ман дар ин савдо ва ё дил.
Агар боди сари зулфат ҳамин аст,
Куҷо мову куҷо ҷону куҷо дил?
Зи ту дар гӯшаи абрӯ ишорат,
Зи мо ақлу зи мо ҷону зи мо дил.
Дил ар бегона гашт аз ман, наранҷам,
Ки ошиқро набошад ошно дил.
Ба хуни гарм дил пайваст бо ҷон,
Бад-ин сон чун тавон кардан ҷудо дил?
Маро гӯӣ, ки ҷон-т аз чист дар сӯз,
Бало шуд ҷон маро, ҷонро бало дил.
Бимондам дар балои дил, ки ё Раб,
Мабодо ҳеҷ касро мубтало дил.
Чӣ гӯяндам, ки дил неҳ, панд бишнав,
Ки сад манзил зи ман роҳ аст то дил.
Ба як дилдор бас кун, з-он ки Хусрав,
Набандад ҳеҷ ошиқ ҷо ба ҷо дил.

* * *

Дил рафт зи тан берун, дилдор ҳамон дар дил,
Афтод сухан дар ҷон, гуфтор ҳамон дар дил.
Гуфтам накунам ёдаш, моно, ки бимонад ҷон,
Шуд киса ҳама холӣ, таррор ҳамон дар дил.
Як шаҳр пур аз хубон, даҳ боғ пур аз гулҳо,
Сад ҷой ниҳам дида, дидор ҳамон дар дил.
Қурбон шаваме баҳраш, к-афзун шавад умраш,
Бо ҷони худ ин хоҳам, бо ёр ҳамон дар дил.
Озори чу тири ӯ, гӯянд, ки беҳ гардад,
Хуноба равон аз чашм, озор ҳамон дар дил.
Не бигсалам аз мӯяш, к-аз шарми мусулмонӣ
Танро ба намоз орам, зуннор ҳамон дар дил.
Дар Каъбаву бутхона, ҳар ҷо, ки равад Хусрав,
Дил бар дари ту бадхӯ, дилдор ҳамон дар дил.

* * *

Нигоро, суҳбат аз ағёр бигсил,
Гули хандони ман аз хор бигсил.
Нахуст аз банди ҷон пайванд бикшой,
Пас он гаҳ дӯстӣ аз ёр бигсил.
Надонам то кӣ гуфт он бевафоро,
Ки меҳр аз дӯстон як бор бигсил.
Бизан мутриб зи раҳмат «Роҳи Ушшоқ»,
Раги ҷону дили афгор бигсил.
Агар суда шавад абрешими чанг,
Гилеми сӯфиёнро тор бигсил.
Чаро менолӣ, эй булбул, чунин зор,
Намегуфтам дил аз гулзор бигсил?
Дарун бутхонаву берун муноҷот,
Мусулмон шав, дило, зуннор бигсил.
Каманди ишқро натвон гусастан,
Бирав сарриштаи пиндор бигсил.
Наёбӣ доди хубон, Хусрав, аз кас,
Бизан дасту инони ёр бигсил!

* * *

Зиҳӣ, зулфат шикаста нархи сунбул,
Гулистони рухат хандида бар гул.
Расонда хатти ёқути ту райҳон,
Кашида сар зи кофури ту сунбул.
Арӯсеро, ки ӯ соҳибҷамол аст,
Чу дарёбад, гараш набвад таҷаммул.
Чу реши хастагонро марҳам аз туст,
Макун дар кори мискинон тағофул.
Агар гулро набошад баргу пайванд,
Чӣ суд аз нолаи шабгири булбул?!
Ба ҷонат, к-он ки бар ҷон дорам аз ғам,
Набошад кӯҳи сангинро таҳаммул.

Чу аз зулфаш бад-ин рӯз уфтодам,
Ту низ, эй шаб, макун бар ман татовул.
Хушо он базми рӯҳонӣ, ки ҳар дам
Кунад мастӣ ба подоши тааққул.
Бизан мутриб, ки мастони сабӯҳӣ
Зи мул мастанду Хусрав аз тааммул.

* * *

Хаҳӣ дар ҳар назар чун хеш мақбул,
Чу ман сад беш дар пеши ту мақтул.
Кунам андар ҷаҳони ақлуדониш,
Чу панду маслиҳат дар ишқ маъзул.
Хайи мастӣ, ки аз рӯят чакида,
Бишуста дафтари манқулу маъқул.
Гурезон каж– каж аз болои ту сарв,
Накарда арз пеши қоматат тул.
Ту, эй нодон, ки ошиқро диҳӣ панд,
Макун дил дар ғами беҳуда машғул.
Шабе дидам Фалотунвор вайро,
Шуда дар ошиқӣ Маҷнуну Баҳлул.
Фурӯ хон қиссаи Ширину Хусрав,
К-аз ӯ Лайлию Маҷнун аст масҷул.

* * *

Хез, ки ҷилва мекунад, чеҳраи дилкушои гул,
Олами беходӣ хуш аст, хоса, ки дар ҳавои гул.
Нофакушой бӯстон сикка ба номи гул зада,
Хутбаи булбулон ҳама нест ба ҷуз санои гул.
Тоҷи мурассаъ оварад шоҳ зи ҳар шукуфае,
Тахти зумураддин ниҳад бахт ба зери пои гул.
Абр дуаспа меравад, баҳри назораи чаман,
Сарв пиёда мешавад пеши дари сафои гул.

Ҳайф бувад, ки моҳу гул хонамат аз сари ҳавас,
Эё ту беҳ аз ҳазор маҳ, чанд бувад бақои гул?!
Мастии Хусрав аз ту шуд, баҳри худо, чӣ ҷои май,
Шодии ман ба рӯи ту, бе ту ҷаҳон чӣ ҷои гул?!

* * *

Турки ман, рафтам зи кӯят, гар зи ман гаштӣ малул,
Хайр, ёдат, мекунам, як саҷдае фардо қабул.
Зӯру зар бошанд асбоби висол, аммо маро
Нест чизе ғайри зорӣ дар таманнои вусул.
Баски чашмам сели хун meборад аз ҳиҷрони ту,
Корвон дар раҳ намеёбад зи гил ҷои нузул.
Дам ба дам аз хуни дил бо ту нависам нома, лек
Ҷуз насими субҳдам дигар намеёбад расул.
Дар ҳарими каъбаи рӯҳониён, яъне, ки дил,
Ҷуз хаёли дӯст, касро нест имкони нузул.
То бихонад ояти ишқ аз хати мушкини ёр,
Рафт аз ёдамривоёти фурӯъи бевусул.
Оқилон гар ғофиланд аз ҳоли Хусрав, айб нест,
Аз маҷонин кай хабар доранд арбоби уқул?!

* * *

Шаб то ба рӯз хуни ҷигар нӯш кардаам,
Хуш ишратест ин ки шаби дӯш кардаам,
Май шуд ҳароми шаръ, вале ман чу ошиқам,
Бар ман ҳалол бод, ки хуш нӯш кардаам.
Гуфтӣ ба фарқ бар сари кӯям тавоф кун,
З-ин лутф пои хеш фаромӯш кардаам.
Ин сар, ки нест як нафас аз дарди ишқ дур,
Боре, чӣ меҳнат аст, ки бар дӯш кардаам.
Гар сарву лолае ба барам нест ин бас аст,
К-аз хуни дида лола дар оғӯш кардаам.

Букшед, ваҳ, маро, ки нахуфта-ст он нигор
З-он нолаҳо, ки шаб мани беҳуш кардаам.
Гӯянд, к-аз чӣ ошиқу девона гаштаӣ,
Гуфтори Хусрав аст, ки дар гӯш кардаам.

* * *

Ман, ки дур аз дӯстон в-аз ёр дур афтодаам
Мурғи нолонам, ки аз гулзор дур афтодаам.
Чун зиям, гар дил диҳандам халқу дилдорӣ кунанд,
Ман, ки ҳам аз дил, ҳам аз дилдор дур афтодаам.
Гар нахоҳам ёрие аз ҷону мирам дар фироқ,
Ҳақ ба дасти ман бувад, к-аз ёр дур афтодаам.
Пеши ҳар санге, ҳамерезам зи дил хунобае
Чун кунам, чун з-он дару девор дур афтодаам.
Гарчи ҳаҷрам кушт, ҳам шодам, ки боре чанд гоҳ
З-ин дили бадбахти бадкиридор дур афтодаам.
Эй, ки сомон ҷӯӣ аз ман, тарки ҷонам гир аз он-к
Солҳо шуд, то ки ман з-ин кор дур афтодаам.
Айши ман, гӯ, талх бош, эй ошно, ёдам мадеҳ,
З-он лаби ширин, ки Хусраввор дур афтодаам.

* * *

Ҷони ман аз ғамат чунон шудаам,
Ки зи ғамхорагӣ ба ҷон шудаам.
Ғами ҷон буд пеш аз ину кунун
Бикушам хешро, бар он шудаам.
Гар ту меҳмони ман шавӣ, худро
Аз аҷал як шабе замон шудаам.
Пандат, эй некхоҳ, кай шунавам
Ман, ки худ панди мардумон шудам.
Кӯҳи дардам, туро гунаҳ чӣ ниҳам,
Ки агар бар дилат гарон шудаам.

Гар сагони ту илтифот кунанд,
Дур аз он рӯи устухон шудаам.
Хор мангар, ки Хусравам, охир,
Ки ғуломи ту ройгон шудаам.

* * *

Кадом сӯй равам, к-аз фироқ амон ёбам,
Кадом рӯз шаби ҳаҷрро карон ёбам?
Зи тундбоди фироқам бирехт барги вуҷуд,
Куҷост бӯе аз он бӯстон, ки ҷон ёбам?
Забон намонд зи пурсиш, ҳанӯз натвон зист,
Агар ба ёфтанаш аз касе забон ёбам.
Ба ҳаҷр чанд канам ҷон, бимирам, ар як бор
Халос ёбаму бал, умри ҷовидон ёбам.
Чу ҷон диҳам ман аз он сӯ, бар, эй сабо, хокам,
Магар зи гумшудаи хештан нишон ёбам?
Ба ҷон ситонам, агар бод гарде орад аз ӯ,
Ки кимиёи саодат зи ройгон ёбам.
Зи офтоби ҷамолаш бисӯхтам, ё Раб,
Куҷо равам, ки аз ин рӯзи бад амон ёбам?
Ба хоб дод маро Хусрав аз лабат шакаре,
Магар, ки бӯса бад-ин гуна з-он даҳон ёбам?

* * *

Забон намонд зи лаълат, сухан куҷо ёбам?
Сухан намонд, даме з-он даҳан куҷо ёбам?
Зи зулфи ту ҳама чун бӯи ишқ меояд,
Ман ин насим зи мушки Хутан куҷо ёбам?
Дилам ба шакли ту моил, ба бӯстон чӣ равам,
Карамша аз гулу ноз аз суман куҷо ёбам?
Дар ин замон, ки маро дашнаи фироқ бикушт,
Туро, ки ҷони манӣ, ҷони ман, куҷо ёбам?

Илоҷи зистанам нест ҷуз назар ба рухат,
Ман ин дуро зи паи ҷону тан куҷо ёбам?
Гарам бигӯӣ ҷон деҳ, ба сад ҳавас бидиҳам,
Ман ин қадар зи даҳонат сухан куҷо ёбам?
Зи дурият ғами Хусрав чу кӯҳу маҳрам нест,
Шикоф чун кунам, ин Кӯҳкан куҷо ёбам?

* * *

Куҷо-т ҷӯяму гар ҷӯямат, куҷо ёбам?
Ғамам кӣ донаду ҳамдарди худ киро ёбам?
Ҳадиси ту ҳама ҷову маро шунидан кушт,
Куҷо равам, ки халосӣ аз ин бало ёбам?
На мустаҷоб дуоест бутпарастонро,
Ки пойбӯси буте чун ту аз дуо ёбам?
Дар он замон, ки зи ҳаҷрат ба мурдан ояд кор,
Туро, ки мояи умри манӣ, куҷо ёбам?
Яке биёву бар ин сина пой неҳ нафасе,
Магар, ки дарди дили хешро даво ёбам.
Зи бод чанд зияд одамии бечора,
Ки ман зиям зи насими ту, к-аз сабо ёбам?
Хушам ба хуни худ, ар дар сарои турбати ман
Зиёрат оиву ин моя хунбаҳо ёбам.
Чӣ кам шавад зи ту, эй подшоҳи ҳусн, агар
Яке назар зи ту бар Хусрави гадо ёбам?!

* * *

Гар худ сухан зи Зуҳраву аз моҳ бишнавам,
Набвад чунон, к-аз он бути дилхоҳ бишнавам.
Бехобиям бикушту ваҳ, аз ман, ки ҳар шабе
Биншинаму фасонаи он моҳ бишнавам.
Теғам зан, эй рақиб, ки қурбон шавам туро
Он дам, ки ман раворави он шоҳ бишнавам.

Овози арғунун надиҳад завқамончунон,
К-овози пои аспи ту ногоҳ бишнавам.
Дил пораҳои хун фиканад ҳамчу барги гул,
Чун бӯи ту зи боди саҳаргоҳ бишнавам.
Худро кунам сипанду нахоҳам туро газанд,
Аз ошиқон чу бар дари ту оҳ бишнавам.
Мадҳу санои хусрави хубон, ки гуфтаӣ,
Хусрав, бихон-ш, то мани гумроҳ бишнавам.

* * *

Эй дида, пой шав, ки бари ёр меравам,
Дар ҷилвагоҳи он бути айёр меравам.
Роҳаш зи рафтани мижа бар хор кардаанд,
Ман боз дида карда бар он хор меравам.
Эй хор-хори ҳаҷр, зи дил дур шав, ки ман
Баҳри назораи гули рухсор меравам.
Гар сар занад рақиб, касеро ба ӯ чӣ кор,
Ман сарзада худ аз паи ин кор меравам.
Аклам инон гирифтаву роҳам ба кӯи ишқ,
Бо муҳтасиб ба хонаи хаммор меравам.
Эй бод, пеш аз он ту бирав, парда з-он ҷамол
Баркан, ки ман ба дидани дидор меравам.
Гӯ зулфро каманд макун, к-аз миёни ту
Ман худ ба тори мӯй гирифтор меравам.
Ин қувват аз куҷо, ки тавонам гусаст аз ӯ,
Аз мӯяш арчи баста ба як тор меравам.
Ман Хусравам, ки зоғи сияҳ гаштам аз фироқ,
Булбул кунун шавам, ки ба гулзор меравам.

* * *

Ман он наям, ки ба умр аз вафои худ биравам,
Зи остон-т ба ҳусни ризои худ биравам.
Манам фитода ба хокеву ҳар замон чун бод,
Гузар кунӣ ба сари ман зи ҷои худ биравам.

Ба роҳи бесарупо меравам, ки оби ду чашм
Раҳо намекунадам, то ба пои худ биравам.
Чунон заиф шудам, к-аз дуои давлати васл
Зи оҳи худ ба фалак бо дуои худ биравам.
Маро ҷаҳони бало бар сар асту мехоҳам,
Ки сар ниҳам ба ҷаҳон, бо балои худ биравам.
Ба дастбӯси хаёли ту, гар шавад мумкин,
Даруни дидаи суратнамои худ биравам.
Дар интизори висолат зи даст шуд, Хусрав,
Дилат нашуд, ки ба сӯи гадои худ биравам.

* * *

Гарчи аз ақлу дилу дидаю ҷон бархезам,
Ҳошалиллаҳ, ки зи савдои фалон бархезам.
Як замон пеши ман, эй ҷону ҷаҳонам, бинишиш,
То бад-ин хушдилӣ аз ҷону ҷаҳон бархезам.
Орзуҳост, ки пеши ту даме биншинам
В-аз сари ҳар чӣ бигӯӣ, пас аз он бархезам.
Нотавон гаштам аз он гуна, ки натвон бархост
В-ар маро даст бигирӣ, ки равон бархезам.
Гуфтиям ё зи ману ё зи сари ҷон бархез,
Аз ту натвонаму лек аз сари ҷон бархезам.
Мардуми дида маро баҳри ту дар хун биншонд,
Ман ба рӯят нигарам в-аз сари он бархезам.
Аз паси марг агар бар сари гӯрам гузарӣ,
Бонги поят шунавам, наъразанон бархезам.
Ба гаҳи ҳашр чу аз хок барангезандам,
Ҳам зи баҳри ту ба ҳар сӯ нигарон бархезам.
Хусравам, беҳуда мапсанд, ки ҳар дам бо ту
Шодмон шинаму бо оҳу фиғон бархезам.

* * *

Коре чу барнаёяд аз оҳи субҳхезам,
То чанд ҳар замоне бо бахт барситезам.
Дар орзуи хобам, к-ат гаҳ-гаҳе бибинам,
Мирам,чунон ки ҳаргиз то ҳашр барнахезам.
Аз теғи ҷавр, ҷоно, гар хуни ман бирезӣ,
Меҳрат зи дил нарезам, гар бар замин бирезам.
Бо теғи кунд бояд куштан чу ман касеро,
Заҳмат бувад, ки дорӣ меҳмон ба теғи тезам.
В-аз ҳавли растахезам, валлаҳ, хабар набошад,
Пеш ояд ар ба ногаҳ дар ҳашр растахезам.
Сӯи ту мегурезам, он гаҳ, ки зинда монам,
Бикшад маро хаёлат, гар сӯи худ гурезам.
Бар мост назми Хусрав, новакзанӣ надонам,
К-оҳуи ҳиндуям ман ё уштури Ҳаҷезам.

* * *

Кас бад-ин рӯз мабодо, ки мани бадрӯзам,
Кас бад-ин гуна масӯзод, ки ман месӯзам.
Дин намонда-ст, ки то номаи исмат хонам,
Дил на барҷост, ки то тахтаи сабр омӯзам.
Шаб басе рафт ба бедорию он бахт набуд,
Ки дамад субҳи муроде зи рухат як рӯзам,
Охир, эй чашмаи хуршед, яке рӯ бинмой,
Чанд шаб то ба саҳар ҳамчу чароғ афрӯзам.
Турк қаттолу маро гиряю зорӣ бисёр,
Он сипоҳест, ки бар вай накунад фирӯзам,
Чанд гӯянд, ки расво шудӣ аз домани чок,
Чоки дилро чӣ кунам, гир, ки доман дӯзам.
Ғам набуд аз дигарон, то раҳи Хусрав ту задӣ,
Гашт маълум ҳади тоқати хеш имрӯзам.

* * *

Зи ҳаҷрат рӯзи ман шаб гашт, кай будӣ чунин рӯзам,
Шабе гар рӯз кардӣ, бо ман он моҳи дилафрӯзам.
Баромад з-ин ҳавас ҷонам, ки як шаб шамъи ту бошам,
Ту хуш-хуш бода менӯшиву ман чун шамъ месӯзам.
Касе аз умри худ рӯзе нахоҳад кам, вале бар ман,
Равад гар дар ғамат рӯзе, мабодо рӯзӣ он рӯзам!
Кашам то ҷон бувад дар тан ҷафоҳои саги кӯят,
Саги кӯи туро боре вафодорӣ биёмӯзам.
Ниҳон то чанд дорам дарди Хусравро зи ту, охир,
Дили баддида садпора-ст, беҳуда чӣ медӯзам?

* * *

Биё, ки бе ту ба сад гуна доғ месӯзам,
Ту менадонию ман доғ-доғ месӯзам.
Шаби сиёҳи маро нест равшанӣ ҳарчанд,
Ки шом то ба саҳар чун чароғ месӯзам.
Фароғи васл надорам зи муфлисӣ инак,
Чу муфлисон зи барои фароғ месӯзам.
Набошадам сари саҳрову боғ бе рӯят,
Зи дуди дил ҳама саҳрову боғ месӯзам,
Маро ба доғи саге сӯхтиву дард накард,
Сагам нахонд, аз он дарду доғ месӯзам.
Мабош ғармдимоғу масӯз Хусравро,
Ман, охир, аз ту, на ҳам з-ин димоғ месӯзам.

* * *

На ёр ваъдаи бӯсу канор мекунадам,
На дил ба дидани рӯяш қарор мекунадам.
Даруни дил на яке, сад ғубор афзун аст,
Ҳанӯз орзуи он савор мекунадам.
Дигар зи бахти худам иззате намебояд
Ҳамин бас аст, ки пеши ту хор мекунадам.

Ҳамехалад ба дили ман чу новаки душман,
Насиҳате, ки касе дӯстдор мекунадам.
Шабам ба хӯрдани хун рафт, соқиё, май деҳ,
Ки он шароби шабона хумор мекунадам.
Даме зи бими газандаш ҳазор новаки оҳ
Фурӯ ҳамехурам, арчи фигор мекунадам.
Пагаҳ биёмаду ҳамсоя гуфт хобам нест,
Ки нолаҳои ту дар сина кор мекунадам.
Шароби ишқ фурӯ н-оядам, зи сар ҳарчанд
Ки бомдоди аҷал ҳушёр мекунадам.
Ба ноз гуфт шабе, Хусраво, гулат бишкуфт,
Ҳанӯз он суханаш хор-хор мекунадам.

* * *

Мегузаштию ба сӯят нигарон медидам,
Зор мемурдаму дар рафтани ҷон медидам.
Ҳамчу дузде, ки ба колои касон менигарад,
Ҷон ба каф карда ба дуздию ниҳон медидам.
Аз дили гумшуда сарришта ҳамеҷустам боз,
Гаҳ ба фитроку гаҳе сӯи инон медидам.
Пурсиши холи дил аз турраи ӯ заҳра набуд,
Гарчи аз хун таҳи ҳар мӯй нишон медидам.
Ӯ зи маҳрумии бахти бади ман механдид,
Ман тамаъ баста дар он шаклу даҳон медидам.
Ӯ шуд аз дидаи ман ғоибу ман ҳам з-он сӯ,
Ҷонканон мешудаму дидаканон медидам.
Ошиқам, гарчи шавам кушта, ғаме нест аз он,
Гоҳ-гоҳест ба ҷони гузарон медидам.
Эй хуш он шаб, ки ба ёди рухи ту мехуфтам,
Дар дилам будиву дар хоб ҳамон медидам
Ман зи аввал аҷали хеш ҳамедонистам,
Ки дилу дида ба сӯят нигарон медидам.
Мурдани хеш гумон буд зи ту Хусравро,
Шуд яқин, инак, ҳар чӣ ба гумон медидам.

* * *

Абр мебораду ман бори сафар мебандам,
Чашм мегиряду аз дӯст назар мебандам.
Баҳри бастан ба дигар чиз намеёрам даст
В-ар нахезад, ба ғалат чизи дигар мебандам.
Риштаи борикаму боз ҳамебояд кард,
Риштаи ҷонро дар ҳалқаи дар мебандам.
Чашми гирён ба лабаш дошта, яъне дар роҳ
Бар сари оби равон пул зи шакар мебандам.
Ҷон гусастасту гираҳ мезанамаш дар гиря,
Гиреҳаш сусттар аст арчи, ки бармебандам.
Роҳ пуроб кун, эй абр, гузарҳо барбанд,
Ман худ аз гиряи худ роҳи гузар мебандам.
Гуфтӣ, эй дӯст, ки барбанд ба мӯи дили хеш
Ҳол ин аст, ки мебинӣ, агар мебандам.
Дар ту медидаму хун омаду чашмам барбаст,
Бингар аз чашми худ, эй дида, чӣ бармебандам?
Намаке бахш ба Хусрав, ки барои тӯша
Хун бурун мекашам аз дида, ҷигар мебандам.

* * *

Чу ман зи дӯст ба доғи даруна хурсандам,
На дӯстӣ бувад, ар дил ба марҳаме бандам.
Агар ба теғ бибурранд банд-банд маро
Ту зикри васли худам кун, ки боз пайвандам.
Чу мӯ, ки барканиву боз рӯяд, он ғами туст,
Ки боз руст, зи дил ҳар пояш, ки баркандам.
Ҳазор кӯҳи ғам, ар бар дилам ниҳӣ бикашам,
Ғубори хинги ту бар домани ту барбандам.
Зи баҳри куштани хешат ҳаёт хоҳаму бас,
Агар ҳаёт диҳад баъд аз ин худовандам.
Раво мадор, ки аз диданат шавам маҳрум,
Чунин, ки ман ба ҷамоли ту орзумандам.

Магар, ки модари пирам шикаста буд ангушт,
Ки аз мурод тиҳӣ бод дасти фарзандам?
Ту ҳушёрӣ, эй пандгӯю ман беҳуш,
Чӣ ҷойи он-ст, ки беҳуда медиҳӣ пандам?!
Дили шикастаи Хусрав тиҳӣ кунам якбор,
Шаванд марҳам, агар дилшикастае бандам.

* * *

Биҳил кун он ҳама хунҳо, ки дар ғамат х(в)ардам,
Ки умре аз дилу ҷон шукри ин карам кардам.
Ҳадиси васл нагӯям, ки гуфта шуд рӯзе
Зи бахти бад чӣ лагадҳо, ки дар диҳан х(в)ардам.
Чӣ кор ояд, агар хоки кӯйи ту нашавад
Тане, ки аз пайи ин солҳош парвардам.
Чунун хушам зи ҷафоят, ки гар ту тир занӣ
Қабул агар накунам ман ба дида номардам.
Бимираму надиҳам дарди худ бурун, зеро
Куҷост дил, ки шиносад ҳаловати дардам?!
Шабе, ки гирди сари кӯйи ту тавонам гашт,
Ба ишқ гирди сари худ ҳазор мегардам.
Гирист хун зи ҷафои ту, Хусраву сад шукр,
Ки сурх гашт ба гоҳи вафо рухи зардам.

* * *

Манат ҳар шаб, ки гирди кӯй гардам,
Зи баҳри он рухи дилҷӯй гардам.
Ҳамегӯӣ, ки ҷон деҳ пеши рӯям,
Чӣ мегӯӣ, сари он рӯй гардам.
Ҳамон талхам, ки мегуфтӣ, ҳамегӯй
Ки гар бинвозиям, бадхӯй гардам.
Зи ман дӣ ёд додандат ба бадгуфт,
Фидои гуфти он бадгӯй гардам.

Маро, ҷоно, зи гул бӯи ту ояд,
Ба бустон аз паи ин бӯй гардам.
Зи ман пурсӣ, ки ин ҷо кистӣ ту?
Сагам, гирди сари ин кӯй гардам.
Зи кӯят нагзарам, гар хок безам,
Зи зулфат нагсалам, гар мӯй гардам.
Сабурӣ шаб маро мегуфт, то чанд
Гурезон аз дарат ҳар сӯй гардам.
Дили Хусрав ту дорӣ гар ҳама умр,
Ба гирди лолаи худрӯй гардам.

* * *

Биё, ки баҳри ту ҷон дар бало гарав кардам,
Буте харидаму ҳар ду саро гарав кардам.
Тани шикаста ба хоке фурӯхтам бар дар,
Дили хароб ба теғи ҷафо гарав кардам.
Ғуломи ротибахори туам, маро мафурӯш
Ки дил ба меҳру забон дар дуо гарав кардам.
Агарчи сар бифурӯшам, харид натвон боз,
Чунин, ки ман ба гили ишқ по гарав кардам.
Чӣ рӯз бувад, ки афтод дар сар ин савдо,
Ки рахти умр ба дасти бало гарав кардам.
Агар ситонаду мункир шавад, ҳалолаш бод,
Матои дил, ки бад-он ошно гарав кардам.
Сагам, агар надиҳам ҷон ба бӯи ӯ барбод,
Бад-ин қарор нафас бо сабо гарав кардам.
Дилат чу дархури ишқ аст, Хусраво, афсӯс,
Ки қимати гуҳаре бар гадо гарав кардам.

* * *

Ман аз дасти дил дӯш девона будам,
Ҳама шаб дар афсуну афсона будам.
Ғамаш буду ман гум шудам дар дили худ,
Ки ҳамроҳи ғӯле ба вайрона будам.

Зи дил шуълаи завқ мезад ба ёдаш,
Бар он шуълаи шавқ парвона будам.
Ба масҷид шудам субҳу ҳар кас ба мазҳаб,
Мани номусулмон ба бутхона будам.
Дилу ҷону тан бо хаёлаш яке шуд,
Ҳамин ман дар он ҷамъ бегона будам.
Дареғо, ҷамолаш ба серӣ надидам,
Ки шӯридаи масту девона будам.
Харобии Хусрав нагуфтам ба рӯяш,
Ки беҳуш аз он шакли мастона будам.

* * *

Бо ту чӣ рӯз буд, ки ман ошно шудам,
К-аз рӯзгори сабру саломат ҷудо шудам.
Ҳар дам ба хуни дидаи худ ғарқа мешавам,
Ман худ барои ҷону дили худ бало шудам.
Азбаски гум шудам ба хаёлоти зулфи ту,
Мӯре будам, ки дар даҳани аждаҳо шудам,
Эй пандгӯй, ту рухи ӯро надидаӣ,
Бигрезу ҷон бибар ту, ки ман мубтало шудам.
Ӯ рух наменамуд, ба зорӣ бидидамаш,
Ман худ барои ҷону дили худ бало шудам.
Мурдам ба доғи ҳаҷр, чу айшам азоб буд,
Боре зи нанги зистани худ раҳо шудам.
Аз ман қарору сабр надонам куҷо шуданд,
Ман низ ҳам зи хеш, надонам, куҷо шудам?
Борам набуд кӯҳи ғам, аммо ба бӯйи ту
Дар зери бори миннати боди сабо шудам.
Хусрав ба бандагӣ ғуломест бебаҳо,
Хоса кунун, ки бандаи он бебаҳо шудам.

* * *

Ин манам, ё Раб, ки бо дилдор ҳамзону шудам,
Паҳлуи ӯ рафтам андар хобу ҳампаҳлу шудам.
Дур-дур аз офтоби рӯи ӯ месӯхтам,
Гашт ҷон осуда, чун дар сояи гесӯ шудам.
Шукр Эзадро, ки гаштам ҷамъу рафт аз ман фироқ,
Рафт дил як сӯву ҷон як сӯву ман як сӯ шудам.
Аз паи дидан ҳама рӯ чашм гаштам ҳамчу шамъ
В-аз барои шамъ чун оташ ҳама тан рӯ шудам.
Чиданам, бигзор, чун дидан иҷозат шуд ба боғ,
Мурданам, бигзор, чун бо зистан бадхӯ шудам.
Васли ӯ, азбаски боди шодӣ андар ман дамид,
Менағунҷамдар ҷаҳон, гар аз фироқаш мӯ шудам.
Марди даврӣ нестам, гар худ дили шерам диҳанд,
Хусраво, дил деҳ, ки ман з-ин пас саги ин кӯ шудам.

* * *

З-он ғамзаи хунрези ҷонафгор хуш меоядам,
Нохуш бувад захми ниҳон, з-он ёр хуш меоядам.
Эй он ки бар дарди дилам тадбири дармон мекунӣ,
Бигзор, к-ин дил ҳамчунин афгор хуш меоядам.
Шоҳидпарастам хондаӣ, эй зоҳиду мункир наям,
Пинҳон чӣ дорам пеши ту, ин кор хуш меоядам.
Тасбеҳу зуҳд, эй порсо, донам, ки хуш бошад, вале
Гар рост мепурсӣ зи ман, зуннор хуш меоядам.
Афтодам андар роҳи ту, то хок гардам зудтар
В-он пои нозук чун кунам, рафтор хуш меоядам.
Гуфтӣ ду чашму ду лабам, з-инҳо кадом ояд хушат,
Хӯрданд агарчи хуни ман, ҳар чор хуш меоядам.
Аз гиряи ман хор руст андар сари кӯят кунун
Аз дида рафтан сӯи ту бар хор хуш меоядам.
Бар ёди рӯят сӯи гул мебинаму хун мехурам,
Халқи ҷаҳон гӯяд, магар гулзор хуш меоядам.
Хусрав, зи хубони дигар як бор зикре хуш бувад,
Мегӯ, ки ёди он санам ҳар бор хуш меоядам.

* * *

Ин туӣ ё ба хоб мебинам,
Ё ба шаб офтоб мебинам?
Дар дили хештан хаёли лабат,
Намаке бар кабоб мебинам.
Бикуш, аз хештан макун дурам,
Ки зи ҳаҷрат азоб мебинам.
Рози дил чун ниҳон кунам, к-аз рашк
Ҳама бар рӯи об мебинам.
Бо кӣ гӯям ғами ту,к-аз ғами ту
Ҳама олам хароб мебинам.
Аз лабат бӯса чун суол кунам,
Ки на роҳи ҷавоб мебинам.
Яке имрӯз, к-аз паси умре
Наргисатро ба хоб мебинам.
Ҷони Хусрав марав, шитоб макун,
Умри худ дар шитоб мебинам.

* * *

Ҷон ситонад чунин, ки мебинам,
Рӯят, эй нозанин, ки мебинам.
Гуфтӣ аз рӯям орзуи ту чист?
Орзуям ҳамин, ки мебинам.
Натавон васфи ранҷи ишқ шунид,
Мани бечора бин, ки мебинам.
Диданат мурданист ҳар рӯзам,
Назиям ман чунин, ки мебинам.
Баҳри рӯи ту дӯст медорам
Ҳар гулу ёсамин, ки мебинам.
Ё худ аз баҳри ҷони Хусраврост,
Ин ҳама хашму кин, ки мебинам?

* * *

Надорам тоби дидан дер-дерат баҳри он бинам,
Бибояд ҳар замон ҷоне, ки рӯят ҳар замон бинам
Маро гӯянд, к-аш чун мардумон бину марав аз ҷо,
Дилам бар ҷой н-ояд, к-ат ба чашми мардумон бинам.
Бад-ин сон, к-омад аз рӯи ту кори ман ба ҷон в-он гаҳ
Мани девонаро бар худ набахшуду ҳамон бинам.
Чӣ ҳоҷат бар дилам новак, ҳамин бас нест марги ман,
Ки гаҳ-гаҳ чошнӣ аз дасти он нозук амон бинам.
Гаҳи ҷавлон наёрам диданаш аз бими ҷон лекин
Чу бетоқат шавам, дуздида дар дасту инон бинам.
Зи наврӯзи ҷавонӣ гарчи бишкуфта-ст бустонаш,
Мабодо сабзаи пероҳани он бӯстон бинам.
Дареғо, ончунон рӯе дигар хоҳад шудан, ё Раб,
Маро он рӯз тиморе, ки рӯяш ончунон бинам
Зи хубон баски бедин гашт Хусрав беҳтарин рӯзе,
Бут андар пешу зуннори муғонаш бар миён бинам.

* * *

Ниҳонӣ чанд сӯи ёр бинам,
Ниҳон дорам ғаму озор бинам.
Зи сад ҷониб назар дуздам, ки як раҳ
Ба дуздӣ сӯи он айёр бинам.
Гаҳе танҳо-ш хоҳам ёфт, ё Раб,
Ки беандеша он рухсор бинам.
Чунин ҳам ҳеҷ гаҳ бошад, худоё,
Ки сер он рӯи чун гулнор бинам.
Ҳама умрам дар ин ҳасрат ба сар шуд,
Ки рӯяш бинаму бисёр бинам.
Тамошо ҳайф бошад бе рухи хуб,
Ки ҷонон набваду гулзор бинам.
Бар рӯи гул тавон дидан чаманро,
Чу гул набвад, чӣ бинам, хор бинам?!

Рав, эй ризвон, ту дониву биҳиштат,
Маро бигзор, то дидор бинам.
Зи ғам шаб менахусбам, бошад он рӯз,
Ки бахти хешро бедор бинам.
Фурӯ гӯям ба чашмаш қиссаи хеш,
Агар он мастро ҳушёр бинам.
Чунин, к-афтод Хусрав дар ғами ишқ,
Раҳи берун шудан душвор бинам.

* * *

Моҳе раваду ман ҳама шаб хоб надонам,
Ваҳ, ин чӣ ҳаёт аст, ки ман мегузаронам!
Гуфтӣ, ки “Чӣ сонӣ зӣ ғамам, боз нагӯӣ?”-
Ман бо ту чӣ гӯям, чу надонам, ки чӣ сонам?
Як шаб зи рухи хеш чароғем карам кун,
То қиссаи андӯҳи ту ҳам пеши ту хонам.
Будаст гумонам, ки зи дастат набарам ҷон,
Ҷовид бизӣ ту, ки яқин гашт гумонам.
Пурсӣ, ки бигӯ ҳоли худ, эй дӯст, чӣ пурсӣ,
Он беҳ, ки ман ин қисса ба гӯшат нарасонам.
Не з-они манӣ ту, чӣ барам рашк зи ағёр,
Беҳуда магас, аз шакари нася чӣ ронам?
То чанд диҳӣ дарди сар, эй ақл насиҳат,
Ман худ зи дили сӯхтаи хеш ба ҷонам
З-он гуна, ки мондӣ ту дар ин сина, ҳам акнун
Монӣ ту дар ин синаву ман – банда намонам.
Гӯянд, ки Хусрав, ту шавӣ хок ба кӯяш,
Ночор чу рафтан ба дараш менатавонам.

* * *

Боз ин дили ман рӯ ба кӣ овард, надонам?
Он сабр, ки буда-ст, куҷо кард, надонам.
Шабҳо манаму гӯшаи ғам, ҳоли ман ин аст,
Ҳоли дили овораи шабгард надонам?
Он гард, ки мехезад, аз он роҳ бибинед
В-он кист савор аз паси он гард, надонам.
Бинам ҳама шаб роҳу чу ёд ояд аз он кӯй,
Ман он ғалатандози дами сард надонам.
Ашк аз сафари кӯи ваям туҳфа ғам овард,
Ман хуштар аз ин ҳеҷ раҳовард надонам,
Донӣ ки чаро рӯям аз ин гуна сиёҳ аст,
К-ин оҳи ҷигарсӯз фурӯ х(в) ард надонам?
Бозам ба ҷигар мехалад он қомати чун тир,
Соқӣ, қадаҳе бода, ки то дард надонам.
Ёре, ки биранҷад зи ҷафо, ёр нагӯям,
Марде, ки битарсад зи бало, мард надонам.
Аз ҳар чӣ бипурсанд, бигӯед чу Хусрав,
Як сӯхтаи ҳодисапарвард надонам.

* * *

Туӣ дар пеши ман ё худ Маҳу Парвин, намедонам,
Шаби қадри ман аст имшаб, ки қадри ин намедонам.
Равӣ дар боғу мегӯӣ, ки гул бин, чун манам ошиқ,
Ҳамин рӯи ту мебинам, гулу насрин намедонам
Чунонам лаззати ёди ту биншаста-ст дар дида,
Ки з-он пас завқи талху ҷони худ ширин намедонам.
Хирадро гуфтам андар ошиқӣ дахле бикун, гуфто:
– Ғарибам, расми ин кишвар мани мискин намедонам,
Саволе мекунӣ аз ман, ки Хусрав, ман киям пешат?
Шунидам, лек аз ҳайрат ҷавоби ин намедонам.

* * *

Ману шабҳову ёди он сари кӯе, ки ман донам,
Дилам рафтасту ҷон ҳам меравад сӯе, ки ман донам.
Сабо бӯҳои хуш меорад аз ҳар бӯстон, лекин
Кӣ хоҳад зист, чун мен-орад он бӯе ки ман донам.
Бисӯзӣ ҳарчи ҳаст, эй бод, агар он сӯ расӣ, аммо
Ба тундӣ нагзарӣ зинҳор, бар рӯе, ки ман донам.
Сари худ гиру рав, эй ҷону дил бардошта аз ман,
Ки ин сар хок хоҳад гашт дар кӯе, ки ман донам.
Агар тан мӯ шуду гар бигсалад ҷон низ, гӯ биксил,
Маро аз дил нахоҳад рафт он мӯе, ки ман донам.
Чу куштан расми хубон аст, ҷон, гар, ҳила медорам,
Захира мекунам аз баҳри бадхӯе, ки ман донам.
Чӣ печам бар дарозиҳои шаб, туҳмат, чу медонам,
Ки ҳаст ин печиши Хусрав зи гесӯе, ки ман донам.

* * *

Дилам овора ба ҷоест, ки ман медонам,
Ҷон гирифтори ҳавоест, ки ман медонам.
Бӯи хуни дилу мушки сари зулфаш бирасид,
Магар ин бод зи ҷоест, ки ман медонам.
Сабза бар хоки шаҳидони ғамаш хор мабин,
З-он, ки ин меҳргиёест, ки ман медонам.
Чашму зулфу рухат арчи ҳама ушшоқ кушад,
Лек боло-т балоест, ки ман медонам.
Умр дар кӯи туам рафту нагуфтӣ рӯзе,
К-ин ҳамон кӯҳнагадоест, ки ман медонам.
З-он ки бо Хусрав гӯӣ, ки вафо хоҳам кард,
Ин ҳам, эй шӯх, ҷафоест, ки ман медонам.

* * *

Аз дил паём дорам, бар дӯст чун расонам?
Он ҷо, ки ӯст, худро пинҳон дарун расонам.
Он бодро, ки аз ту орад ҷавобам, эй ҷон,
Як ҷон чӣ бошад ӯро, сад ҷон фузун расонам.
Гуфтӣ, ки ҷони худро кас чун ба кас расонад,
Гар дар ҳузур бошӣ, донӣ, ки чун расонам.
Ҷон мебарӣ зи сина в-аз дил гаронии ғам,
Ту дасти худ маранҷон, то ман бурун расонам.
Гирам, ҷавоб надҳӣ, дашном гӯй боре,
То ман бад-он иноят дилро сукун расонам.
Он ҷо, ки куштаӣ дил, шамшери тез баркаш,
То сар ниҳам ҳам он ҷо, хунро ба хун расонам.
Ҳукм ар кунӣ ба мурдан бар дигарон, ту донӣ,
Лекин агар ба Хусрав, гӯй кунун расонам.

* * *

Ман агар бар дари ту ҳар шабе афғон накунам,
Хешро шуҳраву бадном бад-ин сон накунам.
Гар диҳам дарди саре, танг маё бар ман, аз он-к
Натавонам, ки туро бинаму афғон накунам.
Рӯзе аз ёди рухат пеши гуле хоҳам мурд,
Ман ҳамон беҳ, ки гузар беш ба бустон накунам.
Ваҳ, ки девонадилам боз ба бозор афтод.
Ман намегуфтам, к-афсонаи ҳиҷрон накунам
Ғам хурад ин дили бечора, зиёнаш дорӣ,
Баъд аз ин чора ҳамон аст, ки дармон накунам.
Ошноён ҳама бегона шуданд аз ман, аз он-к
Ҳар касе маслиҳате гӯяду ман он накунам.
Шукр гӯям зи ту, эй гиря, ки кӯрам кардӣ,
То назарбозӣ аз ин беш ба хубон накунам.
Халқ гӯянд дуо хоҳ зи зоҳид, наравам,
Рӯзгори хуши дарвеш парешон накунам.
Чанд гӯянд, ки Хусрав, зи бутон чашм бидӯз,
Гар муяссар шавадам, рӯй бад-эшон накунам.

* * *

Хар шаб аз шавқ ҷома пора кунам,
Ошиқам, ошиқам, чӣ чора кунам?!
Чун барояд маҳ аз гиребонат
Доман аз гиря пурситора кунам.
Аз дарунам бурун нахоҳӣ рафт,
Гарчи сад ҷой сина пора кунам.
Чанд гӯӣ, ки сабр кун дар ҳаҷр,
Гар тавонам, ҳазорбора кунам.
Ман ҳамемираму ту оби ҳаёт,
Чун тавонам зи ту канора кунам?!
Ҷуръае гар биёбам аз сари васл,
Сӯфиёнро шаробхора кунам,
Ту кунӣ ҷавр бар дили Хусрав,
Ман чу бегонагон назора кунам.
Хун шуд он дил, вале зи баҳри ҷафот,
Дили дигар зи санги хора кунам.

* * *

Хуррам он рӯз, ки дида ба рухат боз кунам,
Ту маро ҷониби худ хонию ман ноз кунам.
Чанд гӯӣ, ту ки менол, ки ман мешунавам,
Ин чӣ чанг аст, ки пеши ту даме соз кунам?
Солҳо шуд, ки наёбам хабару дар кӯят
Дили беруншударо ораму овоз кунам.
Боғбоно, зи ту гаҳ-гаҳ бувад ар фармонам,
Булбулам, бар сари гул ояму парвоз кунам.
Баҳри дилбастагӣ, эй дӯст, раҳи бад бигузор,
К-ин гиреҳ менатавонам, ки зи дил боз кунам.
Халқе аз суҳбати ман ғамзада гаштанд, аз он-к
Ҳар куҷо шинаму ғамҳои ту оғоз кунам.
Абрро моя кам ояд гаҳи боридани об,
Гарна дар гиряи хун бо худаш анбоз кунам.

Дил ба як қалб задан бурд ба як дову кунун
Ҷон ҳам андар сари он чашми дағобоз кунам.
Хусраво, ҷону дилу тан зи ту бегона шуданд,
Дигареро чӣ ғам, ар маҳрами ин роз кунам.

* * *

Аз ду зулфат шикане вом кунам
В-аз барои дили худ дом кунам.
Аз паи он ки ба рӯят нарасад,
Чашми бадро сухане ром кунам.
То намоӣ руху гирам зулфат,
То рухат чошт кунад, шом кунам.
Ситам аз зулфи сиёҳи ту кашам,
Гила аз меҳнати айём кунам.
Аз ту сад ҷафру ҷафо мебинам,
Бо кӣ гӯям, ба кӣ пайғом кунам?
Дил надорам, ки ниҳам бар дигаре,
Ҳам зи зулфи ту магар вом кунам.
Бӯса хоҳам в-агар тунд шавӣ,
Хештанро аҷамӣ ном кунам.
Нест ҳалвои ту баҳри Хусрав,
Чӣ бар он лаб тамаи хом кунам?

* * *

Азми он дорам, ки аз дил нақди ҷон берун кунам,
Орамат дар пешу худро аз миён берун кунам.
Қоматам аз ғам дуто кардӣ, зи оҳи ман битарс,
К-осмон дӯзад ханданге, к-аз камон берун кунам.
Гарчи дар хуни манӣ в-ар тир бар ҷонам занӣ
Тири ту берун наёрам кард, ҷон берун кунам.
Дӯш мегуфтӣ: «Ду чашмам дар хаёлат дар набаст»,
Гар чунин бошад равон аз хонашон берун кунам.

Наргиси бемори ту гар ранҷи худ бар ман ниҳад,
Тандурустиро ба шамшер аз ҷаҳон берун кунам.
Сарви ман, як раҳ ба гулзор ой, то дар пеши ту
Сарв агарчи норавон бошад, равон берун кунам.
Меҳри ту гар нест Хусравро даруни устухон,
Мағзи ӯ з-он нӯги ғамза з-устухон берун кунам.

* * *

Соя дорам ҳар шаб аз савдои зулфаш, чун кунам,
Чанд гирди хештан гаҳ сеҳру гаҳ афсун кунам.
Аз дили бадхӯи худ хунобае дорам, ки гар
Қатрае аз дил бурун резам, ҷигарҳо хун кунам.
Ту ба банди куштани ман, ман бар он, к-аз дӯстӣ
Умри худро бигсалам, дар умри ту афзун кунам.
Гиряе дорам, ки дар вай нест ҷуз лӯлуи хом,
Чун нисори пои ту ман лӯлуи макнун кунам?
Чанд гӯӣ ишқро берун кун аз дил, хуш бизӣ,
Гар тавонам, ҷони худ аз баҳри ту берун кунам.
Рӯҳи Лайлӣ ояду омӯзад оятҳои ишқ,
Шеъри Хусрав гар рақам бар турбати Маҷнун кунам.

* * *

Дар фироқат зиндагонӣ чун кунам?
Бо чунин ғам шодмонӣ чун кунам?
Ёр бадхӯю фалак номеҳрубон,
Такя бар умри ҷавонӣ чун кунам?
Ишқу ифлосу ғарибиву фироқ,
Ман бад-ин сон зиндагонӣ чун кунам?
Моҳи ман гуфтӣ, ки ҷон деҳ, медиҳам,
Ошиқам, охир гаронӣ чун кунам?
Хоҳ хунам резу хоҳӣ зинда кун,
Бандаам ман, ройгонӣ чун кунам?

Ман набудам марди савдои ту, лек
Бо қазои осмонӣ чун кунам?
Ҳол, ман донам, ки дар ғам чун бувад,
Чун ту ҳоли ман надонӣ, чун кунам?
Моҷарои дил навиштам бар ду рух,
Гар ту бинию нахонӣ, чун кунам?
Маст хусбӣ, поси лаб фармоиям,
Ман, ки duздам, посбонӣ чун кунам?
Нархи бӯсат нек медонам, вале-к
Бедирам бозоргонӣ чун кунам?
В-ар ба Хусрав бӯса надҳӣ ошкор,
Марҳами захми ниҳонӣ чун кунам?

* * *

Ҳеҷ гаҳ бошад, ки ҷоми айш бар саҳбо кунам
В-он ки дар дил ҷой дорад, дар канораш ҷо кунам.
Маҷлисе хоҳам ҳарифон маҳраму маъшуқа маст,
К-аз ҳарифон маст худро гираму танҳо кунам.
Растаи дандону дукkони лабашро бингарам,
Пас ба накди қалби худ бо зулфи ӯ савдо кунам.
Хуррам он вакте ки хуш-хуш сар фурӯ карда ба васл,
Мешуморам бӯса, натвонам, ки сар боло кунам.
Гар маро рухсат ба як бӯса диҳад, ман шаш занам,
В-он гаҳ аз дандон бар он лаб нақши шаш пайдо кунам.
Аз миён хурмо-шро чун хаста бинам ҳам ба кор,
Андар он хаста шикофи хастаи хурмо кунам.
Қоматаш аз сарв кӯтаҳ набвад, ар якҷо кунанд,
В-ар бувад кӯтаҳ, сари хешаш ба зери по кунам.
Ваъдаи васлам ба фардои қиёмат медиҳад,
Ман барорам сури оҳ, имрӯзро фардо кунам.
Нозанино, ашки Хусрав қатра-қатра мечакад,
Раҳмате кун, пеш аз он к-ин қатраро дарё кунам.

* * *

Гар расам рӯзе бад-он маҳ, ошноиҳо кунам,
Ҳар чӣ бояд хоҳаму бахтозмоиҳо кунам.
Ӯ чу шоҳ аз гӯшаҳои чашм бинад сӯи ман,
Ман аз он лабҳо ба сад миннат гадоиҳо кунам.
Эй хуш, он вақте ки ӯ хуш-хуш равад дар хобу ман,
Пеши чашму зулфи ӯ шарҳи ҷудоиҳо кунам.
Аз шароби ишқ сел омад, мусаллоям бибурд,
Гар шавам ҳушёр, аз ин май порсоиҳо кунам.
Аз бари ӯ маст берун ояму дар пеши халқ
Чун гадои навтавонгар худнамоиҳо кунам.
В-ар шабе дар кунҷи торикӣ расам дар пеши ӯ
Хешро зинда бисӯзам, рӯшноиҳо кунам.
Бандагиро хат нависам бар рух аз хуни ду чашм
В-аз ду мардум ҳам зи хун пешат гувоиҳо кунам.
Гар туфайлӣ посбонон бинам андар кӯи ту,
Бо сагони он сари кӯ ошноиҳо кунам.
Як ғазал гар бишнавад он маҳ ба гӯши худ зи ман,
Ҳамчу Хусрав пеши халқе худситоиҳо кунам.

* * *

Не пои он, ки аз сари кӯят сафар кунам,
Не дасти он, ки бо ту даме дар камар кунам.
Чандин шабам гузашт ба кунҷи хароби хеш,
Мумкин нашуд, ки лавҳи сабурӣ зи бар кунам.
Моҳе матоъи сабр кунам ҷамъ з-оби чашм,
Дар маҷлиси хаёли ту як рӯз тар кунам.
Хобам намонду хоби аҷал ҳам хуш аст, лек
Хиште зи остони ту дар зери сар кунам.
Умрам гузашту ҳеҷ наёмал замони он-к
Рӯзе ба рӯи ту шаби ғамро саҳар кунам.
Завқи ҷафову ҷаври ту бар ман ҳаром бод,
Гар ман ба ҷуз вафои ту кори дигар кунам.

Чашмат ба хоби нозу маро қиссае дароз,
Омад шабам ба рӯз, сухан мухтасар кунам.
Ҳар кас ба сӯи ҳур равад, ман ба сӯи ту,
Чун бомдоди ҳашр сар аз хоб бар кунам.
Рӯзе гузашта буд ба роҳе савори ман,
Ҳар бамдод ояму з-он сӯ назар кунам.
Дардаш беҳ аз сар аст мани сарбуридаро,
Он сар куҷо, ки дар сари ин дарди сар кунам?!
Ёрон, зи панд бас, ки зи Хусрав раҳо нашуд
Он дил, ки пеши тири маломат сипар кунам!

* * *

Бахт агар ёрӣ диҳад, як шаб дар оғӯшаш кунам,
Талх гӯяд, з-он лабу ҳамчун шакар нӯшаш кунам.
Бар сари ман ақл агар даъвии ҳушёрӣ кунад,
Рӯи ту бинмояму аз дур беҳушаш кунам.
Оташи ишқаш фурӯ пӯшам дар ин шахси чу коҳ,
Шуъла равшантар шавад, ҳарчанд ҳаспӯшаш кунам.
Сар фуруд орам зи дӯшу ронам андар роҳи ӯ,
Чун фурӯ монад зи рафтан, боз бар дӯшаш кунам.
Офтоби оrази он маҳ, ки бар ёди ман аст,
Кофирам, то субҳи маҳшар гар фаромӯшаш кунам.
Ку саге аз кӯи ӯ, то аз барои бандагӣ
Ман думи ӯ гираму чун ҳалқа дар гӯшаш кунам.
Ошно бояд, ки гирад дасти Хусрав, он замон
К-ин ду чашми ман, чу дарёест, дар ҷӯшаш кунам.

* * *

Бе ту ҷон рафту ба тан боз наёяд, чӣ кунам
В-аз дилам пӯшиши ин роз наёяд, чӣ кунам?
Боздорӣ, ки манеҳ дида ба рӯям чандон,
Дида бозояду дил бознаёяд, чӣ кунам?

Аз як абрӯ диҳиям дил, ки бибахшам ҷонат,
Чун ризои дуюм анбоз наёяд, чӣ кунам?
Тан кунам туъмаи зоғони камони ту, валек
Мурғи хона-ст, ба парвоз наёяд, чӣ кунам?
Ақл гӯяд, ки бикаш нози дигар ёрон низ,
Чун зи ёри дигар ин ноз наёяд, чӣ кунам?
Ҳоли ман пурсиву хоҳам, ки бигӯям, лекин
Дар таҳайюр зи ман овоз наёяд, чӣ кунам?
Хусрав аз ёди лабат гарчи лаби худ бигазад,
Он ҳаловат зи чунон гоз наёяд, чӣ кунам?

* * *

Ғамам бикушт, ки аз ёр мондаам, чӣ кунам?
Ба доми ҳаҷр гирифтор мондаам, чӣ кунам?
Намонд тоқати зорию нолаам, к-он шӯх
Намеравад зи дили зормондаам, чӣ кунам?
Бурун диҳам ғами пинҳону бовarам накунанд,
Асири суҳбати ағёр мондаам, чӣ кунам?
Ҳамекунанд маломат, ки чанд хун гирйӣ,
Зи захми ғамза дилафгор мондаам, чӣ кунам?
Шудам зи ёру зи хешу зи ҷону дил безор,
Ки ҳам зи хешу ҳам аз ёр мондаам, чӣ кунам?
Ҳамекушанд, ки мангар ба рӯи хуб, чу ман
Ба олам аз паи ин кор мондаам, чӣ кунам?
Рақиб гуфт, ки махмурӣ аз чӣ, эй Хусрав,
Басе шаб аст, ки бедор мондаам, чӣ кунам?

* * *

Бурунам аз дили пурхун намешавӣ, чӣ кунам?
Зи ҷони сӯхта берун намешавӣ, чӣ кунам?
Туӣ ба ҳусн чу Лайлӣ, вале-к ҳеҷ шабе
Аниси хотири Маҷнун намешавӣ, чӣ кунам?

Ба як фусун, ки бикардӣ, даромадӣ ба дилам,
Кунун зи дил ба сад афсун намешавӣ, чӣ кунам?
Ҳазор қисса навиштам зи хуни дил бар ту,
Ту ҳеҷ бар сари мазмун намешавӣ, чӣ кунам?
Ба ҷони ту, ки фаромӯш нестӣ нафасе
В-агарчи мешудӣ, акнун намешавӣ, чӣ кунам?
Магӯ ба танз, ки Хусрав, макун фаромӯшам,
Кунам агар бишавӣ, чун намешавӣ, чӣ кунам?

* * *

Гузашт ёру насозам ба хӯи ӯ, чӣ кунам?
Чу сабр нест зи рӯи накӯи ӯ, чӣ кунам?
Рақиб гӯядам: «Эй хунгирифта, чашм бибанд»,
Чу ошиқам мани мискин ба рӯи ӯ, чӣ кунам?
Дилам ба зулфаш занҷир мегусаст, кунун
Бимонд баста ба як тори мӯи ӯ, чӣ кунам?
Шудам асири каманду халосӣ меҷӯям,
Вале-к мекашадам дил ба сӯи ӯ, чӣ кунам?
Ба ҷӯи ӯст кунун обу ман чунин ташна,
Вале чу хуни ман аст, оби ҷӯи ӯ, чӣ кунам?
Равам ба боғ бад-ин бӯ, ки хуш кунам дили танг,
Ба ҳеҷ боғ наёбам чу бӯи ӯ, чӣ кунам?
Чӣ ҷои он-ст, гӯянд оби дида марез,
Бисӯхта-ст маро орзӯи ӯ,чӣ кунам?
Фитодагии худаш арза медиҳам, в-арне
Фитода чанд бар ин хоки кӯи ӯ, чӣ кунам?
Чу шир хӯрд ҳама хуни Хусрав он бадхӯ,
Зи ширхорагӣ ин аст хӯи ӯ, чӣ кунам?

* * *

Ҳар шаб ба дил тасаввури нозаш фурӯ барам,
Бо хуни дил фасонаи розаш фурӯ барам.
Азбаски ӯст дар дили ман, ҳар даме зи завқ
Аз сина дил барораму бозаш фурӯ барам!

Чун тир бар камон ниҳад ӯ, хоҳам аз ҳавас
Пайконҳои диданавозаш фурӯ барам.
Шабҳо зи завқ хоки дараш дар даҳон кунам,
Дурҳои дидагони ниёзаш фурӯ барам.
Девона шуд дили ману занҷир вочиб аст,
Хоҳад аз ӯ, ки зулфи дарозаш фурӯ барам.
Бошад, ки як даме лаби худ бар лабаш ниҳам,
То ман забони арбадасозаш фурӯ барам.
Хусрав, агарчи ишқ маҷоз аст, з-они ӯ
Таҳқиқи хеш ман ба маҷозаш фурӯ барам.

* * *

Ҳар дам чу натвонам, ки он рухсори зебо бингарам,
Рӯзе, ки ҷое дидамаш, рӯ орам он ҷо, бингарам.
Гаҳ гиря пӯшад чашми ман, бехуд шавам чун даррасад,
Мумкин нагардад ҳеҷ сон, к-он рӯи зебо бингарам.
Оташ батар гирад ба дил, ҳарчанд бар ёди рухаш,
Берун равам ман ҳар замон гулҳои саҳро бингарам.
Эй боғбон, лутфе бикун, дар бӯстон раҳ деҳ маро,
Гар нахл надҳад мевае, боре, тамошо бингарам.
З-ин сон,ки дил пур шуд зи ғам, ҷони тиҳӣ дорад дарун
Ёро, яке ҳам худ бигӯ, к-ат арчи ёро бингарам.
Дидан наёрам чун рухат, побӯс ҳам нагзориям,
Бигзор, боре як назар дар пушти он по бингарам.
Ту худ зи баҳри озмун шӯхӣ кунӣ, к-ин сӯ бибин,
Лекин мани беҳушро ку ҳуши дил, то бингарам?
Аз диданат ҷон меравад в-ар ҷон равад, чун бинамат,
Ҳайронам андар кори худ, к-ат ҷон диҳам, то бингарам.
Хунобаи Хусрав ҳама афсурд тӯ бар тӯ ба дил,
Чархам надод он бахт, к-ат аз халқ танҳо бингарам.

* * *

Чаман чун бӯи ту орад, ба бӯят дар чаман мирам,
Ба ёди қоматат дар пои сарву норван мирам.
Хуш он вақте ки ту аз ноз сӯям бингарию ман
Ба зорӣ мар даҳ ангушт уфканда дар даҳан, мирам.
Бихур ҷумла танам, эй зоғ, ҷуз дида, ки ӯро дид,
Чу берун уфтам, дар арсаи зоғу заған мирам.
Маро чун пераҳан садчоку пурхун аст аз он Юсуф,
Ҳамон ороиши гӯрам кунед, он дам, ки ман мирам.
Шудам расво даруни шаҳр, дар саҳро равам акнун,
Ки расвотар шавад, гар дар миёни марду зан мирам.
Зиям, аз ту бимирам ҳам, зи ту фориғ зи ҷону тан,
Наям, чун дигарон, к-аз ҷон зиям ё худ зи тан мирам.
Сухан пурсидӣ аз Хусрав, магар чашмат фуруд омад,
Карам кун як сухан дигар, ки ҳам з-он як сухан мирам.

* * *

Маро дил деҳ, ки ман санге надорам,
Ба ҷуз хуни ҷигар ранге надорам.
Дили ман бурдаӣ, некӯ-ш медор
В-агар бад дорӣ, ман ҷанге надорам.
Ба ҳар кӯе гарам расво кунад ишқ,
Чу ман ошиқ шудам, нанге надорам.
Суруди дарди худ бо хеш гӯям,
Ки нолонтар зи худ чанге надорам.
Зи ман то сабр сад фарсанг роҳ аст,
Вале ман пои фарсанге надорам.
Диҳандам панду дар ман дарнагирад,
Ки ман ақлеву фарҳанге надорам.
Манам Хусрав, ки аз ғам кӯҳи Фарҳод
Ба сина дораму санге надорам.

* * *

Ошиқ шудаму маҳрами ин кор надорам,
Фарёд, ки ғам дораму ғамхор надорам.
Он айш, ки ёре диҳадам, сабр надидам
В-он бахт, ки пурсиш кунадам, ёр надорам.
Бисёр шудам ошиқу девона, аз ин пас
Он сабр, ки ҳар бор буд, ин бор надорам.
Як сина пур аз қиссаи ҳаҷр аст, валекин
Аз тангдилӣ тоқати гуфтор надорам.
Чун роз бурун нафтадам аз парда, ки ҳарчанд
Гӯянд маро гиря нигаҳ дор, надорам.
Аз кӯрии чашмам ғами нодидани ёр аст
В-арне ғами ин чашми гунаҳгор надорам.
Гӯянд, ки бедор мадор он шаби ғаддор,
Андозаи ман нест, ки бедор надорам.
Ҷонон, чу дили хаста ба савдои ту додам,
Ӯ донаду савдои ту, ман кор надорам.
Хунрези шигарф аст лабат, саҳл нагирам,
Меҳмони азиз аст ғамат, хор надорам.
Дорам ғами дидори ту бисёр, на андак,
Лекин ғами худ андаку бисёр надорам.
Маргам зи ту дур афганад, андешаам ин аст,
Андешаи ин ҷони гирифтор надорам.
Дорам ҳаваси зистанӣ низ, валекин
Парвонаи он лаъли шакарбор надорам.
Хун шуд дили Хусрав зи нигаҳ доштани роз,
Чун ҳеҷ касе маҳрами асрор надорам.

* * *

Дарёб, ки ман тоқати ҳаҷри ту надорам,
Биштоб, ки афтод ба ҷон баҳри ту корам.
Аз ман ту карон кардию хун монда ба чашмам,
Гавҳар зи барам рафтаву дарё ба канорам.

Ҳар рӯз дами сард, магар боди хазонам,
Ҳар лаҳза нами дида, магар абри баҳорам?
Ҳар шаб зи паи толеъи бад то ба саҳаргоҳ
Қатра зи мижа резаму сайёра шуморам.
Бурдӣ дили ман в-ар хирадам ҷумла биҷӯӣ,
Дарҳол хирад ҷумла кунам, пеши ту дорам.
Он дил, ки зи ман бистидаӣ, бахри худоро,
Биспор ба ман, то ба худоят бисупорам.
Доман мафишон аз мани хокӣ, ки ман, эй дӯст,
Домони ту, дар хок шавад ҳам, нагузорам.
Гар сад ситам аз бахри ту бар рӯи ман ояд,
Гирам ҳама бар хеш, ба рӯи ту наёрам.
Аз дида кунам пой, чу сӯи ту шитобам
В-ар худ ҳама раҳ хор бувад, чашм нахорам.
Шамшер бикаш, то ба шаҳодат биниҳам сар,
Ту даст барориву ман ангушт барорам.
Хуш дор дили Хусрав, агар зулфи ту гирад,
То нолаи шабгир ба рӯят нагуморам.

* * *

Зи ҳар мӯи ту дил дар банд дорам,
Дилам хун гашт, пинҳон чанд дорам.
Ба савганди ту ҷонро бастаам, вой,
Ки то чандаш бар ин савганд дорам.
Ғамат бо хештан гӯям, ҳама шаб
Бад-ин сон хешро хурсанд дорам.
Маро аз суҳбати ҷон шарм бодо,
Ки ҷуз бо ту чаро пайванд дорам.
Диҳандам панд аз ишқи ту дар гӯш,
Чӣ гуна гӯш сӯи панд дорам.
Ба Хусрав деҳ, ки ман нодода воме
Бад-он лабҳои шаккарханд дорам.

* * *

Шабе осониям набвад, қавӣ душворие дорам,
Шифо аз чашми ту хоҳам, аҷаб беморие дорам.
Ҳама шаб мегазам ангушти ҳасратро ба дандон ман,
Ҳамин аст, ар зи шохи умр бархурдорие дорам.
Бирав, эй бахти хоболуд, аз паҳлуи бедорон,
Ки ту шабкӯрие дорию ман шабзорие дорам.
Ҷигар-бирёну нола-мутрибу май-гиряи талхам,
Биё, меҳмони ман, ҷоно, ки шаб бедорие дорам.
Ба ёди рӯят аз ёди ту холӣ нестам як дам,
Зи ташвиши ғамат гарчи фаромушкорие дорам.
Чу хоки дар шудам дар зери пои худ, азизам кун,
Бад-он иззат, ки пеши остонат хорие дорам.
Ало, эй соқии фориғдилон, май ҳам бад-эшон деҳ,
Ки ман бо рӯзгори хештан хунхорие дорам.
Ба чашмат мекашад Хусрав, ҳақи он гар намедонӣ
Дурӯғе ҳам намегӯӣ, ки мардумсорие дорам.

* * *

Муддате шуд, ки назар бар рухи ёре дорам,
Булбулам, ин ҳама афғон зи баҳоре дорам.
Нозанинест, ки баҳраш дилу дин мебозам,
Хубрӯест, ки бо ӯ сарукоре дорам.
Масти дилдорам, агар май набувад в-арна аз он-к
Соқии сарвқаде, лолаузоре дорам.
Ҳар кӣ пурсад, ки ту дил сӯи фалонӣ дорӣ,
Ҳеҷ мункир нашавам, гӯямаш, оре, дорам.
Меравам ғошия бар дӯш ғуборолуда,
Чӣ кунам, хидмати девонасаворе дорам.
Бомдодон-ш гирифтам, ки биё, май нӯшем,
Гуфт, бигзор бихуспам, ки хуморе дорам.
Хусраво, хидмати хубон кунам аз дида, аз он-к
Ҳар чӣ дорам мани бечора, зи ёре дорам.

* * *

Агар зи нози ту дил хаставу ҳазин дорам,
Бад-ин хушам, ки буте чун ту нозанин дорам.
Барои он ки кашам пеши чашми беморат,
Матои офият инак дар остин дорам.
Зи банди зулфи ту занҷири пои худ созам,
Дили ситамзадаро чанд гаҳ бар ин дорам.
Ба нозанинӣ бадхӯ шудиву ҳам бад нест,
Ки дилбаре чу ту бадхоҳу нозанин дорам.
Ба васл бо ту наёрам намуд густохӣ,
Ки шаҳнае чу фироқи ту дар камин дорам.
Маро агарчи ки бар дасти ғам фурӯхтаӣ,
Ҳанӯз доғи ғуломӣ-т бар ҷабин дорам.
Агарчи Хусрави рӯи замин шудам ба сухан,
Ҳам аз вафо суи ту рӯй бар замин дорам.

* * *

Савдои сари зулфат, к-андар дилу ҷон дорам,
З-андеша дилам хун шуд, то чанд ниҳон дорам?
Гар сар биниҳам пешат, хокам фиғанӣ бар сар,
Ман сурма кашам онро, дар дидаи ҷон дорам,
Аз ту нигаронихо рӯ дод маро дар дил,
То чанд ба рӯи ту диданигарон дорам?
Бехоб кунӣ чашмам, ту дидаи он дорӣ,
Хуноб кунам пешат, ман заҳраи он дорам.
Гирди дилам аз ишқат гирдоби бало шуд ғам,
То чанд аз ин тӯфон худро ба карон дорам?
Гуфтӣ, ки биё бар ман, андеша мадор аз кас,
Гар бахт диҳад ёрӣ, андеша ҳамон дорам.
Бо ту чӣ дамам ҳар дам, чун ҳаст дами сардам,
Гулро чӣ барам меҳмон, чун боди хазон дорам.
Эй дӯст, бидеҳ дасте, чун мебарадам ғалтон
Селе, ки зи хуни дил дар дида равон дорам.

Дар ҳаҷри ту Хусравро инак ба лаб омад ҷон,
Ҷоне, ки расад бар лаб, чандаш ба забон дорам?

* * *

Мадеҳ пандам, ки ман дар сина савдои дигар дорам,
Забон бо халқ дар гуфт асту дил ҷои дигар дорам.
Хиромон ҳар тараф сарвеву ҷони ман наёсояд,
Ки ман ин хор-хор аз сарви болои дигар дорам.
Маро ин ташнагӣ аз баҳри обе дигар аст, арна
Намебинӣ, ки дар ҳар дида дарёе дигар дорам?!
Табибо, хешро заҳмат мадеҳ, чун беҳ нахоҳам шуд,
Ки ман дар синаи шӯрида савдои дигар дорам.
Туро гар рои хунрези мани мискин-ст, бисмиллаҳ
Чӣ мепурсӣ зи мо ҷонона, ман рои дигар дорам.
Ба бозори ту дилро манязиди якназар кардам,
Карам чун як назар, ҷоно, ки колои дигар дорам.
Ҳама мастии ман дар кори чашму зулфу рӯят шуд,
Лабам хомӯшу дар ҳар як тақозои дигар дорам.
Маро сӯи касонам, чун танам шуд хок дар кӯят,
Намонд он сар, ки ҷуз пои ту дар пои дигар дорам.
Намеандешӣ аз дамҳои сарди ман, намедонӣ,
Ки дар ҳар кӯча, Хусрав, бодпаймои дигар дорам.

* * *

Бурун ой андаке ҷоно, ки бисёр орзу дорам,
Видоъи умр наздик аст, дидор орзу дорам.
Маро пурхор бодо ҳарду дида, балки пургил ҳам,
Агар бе рӯи ту ҳаргиз ба гулзор орзу дорам.
Қиёси рӯзии худ мешиносам, к-аз гулистонат
Ҳама гул орзу доранду ман хор орзу дорам.
Дарат мебӯсаму он бахт ку, к-андар дилат гардад,
Ки ин бахшиш аз он лаъли гуҳарбор орзу дорам.

Агар шуд ақлу ҷон дар кори ишқат, саҳл бошад он,
Ҳанӯз андар сари шӯрида бисёр орзу дорам.
Зи зулфат як гираҳ бикшо на аз баҳри дилам, лекин
Халосӣ аз паи муште гирифтор орзу дорам.
Насиҳат мекунӣ, эй ошно, к-осуда шав, Хусрав,
Чӣ пиндорӣ, ки ман ин мурдани зор орзу орам!

* * *

Эй аз назарам рафта, назар сӯи кӣ дорам,
Дил, к-аз ту ситонам, ба хами мӯи кӣ дорам?
Таслими ҷафоят чӣ кунам, гар наканам ҷон,
Чун боз раҳам, қувваи бозуи кӣ дорам?
Гуфтӣ ту, ки ин бедилӣ аз рӯи кӣ дорӣ,
Аз рӯи ту дорам, дигар аз рӯи кӣ дорам?
Ҳар ҷо, ки яке рӯи накӯ, ҷони ман он ҷост,
Ё Раб, ки чӣ бад одамиям, хӯи кӣ дорам?
Тире, ки маро хаст ба сина зи камоне,
Ман донаму дил, к-аз хами абрӯи кӣ дорам?
Андозаи ман нест, ки баргирам аз ӯ чашм,
К-он чашм, ки баргирам аз ӯ, сӯи кӣ доам?
Дасте, ки дуто монд ба болини фироқам
В-ар бозкашам, дар таҳи паҳлӯи кӣ дорам?
Эй дида, кӣ бошӣ ту, ки ин ҷо нашавӣ пой,
Донӣ, гузаре ман ба сари кӯи кӣ дорам?
Гӯянд, ки Хусрав, рав аз ӯ ҷодуӣ омӯз,
Чандин дигар аз наргиси ҷодуи кӣ дорам?

* * *

Хар шаб фитода бар дари ту хоки дар хӯрам,
Як шаб магар зи боми ту санге ба сар хӯрам.
Ҷое, ки ту камон кашӣ, эй нахли фитна, боз
Пайкони обдор чу хурмои тар хӯрам.

Рӯзе, ки бинамат зи паи дидани дигар,
Шаб то ба рӯз ҳасрати рӯзи дигар хӯрам.
Масту хароб кард маро чун шароби талх
Хунобаи ғамат, ки чу ширу шакар хӯрам,
Гар ту хушӣ, ки барги муроде набошадам.
Аз шохи умри хеш мабодо, ки бар хӯрам
Серӣ ҳанӯз нест дили хунгирифтаро,
Чандин, ки ман зи дасти фироқам ҷигар хӯрам.
Камтар карашма кун, ки кушанда-ст ин шароб,
Бечора Хусрав, ар қадаре бештар хӯрам.

* * *

Аз дасти дил бар онам, к-аз ҷони худ бишӯрам,
Берун ҷаҳам, ки бошад хӯ бо гавазну гӯрам.
Девонаам ман, эй дил, з-он шамъ ёдам овар,
К-оташ занам ҷаҳонро, ногаҳ агар бишӯрам.
Завқи хирад наҷӯям, к-аз ғамкашони ишқам,
Фазли араб надонам, к-аз рустои ғӯрам.
Ҳар мурда аз гуноҳе сӯзанду ман чу сӯзам,
Аз сӯзи ишқ боре бошад азоби гӯрам.
З-он нури офтобам бинову кӯр ҳар дам,
Нилуфарам, надонам, ё буми рӯзкӯрам?
Ман чун зиям, ки дидам бо хатти мӯрмолаш
З-ӯ дар дилу ҷигар шуд сӯроххои мӯрам.
Гӯянд, Хусрав, он сӯ чандин марав ба зорӣ,
Не худ ҳамеравам ман, дил мебарад базӯрам.

* * *

Ҷонам бурун омад зи ғам, охир ба ҷонон кай расам,
Ақлам намонду ҳуш ҳам, бар ёр аз ин сон кай расам?
Ман ошиқу расво чунин, халқе зи ҳар сӯ нақшбин,
Душман ҳазор андар камин, бар дӯст осон кай расам?

Аз ёди рӯи чун гулам ашк аст ҳамранги лабам,
Ноланда ҳамчун булбулам, то дар гулистон кай расам,
Ҳастам ба саҳрои меҳан мӯри заифу мумтаҳан,
Садсола раҳ дар пеши ман, пеши Сулаймон кай расам?
Ҳар ҷо, ки ёру ҳамсаре рафтанд дар ҳар кишваре,
Ман шаҳрбанди кофаре мондам, бад-эшон кай асам?
Дар ҷонам аз ғам хирмане, сад пора гашта домане,
Ман мондаам беҷон тане, то бар ту, эй ҷон, кай расам?
Бо ин сиришк афшонданам, ҳайф аст аз ту монданам,
Ту худ нахоҳӣ хонданам, нохондамеҳмон кай расам?
Нав кардиям дарди куҳан в-он гоҳ дармони сухан,
Боре ту з-они худ бикун, ман худ ба дармон кай расам?
Ҳар шом Хусрав то саҳар анҷум шуморад сар ба сар,
Лекин надонам ин қадар то ман ба ҷонон кай расам?

* * *

Ман он турки таннозро мешиносам,
Ман он шӯхи бадсозро мешиносам.
Мабинед, то метавонед, дар вай,
Ки ман он сарандозро мешиносам.
Набинам ба сӯяш зи бими ду чашмаш,
Ки он ҳарду ғаммозро мешиносам.
Шабам тоза шуд ҷон ба дашноми мастӣ,
Ту будӣ, ман овозро мешиносам.
Бад-он ғамза монад гаҳи хоб наргис,
Ки ман шеваи нозро мешиносам.
Зи ман пурс завқи фиғонҳои Хусрав,
Ки ман он раҳу созро мешиносам.

* * *

Ба дасти бод, к-он сӯ ҷон фиристам,
Маро бӯест, к-охир он фиристам.
Агар худ тир бар ҷонам кушоӣ,
Ба истиқболи тират ҷон фиристам.

Ба куштан хунбаҳоям ин қадар бас,
Ки фармоӣ: “Манаш фармон фиристам”.
Ҳумое чун ту в-он гоҳ устухонам,
Ту гӯ, то бар саги дарбон фиристам.
Агар гӯят наранҷад аз туфайлӣ,
Саре дар хидмати чавгон фиристам.
Намонд андар танам нақде, ки бар шоҳ
Хироҷе з-ин деҳи вайрон фиристам.
На бар тири назаркуш, не ба шамшер,
Чу Хусравро ба ту қурбон фиристам.

* * *

Шабе дар кӯи он маҳрӯй рафтам,
Сару по гум чу оби ҷӯй рафтам.
Намерафтам, бало шуд бӯи зулфаш,
Хароб андар паи он бӯй рафтан.
Ба кӯяш рӯ ниҳодам баҳри рафтан,
Зи беҳушӣ ба дигар сӯй рафтам.
Шабат хуш бод, эй дил, назди он моҳ,
Ки ман холӣ шудам, з-ин кӯй рафтам.
Шудам бадхӯ ба рӯяш ҳар дам, акнун
Куҷо ман дидани он рӯй рафтам?
Ба сина нақди ҷон ташвиш медод,
Ба ришват додани он хӯй рафтам.
Каҷ аст он зулфу медонам, ба сӯяш
Ба гуфти Хусрави бадгӯй рафтам.

* * *

Умрам гузашту рӯи ту дидан наёфтам,
Тоқат намонд, дар ту расидан наёфтам.
Гуфтам рухат бибинаму мирам ба пеши ту,
Ҳам дар ҳавас бимурдаму дидан наёфтам.

Гуфтӣ ба хуни ман сухане ҳам хушам, вале-к
Чӣ суд, к-аз лаби ту шунидан наёфтам.
Мурғам, к-аз ошёни саломат ҷудо шудам,
Мондам ба доми ҳаҷру паридан наёфтам.
Бар дӯст хостам, ки нависам шикояте,
Аз оби дида даст кашидан наёфтам.
Дӣ бо дарахти гул ба чаман ҳамнишин шудам,
Худ боғбон даромаду чидан наёфтам.
Шуд хуни Хусрав об, ки аз соғари умед,
Як шарбати мурод чашидан наёфтам.

* * *

Нафасе бурун надодам, ки ҳадиси дил нагуфтам,
Сухане нагуфтам аз ту, ки зи дида дур насуфтам.
Чӣ кунун нуҳуфта гирям, ки шудам зи гиря расво,
Ки ба рӯи обам омад ғами дил, ки менуҳуфтам.
Ман аз он гаҳе, ки дидам ба ду чашми хобнокат,
Ба ду чашми хобнокат, ки агар шабе бихуфтам!
Шаби ман ҳазорсола, ту ба сина турфакорӣ,
Ки ҳазорсола роҳам ба миёну бо ту хуфтам.
Ҳама халқ хонд Маҷнун зи паи туам, ки ҳар дам
Ба сабо паём додам, ба паранда роз гуфтам.
Ман агар зи дур руфтам сари кӯи ту, чӣ ранҷӣ,
Ки раҳе зи дур руфтам, на ситонаи ту руфтам?
Расадат, ки бӯи Хусрав, накашӣ зи нозанинӣ,
Ки ман он гули азобам, ки зи хори ғам шукуфтам.

* * *

Набудӣ, он ки манат дилнавоз мегуфтам,
Чаро зи содадилӣ бо ту роз мегуфтам?
Ҳама ҳикояти нози ту гуфтаме з-ин пеш,
Кунун балои ман аст, он ки ноз мегуфтам.

Дило, бисӯхтиву талх менамуд туро,
Ман ар зи панд ҳадисет боз мегуфтам.
Хуш он шабе, ки бар он рӯй бода мехӯрдам,
Ба оби дида ҳама шаб ниёз мегуфтам.
Азим дарди сар овард нозанин маро,
Ки ман фасона ба ғоят дароз мегуфтам.
Дилаш гар аз сухани ман гирифт, барҳақ буд,
Ки дардҳои дили ҷонгудоз мегуфтам.
Ба нола қомати қомат, зи ёди он боло
Саҳаргаҳон, ки ба бонги намоз мегуфтам.
Ҳар он сухан, ки аз ӯ ёд буд, шаб то субҳ
Тамом мешуду ҳар бор боз мегуфтам.
Хаёли ханда ҳамесӯхт ҷони Хусраву ман
Дуои он лаби кеҳтарнавоз мегуфтам.

* * *

Боз омад, он вақте ки ман аз гиря дар хун уфтам,
Домони исмат бар дарам в-аз парда берун уфтам.
Ғамҳои худ гӯям, ки он ҳамдардро бовар шавад,
Гар ман ба маҳшар ногаҳон паҳлуи Маҷнун уфтам.
Сайёраи давлат маро, гар поя бар гардун барад,
Баҳри заминбӯси дарат аз авҷи гардун уфтам.
Ин гиря, гӯй, равған аст аз баҳри сӯзоки дилам,
К-афзун шавад шуъла маро, гар худ ба Ҷайхун уфтам.
Хоби аҷал ояд маро, лобуд ҳамин омад, ки ман
Бар болиши ғам сар ниҳам, бар бистари хун уфтам.
Чун қуръа ғалтам ҳар шабе паҳлу ба паҳлу, то магар
Рӯзе ба зери пои ту з-ин фоли маймун уфтам.
Дар маҳшарободи дилам, Хусрав, намегунҷад ғамаш,
Фарҳодвор акнун магар дар кӯҳу ҳомун уфтам.

* * *

Эй хуш, он шабҳо, ки ман дар дида хобе доштам,
Гаҳ чароғи равшану гаҳ моҳтобе доштам.
Борҳо ёд ораму дар хоб беҳуше шавам,
Он ки вақте бо хаёли дӯст хобе доштам.
Чанд доғи бедилӣ пайваста бинам пеш аз ин,
Номи дил буд арчи вайронӣ, харобе доштам.
Маҳраме дидам шабе, аз дида берун рехтам,
Он ҳама хунобаҳо, к-андар кабобе доштам.
Он чӣ давлат буд, к-омад як шабе хандазанон,
Гӯӣ, аз фирдавси аъзам фатҳи бобе доштам.
Гуфт натвонам ба рӯят, он чӣ бар ман шаб гузашт,
К-эй биҳиштирӯй, дур аз ту азобе доштам.
Зориям бишнид ёру гуфт: “Менолӣ зи ишқ?”
Хусравам зад бар даҳон, гарчи ҷавобе доштам,

* * *

Хуррам он рӯзе, ки ман бо дӯст коре доштам,
Бо висоли ӯ ба шодӣ рӯзгоре доштам.
Доштам боре з-ин андеша, ки ояд ҷон бурун,
Бар забон рондан намеорам, ки ёре доштам.
Тан чу гул сад пора шуд, азбаски ғалтидам ба хок,
Аз фусуси он ки хуррам навбаҳоре доштам.
Хуш наёяд, к-оям аз хона бурун, к-ин хонаро
Дӯст медорам, ки дар вай дӯстдоре доштам.
Нест ранҷе гар дил аз ғам хун шудан ранҷ асту бас,
Гар зи тори мӯи хубон ёдгоре доштам.
Чанд гӯӣ сабр кун, то рӯзи шодӣ даррасад,
Тоқатам шуд, сабр кардам, то қароре доштам.
Халқ гӯяд: “Хусраво, вақте дили хуш доштӣ”,
Ин замон чун нест, чун гӯям, ки “оре, доштам”.

* * *

Гузашт он ки ман ақлу дин доштам,
Ту гӯӣ, на ону на ин доштам.
Ҳамерафту побӯс захра набуд,
Ҳам аз дур рӯ бар замин доштам.
Надидам дар он мояи зиндагӣ,
Ки бар мурдани худ яқин доштам.
Рақибаш зи нангам накушт, арна ман
Сару теғ дар остин доштам.
Масӯз аз гумони сабурӣ-м, аз он-к
Намонд, он ки ман пеш аз ин доштам
Ба ёдаш чу хуршед месӯхтам,
Ҳамин сояи ҳамнишин доштам.
Фитодам ба чоҳи занах, гарчи ман
Чу Хусрав дили дурбин доштам.

* * *

Ҳар саҳаре ба кӯи ту шуълаи вои худ кашам,
Чанд ба сина халқро доғи ҷафои худ кашам.
Ишқ бувад балои ман, кош бувад ҳазор ҷон,
К-аз паи дӯстӣ ҳама пеши балои худ кашам.
Баски заифам аз ғамат, фарқ набошадат, ки ман
Гар ба даруни пераҳан ришта ба ҷои худ кашам.
То ба сарои хештан як нафасеш дидаам,
Ҳар нафасе ба чашми худ хоки сарои худ кашам.
Шаб, ки равам ба кӯи ту, хор агар ба по халад
Аз мижа сӯзане кунам, хор зи пои худ кашам.
Рафт хато, ки сар нашуд хоки дари ту, теғ ку,
То сари худ қалам кунам, хат ба хатои худ кашам.
Баҳри висол мекашад Хусрави хаста дарду ғам
Бар ту чӣ миннат аст, чун дард барои худ кашам?!

* * *

Як сухан гар з-он лаби шаккарфишон берун кашам,
Сад дили гумгаштаро аз вай нишон берун кашам.
Орзу дорам миёнат бингарам бепераҳан,
Моҳи ман, бигзор торе аз катон берун кашам.
Ниммузди рӯи ту сад ҷон бувад, он ҳам чу нест,
Нимҷоне ҳаст, агар гӯӣ, ҳамон берун кашам.
Мулки ҷон бидҳам лабатро дар баҳои бӯсае,
Ҳам ба бӯса ҷони дигар з-он даҳон берун кашам.
Хатти ту дар чашми ман бишшаст, тадбире бисоз,
То гилеми худ магар з-оби равон берун кашам.
Чун ҷаҳонро бими тӯфон аст з-оби чашми тар,
Рахти ҳастӣ, гар тавонам, з-ин ҷаҳон берун кашам.
Баски оҳи оташинам дар ҷаҳон дорад гузар,
Обила, бинӣ, саросар аз забон берун кашам.
Эй туро сад кушта, чун ман, чанд гуӣ, к-аз ҷафо
Хуни меҳмон резаму ҷони фалон берун кашам?
Як шабе меҳмони Хусрав бош, то аз ҷабри ту
Синаро холӣ кунам, рози ниҳон берун кашам.

* * *

Не маҷоли он ки ӯро аз дили худ баркашам,
Не диле дорам, ки дар вай дилбари дигар кашам.
Дидаро гар ҳаққи он набвад, ки дид ӯро ба чашм
Ман зи хунҳое, ки он хӯрдам, зи чашмаш баркашам,
Гар битарсам, з-он, ки дар хуноба монад ёри ман,
Баркашам дида, ба ҷои дида ӯро даркашам.
Дар раҳе, к-ӯ рафт, ин сар то нагардад хоки роҳ,
Ҳам ба хоки роҳи ӯ з-он хоки роҳ аз сар кашам.
Оқибат равшан шавад ҳамсоягонро сузи ман,
Гарчи оҳи оташин аз халқ пинҳон баракашам.
Бар худаш хоҳам, ки хонам ин фузулӣ бин, ки ман
Чашмаи хуршедро дар ҷанби нилуфар кашам.
Ҷон бад-он афзун тавонад дошт Хусрав солҳо,
Гар тавонам як сухан з-он лаъли ҷонпарвар кашам.

* * *

Чун нола баҳри диданат аз ноз баркашам,
Хоҳам, ки ин ду дидаи бадсоз баркашам!
Бонги баланд хезад, аз онаш чу шуд баланд,
Нолиданам хамон-ст, чу овоз баркашам.
Сабре набошад, арчи ки ҳар дам зи хуни дил
Дар хона нақши он бути танноз баркашам.
Бар ёди қоматат чу бигирям, аҷаб мадор,
К-аз гил ҳазор сарви сарафроз баркашам.
Ӯ дар дил асту сабр накардам ҳазор бор,
Гар хешро фурӯ бараму боз баркашам.
Расво шудам зи халқ, гарам дастрас бувад,
Як-як забони сифлаву ғаммоз баркашам.
Ёрон бисӯхтанд зи май, Хусрав, оҳи гарм
То чанд пеши ҳамдаму ҳамроз баркашам?

* * *

Ман куштаи рӯи ёри хешам,
Дармондаи рӯзгори хешам.
З-ин ғам, ки ба кас наметавон гуфт,
Шабҳост, ки ғамгусори хешам.
Дар хуни худ ар набошамат ёр,
Бас ёр туӣ, ки ёри хешам.
Соқӣ, бидеҳ он қадаҳ маро, з-он-к
Ман сӯхтаи хумори хешам.
Ёрон чу қарору сабр ҷӯянд,
Аз ман на, ки бар қарори хешам.
Эй носеҳи ман, ки медиҳӣ панд,
Мегӯ ту, ки ман ба кори хешам.
Гӯянд, ки Хусраво, чӣ нолӣ,
Ман фохтаи баҳори хешам.

* * *

Гар ман ба каманди ту гирифтор набошам,
Афтода дар ин сояи девор набошам.
Охир зи ту чизест дар ин сина, в-агарна
Чандин ба сари кӯи ту бедор набошам.
Занҷиркашонам бибарад зулфи ту, гар ман
Навбардаи он ғамзаи хунхор набошам.
Хунҳо хураму шукри ту гӯям, ки аз ин май
Як лаҳза зи иқболи ту ҳушёр набошам.
Хушвақт диле, к-ӯ бувад озод, ки боре
Ман менатавонам, ки гирифтор набошам.
Чун хоси хаёлат шудам, эй ҷону хирад дур,
Он беҳ, ки кунун паҳлуи ағёр набошам.
Гӯянд, ки Хусрав магирӣ, вой, ки чандин
Берун натаровам, агар афгор набошам.

* * *

Чун давлати он нест, ки паҳлӯи ту бошам,
К-ам з-он ки фитода ба сари кӯи ту бошам.
Куштан чу туро хӯй шуд, инак ману ин сар,
Як рӯз магар ротибаи хӯи ту бошам.
Ҳар субҳ ба қибла ҳама халқу мани бадкеш
Афтода дар андешаи абрӯи ту бошам.
Рӯз аз ҳаваси қадди ту гардам ба чаманҳо,
Шаб низ дар андешаи гесӯи ту бошам.
Хуршед барояд, хабарам набвад, маҳ низ,
Бас, к-аз дили пурхун ба ғами рӯи ту бошам.
Бинвоз ба як навакам, эй турк, ки боре
Ман низ туфайлихӯри оҳуи ту бошам.
Он дам ки ту дар куштани ман даст барорӣ,
Халқе ҳама сӯи ману ман сӯи ту бошам.

Н-оям ба дар аз миннати дашноми ту ҳаргиз,
Бо он ки ҳама умр дуогӯи ту бошам.
Ин аст баҳори дили Хусрав, ки чу ғунча
Садпорачигар аз ҳаваси рӯи ту бошам.

* * *

Гар гуле надҳӣ зи боғи худ, ба хоре ҳам хушем
В-ар канорею лабе набвад, ба ёре ҳам хушем.
Чун инони дӯст дастовези ҳоли мо нашуд,
Дар гузаргоҳи самандат бо ғуборе ҳам хушем.
Бодаи васлат гуворо бод, он касро, ки ҳаст,
Мо қадаҳ нохӯрда бо ранҷи хуморе ҳам хушем.
Рӯи зарди мову санги остонат рӯзу шаб,
Ин зар ар накде наярзад, бо иёре ҳам хушем.
Дардҳои кухна дорем аз ту дар дил ёдгор,
Гар ту н-орӣ ёди мо, бо ёдгоре ҳам хушем.
Гар миёни оқилон санге надорем аз хирад,
Дар раҳи девонагон бо сангсорӣ ҳам хушем.
Гарчи ҷони Хусрав аз бедоди ту бар лаб расид,
Ҷаври ёронро шикоят нест, боре ҳам хушем.

* * *

Дидам балои ногаҳон, ошиқ шудам, девона ҳам,
Ҷонам ба ҷон омад ҳаме аз хешу аз бегона ҳам.
Девона шуд дил аз ғамаш, ногаҳ баромад оташе,
Шуд рахти халқе сӯхта, хошоки ин вайрона ҳам.
Шамъанд хубон, к-аҳли дил донанд сӯзи доғашон,
З-ин чошниҳо андаке дорад хабар парвона ҳам.
Монда ду чашми ман ба раҳ, ҷоно, макун бегонагӣ,
Ин хона инак з-они ту в-ар боядат, он хона ҳам
Ҳангоми мастиву хушӣ чун бар ҳарифони тараб
Гаҳ-гаҳ бо бозӣ гул занӣ, санге бар ин девона ҳам.

Бар ман ҷафоҳо, к-аз дилат ояд, чӣ хоҳӣ узри он,
Ранҷе, ки бурда-ст осиё, миннат манеҳ бар дона ҳам.
Чун хоб н-ояд ҳар шабе, Хусрав фитода бар дарат,
Дар Моҳу Парвин бингарад, ғам гӯяду афсона ҳам.

* * *

Эй ба чашми ту хумору хоб ҳам,
Дар лаби ту ангубин, ҷуллоб ҳам.
Зулфи мушкинат, ки дил duздад дар ӯ,
Ҳаст мушкилтоб чун бетоб ҳам.
Дар хаёли рӯю мӯят ҳар шабе
Толиби шаб мекунам маҳтоб ҳам.
Дил гирифтор аст, чун хунхори туст,
З-он ки хунгиро бувад ҷуллоб ҳам.
Баски хор аст оби чашмам пеши ту
Ғарқи обам бар дарат беоб ҳам.
Чанд чун бераҳматон хоҳем кушт,
Меҳре, охир, мекунад қассоб ҳам!
Дини Хусрав бин, к-аз абрӯву рухат
Шуд дилаш бутхонаву меҳроб ҳам.

* * *

Ишқат насиби ман ҳама ғам доду дард ҳам,
Ҳушу қарори ман ситаду хобу х(в) ард ҳам.
Дардо, ки оҳи гарм ба танҳоиям бисӯхт,
Танҳо на оҳи гарм, ки дамҳои сард ҳам.
Ушшоқро касе, ки ҷафо гуфту айб кард,
Дид он чи гуфт бо дигарӣ в-ончи кард ҳам.
Ҷурми ман аз вафост, бибахшову афв кун,
Инак шафеи хуни дилу рӯи зард ҳам.
Ашкам равон ба кӯи ту овард, чун кунам?

Ин хок рӯзиям буду ин об х(в)ард ҳам.
Он ҷо ки пой менихӣ аз ноз бар замин,
Хоки раҳат зи дида дареғ асту гард ҳам.
Бар ҷони худ ниҳам ҳама дарди ту, баҳри он-к
Дармони ту ба кас нарасад, балки дард ҳам.
Номард нест марди таҳаммул ба роҳи ишқ,
Номардро чӣ захраву ёро, ки мард ҳам.
Хусрав, дар ин раҳ ар сари мардонагӣ-т ҳаст,
Бо дарди ишқ ҷуфт шав аз хеш фард ҳам.

* * *

Ман ошиқам, на раъно, к-аз дӯст ком хоҳам,
Комам ҳамин, к-аз он дар хоке ба ком хоҳам.
Дорам ҳавас, ки мирам дар пеши ту, киям ман,
На Хизру на Масеҳо, к-он ҷо мақом хоҳам.
Аз зиндадории шаб чун нимкушта гаштам,
Аз куштагон-т, моно, хобе ба вом хоҳам.
Ман хуни дида нӯшам, ин аст ишрати ман,
Оё чӣ ҷои бода, бе ту зи ҷом хоҳам.
Ёбам агар гадое шоме ба гирди кӯят,
Нуқсон бувад ба ҳиммат, гар мулки шом хоҳам.
Дидан зи баски н-орам ҳусни ту дигаронро,
На гул дуруст бинам, на маҳ тамом хоҳам.
Худро салом гӯям аз ту, бад-ин шавам хуш,
Чун бинамат забон гӯ,к-аз ту салом хоҳам.
Афвем, эй тавонгар, к-ат дил кунам зи зар хуш,
Ту зарри пухта бахшӣ, ман сими хом хоҳам.
Бар дарди ишқбозӣ Хусрав даво нахоҳад,
Дардаш давои ман шуд, ман бардавом хоҳам.

* * *

Ба чашми оҳувона сайди худ кардӣ дилу тан ҳам,
Каманди ақл бигсастӣ, лаҷоми нафси тавсан ҳам.
Ба доман менуҳуфтам гиря, ногаҳ маст бигзаштӣ,
Шудам расво мани тардоману садчок доман ҳам.
Ту новак мезанӣ бар ҷону ҷони ман ҳамегӯяд,
Ки чашми бад ҷудо з-он новаку з-он новакафкан ҳам.
Ниҳодам ҳар чӣ буд аз сар, саре мондаст бас, акнун
Чу бори сар сабук кардӣ, сабук кун бори гардан ҳам.
Диле, к-аз ман ба сӯят шуд, надорӣ устувор ӯро,
Ки он бегона вақте ошно будаст бо ман ҳам.
Чунонам бо хаёлат хӯй шуд бо кунҷи танҳоӣ,
Ки барбастам дар аз хуршеду аз маҳ, балки равзан ҳам.
Шабе равшан кун, охир, кулбаи торики ман бар ман,
Дили торик дар кори ту кардам, чашми равшан ҳам.
Аломат бар дили садпораи ошиқ чунон монад,
Ки бошад захми шамшеру бидӯзандаш ба сӯзан ҳам.
Чӣ кеш аст, охир, эй Хусрав, ки бе хубон наӣ як дам,
Замоне, охир, аз бут бозмеояд бараҳман ҳам.

* * *

Бибастӣ чашми ман з-афсун, забон ҳам,
Дилам бурдӣ на танҳо, балки ҷон ҳам.
Харобам мекунӣ аз рух, зи лаб низ,
Аз инам мекушӣ, ҷоно, аз он ҳам.
Зи тири туст моро даъвии хун,
Гувоҳӣ медиҳад дил, он камон ҳам.
Зи бедоди ту хурсандам ҳама умр,
Агар хун резиям, розӣ бад-он ҳам.
Бирав, эй бод, бӯсе зан бар он пой,
Агар чизе нагӯяд бар даҳон ҳам.
Мадеҳ, соқӣ, ки ман масту харобам,
Пиёла хӯрдаам, ратли гарон ҳам.

Ғаме дорам, ки бод аз дӯстон дур,
Ба ҳаққи дӯстӣ, к-аз душманон ҳам.
Бут андар қибла дорам, на ҳамин бут,
Ки зуннори муғона бар миён ҳам.
Агар афтад қабул ин ҷони Хусрав,
Ба бӯсе мефурӯшам, ройгон ҳам.

* * *

Абри баҳору борон в-ин чашми хунфишон ҳам,
Булбул ба боғ нолон, ошиқ ба сад фиғон ҳам.
Саҳрову бӯстон хуш в-ин ҷони зормонда
Н-осоядам ба саҳро, дар боғу бӯстон ҳам.
Боз о, ки шаҳр бе ту торику тира бошад,
Дар шаҳр буд натвон в-Аллоҳ, дар ҷаҳон ҳам.
Номам нишонае шуд дар туҳмату маломат,
Эй кошкӣ, набудӣ номи ману нишон ҳам.
Ин аст мурдани ман, эй хиракуш, кӣ ҳастӣ
З-оби ҳаёт хуштар в-аз умри ҷовидон ҳам.
Хоҳӣ ба дида биншин, хоҳӣ ба сина ҷо кун,
Султони ҳарду мулкӣ, ин з-они туст в-он ҳам.
Гуфтӣ ба ҳуҷҷати хат шуд мулки ман дили ту,
Гар рост пурсӣ аз ман, ҷоно, туиву ҷон ҳам.
Сад миннати ту бар ман, к-аз давлати ҷамолат
Бадноми шаҳр гаштам, расвои мардумон ҳам.
Шуд нархи банда, Хусрав, аз чашми ту нигоҳе
В-ар ин қадар наарзад, бипзир ройгон ҳам.

* * *

Ҳар рӯз дида дар раҳи боди сабо ниҳам,
Бар дидагон зи хоки дараш тӯтиё ниҳам.
З-ӯ сад ҷафо кашам, ки наёрам ба рӯй гуфт,
К-ин дарди худ чӣ гуна бар он бевафо ниҳам?

Надҳам ғамаш бурун, ки маро худ бисӯхт ғам,
Дилҳои дигарон чӣ дигар дар бало ниҳам?
Гуфтанд ёд мекунадат, дил намешавад,
К-ин туҳмати дурӯғ бар он ошно ниҳам.
Шоҳон маҷол нест, ки сар бар дараш ниҳанд,
Чун ман гадо расида, ки коса куҷо ниҳам?
Рӯзе чу хост куштанам аз бӯи ту сабо,
Он беҳ, ки ҷон бибӯсаму пеши сабо ниҳам.
Чун дил зи гуфти дида маро сӯхт, дидаро
Берун кашам, ба пеши дили мубтало ниҳам.
Шабҳо, ки гирди кӯи ту гардам, ба ҳар қадам
Аввал ниҳам ду дидаву в-он гоҳ по ниҳам.
Бигзор пора-пора кунам бар ту хешро,
Пас туъма пеши ҳар саги кӯят ҷудо ниҳам.
Гуфтӣ, ки гул ба ҷои рухам бин, зиҳӣ хато
К-он дил аз одамӣ биканам, бар гиё ниҳам.
З-ин гуна, к-аз лабат сухане нест рӯзиям,
Мисмор бар ҷароҳати Хусрав даво ниҳам.

* * *

Сафар карданд ёрон, ҷони мо ҳам,
Басе бегонагону ошно ҳам.
Зи мо якбора барканданд дилро,
Зи суҳбат хаймаи меҳру вафо ҳам.
Чӣ тоби ранҷи роҳ он нозанинро,
Ки роҳаш дар дилу дар дида ҷо ҳам.
Баробар рафт дар якто-ш ҷонам,
Дилам дар бандӣ он зулфи дуто ҳам.
Ду бӯсе ёдгоре дод моро,
Ду май додем-ш аз ду дида бо ҳам.
Туфайли оҳуи саҳро чӣ будӣ,
Ки дар фитроки худ бастӣ маро ҳам?!
Ҷароҳат мекунад дар ҷони ман ишқ,
Ҷудоӣ банд-банд аз ман, ҷудо ҳам.

Фалакро кӯр бодо дидаи меҳр,
Ки н-орад дӯстонро дида бо ҳам.
Агар з-он сӯ равӣ аз Хусрав, эй бод,
Бибӯсӣ бодпои ёри мо ҳам.

* * *

Эй рухат чун моҳу аз маҳ беш ҳам,
Хаста кардӣ синаи мо, реш ҳам.
Ғамзаи ту бар сафи хубон занад,
Гар наранҷӣ бар дили дарвеш ҳам.
Тира кардӣ айши мову рӯзи дил,
Рӯзгори ақли дурандеш ҳам.
Куштам аз дасти ҷафоят хешро,
Бар ту осон кардаму бар хеш ҳам.
Гарчи бар ҷонам қиёматҳо гузашт,
То қиёмат умр бодаш, беш ҳам.
Ҳар замон гӯӣ, ки нӯши ман хуш аст,
Гар зи Хусрав пурсӣ, эй ҷон, неш ҳам.

* * *

Зи ту неъмат асту роҳат, лаби шаккарину рӯ ҳам,
Зи ман офат асту фитна, дили пурбалову хӯ ҳам.
Ҳама ишқу орзуӣ, ғалатам, ки дар латофат
Шуда беқарору маҷнун зи ту ишқу орзӯ ҳам,
Ки агар ду чашми шӯхат нигарад, Хизир бимирад
В-агарат Масеҳ бинад ба ду чашми ту, ки ӯ ҳам.
На фақеҳ агар фаришта чу ту гар ҳариф ёбад,
Биниҳад ба каф пиёла, бикашад ба сар сабӯ ҳам.
Ту ки хуни халқ резӣ, чӣ ғамат, аз он ки ҳар дам
Равад оби дидаи мо ба дари ту, обрӯ ҳам!
Чӣ балост, боракаллаҳ, рухи ту к-аз он таҳайюр
Ба хамӯшӣ монда захме, ки задӣ ба гуфтугӯ ҳам.

Ба карашма гаҳ-гаҳ ин сӯ гузарӣ, ки баҳри рӯят
Ҷигаре дупора дорам, назаре бо чорсӯ ҳам.
Бикушӣ ба нозу гӯӣ, ки аҷал ҳамебарад ҷон,
Дили ту агар наранчад, маҳи ман, рухи накӯ ҳам.
Ба фидо ҳазор ҷонат, на яке агарчи Хусрав
Ба хароши ғамза куштӣ, ба шиканҷаҳои мӯ ҳам.

* * *

Боз вақт омад, ки ман сар дар парешонӣ ниҳам,
Рӯи зебо бинаму бар хок пешонӣ ниҳам.
Суда гашт аз саҷдаи роҳи бутон пешониям,
Чанд бар худ туҳмати дини мусулмонӣ ниҳам?!
Ту биҷунб, эй бахту душвории шабҳоям мапурс,
Ман гирифторам куҷо, паҳлӯ ба осонӣ ниҳам.
Дил ба зулфу ёру аз ман сад паёми ғам бар ӯ,
Чанд доғи ғам бар он мискини зиндонӣ ниҳам?
Ӯ ниҳад тири балоро дар камони нозу ман,
Ҷон ниҳам дар пешу бар дил миннати ҷоне ниҳам.
Эй сабо, гарде зи наъли маркабаш бар ман расон,
То давое бар ҷароҳатҳои пинҳонӣ ниҳам.
Дидагон бар ту ниҳам, эй сарви озодат ғулом,
Ин-ст кӯтаҳчашмӣ, ар бар сарви бустоне ниҳам,
Бар ман афшон ҷуръае аз ҷоми худ, то з-он нишот
Рахти ҳастиро ба бозорӣ парешонӣ ниҳам
Чун парешон гашт кори Хусрав аз ишқат чӣ суд,
Гар кунун сад пай ба сар дасти пушаймонӣ ниҳам?!

* * *

Мо офият нисори раҳи дард кардаем,
Ҷонро ба манязиди адам фард кардаем.
З-ин баҳри обгун чу касе оби хуш нахӯрд,
Дилро зи обхӯрди ҷахон сард кардаем.

Нек аст ҳар баде, ки кунад кас ба рӯи мо,
К-аз неку бад ҳар он чӣ тавон кард, кардаем.
То чанд аз тапонча тавон сурх доштан
Рӯи амал, ки пеши касон зард кардаем.
Ин синаи ҳарис, ки гардад зи хок сер,
Кардем пурғубору чӣ дарх (в) ард кардаем.
Аз баҳри он, ки тира кунем оби осмон
Даҳр аз ғубори сина пур аз дард кардаем.
Наззорагист чашм дар ин чархи муҳрабоз,
Ин каъбатайн дархури он нард кардаем.
Эй ишқ, дард бахш, ки дармон мурод нест,
Дармони ҷони Хусрав аз ин дард кардаем.

* * *

Эй хуш, он рӯзе, ки мо бо ёри худ х (в) аш будаем,
Боданӯшон з-он лаби лаъли шакарваш будаем,
Рӯи ӯро хуш ҳамедидему медодем ҷон,
Ҷон фидои он даме, к-аз рӯи х (в) аш будаем.
Қомати ӯ тиру қадди ман камон, ҳар ду ба ҳам,
Алғараз, з-он шасти зулфаш дар кашокаш будаем.
Аз хаёли ӯ, ки сар то пой бошад нақшбанд,
Пой то сар ҳамчу дебои мунаққаш будаем.
Инқилоби чарх бингар, к-аз паи якрӯза васл
Муддате аз меҳнати ҳиҷрон мушавваш будаем.
Баҳри як соат, ки даст андар каши ӯ доштем,
Рӯзҳо аз дуруии ӯ даст дар каш будаем.
Сиву ҳашти умр дар шаш – панҷи ғам шуд сарбасар,
Шодмон з-ин умр рӯзе панҷ ё шаш будаем.
Ҳар касе гӯяд, ки сӯзе дошт Хусрав пеш аз ин,
Ин замон хокистарем, ар вақте оташ будаем!

* * *

Сабзаҳо нав медамад, берун равем,
Маст дар саҳрои миногун равем.
Дӯстон мастанду борон мечакад,
Ҳамчунин хезон-фитон берун равем.
Мутрибу май гарчи мавҷуд аст, лек
Хубрӯе нест, охир чун равем?!
Эй сабо, он сарви болоро бихон,
То бурун бо он рухи гулгун равем.
Чанд ёди сарв, боре чанд гом
Ҳамраҳи он қомати мавзун равем.
Рӯи хубон доруи беҳушӣ аст,
Чун зиям, ар бо чунин афюн равем?
Ҷаъди ӯ гирему бар Хусрав барем,
Силсила дар даст бар Маҷнун равем.

* * *

Умре шуду мо ошиқи девона бимондем,
Дар дом чу мурғ аз ҳаваси дона бимондем.
Ҳар мурғ ба боғе зи гуле баҳра гирифтанд,
Моем, ки чун бум ба вайрона бимондем.
Вақте дилу ҷону хираде ҳамраҳи мо буд,
Ишқ омаду з-эшон ҳама бегона бимондем.
Дар кӯи бутон рафт ҳама умр, дареғо,
Чун барҳамани пир ба бутхона бимондем.
Ёрон чу фаришта зи харобот рамиданд,
Мо чун магасон бар сари паймона бимондем.
Эй бахти сиёҳрӯз,ту хуш хусп, ки шабҳо
Мо бо дили худ бар сари афсона бимондем.
Хокистаре афтода, на дам монду на дуде,
Зери қадами шамъ чу парвона бимондем.
Ногоҳ парисурате андар назар омад,
Дидем дар он сурату девона бимондем.
Хусрав, зи забонҳо, ки фитодем ба зулфаш,
Гӯӣ ту, ки мӯем, ки дар шона бимондем.

* * *

Мо аз ҳаваси рӯи бутон бознаёем,
Теғ аст ҳади мо, ба забон бознаёем.
Гар тир занӣ бар ҷигар, эй ёри камонкаш,
Тирем, ки рафта зи камон бознаёем.
Мардона ниҳодем чу по бар сари кӯят,
Гар сар биравад, аз сари он бознаёем.
Бозомадан аз ҳар ҳама хубон битавонем,
Лек аз чу туе чун натавон бознаёем.
Рондем чунон бе ту зи олам, к-аҷалу умр
Дар хидмати он сарви равон бознаёем.
Ёдаш диҳӣ,эй бод, зи мо гаҳ-гаҳе ӯро,
Гар ҳар ду бигиранд инон, бознаёем.
Бозомадан аз ишқ тавон монд, агар дил,
Лекин зи паи мондани ҷон бознаёем.
Пайдо нафасе чанд занад, гарчи ки Хусрав
З-инҳо чӣ шавад, гар ба ниҳон бознаёем?

* * *

Софӣ мадеҳ, эй дӯст, ки мо дурдкашонем,
Не ринди тамомем, к-аз ин риндвашонем.
Ин косаи сар бахри чӣ дорем ба иззат,
К-аш дар паи мастон-ш сабӯе накашонем.
Ҳарчанд, ки дар киса надорем пашизе,
Дар ҳиммати мо бин ту, ки ҷамшедвашонем.
Ку соқии навхез, ки болои ду дида,
Чандон, ки ду абрӯ бинишонад, бинишонем.
Пеш ор май, эй соқии хунрез, ки пешат
Аз лаб бихӯрему зи мижа бозфишонем.
Гар зинда надорем шабе пеши ту, гар з-он-к
Худро ба сари кӯи ту як шаб бикашонем.
Хун хурданам, эй дӯст, ҷавонӣ, ту надонӣ,
Донӣ, чу туро шарбати Хусрав бичашонем.

* * *

Аҳдҳоро гаҳи он шуд, ки зи сар тоза кунем,
Меҳрҳоро ба дили хастаасар тоза кунем.
Ҷигари сӯхтаро реши куҳан бикшоем,
Дарди навро ба ҳама шаҳр хабар тоза кунем.
Ғазали сӯхтагон хоҳем аз мутриби маст,
Доғи деринаи худ боз зи сар тоза кунем.
Дӯстро дарди дили худ ба фиғон ёд диҳем,
Боғро нолаи мурғони саҳар тоза кунем.
Бода нӯшем бар он рӯю пиёла ҳар бор,
Чун ба ниме расад, аз хуни ҷигар тоза кунем.
Чун хурад бода лабаш, пок кунем аз доман
В-аз сар олудагии домани тар тоза кунем.
Масту лояъқилу бо дӯст ба бозор шавем,
Киссаи ишқ ба ҳар кӯчаву дар тоза кунем.
Имшаб он аст, ки афсонаи ҳиҷрон гӯем
В-ар туро хоб барад, бори дигар тоза кунем.
Зинда дорем аз ин пас шаб, агар умр бувад,
Пас дуои шаҳи ҷамшедгуҳар тоза кунем.
Зулфи ошуфта аз он рӯй ба як сӯ фиганем,
Ҷони озурдаи Хусрав ба назар тоза кунем.

* * *

Бода дардеҳ, соқиё, то ҷой дар ҷонаш кунем
В-ар даруни дил дарун ояд, сабӯдонаш кунем.
Дар дили мо гар иморатхонае карда-ст ғам,
Бода ронему ба сели тунд вайронаш кунем.
Одамӣ, гар май хурад, сар то қадам гавҳар шавад,
Мо ҳама аз май гуҳар созему ғалтонаш кунем.
Зуҳра гар дар базми мо як ҷав биҷунбонад харак,
Говаш аз гардун фуруд орем, қурбонаш кунем.
Чун ба рақс ойанд мастону камон бар ҳам кашанд,
Чашми бад гар тез бинад, тирборонаш кунем.

Соқии хуршедваш гар нур бахшад моҳро,
Гар на аз хуршед хоҳад нур, поёнаш кунем.
Дил ба сукрот аст, к-аш ғам заҳр дод андар шароб,
Як-ду шарбат дигараш бидҳему осонаш кунем.
Соқиё, гар зоҳидон майхораро кофир кунанд,
Мо ба меҳроби ду абрӯят мусулмонаш кунем.
Ҳар касе гӯяд, махур май, ақл фармон медиҳад,
Ақл, боре, кист дар олам, ки фармонаш кунем?!
Бода дар ислом, агар гӯӣ ҳаром, ин аст куфр,
К-ин чунин неъмат хурем, он гоҳ куфронаш кунем.
Маҷлис ороем, гар ёре қадам ранҷа кунад,
Аз забони банда, Хусрав, гавҳарафшонаш кунем.

* * *

Рафтем мову дил ба яке кӯ гузоштем,
Ҷони хароб низ ҳамон сӯ гузоштем.
Бигзоштем рӯи азизе, ки солҳо
Умри азизи хеш бар он рӯ гузоштем.
Он бахт ку, ки дар хами бозу кашем боз,
Он гардане, ки аз ғами бозу гузоштем?
Он дил, ки ӯ зи мо сари мӯе ҷудо набуд,
Овехта ба ҳалқаи он мӯ гузоштем.
Дил бӯи васл дошт, кунун ранги хун гирифт,
Ин ранг аз они мо шуду он бӯ гузоштем.
Ҳар бор гуфтаӣ, ки зи паҳлӯи ман бирав,
Рафтем инак аз туву паҳлӯ гузоштем.
З-ин пас вафо зи умр наҷӯем, Хусраво,
Чун рӯи дӯстони вафоҷӯ гузоштем.

* * *

Биё, то бегулу саҳбо набошем,
Ки гул бошад басеву мо набошем,
Зи гул нозуктарему чанд гоҳе
Ба ҷуз зери гилу хоро набошем.
Биё, ҷонову бо мо бош имрӯз,
Чу медонӣ, ки мо фардо набошем.
Чу танҳо будаме бояд ҳамон беҳ,
Ки аз ҳамсуҳбатон танҳо набошем.
Чу нагзоранд якҷо дӯстонро,
Чаро бо дӯстон якҷо набошем?
Чу зери хок мебояд шудан хок,
Чаро чун хок зери по набошем?
Чу будан нест, Хусрав, ҷуз ду рӯзе,
Ду рӯзе низ бигзор, то набошем!

* * *

Хароб гаштаму бар хеш пас намеоям,
Ки ҳеҷ бо чу туе ҳамнафас намеоям.
Ту тир мезанӣ аз ғамзаву мани бедил
Ба дида мехураму боз пас намеоям.
Маро магӯ, ки куҷоӣ, ман инакам, лекин
Зи бас заифӣ дар чашми кас намеоям.
Кадом бод ба кӯи ту меравад ҳар рӯз,
Ки ман ба ҳамраҳии ӯ чу хас намеоям?
Маро бари ту гулӯ баста мебарад зулфат
В-агарна ман ба ҳавову ҳавас намеоям.
Зи дасти ҷавр намехоҳамат, ки бинам рӯй,
Вале-к бо дили худком бас намеоям.
Рақиби ту ба ҷафо хаста кард Хусравро,
Чӣ тӯтиям, ки ба чашми магас намеоям?!

* * *

Дили беишқро ман дил нагӯям,
Тани бесӯзро ҷуз гил нагӯям.
Шикоят н-оварам аз ишқ бар ақл,
Ҷафои шаҳна бар оқил нагӯям.
Магӯ бо ман, ки оқил нест ошиқ,
Ки ман беишқро оқил нагӯям.
Ало, эй оби ҳайвон пеши зулфат,
Раҳи зулмотро мушкил нагӯям.
Бигирам зулфи ту фардо, валекин
Чӣ зояд аз шаби ҳомил, нагӯям.
Ба иқтоъе ту дилро хок кардам,
Ки ҷонро ҳам дар он дохил нагӯям.
Зи ҷонат нек гӯям, то тавонам
В-агар бад гӯямат, аз дил нагӯям.
Бисӯзам аз ғаму ин роз бо кас,
Фироқам гар кунад ботил, нагӯям.
Ба Хусрав гӯям ин ғам, к-ӯ асир аст
В-агар худ бинамаш, ғофил нагӯям.

* * *

Хароши синаи худ бо бути хунхор мегӯям,
Ҳисоби умр медонам, ки ғам бо ёр мегӯям.
Фароҳам кай шавад реши дилам з-ин сон ки ман ҳар дам
Ҳадисе з-он намак пеши дили афгор мегӯям.
Даруни хеш холӣ мекунам, з-он зинда мемонам,
Ки зикраш рӯзу шаб пеши дару девор мегӯям.
Чу Маҷнун дар биёбони ғамам, дур аз рухи Лайлӣ,
Ки дарди хештан бо пуштаҳои хор мегӯям.
Забонам тешаи Фарҳод шуд бар ҳар дили сангин,
Зи бас к-афсонаи Ширини худ бисёр мегӯям.
Ба ҷонон гуфтанам ногаҳ нахоҳад рафт ҷон, ё Раб,
Намедонам чӣ ном аст, ин ки ман ҳар бор мегӯям?!

Ман аз сар зинда гардам, гар ту, ёро, як сухан гӯӣ,
Ту, медонам, нагӯӣ, лек ман гуфтор мегӯям.
Агар бо ман ба бад кардан хушӣ, эй ман фидои ту,
Ту бад мекун, ки ман баҳри ту истиғфор мегӯям.
Рақибо, барҳақӣ, гар н-оядат бовар ғами Хусрав,
Ки ман тимори булбул пеши бутимор мегӯям.

* * *

Ҳар дам ғами худ бо дили афгор бигӯям,
Чун заҳраи он нест, ки бо ёр бигӯям.
Ҳар шаб равам андар сари он кӯю ғами хеш
Чун нашнавад ӯ, бо дару девор бигӯям.
Ку ҷони гирифтор, ки бовар кунад аз ман,
Гар ман ғами ин ҷони гирифтор бигӯям.
Афгор кунам ҳамчу дили худ дили он кас,
К-ӯро сухане з-он дили афгор бигӯям.
Дардест дар ин сина, ки берун натавон дод,
Ҳайф аст, ки дарди ту ба ағёр бигӯям.
Хун шуд зи нуҳуфтан дилам, акнун равам он ҳол
Расво шаваму бар сари бозор бигӯям.
Як рӯз бипурс охирам аз меҳнати шабҳо,
То кай ғами Хусрав ба шаби тор бигӯям?

* * *

Ҳама шаб аз ту ба девори хона ғам гӯям,
Фасона гӯяму бо ҷони пуралам гӯям.
Чу ғунча гашт дилам хуну қиссаи ту зи рашк
Дилам нахост, ки бо боди субҳдам гӯям?!
Ту худ, яқин-ст, ки хуш гардӣ аз ғамам, лекин
Куҷост давлати онам, бо ту ғам гӯям?!
Хуш он шабе, ки дар он хоби ноз бошиву ман
Ниёзи хеш бад-он зулфи хам ба хам гӯям.

Сукуни дилро гӯям фалон аз они ман аст,
Чунон агарчи набошад, дурӯғ ҳам гӯям.
Ту, эй ки медиҳиям панд, бигзар аз сари ман,
Ҳамон беҳ аст, ки ман дарди хеш кам гӯям.
Маханд аз ин шағаби бетакаллуфи Хусрав,
Суруд нест, ки ӯро ба зеру бам гӯям.

* * *

Эй гиря, туро чӣ шукр гӯям,
К-аз туст ҳазор обрӯям.
Ояд ҳама бӯи оташи дил,
Ҳар бор, ки аз ҷигар бибӯям.
Бегонаву ошно ба якбор
Донанд, ки ман ғуломи ӯям.
Эй дида, ба ҷои ашк хун рез,
То даст зи диданат бишӯям!
Гуфтӣ, ки асири кист Хусрав?
Аз ғамза бипурс, ман чӣ гӯям?

* * *

Дилам зи дарди ту хун шуд, надонам ин ба кӣ гӯям,
Илоҷи худ зи чӣ созам, давои дил зи кӣ ҷӯям.
Бирехт ашки ман, эро ки пора гашт дарунам,
Бирафт оби ман, эро ки рахна гашт сабӯям.
Аз ин ду дидаи пуроби ман, ки рехта бод,
Чӣ обрехтагиҳо, ки омада-ст ба рӯям!
Раҳе ба кӯи ту ҷӯям, ки гӯямат сухани худ,
Ту сӯи худ надиҳӣ раҳ, надонам ин ба кӣ гӯям.
Туӣ чашмаи оби ҳаёту ман ба ту ташна,
Нахӯрда шарбате, охир, чӣ гуна даст бишӯям?
Маёр турра фароҳам, фурӯ гузор, ки бар ман
Кунад ҳар он чӣ бибояд, чу мебибояд аз ӯям.

Тани чу мӯи маро бигсалу бисӯз дар оташ,
Ки пай гусасту даромад ғамат ба шахси чу мӯям.
Табассуме, ки ту он ҷо надорӣ, эй гули боғ,
Навозише, ки ман ин ҷо на Хусравам, саги кӯям.

* * *

Ё Раб, ғами он сарви хиромон ба кӣ гӯям,
Дил нест ба дастам, сухани ҷон ба кӣ гӯям?
Оҳ аз дили ман дуд барорад ҳама шаб, оҳ,
К-ин сӯхтагии ғами ҳиҷрон ба кӣ гӯям.
Афсонаи ман нохушу кас маҳрами он не,
З-андак набувад сабру фаровон ба кӣ гӯям?
Хунобае пайдо ҳама бинанд худ аз чашм,
Аҳволи ҷигар хӯрдани пинҳон ба кӣ гӯям?
Дардест дар ин сина, ки ҳамдард шиносад,
Бедард чу бовар накунад, он ба кӣ гӯям?
Хобаш нигарам, ҷон ба лаб ояд, ки бурун деҳ,
Ман ними шаб он хоби парешон ба кӣ гӯям?
Дашном занад душману ташнеъ кунад дӯст,
Чандин шунавам аз кию чандон ба кӣ гӯям?
Ман қисса диҳам шарҳу зи мастӣ нанихад гӯш,
Он зудкушу дерпушаймон ба кӣ гӯям?
Булбул бикунад нола чу Хусрав ба саҳаргоҳ,
Чун нашнавад он сарви хиромон, ба кӣ гӯям?

* * *

Парирӯе, ки ман ҳайрони ӯям,
Ба ҷон омад дил аз ҳиҷрони ӯям.
Рақибо, диданам боре раҳо кун,
Дурӯза умр, то меҳмони ӯям.
Бигуфтандаш: «Фалон мурд аз ғамат». Гуфт:
«Нахоҳад мурд, чун ман ҷони ӯям».

Сабо ҳам пар шикаст аз мо, ки рӯзе
Наёрад бӯе аз бӯстони ӯям.
Чу мурдам ташна дар води ҳиҷрон,
Чӣ суд аз чашмаи ҳайвони ӯям?!
Зи зулфаш дил ҳамеҷустем, дил гуфт,
Ки з-они ту наям, ман з-они ӯям.
Чу бар Хусрав сиёсат ронд, гуфтанд:
«Киӣ ту?» Гуфт: « Ман султони ӯям».

* * *

Надорам орзуе ҷуз зи дурат гаҳ-гаҳе дидан,
Чӣ суд аз дидани бустон, чу натвон мевае чидан!
Агар дуздидани ҷон менахоҳӣ, чист ин шӯхӣ,
Ба ҳангоми хиромиш хешро сад ҷой дуздидан.
Закоти он ду лаб бар ҷони ман як ханда зоеъ кун,
Ки ин девона з-он лабҳо ҳамеарзад ба хандидан.
Лабу чашмам ба рашканд аз паи хоки дарат бо ҳам,
Ки ин дар кардани сурма-сту он дар банди бӯсидан.
Шабе гуфтам, ки сӯзи ман набинӣ гаҳ-гаҳе, гуфто,
Ки бошад хас зи баҳри сӯхтан, не аз паи дидан.
Ҷигар хорад ба пайкон ғамзаи хубон, рав, эй раъно,
Ки н-орад нозанин тоқат ба нохун пушт хоридан.
Касе, к-ӯ ҷон набозад, ишқи ӯ бозист бо ҷонон,
Нашояд худпарастонро тариқи ишқ варзидан.
Маранҷ, ар ошиқӣ аз ёр, Хусрав, з-он ки бад бошад
Миҷози некувон донистану бар хеш кӯшидан.

* * *

Агар бихоҳамаш он рӯи дилситон дидан,
Зи ҳеҷ рӯй нахоҳам ба гулситон дидан.
Ба сина ҳеҷ сафое набинамаш, бо он-к
Тавонамаш зи сафо мағзи устухон дидан.

Чу обгинаи софест лутфи андомаш,
Ки ҳар чӣ з-он суи ӯ бигзарад, тавон дидан.
Чу рӯи ӯ нигарам, ҷон диҳам, ки ҳайф бувад
Чунон ҷамолеву он гаҳ ба ройгон дидан.
Басе зиёни дилу ҷон ба ҳаҷри ӯ дидам,
Ки ҳеҷ суд надидам аз ин зиён дидан.
Тамоми ҳастии ман бурду гар кунад назаре,
Нахоҳам он ҳамаро ҳеҷ дар миён дидан.
Нигори ман, зи хами мӯй як гиреҳ бикшо,
Магар, ки дил битавонад халоси ҷон дидан.
Карони гиря намебинам аз ғамат в-ин сел
Ба ғоятест, ки натвонияш карон дидан.
Ҳазор хун ба замин рехтиву гар гӯям,
Зи шарм сӯи замин чист ҳар замон дидан.
Чу дар ту бинад Хусрав, гараш бирезӣ хун,
Зиҳӣ муҳол, ки боз ояд аз чунон дидан.

* * *

Зиҳӣ расми баногӯшат, гул андар сабза парвардан,
Ҳаромат бод бе ёрон май андар соғар овардан.
Латофат гӯям он ё ҳусн, ё худ одамӣ куштан,
Шамоил хонам он ё шакл, ё худ мардум озурдан.
Чӣ рӯй аст он таолиллаҳ, ки натвон зистан бе ӯ,
Чӣ шакл аст он, намедонам, ки натвон пеши ӯ мурдан.
Гаҳе аз рух фишондан гарду гаҳ дар доман афгандан,
Гаҳе бар рӯй бурдан дасту гаҳ дар остин кардан.
Агар гӯям, ки дорам бар лабат коре, ба ҷои лаб
Раво бошад чунин дар кори мо дандон фурӯ бурдан.
Хуш аст он лаб газидан гоҳи шӯрангезии ханда,
Агарчи нест аз маъҳуди ҳалво бо намак х(в) ардан.
Мапарвар, Хусраво, дар дил хаёли хубрӯёнро,
Нашояд душмани худро ба хуни хеш парвардан.

* * *

Гесӯи туро нисбат бо шаб натавон кардан
В-аз моҳ ҷамолатро ғабғаб натавон кардан.
Ҷон азми сафар дорад, бардор зи рух парда,
Манзилгаҳи маҳ амдан ақраб натавон кардан.
Ту зулм кунӣ бар ман, ман банда дуо гӯям,
Ё Раб, чӣ кунам, к-ин ҷо «ё Раб» натавон кардан.
Гирам, ки ту пайконро бекор намехоҳӣ,
Хун рехтани халқе мазҳаб натавон кардан.
Кӯдак шудию ҷонам бозичаи худ кардӣ
В-ар худ зи тани ман шуд, маркаб натавон кардан.
Шарбат зи лабат хоҳам в-ин беҳудагӯиро
Баҳри дили гарми худ дар таб натавон кардан.
Халвои лаби худ неҳ андар даҳанам, то худ
Аз ғояти ширинӣ дар лаб натавон кардан.
Хусрав ба ҷаҳон андар аз баҳри ту мебошад
В-арна ба чунин ҷое як шаб натавон кардан.

* * *

Дил шикебо наметавон кардан
В-ошкоро наметавон кардан.
Гуфтӣ: «Андар дили ту пинҳон кист?»
Ин ки пайдо наметавон кардан.
Сӯхт ҷонам дарун-дарун, чӣ кунам,
Парда боло наметавон кардан.
Гар бигӯянд ҳар чӣ нозебост,
Тарки зебо наметавон кардан.
Некномию ишқ пас, к-эй дӯст,
Ҳар ду якҷо наметавон кардан.
Бахти бад беҳ нагардад аз кӯшиш,
Хор хурмо наметавон кардан.
Сабр гӯянд, Хусраво, донӣ,
Донам, аммо наметавон кардан.

* * *

Бо чун ту маҳе як шаб гар хоб тавон кардан,
Баҳри хушии умре асбоб тавон кардан.
Гар пои туро вақте аз гиря тавон шустан,
Аз баҳри чунин коре хуноб тавон кардан.
Он турра ба як сӯ неҳ в-аз гӯшаи маҳ моно,
Шабҳои сиёҳамро маҳтоб тавон кардан.
Гар ғамзаи ту ҷӯяд шогирд ба хунрезӣ,
Сад Хизру Масеҳоро қассоб тавон кардан.
Бедории ман буда-ст аз ранҷи фироқ имшаб,
Чандон ки ба осоиш даҳ хоб тавон кардан.
Зоҳид, ки туро бинад, гар қибла ба дил хоҳад,
Аз тоқи ду абрӯят меҳроб тавон кардан.
Он хай, ки зи рӯи ту гаҳ-гоҳ чакад бар лаб,
Коми дили Хусравро ҷуллоб тавон кардан.

* * *

Баҳор омад, вале рағбат ба бустон чун тавон кард,
Ки бе ёрони худ ҳайф аст гашти бустон кардан.
Гусаста силки суҳбат дӯстони мову ман зинда,
Бад-ин хорӣ на аз роҳ аст ёди дӯстон кардан.
Маро гӯӣ: «Фаромӯшаш куну озод шав аз ғам»,
Мусулмонон, чунон рӯе фаромуш чун тавон кардан?!
Бигӯед он мусофирро, ки сад ҷо пора шуд ҷонам,
Магар як номае аз вай тавон пайванди ҷон кардан?!
Ба фитроки ту бандам дил, маро чун нест он панҷа,
Ки битвонам туро дасти шафоат бар инон кардан.
Куҷо шуд он ҳама мурғон, ки рафтанд аз чаман, ё Раб,
Надонистанд, пиндорӣ, ки ёди ошён кардан.
Биё, то шукри ғам гӯем, Хусрав, баъд аз ин чун мо
Надонистем дар айёми шодӣ шукри он кардан.

* * *

Муяссар ар шавад аз чун ту нахл бар хӯрдан,
Зи шохи умр тавон меваҳои тар хӯрдан.
Ман аз лаби ту хӯрам хун, ту аз дилу ҷигарам,
Чӣ дӯстӣ бувад ин хуни якдигар хӯрдан?!
Ту худ бигӯй, ки ҷуз дарди дил чӣ баҳра бувад,
Ба ваҳми хеш дар андеша гулшакар хӯрдан?
Гар ин гул аст, худ андоз хок дар даҳанам,
Ки ту ба хӯрдани май, ман ба хоки дар хӯрдан.
Ба ғамза дӯст кашон мебарад дилам, варна
Касе ба худ наравад дашна бар ҷигар хӯрдан.
Ба ҷон пазир, на аз дида захми ӯ, Хусрав,
Ки ошиқӣ набувад тир бар сипар хӯрдан.

* * *

Сад раҳ гузарӣ ҳар дам бар ҷони хароби ман,
Раҳмат накунӣ рӯзе бар чашми пуроби ман.
Барзад зи димоғам дуд аз шарбати ишқ, оре,
Бе дарди саре набвад мастии шароби ман.
Ҳарчанд дилам хун шуд, сӯзоки ман афзун шуд,
Кушта нашуд ин оташ аз оби кабоби ман.
Ҷонам ба гудоз омад, ку он ҳама ашки ман?
Шабҳои дароз омад, ку он ҳама хоби ман?
Чун гиря кунад чашмам, мотамкадае бояд,
То бар сари ҳамдардон резанд гулоби ман.
Месӯз дили тангам, эй ҳаҷр, магар з-ин сӯ
Бар бӯи кабоб ояд он масти хароби ман.
Эй бод, зи мискинон гар ёд кунанд он ҷо,
Зинҳор, ки ёд орӣ з-ин ҷони хароби ман.
Дар дӯзах агар сӯзанд, з-он нест маро дарде,
Ҳастӣ ту биҳиштирӯ, ин аст азоби ман.
Яктора қабоям деҳ хилъат зи паи Хусрав,
Дар он набувад боре ташрифи ҷавоби ман.

* * *

Савдои хубон кам нашуд з-ин ҷони ғамфарсуди ман,
Ҳастӣ ҳама кардам зиён, ин буд аз эшон суди ман.
Бо ҳар кӣ бинмудам вафо, дидам ҷафое оқибат,
Шукре нагуфт аз ҳеҷ кас ин бахти нохушнуди ман.
Ман худ зи дасти ҳаҷри ту дар талхии ҷонканданам,
Абрӯ туруш карда марав, эй турки хашмолуди ман.
Биншин ба болинам даме, ман худ нахоҳам зистан,
Боре бибинам рӯи ту, ин аст бас мақсуди ман.
З-ин оҳи дудолуди ман бигрист чашми халқ хун,
Ё Раб, чӣ будӣ чашми ту, гар пур шудӣ аз дуди ман.
Аз нолаву зорӣ забон як дам намеосоядам,
Бин, то чӣ хоҳад кард боз ин оҳи зудозуди ман.
Нолидани яъқубиям дар санг даргирад, бале
Девор дар ракс оварад ин «Нағмаи Довуд»-и ман.
Имшаб ниҳонӣ рӯйро бар остонаш судаам,
Эй гиря, имрӯзе машӯй ин рӯи гардолуди манн.
Хунобаи Хусрав чунин дида наяфгандӣ бурун,
Гар дил надодӣ ҳар даме ашки ҷигарполуди ман.

* * *

Аз шаби гесӯи туст равшании рӯзи ман,
Аз рухи чун анҷумат равшании анҷуман!
То ки шикастадилам суҳбати зулфат гузид,
Суҳбати дил кард асар, зулфи ту шуд пуршикан.
Аз сари зулфат нахост ин дили гарданзада,
Ман зи сараш хостам, гардани ӯро бизан.
Ман ҳама сар мекашам пеши ту бегуфтугӯ,
Ту ҳама сар мекашӣ пеши ман аз гуфти ман.
Бар рухи Хусрав бимонд нақш зи хубони дил,
То дили пурхуни ӯст, нақши рухатро ватан.

* * *

То аз бари ту шудам ҷудо ман,
Ё Раб, ки ғамат чӣ кард бо ман?
Аз дидани ту зи даст рафтам,
Эй кош, надидаме туро ман.
Симоб шудию аз хаёлат
Дар хеш гумам чу кимиё ман.
Рафт он ки ба якдигар расидем,
Минбаъд куҷо туву куҷо ман.
Гирам, ба ғамам раҳо кунӣ ту,
Ҳаргиз ғами ту кунам раҳо ман!
Гар зинда бимонам андар ин ғам,
Ҷуз марг нахоҳам аз Худо ман.
Кас нест бад-ин ситам гирифтор,
Ё Хусрави дилшикаста, ё ман.

* * *

Васият мекунам, гар бишнавад абрӯкамони ман,
Пас аз мурдаи нишони тир созад устухони ман.
Забони ӯст туркигӯю ман туркӣ намедонам,
Чӣ хуш будӣ, агар будӣ забонаш дар даҳони ман.
Ба шаккар нисбати лаъли лаби ҷонпарвараш кардам,
Бурун кун аз паси сар, гар ғалат кардам, забони ман.
Агар бо мо сухан гӯӣ, зи рӯи марҳамат мегӯ,
Манам Фарҳоди саргардон, туӣ ширинзабони ман.
Чунон аз ишқ месӯзад танам дар зери пероҳан,
Ки аз беруни пероҳан намояд устухони ман.
Муроди Хусрави бедил барору як замон биншин,
Ки раҳме бар дилат ояд зи фарёду фиғони ман.

* * *

Чашм аст, ё Раб, ончунон, ё худ балои ҷони ман,
Ҷаъд аст аз он сон дилситон, ё ғорати имони ман,
Мардумкуши пинҳон туӣ, ошӯби ақлу ҷон туӣ,
Маҷлисгаҳи султон туӣ, не-не, ки худ султони ман.
Шӯху муқомирпешаӣ, қаттолу беандешаӣ,
Хунин чу шери бешаӣ, сайдат дили қурбони ман.
Ҳар рӯз оям сӯи ту, дил ҷӯям аз гесӯи ту,
К-он дил, ки дорад мӯи ту, буда-ст вақте з-они ман.
Аз ғорати хубон маро ҷоне раҳо шуд мубтало,
Ту, шӯхи дигар, аз куҷо пайдо шудӣ бар ҷони ман?!
Эй кунҷи дилҳо ҳастият, дар қатл чобукдастият,
Дарди ман омад мастият, девонагӣ дармони ман.
Ҳаҷрам бикушту шавқ ҳам, – рӯзе нагуфтӣ аз карам:
– Чун аст дар шабҳои ғам он ошиқи ҳайрони ман.
Гуфтам, биё дар хонаам, бар бӯса деҳ паймонаам,
Ман ошиқи девонаам, то нашнавӣ фармони ман.
Бо ошиқони тангдил з-ин сон манеҳ бар ҷанг дил,
Охир битарс,эй сангдил, з-оҳи дили бирёни ман.
Хез, эй сабои мушкбӯ, бар гулрухи ман роҳ ҷӯ,
Ҳоли мани мискин бигӯ дар хидмати ҷонони ман.
Рав, рав, бидеҳ фардо-ш ёд ин гиря, к-аз Хусрав кушод,
Зеро нахоҳад истод имрӯз ин борони ман.

* * *

Боз омад, он ки сӯхтаи ӯст ҷони ман,
Хун гашта аз ҷафо-ш дили нотавони ман.
Ҳарчанд бинамаш, ҳавасам беш мешавад,
Рӯзе дар ин ҳавас равад, албатта, ҷони ман.
Он ҷо талаб маро, ки бувад гирди тавсанаш,
Рӯзе агар зи хок наёбӣ нишони ман.
Эй зоҳид, он қадар ки дуо мекунӣ маро,
Номаш бигӯй, баҳри Худо, аз забони ман.

Доғи ғуломии ту дареғам бувад, аз он
Ҳеҷ асту боз ҳеҷ баҳои гарони ман.
Гуфтӣ, ҳадиси бӯса ту донӣ, зи ман мапурс,
Зеро нагунҷад ин сухан андар даҳони ман.
Чун нолам аз ғами ту, ки парвардаи вай аст,
Гар бишкананд банд зи банд устухони ман.
Бемеҳрию ту он рӯй зи Хусрав битофтӣ,
Шармат наёмад аз ману ашки равони ман.

* * *

Остони ёру он гаҳ хуни ман,
Шод бош, эй толеи маймуни ман.
Бода хоҳӣ хӯрд равшан чун чароғ,
Чун чунин шуд, боре, аввал хуни ман?
Булаҷаб кор асту ман машғули ҷон
В-он рақибат дар чарову чуни ман.
Коре афтода-ст бо шабҳо маро,
Ту бихусб,эй бахти дигаргуни ман!
Куштию бозам раҳонидӣ зи ҳаҷр,
Дер зӣ, эй дарди рӯзафзуни ман!
Хуни дил з-ин доман, эй гиря, машӯй,
Ёдгор аст ин аз он маҷнуни ман.
Сеҳри Хусрав мояи девонагист,
То наёмӯзад касе афсуни ман.

* * *

Имрӯз боз шакли дигар гашт ёри ман,
Ёде накард аз ману аз рӯзгори ман.
Сад раҳ фитода бар дари хешам бидиду ҳеҷ
Раҳмат накард бар дили уммедвори ман.
Мурдам дар орзуи канореву бахти бад
Нанҳод орзуи ман андар канори ман.

Умрам дар интизор шуду як дам он ҳариф
Н-омад, ки вой бар ману бар интизори ман!
Гаҳ оҳу гоҳ зориву гаҳ гиря, гаҳ нафир,
Ё Раб, куҷо шуд он ҳама сабру қарори ман?!
Ман кӯ ба кӯ ҳамеравам аз баҳри як назар,
То бо кӣ гашт мекунад он шаҳсавори ман.
Эй мардумон, ба Зуҳраву Маҳ бингаред, лек
Зинҳор мангаред ба сӯи нигори ман!
Эзад куҷо-т баҳри ҳалоки ман офарид,
Зй офати дили ману ошӯбкори ман!
Душман бидид гиряи Хусрав, дилаш бисӯхт,
Ҳаргиз нагуфтияш, ки бас, эй дӯстдори ман.

* * *

Моҳе гузашту шаб нахуфт ин дидаи бедори ман,
Ёде накард аз дӯстон ёри фаромушкори ман.
Фарёди шабҳоям чунин, к-аз дард меорад хабар,
Бисёр дилҳо хун кунад ин нолаҳои зори ман.
З-ин бахти бефармони худ дар ҳасрати маргам, вале
Берун наёяд, чун кунам, ин ҷони бадкирдори ман?!
Ёр арчи аз чашми накӯ дидан намеорад маро,
Эй дидаи бад, кӯр шав, то нангарӣ дар ёри ман.
Ҳон, эй рақиб, ар мекушӣ, ҳам бар кафаш неҳ теғро,
Моно, ки шарме оядаш з-ин дидаи хунбори ман,
Бар ҷони ман, охир, ҳанӯз аз чист абрӯро гираҳ,
Бас нест ин, к-он зулф зад чандин гираҳ бар кори ман!
Ман хуни худ кардам биҳил, з-он гуна к-ат бояд, бикуш,
Бошад, ки хашмат кам шавад, эй кофари хунхори ман.
Гуфтӣ, ки Хусрав аз дарун сӯзе надорадончунон,
Ту рост мегӯӣ, вале пайдост аз гуфтори ман.

* * *

Маханд аз дарди ман, ҷоно, на бар бозист оҳи ман,
Дарун гар оташе набвад, нахезад дуд аз равзан.
На ҷома, гарчи ҷон пора кунам, кай боварам дорӣ,
Туро, к-осеби хорӣ ҳеҷ гаҳ нагрифт дар доман.
Гуноҳе ҷуз вафодорӣ ман андар худ намебинам,
Надонам, то кӣ фармудат, ки дил аз дӯстон баркан.
Агар аз ноз хун резӣ, фидоят кардам, эй бадхӯй
В-агар аз дӯст ҷон хоҳӣ, ризоят ҷӯям, эй душман!
Бибар аз ман ҳама асбоби ҳастӣ, ҷуз вафои ту,
Ки он дар хок хоҳад рафт дур аз рӯи ту бо ман.
Маро дар боғ мехонӣ, магар огаҳ наӣ аз худ,
Барафган парда, то бинам, чӣ ҷои лолаву савсан!
Ало, эй соқии мастон, туфайли ҷуръаи мастон,
Шаробе гар намеарзам, саволе бар сарам бишкан.
Рақибо, гарданат бори гаронро барнаметобад,
Ту аз хуни мусулмонон гаронборӣ макун гардан.
Бирафт аз ёди Хусрав зоду буми куҳна дар кӯяш,
Чу мурғе дар қафас монад, фаромӯшаш шавад гулшан.

* * *

Ҳар маҷлисею соқие, ман дар хумори хештан,
Ҳар бедиле омад ба худ, ман бар қарори хештан,
З-ин сӯй ҷаври душманон, з-он сӯй санги дӯстон,
Халқе ба таъну гуфтугӯ, ошиқ ба кори хештан.
Эй пандгӯ, ту ҳар дамам дигар чӣ оташ мезанӣ,
Ман худ ба ҷон дармондаам бо рӯзгори хештан.
Медонӣ, охир, мурданам, амдан чӣ мепечӣ инон,
Дармондаеро кушта гир аз интизори хештан.
Бардоштам раҳ дар адам, бигзоштам дил бар дарат,
Гаҳ-гаҳ магар ёд оядат з-ин ёдгори хештан.
Ту дар даруни ҷону ман ҳар дам дар андӯҳи дигар,
Ё Раб, ки чун пора кунам ҷони фигори хештан?!

Гар дар хумори он маӣ, к-аз куштани ошиқ чакад,
Ин хуни худ кардам биҳил,бишкан хумори хештан.
Худ ғамза бар Хусрав занӣ, бар дигарон туҳмат ниҳӣ,
То кай ба фитроки касе бандӣ шикори хештан!?

* * *

Акси савсан магар имрӯз дар оби равшан
Ҳамчу теғе, ки фурӯ рафта бувад дар ҷавшан.
Дӯстон, дур мадоред кунун ҷом аз даст,
Ки гаҳи сабзаву об асту шароби равшан.
Булбули маст гаҳи субҳ ба наргис мегуфт,
Ки бихур бодаву аз боди сабо чашм мабанд.
Соқиё, ғунчасифат банди қаборо бизанед,
То нагунҷад гул аз андоми ту дар пероҳан.
Хез, алқисса, кунун дафтари ишрат бикушой,
Тахтаи панд фурӯ хону варақро бишикан.
Бими он аст, ки шӯёнад аз ҳастӣ даст,
Рухи ту, к-об бибурда-ст зи насрину суман.
Ҷони ман, хуни касе нест чу домангират,
Чӣ кашӣ беҳуда аз Хусрави мискин доман.

* * *

Рӯй туруш карда ба ёрон мабин,
Сиркафурӯшӣ макун, эй ангубин.
Чоҳ мазан зери лаби чун суман,
Рахна макун дар шиками ёсамин.
Рӯи заминро туӣ оби ҳаёт,
Ташна зи ту ҳар кӣ ба рӯи замин.
Зулфи кӣ шуд тавқ, гулӯи ту кард,
Силсила дар гардани моъи муин.
Бе гунаҳе чашм зи мо бармагир,
Бе ҷиҳате чеҳра зи мо дармачин.

Лек аз он чашм камин мекунӣ,
Дидаи бад низ бибин дар камин.
Пой бар ин дидаи пурхун манеҳ,
Беҳуда дар хуни дилам дармашин.
Эй, ки зи рӯи ту ҷаҳон равшан аст,
Оҳи мани сӯхтаро ҳам бибин.
Хусрав, охир чу саг аз худ марон
Чанд чу рӯбаҳ кунияш пӯстин!?

* * *

Охир, эй худбини ман, вақте ба ғамхорӣ бибин,
Аз гирифторӣ бипурсу дар гирифторе бибин.
Инак-инак бар сари кӯи ту зорам мекушанд,
Гар зи куштан боз менастониям, боре бибин.
Чун нахоҳӣ дидан он хунрезро, эй дида, беш,
Боре ин соат, ки дар қатл аст, бисёре бибин.
Нест ҳамдарде, ки гӯям ҳоли худро, эй сабо,
Булбуле ноландатар аз ман ба гулзоре бибин.
Васл хосонро-ст, ман з-эшон наям, эй бахти бад,
Баҳри ман андозаи идбори ман коре бибин.
Булбуло, имрӯз ман дар бӯстонам, гул маҷӯй,
Аз ҷигар парколаҳо бар нӯги ҳар хоре бибин.
Эй дил, охир, мебибояд дошт поси дарди хеш,
Хусрав, ар гум шуд, саги дигар ба бозоре бибин.

* * *

Хумору хобу чашми кофараш бин,
Шиканҷу печиши зулфи тараш бин.
Дили покону ҷони порсоён,
Ҳалоки ғамзаҳои соҳираш бин.
Чу ғавғои магас дар хонаи шаҳд,
Нафири мустамандон бар дараш бин.

Ба ҷое об агар сокин надидӣ,
Даруни пераҳан симин бараш бин.
Бута, ҷаъдат пур аз дилҳо-ст, хоҳӣ,
Гиреҳ бикшо, ба ҳар мӯ андараш бин.
Ҳама шаб бода нӯшида-ст то рӯз,
Ҳанӯз он хоби мастӣ дар сараш бин.
Бидидам як раҳаш, девона гаштам,
Дилам гӯяд, ки бори дигараш бин.
Диламро сӯхтӣ в-ар боварат нест,
Дарунам чок кун, хокистараш бин.
Чу гӯяд Хусрав аз ғам, гиряи чашм
Зи хоки пои шоҳи кишвараш бин.

* * *

Аз он лаб мевазад бӯеву бӯи хуни хоб аст ин,
Биё, то тар кунам лабро, агар бӯи шароб ин аст.
Зи мастӣ чашм накшоиву тират бехато бар ҷон
Ҷаҳоне кушта шуд охир, чӣ мегӯӣ савоб аст ин?
Нахуфтам аз ғамат шабҳову имрӯзат, ки мебинам
Зи тан ҷон меравад берун, намедонам чӣ хоб аст ин?
Фаромуш шуд маро хуршед аз шабҳои бепоён
Туро мебинаму андар гумонам, к-офтоб аст ин.
Мазан таъна, ки ошиқ нестӣ чун хун намегирйӣ,
Ки хун буда-ст, охир пеш аз ин, к-имрӯз об аст ин.
Зи сӯзам хоби шаб бӯе даромад, масти ман гуфто,
Дар ин хона ҷигар месӯзаду бӯи кабоб аст ин?
Шабе зулфаш гирифтам, гуфт, ҳам з-инат даровезам,
Бидеҳ, эй дузди ҷон, шукронае, Мушкин таноб аст ин.
Рақибо, теғ мерониву дар ҷон мекунӣ рахна,
Ту инро захм мегӯию моро фатҳи боб аст ин.
Ту, эй соқӣ, ки ҳар дам медиҳӣ хунобае моро,
Ба Хусрав май чӣ мебидҳӣ, ки худ масту хароб аст ин.

* * *

Ғубори мушк мехезад, надонам то чӣ бод аст ин?
Савори маст меояд, фасод асту фасод аст ин!
Ба зулфаш сад дили мазлум дар фарёд мебинам,
Надонам риштаи зулм аст ё занҷири дод аст ин.
Ҳама касро зи ёди дӯстон дар дил нишот ояд,
Маро ҷон меравад берун, надонам то чӣ ёд аст ин.
Мабин ор, ар ба гиря рехт мардум дида дар поят,
Ки аз хуни дилаш парварду тифли хоназод аст ин.
Дило, дармонда гаштӣ аз хаёли ман ҳам аз аввал
Ки ӯро ҷой медодӣ, намегуфтам фасод аст ин
Ба умеди саломе рафт рӯзи умр дар кӯяш,
Шабат хуш, Хусраво, бигзар, ки вақти хайрбод аст ин.

* * *

Ҳамерафтию мегуфтанд андар ҳусн фард аст ин,
Бути хонашин аст ин, на моҳи хонагард аст ин.
Нагӯям чашму ғамза-ст, ин ки баҳри ҷони ман дорӣ,
Ки пайкони шикор аст ону шамшери набард аст ин.
Лабаш гаҳ-гаҳ бихандидӣ ба рӯи заъфаронрангам,
Чӣ шуд, охир, на акнун ҳам ҳамон рухсори зард аст ин
Хушам бар оби чашми хеш, то гуфтӣ,ки ғам мехӯр,
Валекин ҳам ту медонӣ, ки нохуш обх(в)ард аст ин.
Ҳар он хоке, ки мерезад ба шарт, аз дида бипзирам,
Вале шарте, ки гӯяндам, ки аз кӯи ту гард аст ин.
Ба шӯхӣ мезанӣ сангам, гул аст ин, бар рухи ошиқ
Гули мардон мазан бар рӯи Хусрав, чунки мард аст ин.

* * *

Шаб аст ин, ваҳ, чӣ бепоён ва ё худ зулфи ёр аст ин,
Маҳ аст ин пеши чашмам ё хаёли он нигор аст ин,
Расида мавсими беруну ҳар кас дар гилистоне,
Ҷаҳон дар чашми ман зиндон, чӣ айёми баҳор аст ин?
Чӣ донам дар чаман, эй боғбон, к-он гул, ки ҳаст он ҷо
Ба дида менамоям, дил ба ман гӯяд, ки хор аст ин.
Сияҳ шуд рӯзи ман аз ғам, парешон рӯзгорам ҳам,
На рӯз осоишам бошад, на шаб, чун рӯзгор аст ин?
Ғами ҳаҷрам, ки месӯзад, раҳо кун, то ҳамесӯзам,
Ки аз номеҳрубонӣ чун бибинӣ ёдгор аст ин.
Ғубор овард чашмам з-интизору бод ҳам рӯзе
Ғуборе н-орад аз кӯяш, ки музди интизор аст ин.
Ба ғам хӯрдан мувофиқ нашнавандам дӯстон ҳар дам
Надорам ман раво, зеро на нуқли хушгувор аст ин.
Маро афсус меояд зи тираш бар дили Хусрав,
Сагаш ҳам нангарад з-ин сӯ, ки бас лоғар шикор аст ин.

* * *

Дили гумгашта ба бозор харидан натавон
В-ар диҳад лоба, чу ту ёр харидан натавон.
Ишва медеҳ, харидор ба ҷонам то он-к
Ин матоест, ки бисёр харидан натавон.
Мардумӣ кун қадаре, чанд дуруштиву ҷафо
Гул харад, ҳар кӣ бувад, хор харидан натавон.
Оҳи дил нек набошад, ту ҷавонӣ охир,
Ҷони ман рӯзу шаб озор харидан натавон.
Ҷон ба савдо-т ниҳам, лек бад-ин нақди ҳақир,
Нози он наргиси бемор харидан натавон.
Мо ҳалоку ту ба дарвеш набинӣ, чӣ кунам,
Давлату бахт ба бозор харидан натавон.
Хусраво, зар, ба миён ор, чӣ ҷои сухан аст,
Оби чун сим ба гуфтор харидан натавон.

* * *

Аз хона душман хост, дил, фарёд кардан чун тавон,
Бесабрам, арна хонумон бар бод кардан чун тавон?
Эй дӯст, чандин ғам махур баҳри харобии дилам,
То давлати хубон бувад, обод кардан чун тавон?
Ҳарчанд кӯшидам ба ҷон, дил боз н-омад аз бутон,
Шогирдбозе дӯстро устод кардан чун тавон?
Ғамзазанон он шӯху ман хомӯшу ҳайрон дар рухаш,
Султон чу худ ханҷар занад, фарёд кардан чун тавон?
Гуфтӣ, ки аз ҷон ёд кун, дар ман чӣ ҳайрон мондаӣ,
Он ҷо, ки ту ҳозир шавӣ, ҷон ёд кардан чун тавон?
Гуфтам: «Дилам озод кун»! Гуфто: «Ба бозӣ бистадам»,
З-ин сон гарон дода баҳо, озод кардан чун тавон?
Ҳиҷрон кашида теғи кин, ту сустпаймон дил диҳӣ,
Бар эътимоди чун туӣ дил шод кардан чун тавон?
Ман худ кашам ҷаврат, вале ту худ бигӯ, эй бевафо,
Чандин ба рӯи дӯстон бедод кардан чун тавон?
Хусрав зи дил ғарқа ба хун, ёрон ба тимори манаш,
Дар рӯзи тӯфон хонаро бунёд кардан чун тавон?

* * *

Аз ҳамчу туе бурид натвон,
Бар ту дигаре гузид натвон.
То чанд кашам ҷафоят, охир
Меҳнат ҳама умр дид натвон.
З-ин пас ману ҷаври ишқ, таслим,
К-аз омада сар кашид натвон.
Ғам сина бисӯхт, чун тавон кард?
Худ пардаи худ дарид натвон.
Ёрони азиз панд гӯянд,
Гӯянд, вале шунид натвон.
Ман, к-аз паи хориям, чӣ тадбир,
Иззат ба дирамхарид натвон.

Бе ёрии бахт коми дил нест,
Бе пар ба ҳаво парид натвон.
Айвони мурод бас баланд аст,
Дар вай ба ҳавас расид натвон.
Ин шарбати ошиқист, Хусрав,
Бе хуни ҷигар чашид натвон.

* * *

Эй дурмонда, аз назари дурмондагон,
Боз ой ҳам ба ҷону сари дурмондагон.
Умрам ба бод рафту наёмад ба сӯи ман,
Он бод, к-оварад хабари дурмондагон.
Халқе бисӯзадам, ки расиданд рафтагон,
Ин аст доғи тозатари дурмондагон.
Набвад беҳ аз назораи дидори рафта, дер
Ҳар туҳфа, к-ояд аз сафари дурмондагон.
Ҳар шаб равему гиряи хуни ҷигар кунем,
Он ҷо ки худ бувад гузари дурмондагон.
Ҳар соатам зи хурдани ғам хоби мурдан аст,
Оё ҳамин-ст хобу х(в) ари дурмондагон!?
Дилҳо шавад кабоб, чу Хусрав кунад нафир,
Чун дурмондагон зи бари дурмондагон.

* * *

Шабе бо мо хаёли хештанро меҳмон гардон,
Зи боғи оразӣ худ маҷлисамро бӯстон гардон.
Ба зебоиву раъноӣ бурун о як раҳ аз хона,
Зи рух бинмо гулистону зи қад сарви равон гардон.
Ҳавас дорам аз он наргис нигоҳе, сӯи ман бингар,
Чу чашми нотавони худ маро ҳам нотавон гардон.
Худоро, чанд сӯзам з-оташи бемеҳрии он маҳ,
Бидеҳ сабре маро ё бо ман ӯро меҳрубон гардон.

Ғами ишқи ту дорад поймолам, то шавам кушта,
Ту ҳам бо ӯ ҷафоро баҳри қатлам ҳаминон гардон.
Чӣ пинҳон мешавӣ, бинмой рӯи хеш халқеро,
Чу Хусрав ҳар тараф аз ишқи худ бехонумон гардон.

* * *

Биёр соқию ҷоми шароб даргардон,
Хароблкардаи худро хароблтар гардон.
Зи баҳри дурдкашон обгина ҳоҷат нест,
Яке сафоли шикаста биёру баргардон.
Ҳанӯз ақл зи ту дер медиҳад хабарам,
Лаболабам ду-се пеш ору бехабар гардон.
Гар он ҳарифи маро бинӣ, эй сабо, ҷое,
Хабар диҳӣ-ш аз ин мустаманди саргардон.
Ба тарки суҳбати дерина, гуфтамаш, ҳавас ат,
Ба фазли хеш, худоё, дилаш дигар гардон.
Касон ба «ё Раб»-и ӯ масту бехабар, ё Раб,
Ки пеши тири ҳама ҷони ман сипар гардон.
Намонд Хусрав лабхушку з-оҳи гарм, охир,
Гаҳе бипурсу замоне ба лутф даргардон.

* * *

Маро қомат чу чавгон асту сар чун гӯй саргардон,
Биё, эй турку чавгоне бад-ин саргашта даргардон.
Ҳама шаб ҷони ман гардон-ст гирдогирди рухсорат,
Бад-он гуна, ки бошад гирди гул боди саҳар гардон.
Сарат гардам, замоне гӯш кун бар нолаҳои ман,
Гарат дарди саре бошад, маро бар гирди сар гардон.
Зи ғам шаб то саҳар ҷон меканам, бардор зулф аз рух,
Агар мурдан набошад, зуд боре бехабар гардон.
Чӣ манъам мекунӣ, зоҳид, аз ин рӯю бад-ин дидан,
Тавон гаштан мусулмонро, ки рӯй аз қибла баргардон?!

Шабе, эй офтоби ҳусн, дар маҳтоб гаште кун,
Дару деворро аз сояи худ ҷонвар гардон.
Бурун о аз дару девона гардон ҳушёронро,
Валекин Хусрави девонаро, девонатар гардон!

* * *

Ороиши маҷлис туӣ, маҷлис биёро ҳар замон,
Нуқлу шаробе з-он ду лаб пеш ор моро ҳар замон.
З-ин сон ки бар ҳар мӯи ту, аз нафси худ дар ғайратам,
Он ҷо чӣ густохист ин боди саборо ҳар замон?!
Чун ошиқонатро намонд аз накди ҳастӣ мояе,
Тороҷи султонӣ макун мушти гадоро ҳар замон.
Ҷон мерасад ҳар дам ба лаб, донӣ, ки боре нест он,
Бар ноз дастуре мадеҳ чашми дағоро ҳар замон.
Эй сар, ба зудӣ хок шав пеши дари он нозанин,
Бу, к-аз туфайли нозанин бӯсем поро ҳар замон.
Гарчи наярзад аз раҳаш гарде, ту эй боди сабо,
Мегӯ саломи чашми ман он хоки поро ҳар замон.
Гар нест бороні карам, санге бибор, эй осмон,
То чанд боз орам тиҳӣ дасти дуоро ҳар замон?
Хусрав, агар ошиқ шудӣ, аз теғ узраш хоҳ бас,
То чанд орӣ бар забон он як хаторо ҳар замон?!

* * *

Ҷонам ҳамону дил ҳамон, дармону дарди мо ҳамон,
Ҳар кас ба савдои дигар, кори мани шайдо ҳамон.
Зоҳид ба меҳробам махон, сӯфӣ зи тасбеҳам магӯй,
Моему кӯеву буте, меҳробу дарди мо ҳамон.
Сӯят ба пои худ шудам в-аз пои дигар омадам,
Ин бор сар хоҳам ниҳод, зеро ки маст он, по ҳамон.
Гӯянд: «Аз баҳри чаро чандин хурӣ ғам?» Чун кунам,
К-омад хушӣ бахти ҳама, бахши мани танҳо ҳамон.

Чандин, ки чӣ ҷӯӣ куштанам, к-ин ғам, ки дорам аз ту ман,
Хоҳӣ шунидан ногаҳон имрӯз ё фардо ҳамон.
Дар боғ ҳар кас аз гуле масту мани девонаро
Дида ба сӯи сарву гул андар дили якто ҳамон.
Пандам диҳанду нашнавам, хоҳам, ки ҷавре ҳам кашам,
Чун ту ба хотир бигзарӣ, дил боз Хусравро ҳамон.

* * *

Сабза ҳамону гулу саҳро ҳамон,
Боғ ҳамон, соя ҳамон, ҷо ҳамон.
Гирди чаман шоҳиди зебо басе,
Дар дили ман шоҳиди зебо ҳамон.
Паҳлуи ман сад бути ҷонбахш, вой,
Он ки маро мекушад, илло ҳамон.
Дар чамане ҳар касу ман бар дараш,
Боғи ман он асту тамошо ҳамон.
Ном намонд аз дилу ҷону ҳанӯз
Ишқ ҳамон асту таманно ҳамон.
Чашми маро сел зи дарё гузашт,
Сӯхтагии дили шайдо ҳамон.
Қаҳри ту лутфест, ки ушшоқро
Хор ҳамон бошаду хурмо ҳамон.
Фарқ миёни ду лабат кай тавон,
Хизр ҳамон асту Масеҳо ҳамон.
Аз ту бало в-аз дили Хусрав ризо,
К-аз ту ҳамон шояду в-аз мо ҳамон.

* * *

Ёр бефармону дил ҳам ҳамчунон,
Як дамам боқию як дам ҳамчунон.
Шона кардан зулфро чандин чӣ суд,
Баста чандин дил ба ҳар хам ҳамчунон.

Ҳар касе панде шуниду сабр кард,
Кори ман душвору дарҳам ҳамчунон.
Ишқ сад гуна бало бар ман фиканд,
Каффаи уммеди ман кам ҳамчунон.
Ҳар шабе то рӯз бо худ баҳри сабр –
Сад фасона гӯяму ғам ҳамчунон.
Ҷон қафас бишкасту дар парвоз шуд,
Дил ба доми фитнатуркам ҳамчунон.
Шуд зи борон дида Хусравро хароб,
Ишқро бунёд муҳкам ҳамчунон.

* * *

Ишқ оташам дар ҷон заду ҷонон аз они дигарон,
Моро ҷигар бирён шуду ӯ меҳмони дигарон.
Эй мурғи ҷон, з-ин нола бас, чун нест ҷонон з-они ту,
Беҳуда афғон мекунӣ дар бӯстони дигарон.
Гаҳ накди ҷон дилро диҳам, гаҳ мояи дил дидаро,
Ман булфзулӣ мекунам, коло аз они дигарон.
Ҷӯям зи пирон беғамӣ, лекин чунин бахтам куҷо,
Бо ман ҷавонмардӣ кунад бахти ҷавони дигарон.
Гар куштанӣ шуд бедиле, то кай зи халқам сарзаниш,
Боре ба теғи хеш куш, чанд аз забони дигарон?!
Бигзор мирам бар дарат, манмой хубони дигар,
Мафрист хоки кӯи худ бар остони дигарон.
Бар дигарон мебандиям, эй чашмаи ҳайвон, макан,
Чун худ бишустӣ аз дилам ному нишони дигарон.
Гӯям, ки мурдам аз ғамат, гӯӣ, ки битвон ин қадар,
Саҳл аст, охир, ҷони ман, мурдан ба ҷони дигарон.
Ту май хурӣ, ман дарду ғам, яъне раво бошад чунин,
Шарбат ту ошомию таб дар устухони дигарон.
Ту суд кардӣ бандаро, ман ҷон зиён дорам зи ту,
Мапсанд баҳри суди худ чандин зиёни дигарон.
Хусрав ба тори мӯи ту ҷон медиҳад, дигар ҷаҳон,
Гарчи аларрағми манӣ, ҷону ҷаҳони дигарон.

* * *

Ҳамерезӣ ба бозӣ хуни ёрон,
Чунин бошад сазои дӯстдорон?
Ба хуни бедилон хӯрдан макун хӯй,
Ки касро н-ояд ин шарбат гуворон.
Мани расвою ҳар сӯ хандаи халқ,
Чу масте дар миёни ҳушёрон.
Баро, эй субҳи пирӯзӣ, ки бе туст
Ҳаёти ман, чу шоми сӯгворон.
Танам парварда шуд дар хуни дида,
Чунон к-аз май сафоли бодахорон.
Нагӯям дарди худ бо кас, ки ин роз
Нагунҷад дар дили ноустуворон.
Манам саргашта зери пои хубон,
Чу гӯй афтода дар пеши саворон.
Шикориро зи тири турк рӯзист,
Маро аз новаки мардумшикорон.
Чӣ хуш менолад андар ишқ Хусрав,
Чу булбул дар қафас вақти баҳорон.

* * *

Эй орзуи умедворон
В-эй марҳами дарди дилфигорон.
Аз душманӣ он чӣ буд, кардӣ
Эй дӯст, чунин кунанд ёрон?
То сояи зулфи ту бидидам,
Девона шудам чу соядорон.
Афганд тане чу мӯи борик
Дар зери гилеми сӯгворон.
Мегирям бар ғарибии хеш,
Чун абр ба мавсими баҳорон.
Гар шарҳ диҳам ғами ту сад сол,
Як қисса нагӯям аз ҳазорон.

В-онҳо, ки ту мекунӣ бар ин дил,
Аз дил нашавад ба рӯзгорон.
Бо ин ҳама чашм бар сари роҳ
Медорам чун умедворон.
То кай гузарӣ ба сӯи Хусрав,
Чун бар сари кишти хушк борон?

* * *

Дареғи суҳбати деринаи вафодорон,
Хуш он нишоту тааннум, ки буд бо ёрон.
Чу аз шукуфтани наврӯзи айш ёд кунам,
Ба чашми ман гул агар нестанд он ёрон.
Чу дӯстони вафодор рахт барбастанд,
Ҷаҳон чӣ гуна тавон дид бе вафодорон?
Падида нест яке ҳам аз он, таолиллаҳ,
Набудаанд магар он хуҷастадилдорон,
Фироқ карда дили мо харобу марҳам не,
Ба ҳуққае фалак аз баҳри ин дилафгорон.
Дило, бидон, ки ба таъбири ҳам намеарзад
Ҷаҳон, ки сурати хоб аст пеши бедорон.
Азизи ман, ба матои замона ғарра машав,
Ки он-ст доруи кисабурону тарророн.
Чу умр меравад, аз ҳирсу оз ҷон чӣ канӣ,
Ба ҳарза чанд тавон кард кори бекорон?
Салоҳи нафс маҷӯ, Хусрав, аз дили худ, аз он-к
Табиби мурда насозад илоҷи беморон.

* * *

Рав, эй сабову саломам ба дилнавоз расон,
Ниёзи банда бад-он шӯхи ишваноз расон.
Ба ҷони коста афсонаи фироқ бигӯ,
Ба шамъи сӯхта парвонаи гудоз расон.

Куҷоӣ, эй, ки дилат бар ҳалоки нохуш буд,
Биёву мужда бад-он лаъли дилнавоз расон.
Ман он чи мекашам андар дарозии шабҳо,
Ба рӯзгор сари зулфи ӯ фароз расон.
Дилам бибурдиву тарсам, ки дарди он расадат,
Дилам ба зулф нигаҳ дору дард бозрасон.
Ҳариф металабад наргиси муқомири ту,
Хабар ба ҳалқаи мардони покбоз расон.
Чу нимхӯрдаи худ бода бар замин фиканӣ,--
Бигӯ, ба рӯҳи ситамкуштагони ноз расон.
Зи ноз ин ҳама натвон фурӯхт бар Хусрав,
Шикастаро қадаре марҳами ниёз расон.

* * *

Эй бод, бӯи ёр бад-ин мубтало расон,
Дар чашми ман зи хоки дараш тӯтиё расон.
Гар ҳеҷ аз он тараф гузаре афтадат зи ман,
Хидмат куну салом бигӯю дуо расон.
Он дил, ки бурдаӣ зи ман, ар нестат қабул,
Боз ору ҳам ба синаи он мубтало расон.
Як тор баҳри пӯшиши ман з-он қабо биёр,
Ташрифи подшоҳ ба пушти гадо расон.
Ҷоне хароб дораму дард аст номи ӯ,
Ин дардро гирифта ба назди даво расон.
Гуфтӣ, ки нолаи ту ба ёри ту мерасад,
Он ҷо, ки нола мерасад, он ҷо маро расон.
Мо чун намерасем бар он орзуи дил,
Ё Раб, ту орзуи дили мо ба мо расон.
Хусрав, ки аз фироқ хаёлӣ шуд, эй сабо,
Аз ҷо-ш даррабову бад-он дилрабо расон.

* * *

Хуш аст майкада, соқӣ, ба рӯи ҳамнафасон,
Зи ҷоми соқии дӯшина ҷуръае бирасон.
Муҳаққақ аст, ки хайёти ғайб рӯзи азал
Надӯхт хилъати риндӣ ба қадди булҳавасон.
Ба кунҷи майкада биншин мудому қонеъ бош,
Ки хуни хеш хурӣ, беҳ, ки май зи дасти касон.
Чароғи айш барафрӯз аз шароб, ки зуд
Шавад зи дасти ту рағбат чу равғани баласон.
Касе, ки гавҳари зотӣ-ш бехалал бошад,
Чӣ илтифот намояд ба ихтиёри хасон!
Нуҳуфта дор қадаҳро даруни хилвати хос,
Раво мадор, ки афтанд андар ӯ магасон.
Биёр бода, ки моро намонд чун Хусрав
Ғаме зи шаҳнаву қозиву биме аз асасон.

* * *

Дилам, ки сӯхт зи ишқаш, чароғи ҷони ман аст он,
Ғубор, к-аз ту расад, нури дидагони ман аст он.
Масӯз ҷони дигар ошиқон бад-ин ғами худ,
Ки ман зи рашк бимурдам, ки ҳаққи ҷони ман аст он.
Бар остон-т, ки холе зи хуни дида навиштам,
Бихон, ки дард фазояд, ки достони ман аст он.
Ба хоки кӯи ту мурдан, ки хостам ба дуо ман,
Ту ном аҷал ниҳию умри ҷовидони ман аст он.
Шуд арчи хори муғелон зи ҳаҷр бистари хокам,
Чу ёд медиҳадам аз ту, парниёни ман аст он.
Агарчи гӯшаи ғам нохуш аст бар ҳама, лекин
Чу дар хаёли туам, боғу бӯстони ман аст он.
Гар, эй сабо, равӣ он ҷо, ба ҷон дуош бигӯй
Зи ман, валек нагӯӣ, ки аз забони ман аст он.
Шавад ба роҳи ту Хусрав чу хок, то бинишонӣ
Ғубори по, чу надонӣ, ки устухони ман аст он.

* * *

Эй суман, номаи вафо бистон,
Нусха з-он рӯи дилрабо бистон.
В-эй бунафша, зи рашки турраи ӯ
Кӯр гаштӣ, бирав, асо бистон.
Хоки ӯ тӯтиё шуд, эй наргис,
Дида бифрӯш, тӯтиё бистон.
Гар тавонӣ бад-ӯ расонидан,
Як саломи ман, эй сабо, бистон.
Пас бигӯ, к-аз ду чашми фитнапараст
Бидеҳ инсофи мову ё бистон.
Ба ғуломӣ бихар маро аз ман
В-аз ду чашми худаш баҳо бистон.
Рӯи чун моҳро ба чарх намой,
Ҳафт оина рӯнамо бистон.
Пас ба дасти хаёли худ бифурӯш,
Лекин аз чашми худ ризо бистон.
Зар чӣ ҷӯӣ, бибин рухи зардам
В-аз ғами хеш кимиё бистон.
Дил бибурдӣ, зи ҷон чӣ мехоҳӣ,
Гар бихоҳӣ ситад, биё бистон.
Номаи мо агар намехонӣ,
Қисса боре зи дасти мо бистон.
Дили Хусрав зи дасти шаҳнаи ҳаҷр,
Аз барои худойро, бистон.

* * *

Сармаст равад чу дар гулистон,
Помол кунад ҷамоли бустон.
Ман нолакунон зи ғам ҳама шаб,
Ӯ хуфта ба ноз дар шабистон.
Ё Раб, ту аз ӯи нохудотарс
Инсофи мани шикаста бистон.

Эй, чашми туро ба куштани ман
Як ғамзаю сад ҳазор дастон.
Ҳам мастию ҳам хушӣ ҳама вақт,
Хуш бод ҳамеша вақти мастон!
Фарёд зи булбулон баромад,
Махром ба ноз дар гулистон.
Доғе, ки фироқ бар дилам кард,
Бишкофу бубин, ҳанӯз ҳаст он.
Шуд кушта ба дасти ҷавр Хусрав,
Охир, нигаҳе ба зердастон!

* * *

Эй бехабар зи дидаи бехоби ошиқон,
То сӯхта дилат зи тафу тоби ошиқон.
Зикри лабу даҳони ту тасбеҳи бедилон,
Наъли суми саманди ту меҳроби ошиқон.
Дӯшат ба хоб дар бари худ ёфтам, вале
Он бахт ку, ки рост шавад хоби ошиқон.
Як шаб ба меҳмонии хунобаи ман ой,
То бехабар шавӣ зи маи ноби ошиқон.
Гуфтӣ, ки куштани ту ҳавас дорам ошкор,
Пӯшида нест лутфи ту дар боби ошиқон.
Гарчи даруни ҳуҷраи ҷонҳост ҷои ту,
Ҳам эминӣ хато-ст зи пуртоби ошиқон.
Хусрав низору ғамзаи хубон кашида теғ,
Шарманда мешавем зи қассоби ошиқон.

* * *

Олам аз ҷоми лаб хароб макун,
Туҳмат андар сари шароб макун.
Ҳар замон тофта машав бар мо,
Ту маҳӣ, кори офтоб макун.

Бо чунон рӯ марав ба ғорати шаб,
Кори дуздӣ ба моҳтоб макун.
Гарчи з-он ғамза фитнаи шаҳрӣ,
Имшабе орзуи хоб макун.
В-ар туро орзуи куштани мост,
Умр худ меравад, шитоб макун.
Аз даҳони туам суоле ҳаст,
Гар надорӣ даҳон, ҷавоб макун.
Чашмам аз гиря як даме боз ор,
Хонаи мардумон хароб макун.
Бе чароғ аст хонаи Хусрав,
Ҳар замон рӯй дар ниқоб макун.

* * *

Моҳи ҳилолабрӯи ман, ақли маро шайдо макун,
Ғамзазанон з-ин сӯ маё,оҳанги ҷони мо макун.
Гаҳ зулф сӯи рух барӣ, гаҳ хол зери лаб ниҳӣ,
Ҷон дорад охир одамӣ, чандин бало якҷо макун.
Эй ман ғуломи рӯи ту, гар ҷавр хоҳӣ в-ар ситам,
Бар бандаи худ мекунӣ, чун гӯямат кун ё макун?
Гар ман зи ҷаври чашми ту кардам шикоятгунае,
Зорам бикуш, лек ин гунаҳ бар рӯи мо пайдо макун.
Дерина ёрони мананд, эй пандгӯ, андӯҳу ғам,
Дар беғамӣ манмой раҳ, з-эшон маро танҳо макун.
Гуфтӣ: – Шавад фардо туро ҳиҷрон ба куштан сохта,
Имрӯз меҳмони туам, ин ваъдаро фардо макун.
Гар ишқ мебозӣ, дило, парвона шав, не чун магас,
Болои оташ чарх зан, парвоз бар ҳалво макун.
Гуфтам, ки ман аз ҷаври ту зуннор бандам, гуфт: – «Рав,
Дар куфр ҳам содиқ наӣ, зуннорро расво макун!»
Хусрав, агар бахтат гаҳе ёрӣ диҳад, он ҷо расӣ,
Ҳам бар замин neҳ дидаро, густохие он ҷо макун.

* * *

Азми бурун чу масти хуморӣ шавӣ, макун,
Тороҷи нақши озарию монавӣ макун.
Ҷон каш нахуст дар қадами шабравони ишқ,
Хубӣ, вале чӣ суд, ки бад мешавӣ, макун.
Гарчи хуш аст ҷавру ҷафоҳои некувон,
Лекин агар насиҳати ман бишнавӣ, макун.
Кач мениҳӣ ба гоҳи хиромиш ба дида пой,
Афгор гашт чашми ман, ин каҷравӣ макун.
Гирам, ки бар лабам нарасонӣ гулангубин,
Боре бад-ин сухан дили душман қавӣ макун.
Бинмой рӯю чашми маро мунтазир мадор,
Бикшой зулфу кори маро яктавӣ макун.
Ишқ офат аст, Хусраво, поро ба ҳуш неҳ,
Таслим шав ба бандагию хусравӣ макун.

* * *

Дил мебарию дар хами мӯ мекунӣ, макун,
Озурдани дили ҳама хӯ мекунӣ, макун.
Ту ҷавр мекунию ман аз дида мекашам,
Ин шева гарчи нек накӯ мекунӣ, макун.
Халқе ҳама ба рӯи ту девона гашту маст,
Боре, ту гул зи баҳри чӣ бӯ мекунӣ, макун.
Хун мекунӣ дили ману бандӣ ҳаме ба зулф,
Худ мекунию бар сари ӯ мекунӣ, макун.
Ларзон-ст бар ту ҷони ман аз оҳи бедилон,
Гаҳ-гаҳ, ки гашт бар лаби ҷӯ мекунӣ, макун.
Ҷои дигар мадеҳ дили гумгаштаро нишон,
Овораам чу сӯй ба сӯ мекунӣ, макун.
Гуфтӣ, ки Хусраво, чӣ кунам, к-ат бувад халос?
Он шонаро, ки дар хами мӯ, мекунӣ, макун.

* * *

Эй дил, зи ваъдаи качи он шӯх ёд кун,
Худро ба ишва, гарчи дурӯғ аст, шод кун.
Бинвис номаеву равон кун ба дасти ашк,
Лек аввал аз сиёҳии чашмам савод кун.
То чанд худмурода кунӣ сад ҳазор кор,
Як кор бар муроди мани бемурод кун.
Инак савора мераваду то бибинамаш,
Эй оби дида, як нафасе истод кун.
Хусрав чу нарди ишқ ба ҷон бохтӣ кунун,
Мондӣ саре ба даст, гаравро зиёд кун.

* * *

Эй дил, алам ба мулки қаноат баланд кун,
Чашми тамаъ зи хони хасон бегазанд кун
Он к-аш риёзате набувад, худ зананд наҳ,
В-он к-аш маҳосине набувад, ришханд кун.
Он кӯси ақл бар дари султони ишқ зан
В-ин тоҷ бифкан аз сару наъли саманд кун.
То чанд зоғи мазбала, лахте ҳумой бош,
Худро ба нонамудани хеш арҷманд кун.
Душман гарат зи пастии ҳиммат лагад занад,
Ту хоки роҳи ӯ шаву ҳиммат баланд кун.
Санг ар яке зананд, дуошон дубора кун,
Кибр ар яке кунанд, тавозӯъ дучанд кун.
Ин остона мулки касе, з-они дигар аст,
Хусрав, бирав, ту ҳеҷкасиро писанд кун.

* * *

Чашмро дар мулки хубӣ шаҳнаи бедод кун,
Ғамзаи хунхораро бар ҷодувон устод кун.
Зулф бар дасти сабо деҳ, то парешонаш кунад,
Хонумонеро ба ҳар мӯе аз он барбод кун.

Теғи айёрӣ бикаш, сарҳои муштоқон бизан,
Пас тариқи ишқбозиро зи сар бунёд кун.
Эй ки аз ҳусну ҷавонӣ масту хоболудаӣ,
Гоҳ-гоҳ аз ҳоли бедорони шабҳо ёд кун.
Ноларо ҳарчанд мехоҳам, ки пинҳонтар кашам,
Ҷон ҳамегӯяд, ки ман танг омадам, фарёд кун!
Ҳасрати рӯят ҳалокам кард, аз баҳри Худо,
Рӯй бинмою дили дармондаеро шод кун.
Дил ба зулфат бастам ар дар бандагӣ дархурд нест,
Эй сарат гардам, магардон гирди сар, озод кун.
Ман наям з-онҳо, ки хоҳам аз вафоят сар кашам,
Хоҳ фармони ситам фармою хоҳӣ дод кун.
Мулки хубиро шунидам сикка нав зад, эй сабо,
Аввалаш, ҷон, ҳидмате бар, пас муборакбод кун.
Синаи ман кӯҳи дард асту ба нохун меканам,
Он ки Хусрав буд номам, баъд аз ин Фарҳод кун.

* * *

Ҷони ман, охир гаҳе аз бедилон ёде бикун
В-ар ба инсофе намеарзем, бедоде бикун.
Шодмониҳо-ст аз ҳусну ҷавонӣ дар сарат,
Шукри онро, як назар дар ҳоли ношоде бикун.
Ҳар шабе моему танҳоию зиндони фироқ,
Гар тавонӣ аз фаромушгаштагон ёде бикун.
Имшаб ин ҳиҷрони оҷизкуш бихоҳад куштанам,
Эй муаззин, гар намурдӣ, бонгу фарёде бикун.
Гар ба давлатхонаи васлам нахонӣ, эй табиб,
Боре ин ҷо ою сар дар меҳнатободе бикун.
Хоки кӯят кардам андар чашми ту, з-он обу гил
Ҳам дар ин хона зи баҳри хеш бунёде бикун.
Ашки Хусравро ниҳон дар кӯи худ роҳе мадеҳ
Ҷӯи Ширинро равон аз хуни Фарҳоде бикун.

* * *

Ҷоно, шабе ба кӯи ғарибон мақом кун,
Чун ҷон диҳем дар кафи поят, хиром кун.
Дорӣ ба зери ғамзаву лаб маргу зиндагӣ,
То чанд ҷон диҳам ба зиён, ё тамом кун!
Даъвии хунбаҳои дили хеш мекунам,
Як бӯса бар лабам зану қатъи калом кун.
Май, к-ат ҳалол бод, бинӯшу хиром кун,
Бар зоҳидони савмаа тақво ҳаром кун.
Эй боди субҳдам, чу бад-он сӯй бигзарӣ,
Аз ман сагони он сари кӯро салом кун.
Эй дил, чу сӯхтӣ зи ҳавасҳои хоми хеш,
Умри азиз дар сари савдои хом кун.
Хусрав, назар дар он руху в-он гаҳ ҳадиси сабр
Андозаи ту нест, забонро ба ком кун.

* * *

Даро, эй шохи гул, хандону маҷлисро гулистон кун,
Ба гуфти талх чун май ошиқонро масту ғалтон кун.
Аз он зулфи парешон номзад кун бодро в-ар кас
Ба аҳдат хоби хуш дорад, ҳама хобаш парешон кун.
Магӯ пероҳани зебоӣ омад чуст бар Юсуф,
Ту ҳам бишнос худрову яке сар дар гиребон кун.
Фаровон бут парастидам ба меҳроби намоз, акнун
Ба меҳроби ду абрӯи худат аз сар мусулмон кун.
Пас аз мурдан манеҳ тобутам андар гӯшаи масҷид,
Бибар, он ҳимаро дар кори оташгоҳи габрон кун.
Манеҳ бар ойна он рӯй, ваҳ, гар мениҳӣ боре,
Бисӯз ин ҷони камбахти маро, хокистари он кун.
Чу натвон бӯи ту бишнид, аз вай медарам ҷома,
Чаро беҳуда гӯяндат, ки гул дар мушк пинҳон кун.
Гаҳи ҷон додан асту шарбати дидор мехоҳам,
Агарчи бар ту душвор аст, боре бар ман осон кун.

Бурун о чун саводи дида, эй абри сияҳ в-он гаҳ
Ба гармо сояе болои он сарви хиромон кун.
Табибо, дарди ман дорад нуҳуфта дар дилам коре,
Ту дардеро, ки бекор аст, рав, тадбири дармон кун.
Надорам хоб ман аз остонат, бӯ, ки хоб ояд,
Биёр он хокро, ҳамхобаи он чашми гирён кун.
Бинои ишқи ҷонон нав шуд андар синаи Хусрав,
Биноҳои куҳан аз коргоҳи ғамза вайрон кун.

* * *

Ҷоно, гузаре ба бӯстон кун,
Бода хуру рух чу арғувон кун.
Ҷонҳо, ки гарон-ст нархи эшон,
Як бор биханду ройгон кун.
Аз ғамза равона кун хаданге,
Як ҷони маро ҳазор ҷон кун.
Гар мекушиям, зи кас чӣ пурсӣ,
Чизе, ки туро хуш ояд, он кун?
Зан дар дили Хусрав оташ, аммо
Худро зи миёна бар карон кун.

* * *

Як раҳ зи дар бурун о, қасди ҳазор ҷон кун,
Қурбон ҳазор чун ман бар чашми нотавон кун.
Рӯят балост, бинмо, то ҷон диҳанд халқе,
Дар аҳли худ аз ин сон нархи бало гарон кун.
Аз дидани ту мурдам, то бизяму намирам,
Дар шахси мурдаи ман худро биёру ҷон кун.
Аз нӯги ғамза то кай хунҳо кунӣ дамодам,
Шаҳре бикуштӣ, акнун шамшер дар миён кун.
Аз кӯбиши ғами ту бигсаст банд-бандам,
Як ҷуръае маям деҳ, пайванди устухон кун.

Аз лаб чу дигаронам чун шаккаре бибахшӣ,
Боре туфайли эшон хоке дар ину он кун.
Гар дил барӣ, тавонӣ в-ар ҷон барӣ зи ман ҳам,
Таслими туст Хусрав, хоҳ ину хоҳ он кун.

* * *

Охир, нигоҳе дар ҳоли мо кун,
Дарди диламро рӯзе даво кун.
Аз дасти ҳиҷрон ман дар балоям,
Ё Раб, ба васлат онро даво кун.
Гуфтӣ ба васлат рӯзе навозам,
Вақт аст,ҷоно, ваъда вафо кун.
Ман дар фироқат шӯридаҳолам,
Боз ою раҳме бар ҳоли мо кун.
Сад раҳ навидам додӣ ба васлат,
Уммеди моро боре вафо кун.
Аз хубрӯён зиштӣ наёяд,
Ин зиштрӯӣ, охир, раҳо кун.
З-ин беш моро аз худ маёзор,
Андеша, охир, рӯзи ҷазо кун.
Дар ишқ, Хусрав, дилро чӣ қимат?
Ҷону равонро пешаш фано кун.

* * *

Биншаст ишқи ёр ба ҷонам чунон дарун,
К-аз офият намонд нишоне дар он дарун.
Хуноб гашту кушта намегардадам ҳанӯз
Он оташе, ки ҳаст дар ин устухон дарун.
Ҳар кас занад зи мурдани Фарҳод достон,
Мо низ омадем дар ин достон дарун.

Ё Раб, касе бувад, ки забонам дарун кашад,
Як дам зи нола менаравад чун забон дарун?
Дар ҳар диле, ки дарнаравад дилбаре, бисӯз,
Оташ ба хонае, ки нашуд меҳмон дарун!
Гуфтам, чу дидамаш, ки ба ҷонаш дарун кашам,
Ӯ рафт бе иҷозати ман худ ба ҷон дарун.
Хушвақт он замон, ки бувад гоҳи мурданам,
В-он бут дарояд аз дари ман ногаҳон дарун.
Мурдам бар остону нарафтам дарун кунун,
Хокам магар, ки бод барад з-остон дарун?
Гуфтӣ, ки Хусраво, ба дилам ҷой кардаӣ,
Хушнудам, аз даре биравам як замон дарун.

* * *

Бош, то мушкат зи барги ёсамин ояд бурун,
Бинӣ, аз тан чанд ҷони нозанин ояд бурун?
Тири заҳролуди чашмат қасди ҷонам мекунад,
Ҳамчу занбӯре, ки ногаҳ аз камин ояд бурун.
Монда дар зери замин хуршед, охир рух бипӯш,
То магар хуршед аз зери замин ояд бурун.
Гар лаби чун ангубинатро ба дандон барканам,
Хун аз ӯ берун наёяд, ангубин ояд бурун.
Нақши ту бар дидаи Хусрав нишаст аз интизор,
Гар наёӣ, чашми ман то ҳамнишин ояд бурун.

* * *

Манаму ишқу диле хаставу чашме пурхун,
Кас напурсад, ки куҷоӣ тую аҳволи ту чун?
Беқарорӣ ҳама беруну дарунам бигирифт,
На дарун аст қарорам ҳама шаб, на берун.
Роз хоҳам, ки бурун бифканам, аммо чӣ кунам,
Ногаҳон нолаи бехост барояд зи дарун.

Ақл мегуфт дигаргун шавадат ҳол зи ишқ,
Ҳол гашту сухани ишқ нашуд дигаргун.
Халқ гӯянд, ки чашми ту намехуспад ҳеч,
Хуни ман кард ба гардан, зи куҷо хуспад хун?!
Донад он кас, ки шабе қиссаи Лайлӣ хонда-ст,
Ки қалам аз чӣ сабаб менаравад бар Маҷнун.
Хусраво, орзуят буд, ки девона шавӣ,
Даст дар силсилаи ишқ задӣ, бош кунун!

* * *

Ишқи нав асту ёри нав асту баҳори нав,
З-он рӯи хуб рӯзи наву рӯзгори нав.
Чун дарнаёяд аз дари ман навбаҳори ман,
З-онам чӣ хушдилӣ, ки дарояд баҳори нав!
Дар навбаҳор чун ту наӣ, дар чаман маро
Аз сарву гул чӣ хезаду аз лолазори нав!?
Бас тавбаҳои куҳна, ки бишкаст, он ки ҳаст
Дар чашми ниммасти ту ҳар дам хумори нав.
Дорам дили ғамину надонистам, ин ки боз
Ҳар рӯз нав шавад ғамам аз ғамгусори ту.
Дар хок ёдгор барам дарди ту, ки то
Ҳам ёдгори куҳна шавад ёдгори нав.
Хоҳӣ бибину хоҳ на, боре, ман аз ду чашм
Резам ба хоки кӯи ту ҳар дам нисори нав.
Хусрав, зи ишқ лофию ҷӯӣ қарори дил,
Бахшад магар худой дилатро қарори нав.

* * *

Аз дурии худ, ҷоно, ҳоли дили ман бишнав,
Андӯҳи фироқи гул аз мурғи чаман бишнав.
З-он мӯи баногӯшат ҳар кас гилае дорад,
Он турра ба як сӯ нех̣, аз гӯш сухан бишнав.

Нофа ҳама бӯи хуш аз зулфи ту медуздад,
Ғаммозии он дуздӣ аз мушки Хутан бишнав.
Бо ин ҳама некӯӣ андар ҳақи мискинон
Машнав сухани бадгӯ, гуфти бади ман бишнав.
Аз боди ҳавоят дил сад ҷо бидарид, ин худ
Бишкуфт гули дигар, эй ғунчадаҳан, бишнав.
Ту ҷони манию ман дур аз ту ҳамемирам,
Эй ҷони ҷудомонда, охир, ғами тан бишнав.
Бишкаст маи лаълат чун тавбаи Хусравро,
Акнун сифати мастӣ з-он тавбашикан бишнав.

* * *

Ошиқи девонаам, силсилаи ёр ку?
Сина зи ҳиҷрон бисӯхт, шарбати дидор ку?
Гарчи гулистон хуш аст в-арчи чаман дилкаш аст,
Ин ҳама дидам, вале-к он гули рухсор ку?
Нолаи ҳар ошиқе аз дили афгори хеш,
Аз мани мискин бипурс, к-он дили афгор ку?
Нафси мани бутпараст ҳаст ба куштан сазо,
Теғи сиёсат куҷост, бозуи ин кор ку?
Оҳ, ки даъвии ишқ, баски зи ҷон чун дилат
Дӯстии ҷон гирифт, дӯстии ёр ку?
Ваҳ, ки ҷамоле чунон рӯзии чашмам бибаст,
Дидаи бедор ҳаст, давлати бедор ку?
Бар сухани дарди мо гӯш ниҳад гарчи ёр,
Хусрави бечораро тоқати гуфтор ку?!

* * *

Кас чун ҷаҳад зи гесӯи ҳамчун каманди ту,
Ҷое, ки он каманд шавад пойбанди ту.
Омӯхт чашмҳои маро гиряҳои талх,
Дар дида хандаҳои лаби нӯшханди ту.

Шӯям зи гиря рӯи заминро, ки ҳаст ҳайф,
К-афтад ба хок сояи сарви баланди ту.
Эй пандгӯ, ки гӯиям аз ишқи ӯ бихез,
Чун дил ба ҷой нест, чӣ хезад зи панди ту?!
Дилтангиям бикушт, мафармой айб, агар
Танг аст ин қабо ба тани арҷманди ту.
Гӯ, то ба рӯҳи ман кунад аз баъди мурданам
Кас, к-ӯ барад насиба зи ҳалвои қанди ту.
Гирд ор зулфро, ки зи олам бурун гурехт.
Хусрав ҳанӯз менаҷаҳад аз каманди ту.

* * *

Пардаи сабрам дарид ғамзаи дилдӯзи ту,
Заҳраи ман об кард ишқи ҷаҳонсӯзи ту.
То ба саҳар ҳар шабе дам назанам ҳамчу субҳ,
Тарсаму равшан шавад меҳри дилафрӯзи ту.
Ранги гули оразат рӯз ба рӯз аст нав,
Хоркашеро чӣ ранг аз гули наврӯзи ту.
То ту бар аҳли савоб тир занӣ бехато,
Ҳаст камони баланд абруи кинтӯзи ту.
Ҳиндуи чашми туро ғорати туркони Чин,
Некуӣ омӯхта-ст зулфи бадомӯзи ту.
Хусрави бечора кард вақфи ҳавои ту дил,
Гарчи ки беҷон-ш кард ғамзаи дилдӯзи ту.

* * *

Бечора дилам хун шуд дар пеши хаёли ту,
То чанд ҳанӯз, охир, дурӣ зи висоли ту!?
Ақлу дилу ҷону тан – бурд ин ҳама ишқ аз ман,
Ман мондааму чашме ҳайрони ҷамоли ту.
Ханҷар кашу зорам куш, то бозраҳам з-ин ғам,
Дар гардани ман, ҷоно, ҳарчанд вуболи ту.

З-ин гуна, ки ман дидам, шакли тую ҳоли худ,
Душвор барам ҷонро аз дасти хаёли ту.
Эй лашкари муштоқон дар пеши хаёли ту
В-эй гардани сарбозон дар зери дуволи ту.
Ё Раб, ки чӣ зулм аст ин, дардо, ки чӣ доғ аст, ин,
Бар ҷони мусулмонон аз ҳиндуи холи ту.
Сад қисса фузун дорам аз дарди дили Хусрав,
Лекин ба забон н-орам аз дасти малоли ту.

* * *

То ба замона шуд хабар аз маҳи бокамоли ту,
Шефта гашт оламе з-абрӯи чун ҳилоли ту.
То ба ду ҳафта моҳ агар рост кунад ҷамоли худ,
Тез нигоҳаш уфтад ҳар шабе аз ҷамоли ту.
Аз хатат арчи кушта шуд халқ, битарс аз Худо,
Номаи ӯ сиёҳ бод аз рақами вуболи ту.
Қуръа дурӯғ мезанам бахри сабурӣ, арна ку
Давлати он ки бингарам рӯи хуҷастафоли ту?!
Дур зи бандагии ту гарчи хаёл гаштам,
Аз дилу дида мекунам бандагии хаёли ту.
Гир, ки зарра барпарад, кай расад офтобро,
Ҳиммати мудбире чу ман бас ҳаваси висоли ту.
Холи ту гашту чашми ман, раҳзани ҳоли чун мане,
Кофари сурхчашми ман дузди сиёҳхоли ту.
Нахли қади ту дар дилам, к-об ҳамехӯрад зи хун,
Бин, ки чӣ мева бардиҳад з-ин хӯришам ниҳоли ту.
Умр ба кунҷи фурқатам рафту нагуфтиям гаҳе
Ин қадаре, ки, Хусраво, чист ба гӯша ҳоли ту.

* * *

Боз ба хуни халқ шуд чашми ҷаҳоннамои ту,
Умр агар вафо кунад, ҷони ману ҷафои ту!
Нест умед, к-аз туам як гули бахт бишкуфад,
Умр ба бод медиҳам беҳуда дар ҳавои ту.
Гиряю оҳи сарди ман, гар бирабоядам касе,
То наравӣ зи ҷои худ, эй дилу дида, ҷои ту.
Ман, ки зи давлати ғамат хуни ду дида мехурам,
Ҳаст ҳаромхорагӣ, гар накунам дуои ту.
Вақте агар зи ҷони ман новаки ту хато шавад,
Тан ба қасос дардиҳам маъзарати хатои ту.
Бод бар остони ту хок шуда вуҷуди ман,
То ба туфайли остон бу, ки расам ба пои ту.
Аз ҳасади хаёли ту бо дили худ ба ғайратам,
Гулхание чаро кашад ҳавдаҷи кибриёи ту.
Гӯш ба Хусрав ор шаб, то ки бибинӣ аз куҷо
Нағмаи шавқ мезанад булбули хушнавои ту.

* * *

Гар бода мехурам, ба сари ман хумори ту
В-ар дар чаман равам, ба дилам хор-хори ту.
Хун шуд зи нолишам ҷигару сангу ҳамчунон
Бо санги хештан дили ноустувори ту.
Аз дидани ту масту харобам тамоми рӯз,
Ҷон меканам тамоми шаб андар хумори ту.
Берун ҷаҳон саманд, ки пешат ба сад ҳавас
Мурдан ба пои хештан ояд шикори ту.
Дилро таби ғами ту чу бе ман намехӯрад,
Шармандаи дилам ману дил шармсори ту.
Умрам ба ёрии саги кӯи ту шуд ба сар,
Рӯзе нагуфтияш, ки чӣ гуна-ст ёри т у.
Доғи ту дорам, ар накунам хидмате дигар,
Кам з-он ки дар замин барам ин ёдгори ту.

Баҳри кадом рӯз бувад ақлу ҷону дил,
Гар ин матоъ харҷ нагардад ба кори ту.
Садпора шуд чу ғунча дили Хусраву ҳанӯз
Боре гуле шукуфт маро дар баҳори ту.

* * *

То шудам чашмошно бар рӯи ту,
Чашмаҳо аз ман равон шуд сӯи ту.
Баски мӯят дар хаёли ман нишаст,
Дар хаёлам, к-ин манам ё мӯи ту?
Ошиқи рӯи туам, к-аз бас сафо
Рӯй натвон дид андар рӯи ту.
Гуфтиям: – Дар рӯ бибин, дар гул мабин,
Чун кунам,меоядам з-ӯ бӯи ту.
Мардумонро хоб агар ояд ба шаб,
Бурд хоби ман шаби гесӯи ту.
Ман куҷо хуспам, ки аз фарёди ман
Шаб намехуспад касе дар кӯи ту.
Нафғанӣ дар гарданам дасте, ки нест
Ин камонро тоқати бозуи ту.
Сар ба зону мондаам аз доманат,
То чаро бӯсад сари зонуи ту.
Банда, Хусрав, аз сари ҷон хоста-ст,
То нишинад соате паҳлӯи ту.

* * *

Оини ту дил бурдан аст, эй чашми шаҳре сӯи ту,
Хӯи ту мардум куштан аст, эй ман ғуломи хӯи ту.
Гаҳ ҷон ба бӯе медиҳам, гаҳ дил ба мӯе медиҳам,
Корест афтода маро бо ҳар хами гесӯи ту.
Азбаски кӯят ҳеҷ гаҳ холӣ набошад з-оҳи кас,
Ҳар лаҳза бинам тозатар доғи сагони кӯи ту.

Наздики мурдан мешавам в-аз бӯи зулфат мезиям,
То ҳол чун хоҳад шудан рӯзе, ки набвад бӯи ту?
Ар ман намонам, зан мабар, к-аз кӯи ту доман кашам,
Бо бод ҳамроҳӣ кунад хоки ман, ояд сӯи ту.
Оям ба кӯят ҳар шабе, чун хоб н-ояд чун кунам?
Машғул дорам то саҳар худро ба гуфтугӯи ту.
Гуфтӣ ба сӯи боғ рав, то бӯ, ки дил бикшоядат,
Он фатҳ моро кай диҳад чандин гиреҳ дар мӯи ту?
Имшаб, ки меҳмони манӣ, фардо кӣ хоҳад зистан,
Бигзор, то як соате мебинам андар рӯи ту.
Дасти рақибат бас бувад, гар теғ бар ман мезанӣ,
Пайкори Хусрав кай ниҳам беҳуда дар бозуи ту.

* * *

Маст аст он нигор, ки мо масти рӯи ӯ,
Девонагист кори ман аз ҷустуҷӯи ӯ.
Бо худ баред чашми ман аз рӯи мардумӣ,
Пур орзу кунед, ки бибинед рӯи ӯ.
Бар хоки кӯи ӯ дили ман дӯш гум шуда-ст,
Як раҳ талаб кунед дил аз хоки кӯи ӯ.
Хоҳед ҳамчу ман нашавед аз балои ҳаҷр,
Дар ман нигаҳ кунеду мабинед сӯи ӯ.
В-ар талх посухе диҳад аз талххӯи хеш,
Ҳам талх бишнаведу мадоред хӯи ӯ.
В-ар ҳеҷ нест, пеши насими сабо равед,
Бар Хусрави шикаста расонед бӯи ӯ.

* * *

Ман ин ҷову дили гумраҳ дар он ку?
Аз он гумгаштаи мискин нишон ку?
Магӯ, эй пандгӯ, бе ӯ бизӣ хуш,
Хушам, гар зинда монам, лек ҷон ку?

Маро гӯӣ, ки рав бо собирӣ соз,
Ту худ мегӯӣ, аммо гӯй он ку?
Ба дил гӯям, ки пинҳон хоҳамаш гуфт,
Чу ӯ пеши назар ояд, забон ку?
Напурсӣ нотавонро пештар, з-он-к
Бипурсӣ халқро, к-он нотавон ку?
Пас аз мурдан дуои турбати ман.
Басанда-ст, он ки ту гӯи фалон ку?
Ба густохӣ ҳадиси бӯса гуфтам,
Ба ханда гуфт, к-эй Хусрав, даҳон ку?

* * *

Он кист, ки меояд, сад лашкари дил бо ӯ,
Дарвеши ҷамолаш мо,султони дили мо ӯ.
Бе субҳ шабе хоҳам, к-ӯро ғами дил гӯям,
Ман гӯяму ӯ хандад, танҳо ману танҳо ӯ,
Маҳтоб чӣ хуш будӣ, к-ӯ будию ман танҳо,
Лаб бар лабу рӯ бо рӯ, ӯ бо ману ман бо ӯ.
Ҳастам ба хаёли худ ман бо ӯву ӯ бо ман,
Ё Раб, чӣ хаёл аст ин, ин ҷо ману он ҷо ӯ.
Гӯянд чаро, охир, девонагият ҷӯшад,
Девона чаро набвам, моҳи мани шайдо ӯ.
Ман Хусраву ӯ зебо, бингар, ки чӣ шакл аст ин,
Дебочаи дилҳо ман, оинаи ҷонҳо ӯ.

* * *

Эй ишқат оташе ба ҳама шаҳр дарзада
В-он оташ аз дарунаи ман шуъла барзада.
Ҳар рӯз чашми масти ту дар корвони сабр
Берун кашида теғу раҳи хобу х(в) ар зада.
Мижгони ту ба ҳар задани чашм баҳри қатл
Ороста ду лашкару бар якдигар зада.

Ҳар тир, к-аз ишорати ту рост карда чашм,
Ин тири росткарда маро дар ҷигар зада.
Чун шонаи ту мондаам аз дасти мӯи ту,
Пое ба гил бимондаву дасте ба сар зада.
Лаб тар макун ба посухи талху маро макуш,
З-он заҳр об кардаву андар шакар зада.
Дил баргирифтӣ, аз ту чаро нашканад дилам,
Чун санг баргирифтаию бар гуҳар зада.
Ту теғи ҷавр бар сари ман мезаниву ман
Оям ҳаме ба кӯи ту ҳар рӯз сар зада.
Ҳар шаб зада зи ҷаври ту Хусрав ҳазор оҳ,
Ман ҳар чӣ беш гуфта мазан, бештар зада.

* * *

Эй аз гули ту моро дар дида хор монда
В-аз хори ғамзаи ту ҷонам фигор монда.
То нақши ту замона бар пераҳан кашида,
Дар коргоҳи гардун маҳ нимкор монда.
То бу, ки чун ту моҳе бинам ба толеи худ,
Ҳар шаб ба гиря чашмам анҷумшумор монда.
Бас дил, ки ҳаст, ҳар дам аз нордони лаълат,
Дар парда қатра-қатра ҳамчун анор монда.
Ту рафтию дили ман дунболи гарди асбат,
Магзор дӯстонро бар дил ғубор монда.
Бе ту даруни ҷонам зор аст, чун кунам ман,
Берун чу менаёяд ин ҷони зормонда?!
Раҳме, к-аз интизорат ду чашм чор кардам
В-аз гиря ҳаст сад хун дар ҳар чаҳор монда.
Дастам бигир, ёро, коре бикун, ки ҳастам
Ёре зи даст рафта, дасте зи кор монда.
Тан мӯй гашту гаҳ-гаҳ з-он мекунам азизаш,
К-аз зулфи туст моро ин ёдгор монда.
Умрам, ки рафт бе ту, андар ҳисоб н-ояд,
Вомест з-они Хусрав бар рӯзгор монда.

* * *

Макуш ба ноз маро, эй ба ноз парварда,
Марез хуни мусулмон ба ҷурми нокарда.
Маро бикушт лаби ҷонситони ту, ҳарчанд
Муфарраҳест ба оби ҳаёт парварда.
Бибахш қанде аз он лаб, ки пеш аз он номид,
Ҳам аз хаёли лабат вом кардаам х(в) арда.
Битарс аз он чи ту шабро ба хоб карда дароз,
Ҳазор кас ба дуо дастҳо баровარда.
Барор як нафас, эй субҳи тирарӯ, зи умед,
Магар сафед шавад ин шаби сияҳҷурда!
Дарид пардаи дилро фироқу ҷон раҳ ёфт,
Ҳанӯз чанд канам пеши мардумон парда?
Ба сар чӣ гуна барад ваҳ, ки Хусрави мискин
Заиф мӯрею бори фироқ садмарда.

* * *

Чу бӯи зулфи ту ҳамроҳии сабо карда,
Рабуда ҷон зи тану колбуд раҳо карда.
Паноҳи сӯзиши бечорагон шуда зулфат,
Ки дар канораи хуршед, такяҷо карда.
Кулоҳи ту, ки шуда кач зи боди раъноӣ,
Ҳазор пераҳани ошиқон қабо карда.
Сапедадам ту ба хобу маро бикушта зи рашк
Чароғҳо, ки ба гирди рухат сабо карда.
Ба як хаданг, ки бикшода наргиси мастат,
Дилам зи синаву ҷонам зи тан раҳо карда.
Ту ҳеҷ гоҳ надидӣ маро ба чашми накӯ,
Манат зи ҷон зи паи чашми бад дуо карда.
Чу шукри дидани рӯят нагуфтаам, ҳиҷрон
Ба нонамудани рӯят маро сазо карда.
Уқубате, ки ба шабҳои ҳаҷр дида дилам,
Ситорагонро ба хештан гуво карда.
Хаёли ту, ки аз ӯ ғарқи хун шудам, ҳарчанд
Миёни хуни дили Хусрав ошно карда.

* * *

Эй рухат, шамъи ҳусн баркарда,
Шаби ушшоқро саҳар карда.
Маҳ ба зулфи ту гум шуду худро
Мебиҷӯяд чароғ бар карда.
Лаби ту бар шакар ниҳод хироҷ,
Чашми ту андаке назар карда.
Тани ман най шуду хаёли лабат
Банд-бандам чу найшакар карда.
Акси дандони ту ба дидаи ман
Қатраи ашкро гуҳар карда.
Дами сардам, к-аз ҷаҳон дай шуд,
Шаби ҳаҷрам дарозтар карда.
Пухтагии дилам, ки пурхун аст,
Дам ба дам аз ғами ту сар карда.
Бехабар карда нола гӯши маро,
Лек гӯши туро хабар карда.
Бинамат як шабе ба хонаи хеш,
Чун маҳе сар ба ғурфа даркарда
Ту чу оби ҳаёт бар сари ман,
Ман ба пои ту дида тар карда.
Хусрав андар миён-т печида,
Мӯйро ҳам зи мӯ камар карда.

* * *

Ҷоно, равон кун бӯсае, эй роҳати ҷони ҳама,
Бо мо ҳама талхӣ макун, эй шаккаристони ҳама.
Ту масту ғалтон тӯ ба тӯ, зулфи парешон мӯ ба мӯ,
Ҷон бод гардон сӯ ба сӯ, гирди сарат ҷони ҳама.
Ғам дораму дил реш аз он, бехобии ман беш аз он,
Мегуфт ҳолам пеш аз он хоби парешони ҳама.
З-он рӯи чун маҳтоб хуш як дам накардам хоби хуш,
Аз ту нахӯрдам оби хуш, эй оби ҳайвони ҳама.

Ту хуфта шабҳо бехабар, халқе ба фарёди саҳар,
Ман ҷони худ созам сипар дар пеши пайкони ҳама.
Эй дарди ту меҳмони ман, меҳмони дардат ҷони ман,
Дарди ту танҳо з-они ман, дармони ту з-они ҳама.
Хусрав зи ҷони сӯхта гум гашта, сабр омӯхта,
Вақте шуд, охир, дӯхта чоки гиребони ҳама.

* * *

Эй ҷафоят бар мани мискин ҳама,
Чанд аз ин хашму итобу кин ҳама.
Қасди ҷонам мекунӣ чун душманон,
Дӯст медорам туро бо ин ҳама.
Меҳнати ман бину рӯ бинмо, аз он-к
Баҳри рӯят мекашам чандин ҳама.
Дар биногӯши ту сар даркарда зулф,
Куштани мо мекунад талқин ҳама.
То кай, охир, шарбати заҳрам диҳӣ,
Талх гӯӣ з-он лаби ширин ҳама.
Кошкӣ хубон набудандӣ ба даҳр,
Гар набудандӣ бад-ин оин ҳама.
Ҳар чӣ донӣ мебикун, чун мар туро
Меравад бар Хусрави мискин ҳама.

* * *

Эй фироқи ту ёри дерина,
Ғами ту ғамгусори дерина.
Дарди ту меҳмони ҳаррӯза,
Доғи ту ёдгори дерина.
Ғарқи хунам, ки мехалад ҳар рӯз
Дар дилам хор-хори дерина.
Ҳар касеро маеву ёре, ман
Бехабар аз хумори дерина.

Ҳеҷ гаҳ дар ҳузур хоҳам гуфт
Меҳнату интизори дерина.
Эй сабо, зинҳор ёд диҳеш
Гаҳ-гаҳ аз дӯстдори дерина.
Эй дареғо, ки хок хоҳам шуд
Бо диле пурғубори дерина.
Гоҳ-гоҳе хиромише бикунӣ
Бар сари хоки ёри дерина.
Чанд гоҳе халос ёфта буд
Ҷонам аз кору бори дерина.
Ваҳ, ки боз омадию Хусравро
Бурдӣ аз дил қарори дерина.

* * *

Шамъи фалак баромад бо оташин забона,
Соқии номусулмон, дардеҳ маи муғона.
Киштии ман равон кун, моно, карона ёбам,
Дарёи ғам надорад чун ҳеҷ ҷо карона.
Май,нимхӯрди худ деҳ, дар пораи биринҷӣ,
Дил бар лаби ту дорам, май хӯрдан баҳона.
Не, не, ки аз рухи худ беҳуш кун, ки боре
Як дам халос ёбам аз меҳнати замона.
Рав, то равем берун дастам ба гардани ту,
Ту бехуди сабӯҳӣ, ман беҳуши шабона.
Эй ман ғуломи ҳуснат, чун дар хумор бошӣ,
Не рӯ зи хоб шуста, на мӯй карда шона.
Мутриб,ба рӯди худ зан дасте ба абри борон
В-ин зуҳди хушки моро тар кун ба як тарона.
Хусрав хароби мутриб, ту масти нозу сархуш,
Ҳон, дар чунин нишоте як рақси ошиқона!!

* * *

Диле дорам зи ҳиҷрон пора-пора,
Ҷигар ҳам гашта пинҳон пора-пора.
Рухатро бинаму ҳамчун сипанде
Бар оташ афганам ҷон пора-пора.
Чӣ хуш бошад, ки гардам гирди кӯят,
Диле пурхун, гиребон пора-пора.
Ба кӯят кардаам шаб гиряи хун,
Ҷигар, инак ба домон пора-пора.
Зи пайвандат нахоҳад шуд ҷудо дил,
Кунӣ-ш ар худ ба пайкон пора-пора,
Ба сад хуноба имон дар дил овехт,
Макун, эй номусулмон, пора-пора.
Лабат гар хӯрд хунам, гар расад даст,
Кунад Хусрав ба дандон пора-пора.

* * *

Дилам аз ҷаври хубон гашт пора,
Дил аст он шӯхро ё санги хора?!
Канори худ намебинам зи гиря,
Ки натвон дид дарёро канора.
Шабонгаҳ буд бар маҳ пораи абр,
Маро дар дил ғами он моҳпора.
Чу бикшодам ба гиря чашми дурбор,
Кушод абру падид омад ситора.
Ману з-ин пас ду-се бадному масте,
Сагон расвою тифлон дар назора.
Ба ишқам чора фармоянд ёрон,
Вале бо ёри бе фармон чӣ чора?
Ду бӯсам дод дӯшу то ба имрӯз
Харобам з-он шароби мастхора.
Нигоро, бигсил ин сарриштаи узр,
Ки натвон дӯхтан дилҳои пора.

Агар хун хӯрд хоҳӣ, шева бигзор,
Ки Хусрав нест тифли ширхора.

* * *

Маҳ ба зулфи ту даршавад баста,
Меҳр аз он хубтар шавад баста.
Гар ба зулфи ту чашм бикшоям,
Мӯй дар мӯ назар шавад баста.
Чун кушоӣ даҳону барбандӣ,
Тунгҳои шакар шавад баста.
Гар зи ҷаврат зи чарх нола кунам,
Чархро ҳафт дар шавад баста.
Дили ман пухта гашту натровад,
Бас к-аш аз ғусса сар шавад баста.
Дида, к-аз хоб баста менашавад,
Ҷуз ба хуни ҷигар шавад баста.
Аз дами сарди ман аҷаб банде,
Оби чашмам агар шавад баста.
Монам аз лоғарӣ миёни туро,
Хун зи ашкам магар шавад баста.
Банда, Хусрав, ки дил ба меҳри ту баст,
Кай ба меҳри дигар шавад баста?!

* * *

Меҳри ту дар дили ман монанди ҷон нишаста,
Ҳамчу манат ба ҳар сӯ сад нотавон нишаста.
Ман бо ду чашми гирён пайваста дар фироқат,
Ту шодмону хуррам бо дигарон нишаста.
Гар хун чакад зи дида з-ин ғусса, ҷои он аст,
То кай тавон-т дидан бо ину он нишаста?
Як шаб ба кулбаи мо гар бигзарӣ, бибинӣ
Гарди фироқу меҳнат бар хонумон нишаста.

Бихром сӯи гулшан, то ҳар тараф бибинӣ
Булбул зи шавқи рӯят нолакунон нишаста.
Оё бувад, ки бинам рӯзе ба коми хешат,
Аз душманон бурида, бо дӯстон нишаста.
Чун гарди раҳ, нигоро, умрест, то ки Хусрав
Аз баҳри пойбӯсат бар остон нишаста.

* * *

Эй дар дили ман чу ҷон нишаста,
Дар сина дарун ниҳон нишаста.
Боло-т, ки росткарда тирест,
Тирест ба мағзи ҷон нишаста.
Ман рафтани ҷон чӣ гуна хоҳам,
Ту шӯх дар он миён нишаста.
Ҷон бар лабам омада, нарафта,
То номи ту бар забон нишаста.
Ман ғарқаву дастпозанон, вой,
Механдӣ ту бар карон нишаста.
Ин хокии зорро макун дур,
Гардест бар остон нишаста.
Ушшоқкушӣ чу бар дари туст,
Хусрав ба умеди он нишаста.

* * *

Аз лаби ӯ, эй хаёл, нуқли лаби мо мадеҳ,
Мурғи хасакхораро пиставу хурмо мадеҳ.
Ман, ки ба номаш кунам васфи ҷамолаш накӯ,
Ғарқи яке қатраро ғӯтаи дарё мадеҳ.
Ринди хароботиям, май ба сафолам расон,
Дурдкаши кӯҳнаро ҷоми мусаффо мадеҳ.
Гар гузарӣ эй сабо, аз паи чашмам биёр,
Хоке аз он по, вале бӯса ба он по мадеҳ.

То ки зияд бо мурод, к-аш ту навозиш кунӣ,
Куштаи имрӯзро ваъдаи фардо мадеҳ
Дил, ки маро сӯхта-ст, омада дар зулфи ту
То-т насӯзад чу ман назди худаш ҷо мадеҳ.
Баҳри туам мекушанд, ҳадяи ман рӯи ту
Ҷилваи ошиқ бибин, ҳадя бидеҳ ё мадеҳ.
Ҷаври ту хуштар зи дод назди диле, к-ӯ дил аст,
Гар ба ҷафо ҷон диҳем, доди дили мо мадеҳ.
Ҷону дили Хусрав аст дар раҳи савдои ту,
Ҳар чӣ барӣ, хуш бибар, қимати коло мадеҳ.

* * *

Бекор диле бошад, к-ӯро набувад дарде,
К-аҳли фарасе бошад, к-аз вай наҷаҳад гарде.
Дарде, ки зи ишқ ояд, ҷонам ба фидои ӯ,
Худ ҷон набувад ширин бе завқи чунон дарде.
Аз гардиши чашми туст оворагии дилҳо,
То каъб нафармояд, ҷунбиш накунад нарде.
Шабҳо манаму шамъе, ҳам сӯхта ман, ҳам ӯ,
Гаҳ мурдаву гаҳ зинда оҳеву дами сарде.
Шуд вақти гулу рӯзе фарёд, ки наншинӣ
Як дам чу гули сурхе дар пеши гули зарде
З-он гаҳ ки ғамат дар дил чун ҳирси бахилон шуд,
Дорам ҳама шаб чашме чун дасти ҷавонмарде.
Гуфтам, ки ғамат, охир чо чанд хурад Хусрав,
Хандид, ки ошиқро беҳ з-ин набувад х (в) арде.

* * *

Лаъласт чунон ё лаб, ё ҳаст зи ҷон чизе,
Рӯяст туро ё маҳ, ё худ беҳ аз он чизе?
Биншин, ки намехезад як сарв ба болоят,
Худ пеши ту кай хезад аз сарви равон чизе?

Ман ҷома дарам аз ту, ту ғам нахурӣ аз ман,
Оре, нашавад маҳро аз заъфи катон чизе.
Бӯса талабам, гӯӣ, лаб мениҳадам вомат,
Гар суд нахоҳӣ дод, аз банда ситон чизе.
Ту васл нахоҳию з-онаш ба забон дорӣ,
Аз ишва макуш моро, гар ҳаст миён чизе.
Чун ҷавр кунӣ метарс аз тири саҳаргоҳам,
К-охир ба чунин қомат монам ба камон чизе.
Хобам ба фусун бурдӣ в-аз ҷодуият бояд,
Инак ғазали Хусрав, баргиру бихон чизе.

* * *

Соқӣ, биё, ки мавсими айш асту «мим»-у «йе»,
«Май» деҳ, ки лолагун шуда аз бода «ре»-ву «хе».
«Рух» барфурӯзу зулфи мусалсал гиреҳ бизан,
То бишканад ҷамоли ту бозори «мим»-у «ҳе».
«Маҳ»-ро ба рӯи хуби ту нисбат куҷо расад?!
Эй рӯят офтобу лабат «шин»-у «коф»-у «ре».
«Шаккар» шуд аз хиҷолати лаъли ту обдор,
Бар «шин»-у «коф»-у, «ре» чу кашидӣ ту «хе»-ву «те».
«Хатт»-и муанбари ту чу даври камар гирифт,
Карданд ошиқони ту тар «ре»-ву «вов»-у «ҳе».
«Рӯҳ»-и муҷассамӣ ту, на ақли мусаввари,
Эй рӯҳ, ақл мисли ту нодида «бе»-ву «те»!
«Бут»-гар чу дид, пеши руху қомати ту, кард
Аз шарм корхонаи садсола «те»-ву «йе».
«Тай» кун ҳадиси давру замон, ҷоми май биёр,
То боғи рӯҳро диҳам обе зи «мим»-у «йе».
«Май» хур, махур ғами дилу дин, Хусраво, дигар
Бикшо ба мадҳи хусрави офоқ «лом»-у «бе».

* * *

Гар ба каманди зулфи ту ман на чунин асираме,
Кай зи камони абрӯят хастаи захми тираме.
Ҳаст яқин чу мурданам, аз ғами дуриям макуш,
Боре, агар бимираме, дар қадами ту мираме.
Вақте асири кофирон будаму аз фироқи ту
Дар ҳавасам, ки ин замон, кош, ҳамон асираме.
Панд диҳанд, к-аз бутон чашм бибанду чашми ман
Бозкашид, то магар панди касе пазираме.
Тарки сухан бигӯ, ки шуд мулки ҷаҳон аз они ман,
Оҳ, ки танг дар барат як шаб агар бигираме.
Таъна занӣ, ки Хусраво, мулки ҷаҳон ситонаме,
Гар ба вилояти сухан мисли ту беназираме.

* * *

Набуд ёри ман онро, ки ёр доштаме,
Гаҳе ба дидаву гаҳ дар канор доштаме.
Зи ман буриду ғамам ёдгор дода, кош,
Ду-се дигар ҳам аз ин ёдгор доштаме.
Ба ноз гуфтӣ, гаҳ-гаҳ ки ман аз они туам,
Дурӯғ гуфтию ман устувор доштаме.
Хароб кардаи хубон-ст хонумони дилам,
В-агарна ман беҳ аз ин рӯзгор доштаме.
Ба қаҳр мекушадам ишқу ин ҳамон хасм аст,
Ки пеш аз ин мани нодон-ш хор доштаме.
Ба боғ, кош, ба ҳам будаме, ки то пешаш
Зи хуни дида замин лолазор доштаме.
Кадом гул тахи по суда, то-ш дидаи хеш
Бирафтамеву ба болои хор доштаме.
Харошхост дар ин сина,бӯ, ки аз кафи пош
Бар ин ҷароҳати ҷони фигор доштаме.
Дареғ як сари Хусрав, ҳазор боистӣ,
Ки теғи ӯро машғули кор доштаме.

* * *

Эй сад шикаст, зулфи туро зери ҳар хаме,
Дар ҳар хамеша монда ба ҳар гӯша дарҳаме.
Гаҳ-гаҳ ба ноз шона кун он зулфро, магар
Дилҳои дермонда бурун ояд аз хаме.
Мӯе шудам зи ҳиҷри ту в-ар гӯӣ, ин қадар,
К-ин аз паи ман аст, нагунҷам ба оламе.
Аз рашки он ки дар ғами ту гардадам шарик,
Мемираму ғами ту нагӯям ба ҳамдаме.
Гар ҷон равад, ту пурсиши бемориям макун,
Тарсам, ки дар дил оядат аз диданам ғаме.
Афсуси мурданам махур, эй подшоҳи ҳусн,
Зеро гадои мурда наярзад ба мотаме.
Чун дарди куҳна дар дили ман ёдгори туст,
Ё Раб, мабод дарди маро ҳеҷ марҳаме!
Гар бе ту дар биҳишт барандам, занам зи оҳ
Оташ дар он биҳишт, ки гардад ҷаҳанname.
Набвад аҷаб, ки меҳри ту мерӯяд аз замин,
Ҳар ҷо, ки аз ду дидаи Хусрав чакад наме.

* * *

Сабза навхез асту борон дурфишон ояд ҳаме,
Майли дил бар сабзаву оби равон ояд ҳаме.
Абри гавҳарбор, пиндорӣ, ки аз дарёканор
Бори марворид баста корвон ояд ҳаме.
Меравад он нозанин гесӯкашон аз ҳар тараф,
Сад ҳазорон дил ба дунболаш кашон ояд ҳаме.
Ҷони ман гар зинда монад ҷовидон, набвад аҷаб,
К-оби ҳайвон аз лабат дар ҷӯи ҷон ояд ҳаме.
Соқиё, аз чашмаи ҳайвон муҳайё кун шароб,
К-он ҳарифи мо бари мо меҳмон ояд ҳаме.
Ваҳ, ки ҳар шаб бо чунон фарёд, к-андар кӯи туст,
Хоб дар чашмат надонам бар чӣ сон ояд ҳаме?
Бод ҳар дам тозатар гулзори ҳуснат, к-аз чӣ рӯ
Ҳар саҳар Хусрав чу булбул дар фиғон ояд ҳаме.

* * *

Эй сарви баландатро сад фитна ба ҳар гоме,
Ҳаст аз рухи гулрангат, ранги рухи гул воме.
Як мурда агар Исо кардӣ ба дуо зинда,
Сад мурда кунӣ зинда, эй шӯх, ба дашноме.
Хуршедрухо, аз ту, ё Раб, ки чӣ кам гардад,
Дар кулбаи торикам гар субҳ кунӣ шоме?
Гӯянд бидар ҷома, ман менадарам, лекин
Монда-ст гиребонам дар панҷаи худкоме.
Ақлу дилу ҷон ҳар се шуд куштаи ишқ, оре,
Хошок басе сӯзад, то пухта шавад хоме.
Шаб хун ба ниҳон хӯрдам в-имрӯз ба рӯи ту,
Дар субҳ хумориро дархур бувад ошоме.
Эй мурғ, ки менолӣ аз баҳри гуле чандин,
Моно, ки надидастӣ, рухсори гуландоме!
Дар чашму лаби хубон гар ҷавру ҷафо набвад,
Тифл аст, ки хуш гардад аз пиставу бодоме.
Дар қайди мурод оҳу, Хусрав ба хами гесӯ,
Ҳар сайд бувад лобуд дархурд ба ҳар доме.

* * *

Эй фитна зи чашми ту нишоне,
Болои ту офати ҷаҳоне.
Мӯест зи зулфи ту, ки сад бор
Барбод надода хонумоне.
Ман бо ту ба ҷуз назар надорам,
Хошо, ки ба бад барӣ гумоне.
Бӯсе ҳавасам кунад, валекин
Хушнуд намешавӣ ба ҷоне.
Гар лаб набувад кам аз ҳадисе
В-ар дил надиҳӣ кам аз забоне.
Гар мекушадам рақиби бадхӯй,
Бигзор, сагеву устухоне.

Эй зулф, дар ӯ мапеч зинҳор,
К-озурда шавад чунон миёне.
Дилгумкарда-ст Хусрав, он кист,
К-аз гумшудагон диҳад нишоне?

* * *

Ду чашми масти туро нест аз ҷаҳон хабаре,
Ки нештарест аз он ғамзаҳо ба ҳар ҷигаре.
Ту дорӣ, он чӣ парӣ дорад аз латофат, лек
Чӣ фоида, ки надорӣ зи мардумӣ қадаре.
Дилам бибурдӣ, то дигарӣ дар ӯ наравад,
Дареғ бошад бар ҷои чун туе дигаре.
Матои ҷон, ки ба ҳар ду ҷаҳон-ш нафрӯшам,
Агар ту металабӣ, розиям ба як назаре.
Чунон ба рӯи ту мустағрақам, ки ёде нест,
Ки бар фарози фалак Зуҳраест ё Қамаре.
Дар он замин, ки туӣ, пойро ба иззат нех̣,
Ки зери ҳар кафи пое фурӯ шуда-ст саре.
Куҷо-т суҳбати дуруфтодагон, фарёд,
Ки умр рафту наёмад зи рафтагон хабаре.
Маро, ки обила шуд пои дил, туро чӣ хабар,
Ки дар вилояти хубон накардаӣ сафаре.
Нагашт хуш дили ошиқ ба ангубини биҳишт,
Чӣ дил бувад, ки тавоно бувад ба гулшакаре.
Бибӯсӣ аз қибали Хусрав остон-ш, эй бод,
Агар дар он сари кӯ рӯзе афтадат гузаре.

* * *

Ман надидам чун ту ҳаргиз дилбаре,
Саркаше, ошиққушу ғоратгаре.
Аз ту шаклеву зи хубон оламе
В-аз ту тиреву зи дилҳо лашкаре.

Дар замин пинҳон бимонад офтоб,
Гар барои̅ бомдод аз манзаре.
Ман саре дорам, ки дар поят кашам,
Гар ту дар хуби̅ надори̅ ҳамсаре.
Аз куҷо бар рӯзгори ман фитод
Чун ту сангиндил, балое, кофаре?
Даст неҳ бар синаам, то бингари̅
Оташе пӯшида дар хокистаре.
Монд чашмам рӯзу шаб дар чорсӯ,
То магар ногаҳ дарои̅ аз даре.
Ман, ки аз худ бар ту ғайрат мебарам,
Чун тавонам диданат бо дигаре?!
Ҳар ки̅ дид аз чашми Хусрав хун равон,
Гашт ҳар мӯ бар тани ӯ наштаре.

* * *

Мардона мекушад ба ҷафоям ситамгаре,
То мираму дигар надиҳам дил ба дилбаре.
Роҳат бувад сиёсати он кас, ки бошадаш
Аз ғамза дурбошеву аз ноз ханҷаре.
Гуфтам, ки дӯш бо ту нишастем, рост аст,
Бар хеш бастаам ҳаваси хоби дигаре.
Зоғам магар зи водии ҳаҷр устухон барад,
К-аз каъбаи умед наёмад кабӯтаре.
Моему хоку бозуи он ёр зери сар,
Ваҳ, кай ниҳи̅ ту дар хами бозуи мо саре??
Гар раҳ кунад ба кулбаи мо чун ту офтоб,
Моро Худой боз кунад з-осмон даре.
Бодат ҳалол хоби хуш, арчанд аз ғамат
Рӯзи̅ набуд паҳлуи моро зи бистаре.
Хусрав ба сояе зи дарахти ту қонеъ аст,
Он давлат аз куҷо, ки ба даст афтадаш баре!

* * *

Як раҳ бикун ба ғамзаи хунин ишорате,
К-афтад зи фитна дар ҳама офоқ ғорате.
Чандин ба шаҳр duздии дилҳо кучо равад,
Дар дида гар зи чашми ту набвад ишорате.
Онро, ки мекушӣ, беҳ аз ин нест хунбаҳо-ш,
Аз сар кунӣ-ш зинда, гар ойӣ зиёрате.
Гар бе рухат иморати умрам кунад сипеҳр,
Бодо хароб, ё Раб, аз ин сон иморате!
Ман васфи он ҷамол чӣ гуна кунам, ки ҳеҷ
Фирӯзаманд нест, надонам иборате.
Гӯянд, дӯст ваъда ба шамшер мекунад,
Он бахт ку, ки ёбам аз эшон башорате?!
Ишқ оташ аст, Хусрав, агар сӯзадат, маранҷ,
Донӣ, ки оташе набувад бе ҳарорате.

* * *

Ман бод нахоҳам, ки вазад бар чу ту боғе,
То аз ту насиме нарасонад ба димоғе.
Гар хоҳ ба бозор шавам, хоҳ ба бустон,
Моро зи рухат сӯи дигар нест фароғе.
Гар ҷилваи товус зи рӯи ту бибинем,
Дар кӯи ту мирем ба меҳмонии зоғе.
Ту доғи ҷигарро чӣ шиносӣ, ки набудат
Ҷуз аз маи гулранг ба домони ту доғе.
Парвона, ки ҷонро ба сари шамъ фидо кард,
Дар машҳади хеш аз тани худ сӯхт чароғе.
Он беҳ, ки мани сӯхта пеши ту наёям,
Зеро набувад пеши гуле бонги калоғе.
Лоғ аст туро куштан, агар лутфи дигар нест,
Боре зи мани дилшуда ёд ор ба лоғе.
Н-омад зи дили рафта хабар, гарчи ки Хусрав
Аз гиря давонид чапу рост улоғе.

* * *

Салому хидмати ман, эй сабо, ба ёр бигӯй,
Фиғону зории булбул ба навбаҳор бигӯй.
Бирафт қуввати ақлу намонд тоқати сабр,
Бигӯй ҳоли ман ӯрову зинҳор бигӯй.
Зи хуни дида ҳама дасти ман нигор гирифт,
Магар, ки даст бигирад маро нигор, бигӯй.
Ҳазор ҷавр кашидам зи ғам, ки натвон гуфт,
Яке, агар битавонӣ, аз он ҳазор бигӯй.
Агар зи банда фаромӯш кард, ёдаш деҳ
В-аз ин сухан ду-се бар ваҷҳи ёдгор бигӯй.
Бинои офиятам, к-устувор буд зи сабр,
Хароб шуд зи ғам, ар дорад устувор, бигӯй.
Ҳадиси чашм чу дарё бигӯ аз ин магзар,
Чу з-ин гузашт, ҳадиси лабу канор бигӯй.
Агарчи ӯ нашавад з-они хеш, Хусравро
Ту з-они худ бикуну баҳри кирдгор, бигӯй.

* * *

Девона шудам зи ёри бадхӯй,
Бегонапарасту ошнорӯй.
Аз ҷаъди тараш тани чу мӯям,
Дартофта гашт мӯй дар мӯй.
Пурсанд нишони сабр, гӯям
Гоме ду-се аз адам бар он сӯй.
Ӯ гарчи ки сӯзи ман набинад,
Боре расадаш зи доғи ман бӯй.
Соқӣ, ба закоти майпарастон
Аз ман ба ду ҷуръа ғам фурӯ шӯй.
Эй дида, ба сӯзи ман бибахшой,
К-имрӯз туроcт об дар ҷӯй.
Хусрав чу ба некгӯии туст,
М-озор аз ӯ ба гуфти бадгӯй.

* * *

Эй, ки чашми ман зи рӯи хеш равшан кардаӣ,
Андар о, хуш-хуш, к-аз он рӯ хона гулшан кардаӣ.
Сад дил овезон-ст дар ҳар тори пероҳан туро,
Ту чунин нозук, чӣ ноз аст, ин ки бар ман кардаӣ?
Ту ҳама тан мояи шодиву ҷонам пур зи ғам,
Ҷони ман, ваҳ, к-инчунин ҷое чӣ маскан кардаӣ?
Арз кардӣ бар ман он рух, то равон шуд хуни чашм,
Ё Раб, ояд пеши чашмат, он чӣ бар ман кардаӣ.
Теғ зан бар гардани ман, хуни ман дар гарданат,
Ғам махур, чун инчунин сад хун ба гардан кардаӣ.
Ҳар шабе то рӯз месӯзам гудозон ҳамчу шамъ,
Дам бидеҳ, чун сӯзиши ман ҷумла равшан кардаӣ.
Дӯст медорам туро, бо он ки баҳри хештан
Оламе бар Хусрави бечора душман кардаӣ.

* * *

Эй дузди бедори дилам, тороҷи пинҳон кардаӣ,
Бо ҷон ба ҳам берун равӣ, к-ором дар ҷон кардаӣ,
Дар ҳайратам, то ҳар шабе чун хоб меояд туро,
З-ин сон, ки дар ҳар гӯшае сад дил парешон кардаӣ.
Фитна даме дар аҳди ту бекор наншинад ҳаме,
Аз ақди ҷонҳо, лоҷарам, муздаш фаровон кардаӣ.
Ту масту дилҳо бар дарат гашта равон аз ҳар тараф
Дар чор бозори бало нархи дил арзон кардаӣ.
Гуфтӣ, надонам, бесабаб ғамгин чӣ медорад маро,
Ман ошкоро гӯямат хунҳо, ки пинҳон кардаӣ.
Аз некӯвон касро набуд ин марҳамат бар ошиқон,
Обод бар ту, к-аз ситам сад хона вайрон кардаӣ.
Донам, ки натвонӣ вафо, лек андак-андак хӯй кун,
К-он ч-аз ҷафокорӣ бувад, чандон ки битвон, кардаӣ,
Дил дар гуле бандам, вале гул нест чун ту, чун кунам?
Охир, ту ҳам вакте гузар сӯи гулистон кардаӣ!
Дар пещи зулфу холи ту хуни ҷигар мерехтам,
Дил гуфт, к-ин ҳам, Хусраво, шабҳои ҳиҷрон кардаӣ.

* * *

Ба як карашма, к-аз он чашми дилрабо кардӣ,
Чу ҷон ба сина дарун омадию ҷо кардӣ.
Хаданги тир, ки аз ғамза рост бикшодӣ,
Ба дил дуруст задӣ гар, зи тан хато кардӣ.
Ман арчи теғ занам, дил зи ту ҷудо нашавад
Ту новаке задию дил зи ман ҷудо кардӣ.
Дилам, ки шодии васли туро накардӣ шукр,
Ҳазор шукр кунам, к-аз ғамаш сазо кардӣ.
Нагуфтамат, ки ғами ҷони ман магӯ бо кас,
Ба ғамза гуфтию бар ҷони ман бало кардӣ
Лабу даҳони ту даъво ба куштанам доданд,
Вакили мутлақ аз ин ҳарду бас киро кардӣ.
Раҳо кунӣ, ки ниҳад пой бар дилам зулфат,
Туро чӣ шуд, ки чунин пои худ раҳо кардӣ.
Бисӯхтӣ дили Хусрав, ҳанӯз хоҳӣ сӯхт,
Чу кас нагуфт туро, к-ин чунин чаро кардӣ?

* * *

Сар пурхумор, шаб ба канори кӣ будаӣ?
Лабҳо фигор, ҳамадаму ёри кӣ будаӣ?
Сунбул зи тоб рафтаву наргис ба хоби ноз,
Шаб то ба рӯз бодагусори кӣ будаӣ?
Шамъи муроди ман нашудӣ як шабе тамом,
Моҳи тамом дар шаби тори кӣ будаӣ?
Бо чашми оҳувона, ки шерон кунад шикор
Эй оҳуи рамида, шикорӣ кӣ будаӣ?
Сарват ҳанӯз ҳаст дар оғози хостан,
З-он сарви нимруста баҳори кӣ будаӣ?
Моро зи рашк сад ҷигари пора дар канор,
Хунобашӯи гиряи зори кӣ будаӣ?
Корат чунин, ки пардаи дилҳо даридан аст,
Имшаб ба парда маҳрами кори кӣ будаӣ?
Бар реши Хусрават намаке ҳам дареғ буд,
Марҳамрасони ҷони фигори кӣ будаӣ?

* * *

Дерест, к-эй гулбарги тар, бар рӯи мо хандон наӣ,
Ҳастӣ латифу хубрӯ, з-он дар вафо чандон наӣ.
Зулфи сиёҳат чист ин, зери кулоҳат чист он?
Чатри сиёҳат чист ин, чун бар дилам султон наӣ?
Яъне, туӣ аз ҳамнишин, ҷонону ҷони нозанин,
Ё худ хаёле инчунин дар пеши ман ҷонон наӣ.
Чун бар ту медорам назар, аз чист з-ин сон чашми тар,
Охир надонӣ ин қадар, з-ин гуна ҳам нодон наӣ?
Тороҷи дил кардӣ басе, дасте назад ёрирасе,
Дар бурдани дил ҳар касе медонадат, пинҳон наӣ!
Бишкофтӣ ҷон аз миён, худро напайвандӣ бар он
Яъне, туӣ пайванди ҷон, парколае аз ҷон наӣ!
Лаброҳ нигар, майгун шуда сарсабз з-обу хун шуда,
Бо Хизр ҳамраҳ чун шуда, гар чашмаи ҳайвон наӣ?
З-ин пеш будӣ ҳамнафас, акнун намемонӣ ба кас,
Хусрав ҳамон худ бандааст, бас он ки будӣ, он наӣ.

* * *

Хурдӣ ҳанӯзу кӯдакӣ, эй нозанин, барно наӣ,
Ҷаврат намегирам гунаҳ, гар неку бад, доно наӣ.
Рухсори ҷонпарвар туро, шакле зи ҷон хуштар туро.
Беҳуда ҳар кас мар туро ҷон хонаду ҷононаӣ.
Ошӯби ақли гумраҳӣ, бар некувон шоҳаншаҳӣ,
Не-не, ки Хуршеду Маҳӣ, Парвин наӣ, Ҷавзо наӣ.
Сарве чунин ё савсанӣ, ё аз гули тар хирманӣ,
Яъне, ту паҳлӯи манӣ, ё Раб, туӣ ин ё наӣ?!
Рӯе чу гул шуста ба х (в) ай, олуда лабҳоро ба май,
Дилҳо ба гирдат пай ба пай, мебинамат, танҳо наӣ.
Бадаҳдию номеҳрубон, гаҳ дил диҳиву гаҳ забон
Ман бо туам боре зи ҷон, гар ту зи дил бо мо наӣ.
Дӣ даркашидам аз камин занҷири зулфи анбарин,
Чащми ту гуфт аз хашми кин: – Хусрав, магар девонаӣ?!

* * *

Ғамзаро ғорати имони ман омӯхтаӣ,
Хандаро сӯхтани ҷони ман омӯхтаӣ.
Турраатро шикане боз бибандӣ, донам,
Ин шикаст аз паи имони ман омӯхтаӣ.
Мезанӣ бар мани хамгашта, ки сарбозӣ кун,
Гӯйбозӣ ту ба ҷавгони ман омӯхтаӣ.
Ҷо ба чашмам кунию ғарқа шавам, барнакашӣ,
Ошно кардани тӯфони ман омӯхтаӣ.
Ҷон ба бозӣ бибарӣ аз ману бозам надиҳӣ,
Ин чӣ бозист, ки бар ҷони ман омӯхтаӣ?!
Чӣ кунӣ аз мижа сеҳр аз паи Хусрав ҳар дам,
Ин амалҳо ту зи девони ман омӯхтаӣ!

* * *

Эй бод, боз бар сари кӯи кӣ меравӣ?
Бӯи кӣ раҳбарат шуда, сӯи кӣ меравӣ?
Бо он насими хуш, ки ту дорӣ ба бӯстон,
Ҷои дигар бигӯ, ки ба бӯи кӣ меравӣ?
Чандон гулу шукуфа, ки ҳастанд хоки по-т,
Дар ҷустуҷӯи рӯи накӯӣ кӣ меравӣ?
З-ин гуна к-аз ту турраи сунбул муаттар аст,
Ту баҳри бӯй кардани мӯи кӣ меравӣ?
Хуш мешавад дилам, ки гузар мекунӣ ба боғ,
Донӣ ба гирди гулшани рӯи кӣ меравӣ?
Он ҷо равӣ, бигӯ, ки ҷаҳони диле асир,
Дар кӯи ту равон, ту ба кӯи кӣ меравӣ?
Хусрав зи ташнагии биёбони ҳаҷр сӯхт,
Эй оби зиндагӣ, ту ба ҷӯи кӣ меравӣ?

* * *

Нест диле, ки ҳар дамаш офати дин намешавӣ,
Меҳр фурӯ намешавад, то ту ба кин намешавӣ.
Сад ситаму ҷафои ту ёд ҳамекунам ба дил,
Ҳеҷ фаромуш аз дилам, эй бути Чин, намешавӣ.
Аз ту чунин ки мерасад нур ба моҳи осмон,
Дар аҷабам, ки ту чаро моҳи замин намешавӣ,
Охир, умеди пои ту дошт сарам ба хок рӯ,
Гир, ки аз карашма ту бар сари ин намешавӣ.
Ҷони касон ҳамешавад ҳар шабе аз камини ту,
Худ дили ту намешавад, то ба камин намешавӣ.
Ҷавру ҷафо набуд, бас бар суканот тир шуд,
Боре аз ин батар машав, гар беҳ аз ин намешавӣ.
Чун дили Хусрав аз ғамат гӯшанишини ғам шуда,
Ваҳ, ки ту ҳеҷ гаҳ бар он гӯшанишин намешавӣ!

* * *

Гар чашми ман дар рӯи он хуршедрухсор омадӣ,
Охир шаби уммедро субҳе ба дидор омадӣ.
Ногаҳ равам чун бехуде дар кӯяш аз бахти баде,
Ё пой дар сангам задӣ, ё сар ба девор омадӣ.
Гар дӯст будӣ ёри ман, кай хостӣ озори ман,
Осон гирифтӣ кори ман, бо он ки душвор омадӣ.
Пушти ман аз ғам гашт ҳам, к-аз бахт бинмудӣ ситам.
Ҳаргиз чунин хоре зи ғам бар ҷони ғамхор омадӣ?!
Дилро, ки аз ғам шуд забун, бистад ба найрангу фусун,
Бе ҳеҷ коре кард хун, охир гаҳе кор омадӣ.
Дарде, ки дорам дар ниҳон, гар боз ҷустӣ кас нишон,
Ҳар мӯи ман гаштӣ забон, як-як ба гуфтор омадӣ.
То кай зи бедорӣ маро бошад ду дида бар само,
Эй кош, тире аз ҳаво бар чашми бедор омадӣ!
Хусрав чунон гашт аз сухан, к-ӯ дар миёни анҷуман
Аз дӯстон гуфтӣ сухан, душман ба зинҳор омадӣ.

* * *

Диди̅, ки ҳақи хидмати бисёр надиди̅,
Бибридию ранҷи мани ғамхор надиди̅.
Бисёр кашидам ғаму ҷаври ту, на андак
Онро ба миён андаку бисёр надиди̅.
Омочи хаданги ситамам сохти̅, оре,
Ҷуз ман дигаре лоиқи ин кор надиди̅.
Боре, ту бизи̅ шод, ки дори̅ дили беғам,
Чун ман нашуди̅ ошиқу озор надиди̅.
Бехобии шабҳом чи̅ дони̅ ту, ки ҳаргиз
Дар хоб гаҳе дидаи бедор надиди̅.
Бемор чи̅ пурси̅ ту, ки бемор нагашти̅,
Тимор чи̅ дони̅ ту, ки тимор надиди̅.
Хусрав, ту басе ғусса кашиди̅ зи чунон шӯх,
Боз аз дили гумроҳи худ инкор надиди̅.

* * *

Чи̅ шудат, ки аз карашма назаре ба мо накарди̅?
Сухане бурун нададӣ, шакаре ато накарди̅?
Чу гиё ба хок судам сари худ ба зери поят,
Ту чу бод баргузашти̅, мадади гиё накарди̅.
Ба дилам чи̅ хона сози̅, ки ҳазор рахна дорад,
Зи ҳазор тири мижгон чу яке хато накарди̅.
Ҳама умр ваъда доди̅, тамаъи вафо накарди̅,
Ки чу умр бевафои̅ сазад, ар вафо накарди̅.
Бидарид заҳраам ғам, ту накардияш маломат,
Ба кадом заҳра гӯям, ки чунин чаро накарди̅.
Ту зи ҳоли ман чи̅ дони̅, ки ба хун чи̅ гуна ғарқам,
Чу дар ин муҳити ҳоил гаҳе ошно накарди̅.
Ба кас, эй ду дида, гарчи сари мардуми̅ надори̅,
Назаре ба ҳоли Хусрав, чу ба кори мо, накарди̅.

* * *

Чунин к-он хандаи ширин ту кардӣ,
Ҳалоки ошиқон оин ту кардӣ.
Ҷафо мекард бар ман худ замона,
Балои ишқ ҳам шуд, ин ту кардӣ.
Накардӣ рад саволи бӯса ҳаргиз,
Гадоӣ дар дилам ширин ту кардӣ.
Туро ман дил супурдам, лек ҷояш
Дар он гесӯи мушкоин ту кардӣ.
Мабодо номи ғам ҳаргиз бар он дил,
Маро гарчи чунин ғамгин ту кардӣ.
На марди ишқ будам ман, валекин
Магасро туъмаи шоҳин ту кардӣ.
Маро ин моҷарои дида бо туст,
Чунинам бедилу бедин ту кардӣ.
Ту хубонро намудӣ пешам, эй чашм,
Ҳама бар ҷони ман чандин ту кардӣ.
Нагӯям бад туро, эй ишқ, ҳаргиз,
Ки қасди Хусрави мискин ту кардӣ.

* * *

Гар моҳи ту аз мушки тар олуда набудӣ,
З-ин сон дили ман хаставу полуда набудӣ.
В-ар зулфи туро шона фароҳам нанишондӣ,
Як дил ба сари кӯи ту осуда набудӣ.
В-ин гуна нахӯрдӣ ғами ту хуни дили мо,
Гар ғамзаи хунхори ту фарсуда набудӣ.
В-ар наргиси масти ту хабар доштӣ аз мо,
Хун хӯрдани мо баҳри ту беҳуда набудӣ.
То чанд кашам з-ин дили худкома ҷафоҳо,
Эй кош, ки ин ҷони ғамандуда набудӣ.
Осуда диле доштаам, эй санам, он рӯз,
К-ин доғи бутон бар дили гумбуда набудӣ.
Хусрав, ки ба домони мижа рӯфт даратро,
Афсус, ки гар доманаш олуда набудӣ.

* * *

Эй кош, маро бо ту сару кор набудӣ,
То дидаву дил ҳар ду гирифтор набудӣ.
Аз гӯшаи бомам бинамудӣ чу ту рӯе,
Хуршеди ман ар бар сари девор набудӣ.
Шарманда набудӣ, агар аз рехтани хун
Он зулфи нагуни ту нагунсор набудӣ.
Будӣ сари оташ, ки паридӣ ба суи ман,
Гар наргиси махмури ту бемор набудӣ.
Бардоштаме ин дили дар кӯча фитода,
Гар аз ғами андеша гаронбор набудӣ.
Ҳам саҳл гузаштӣ ситами ҳаҷри ту бар ман,
Гар шаҳнаи ғам бар сари ин кор набудӣ.
Мурдам зи ҷафои туву кас зинда намондӣ
Дар олам, агар ёри вафодор набудӣ.
Душвор шуд аҳволи ману дӯст надонад,
Гар дӯст бинадонистӣ, душвор набудӣ.
Хусрав, агарат дида ба хубон нафитодӣ,
Аз ғамзаи эшон дилат афгор набудӣ.

* * *

Дило, бо ғамзаи хубон чӣ бозӣ?
Бигӯ, бо теғи хунафшон чӣ бозӣ?
Маро гӯӣ, ки бо ман бозие кун,
Кунам, ҷоно, вале бо ҷон чӣ бозӣ?
Зи ҷон сер омадастам ман, в-агарна
Маро бо он лабу дандон чӣ бозӣ?
Тафаҳҳус кун, ки ҳоли куштагон чист?
Чӣ ронӣ маркабу чавгон чӣ бозӣ?
Чаро бар худ намебахшоӣ, эй дил,
Бари кофар мусулмонон чӣ бозӣ?
На аз ёр аст хуштар он, ки бинӣ,
На аз ишқ аст беҳтар, он чӣ бозӣ?

* * *

Эй зи рӯят чашми ҷонро равшанӣ,
Зулф машкан, то диламро нашканӣ.
Гуфт: – Эмин шав, ки ман з-они туам!
Аҳди ту бадаҳду в-он гаҳ эманӣ.
Чист к-аз дастам наменӯшӣ шароб,
Равшанам шуд, ташнаи хуни манӣ.
Ҳар замон, гӯӣ, манол аз дӯстон,
Чанд андар бозиву боз афканӣ?!
Охир ин ҷон аст, к-аз тан меравад,
Охир ин теғ асту бар ман мезанӣ.
Монда бар домони он Юсуф дилам,
Охир ин хун ҳам дар он пероҳане.
Покдомонӣ ту, донӣ чора чист,
Мову маъшуқу маю тардоманӣ?
То чӣ хоҳад шуд, надонам, ҳоли ман,
Ман асири теғи хубон буданӣ.
Хусраво, аз кандани ҷон чора нест,
Чун намеорӣ, ки дилро барканӣ.

* * *

Агар ту саргузашти ман бидонӣ,
Дигар афсонаи Маҷнун нахонӣ.
Ҳамегӯӣ, ки рав, бедор мебош,
Макун таълим сагро посбонӣ.
Зи ман пурсӣ, ки ҳамдард он чӣ кардӣ,
Туро доданд, ҷоно, зиндагонӣ.
Маро гирди сари он чашм гардон,
Ки то бар ман фитад он нотавонӣ.
Намондам устухоне ҳам, ки боре
Сагеро будӣ аз вай меҳмонӣ.
Табибам доғ фармояд, надонад,
Ки сад ҷо беш дорам дар ниҳонӣ.

Ба болинаш манолед, эй асирон,
Ки бас ширин бувад хоби ҷавонӣ.
Маро ҷон дар вафодорӣ баромад,
Ҳанӯз андар ҳақи ман бадгумонӣ.
Ба қатли Хусрав омад ишқу шодам,
Ки ёре ҳамраҳе шуд онҷаҳонӣ.

* * *

Эй бурда дилам ба дилситонӣ,
Ҳам ҷони манию ҳам ҷаҳонӣ.
Ҷон меравадам буруну ғам нест,
Ғам ин-ст, ки ту даруни ҷонӣ.
Дуд аз дили ошиқон баровард,
Ҳусни ту зи оташи ҷавонӣ.
Аз сӯзи ғами ту барнахезам,
Бо он ки бар оташам нишонӣ.
Бикшой даҳони хеш, то даст
Шӯем зи оби зиндагонӣ.
Ҳар шаб манаму хаёли зулфат,
Шабҳои дарозу посбонӣ.
Ман донаму доди ҷон ба ишқат,
Ҳарчанд ту қадри он надонӣ.
Аз дӯстии ту нотавонам,
Эй дӯст, бипурс, агар тавонӣ.
Мурдам зи ғами ту, зинда гардам,
Гар дам диҳадам Масеҳи сонӣ.

* * *

Эй рафта дар ғарибӣ, боз о, ки умру ҷонӣ,
Ё худ чу умри рафта боз омадан надонӣ?
Дар роҳи ту бимирам, гарчи туро набинам,
Боре халос ёбам аз нанги зиндагонӣ.

З-он ҷо, ки рафтаӣ ту, нафристаям саломе,
Бар дасти хок боре аз хоки раҳ нишоне.
Рафтию орзуят бар лаб расид, ҷонам,
Моно, ки зинда ёбӣ, боз о, агар тавонӣ.
Аз мо чу ошноён бардоштанд дилро,
Эй ҷони зормонда, ту ҳам бибар гаронӣ.
Эй соҳиби маломат, хуфта ба хоби мастӣ,
Ту дар шаби саломат аҳволи ман чӣ донӣ?
З-ин бахти нобасомон коме надид Хусрав,
Бар боди орзу шуд сармояи ҷавонӣ.

* * *

Мегузарӣ, ки синаро вақфи ҳавои худ кунӣ,
Ман кӣ бувам, ки бар дилам доғи ҷафои худ кунӣ?!
Гӯямат инчунин марав, аз бади чашм кун ҳазар,
Лек ту гуфт нашнавӣ, кор барои худ кунӣ.
Ҳайф бувад, ки дар равиш пои ту бар замин расад,
Дида ба хок мениҳам, гар таҳи пои худ кунӣ.
Моҳию офтобсон гар ту ба осмон равӣ,
Оҳ, агар маро шабе роҳнамои худ кунӣ.
Гуфтӣ агар кунӣ нигаҳ дар рухи ман сазо кунам,
Оина гар кунӣ нигаҳ ҳам ту сазои худ кунӣ.
Ҷои ту ҳаст дар дилам в-аз сари лутфу мардумӣ
Ҳар чӣ ба ҷои дил кунӣ в-онгаҳ ба ҷои худ кунӣ.
Гар ба хаёл медиҳӣ хонаи дил гаҳе ба ғам,
Ҳеҷ бувад, ки ин маҳал хос барои худ кунӣ.
Хусрав аз иштиёқи ту сӯхта гашт, вақт шуд,
Гар назаре ба марҳамат сӯи гадои худ кунӣ.

* * *

З-ин сон, ки аз ҳар мӯи худ занҷири ҳар дил мекунӣ,
Мурдан ҳам аз гесӯи худ бар халқ мушкил мекунӣ.
Ҳам ҷони ман маъвои ту, ҳам дидаву дил ҷои ту,
Эй аз ту вайрон хонаҳо ҳар ҷо, ки манзил мекунӣ.
Берун маё дар офтоб, озурда мегардад рухат,
Ё рӯи худ бо рӯи ӯ нусха муқобил мекунӣ.
Дилҳо барию хун кунӣ, эй золим, охир раҳмате,
Он дил, ки хоҳӣ кард хун, баҳри чӣ ҳосил мекунӣ?
Хоки раҳи худ мекунӣ олуда аз хуни касон,
Чун ҳаққи чашми мост ин, баҳри чӣ ботил мекунӣ?
Бар ман зи ғамза мезанӣ, к-омад зи ғамза ҷон ба лаб,
Ин ҷони якдаммондаро баҳри чӣ бисмил мекунӣ?
Хусрав, ки дар чоҳи занах андозию барн-орияш,
Ҷодуст, пас ӯро магар дар чоҳи Бобил мекунӣ?

* * *

Сурма андар чашми худбин мекунӣ,
Шона андар зулфи мушкин мекунӣ.
Аз ситам чанде, ки кардӣ, бас накард,
Бас кун, аз баҳри чӣ чандин мекунӣ?!
Ханда кун, гар пардаи ҷон меканӣ,
Ғамза зан,гар рахна дар дин мекунӣ.
Дар ғами лабҳои ман, гӯӣ, бимир,
Маргро бар банда ширин мекунӣ.
Бигзарӣ аз меҳр, гӯӣ, кин кунам,
Меҳр мебояд туро, кин мекунӣ.
Гуфтиям бар рӯи зарди худ биханд,
Заъфаронро ханда талқин мекунӣ.
То бувад моҳи хаёлат дар шараф,
Чашми Хусрав пур зи Парвин мекунӣ.

* * *

Боз баҳри ҷон моро ноз дар сар мекунӣ,
Дидаи бинандаро ҳар дам ба хун тар мекунӣ.
Гуфтӣ аз дил дур кун ҷонрову ҳам бо мо бисоз,
Шарм бодат, хешро бо ҷон баробар мекунӣ.
Мекунӣ он хандае, то реши ман беҳтар шавад,
Боз ғамза мезанӣ в-озори дигар мекунӣ.
Эй бути бадкеш, чашми номусулмонро бипӯш,
В-ар мусулмонӣ чаро тороҷи кофар мекунӣ?
Гарчи мӯям мекунӣ баҳри адам, ҳам давлат аст,
З-он ки раҳ дур асту бори ман сабуктар мекунӣ.
Офтоби ту, вале з-он ҷо, ки рӯзи чун манест,
Кай сар андар хонаи торики ман дармекунӣ.
Ҳар замон гӯӣ, ки ҳоли хеш пеши ман бигӯй,
Оре, оре гуфт Хусрав, нек бовар мекунӣ.

* * *

Эй ёри пурнамак, ҷигарам реш мекунӣ,
Қасди ҳалоки сӯхтаи хеш мекунӣ.
Аз дида шарм дор, гарат бими оҳ нест,
Бе мӯҷибе чаро дили ман реш мекунӣ?
Охир куҷо раво бувад, эй нохудойтарс,
Ин салтанат, ки бо мани дарвеш мекунӣ.
Эй, он ки панд медиҳиям аз барои ишқ,
Чандин мадам, ки оташи ман беш мекунӣ.
Ҷоно, зи таъна кушта шудам, к-ин дили маро
Омоҷи тири душмани бадкеш мекунӣ.
Ҷавре, ки мекунӣ ту маро, он намекушад,
Ин мекушад, ки пеши бадандеш мекунӣ.
Гар нӯш хоҳам аз мижа, гӯӣ ҷавоби талх,
Нӯшам бидеҳ, чаро сухан аз неш мекунӣ?
Чашмат ба хоб меравад, он мастро бигӯй,
К-охир чӣ кардаем, ки дар пеш мекунӣ.
Хусрав дар орзуи ҷамолат ба ҷон расид,
Дар кори ӯ ҳанӯз чӣ фарвеш мекунӣ?

* * *

Бе ман, эй бе ту ба ҷон омада ҷонам, чунӣ?
К-аз паи коҳиши ман рӯз ба рӯз афзунӣ.
Пеш аз ин гарчи ҷафоҳо-ст басе буд, вале-к
На чунин буд аз ин пештарак, к-акнунӣ.
Ҷон ҳамехостӣ акнун, ки ба афсун бибарӣ,
Ҷони ман рафту ту ҳам бар сари он афсунӣ.
Ту маро дар ғам хоҳию манат дар шодӣ,
Ман чунонам, ки ту хоҳӣ, ту надонам чунӣ.
Марав аз даст ба зудӣ, ки гули хушбӯӣ,
Машав аз дида ба як сӯ, ки дури макунӣ.
Чанд гӯӣ, ки чӣ ҳол аст дили танги туро,
Ончунон нест, ки ту аз дили ман берунӣ.
Ҳоли хунобаи Хусрав дили хусрав донад,
Ту чӣ донӣ, ки на дар обу на андар хунӣ.

* * *

То дошт дилам тоқат, будам ба шикебоӣ,
Чун кор ба ҷон омад, з-ин пас ману расвоӣ.
Сарпанҷаи сабрамро печиду бурун шуд дил,
Эй сабр, ҳамин будат бозуи тавоноӣ?
Имрӯз, ки дил додам, бахшуданиям, ҷоно,
Чун ҷон бидиҳам фардо, он гоҳ мабахшоӣ.
Дар зовияи меҳнат дур аз ту чу маҳҷурон
Танҳо манаму оҳе, оҳ аз ғами танҳоӣ!
Шабҳо манаму ашке, аз хун ҳама болин тар,
Ишқ ин ҳунарам фармуд, ар айб нафармоӣ.
Сад ранҷа ҳамебинам, эй роҳати ҷон, аз ту,
Аз дида тавон дидан чизе, ки ту бинмоӣ.
Гуфтӣ, ки шикебо шав, то навбати васл ояд,
Ту пеши назар в-он гаҳ имкони шикебоӣ.
Гар роз бурун додам, донӣ, ки зи бехобӣ.
Девона бувад ошиқ, хоса мани савдоӣ.
Бас дур, ки ҳамерезад аз чашми тари Хусрав,
К-аз даст бурун рафташ сарриштаи расвоӣ.

* * *

Боз, эй сарви хиромон, зи куҷо меоӣ,
К-аз барои дили девонаи мо меоӣ.
Мекушад ҳаҷру раҳи омаданат металабам,
Чист фармони ту, ҷон бидиҳам ё меоӣ?
Гар зи ҷо меравӣ, аз оина дидан на аҷаб,
Аҷаб ин аст, ки чун боз ба ҷо меоӣ!
Эй хуш, он кушта шудан дар таҳи шамшери рақиб,
Ки дар он дам ту ба наззораи мо меоӣ.
Ин ҳама пухтани савдо-ст мани сӯхтаро,
Ту куҷо бар мани мискину гадо меоӣ!
Сӯзи ин ишқ ҳама хирмани хосон сӯзад,
Шарм н-ояд, ки бар ин барги гиё меоӣ.
Зиндагонӣ-т намесозад, донам, Хусрав,
Охир ин кӯи фалонист, куҷо меоӣ?

* * *

Дилҳо ба ғамза дӯзӣ,чун ханда баркушоӣ,
Ҷонҳо ба ханда сӯзӣ, чун ишқ дарфароӣ.
Обам бибурд ишқат, ҳам розиям, ки бошад
Оби ду чашм моро пеши дарат равоӣ.
Дар дида сабри моро бо зулф менабандӣ
В-он гаҳ ба ошкоро бо турра мекушоӣ.
Дилҳо барию гӯӣ, ман дилбарӣ надонам,
Боре зи зулф бистон таъвизи дилрабоӣ.
Ҳастам фитода дар ғам, бархоста зи ҳастӣ,
Ҳеҷ афтадат, ки хезӣ, дар дидани мо оӣ.
Гардад дил ғаминам гаҳ-гаҳ барои ҷонон,
Зеро ки мебарояд ҷони ман аз ҷудоӣ.
Хун шуд зи гиря чашмам, бифшон зи зулф гарде,
То дида сурма созад аз баҳри рӯшноӣ.
Чандин магӯ, ки Хусрав, бо ман чӣ кор дорӣ,
Охир ту рӯзи идӣ, ман, банда, рустоӣ.

* * *

Эй чеҳраи зебои ту рашки бутони озарӣ,
Ҳарчанд васфат мекунам, дар ҳусн аз он зеботарӣ.
Ҳаргиз наёяд дар назар нақше зи рӯят хубтар
Шамсӣ, надонам, ё қамар, ҳурӣ, надонам, ё парӣ?!
Офоқро гардидаам, меҳри бутон варзидаам,
Бисёр хубон дидаам, аммо ту чизи дигарӣ.
Олам ҳама яғмои ту, халқе ҳама шайдои ту,
Он наргиси шаҳлои ту оварда расми кофарӣ.
Эй роҳату ороми ҷон, бо қадди чун сарви равон,
З-ин сон марав доманкашон, к-ороми ҷонам мебарӣ.
Азми тамошо кардаӣ, оҳанги саҳро кардаӣ,
Ҷони дили мо бурдаӣ, ин аст расми дилбарӣ.
Хусрав ғариб асту гадо, афтода дар шаҳри шумо,
Бошад, ки аз баҳри Худо, сӯи ғарибон бингарӣ.

* * *

Бихром, эй сарви равон, к-аз боғи ризвон хуштарӣ,
Дилдодагони хешро мекуш, ки аз ҷон хуштарӣ.
Дар ҳушёрӣ маҳвашӣ, сармасту ғалтон, дилкашӣ,
Чун мӯ кунӣ шона, хушӣ, туррапарешон хуштарӣ.
Чавгон-т сарҷӯ аз ҳама, сар бурд чун гӯ аз ҳама,
Хуш мебарӣ гӯ аз ҳама, дар лаъби чавгон хуштарӣ.
Бо он ки хуш бошад чаман бо сарву насрину суман,
Бисёр дидам дар ту ман, бисёр аз эшон хуштарӣ.
Ҳарчанд мебинам туро, ташнатар аст ин дил маро,
Хоҳам биёшомам туро, к-аз оби ҳайвон хуштарӣ.
Боре чӣ бошад, дил, бибин, к-он ҷо кунӣ манзил гузин,
Дар чорсӯи дилнишин, к-аз ҳашт бустон хуштарӣ.
Дорам ба дил дарди қавӣ, мехоҳамаш марҳам наве,
Бо он ки дарди Хусравӣ, лекин зи дармон хуштарӣ.

* * *

Май ба ҷом арчи зи хуни мани мискин дорӣ,
Нӯш бодат, ки шакархандаи ширин дорӣ.
Ду чунун аст зи як хандаи ту ошиқро,
З-он ки дар лаб зи яке ханда ду Парвин дорӣ.
Нигарӣ дар ману чун ман нигарам бар шикане,
Ин чӣ фитна-ст, ки баҳри мани мискин дорӣ?!
Хор дар бистари танҳоиям афганд фироқ,
З-он чӣ судам, ки ту тан бар гули насрин дорӣ.
Ҳамаро зинда кунию бикушӣ Хусравро,
Ҷони ман, ин чӣ тариқ асту чӣ ойин дорӣ?

* * *

Маро чанд охир аз худ дур дорӣ,
Дилам зору танам ранчур дорӣ.
Раво бошад, ки бо он рӯи чун шамъ
Шаби торики мо бенур дорӣ.
Миён дорӣ чу занбӯрони кофар,
Мижа кофартар аз занбӯр дорӣ.
Зи расвоӣ матарс, эй дил, муҳол аст,
Ки ошиқ бошиву мастур дорӣ.
Буте гар дорӣ, аз фардо маяндеш,
Ки дар хона биҳишту ҳур дорӣ.
Ту он султони хубонӣ, нигоро,
Ки ҳамчун фитна сад дастур дорӣ.
Зи чандин дил, ки вайронкардаи туст,
Чӣ бошад, гар яке маъмур дорӣ?!
Чу оташ duздиву боре ҳамебин,
Ҳамин бошад, ки худро дур дорӣ.
Маонӣ гар намепурсӣ зи Хусрав,
Ки хубию диле маъзур дорӣ.

* * *

Рухи хубат ба чӣ монад? Ба гулистони баҳорӣ,
Чашми масти ту бад-он наргиси раъонои хуморӣ.
Теғ бигзор, ки боре ҳақи ишқат бигузорам,
Гар биронӣ, ки ҳақи суҳбати моро бигузорӣ.
Шодмонам ба ғамат, гарчи дили сӯхта хун шуд,
Шод бодо дили ту, гарчи зи ман ёд наёрӣ.
Сайди он чашм шудам, гар кушадам нест маломат,
Ки начӯянд зи туркон дияти хуни шикорӣ.
Эй хаёли рухи он ёри чудомонда дар ин дил,
Ӯ чу меҳмон нашавад, хона ба сурат чӣ нигорӣ?
Эй, ки бефоида пандам диҳӣ он рӯй надида,
Гар бибинӣ-ш, ту ҳам гӯш ба он панд надорӣ.
Обгина-ст дили нозуки бетоқати Хусрав,
Бишканад, ваҳ, ки чунин гар ту зи дасташ бигузорӣ!

* * *

Зи назар агарчи дурӣ, шабу рӯз дар ҳузурӣ,
Зи висол шарбатам деҳ, ки бисӯхтам зи дурӣ.
Манаму шабеву гаште ба харобаҳои ҳичрон,
Ки азим дур мондам зи вилояти сабурӣ.
Чу ба ихтиёри хотир ғами ишқ баргузидам,
Зи чафо ҳар он чӣ ояд бикашем аз зарурӣ.
Ман агар ҳалок гардам, ту чӣ илтифот дорӣ,
Ки зи ғафлати чавонӣ ба карашмаи ғурурӣ.
Зи хаёл бар ду чашмам на яке, ҳазор миннат,
Ки туам зи давлати ӯ шабу рӯз дар ҳузурӣ.
Чаман инчунин нахандад, ту магар биҳишту боғӣ,
Башар инчунин набошад, ту магар парию ҳурӣ?
Гузаре агар тавонӣ, ба баҳори ошиқон кун,
Ки зи ашки ман ба саҳро ҳама лола русту сурӣ.
Ба шаби фироқ Хусрав чу чароғ сӯхт, охир,
Шабаш арчи тира шуд, чун ба чароғи ӯ ту нурӣ.

* * *

Он ки ҷон гӯянд халқаш, он туӣ
В-он ки ширинтар бувад аз ҷон, туӣ.
Шаҳри дил вайрон шуд аз бедоди ту,
В-арчи вайронтар шавад, султон туӣ.
Аз гаронҷонии ман, ҷоно, маранҷ,
Чун даруни ҷони ман пинҳон туӣ,
Ман хушам, гар сӯхта дорам ҷигар,
Аз ту хоҳам узр, чун меҳмон туӣ.
Дар балову фитна натвон зистан,
Дер зӣ, гарчи яке з-эшон туӣ.
То каям сӯзӣ, ки дил бар ҷой дор,
Чун бад-ин дил соҳиби фармон туӣ.
Дарди Хусрав ҳар замон афзунтар аст,
Аз кӣ гирам айб, чун дармон туӣ?

* * *

Рухсора макун рост ба ҷое, ки ту бошӣ
В-ар рост кунӣ, турфа балое, ки ту бошӣ.
Гуфтӣ чӣ бибинӣ рухи мо, рав ғами худ хӯр,
Аз ҷон, кӣ кунад ёд, ба ҷое, ки ту бошӣ ?!
Шояд, ки наёрӣ ба назар мулки ҷаҳонро
Дар кулбаи эҳзони гадое, ки ту бошӣ.
Халқе ба дами сард бимирад ба дарат, з-он-к
Хуршед натобад ба сарое,ки ту бошӣ.
Эй дида,гар афтад гузараш бар ту, нагӯӣ,
То хок шавам дар таҳи пое,ки ту бошӣ.
Хусрав агар аз килки ту ояд сухани ишқ,
Аҳсант, зиҳӣ шеърсарое, ки ту бошӣ.

* * *

Эй бод, ҳадисе зи лаби мо-ш бигӯӣ,
Дар гӯшаву дар гӯш ба танҳо-ш бигӯӣ.
Аз ҳар намате афканӣ он ҷо сухани хуш,
З-он гуна ки донӣ, сухани мо-ш бигӯӣ.
Аз ғамзаи ӯ ҳаст ҳама шаҳр ба фарёд,
Оҳиста бад-он наргиси раъно-ш бигӯи.
Густохии бӯса накунам, лек биёбӣ
Аз ҳар лаби ман, бо кафи ҳар по-ш бигӯӣ.
Бо домани пурхун чу ба бозор фитодам,
Ҳоли мани тардомани расво-ш бигӯӣ.
Дилдодаи ӯям, агар имрӯз диҳам ҷон.
Фардо хабаре аз паи фардо-ш бигӯӣ.
Харчанд дили Хусрав аз ӯ сӯхт, нахоҳам,
К-аш ҳеҷ маломат кунӣ, аммо-ш бигӯӣ.

* * *

Карашма кардани ту вақти нозу бадхӯӣ
Сазад, ки нав кунад акнун либоси дилҷӯӣ.
Чӣ обрӯст, ки ҳусн аз рухи ту меёбад,
Ба вақти субҳ, ки рӯи чу моҳ мешӯӣ.
Ҷуз аз ту рӯи дигар кас накӯ намебинам,
Ки дигаре набувад худ бад-ин накӯрӯӣ.
Ба ишва айши маро талх мекунӣ, имрӯз
Макун, ки хӯ шавадат ҳамчунин ба бадхӯӣ.
Фитодаам ба дарат, хонумон раҳо карда,
Раҳо кун, аз мани бехонумон чӣ меҷӯӣ?
Агар ба пеши ту банда, бад касе гӯяд,
Бад-ӯ бигӯӣ, ки боре, накӯ намегӯӣ!
Биё, ту, дар дили Хусрав, бибар ғам аз дили ӯ,
Ба шодии дили он кас, ки дар бари ӯӣ.

* * *

Ту худ, эй бевафо, то кай ҷафо бар ҷони ман хоҳӣ?
Биё, то кини ман аз бахти бесомони ман хоҳӣ.
Чӣ кам гардад зи хоки пои ту, охир, гаҳе ҷоно,
Бад-ин миқдор узри дидаи гирёни ман хоҳӣ.
Агар ҷон хоҳадат, пеш ою бе фармони ман бистон,
Ки аз бегонагӣ бошад, агар фармони ман хоҳӣ.
Агар хоҳам зи ту бӯса, ба пушти пои худ бинӣ
В-агар хоҳӣ ниҳӣ доғе, дили бирёни ман хоҳӣ.
Маро, то зиндаам, аз дарди ишқат роҳате набвад,
Бикаш теғу сарам бифган, агар дармони ман хоҳӣ.
Бад-ин мемонад ин ғамза, ки ҷон мехоҳад аз Хусрав,
Мани мискин чӣ хоҳам дигар аз ту, ҷони ман хоҳӣ!?

# ЛУҒОТ ВА ТАВЗЕҲОТ

**Абтар** – пароканда, парешон.

**Адам** – нестӣ, нобудӣ.

**Аёз** – номи ғуломи содиқи Султон Маҳмуд буда, то ба мансаби вазирӣ расида будааст. Вай бо Маҳмуд дӯсти ниҳоят наздик буд.

**Амдан** – аз рӯйи қасд, дидаву дониста.

**Анборидан** – аз анбоштан; пур кардан, захира кардан.

**Ано** – заҳмат, машаққат.

**Асас** – посбони шабгард.

**Аҳвал** – каҷбин, олусчашм.

**Баласон** – номи дарахтест, ки баргҳояш бӯйи хушк дорад ва аз он равғани эфир тайёр мекунанд.

**Барда** – ғуломи зархарид, ғулом.

**Burқаъ** – чашмбанд, пардаи рӯпӯши занон.

**Бутимор** – мурғи сафедранги лаклакмонанди моҳихор, ки дар канори об менишинад.

**Вом** – қарз.

**Вомиқу Азро** – аз достонҳои ошиқонаи куҳан,ки ба василаи чанд тан аз шоирони форсизабон ба назм даромадааст. Ин достон достони ишқи шоҳзодаи Яман Вомиқ ба Азро-шоҳзодаи Чин аст.

**Гоз** – дарахти коҷ, санавбар.

**Гӯр** – хари ваҳшии биёбонӣ, гӯрхар, ки дар замонҳои қадим онро шикор карда мехӯрдаанд.

**Дағобоз** – каҷбоз; фиребгар, ҳилагар.

**Дайҷур** – торикӣ, сиёҳӣ, торикии шаб.

**Далв** – зарфи чармии обкашӣ, сатил.

**Далқ** – либоси пашминаи дарвешон, хирқаи қаландарон.

**Дарюза** – гадо, талбанда.

**Даҷҷол** – фиребанда, дурӯғгӯй.

**Дийят** – хунбаҳо, товони хун.

**Дирамхарид** – ғулом, банда, каниз.

**Дов** – навбати бозии шатранҷ ва нард.

**Домеъ** – хоки намнок.

**Доро** – номи подшоҳи сулолаи Ҳахоманишиён, ки аз тарафи Искандари Мақдунӣ дар соли 330 пеш аз милод кушта мешавад. Ин тасвир дар "Шоҳнома"-и Фирдвасӣ хеле ҷолиб ба риштаи назм кашида шудааст.

**Дуҳул** – табл, нақора.

**Ёвагард** – беҳудагард.

**Завоё** – ҷ. зовия.

**Замзам** – номи чоҳ ва чашмаест дар Макка, дар назди хонаи Каъба.

**Занн** – гумон.

**Зуннор** – риштае, ки дарвешон, зардуштиён ва кашишони насронӣ ба миён мебастанд, риштае, ки ғайри мусулмонон маҷбур буданд дар мамолики исломӣ онро ба камар баста гарданд.

**Иғро** – барангехтан, шӯронидан.

**Иёр** – меъёр.

**Иқтоъ** – ҳамоҳангӣ, якнавохтӣ.

**Исо** – (Исои Масеҳ, Исои Марям) аз пайғамбарон аст. Рӯзи таваллуди Исо(а) мабдаи солшумории милодист. Дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ аз қиссаи Исо(а), ба вижа дами муъҷизаосои асои ӯ, бисёр тасвир ва талмеҳ кардаанд, ки Амир Хусрав аз он ҷумла аст.

**Кавкаба** – ҷамоат, аҳли рикоб.

**Каъба** – хонаи муътабаре дар шаҳри Мадина, ки зиёратгоҳи мусулмонон аст ва дар вақти намоз ба ӯ рӯ меоваранд. Байтулҳаром.

**Каъбатайн** – ду тоси мукааби бозии нард.

**Кумайт** – аспи сурхранги сиёҳтоб, аспи сиёҳтӯруқ.

**Кӯҳкан** – лақаби Фарҳод, ки гӯё бо хоҳиши Ширин кӯҳро канда, ҷӯй баровarda буд.

**Қаллош** – айёш, маккор; бенангу номус.

**Қуллоб** – чангак, шасти моҳигирӣ.

**Лайлӣ** – аз симоҳои намоёни достонҳои арабист. Лайлӣ духтаре аз қабилаи Ибни Омир, ки аз кӯдакӣ мавриди алоқа ва ишқи Маҷнун (Қайс) қарор мегирад ва худ низ ба ӯ дил мебандад. Шоир дар достони “Маҷнун ва Лайлӣ”-и худ ин симоро бо ҳунари воло тасвир кардааст.

**Лояъқил** – беҳуш.

**Мазбала** – халоҷоҳ.

**Маймун** – саодатманд, хуҷаста, муборак.

**Мақтул** – қатлшуда.

**Мало** – аз малаъ, пурӣ.

**Мамлук** – банда, ғулом.

**Мансур** – Мансури Ҳаллоҷ(858-922 м.) мутафаккир ва шоири форс-тоҷик, зодаи Тӯси форс, яке аз саромадони тасаввуф. Номи падараш Абулмуис Ҳусайн ибни Мансур ибни Маҳнои Байзовӣ. Бобояш оташпараст будааст.

**Маншур** – интишорёфта, паҳнкардашуда.

**Ман-язид** – ибораи арабӣ ва маънии "кӣ зиёд мекунад"-ро ифода мекунад ва дар муомилоти тиҷоратӣ дар вақти фурӯши амвол ё матоъ истифода мегардад.

**Маҳмуд** – Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки солҳои 998-1030 милодӣ ҳукумат рондааст. Вай писари калонии Сабуктегин мебошад. Пас аз он ки дар замони Нӯҳ ҳокими Хуросон шуд, Ғазна ва баъзе вилоятҳои дигарро низ ба худ тобеъ кард. Соли 999 м. вақте қарохониён ба Бухоро ҳуҷум оварданд, аз ҷануб ба Сомониён ҳуҷум овард ва тамоми Хуросонро соҳиб шуд.

**Марзангӯш** – райҳони даштӣ.

**Маҳшар** – қиёмат.

**Маҷнун** – аз қаҳрамонони асосии достонҳои ишқӣ ва ишқӣ-ирфонии адабиёти форсии тоҷикӣ ва дигар халқҳои Шарқ.Дар аввал номаш Қайс буда, ишқи Лайлӣ ба ҷунун (девонагӣ) гирифтораш кардаву номи аслиаш аз ёдҳо рафтааст. Маҷнун лақаб мегирад ва бо ин тахаллус шеър ҳам мегуфтааст. Амир Хусав дар ғазалҳояш номашро талмеҳ кардааст. Ниг. ба **Лайлӣ.**

**Маҷонин** – девонаҳо.

**Машима** – пардаест дар бачадон, ки бача дар он қарор дорад ва баъд аз таваллуд берун меояд.

**Маъҳуд** – аҳдшуда, басташуда.

**Миқнаъ –** чодири занон, сарандоз.

**Мисоқ** – аҳду паймон.

**Моида** – дастурхон.

**Муаззам** – бузург донисташуда, касе, ки ӯро бузург мешуморанд.

**Муаззин** – азонгӯй, даъваткунанда ба намоз.

**Мумтаҳан** – ба бало гирифторшуда.

**Мубошир** – коргузор.

**Мубоҳот** – тафохур ва нозиш; ифтихор.

**Мудбар** – бадбахт, бахтбаргашта.

**Муқомир** – қиморбоз.

**Мул** – май, шароб.

**Мулзам** – илзом кардашуда, мағлубшуда дар мубоҳиса.

**Мумтаҳан** – имтиҳон кардашуда, озмуда, санҷидашуда.

**Муошир** – ҳамдам, мусоҳиб, ҳамсуҳбат.

**Мусалсал** – паси ҳам ҳалқа-ҳалқа печутобхӯрда, пайваст.

**Мустаманд** – ғамгин, бечора; ошиқ, гирифтор.

**Мустаҳаб** – ибодате, ки иҷро карданаш савоб дошта, аммо тарк карданаш гуноҳ набошад.

**Муфарраҳ** – фараҳманд, хурсанд.

**Муфрад** – якка, танҳо.

**Мӯя** – гиря, навҳа, нолаи ҳазин.

**Навшод** – шаҳрест дар Ҳиндустон.

**Надим** – ҳамнишин, махсусан ҳамнишину ҳамсуҳбати амирону шоҳон.

**Нафир** – бонг, фарёд, садо.

**Нафхи сур** – боде, ки Исрофил ном фаришта дар рӯзи қиёмат ба шайпур дамида, бо овози он гӯё ҳамаи мурдагонро зинда мекардааст.

**Норван** – як навъ дарахти зебои бемеваи серсоя, ки чӯбаш хеле сахт аст.

**Нузул** – фуруд омадан, поён рафтан.

**Нӯҳ** – паёмбари Худованд ва падари дувуми насли башар.

**Оз** – тамаъ, тангчашмӣ.

**Охтан** – берун кардан, баровардан.

**Парвин** – номи чанд ситорае, ки дар як ҷо ҷамъ шудааст ва ба бурҷи Сарв дохил мешавад; Сурайё.

**Сабил** – роҳ, тариқ.

**Сабо –** номи шаҳре дар Яман, ки маликаи Билқис, зани Сулаймон пайғамбар (а) он ҷо ҳукумронӣ мекард.

**Савмаа** – ибодатхона.

**Сақил** – вазнин.

**Салосил** – ҷ. силсила.

**Салсабил** – номи чашмае дар биҳишт.

**Самум** – шамоли гармсери сӯзон, боди бисёр гарм ва зарарнок.

**Саноӣ** – шоири маъруфи адабиёти форсии тоҷикӣ, ки дар аҳди Ғазнавиён зиндагию эҷод кардааст.

**Сивор** – дастбанд, дастпона.

**Сикандар** – Искандари Мақдунӣ дар назар аст.Яке аз қаҳрамонҳои адабиёти форсии тоҷикӣ. Манбаъи ин ном зиндагӣ ва фаъолияти шоҳи Мақдуния, лашкаркаши ҷаҳонгир Искандари Мақдунӣ мебошад.

**Сиккаи қалб** – пули сақат ва носара, пуле, ки аз зари соф нест.

**Сит** – шуҳрат, овоза.

**Сулаймон** – аз пайғамбарон, писари Довуд пайғамбар (а), ки чун ангуштарини давлат дар ангушт нигод, тамоми ҷину инсону ҷонварон мутеи ӯ шуданд.

**Суманот** – ниг. ба муқаддима, шарҳ дар он ҷо омадааст.

**Сутур** – шутур.

**Тааққул** – фаҳм кардан, фаҳму идрок.

**Тааллум** – омӯзиш, ёдгирӣ.

**Тааннум** – осудагию пурӣ.

**Тавсан** – саркаш, якрав.

**Тағофул** – худро ба нодонӣ задан.

**Тазаллум** – шикоят аз зулм, додхоҳӣ, адлхоҳӣ.

**Такфир** – ба бединӣ нисбат додан, кофир хондан, бедин ҳисоб кардан.

**Танз** – тамасхур, ришханд, истеҳзо, пичинг.

**Тардоман** – бадахлоқ, фосиқ.

**Тафаҳҳус** – ҷустуҷӯ кардан, кофтуков.

**Таҳийят** – салом, дуруд.

**Ташнеъ** – бадӣ, ҳақорат, бадкирдорӣ.

**Таъвиз** – иваз додан, мукофот додан; дуоҳои ба рӯйи коғаз навишта.

**Таяммум** – бо хок ва рег таҳорат кардан.

**Топок** – изтироб, беқарорӣ, талвоса.

**Тунг** – зарфи даҳантанги об, шароб ва ғ.

**Тунук** – суст, заиф.

**Тӯ ба тӯ** – боло ба болои ҳам.

**Тӯзидан** – андӯхтан, ҷамъ кардан.

**Уқул** – ҷ. ақл.

**Унноб** – дарахт ва меваи челон.

**Фақеҳ** – қонуншиноси шариат, донандаи қоидаҳои шариат ва дини ислом.

**Фарас** – асп.

**Фарҳод** – ниг. Кӯҳкан.

**Фассод** – хунгиранда, рагзан.

**Фирдавс** – боғи хушу хуррам; биҳишти афсонавӣ.

**Фитрок** – тасмаи чармин, ки барои бастани шикор ва чизҳои дигар аз росту чап ва ё аз пасу пеши зини асп меовехтанд.

**Фурӯъ** – ҷ. фаръ,шохи дарахт.

**Хай** – арақ, арқи бадан.

**Халлух** – номи шаҳрест дар Туркистони қадим, ки мувофиқи ривоят мардуми он хушрӯй будаанд ва мушки хуб аз он ҷо оварда мешудааст.

**Хафиф** – номи баҳре аз арӯз; сабук.

**Хашхош** – донаи кӯкнор.

**Хизона** – хазина, ҷойи нигоҳ доштани пул ва ҷавоҳирот.

**Хизр** – номи пайғамбаре, ки оби ҳаёт хӯрда умри абад ёфтааст.

**Хотам** – ангуштарӣ, муҳр.

**Хузӯъ** – фурӯтанӣ, хоксорӣ, шикастанафсӣ.

**Ҳабл** – таноб, расан, ресмон.

**Ҳавдаҷ** – тахти равон, каҷовае, ки ба асп ё шутур баста ба дарунаш нишаста сафар мекунанд.

**Ҳазиз** – пастӣ.

**Ҳарун** – аспи саркаш, нофармон.

**Ҳашр** – қиёмат.

**Ҳима** – ҳезум.

**Ҳирз** – тӯмор, таъвиз.

**Чалипо** – салиб, ду чӯб, ки чоргӯша аз миёна болои ҳам гузошта шудаанд.

**Чашмаи ҳайвон** – ниг. Хизр.

**Човушӣ** – пешравӣ (дар корвон).

**Ҷавзо** – номи бурҷест аз дувоздаҳ барҷи фалакӣ, ки Офтоб 23-уми май ба он дохил мешавад.

**Ҷамоза** – шутури тезрафтор.

**Ҷамшед** – Ҷам низ омада. Дар устураҳои эронитабор ва ҳамосаҳо Ҷамшед подшоҳи сулолаи пешдодиён ва писари Таҳмурас аст. Дар “Авасто” Йима ном дорад.Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” ва Асадии Тӯсӣ дар “Гаршоспнома” подшоҳии ҳафтсадсолаи ӯро тасвир кардаанд.

**Ҷанибат** – аз ҷаниба, асп.

**Ҷаҳим** – дӯзах, номи яке аз ҳафт қисми дӯзах.

**Ҷаҳон** – паридан, хез кардан.

**Ҷуллоб** – шарбати қанд, ки бо гулоб омехтаанд ва хосияти доруро дорад.

**Ҷунуб** – он ки баъд аз муомилаи заношӯӣ ва эҳтилом ҳанӯз ғусл накардааст.

**Шағаб** – шӯру ғавғо.

**Шакар** – номи зани дувуми Хусрави Парвез, ки дар достонҳои Хусрав ва Ширин борҳо ёд шудааст.

**Шафеъ** – шафоаткунанда, воситачӣ.

**Ширин** – аз ашхоси достонҳои ишқии адабиёти форсии тоҷикӣ ва адабиёти мамолики Шарқ аст. Ширин духтаре арманӣ ва бародарзодаи маликаи Арманистон Меҳинбону мебошад, ки Хусрави Парвез-шоҳи Сосонӣ бар ӯ ошиқ гашт. Шоир ин симоро дар достони худ "Ширин ва Хусрав" хеле ҷолиб ва хотирмон офаридааст.

**Шопур** – аз қаҳрамонони достонҳои бахшида ба Хусрав ва Ширин мебошад, ки дар сураткашӣ устод буд.

**Юсуф** – аз пайғамбарон ва писари Яъқуб пайғамбар(а), ки аз бародарони дигар назди падар азизтар буд ва шабе хоб дид, ки моҳу ситорагон дар баробараш ба саҷда афтодаанд ва онро барои падар ва бародарон нақл кард. Бародарон ба ӯ ҳасад бурданд ва ба чоҳ андохтанду ба падар бардурӯғ гуфтанд, ки Юсуфро гург хӯрд. Корвоние ӯро аз чоҳ халос карда, ба Миср бурд ва ба Азизи Миср фурӯхт. Минбаъд моҷарои Юсуф бо Зулайхо, вохӯрӣ бо бародарон дар қаҳтсол, огоҳии

Яъқуб аз зинда будани Юсуф ва ғ. Ин ҳама дар сураи “Юсуф”-и Қуръон муфассалу мушаххас омадааст. Достони ишқи Юсуф ва Зулайхо боиси офаридани як идда асарҳои бадеӣ дар адабиёти Шарқ гардид.

**Яди байзо** – *киноя* аз дасти муъҷизакори Мӯсои пағамбар, ки гӯё агар дасти худро дар бағал карда берун барорад, мисли офтоб медурахшид.

**Яъқуб** – аз пайғамбарон ва писари Исҳоқ ва падари Юсуф(а), ки писарони дигараш Юсуфро ба чоҳ андохтанд ва падарро ба фироқи ӯ мубтало сохтанд.

## МУНДАРИҶА

Андалеби Ҳиндустон ........................................................5

Дилам дар ошиқӣ овора шуд, оворатар бодо ........................18
Абр мебораду ман мешавам аз ёр ҷудо ................................18
Бишкуфт гулҳо дар чаман,эй гулситони ман, биё ..............19
Ҷоно, ба пурсиш ёд кун рӯзе мани гумбударо .....................19
Нозукие, ки дидаам он рухи ҳамчу лоларо ..........................19
Ҳар кӣ зери пераҳан бинад маро ..........................................20
Вақте андар сари кӯе гузаре буд маро ..................................21
Гарчи бирбуд ақлу дини маро ...............................................21
Расид боди сабо, тоза кард ҷони маро ..................................22
Девона кард зулфи ту дар як назар маро .............................23
Рахти сабурӣ тамом сӯхта шуд синаро .................................23
Боз дил гум гашт дар кӯшиш мани девонаро ......................24
Девона мекунӣ дилу ҷони харобро .......................................24
Шаб ба рӯз омад басе, к-аз дил ниҳодӣ ёдро.........................25
Ҷон зи хомӯшӣ баромад безабоне чандро ...........................26
Бурқаъ барафган як замон ҳусни балоангезро .....................26
Ман ба ҳавас ҳамехурам новаки синадӯзро .........................27
Ҷон бар лаб аст ошиқи бахтозмойро...................................27
Пардаи ошиқон дарад, парда кунад чу рӯйро .....................28
Эй бод, бурқаъ барфикан он рӯи оташнокро........................29
Бас бувад ин, ки сӯи худ роҳ диҳӣ насимро .........................29
Баҳри ту халқе мекашад ҳар сӯ мани бадномро...................30
Чу бикшоӣ лаби шаккаршиканро..........................................31
Бе рӯи ту хуш кардам ман талхии ҳиҷронро .........................31
Гуфтӣ зи дил бурун кун ғамҳои бекаронро..........................32
Бирав, эй боду пеши дигарон деҳ ҷилва бустонро..............32
Чу хоҳӣ бурд рӯзе оқибат ин ҷони мафтунро .......................33
Бим аст, ки савдоят девона кунад моро ................................33
Бигзашту назар накард моро ................................................34
Рафт, он ки чашми роҳат хуш меғунуд моро .......................34

Бишкофт ғам ин ҷони ҷигархораи моро ...............................35
Қадаре биханду аз рух камаре намой моро ..........................35
Ишқ аз паи ҷон гирифт моро ...................................................36
Чӣ иқбол аст ин, ё Раб, чӣ давлат дод рӯ моро.....................36
Хати ту бехта бар лола мушки сороро ....................................37
Ё Раб, кӣ дод ойина он худпарастро ......................................37
Дилбаро, умрест, то ман дӯст медорам туро ........................38
Ман зи бахраш дӯст дорам ҷони ишқандешро ....................38
Соқиё, пеш ор ҷоми босафои хешро .......................................39
Баски андар дил фурӯ бурдам ҳавои хешро ..........................39
Овардаам шафеъ дили зори хешро..........................................40
Баҳор парда барандохт рӯи некӯро .........................................40
Басе шаб бо маҳе будам, куҷо шуд он ҳама шабҳо? ...........41
Ману печоки зулфи он буту бедории шабҳо ........................41
Зиҳӣ васфи рухат вирди забонҳо............................................42
Эй зулфи чалипои ту ғоратгари динҳо...................................42
Дар хами гесӯи кофаркеш дорӣ торҳо ..................................43
Чу дар чаман равӣ, аз ханда лаб мабанд он ҷо .....................43
Бишкуфт гул дар бӯстон, он ғунчаи хандон куҷо? .............44
Аз ҷони ман ором рафт, ороми ҷони ман куҷо?..................44
Қандест оташинрӯ, шамъест ангубинлаб..............................45
Мерезад аз тарӣ зи ту, эй ҷонфизой об ..................................45
Эй зи ту хуршеди чарх дар марази таффу тоб......................46
Эй туро дар дидаи ман ҷои хоб ..............................................47
Эй тамомӣ хоби ман бурда ба чашми нимхоб......................47
Боз бурқаъ бар рухи чун моҳ барбастӣ ниқоб ......................48
Зиҳӣ, намуда аз он зулфу холу орази хуб ..............................48
Хонаам вайрон шуд аз савдои хубон оқибат ........................49
Сифатест оби ҳайвон зи даҳони нӯшхандат .........................49
Тамошогоҳи ҷонҳо шуд хаёлат...............................................50
Манаму хаёлбозӣ шабу рӯз бо ҷамолат ................................50
Чун дар сухан дарояд лаъли шакармақолат..........................51
Рӯзе аз дасти ҷафо, охир, инон бистонамат..........................52
Гирам, ки нест пурсиши дармондагон фанат ......................52

Бад-он баҳона, ки хунест бас фаровонат .......... 53
Вақте ғуборе з-остон бифрист сӯи чокарат .......... 53
Шабу рӯз мебинолам зи ҷафои чашми мастат .......... 54
Эй сар кашида аз ман, ман сар кашам ба пешат .......... 54
Эй хонда бутони Чин шоҳат .......... 55
Онки зулфу орази ӯ ғайрати рӯзу шаб аст .......... 55
Гул зи рухсораи ту беоб аст .......... 56
Биё, ки бе ту дили хаста ғарқи хуноб аст .......... 56
Биё, к-аз рафтанат ҷонам хароб аст .......... 57
Ободтар он сина, ки аз ишқ хароб аст .......... 57
Хунхора чашми ту, ки раҳи марду зан задаст .......... 58
Ҷоно, карашмаи ту раҳи ақлу дин задаст .......... 58
Боз боди сабо бичунбидаст .......... 59
Нигоре чун ту зебо кас надидаст .......... 59
Ишқи ту балои ҷонписанд аст .......... 60
Зи ман нозукмиёне дур мондаст .......... 60
Чашмам, ки ба рӯи ту фитодаст .......... 61
Манам имрӯзу сад тимор бар даст .......... 61
Маро вақте диле озод будаст .......... 62
Эй хуш он вақте ки моро дили беғам будаст .......... 62
Наргиси мasти ту хоболуд аст .......... 63
Баҳор ғолия дар домани сабо судаст .......... 63
Гар боғ пуршукуфаву гулзор хуррам аст .......... 63
Аз ман он комёбро чӣ ғам аст .......... 64
Гирифта дар бар андоми ту сим аст .......... 64
Моро чӣ ғам имрӯз, ки маъшуқа ба ком аст .......... 65
Ҳусн, ки андеша ба кораш гум аст .......... 65
Ишрату роҳат начӯям, кори ман хун хӯрдан аст .......... 66
Ҳанӯз он рухи чун маҳ пеши чашми ман аст .......... 66
Зи баски гӯши ҷаҳоне пур аз фиғони ман аст .......... 67
Дарди сари дӯстон з-оҳу фиғони ман аст .......... 68
Аз он гаҳе, ки дили ман ба сӯи ёри ман аст .......... 68
Куштаи теғи ҷафоят дили дарвеши ман аст .......... 69
Тани покат, ки зери пераҳан аст .......... 69

Ману шаб, зиндагонии ман ин аст ........................................70
Он кӣ бурда-ст дилам – зулфи парешон ин аст....................70
Зулфи сияҳи ту мушки Чин аст ...........................................71
Гар туро нозу бадхуӣ ин аст ...............................................71
Рӯзгорест, ки дар хотирам ошӯби фалон аст........................72
Эй, ки рӯи ту ҳаёти ҷон аст..................................................72
Рӯи ту ба пеши назар осоиши ҷон аст.................................73
Хабаре деҳ ба ман, эй бод, ки ҷонон чун аст?.....................73
Сабо к-ӯ ба бӯи ту ҷонпарвар аст ......................................74
Боз он ҳариф бар сари савдои дигар аст ...........................74
Ёри моро азми рои дигар аст .............................................75
Хаёли рӯи ту чун дурри ноб дар назар аст .........................75
Рухи ту нури дидаи қамар аст.............................................76
Боз рӯи ту хайолудаву ҷаъди ту тар аст..............................77
Шаби фироқ сиёҳу маро сиёҳтар аст ..................................77
Шаб гузашта-сту аввали саҳар аст .....................................78
Маро доғи ту бар ҷон ёдгор аст..........................................78
Зулфи ту ҳанӯз тобдор аст .................................................79
Бар он лабе, ки шакар бо ҳаловаташ шӯр аст......................79
Бо ғамат шодии ҷаҳон ҳавас аст.........................................80
Зулфи шасташ, ки бар ҳар мӯ дили дигар бастаст ..............80
Он чӣ бар ҷони ман зи ғам рафтаст......................................81
Нигори ман, ки зи ҷунбидани сабо хуфтаст ........................81
Дарёб, ки ҷон хароб гаштаст ...............................................82
Бори ишқат бар дилам боре хуш аст ...................................82
Ёр агар баргашт, дар тимор будан ҳам хуш аст ..................83
Ошиқонро дарди бемарҳам хуш аст.....................................83
Гарчи сарви боғро боло хуш аст...........................................84
Дил зи инъомат, маҳо, бо илтифоте қонеъ аст ....................84
Лаъли лабат ба чошнӣ аз ангубин беҳ аст ..........................85
Ба худ мабин, ки чу рӯи ман офтобе ҳаст.............................85
Дар сарам то зи сари зулфи ту савдое ҳаст..........................86
Моҳ тобон асту ҳамчун рӯи ту тобанда нест........................87
Ҳар мижа аз ғамзаи хунрези ту новакзанест ........................87

Бедор шав дило, ки ҷаҳон ҷои хоб нест....................................88
Маро дар сар ҳавои нозанинест ...............................................88
Рӯи некӯи ту зи маҳ кам нест .....................................................89
Чӣ доғҳост, ки бар синаи фигорам нест .....................................89
Ба рози ишқ дили хеш низ маҳрам нест .....................................90
Диле, к-озод бошад, они ман нест..............................................90
Диле, к-аш сабр бошад, они ман нест.........................................90
Дили моро зи дасти ғам амон нест.............................................91
Боз маст омаданаш нозкунон аз ҷоест........................................91
Ба болини ғарибонат гузар нест.................................................92
Шаб нест, к-аз ту бар сари ҳар кӯ нафир нест.............................93
Чобуктар аз ту дар ҳама гетӣ савор нест ....................................93
Аз ту дар хотир маро озор нест..................................................93
Эй, ки бе хоки дарат дар дидаи ман нур нест .............................94
Тири кадомин болост, к-он ба камони ту нест.............................95
Нест диле, к-андар ӯ доғи ҷафои ту нест.....................................95
Биё, ки беш маро тоқати ҷудоӣ нест...........................................96
Банди ҷонам зи ҳама силсилаи мӯи касест..................................96
Ман кистам, ки кини ғамат бо чу ман касест...............................97
Буте, к-аз ваям рӯ ба девонагист.................................................98
Эй дил, ғамин мабош, ки ҷонон расиданист ...............................98
Ҳар кӣ рӯи ту дид, ҷон донист ....................................................99
Май нӯш, ки даври шодмонист ...................................................99
Чун гузар бар хок дорӣ, дар сарат ин бод чист? ........................100
Гар бигӯям, ки даруни дили ман пинҳон чист ...........................100
Ҳар кӣ дар пеши чашми равшани мост ......................................101
Туро ба дину диёнат дарун биёяд рост.......................................101
Мӯйро нест ин миён, ки туроост...............................................102
Сад бало афтоду сад фитна бихост ............................................102
Сабо гарде аз он зулфи дуто хост .............................................103
Бозаш ҳаваси шикор бархост ....................................................103
Соқиё, бола деҳ имрӯз, ки ҷонон ин ҷост...................................104
Ҳар кас он ҷо, ки маю шоҳиду гулшан он ҷост ..........................105
Эй насими субҳидам, ёрам куҷост? ...........................................105

Эй бод, аз он баҳор хабар деҳ, ки то куҷост? ....................105
Умр ба поён расид дар ҳаваси рӯи дӯст.............................106
Ҳар сӯ, ки бо ҳазор карашма хироми туст..........................106
Эй ғамзазан, ки тири ҷафо дар камони туст .......................107
Эй орзуи дида, дилам дар ҳавои туст.................................107
Хуррам он чашме, ки ҳар рӯзаш назар бар рӯи туст..........108
Он турки нозанин, ки ҷаҳоне шикори ӯст .........................109
Он ки дилам шефтаи рӯи ӯст...........................................109
Бандаро бо ту дӯстдорӣ хӯст ..........................................110
Мардум аз кӯи ту ҷуз бедил нарафт..................................110
Рафт ёру орзуи ӯ зи ҷони ман нарафт ...............................111
Ҳар кӣ нигаҳ дар ту кард, беш ба бустон нарафт...............111
Рафтӣ аз пеши ману нақши ту аз пеш нарафт ....................112
Ишқ бо ҷони ман аз сина бурун хоҳад рафт......................112
То надонӣ зи дилат ёр бурун хоҳад рафт..........................113
Баргрез омаду барги гулу гулзор бирафт..........................113
Ҷафо, к-аз вай бар ин ҷони забун рафт ............................114
Боз шаб омаду хоб аз сари ман берун рафт .......................114
Афсӯс аз ин умр, ки бар боди ҳаво рафт...........................115
Ханда ҳаргиз даҳане ҳамчу даҳони ту наёфт ....................115
Лашкар кашид ишқу дилам тарки ҷон гирифт ...................116
Кори болои ту бас боло гирифт.........................................116
Ҳар қадам, к-андар раҳ он сарви хиромон баргирифт .......117
Шаҳсаворам омаду аз сина ҷонро баргирифт....................117
Зулфат зи зулм гарчи ҷаҳоне фурӯ гирифт........................118
Дилам з-ӯ шаб ҳадиси ноз мегуфт.....................................118
Чу чашми масти ту дар хобгоҳи ноз бихуфт .....................119
Рухи ту риштаи зулф аз барои он овехт............................119
Сапедадам, ки замона зи рух ниқоб андохт.......................120
Дардо, ки бо ман он бути номеҳрубон насохт....................120
Сари он қомати чун сарви равон хоҳам гашт....................121
Маҳе гузашт, ки он маҳ ба сӯи мо нагузашт .....................121
Чун ба гетӣ ҳар чӣ меояд, равон хоҳад гузашт..................122
Дидамаш имрӯзу шаб дар дил кунун хоҳад гузашт ..........123

Шӯхи ман дӣ ба раҳе масту хиромон бигузашт................ 123
Дилам бурду бӯи вафое надошт.......................................... 124
Бо ғамаш хуш будаам, шаб гарчи дар зорӣ гузашт............ 124
Куҷост дил, ки ғаматро ниҳон тавонад дошт...................... 125
Нигори ман имшаб сари ноз дошт ...................................... 126
Турки мастам, ки қасди имон дошт .................................... 126
Дӯш лаъли ту маро то ба саҳар меҳмон дошт .................... 127
Тақдир, ки якчанд маро аз ту ҷудо дошт............................. 127
Боди Наврӯз чу дунболаи ҷони мо дошт ............................. 128
Ёри мо дил зи дӯстон бардошт........................................... 128
Имшаб шаби мо нур зи маҳтоби дигар дошт ...................... 129
Оби ҳаёти ман, ки нам аз ман дареғ дошт .......................... 129
Маро карашмаи он турки гулъузор бикушт ........................ 130
Эй қиблаи соҳибназарон рӯи чу моҳат ............................... 130
Чун ғами ҳиҷрони ӯ надошт ниҳоят .................................. 131
Девона шудам дар орзуят ................................................... 131
Асаре намонд боқӣ зи ман андар орзӯят ............................ 132
Эй турки камонабрӯ ман бандаи абрӯят.............................. 132
Чӣ вазн моҳи саморо баробари рӯят ................................... 133
Биё, эй дидаи шаҳре ба сӯят............................................... 133
Зулфи ту ба ҳар оби мусаффо натавон шуст....................... 134
Ба дидаву дили ман дӯст хона металабад........................... 134
Он дил ба чӣ кор ояд, к-ӯ хонаи ту набвад........................ 135
Ҳар кӣ чу ту ба некӯӣ офати ақлу ҷон бувад ..................... 135
Ороми ҷонам меравад, дилро сабурӣ чун бувад? .............. 136
Симинтану хородилӣ, гар гуфтанам ёро бувад.................. 137
То сарам бошад, таманнои туам дар сар бувад.................. 137
Ҳар киро ёре чу ту саркаш бувад........................................ 138
Гул ба тамошои суман меравад........................................... 138
Гул расиду ҳар касе сӯи гулистон меравад ....................... 139
Боз он балои ошиқон инак ба саҳро меравад .................... 139
Ё Раб, ин андешаи хубон зи ҷонам хун равад .................... 140
Аз дили ғамгин ҳавои бӯстонам чун равад ........................ 140
Гар сари зулфи ту аз бод парешон нашавад....................... 141

Дил рафту орзуи ту аз дил намешавад................................141
Зулф гирд овар, ки бозам дил парешон мешавад..............142
Чу боди субҳ бар он сарви хушхиром шавад......................142
Чун зи насими субҳдам зулфи ту дар ҳаво шавад..............143
Мехоҳад он сарви равон, к-имрӯз дар саҳро шавад...........144
Дурӯғу росте, к-он ғамзаи ғаммоз пайвандад.....................144
Ба чашмам то хаёли лаъли он қассоб мегардад..................145
Ҳанӯзат ноз гирди чашми хоболуд мегардад......................145
Чашми гардандаи ту бо ҳама кас мегардад ........................145
Дида чун бо ту ҳамназар гардад...........................................146
Ҳама мастии халқ аз соғару паймона мехезад....................146
Чун гоҳи хиромидан ёрам зи замин хезад ..........................147
Сапедадам, ки ҷаҳоне зи хоб бархезад................................147
Нигоро, аз мани мискин чӣ хезад .........................................148
Ҳавое мерасад, к-аз сар гиребон чок хоҳам зад .................148
Ҷоно, агарам дарди ту девона насозад................................149
Чашмат дили ман ба ғамза дӯзад.........................................150
Бе ёди ту ғам ҷаҳон насӯзад..................................................150
Замоне нест, к-аз дасти ту ҷони ман намесӯзад .................151
Ғам кушт маро в-он бути Навшод наёмад ...........................151
Гули нав расиду бӯе зи баҳори ман наёмад.........................152
Сабо омад, маро дил боз н-омад...........................................152
Кӣ меояд чунин, ё Раб, магар маҳ бар замин омад?...........153
Он сарви хироманда, ки ҷустам, ба бар омад .....................153
Ҳар сар, ки ба савдои ту аз пой даромад ...........................154
Ҳар гоҳ мурғе аз сари шохе наво занад .............................154
Ҳар кӣ даме ба ёди он дилбари маҳлиқо занад .................155
Шаб, к-он маҳи ман бар дилам аз ғусса пайкон бишканад... 155
Дили ман хун шуду ҷонон надонад......................................156
Бути маҳмилнишини ман магар ҳолам намедонад............157
Маҳаш гӯям, валекин маҳ сухан гуфтан намедонад..........157
Чӣ пӯшӣ парда бар рӯе, ки он пинҳон намемонад.............158
Чу зулфат фитна шуд бар ҷон, дилам обод кай монад?.....158
Ғамзаи шӯхат, ки қасди ҷони мардум мекунад .................159

Чашми ту маст аст ё дар хоб бозӣ мекунад? ..................... 159
Дил, ки бо хубони бадхӯ ошноӣ мекунад.......................... 159
Ҷонам фидои қомате, к-офоқро ҳайрон кунад ................... 160
Лаби лаъли ту ҷуз, ки ҷон набарад .................................... 160
Шабҳо асири дардаму хобам намебарад ........................... 161
Ишқат хабар зи олами беҳушӣ оварад............................... 161
Ман намехоҳам, ки чашми ғайр он рӯ бингарад ................ 162
Гар кунӣ ёриву гар озор бар ман бигзарад ........................ 162
Ҳар шаб аз синаи ман тири бало мегузарад ...................... 163
Ошиқ аз сина ҷон бурун гирад.......................................... 163
Диламро гоҳи он омад, ки ком аз айш баргирад ............... 164
Замона чун ту дилҷӯе надорад .......................................... 164
Гар ҳусни ту офоқи пуровоза надорад............................... 165
Рӯе, ки турост, маҳ надорад .............................................. 165
Девона дилам зулфи парешони кӣ дорад?......................... 165
Пои ноз арчи гаҳе ҷониби мо нагзорад.............................. 166
Аз ҳоли мо-т ҳеҷ ҳикоят намерасад .................................. 167
Дар раҳ бимонд ин чашми тар, к-он шӯхмеҳмон кай расад.... 167
Аз даҳонат сухан ба ком расад.......................................... 168
Нола барояд ҳар тараф, к-он бут хиромон даррасад.......... 168
Дардо, ки дигар моро он ёр намепурсад............................ 169
Ғами ман шодии касро напурсад ....................................... 169
Гар гашти он сарви равон рӯзе сӯи гулшан фитад............ 170
Чу турки масти ман ҳар лаҳзае сӯи дигар ғалтад.............. 170
Онро, ки сару коре бо чун ту нигор афтад ........................ 171
Агар чашми ту рӯзе бар маҳ афтад .................................... 171
Гар ӯ бе ёди мо дар май наяфтад........................................ 172
Маҳе чун ӯ ба дасти ман наяфтад ...................................... 172
Сарве чу ту дар Халлуху Навшод набошад....................... 173
Дили ошиқ чаро шайдо набошад ....................................... 173
Гар маҳ чу ту бо ҷамол бошад........................................... 174
Сухан дар парда мегӯӣ, забондонӣ ҳамин бошад .............. 174
Туро аз ваҷҳи дил бурдан варои ҳусн он бошад ................ 175
Касеро, к-инчунин зулфу баногӯш ончунон бошад........... 175

Маро то ошноӣ бо бутони дилрабо бошад ........................176
Муборак бомдоде, к-он ҷамол андар назар бошад............176
Бе наргиси ту хоб надонам, ки чӣ бошад? .........................177
Буте гавҳардамам дашномҳои шакарин бахшад ................177
Боз боди субҳ бӯи ошноӣ медиҳад...................................178
Нозукрухи ҷонони ман бӯи гули хандон диҳад..................178
Дил дар ҳавоят, эй бути айёр, ҷон диҳад ..........................179
Суман пеши рухаш зебо магӯед ........................................179
Эй ҳамнафасон, ки пеши ёред ............................................180
Бӯе зи сари зулфи нигорин ба ман оред.............................180
Ҳеҷ кас аз боғи даҳр бӯи вафое надид ..............................181
Боз бо хеш гаҳе ҳамсуханаш хоҳам дид ...........................181
Бод омаду бӯе зи нигорам нарасонид ...............................182
Рӯзҳо шуд, ки зи ту бӯи вафое нарасид ............................182
Дӯш ногаҳ ба мани дилшуда он маҳ бирасид...................183
Чаман зи сабза хате бар рухи ҷамил кашид......................184
Мӯй аз зулфи бутон натвон кашид....................................184
Як дил ба сари кӯи ту обод наёбанд..................................185
Эй зулфи ту доми дили донову хирадманд.........................185
Дилбарон меҳр намоянду вафо низ кунанд .......................186
Оқил надиҳад ошиқи дилсӯхтаро панд ..............................186
Ман бандаи он рӯй, ки дидан нагузоранд..........................187
Гарчи хубон зи маҳ фузун бошанд....................................187
Дил шуд зи дасту бар мижа аз хун нишон бимонд ...........188
Дил рафт ба сӯеву ҳамон сӯй, ки шуд, монд .....................189
Рафтиям аз чашму дар дил ҳасрати рӯят бимонд..............189
Рӯзе магар ин бастадари мо бикушоянд ............................190
Шакар пеши лабат ширин нагӯянд...................................190
Шуд аз ишқат дилам хуну ҷигар афгору ҷон барбод.........191
Куҷо будӣ биё, эй сарви озод ............................................191
Дилдор маро баҳра ба ҷуз ғам нафиристод .......................192
Надонам то туро дар дил чӣ афтод....................................192
Диламро дар занахдонаш раҳ афтод .................................193
Зулфайни ту саргашта чу боди саҳарам кард ....................193

Ҳосил агар аз зулфи ту як тор тавон кард ........................ 194
Давлат на ба зӯр асту ба зорӣ, чӣ тавон кард .................... 194
То ғамзаи хунрези ту қасди дили мо кард ......................... 195
То рухи ту зулфи туро пеш кард ........................................ 195
Ишқ омаду дил зи дасти мо бурд ...................................... 196
З-ин пештар чунин дилат аз сангу рӯ набуд....................... 197
То ҷаҳон буд, аз ҷаҳон ҳаргиз диле хуррам набуд............ 197
Дӣ маст будаам, ки зи хешам хабар набуд .......................... 198
Маро бо ту, ки шаббедорие буд ......................................... 198
На пеш аз ин мижа з-ин гуна хунфишонам буд ................ 199
Бирафт он дил, ки бо сабр ошно буд ................................. 200
Вақте он буда-ст, к-он бадаҳд моро ёр буд ........................ 200
Ё Раб, ки дӯш ғоиби ман хонаи кӣ буд? ............................ 201
Ё Раб, чӣ буд имшабу меҳмони ман кӣ буд....................... 201
Эй, ки чун ҷон рафтаӣ аз дасти мо, боз ой зуд.................. 202
Як ханда бизан з-он лаби лаъли шакаролуд ...................... 203
Гулу шукуфа ҳама ҳасту ёр нест, чӣ суд? ......................... 203
Чӣ хуш субҳе дамид имшаб маро аз рӯи ёри худ ............. 204
Дилам бурун шуд аз ғамат, ғамат зи дил бурун нашуд ..... 204
Кор зи даст шуд маро, даст ба ёр дарнашуд....................... 205
Боз моро дил ба дасти ошиқӣ бечора шуд......................... 205
Чанд зи дур бинамат, ваҳ, ки дилам кабоб шуд!................ 206
Аз ёди ту дил ҷудо нахоҳад шуд ........................................ 206
Марав з-ин сон, ки ҳар сӯ ҷомаи ҷон чок хоҳад шуд......... 207
Ман аз ҷавру ҷафои дилбарон девона хоҳам шуд............. 208
Чӣ пиндорӣ, ки ман аз ошиқӣ бегона хоҳам шуд ............. 208
Зи ораз турра боло кун, ки кори халқ дарҳам шуд ........... 209
Сухан мегуфтам аз лабҳо-ш, дар комам забон гум шуд.... 209
Он дӯст, ки буд, бар карон шуд.......................................... 210
Бар н-омад оҳе аз дилам, зулфат парешон аз чӣ шуд? ...... 210
Сол нав асту ишқ нав, ишрати ёри ман чӣ шуд?................ 211
Шабе, эй бод, сӯи он рухи гулгун нахоҳӣ шуд ................. 211
Бар оби рухат як гули сероб наёяд..................................... 212
Як рӯз ба умре зи манат ёд наёяд....................................... 212

Танҳо ғами дил гуфтан бо ёр чӣ хуб ояд ..........................213
Маро ҳар шаб зи дида хуни дил ғалтон фуруд ояд ...........214
Шаҳнаи ғам дуаспа меояд..................................................214
Сабо меҷунбаду он масти моро хоб меояд ........................215
Маро боз он тариқи соқии худ ёд меояд............................215
Дили маро чу зи рӯи ту ёд меояд.......................................216
Дил боз ба ҷӯш омад, ҷонони кӣ меояд?...........................216
Гарчи дар куштани ушшоқ забун меояд ...........................217
Надонам, то чӣ бод аст ин, ки аз гулзор меояд .................218
Зи ман дар ҳаҷри ӯ ҳар шаб фиғону зор меояд..................218
Зимистон меравад, айёми гулҳо пеш меояд ......................219
Рӯзе агар он моҳ ба меҳмони ман ояд ................................219
Муддате шуд, ки ёр мен-ояд...............................................220
Аз шефтагон чун ман сарбоз бурун н-ояд .........................221
Саҳаргоҳон, ки бод аз сӯи гул анбарфишон ояд ...............221
Шамъи ман агар як шаб аз хона бурун ояд.......................222
Ба гулгашти чаман чун гулситони ман бурун ояд.............222
Бе рӯи дилафрӯзат умрам ба чӣ кор ояд ............................223
Ба чӣ кор оядам он дил, ки на дар кори ту ояд..................223
Сари зулфи ту ёриро нашояд .............................................224
Дилат ҳар лаҳза мегардад, куҷо рӯи вафо рӯяд................224
Эй ба тапидан аз ту дил ҳуш, ки мебарӣ, мабар................225
Гар ту кулоҳ каҷ ниҳӣ, ҳуш зи мо шавад магар?...............225
Зулфат аз бод дигар бошаду аз шона дигар......................226
Эй туро дар зери ҳар лаб шаккарафшоне дигар ................226
Манам ба хона тан ин ҷову ҷон ба ҷои дигар....................227
Ҷавлони тавсанаш бин, ҳар ҷо ғубори дигар....................227
Моҳ надидӣ ар, дило, ёри чу моҳи ман нигар ...................228
Дар сина дорам кӯҳи ғам, дорад агар ёр ин қадар............228
Эй боди субҳдам, хабари ошно биёр..................................229
Ё Раб, он рӯй аст ё гулбарги хандон дар назар?................230
Савори чобуки ман, пеши чашми ман магузар..................230
Бо ту дар сина нафасро чӣ гузар?.......................................231
Менаёбад чашми ман бар остони ӯ гузар ..........................231

Қамар бурид зи ман меҳру ман хароби Қамар .................. 232
Партави хуршед, бин, тобанда аз рӯи қамар ...................... 232
Дар ишқ боз худро бадном кардам аз сар.......................... 233
Ҳар шаб манам зи ҳаҷр парешону дида тар ........................ 233
Эй аз ту хубон хӯрда хун, ту аз ҳама хунхоратар ............. 234
Эй рухат, аз маҳ ҷаҳоноройтар.......................................... 234
Аз чашми ту кӣ ҳаст зи ту ҷоншикортар? .......................... 235
Рухи гул хуш асту аз вай рухат, эй нигор, хуштар ........... 235
На наргис аст зи чашми хуши ту арбадаҷӯтар ................. 236
Сар ба кӯи ишқ ғалтонида гир............................................ 236
Ризои ман талаб имшаб, тариқи ноз магир ........................ 237
Гар зи ман ҷон биравад, боди ҳавое кам гир...................... 237
Эй дил, аз ин харобаи ваҳшат корона гир ......................... 238
Эй лаъли лабат чу бар шакар шир..................................... 238
Эй бар дилам аз фироқ сад бор .......................................... 239
Чунон рӯе зи чашмам дур медор........................................ 239
Нигоро, чашми раҳмат сӯи ман дор.................................... 240
Эй зи чун ту бут шуда сад порсо зуннордор ...................... 240
Эй чароғи ҷонам аз шамъи ҷамолат нурдор...................... 241
Биё, ҷоно, ризои ман нигаҳ дор.......................................... 241
Сапедадам, ки гуҳар борад абр дар гулзор........................ 242
Яке имрӯз сари зулфи парешон бигузор ........................... 242
Мусулмонон, диле дорам гирифтор.................................... 243
Хуш бувад соғари пурбода дар айёми баҳор...................... 244
Ё Раб, ин моем аз он ҷону ҷаҳон афтода дур ..................... 244
Эй шамъи рухи ту матлаи нур............................................. 245
Гар ҳунар дорӣ, маранҷ, ар кам нишинӣ бар сутур ........... 245
Масти ман, чун ҷуръа нӯшӣ, бодае бар ман бирез............. 246
Афтодагони роҳи туем аз сари ниёз .................................. 247
Эй сарамро ба хоки по-т ниёз............................................. 347
Сӯям он наргиси бехоб набинад ҳаргиз............................. 248
Зи ман дил чун рабудӣ,рафт ҷон низ ................................. 248
Хаёли дӯст ба чашми ман андар омад боз......................... 249
Бар ҷони мани шикастадил боз .......................................... 249

Кушодӣ чашми хоболудро боз ..........................................250
Куҷо бувад мани мадҳушро ҳузури намоз.........................250
Дар фироқаш рӯди хун аз дида меборам ҳанӯз ..................251
Тан пир гашту орзуи дил ҷавон ҳанӯз................................251
Дил зи тан бурдиву дар ҷонӣ ҳанӯз....................................252
Шаби зулфи ту шуд нишонаи рӯз ......................................253
Рӯят аз хай ҳама пурдурри хушоб аст имрӯз.....................253
Эй зи ту корсозии ҳама кас................................................254
Бо пистаи майгуни ту шаккар чӣ кунад кас?......................254
Кори дилам аз даст шуд, эй дилрабо, фарёд рас! ..............255
Биё, ки базми тарабро чаман ниҳод асос ...........................255
Харобии ман аз он наргиси хуморӣ пурс...........................256
Субҳи давлат медамад аз рӯи он хуршедваш .....................256
Хушрафиқе, он ки ин рӯ дар назар меоядаш ......................257
Дил, ки бурд аз мо, агарчи мубтало медорадаш.................257
Зулфат, ки бод аз ҳар тараф гаҳ-гаҳ парешон дорадаш .....258
Мо ба ҷон дармондаву дил сӯи мо мехонадаш..................258
Зи ғам он дил, ки нигаҳ дорандаш.....................................259
Дили ман бурд, натвон ёфт бозаш.....................................259
Рафт дил, нест равшанам ҳолаш.........................................260
Фаришта менависад гуноҳи дам ба дамаш .........................261
Он кӣ аз ҷон дӯсттар медорамаш .......................................261
Ситамгаре, ки дилам шод нест ҷуз ба ғамаш......................262
Гар, эй насим, туро раҳ диҳанд дар ҳарамаш .....................262
Дил бурду заҳра нест, ки он бозхоҳамаш ...........................263
Мастӣ гирифт шева он чашми пурхумораш .......................263
Боғ бишкуфту сурию суманаш ............................................264
Қабову пераҳани ӯ, ки мерасад ба танаш............................265
Номи сарчашмаи ҳайвон чӣ барӣ бо даҳанаш ....................265
Хоҳам, ки сер бинам рӯи чу ёсаминаш ...............................266
Лаб нигар в-он даҳони хандонаш........................................266
Ӯ мераваду ошиқи мискин нигаронаш................................267
Касе, ки ҳаст назар бар ҷамоли маймунаш .........................267
Зулфи ту – ҳар мӯю боде дар сараш ...................................268

Эй зада новакам ба ҷон як, ду, се, чору панҷу шаш .......... 268
Карашмаҳои сари зулф дар баногӯшаш............................. 269
Дили ман хун шуду дур аз висоқаш.................................... 269
Ҳар бомдод то ба шабам бар сари раҳаш ........................... 270
Дидам чу офтобе дар сояи кулоҳаш.................................... 270
Моему шабеву ёр дар пеш ................................................... 271
Гаҳ-гаҳ назаре боз мадор аз мани дарвеш ........................... 272
Турки ман сар макаш зи пардаи хеш .................................. 272
Чандин шабам гузашт ба кунҷи хароби хеш ......................... 273
Аз хаданги ғамзаи дилдӯзи хеш .......................................... 273
Пеши чашми худ магӯ, гар бо ту гӯям сӯзи хеш................. 274
Маро корест мушкил бо дили хеш....................................... 274
Гар на ман девона гаштам з-ин дили бадноми хеш ........... 275
Солҳо хун хӯрдаам аз бахти бесомони хеш ....................... 275
Танҳо ману дилеву ғаме баҳри ҷони хеш ........................... 276
Ҳар кас нишаста шод ба кому ҳавои хеш........................... 276
Халқ ба ҳар кору ман бар сари савдои хеш........................ 277
Эй ҷафо омӯхта аз ғамзаи бадхӯи хеш ............................... 277
Шуд он ки пои маро бӯса мезанад авбош............................ 278
Гар маро бо бахт коре нест, гӯ, ҳаргиз мабош!.................. 278
Абре хуш асту вақти хуш асту ҳавои хуш.......................... 279
Шуд дили ман хун зи доғи ҳаҷри ӯ, ё Раб, каяш................ 279
Мушки тар бар маҳ парокандию шаб мехонияш ................ 280
Агарчи пурсиши ман нест рояш.......................................... 280
Он сухан гуфтани ту ҳаст ҳанӯзам дар гӯш ....................... 281
Шод бош, эй шаби фархундаи дӯш...................................... 281
Масту лояъқил гузаштам аз дари майхона дӯш ................. 282
Дуздона даромад аз дарам дӯш .......................................... 282
Таолиллаҳ, чӣ давлат доштам дӯш ..................................... 283
Эй лаби чун шакарат чашмаи нӯш....................................... 283
Дили ман дастбозӣ мекунад ҳар лаҳза бо мӯяш................. 284
Назар зи дида бидуздам, ки нангарам рӯяш....................... 284
Он чашми сухангӯй нигар в-он лаби хомӯш....................... 285
То шуд зи матлаи ғайб хуршеди ҳусн толеъ ...................... 286

Чу меҳр мекунад аз машриқи пиёла тулӯъ ........................286
Шоҳи ҳуснӣ в-аз матои некувон дорӣ фароғ.......................287
Гул зи бими бод зери парда медорад чароғ ........................287
Расид дӯш нидое аз ин баландравоқ ..................................288
Эй зи савдои ту дар дил равнақи бозори ишқ.....................288
Дӣ маст мерафтӣ, буто, рӯ карда аз мо як тараф................289
Дӣ мегузашту сӯи ӯ дилҳо кашон аз ҳар тараф .................289
Бӯстон ҷилва даргирифт инак............................................290
Ду чашмат офати дилҳост ҳар як .......................................291
Турки сафедрӯю сияҳчашму лоларанг.................................291
Меравад ёру маро тимор мемонад ба дил...........................292
Мани мискин чӣ кунам, пеши кӣ гӯям ғами дил...............292
Эй фарқ то ба пой ҳама орзӯи дил.....................................293
Мусулмонон бирафт аз дасти ман дил...............................293
Маро баҳрат хусуматҳост бо дил .......................................294
Дил рафт зи тан берун, дилдор ҳамон дар дил ..................294
Нигоро, суҳбат аз ағёр бигсил ............................................295
Зиҳӣ, зулфат шикаста нархи сунбул ..................................295
Хаҳӣ дар ҳар назар чун хеш мақбул...................................296
Хез, ки ҷилва мекунад, чеҳраи дилкушои гул...................296
Турки ман, рафтам зи кӯят, гар зи ман гаштӣ малул .........297
Шаб то ба рӯз хуни ҷигар нӯш кардаам.............................297
Ман, ки дур аз дӯстон в-аз ёр дур афтодаам......................298
Ҷони ман аз ғамат чунон шудаам.......................................298
Кадом сӯй равам, к-аз фироқ амон ёбам............................299
Забон намонд зи лаълат, сухан куҷо ёбам?.......................299
Куҷо-т ҷӯяму гар ҷӯямат, куҷо ёбам? ...............................300
Гар худ сухан зи Зуҳраву аз моҳ бишнавам ......................300
Эй дида, пой шав, ки бари ёр меравам...............................301
Ман он наям, ки ба умр аз вафои худ биравам..................301
Гарчи аз ақлу дилу дидаю ҷон бархезам.............................302
Коре чу барнаёяд аз оҳи субҳхезам....................................303
Кас бад-ин рӯз мабодо, ки мани бадрӯзам........................303
Зи ҳаҷрат рӯзи ман шаб гашт, кай будӣ чунин рӯзам ........304

Биё, ки бе ту ба сад гуна доғ месӯзам................................304
На ёр ваъдаи бӯсу канор мекунадам..................................304
Мегузаштию ба сӯят нигарон медидам ...............................305
Абр мебораду ман бори сафар мебандам ...........................306
Чу ман зи дӯст ба доғи даруна хурсандам..........................306
Биҳил кун он ҳама хунҳо, ки дар ғамат х (в)ардам...........307
Манат ҳар шаб, ки гирди кӯй гардам.................................307
Биё, ки баҳри ту ҷон дар бало гарав кардам........................308
Ман аз дасти дил дӯш девона будам..................................308
Бо ту чӣ рӯз буд, ки ман ошно шудам ...............................309
Ин манам, ё Раб, ки бо дилдор ҳамзону шудам .................310
З-он ғамзаи хунрези ҷонафгор хуш меоядам .....................310
Ин туӣ ё ба хоб мебинам ....................................................311
Ҷон ситонад чунин, ки мебинам .........................................311
Надорам тоби дидан дер-дерат баҳри он бинам ................312
Ниҳонӣ чанд сӯи ёр бинам ..................................................312
Моҳе раваду ман ҳама шаб хоб надонам...........................313
Боз ин дили ман рӯ ба кӣ овард, надонам?........................314
Туӣ дар пеши ман ё худ Маҳу Парвин намедонам ...........314
Ману шабҳову ёди он сари кӯе, ки ман донам....................315
Дилам овора ба ҷоест, ки ман медонам .............................315
Аз дил паём дорам, бар дӯст чун расонам?.......................316
Ман агар бар дари ту ҳар шабе афғон накунам.................316
Хар шаб аз шавқ ҷома пора кунам.....................................317
Хуррам он рӯз, ки дида ба рухат боз кунам ......................317
Аз ду зулфат шикане вом кунам ........................................318
Азми он дорам, ки аз дил нақди ҷон берун кунам............318
Соя дорам ҳар шаб аз савдои зулфаш, чун кунам.............319
Дар фироқат зиндагонӣ чун кунам?..................................319
Ҳеҷ гаҳ бошад, ки ҷоми айш бар саҳбо кунам..................320
Гар расам рӯзе бад-он маҳ, ошноиҳо кунам......................321
Не пои он, ки аз сари кӯят сафар кунам ...........................321
Бахт агар ёрӣ диҳад, як шаб дар оғӯшаш кунам ...............322
Бе ту ҷон рафту ба тан боз наёяд, чӣ кунам ......................322

Ғамам бикушт, ки аз ёр мондаам, чӣ кунам?......................323
Бурунам аз дили пурхун намешавӣ, чӣ кунам?..................323
Гузашт ёру насозам ба хӯи ӯ, чӣ кунам?............................324
Ҳар шаб ба дил тасаввури нозаш фурӯ барам .....................324
Ҳар дам чу натвонам, ки он рухсори зебо бингарам..........325
Чаман чун бӯи ту орад, ба бӯят дар чаман мирам..............326
Маро дил деҳ, ки ман санге надорам ..................................326
Ошиқ шудаму маҳрами ин кор надорам .............................327
Дарёб, ки ман тоқати ҳаҷри ту надорам.............................327
Зи ҳар мӯи ту дил дар банд дорам .......................................328
Шабе осониям набвад, қавӣ душворие дорам ....................329
Муддате шуд, ки назар бар рухи ёре дорам........................329
Агар зи нози ту дил хаставу ҳазин дорам ...........................330
Савдои сари зулфат, к-андар дилу ҷон дорам ....................330
Мадеҳ пандам, ки ман дар сина савдои дигар дорам.........331
Бурун ой андаке ҷоно, ки бисёр орзу дорам.......................331
Эй аз назарам рафта, назар сӯи кӣ дорам............................332
Хар шаб фитода бар дари ту хоки дар хӯрам .....................332
Аз дасти дил бар онам, к-аз ҷони худ бишӯрам .................333
Ҷонам бурун омад зи ғам, охир ба ҷонон кай расам..........333
Ман он турки таннозро мешиносам .....................................334
Ба дасти бод, к-он сӯ ҷон фиристам.....................................334
Шабе дар кӯи он маҳрӯй рафтам..........................................335
Умрам гузашту рӯи ту дидан наёфтам.................................335
Нафасе бурун надодам, ки ҳадиси дил нагуфтам...............336
Набудӣ, он ки манат дилнавоз мегуфтам............................336
Боз омад, он вақте ки ман аз гиря дар хун уфтам ..............337
Эй хуш, он шабҳо, ки ман дар дида хобе доштам..............338
Хуррам он рӯзе, ки ман бо дӯст коре доштам ....................338
Гузашт он ки ман ақлу дин доштам .....................................339
Ҳар саҳаре ба кӯи ту шуълаи вои худ кашам .....................339
Як сухан гар з-он лаби шаккарфишон берун кашам..........340
Не маҷоли он ки ӯро аз дили худ баркашам.......................340
Чун нола баҳри диданат аз ноз баркашам..........................341

Ман куштаи рӯи ёри хешам ................................................ 341
Гар ман ба каманди ту гирифтор набошам ........................ 342
Чун давлати он нест, ки паҳлӯи ту бошам ........................ 342
Гар гуле надҳӣ зи боғи худ, ба хоре ҳам хушем ................ 343
Дидам балои ногаҳон, ошиқ шудам, девона ҳам ............... 343
Эй ба чашми ту хумору хоб ҳам ......................................... 344
Ишқат насиби ман ҳама ғам доду дард ҳам ....................... 344
Ман ошиқам, на раъно, к-аз дӯст ком хоҳам ...................... 345
Ба чашми оҳувона сайди худ кардӣ дилу тан ҳам ............. 346
Бибастӣ чашми ман з-афсун, забон ҳам ............................ 346
Абри баҳору борон в-ин чашми хунфишон ҳам ................ 347
Ҳар рӯз дида дар раҳи боди сабо ниҳам ............................ 347
Сафар карданд ёрон, ҷони мо ҳам ..................................... 348
Эй рухат чун моҳу аз маҳ беш ҳам .................................... 349
Зи ту неъмат асту роҳат, лаби шаккарину рӯ ҳам ............. 349
Боз вақт омад, ки ман сар дар парешонӣ ниҳам ................ 350
Мо офият нисори раҳи дард кардаем ................................. 350
Эй хуш, он рӯзе, ки мо бо ёри худ х (в) аш будаем ........... 351
Сабзаҳо нав медамад, берун равем .................................... 352
Умре шуду мо ошиқи девона бимондем ............................ 352
Мо аз ҳаваси рӯи бутон безнаёем ...................................... 353
Софӣ мадеҳ, эй дӯст, ки мо дурдкашонем ......................... 353
Аҳдҳоро гаҳи он шуд, ки зи сар тоза кунем ...................... 354
Бода дардеҳ, соқиё, то ҷой дар ҷонаш кунем .................... 354
Рафтем мову дил ба яке кӯ гузоштем ............................... 355
Биё, то бегулу саҳбо набошем .......................................... 356
Хароб гаштаму бар хеш пас намеоям ................................ 356
Дили беишқро ман дил нагӯям .......................................... 357
Хароши синаи худ бо бути хунхор мегӯям ........................ 357
Ҳар дам ғами худ бо дили афгор бигӯям ............................ 358
Ҳама шаб аз ту ба девори хона ғам гӯям ............................ 358
Эй гиря, туро чӣ шукр гӯям ................................................ 359
Дилам зи дарди ту хун шуд, надонам ин ба кӣ гӯям ......... 359
Ё Раб, ғами он сарви хиромон ба кӣ гӯям .......................... 360

Парирӯе, ки ман ҳайрони ӯям........................................360
Надорам орзуе ҷуз зи дурат гаҳ-гаҳе дидан.........................361
Агар бихоҳамаш он рӯи дилситон дидан...............................361
Зиҳӣ расми баногӯшат, гул андар сабза парвардан............362
Гесӯи туро нисбат бо шаб натавон кардан ...........................363
Дил шикебо наметавон кардан ...............................................363
Бо чун ту маҳе як шаб гар хоб тавон кардан ......................364
Баҳор омад, вале рағбат ба бустон чун тавон кард ............364
Муяссар ар шавад аз чун ту нахл бар хӯрдан......................365
Сад раҳ гузарӣ ҳар дам бар ҷони хароби ман.....................365
Савдои хубон кам нашуд з-ин ҷони ғамфарсуди ман ........366
Аз шаби гесӯи туст равшании рӯзи ман................................366
То аз бари ту шудам ҷудо ман ...............................................367
Васият мекунам, гар бишнавад абрӯкамони ман ...............367
Чашм аст, ё Раб, ончунон, ё худ балои ҷони ман...............368
Боз омад, он ки сӯхтаи ӯст ҷони ман ...................................368
Остони ёру он гаҳ хуни ман....................................................369
Имрӯз боз шакли дигар гашт ёри ман .................................369
Моҳе гузашту шаб нахуфт ин дидаи бедори ман ...............370
Маханд аз дарди ман, ҷоно, на бар бозист оҳи ман ...........370
Ҳар маҷлисею соқие, ман дар хумори хештан ...................371
Акси савсан магар имрӯз дар оби равшан ...........................371
Рӯй туруш карда ба ёрон мабин ...........................................372
Охир, эй худбини ман, вақте ба ғамхорӣ бибин.................373
Хумору хобу чашми кофараш бин .......................................373
Аз он лаб мевазад бӯеву бӯи хуни хоб аст ин .....................374
Ғубори мушк мехезад, надонам то чӣ бод аст ин?.............375
Ҳамерафтию мегуфтанд андар ҳусн фард аст ин ...............375
Шаб аст ин, ваҳ, чӣ бепоён ва ё худ зулфи ёр аст ин.........376
Дили гумгашта ба бозор харидан натавон...........................376
Аз хона душман хост, дил, фарёд кардан чун тавон..........377
Аз ҳамчу туе бурид натвон ....................................................377
Эй дурмонда, аз назари дурмондагон .................................378
Шабе бо мо хаёли хештанро меҳмон гардон .....................378

Биёр соқию ҷоми шароб даргардон ....................................379
Маро қомат чу чавгон асту сар чун гӯй саргардон ............379
Ороиши маҷлис туӣ, маҷлис биёро ҳар замон ....................380
Ҷонам ҳамону дил ҳамон, дармону дарди мо ҳамон .........380
Сабза ҳамону гулу саҳро ҳамон ..........................................381
Ёр бефармону дил ҳам ҳамчунон..........................................381
Ишқ оташам дар ҷон заду ҷонон аз они дигарон...............382
Ҳамерезӣ ба бозӣ хуни ёрон..................................................383
Эй орзуи умедворон..............................................................383
Дареғи суҳбати деринаи вафодорон ......................................384
Рав, эй сабову саломам ба дилнавоз расон..........................384
Эй бод, бӯи ёр бад-ин мубтало расон ..................................385
Хуш аст майкада, соқӣ, ба рӯи ҳамнафасон.........................386
Дилам, ки сӯхт зи ишқаш, чароғи ҷони ман аст он ..........386
Эй суман, номаи вафо бистон ...............................................387
Сармаст равад чу дар гулистон ............................................387
Эй бехабар зи дидаи бехоби ошиқон....................................388
Олам аз ҷоми лаб хароб макун.............................................388
Моҳи ҳилолабрӯи ман, ақли маро шайдо макун................389
Азми бурун чу масти хуморӣ шавӣ, макун ........................390
Дил мебарию дар хами мӯ мекунӣ, макун..........................390
Эй дил, зи ваъдаи качи он шӯх ёд кун.................................391
Эй дил, алам ба мулки қаноат баланд кун..........................391
Чашмро дар мулки хубӣ шаҳнаи бедод кун .......................391
Ҷони ман, охир гаҳе аз бедилон ёде бикун .........................392
Ҷоно, шабе ба кӯи ғарибон мақом кун ...............................393
Даро, эй шохи гул, хандону маҷлисро гулистон кун.........393
Ҷоно, гузаре ба бӯстон кун...................................................394
Як раҳ зи дар бурун о, қасди ҳазор ҷон кун .......................394
Охир, нигоҳе дар ҳоли мо кун..............................................395
Биншаст ишқи ёр ба ҷонам чунон дарун............................395
Бош, то мушкат зи барги ёсамин ояд бурун........................396
Манаму ишқу диле хаставу чашме пурхун .........................396
Ишқи нав асту ёри нав асту баҳори нав .............................397

Аз дурии худ, ҷоно, ҳоли дили ман бишнав......................397
Ошиқи девонаам, силсилаи ёр ку? ......................................398
Кас чун ҷаҳад зи гесӯи ҳамчун каманди ту .......................398
Пардаи сабрам дарид ғамзаи дилдӯзи ту ............................399
Бечора дилам хун шуд дар пеши хаёли ту ..........................399
То ба замона шуд хабар аз маҳи бекамоли ту ....................400
Боз ба хуни халқ шуд чашми ҷаҳоннамои ту ....................401
Гар бода мехурам, ба сари ман хумори ту ..........................401
То шудам чашмошно бар рӯи ту .........................................402
Оини ту дил бурдан аст, эй чашми шаҳре сӯи ту ..............402
Маст аст он нигор, ки мо масти рӯи ӯ .................................403
Ман ин ҷову дили гумраҳ дар он ку? ..................................403
Он кист, ки меояд, сад лашкари дил бо ӯ ..........................404
Эй ишқат оташе ба ҳама шаҳр дарзада ..............................404
Эй аз гули ту моро дар дида хор монда ..............................405
Макуш ба ноз маро, эй ба ноз парварда..............................406
Чу бӯи зулфи ту ҳамроҳии сабо карда ................................406
Эй рухат, шамъи ҳусн баркарда ..........................................407
Ҷоно, равон кун бӯсае, эй роҳати ҷони ҳама ......................407
Эй ҷафоят бар мани мискин ҳама........................................408
Эй фироқи ту ёри дерина ......................................................408
Шамъи фалак баромад бо оташин забона ..........................409
Диле дорам зи ҳиҷрон пора-пора ........................................410
Дилам аз ҷаври хубон гашт пора.........................................410
Маҳ ба зулфи ту даршавад баста.........................................411
Меҳри ту дар дили ман монанди ҷон нишаста..................411
Эй дар дили ман чу ҷон нишаста..........................................412
Аз лаби ӯ, эй хаёл, нуқли лаби мо мадеҳ ............................412
Бекор диле бошад, к-ӯро набувад дарде .............................413
Лаъласт чунон ё лаб, ё ҳаст зи ҷон чизе ............................413
Соқӣ, биё, ки мавсими айш асту «мим»-у «йе»..................414
Гар ба каманди зулфи ту ман на чунин асираме ................415
Набуд ёри ман онро, ки ёр доштаме....................................415
Эй сад шикаст, зулфи туро зери ҳар хаме...........................416

Сабза навхез асту борон дурфишон ояд ҳаме ................... 416
Эй сарви баландатро сад фитна ба ҳар гоме ..................... 417
Эй фитна зи чашми ту нишоне........................................... 417
Ду чашми масти туро нест аз ҷаҳон хабаре ....................... 418
Ман надидам чун ту ҳаргиз дилбаре.................................. 418
Мардона мекушад ба ҷафоям ситамгаре ............................ 419
Як раҳ бикун ба ғамзаи хунин ишорате............................. 420
Ман бод нахоҳам, ки вазад бар чу ту боғе ........................ 420
Салому хидмати ман, эй сабо, ба ёр бигӯй......................... 421
Девона шудам зи ёри бадхӯй............................................. 421
Эй, ки чашми ман зи рӯи хеш равшан кардаӣ................... 422
Эй дузди бедори дилам, тороҷи пинҳон кардаӣ................ 422
Ба як карашма, к-аз он чашми дилрабо кардӣ.................. 423
Сар пурхумор, шаб ба канори кӣ будаӣ?........................... 423
Дерест, к-эй гулбарги тар, бар рӯи мо хандон наӣ ........... 424
Хурдӣ ҳанӯзу кӯдакӣ, эй нозанин, барно наӣ ................... 424
Ғамзаро ғорати имони ман омӯхтаӣ ................................ 425
Эй бод, боз бар сари кӯи кӣ меравӣ? ............................... 425
Нест диле, ки ҳар дамаш офати дин намешавӣ................. 426
Гар чашми ман дар рӯи он хуршедрухсор омадӣ ............. 426
Дидӣ, ки ҳаќи хидмати бисёр надидӣ .............................. 427
Чӣ шудат, ки аз карашма назаре ба мо накардӣ?.............. 427
Чунин к-он хандаи ширин ту кардӣ.................................. 428
Гар моҳи ту аз мушки тар олуда набудӣ .......................... 428
Эй кош, маро бо ту сару кор набудӣ ................................. 429
Дило, бо ғамзаи хубон чӣ бозӣ?......................................... 429
Эй зи рӯят чашми ҷонро равшанӣ...................................... 430
Агар ту саргузашти ман бидонӣ......................................... 430
Эй бурда дилам ба дилситонӣ ............................................ 431
Эй рафта дар ғарибӣ, боз о, ки умру ҷонӣ......................... 431
Мегузарӣ, ки синаро вақфи ҳавои худ кунӣ....................... 432
З-ин сон, ки аз ҳар мӯи худ занҷири ҳар дил мекунӣ ........ 433
Сурма андар чашми худбин мекунӣ .................................. 433
Боз баҳри ҷон моро ноз дар сар мекунӣ ........................... 433

Эй ёри пурнамак, ҷигарам реш мекунӣ ..............................434
Бе ман, эй бе ту ба ҷон омада ҷонам, чунӣ? .......................435
То дошт дилам тоқат, будам ба шикебоӣ...........................435
Боз, эй сарви хиромон, зи кучҷо меоӣ ..................................436
Дилҳо ба ғамза дӯзӣ,чун ханда баркушоӣ ..........................436
Эй чеҳраи зебои ту рашки бутони озарӣ............................437
Бихром, эй сарви равон, к-аз боғи ризвон хуштарӣ...........437
Май ба ҷом арчи зи хуни мани мискин дорӣ.....................438
Маро чанд охир аз худ дур дорӣ .........................................438
Рухи хубат ба чӣ монад? Ба гулистони баҳорӣ ..................439
Зи назар агарчи дурӣ, шабу рӯз дар ҳузурӣ.......................439
Он ки ҷон гӯянд халқаш, он туӣ.........................................440
Рухсора макун рост ба ҷое, ки ту бошӣ ..............................440
Эй бод, ҳадисе зи лаби мо-ш бигӯӣ...................................441
Карашма кардани ту вақти нозу бадхӯӣ .............................441
Ту худ, эй бевафо, то кай ҷафо бар ҷони ман хоҳӣ? ..........442
Луғот ва тавзеҳот...............................................................443

**«АХТАРОНИ АДАБ» (СИЛСИЛА)**
**ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД**

**Ҷилди 26**

**АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ**

**ҒАЗАЛИЁТ**

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Ҳуруфчини компютерӣ *Н.Адинаматова*

Ба матбаа 03.11.2014 супурда шуд.
Чопаш 10.11.2014 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 30. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 5000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Илм» чоп шудааст.